ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/4 (140)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2014

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафаров Б.А. – зам. гл. редактора, кандидат юридических наук, доцент
Сироджиддини Эмомали- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014
Вестник Таджикского национального университета, 2014

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

СЕ ШОХАИ ЯК ЗАБОНИ ВОҲИД

Ғ.Ҷураев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хатти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Муддатест, ки дар байни донишмандони тоҷик дар атрофи истилоҳҳои «забони тоҷикӣ», «забони форсӣ» ва «забони дарӣ» баҳсу мунозираҳо давом мекунанд. Хусусан истилоҳи «забони тоҷикӣ», ки нисбатан нав аст, мавриди муҳокимаҳои пай дар пай қарор мегирад.

Моҳияти ин баҳсу мунозираҳо дар ду назари мутафовут ифода мешавад. Гурӯҳе (аксар забоншиносон) ақидаи дар илми эроншиносӣ мавҷудбударо ҷонибдорӣ намуда, тоҷикӣ, форсӣ ва дариро бо номи «забонҳо» ёдовар мешаванд. Иддаи дигар ба ин фикр сахт муқобил баромада, таъкид менамоянд, ки миёни тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ фарқи куллӣ вуҷуд надорад ва ба ин ваҷҳ се забони алоҳида маънидод кардани онҳо хатои маҳз аст.

Ин баҳс ҳар замон бо нерӯи тоза шӯъла мезанад ва ба он муаллифони нав ба нав пайваста, ҳар кадом барои исботи нуқтаи назари хеш далелҳо пеш меоварад. Аз ҷумла онҳое, ки тоҷикӣ, форсӣ ва дариро се забон мешуморанд, даъво доранд, ки ин се забон роҳи инкишофи махсусро паймуда, аломатҳоҳи фарқкунанда пайдо намудаанд, ки онҳо тамоми сатҳҳои забон - савтиёт, сарфу наҳв ва луғатро фаро мегиранд, заминаи пайдоиши аломатҳои фарқкунанда дар навбати аввал забони зинда ва шохаҳои шевагии ин забонҳост, ҳар забон талабҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳои гуногунро таъмин менамояд, бинобар ин дар ҳудуди ҳар давлат (Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон) ба сифати забони расмӣ эътироф гардида, ҳар кадом бо номҳои алоҳида - тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ мусаммо шудааст ва ғайра.

Онҳое, ки тоҷикӣ, форсӣ ва дариро як забон мешуморанд, барои тасдиқи андешаҳои худ чунин далелҳо пеш меоранд: ин забон таърихан ба халқҳои ҳар се кишвар баробар тааллуқ дошт, асарҳои адибони тоҷик дар Эрону Афғонистон ва баръакс навиштаҳои шоирону нависандагони ин кишварҳо дар Тоҷикистон бидуни тарҷума чоп ва мутолиа мешаванд, намояндагони ҳар се забон бо ҳамдигар бе тарҷумон озод гуфтугӯ мекунанд, фарқҳое, ки миёни тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ мавҷуданд, назар ба он тафовуте, ки дар байни баъзе аз шеваҳои тоҷикӣ (масалан, шеваҳои ҷануби шарқӣ ва шимолӣ) ҳаст, камтаранд. Агар мо забони тоҷикиро аз форсии умумӣ ҷудо кунем, ҳуқуқи худро ба мероси илмию адабӣ аз даст медиҳем, зеро нисбат ба забони он мерос калимаҳои «форсӣ» ва «дарӣ» истифода шудаанд ва ғайра.

Бешак, рӯзе мерасад, ки навиштаву таълифоти марбути ин ду нуқтаи назар, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир ба табъ расидаанд, аз нигоҳи забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) таҳлил ва арзёбӣ мешаванд.

Ҳангоми муайян кардани муносибати забонҳо, аз ҷумла ваҳдат ва ё тағзияву ҷудоии онҳо, фақат ба эътибор гирифтани далелҳои забонӣ кам аст, балки ба назар гирифтани ангезиш ва пайвастагии ин далелҳои забонӣ бо ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангӣ муҳим мебошад. Ба ин маънӣ муносибати тоҷикӣ, форсӣ ва дариро низ метавон дар сурати ба назар гирифтани маҷмӯи падидаҳои забонию ғайризабонӣ (экстралингвистӣ) муқаррар кард, ки он дар заминаи ду фаҳмиш - диахронӣ (таърихӣ) ва синхронӣ (қунунӣ) қарор мегирад. Тибқи фаҳмиши диахронӣ байни тоҷикӣ, форсӣ ва дарии Афғонистон сарҳаде вуҷуд надорад ва ҳамеша сухан дар бораи забони воҳид меравад, ки он барои тамоми форсизабонон умумӣ буд. Аз ин нигоҳ ҳақ ба ҷониби онҳоест, ки тоҷикӣ, форсӣ ва дариро як забон мешуморанд. Вале мувофиқи фаҳмиши синхронӣ тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ давом ва се шохаи ҳамон забони воҳиди собиқанд, ки ҳар кадом дар доираи сарҳадҳои сиёсию маъмурӣ чун системаи ахборӣ (коммуникатсионӣ) истифода мешавад. Ба ин асос ақидаи онҳое, ки тоҷикӣ, форсӣ ва дариро бо истилоҳи «забонҳо» ном мебаранд, на танҳо ба тафовутҳои забонӣ, балки ба мавқеи ҷамъиятии ин се шоха созгор меафтад.

Бо се истилоҳ номбар шудани се шохаи забони воҳид бофтаю сохтаи касе набуда, балки ҳукми таърих ва хости сарнавишт аст.

Воқеан, ҷудоӣ ва тағзияи забонҳо ҳодисаи табиӣ ба шумор меравад. Дар тӯли таърих садҳо забон ба вуҷуд омада, қисме аз онҳо бо мурури замон аз байн рафтаанд. Олимон тахмин мекунанд, ки имрӯз дар ҷаҳон қариб сеюним ҳазор забон вуҷуд дорад. Равшан аст, ки сарчашмаи онҳо лаҳҷаҳои гуногуни модарзабон ба шумор меравад. Аз ин рӯ тағзияи забони воҳиди форсии дарӣ ҳам, ки дар марзу бумҳои мухталиф паҳн шуда буду лаҳҷаҳои гуногун дошт, аз эҳтимол дур набуд. Азбаски ин

лаҳҷаҳо дар давоми асрҳои миёна, хусусан баъди асрҳои XV - XVI дар шароити ҷудоии марзию сарҳадҳои сиёсӣ инкишоф ёфтаанд, тадриҷан аломатҳои хоси тафриқӣ касб намудаанд, ки онҳо минбаъд дар системаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ пойдор гаштаанд. Ба ин масъала ишора карда алломаи бузург Б. Ғафуров навиштааст: «Ба ақидаи забоншиносон аллакай дар асрҳои X - XI баъзе хусусиятҳои забоние ба назар мерасиданд, ки хоси забони имрӯзаи тоҷикӣ буданд ва онро аз забони имрӯзаи форсӣ фарқ мекунониданд, вале фақат пас аз мурури ним ҳазор сол (яъне асрҳои X - XVI) ин фарқият як шакли муайянро гирифта тавонист» (Б. Ғ. Ғафуров, Тоҷикон, с.500).

Забонҳо аз лиҳози муносибати генетикӣ ду хел мешаванд: забонҳои хешовандон ва ғайрихешованд. Забонҳои хешованд низ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: забонҳои хеши дур ва забонҳои хеши наздик. Агар таърихи забонҳои хеши дур аз даврaҳои қадим оғоз ёфта, бо вуҷуди ҳамреша буданашон намояндагони онҳо ҳамдигарро намефаҳманд, лекин таърихи бештари забонҳои хеши наздик аз қарнҳои ахир ибтидо гирифтааст. Бинобар он сохтори забонҳои хеши наздик назар ба тафриқа айният ва умумияти зиёдеро фаро мегирад. Аз ин рӯ, намояндагони забонҳои хеши наздик ба тарҷума чандон эҳтиёҷ надоранд. Масалан, назар ба қайди муҳаққиқон, намояндагони се забони ба ҳам хеши наздики славянӣ-русӣ, украинӣ ва белорусӣ ҳамдигарро ба андозаи кофӣ мефаҳманд. Забоншиноси машҳури рус Ф.П. Филин муносибати генетикии забонҳои имрӯзаи русӣ, украинӣ ва белорусиро тасвир намуда, чунин навиштааст: «Забони имрӯзаи русӣ, мисли забонҳои украинӣ ва белорусӣ, бидуни шак давоми забони русии қадим мебошад. Забонҳои русӣ, украинӣ ва белорусӣ бо маънои томи сухан аз лиҳози генетикӣ бо забони русии қадим як воҳиди бутунро ташкил медиҳанд. (Ф.П. Филин. Истоки и судьбы русского литературного языка. Изд-во «Наука», М., 1981, С. 10).

Мисоли дигар муносибати байни забонҳои туркии Осиёи Миёна, махсусан, қазоқию қирғизӣ мебошад, ки дар байни онҳо тафовути зиёде эҳсос намегардад. Барои шахси ғайр кофист, ки яке аз ин забонҳоро донад, то бо намояндагони забони дигари ин халқҳо гуфтугӯ карда тавонад. Бо вуҷуди ин, забонҳои мазкур ба сифати забонҳои мустақил эътироф шудаанд, чунки хоҳ нохоҳ аломати муҳими марзу миллатҳои муайян ҳисоб меёбанд. Таърих ҳамин қисматро ба забони воҳиди форсии дарӣ ҳам раво дидааст, ки имрӯз шохаҳои он бо номҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ ҳамчун забонҳои расмии миллату кишварҳои гуногун маъмул гаштаанд.

Ҳаҷми макола имконият намедиҳад, ки воқеаҳои муҳимми таърихӣ ва сиёсиро, ки дар ҳаёти халқҳои Эрон, Осиёи Миёна ва Афғонистон баъди аз таҳти тасарруфи миллати араб раҳоӣ ёфтан ва ниҳоят инқирози ҳукумронии Темуриён рух додаанду боиси аз ҳам ҷудошавии мардумони ин сарзаминҳо гардидаанд, муфассал тасвир намоем. Фақат ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки Эрон дар замони салтанати Сафавиҳо (асрҳои XV - XVI) давлати мустақил шуд. Агарчи сарҳадҳои сиёсии Эрон дар тӯли чанд асри баъдӣ боз ҳам муддате ба таври қатъӣ маълум набуд, бо вуҷуди ин ташкилшавии ҳокимияти марказии Эрон дар аҳди салтанати Сафавиҳо ва баъдтар дар замони ҳукмронии Коҷориҳо имконияте фароҳам овард, то тадриҷан ба аз хатти умумӣ ҷудо шудани шохаи ба истилоҳ «форсии Эрон» замина гузошта шавад. Бесабаб нест, ки маҳз аз асрҳои XV - XVI таърих ва адабиёти Эрон ҳам ба таври ҷудогона таҳқиқ ва омӯхта мешавад.

Дар тӯли чор-панҷ аср дар Эрон воқеаҳои муҳими сиёсӣ рух додаанд, ҳокимият аз дасти як хонадон ба хонадони дигаре мегузашт, оҳиста-оҳиста дар марзҳои ин кишвар хатти ниҳоӣ кашида шуд. Чун парокандагиҳои асримиёнагии феодалӣ ин марзҳо ба марказияти воҳид табдил ёфтанд, дар Эрон тадриҷан муносибатҳои капиталистӣ қувват гирифта, дар зимни он ташаккули миллати Эрон ҳам ба вукӯъ пайваст. Ин ногузир ба ташаккули забони миллии форсӣ дар кишвари Эрон оварда расонд.

Ибтидои ташаккули шохаи «забони тоҷикӣ» ҳам ба ҷудоии сарҳадҳо ва ташкилшавии аморату хонигариҳои мустақил дар сарзамини Осиёи Миёна алоқаманд мебошад. Вале ташаккули забони миллии тоҷик бо маънои томи сухан маҳсули баъди Инқилоби Октябр аст. Дар соли 1924 Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурияти Иттифоӣии Ӯзбекистон ҳамчун ҷумҳурияти мухтор таъсис гардида, соли 1929 ба ҷумҳурияти иттифоқӣ табдил ёфт, халқи тоҷик ҳамчун миллат ташаккул ёфт. Ба ин тартиб сохти сиёсии нав, аз як тараф ва гусаста шудани пайвандҳои ҳамзабонӣ бо Эрону Афғонистон, аз тарафи дигар, боиси бештару амиқтар гардидани махсусиятҳои забони тоҷикӣ шуданд. Аз ин рӯ роиҷ гардидани истилоҳи «забони тоҷикӣ» ҳар чи қадаре моҳияти сиёсӣ касб карда бошад, ҳамон андоза ба тафовутҳои забонӣ низ далолат менамояд.

Мубоҳисаҳои солҳои бистум, ки дар атрофи забони тоҷикӣ сурат гирифтаанд, истиқлолияти нисбии онро асоснок намудаанд. Устод С. Айнӣ, ки дар ин мубоҳисаҳо фаъолона иштирок кардааст, дар мақолаи худ «Забони тоҷикӣ», ки дар маҷаллаи Раҳбари дониш ба табъ расида буд, ба масъалаи муносибати забони форсӣ ва тоҷикӣ дахл карда, «хешгарии таърихӣ ва ба ҳам монандии забони форсӣ ва тоҷикиро, инчунин дар ҷараёни таърихи инкишофи худ тадриҷан ҳамчун забони халқҳои ҷудогона ва баъд ҳамчун забонҳои ҷудогонаи миллӣ ба андозае аз ҳамдигар фарқ кардани онҳоро низ дар назар дорад» (Маъсумӣ, Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1959, С.18-19).

Агар таърихи ҷудоии сарҳадҳои Эрону Осиёи Миёна ва дар ҳамин асос ба шохаҳо тақсим шудани забони воҳиди форсии дарӣ аз охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI шурӯъ гардида бошад, пас таърихи ҷудоии марзҳои Афғонистон ва тақдири минбаъдаи забони мазкур дар ин сарзамин як андоза дертар ва ба тарзи хосса сурат гирифтааст. Таърих гувоҳ аст, ки Афғонистон то қарни XVIII қисман таҳти тасаллути Сафавиҳо ва қисман таҳти тасарруфи хонҳои Шайбонӣ қарор дошт.

Пас аз кушта шудани шоҳи Эрон - Нодиршоҳи Афшор (1747) отрядҳои афғонӣ бо сардории Аҳмадшоҳи Абдолӣ (Дурронӣ), ки то ин вақт дар ҳайати артиши Нодиршоҳ хизмат менамуданд, ба Афғонистон баргаштанд. Аҳмадшоҳи Дурронӣ бо талошҳои зиёд хонигариҳои Қандаҳору Ҳирот ва Панҷобу Кашмирро забт намуда, давлати мустақили Афғонистонро ташкил ва худро ҳокими мутлақи он эълон кард.

Дар замони Дурронихо метавон гуфт, ки раванди ташаккули консолидатсияи халқҳову миллиятҳои Афғонистон анҷом ёфт. Махсусан, сиёсати дар сар то сари Афғонистон паҳн кардани қабилаҳои пушту дар маркази фаъолияти Дурронихо қарор гирифт. Аз ҳамон вақт дар ин кишвар дар баробари забони форсӣ, ки асрҳо боз ривоҷ дошт, забони пушту низ ба расмият даромад.

Ба ин тартиб, ҷудоии сарҳадҳо ва барҳам хӯрдани равобити собиқа имконият фароҳам оварданд, ки забони форсӣ дар Афғонистон ҳам дар асоси заминаҳои дохилӣ ва новобаста ба муодилҳои он дар кишварҳои ҳамсоя инкишоф ёбад.

Дар нимаҳои аввали асри XX дар партави воқеаҳои муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Афғонистон ҳаракати маорифпарварӣ, ки ба он шоир ва донишманди замони худ Маҳмуди Тарзӣ (1868-1935) роҳбарӣ мекард, низ ба миён омад. Ҳаракати маорифпарварӣ гузаронидани як қатор ислоҳоти лозимаеро дар соҳаи маориф, маданият, адабиёт ва забон талаб менамуд.

Маҳмуди Тарзӣ тавассути рӯзномаи Сирољулахбор, ки соли 1911 таъсис дода буд, дар бораи забон ва нақши он як силсила мақолаҳо ба табъ расонида, аз ҷумла аломати муҳимтарини миллати Афғонистон будани онро таъкид менамояд: «Забон - мегӯяд ӯ, -воситаи муҳимтарини тараққиёти адабиёти миллӣ ба шумор меравад. Дар Афғонистон адабиёт, ки рӯҳи миллии афғонҳоро ифода мекунад, бо ду забон - форсӣ ва пушту офарида мешавад». (Дар ин бора ниг. С. Мирзоев. Литературно - просветительская деятельность М. Тарзӣ и его газета «Сиродж-ул-ахбор» (1911-1919) Изд-во «Ирфон», Душанбе, 1973. С. 90).

Маҳмуди Тарзӣ агарчи ошкоро забони форсии Афғонистонро аз форсии Эрон ҷудо эълон накардааст, вале аз навиштаҳояш бармеояд, ки ӯ ҷудоии нисбии ҳамин роҳи тараққиётро дар мисоли наздикшавии забони адабӣ бо забони гуфтугӯии минтақа мебинад. «Мо- менависад ӯ, - мисли эрониҳо ба забони форсӣ ҳарф мезанем. Ҳарчанд ки қисми бештари калима ва ифодаи забонҳои мо умумианд, вале лаҳҷа ва гӯйишҳо ба дараҷае аз ҳамдигар дур шудаанд, ки монандии хешро тақрибан аз даст додаанд. Мо назди худ вазифа гузоштем, ки назар ба имконият забони адабиро ба гуфтугӯӣ наздик намоем. То он вақте ки калимоти забони гуфтории ин ё он миллат дар забони адабии ӯ мустаъмал нагардад, забони адабӣ ҳам муваффақона тараққӣ намекунад ва икмол намеёбад» (С. Мирзоев, асари номбурда, - С. 94).

Гуфтаҳои Маҳмуди Тарзиро нисбат ба забонҳои миллии Афғонистон ва инкишофи минбаъдаи онҳо метавон ифодаи воқеияти ҳаёти мардуми ин кишвар дар ибтидои қарни XX ҳисобид.

Забони форсӣ бо айни ҳамин ном боз ҳам муддате давом кард, вале худ аз худ маълум буд, ки ин истилоҳ бештар шакли адабиро ифода мекард. Ҳамин номувофиқатӣ дар ниҳояти кор боиси он гардид, ки ҳукумати Афғонистон дар соли 1964 тавассути Қонуни асосии худ (Конститутсия) калимаи «форсӣ»-ро бо вожаи «дарӣ» иваз кард, яъне бар ивази «забони форсӣ» истилоҳи «забони дарӣ» хонда шуд.

Ба назари мо, таҳти ин мафҳум қабл аз ҳама, ду матлаб мадди назар гирифта шудааст.

Якум, забони форсии Афғонистон ё бо истилоҳи тоза «дарӣ» на такрори айнии забони форсии Эрон ва ё тоҷикии Осиёи Миёна аст, балки забонест, ки дар шароити Афғонистон мавриди истифода қарор гирифта, рӯҳи миллӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ,

иқтисодӣ, фарҳангии мардуми Афғонистонро инъикос менамояд. Ин забон дар баробари забони пушту забони мактаб, маориф, идораҳои давлатӣ, санъату адабиёт, матбуот ва воситаи муомилот бо кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Дуюм, таъкид бар он аст, ки забони форсии Афғонистон ё бо истилоҳи нав «дарӣ» мисли форсии Эрон ва тоҷикии Осиёи Миёна давоми бевоситаи забони дарии классикӣ ба шумор меравад, аз он сарчашмаи хушкнашаванда ҳамеша об мехӯрад.

Ҳамин тавр, вожаи «дарӣ» дар ибтидои солҳои шастуми қарни мо бо мазмун ва моҳияти тоза дар нисбати яке аз забонҳои расмии Афғонистон, ки зодаи забони воҳид - забони давраи адабиёти классикӣ ба шумор меравад, муҷаддадан арзи вуҷуд кард. Забони форсӣ дар Афғонистон илова бар ин ки дар муҳиту вазъияти хос инкишоф меёфт, он ҳамзамон забони модарии чандин қавмҳои дигар, аз қабили ҳазораҳо, қизилбош, чораймоӣ ва ғайра ҳисоб меёфт. Табиист, ки дар ин ҳол истилоҳи «тоҷикӣ» ё «форсӣ» моҳияти иҷтимоии ин забонро ифода карда наметавонист.

Чунон ки мебинем, заминаҳои иҷтимоию сиёсии истилоҳҳои «форсӣ», «тоҷикӣ» ва «дарӣ» дар минтақаҳои интишори собиқ забони воҳиди форсии дарӣ ба ҳам шабоҳат доранд, яъне ҷудоии сарҳадҳо ва ташкили давлатҳои мустақил ва ташаккули миллатҳо тадриҷан боиси тақзияи шохавии забони воҳид гаштаанд.

Донишманди афғон Равон Фарҳодӣ дар китоби худ «Забони гуфтории форсӣ дар Афғонистон» қайд менамояд, ки дар ҳар минтақа чор шакли забони форсӣ вуҷуд дорад.

1. Забони адабии китобӣ (классикӣ), ки забони воҳид аст;
2. Забони адабии маҳаллӣ, ки мутлақ аз шароити хоси таърихии ҳар минтақа ба вуҷуд омадааст;
3. Забони гуфторӣ (омиёна);
4. Лаҳҷаҳои маҳаллӣ (арго).

Фарҳодӣ таъкид кардааст, ки «дар айни ҳол шакли ягонаи забони адабӣ, ки ба тамоми шароити ҳаёти халқҳои форсизабон мувофиқ бошад, вуҷуд надорад». (Равон Фарҳодӣ. Разговорный фарси в Афганистане. Изд-во «Наука», М., 1974, С.5).

Дар ҳақиқат, мухторияти роҳи инкишофи забони воҳид дар доираи се давлати алоҳида тадриҷан ба ташаккули шаклҳои минтақавии забони адабӣ боис гардида аст. Ин шаклҳо бо вуҷуди асоси ягона, ки аз забони давраи адабиёти классикӣ ба мерос омадааст, дар айни замон аз сарчашмаҳои дохилӣ низ ғизо мегиранд. Аз ҷумла, меъёрҳои шакли адабии форсии Эрон бештар дар заминаи лаҳҷаи Теҳрон такмил гардид, таҷдиди меъёрҳои забони адабии тоҷик дар асоси лаҳҷаҳои Самарқанду Бухоро сурат гирифтааст. Шакли адабии дарии Афғонистон бошад, назар ба ишораҳои муҳаққиқон зиёдтар ба лаҳҷаи Кобул ва атрофи он такя мекунад. Ин табиист, зеро то он вақте ки лаҳҷаҳо ҳамчун яке аз намудҳои забони миллӣ боқӣ мемонанд, ба забони адабӣ ғизо мебахшанд. Дар ин бобат лаҳҷаи марказӣ, ки одатан унсурҳои лаҳҷаҳои дигарро низ то андозае фароҳам меоварад, асосӣ ба шумор меравад. Ба ин маънӣ, дар шароити ҷудоии сарҳадҳои сиёсию маъмурӣ шаклҳои адабии форсии Эрон, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон гумон аст, ки як лаҳҷаи муттакои умумӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, чунин тасаввур ғайриилмӣ ва ғайривоқеӣ хоҳад буд, ки ин се шакли адабиро айнан ба ивази якдигар гузорем. Дар ҳар ҳол инро ҷомеаи ҳеҷ яке аз кишварҳои ҳамзабони мо қабул карда наметавонанд, чунки як шакли адабӣ ҳарчанд барои ҷомеаи кишвари дигар фаҳмо ва дастрас бошад ҳам, вижагиҳои услубии он садди фаҳмиш ва пазириш мегарданд.

Ҳангоми сафари хидматиам дар Афғонистон чанд мақола дар маҷаллаи «Хуросон» чоп кунондам. Ман, ки ба сифати тарҷумон то андозае таҷриба андӯхта, кӯшиш мекардам, ки нигоришотам ҳар чи бештар «ранги дарӣ» гирад, бо вуҷуди ин ҳар вақт аз сармуҳаррири маҷалла гӯшзад мешунидам, ки мақолаам «тоҷикӣ» баромадааст ва ҳатман «эдит» (таҳрир) шавад, то барои хонандагони афғон фаҳмо бошад. Дар хотир дорам, ки мақолаи яке аз олимони муътабари тоҷикро, ки зоҳиран ба айнан чоп шудани он исрор карда буд, дар маҷаллаи номбурда дар поварақ бо эзоҳи «ин мақола ба тоҷикӣ чоп мешавад» ба табъ расонида буданд. Намедонам, дар матбуоти Эрон мақолаҳои донишмандони моро айнан чоп мекунанд ё не, аммо дар ин бобат афғонҳо манфиати мардуми хешро дар дараҷаи аввал мегузоранд, яъне мақоларо ба сабки худ мувофиқ мекунанд, то ки мундариҷаи он барои хонандагони онҳо фаҳмо бошад.

Ман ин ёддоштро барои он зикр намудам, ки таассуби аҳли қалам ва умуман мардуми афғонро дар нисбати забони худ таъкид кунам, балки бо овардани ин мисол он нуктаро бори дигар ёдовар шуданиам, ки имрӯз «форсӣ», «тоҷикӣ» ва «дарӣ» ном гирифтани шохаҳои забони воҳид фақат ба хотири ба сифати забонҳои миллии се кишвари ҳамзабон - Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон набуда, инчунин ба

тафовутҳои муайяни забонӣ асос меёбад. Дар заминаи қиёс чанд асару мақола навишта шудааст ва дар ин солҳо тадқиқот давом дорад.

Форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ҳар кадом таърихи таҳқиқ ва омӯзиш доранд. Муҳаққиқони ғарб ба форсӣ ҳанӯз дар ибтидои асри XIX таваҷҷӯҳ кардаанд, таърихи таҳқиқи забони тоҷикӣ аз солҳои шастуми қарни XIX, дурусттараш аз мақолаи профессори Донишгоҳи Йазон В.В. Григорев, ки ба лаҳҷаи Бухоро бахшида шуда буд, оғоз ёфтааст, дарии Афғонистон бо номи «форсии кобулӣ» баъди солҳои бистум мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор гирифтааст. Ҳар се ин шоха, хусусан форсӣ ва тоҷикӣ чи дар Эрону Тоҷикистон ва чи дар кишварҳои ғарб мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Даҳҳо рисолаи илмӣ, дастур ва луғатҳо навишта ва тартиб дода шудаанд.

Пас, дар чунин ҳол оё метавон гуфт, ки «форсӣ», «тоҷикӣ» ва «дарӣ» бо мафҳуми имрӯзаашон муродифи якдигар шуда метавонанд ва агар хоҳем, якеро бар ивази дигаре гузошта метавонем? Ҷавоби мусбати ин савол дар амал айнияти комили форсӣ, тоҷикӣ ва дариро эътироф кардан мебошад, ҳол он ки, чунонки аз тафсилоти фавқ бармеояд, инҳо ҳам бо вазифаҳои иҷтимоӣ, ки дар давлатҳои гуногун доранд ва ҳам бо вижагиҳои нисбии фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикиашон ҳамчун забонҳои ҷудогона тасаввур мешаванд. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо - тоҷикон ба хотири истилоҳи «тоҷикӣ» аз дунёи форсизабонон ҷудо ва ба мероси гузаштагонамон ҳуқуқи маънавӣ надошта бошем. Ҳамчунон ки забони тоҷикӣ чун форсии Эрон ва дарии Афғонистон давоми бевоситаи форсии дарии классикист, мо - тоҷикон ҳам дар баробари эрониёну афғонҳо ба мероси гузашта ҳаққу ҳуқуқ дорем ва инро то имрӯз касе ба зери шубҳа нагирифтааст.

Русҳо, украинҳо ва белорусҳо имрӯз миллатҳои ҷудогонаанд, вале онҳо «Гуфтор дар бораи полки Игор»-ро мероси муштарак меҳисобанд. Мисоли дигар. Тамоми миллатҳои туркнажод ба «Луғати турк»-и Маҳмуди Йошғарӣ (асри XI) ҳамчун моли умумӣ муроҷиат мекунанд ва барои ҳеҷ кадоми онҳо монеае вуҷуд надорад.

Мисли ҳамин ба хотири «забони тоҷикӣ» мо - тоҷиконро ҳеҷ нерӯе наметавонад аз мероси гузаштагонамон маҳрум созад. Имкони падид омадани чунин фикрро устод С. Айнӣ ҳанӯз дар соли 1925 бо таълифи асари безаволаш «Намунаи адабиёти тоҷик» ботил сохта буд.

Истилоҳи «забони тоҷикӣ» агарчи асосан баъди инқилоби Октябр ба расмият даромад, вале он кайҳо дар адабиёти илмии ҷаҳон, аз ҷумла дар доиратулмаорифҳои (энсиклопедияҳои) лингвистӣ сабт гардида, дар харитаи лингвистии забонҳои дунё номнавис шудааст.

Ҳоло барномаҳои тоҷикӣ дар баробари форсию дарӣ аз тариқи радиои чанде кишварҳои хориҷӣ пахш мегарданд. Аз ҷумла, радиои шаҳри Машҳади Ҷумҳурии исломии Эрон барномаи махсуси тоҷикӣ дорад, ки он ҳамарӯза шунавонида мешавад.

Забони тоҷикӣ имрӯз ҳамчун фанни мустақил на фақат дар факултаҳои шарқшиносии Русия, балки дар донишгоҳҳои чанде кишварҳои Ғарб ҳам омӯзонида мешавад. Чунончи, Донишгоҳи Гумболди Олмон бахши тоҷикӣ дорад, ки алон дар он 55 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд ва ҳол он ки то ба қарибиҳо дар ин донишгоҳ забони тоҷикӣ ҳамчун ҷузъи забони форсӣ омӯзонида мешуд.

Имрӯз Тоҷикистон давлати мустақил аст, он ба тамоми ҷаҳон, ба Созмони Милали Муттаҳид бо забони миллии худ - тоҷикӣ муаррифӣ гардидааст.

Дар шароите, ки мардуми мо таҳти роҳбарии Президенти ҷумҳурӣ Э.Ш. Раҳмонов барои ваҳдати миллӣ талош меварзанд, гиромӣ доштани забони тоҷикӣ ниҳоят муҳим аст, зеро танҳо ҳамин забон ва ҳамин унвон ваҳдату ягонагии моро таъмин карда метавонад. Дар ин ҳол табдили истилоҳи «забони тоҷикӣ» бо ному таъбирҳои дигар, аз қабили «форсӣ», «форсии тоҷикӣ» ё «тоҷикӣ (форсӣ)» ва ғайра таваҷҷуҳи мардумро метавонад аз ҳадафи асосӣ дур созад.

А Д А Б И Ё Т

1.Аҳмад Сияров. Роҳнамои Эрон /Сияров Аҳмад. Нашр Ирфон.-Душанбе.2006.
2.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон /Б.Ғ. Ғафуров.-Душанбе.Нашр. Ирфон.1983.
3.Маъсумӣ Н.А. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии точик / Н.А. Масъуми.- Сталинобод.1959.
4.Мирзоев С.Литературно –просветительская деятельность М.Тарзи и его газета «Сиродж-ул-ахбор» (1911-1919) /С. Мирзоев. –Душанбе. Изд.-во. Ирфон.1973.
5. Равон Фарҳоди. Разговорный фарси в Афганистане /Фарҳоди Равони.- М:.1974.
6.Филин.Ф.П.Истоки и судьбы русского литературного языка /Ф.П.Филин.-М. Наука. 1981.

ТРИ ВЕТВИ ЕДИНОГО ЯЗЫКА

Все персоязычные народы трех стран, Ирана, Афганистана и Таджикистана, говорят на общем языке, который формировался в течении более тысячелетнего периода. В данной статье автор рассматривает историю возникновения трех языков - фарси, дари и таджикского языка, у которых все общее.

Ключевые слова: персидский язык, язык науки и литературы, язык, распространённый язык иранской ветви, дари, таджикский язык. изучение персидского языка, красота звучания, история языка.

HREE BRANCHES OF ONE LANGUAGE

All Persian-speaking peoples of the three countries, Iran, Afghanistan and Tajikistan, speak common language, which has been formed over more than a thousand-year period. In this article the author considers the history of the three languages - Farsi, dari and Tajik language, have everything in common.

Kev words: Persian language, the language of science and literature, language and the common language of the Iranian branch, dari, Tajik language. Studying the Persian language, beauty of sound, the history of language..

Сведения об авторе: ***Джураев Г.***- доктор филологических наук, профессор Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон **909 80 80 15**

МАҶОЗ ВА ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ НАЗМ

М. Саломов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз муҳимтарин воҳидҳои луғавии ҳар як забон ба шумор рафта, инъикоскунандаи таҷрибаи таърихии соҳибони забон, офарандагони адабиёт, таърих, фарҳанг, урфу одат, расму ойин, муносибату муошират, иҷтимоиёт ва муайянкунандаи қонуниятҳои таърихии раванди инкишофи забону ҳолати рӯҳии соҳибзабонон низ маҳсуб мешаванд. Ин воҳиди забонӣ бо хусусиятҳои лингвистӣ ва ташаккулу ифодаи маъноии худ дар забон мавқеи хоссае дошта, ҷараёни ташаккулёбии онҳо даврaҳои гуногуни таърихиро паси сар намуда, сохтори ягонаи тақсимнопазир ва ифодаи маънои муассирро касб намудааст.

Дар ҳақиқат, сохтори воҳидҳои фразеологӣ аз дидгоҳи грамматикӣ хеле ҷолиб ба назар мерасад. Вале ҳадафи ин сохтори грамматикӣ ифодаи маънои ягонаи калима мебошад. Яъне, ҳар як воҳиди фразеологӣ аз рӯйи ифодаи маъноияш ба ифодаи маъноии як калима баробар аст.

Бояд зикр кард, ки ин маъно аз муносибатҳои семантикии калимаҳое, ҳосил мегардад, ки дар сохтори таркиби ҳар як воҳиди фразеологӣ нақш гузоштаанд. Масалан, бо чашми чор будан – «интизор», сар ба осмон расидан-«хурсанд, сарфароз», аз касе ё чизе чашм накандан – «нигоҳ кардан», дилшикаста шудан – «ноумед» ва монанди инҳо дар натиҷаи муносибатҳои семантикии вожаҳои чашм-чор- будан, сар-осмон-расидан, чашм- кандан, дилшикаста- шудан бунёд ёфтаанд. Яъне дар ин маврид ифодаи семантикӣ ба мадди аввал гузашта, воситаҳои алоқаи грамматикӣ нақши дуюмдараҷаро мебозанд. Ба ибораи дигар, воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар ташаккули воҳиди фразеологӣ нақши наҳвии худро адо менамоянд ва ҳангоми рехтаю устувор гардидани воҳиди фразеологӣ нақши наҳвии онҳо аз байн меравад, зеро дар ин маврид ифодаи семантикӣ ва маъно нақши муҳим ва асосиро касб менамояд ва воҳидҳои ташаккулёфта ба ҷузъҳои маъноию грамматикӣ ҷудо намегарданд.

Доир ба назарияи сохторию маъноӣ, таснифот ва хусусиятҳои лекикии воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқи ин бахши лингвистикаи забони тоҷикӣ Ҳ. Маҷидов ва шогирдони ӯ тадқиқотҳои боарзише ба анҷом расидааст.

Нуктаи хеле муҳимме, ки бояд дар мавриди бунёди воҳидҳои фразеологӣ мавриди баҳс қарор дода шавад, ин нақши маҷоз дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Тавре ки маълум аст, дар ифодаи воҳидҳои фразеологӣ баъзан, ифодаҳои ғайримантиқӣ, қолабҳои нодуруст ва ё аз доираи меъёр беруни сохтори грамматикии ибораҳо (чун бо бинӣ осмонро харошидан, дасту по гум кардан, соя аз девор тарошидан, дарди сар будан ва монанди инҳо) ба назар мерасад. Яъне дар ин маврид бо таъсири маҷоз сохтори маъноию грамматикии ибораҳои мазкур ба ҳам марбут гардида, маъноҳои муассирро ифода кардаанд.

Пас, бармеояд, ки яке аз унсурҳои муҳимме, ки дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ нақши созандаро мебозад, ин маҷоз аст. Дар ин маврид бояд таъкид намуд, ки аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки дар воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ бештар хусусияти устувории ҷузъҳо ва ба маънои маҷозӣ омадани вожаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ ба назар мерасад. «Идиомы образуют центр фразеологической системы. В самом общем виде им можно дать следующее

определение: Идиомы – это сверхсловные образования, которым свойственна высокая степеньидиоматичности и устойчивости» - таъкид шудааст дар китоби «Основы фразеологии» [1,69].

Доир ба хусусияти маҷозӣ доштани ин навъи фразеологизмҳо В.Н. Талия чунин назар дорад: «Смысловая метаморфоза сопровождающая формирование фразеологизмов- идиомы основывается на какой либо из видов тропа на алогизме или на широко известном в данной культуре речении (ср. переосмысление на базе метафоры…)» [2, 559].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми воҳидҳои фразеологӣ ин ҷанбаи маҷозӣ доштани онҳо ба шумор меравад. Азбаски забони осори манзум бештар ҷанбаи бадеию маҷозӣ дорад, нақши воҳидҳои фразеологӣ низ дар таҳкими ифодаи муассири маънӣ хеле муҳим ба назар мерасад. Дар ин замина шоирон низ бештар ба он ҷаҳд менамоянд, ки зимни эҷод аз ин воҳиди забонӣ ба таври васеъ истифода намоянд ва офаридаҳои хешро бо воҳидҳои фразеологии маҷозӣ оро бидиҳанд, то хонандаро тавассути чунин ифодаҳо ба фикр кардан раҳнамун созанд ва шеъри худро мавриди таваҷҷуҳ ва андеша қарор бидиҳанд.

Муҳаққиқи системаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ, Ҳ. Маҷидов аломати маҷозият ва муассириро дар воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ ба аломати иловагӣ шомил дониста, чунин мефармояд: «Определенному кругу ФЕ помимо перечисленных основных признаков (целозначность, устойчивость, воспроизводимость – [см. 3,-45-51]» приписывается еще и ряд других дополнительных признаков. К таким признакам обычно относят метафоричность или неравенство общего значения фразеологизма со значениями составных частей, его своеобразный национальный колорит, эмоциональную насыщенность, образность, яркость, наглядность и непереводимость в буквальном смысле на другие языки и т.д.. Все чаще эти особенности или некоторые из них именуются идиоматическими признаками, а ФЕ, обладающие этими особенностями, называют идиомами [3, 52].

Дар ҳақиқат, ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо хусусиятҳои зикршудаашон аз гурӯҳҳои дигари ин воҳиди луғавӣ фарқ мекунанд ва доираи истеъмоли онҳо низ нисбатан васеъ буда, барои таъсирбахшии нутқи гӯянда ва ё дар тасвири манзараю лаҳзаҳои муҳимми осори бадеӣ нақши муҳим дошта, барои муайян кардани ҳунари адибон яке аз унсурҳои муҳим ба шумор мераванд. Бо вуҷуди он ки дар ташаккули идиомаҳо маҷоз ва муассирӣ нақши дуюмдараҷа дорад ва ё ин унсурҳо аломати иловагӣ шуморида мешаванд, дар ифодаи маъно ва таъсирбахшӣ нақши онҳо бештар ба назар мерасад, зеро дар онҳо ҷанбаи ҳиссию эмотсионалӣ бештар инъикос ёфтааст. Ибораҳои фразеологии идиоматикӣ дар забони назм дорои тобишҳои маъноию услубӣ гардида, дар ифодаи маънои муассир нақши муҳимме мебозанд:

Аз ин сангиндилӣ бо Анварӣ бас,
Ки бе ту ***сангҳо бар дил ниҳодаст*** *(Анварӣ, 775).*

Санг бар дил ниҳодан яке аз воҳидҳои маъмули забони тоҷикӣ буда, ба маънии дилсард шудан, ноумед гаштан истифода мегардад. Дар байти мазкур низ ҳамин маънӣ ифода ёфтааст:

Аз макун гуфтан **забонам мӯй шуд**,
Ӯ ҳанӯз **аз ҷавр мӯе кам накард** (Хоқонӣ, 352**).**

Забон мӯй шудан идиомаест, ки дар он образнокии ҷолибе инъикос ёфтааст. Яъне аз зиёд истифода бурдани асбобе он хӯрда гардида, борик мегардад ва дар ин замина, шоир ишора бар он мекунад, ки аз бисёр истифода бурдани вожаи «макун» забонам чун мӯй борик гардид. Бо чунин тарзи ифода шоир таъкид бар он мекунад, ки ман он қадар зиёд бар маъшуқ «ҷавр макун» гуфтам, ки забонам чун мӯй борик гардид, вале ӯ **аз ҷавр як мӯ кам накард**, яъне ин илтиҷои ман ба ӯ асар накард.

Бо ман ба ***саломи хушк,*** *эй дӯст,* ***забон тар кун****,*
То ***аз мижа*** *ҳар соат* ***лаъли таре афшонам*** *(Хоқонӣ, 406).*

Дар байти мазкур Хоқонӣ ибораи фразеологии **саломи хушк** ва **забон тар кардан**ро истифода бурдааст, ки аз ҷиҳати ифодаи маънӣ ҳарду ҷолиби таваҷҷуҳанд. Муҳимтарин ҷанбаи муассири ин ибораҳо ба маънои маҷозӣ омадани калимаҳои **хушк** ва **тар кардан** мебошанд. Яъне, **саломи хушк** гуфта, шоир маънои бетамаъ сухан гуфтанро дар назар дорад, ки ин тарзи ифода дар забони мардум низ хеле маъмул аст. Вожаи **тар** дар забони тоҷикӣ дар баробари маънои нам, рутубатнок будан, боз маънои нозук, латиф, холис, соф, покиза [ниг. ба 4, 326]-ро низ, ифода мекунад. Дар ҳамин замина шоир дар байти дуюм вобаста ба таносуби маъноии вожаҳои байти аввал ифодаи **аз мижа лаъли тар афшонан**ро корбаст намудааст, ки он барои ифодаи маънои ашк хизмат намудааст. Яъне, ифодаи дуюм низ аз ҷиҳати

фарогирии вожаҳо ба воҳиди фразеологии идиоматикӣ шабоҳат дорад, яъне дар ҳарду маврид нақши маҷоз дар бунёди онҳо баръало ба назар мерасад.

Дар ҳамин маврид Камоли Хуҷандӣ низ ибораи фразеологии **дасти хушк**ро истифода карда, гиря карданро бо ибораи фразеологии **бо чашми тар омадан**и фода кардааст.

Дасти хушк, *эй дилбари ҷонон,**марав,***
Ҳеҷат ар набвад, ***ба чашми тар биё*** *(Камол, 29).*
Як ваъда дар ду моҳам дода, ки мебиёям,
Чокар ба интизорат ***ду чашм чор карда*** *(Хоқонӣ, 432).*

Воҳиди фразеологии **бо чашми чор будан** дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст. Дар ин байт шоир гунаи онро дар шакли **ду чашм чор кардан** овардааст, ки дар он як навъ хусусияти забони назм ва ифодаи инфиродӣ ё услубии шоир ба назар мерасад.

Чу шахсе к-ӯ ду зан ду зан дорад, ***якеро дил шикан дорад****,*
Бад-он дигар ватан дорад, ки ӯ хуштар бадаш дар дил.(Мавлавӣ, 444).

Дили касеро шикастан воҳиди фразеологии идиоматикиест, ки дар забони тоҷикӣ ба маънои нороҳат кардан ё ғамгин намудани касе истифода мегардад. Дар байти боло Мавлавӣ ин ифодаро ба тарзу услуби хосае баён кардааст. Яъне, ӯ мефармояд, ки шахсе ки ду зан дорад, дили яке аз онҳоро дар шикан дорад, якеро озурдаю нороҳат месозад. Бояд зикр кард, ки чунин воҳидҳо бо хусусияти маҷозӣ доштанашон бори асосии маонии байтро бар дӯш дошта, ба хонанда имконият медиҳанд, ки тавассути дарки маънии онҳо тамоми байти мавриди назарро бифаҳмад ва ё шарҳу тафсир намояд.

Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ воҳидҳои фразеологии идиоматикие мавриди истифодаю истеъмол қарор доранд, ки дар таркиби онҳо вожаи «бод» ба маънии маҷозӣ омада ва он дар сохтори чунин воҳидҳои фразеологӣ нақши калидӣ дорад.

Ба ёдгори касе домани насими сабо
Гирифтаму, дарего, ки ***бод дар чанг аст*** *(Саъдӣ, 377).*
Бод мепаймояму бар бод умре медиҳам
В-ар на, бар хоки дари ту раҳ куҷо ёбад сабо (Ироқӣ, 88)

Воҳиди фразеологии **бод дар чанг доштан** дар забони тоҷикӣ бештар бо гунаи б**од ба даст будан** ба маънои маҳрум будан ва ё комёб нашуданро ифода мекунад. Саъдии Шерозӣ онро дар шакли **бод дар чанг** овардааст, ки ҳамон маъноро ифода менамояд. Дар ҳар ду гуна низ таъсири маҷоз ба назар мерасад.

Бод паймудан воҳиди фразеологиест, ки бештар дар забони осори манзум ба маънои анҷом додани кори беҳудае мавриди истифода қарор мегирад.

Фахриддини Ироқӣ воҳиди фразеологии идиоматикии **умр бар бод додан**ро бо тақозои забони шеър бо гунаи **бар бод умр додан** овардааст. Ин таъбир ба маъноиумрро беҳудаю зоеъ гузаронидан омадааст. Дар ин маврид тобиши семантикии вожаи **бод** ва ба маънои маҷозӣ омадани он низ дар бунёди чунин воҳидҳои фразеологӣ нақши созгоре дорад. Яъне вожаи мазкур ҳам дар забони маъмулӣ ва ҳам дар забони осори манзум аз ҷиҳати ифодаи семантикӣ гоҳо барои ифодаи маънои манфӣ меояд, мисли боди сард, боди самум, бод баровардан ва монанди инҳо.

Дар забони назм гоҳо воҳидҳои фразеологӣ хусусияти услубӣ касб менамоянд. Яъне шоирон ин воҳидҳоро ҳангоми тасвир ё баёни ҳодисае бо ашёи дигар муқоиса мекунанд. Дар ин маврид низ хусусияти семантикии вожаҳо дар низоми таносуби сухан ба эътибор гирифта мешавад. Яъне қонунияти мавҷудаи низоми шеърӣ шоирро намегузорад, ки аз чаҳорчӯбаи роиҷи сухан берун барояд.

Масалан, дар байти зерин Фахриддини Ирокӣ воҳиди фразеологии **аз шодӣ дар пӯст нағунҷидан**ро дар шакли **аз шодӣ дар пӯст чун нор нағунҷидан** овардааст, ки аз ҷиҳати баён ва тасвир хеле ҷолиб аст:

Ин қатраи хун то ёфт аз лаъли лабаш ранге,
Аз шодии он ***дар пӯст чун*** *нор* ***намегунҷад*** *(Ироқӣ, 116).*

Шоир аз сабаби он ки вожаи **нор(анор)**-ро дар байт зикр кардааст, барои комил гардидани андешааш ибораҳои **қатраи хун** ва **лаъли лаб** (аломати сурхии анор)-ро низ зикр карда, сарагию пухтагии норро бо дар пӯст нағунҷидани донаҳои он шабоҳат додааст, ки дар ин маврид матлаби шоир тасвири бевоситаи анор набуда, ифодаи маҷозии ҳолати маъшуқаро дар назар дорад.

Дар гурӯҳи воҳидҳои фразеологии идиоматикие, ки дар забони шеър корбаст мегарданд, нақши муаллиф баръало мушоҳида мегардад. Зеро муаллифони шеър ҳамеша ҷаҳд бар он мекунанд, ки мафҳуму маъноҳои ифодакардаашон ба хонанда ё шунаванда мақбул ояд. Дар байтҳои зерин мо ин хусусиятро мушоҳида карда метавонем:

Гар бишканад ин ҷомам, ман ***ғусса наёшомам****,*
Ҷоме дигар он соқӣ дар зери бағал дорад (Мавлавӣ, 259).

Тавре ки бармеояд, шоир воҳиди фразеологии **ғусса хӯрдан**ро дар ин шеър дар шакл ё гунаи **ғусса наёшомидан** овардааст. Бояд зикр кард, ки сабаби дар ин шакл овардани воҳиди фразеологӣ дар он аст, ки шоир дар ин байт вожаҳои шикастани ҷом ва соқиро овардааст. Бинобар ин, дар шакли ғусса наёшомидан овардани он низ барои ибрози матлаби шоир мувофиқтар аст.

Ё Саъдии Шерозӣ барои муайян кардани ҳолати қаҳрамони лирикии ғазалаш воҳиди фразеологии **ситора шуморидан**ро меорад:

Ҳикояти шаби ҳиҷрон кӣ боз донад, гуфт
Магар ***касе*** *ки чу Саъдӣ* ***ситора бишморад*** *(Саъдӣ, 415).*

Яъне, азобу шиканҷа ва интизориҳои шаби ҳиҷронро касе дарк карда метавонад, ки мисли Саъдӣ то субҳ ситора бишуморад, бедор бошад.

Мавриди зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ вожаҳои ифодагари узви бадани инсон аз ҷиҳати ифодаи семантикӣ хеле фаъол буда, дар бунёди калимаҳои сермаъно нисбат ба калимаҳои дигар мавқеи хосае доранд. Ҷунин хусусияти калимаҳои ифодагари узви бадани инсонро дар ташаккулу бунёди воҳидҳои фразеологӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Яке аз муҳимтарин хусусияти маъмулу сервазифа гардидани ин гурӯҳи семантикӣ аз он иборат аст, ки аввалан, калимаҳои мазкур бунёди аслии тоҷикӣ дошта, дар таърихи забон сайри таърхӣ карда, суфтаю сайқал ёфтаанд. Сониян, ин гурӯҳ калимаҳо дар забони тоҷикӣ доираи истеъмоли васеъ дошта, дар бунёди маъноҳои маҷозӣ низ фаъоланд.

Бинобар ин, хусусиятҳояшон калимаҳои ифодагари узви бадан ҳам дар ифодаи лексикию семантикии мафҳумҳо ҳам дар бунёди воҳидҳои фразеологӣ ва ҳам дар сохтани калимаҳои сохтаю мураккаб ва таркибӣ яке аз фаъолтарин қабатҳои луғавӣ ба шумор мераванд.

Масалан, дар байтҳои зерин воҳидҳои фразеологие истифода гардидаанд, ки дар ташаккули онҳо калимаҳои ифодагари узви бадан мавқеи хоса дошта, ҷанбаи муассирию маънирасии воҳидҳои фразеологӣ тавассути онҳо баръало инъикос ёфтааст ва дар баёну ифодаи онҳо нақши суханварон низ хеле ҷолиб ба назар мерасад.

Мавқеи чанд вожаи аслии тоҷикиро, аз қабили калимаҳои **даст, ангушт, даҳон, бинӣ, пой, сар, чашм, рӯй, пушт, дил, қад, ҷигар** ва монанди инҳоро, ки дар таркиби воҳиди фразеологии ғазалиёти шоирони асрҳои **XII-XIVкорбаст шудаанд,** ба таври иҷмолӣ баррасӣ хоҳем кард:

Гирам, ки ***баргирифтӣ дасти иноят*** *аз ман,*
Ҳар соате ***ба хунам дасти ҷафо чӣ шӯӣ****? (Анварӣ, 942).*

Дасти иноят аз касе гирифтан -«меҳрубонӣ накардан»,
Ба хун дасти ҷафо шустан-«азобу шиканҷаи зиёд додан»:

З-ин ҷавр бар ҷонам кунун даст аз ҷафо шустӣ ба хун,
Ҷоно, чи хоҳад шуд фузун, охир зи озорам туро (Анварӣ, 726).

Даст аз ҷафо шустан ба хун- «қасд гирифтан»:

Дасте барнеҳ, ки Анварӣ, эй дил,
Аз дасти ту пушти даст мехояд *(Анварӣ, 847).*

Аз дасти касе пушти даст хоидан-аз кору кирдори касе пушаймон будан:

Дар орзуи рӯйи ту ***аз даст бирафтем***
В-андар талаби васли ту ***аз пой фитодем*** *(Анварӣ. 895).*

Аз даст рафтан-«бехуд шудан, адо шудан»
Аз пой фитодан-«хастаю монда шудан»:

Рӯй аз ту, бӯто, чӣ гуна гардонам
Пушт аз ғами ишқи ту дуто карда*? (Анварӣ, 907)*

Пушт аз ғами чизе дуто кардан – «пиру ранҷур шудан»:

Хато кардам, ки ***додам дил ба дасташ***
Пушаймон бод ишқам з-ин хатоҳо (Хоқонӣ, 316).

Дил ба дасти касе додан-«ошиқ шудан»:

Ман ***аз дил он замоне даст шустам****,*
Ки шуд дар зулфи он дилбар ватан сохт (Хоқонӣ, 344).

Аз чизе ё касе даст шустан – «тарк кардан»:

Ҳар ки як дам ***оби дандони ту дид****,*
То абад ***ангушт бар дандон бимонд*** *(Хоқонӣ, 346).*

Оби дандони касеро дидан-«киноя аз хушсуханӣ» ангушт бар дандон мондан-«ҳайрон мондан»:

*Хоқонӣ аз замона чун **даст шуст**, бар вай*
Санҷар чӣ ҳукм ронад, Хоқон чӣ кор дорад? (Хоқонӣ, 356)
Даст аз касе ё чизе шустан- «тарк кардан».
Гар куштаниям боре ҳам дасти туву теғат,
Ҳуд **даст ба хуни ман ҳам тар накунӣ**, донам (Хоқонӣ, 404).

Даст ба хуни тар кардан – «куштан, қатл кардан», маҷозан шайдову мафтун кардани касе бошад:

*Ман **бихоям пушти даст** аз ғам, ки ӯ аз рӯйи шарм*
Пушти пойи хеш бинад, то набинад рӯйи ман (Хоқонӣ, 420).

Хоидани пушти даст ё ангушт газидан ба маънии «ҳайрон мондан, мутаҳайир шудан» аст:

*Ё **даст бар диле** зи ту, ё **пой дар гил**е,*
*Ё **бод дар кафе зи ту, ё хок бар саре** (Хоқонӣ, 450).*

Даст бар дил будан – «ошиқ будан»:

Пой дар гил будан –« мушкилӣ доштан»
Бод дар каф – «чизе надоштан, беҳосил аз матлабе»,
Хок бар сар – «мурдан».

Даст аз доманам намедорад:

Хоки Шерозу оби Рукнобод (Саъдӣ, 411).

Даст аз домони касе барнабардоштан – «барои коре иҷозат ё рухсат надодан»:

Ман қадам берун намеёрам ниҳод аз кӯйи дӯст,
*Дӯстон маъзур доредам, ки **поям дар гил аст** (Саъдӣ, 378).*

Пойи касе дар гил будан – «мушкилӣ доштан»:

Рақиб ангушт мехояд, ки Саъдӣ **чашм бар ҳам неҳ**,
Матарс, эй боғбон, аз гул, ки мебинам, намечинам (Саъдӣ, 522).

Чашм бар ҳам ниҳодан – «ба маънии нигоҳ накардан»:

З-ин марг ҳеҷ кӯса арзон набурд бӯса,
Бинӣ дароз кардан ойини нархарон аст (Мавлавӣ, 202).

Бинӣ дароз кардан -«амали ноҷо кардан, ба ҳар кор ҳамроҳ шудан»:

Чу **по вопас кашад** як рӯз **аз дӯст**,
Хатар бошад, ки **умре даст хояд** (Мавлавӣ, 285).

По вопас кашидан аз касе – «тарк кардан»:

Ҳар ки дар хона дарояд варо
Ҳамчу манаш **боз бимонад даҳон** (Мавлавӣ, 789).

Боз мондани даҳон – «ҳайрон шудан, тааҷҷуб кардан»:

Модар чу доғи ишқат медид дар рухи манн,
Нофам бар он бурид ӯ, он дам киман бизодам (Мавлавӣ, 638).

Нофи касеро барои амале буридан – «аз рӯзи таваллуд одат кунондан, хӯ гирифтан, одат кардан»:

Бипурс, ӯ кист? Шамсуддини Табрез,
Ба ҷуз дар ишқи ӯ то **сар нахорӣ** (Мавлавӣ, 990).

Сар хоридан-«оҷиз мондан»:

Тоқат намонд, ин **суханам монд дар даҳон**
Бо сад ҳазор ғам, ки ниҳонанд чун парӣ (Мавлавӣ, 1100).

Сухани касе дар дар даҳон мондан – «сухани нотамом»:

Хоҷу агар чу теғ **набошӣ забондароз**,
Олам шавад мусаххари теғи забони ту (Хоҷу, 487).

Забондароз будан – «ҳозирҷавоб»:

То муқимони фалак **шодии рӯйи ту хӯранд**,
Аз майи меҳри ҷаҳон ҳамчу қамар сер бароӣ (Хоҷу, 772).

Шодии рӯйи касе хӯрдан – «хурсан будан»:

Чу **кардӣ ҳалқа дар гӯшам**, макун озоду мафрӯшам,
Макун ҷоно фаромӯшам, зи ман ёд ор, дастам гир (Ироқӣ,156).

Ҳалқа дар гӯш кардан – «ғулому мутеъ кардан»:

Ту бо ман он замон пайвастӣ, эй ҷон,
Ки **бар қадам либоси худ буридӣ** (Ироқӣ, 219)

Ба қади касе либос буридан ё пора кардан – ҷазову танбеҳ додан:

Дарбанд миёнро аз дилу ҷон бандагишро,
Бе қурби шараф қурбати султон натавон ёфт (Камол, 102).

Аз дилу ҷон миён бастан – «ба хидмат омода будан»:

Гоҳо шоирон барои ифодаи таъсирноки сухан аз ду ё зиёда воҳидҳои фразеологӣ дар як байт истифода менамоянд ва ё воҳидҳои фразеологиеро корбаст

менамоянд, ки дар таркибашон зиёда аз ду вожаи ифодагари узви инсон омадааст, масалан:

Дарди сари дил *ба сар намеояд,*
Пой аз гили ишқ барнамеояд *(Анварӣ, 800).*
Анварӣ ***пой*** *нахоҳад* ***зи гили ишқи ту шуст,***
Гар ***ту з-ӯ даст бишӯйӣ****, чи кунам* ***даст бишӯйӣ*** *(Анварӣ, 943).*
Хонаи дил *ишқ* ***ба тороҷ дод,***
Ақл *аз ин воқеа* ***бигрехтаст*** *(Хоқонӣ, 221).*

Оламеро аз ҷафои ишқи ту
Пою пешонӣ ба девор омадаст *(Анварӣ ,775).*

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологӣ, ки пояи асосии бунёдии онҳоро маҷоз ташкил медиҳад, дар шеър барои ифодаи маъниҳои муассиру нотакрор омада, ба шоирон имконият додаанд, ки ба ин восита тобишҳои маъноии вожаҳоро қавӣ гардонанд ва андешаи мавриди назари хешро ба таври муассиру нишонрас пешниҳоди аҳли сухан гардонанд.

Тавре ки маълум аст, як гурӯҳ муҳаққиқони назарияи шеър бар он ақидаанд, ки агар дар шеър маъниҳои муассиркунанда, нотакрор ва маҷозӣ мавҷуд набошад, он шеър набуда, балки назм аст. Яъне муҳимтарин хусусияти шеър ин хаёлангез будани вожаҳо аст, ки он тавассути маҷоз ифода меёбад ва тавре ки баррасӣ шуд, воҳидҳои фразеологӣ яке аз унсурҳои муҳимми маъноӣ дар забони осори манзум ба шумор мераванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов А. Основы фразеологии / А Баранов. Д.Добровольский– М.: Наука, Флинта, 2013.- 312 с.
2. Лингвистический энциклопедичекий словарь. – М: Большая советская энциклопедия, 2002.-707 с.
3. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов – Душанбе: Деваштич, 2006.-409 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ–М.:Советская энциклопедия, 1969.-947 с.

Сарчашмаҳо

1. Девони Анварӣ. Ширкати интишороти илмию фарҳангӣ. -Теҳрон 1376.-1172 с.
2. Девони Камоли Хуҷандӣ.-Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1375.-480 с.
3. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад (машҳур ба Мавлавӣ).-Куллиёти девони Шамс.- Теҳрон: Маҳорат (ҷилди 1), 1374.-748 с.
4. Куллиёти Саъдӣ (тасҳеҳ ва вироиши Козими Мутлақ).-Қум: Интишороти Асва, 1385.-896 с.
5. Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ (мутахаллис ба Ироқӣ). Куллиёти девон. – Теҳрон: Созмони интишороти Ҷовидон, 1367.- 447 с.
6. Хоқонии Шервонӣ. Девон (ба эҳтимоми Ҷаҳонгир Мансур ва бо муқаддимаи устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар). - Теҳрон: Нигоҳ,1375. -862 с.

МЕТАФОРА И ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В ЯЗЫКЕ ПОЭЗИИ

Метафора как лингвистическая категория способствует образованию целого ряда словарных категорий. Особенно данное понятие выполняет очень важную роль в языке поэзии и создает почву для обеспечения экспрессивного свойства слов. Метафора также считается одним из важных элементов формирования фразеологических единиц и играет в них созидательную роль.

Приведенные в статье примеры показывают, что в идиоматических фразеологических единицах в большинстве случаев встречается устойчивое свойство элементов, и слова состава фразеологических единиц приводятся в метафорическом смысле.

Ключевые слова: язык поэзии, метафора, экспрессивное свойство слов, фразеологические единицы, метафорический смысл слов.

METAPHOR AND PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE LANGUAGE OF POETRY

Metaphor as a linguistic category contributes to the formation of a whole number of dictionary categories. Especially this notion has a very important role in the language of poetry and creates the ground for ensuring expressive properties of words. The metaphor is also considered an important element of forming phraseological units, and plays a constructive role.

See examples show that in idiomatic phraseological units in most cases occurs sustainable property items, and the words of the structure of phraseological units are in a metaphorical sense.

Key words: language of poetry, metaphor, expressive property words, phraseological units, the metaphorical meaning of the words.

Сведения об авторе: ***Саломов М.*** – докторант Таджикского национального университета

КОРБАСТИ ГИДРОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»-И ГУЛШАНӢ

Д. Ҳомидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ яке аз симоҳои бузурги фарҳангу адаб ва илми охири садаи XIX ва ибтидои XX-ум маҳсуб ёфта, аз худ осори зиёди наср ии адабӣ ва таърихӣ боқӣ гузоштааст, ки ин осори боқимонда дорои аҳамияти зиёди илмӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Дар адабиётшиносӣ роҷеъ ба шинохти ин фарди фарҳангӣ, адибу таърихдон ва сиёсатдони давр навиштаҳои алоҳида ва парешони муҳаққиқон ба назар мерасад.

Метавон чун намуна номгӯйи чандин мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони адабиётшиносу таърихшиносро зикр намуд: Аҳмад Махдуми Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития», Муҳтарам «Тазкират-уш-шуаро», Шарифҷон Махдуми Садри Зиё «Тазкори ашъор», С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», А. Алимардонов «Нусхаи қаламии «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ», Ҷ. Нарзиев «Гулшанӣ ва «Таърихи ҳумоюн»-и ва чанде дигарон роҷеъ ба зиндагӣ ва фаъолияти адабии Гулшанӣ баёни андеша кардаанд.

Аз маълумоти эшон маълум мегардад, ки аз Гулшанӣ ғазалу қасидаҳои зиёд ва як асари наср ии адабӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ бо унвони «Таърихи ҳумоюн» боқӣ мондааст, ки номи ӯро ба сифати адибу донишманд машҳуру маъруф гардондааст.

«**Таърихи ҳумоюн»**-и Гулшанӣ дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши муайянеро доро буда, асари насрӣ маҳсуб меёбад ва соли 1910 ба муносибати 25-умин солгарди ба тахт нишастани амир Сайид Амир Абдулаҳадхон таълиф шудааст. Дар асар байтҳои ҷудогона гоҳ-гоҳ оварда шудааст ва забони асар забони тоҷикии маъмулии ҳамон давр, яъне забони муҳити илмии Мовароуннаҳри қарни XIX ва ибтидои қарни XX-ум аст. Дар воқеъ, чун асарҳои ин адибро, бахусус «Таърихи ҳумоюн»-ро кас мутолиа кунад, бешак ба забондонии ин адиби варзида бештар мутаваҷҷеҳ мегардад. Зеро дар асари мазкур нависандаи таърихнигор бо як ҷиддият пас аз сафари кӯтоҳмуддат воқеаву ҳодиса ва вазъи иҷтимоии кишвари аморати Бухороро тасвир мекунад ва ба хонанда бисёр паҳлӯҳои норавшани замони худро ошкор мекунад.

Барои намуна метавон порае аз он асар овард, ки дар ин матн чандин воқеаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ зикри худро ёфтааст: «Дар канори **баҳри Ҷайҳун** тавобеоти ин вилоят миқдори даҳ ҳазор хонавори **қабилаи тарокимаи (туркҳо) эрсорӣ** сукно доранд» (144)[1].

Ва аз ҷумлаи абнияи қадима дар ин туман ба канори шарқии **дарёи Зарафшон** ба қарибии қарияи Ҷондор ҷисми сангин аст, ки харобу боир аст, аз дарё баид афтода (56); … оби зиёдатӣ аз **дарёи Зарафшон**, аз дарёи таҳти қири **Қарокӯл** дар ин ҷо меояд (80); Дар ин туман…ба канори **дарёи Зарафшон** ба сари наҳри **Коми Абӯмуслим..** (58). …ба канори ҳар ду тарафи **дарёи Ҷайҳун** аст, ки машҳур ба **дарёи Омуя** аст (71); **Дарёи Омӯя** аз васати ин қобила ҷараён дорад ва ҷанубу шимоли инҳо рег аст (73); Аз ғайри Сарои Камар ва тавобеи Лаби оби он **дарёи Вахш** аз ин вилояти Қурғонтеппа ва Балҷувон ҷараён намуда, омада аз Қарияи Шоҳзар, ки тавобеи Қӯрғонтеппа аст, ба **дарёи Ҷайҳун** мерезад (149). Манбаи ***Оби калони*** он аз ***кӯҳи Пил*** воқеъ ба Маччӣ ва Кантала меояд ва ***Оби хурди*** онро манбаъ ба Танги Ҳарам ва Гумбулоқ омада, ду наҳри мазкур ба мавзеи Қӯшулуш, ки аз маркази ҳукумати Хузор миқдори якуним фарсах масофат дорад, ба ҳам мепайвандад ва баъд аз он **дарёи Хузор** мешавад (100).

Калон Вахш

[1] Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. - Душанбе, 2006. - 200 с. – Минбаъд саҳифаҳои ҳамин асар дар қавсайн оварда мешаванд.

Мундариҷаи «Таърихи ҳумоюн» чунин аст: **муқаддима, қасида бар васфи амир Абдулаҳад ва 8 мақола.** Дар муқаддима роҷеъ ба таърихи навишта шудани асари мазкур маълумот дода мешавад, ки қобили қабул аст ва ҳар мақолае, ки дар асар оварда мешавад, инъикосгари вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву ҷуғрофии ин ё он мавзеъ ё ба қавли муаллифи асар иёлоти Бухоро мебошад.

Тавре зикраш рафт, маълумоти «Таърихи ҳумоюн» роҷеъ ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, этникӣ ва фарҳангии охири қарни XIX ва ибтидои асри XX собиқ давлати аморати Бухоро мебошад. Муаллифи асар чун муҳити ҷуғрофии ин ё он музофоту иёлот ва ноҳияву қасабаи аморати Бухороро нишон дода, ҳамзамон ҳатман аз он ҳудуд кадом дарё ҷорист ва сарчашмаи он кадом аст, тасвир мекунад. Аз ин ҷиҳат, дар асари номбурда ҳамаи дарёҳои бузургу хурд ва чашмаву ҷӯйҳо, наҳру рӯдак, обанборҳои собиқ аморати Бухоро, ки ҳоло як ҷузъи он Тоҷикистон аст, то қадри имкон инъикоси худро ёфтаанд.

Муаллиф дар мавриди ифодаи номи дарёҳои бузурги Тоҷикистон истилоҳи дарё, баҳр, наҳр, об, рӯдҳоро истифода мебарад. Аз ҷумла, зимни истилоҳи **баҳр, дарё, наҳр, чашма, рӯд, кӯл** мавзеъҳои ба гидронимҳо мансуб дар асари номбурда зикр гардидаанд:

Баҳр. Дар канори **баҳри Ҷайҳун** тавобеоти ин вилоят миқдори даҳ ҳазор хонавори **қабилаи тарокимаи эрсорӣ** сукно доранд (144).

Дарё. Аз ҷумлаи абнияи қадима дар ин туман ба канори шарқии **дарёи Зарафшон** ба қарибии қарияи Ҷондор ҷисми сангин аст, ки харобу боир аст, аз дарё баид афтода (56). …оби зиёдати аз **дарёи Зарафшон** аз дарёи таҳти қири Қарокӯл дар ин ҷо меояд (80). Дар ин туман…ба канори **дарёи Зарафшон**, ба сари наҳри **Коми Абӯмуслим..** (58). …ба канори ҳар ду тарафи **дарёи Ҷайҳун** аст, ки машҳур ба **дарёи Омуя** аст (71). **Дарёи Омӯя** аз васати ин қобила ҷараён дорад ва ҷанубу шимоли инҳо рег аст (73). Аз ғайри Сарои Камар ва тавобеи Лаби оби он **дарёи Вахш** аз ин вилояти Қурғонтеппа ва Балҷувон ҷараён намуда, омада аз Қарияи Шоҳзар, ки тавобеи Қӯрғонтеппа аст, ба **дарёи Ҷайҳун** мерезад (149). Манбаи оби калони он аз кӯҳи Пил воқеъ ба Маччӣ ва Кантала меояд ва **Оби** хурди онро манбаъ ба Танги Ҳарам ва Гумбулоқ омада, ду наҳри мазкур ба мавзеи Қушулӯш, ки аз маркази ҳукумати Хузор миқдори якуним фарсах масофат дорад, ба ҳам мепайвандад ва баъд аз он **дарёи Хузор** мешавад (100).

Наҳр. ...**наҳри Пирмаст** ва **Султонобод** атрофи қӯрғонро иҳота намуда, ҷараён дорад (50). …ба канори ҷанубии **наҳри Ҷайҳун** воқеъ аст (4). **Наҳри Зарафшон** таҳти қири Қабилато ду бӯлак мешавад (79). Ин вилоят ба тарафи ҷануби **наҳри Ҷайҳун** воқеъ аст (81). Аз мавзеи кӯҳи Хомкон, ки он маъдани намак аст, як даҳана об омада, ба даруни кӯҳ ба дарёи Хузор мерезад… (102). **Моваруннаҳр** номи мавзеи обӣ ва номи сарзамин буда, барои ифодаи Осиёи Миёна меояд. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **моваро -** он сӯ, **-ун-** миёнванд ва **наҳр** - дарё; маъно: сарзамине, ки он тарафи дарё аст, мебошад (ФЗТ, 250).

Рӯд. …ва оби **Рӯди Хурд** ва **Рӯди Калонро** тамоман малеҳ менамояд ва илло **оби Хузор** ба мавзеи Тангиҳарам, ки аз маркази ҳукумати он чаҳору ним фарсах масофат дорад, дар он ҷо оби **Рӯди хурд** бағоят ширин аст (102). «Ба тавобеи Хузор ду наҳр аст, якеро **наҳри калон** ва **наҳри хурд**, ба истилоҳи атроки қунғурот **рӯди калон** ва **рӯди хурд** меноманд. Манбаи оби калони он аз кӯҳи Пил воқеъ ба Маччӣ ва Кантала меояд ва **Оби** хурди онро манбаъ ба Танги Ҳарам ва Гумбулоқ омада, ду наҳри мазкур ба мавзеи Қушулӯш, ки аз маркази ҳукумати Хузор миқдори якуним фарсах масофат дорад, ба ҳам мепайвандад ва баъд аз он **дарёи Хузор** мешавад (100). Аксари

иёлотҳои Бухоро ба канори ин наҳр аст. Аз ин сабаб манбаъ ва масабби ин наҳрро баён намудан холӣ аз манфиат нест. Манбаъ, яъне сарчашмаи он аз ибтидои **кӯҳи Помир,** аввали силсила-ҷиболи **Тибет** аст.



Чашма. Қасабаи Ванҷ ба тарафи шарқии Дарвоз, ба таҳти ақабаи Боми Дунё воқеъ аст ва дар он ҷониб манбаи дарёи Омӯя ва Ҷайҳун ва онро **Чашмаи Панҷ** мегӯянд, аз қуллаи шомихи кӯҳи Боми Дунё набаон менамоянд. Аз андак масофат панҷ чашма ба як ҷо ҷамъ мешавад ва ғарбан ҷараён менамояд ва онро **чашмаи Панҷ** мегӯянд ва он қасабаро **Ванҷ** меноманд, ки он муҳаррифи Панҷ аст. Оби аввали **наҳри Ҷайҳун** ҳамин аст (157). Аз сари мазори фоизуланвори қадамгоҳи ҳазрати Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳу ба қарияи **Чиҳилчашма** мебошанд (130). Оби **Чашмаи Вахшмор** низ ба сари мазори мазкур ба тарафи шарқии кӯҳи мазкур ҷараён дорад (135). Ба дараҳои кӯҳ чашмаи об бисёр дорад, мисли **Бешчашма, Булоқ** ва амсоли он бисёр аст (111).

Кӯл. Ибтидои Омӯя аз он ҷост ва масабби он, яъне ҷойи рехтани он ба **кӯли Арал** аст, ки дар миёнаи Хева ва Ҳаштархон аст» (72).

Муаллифи асари «Таърихи ҳумоюн» ба ҳамин минвол боз чандин номи дарёву наҳр ва рӯдҳо, чун **Сурхон, Ёғсу, Панҷ, Қошғар, Мурғоб, Бортанг** (Бартанг), **Ҳунт** (Ғунди кунунӣ), **Кофарниҳон, Сайроб, Чангоб** ва монанди инҳоро зикр менамояд ва дар куҷо ҷорӣ шудану аз кадом сарчашма оғоз гардидани онҳоро нишон медиҳад.

Гидронимҳое, ки дар **«Таърихи ҳумоюн»** оварда шудаанд, дорои таърихи куҳан буда, бештари онҳо имрӯз низ бо ҳамон номи пешинаашон ёд мешаванд. Ин номвожаҳои ҷуғрофӣ аз нигоҳи сохт **сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ** буда, аз нигоҳи мансубият ба забонҳои **тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ - ӯзбекӣ** мутааллиқанд.

Гидронимҳои **сода** танҳо аз як реша таркиб ёфта, дар асари мазкур миқдорашон кам аст: **Арал, Вахш, Қалуқ, Ому, Ҷайҳун, Ҳунт** (Ғунд). Аз ин гидронимҳои зикргардида **Вахш, Ому, Панҷ, Рӯд, Ҳунт** мансуби забони тоҷикӣ буда, **Ҷайҳун** мутааллиқи забони арабӣ ва **Арал** (Орол) муталлиқи забони туркӣ - ӯзбекӣ аст.

Гидронимҳои **сохта** аз реша ва **вандҳо** таркиб меёбанд ва дар асари «Таърихи ҳумоюн» чунин гидронимҳои сохта мавриди истифода қарор гирифтаанд: **Сурхон, Хузор, Кӯкча, Табан, Беклар, Бурчӣ, Контала, Қаршӣ, Бакарчӣ, Булоқ…** Аз ин гидронимҳои овардаи муаллифи асар вожаҳои **Сурхон, Табан, Хузор, Кантала** мутааллиқи забони тоҷикӣ, **Кӯкча, Беклар, Булоқ, Қаршӣ** мансуби забони туркӣ - ӯзбекӣ аст.

Гидронимҳои **мураккаб** дар асар нисбатан миқдорашон беш аст: **Ёғсу, Мурғоб, Кофарниҳон, Чангоб, Қабилато, Кетманчоптӣ, Обигарм, Чиҳилчашма, Сарчашма** ва монанди инҳо. Аз ин гидронимҳои оварда гидронимҳои **Қошғар, Мурғоб, Кофарниҳон, Сайроб, Чангоб, Санггардак, Тӯфаланг, Бешчашма, Сармеч, Обигарм, Чилучорчашма** мансуби забони тоҷикӣ буда, гидронимҳои **Гумбулоқ, Оқато, Найманбулоқ, Шӯрбулоқ, Кӯксарой, Қарокӯл, Қабилато** гидронимҳои омехта (тоҷикӣ, ӯзбекӣ-тоҷикӣ, арабӣ-тоҷикӣ) ва гидроними **Кетманчоптӣ** мансуби забони ӯзбекист.

Дар асари «Таърихи ҳумоюн» чунин гидронимҳои таркибӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд: **Дарёи Қаршӣ, Наҳри Шаҳрисабз** (Оқдарёи ҳозира - шохоби Қашқадарё), **Чашмаи Вахшмор, Чашмаи Панҷ, Ҷӯйи Навметин, Рӯди калон, Рӯди хурд, Ҳазрати Башир, Ҳазрати Султон, Қири Галаюмяндӣ, Дарёи Хузор** ва ғайраҳо. Гидронимҳои таркибӣ бештар дар қолаби ибораороии омехта ташаккул ёфтаанд ва

ҷузъи асосӣ тоҷикӣ ва ҷузъҳои тобеъ туркӣ-ӯзбекӣ, арабӣ мебошанд, ки ин қолаб дар калимасозии забони тоҷикӣ хеле маълум аст.

Бояд гуфт, ки дар ташаккули гидронимҳои «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ анҷомаҳои (топоформантҳо) гидронимсози тоҷикӣ, туркӣ, арабӣ, чун **об, чашма, сарой, су, кӯл, ғар, ато, булоқ (бӯйлох),наҳр** ва ғайра нақши созгор доранд ва ин анҷомаҳо анҷомаҳои гидронимсози маънои луғавидошта мебошанд**:**

Об (Чанг+об, Мурғ +об): **Чангоб** номи деҳа ва дарё дар мавзеи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **чанг** - тоҷикӣ, гард, хира ва **об** – дарё тоҷикӣ таркиб ёфта, далолат ба хира будани оби дарёро мекунад.

Мурғ

об

Чанг

Чашма. (Чилучор+ чашма, Сар+чашма): **Чилучорчашма** номи мавзеъ дар мавзеи Шаҳритуси вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **чилучор** - тоҷикӣ, адад ва **чашма** - ҷойи ҷӯшидани об аз зеризамин ва равон шудани он таркиб ёфта, мавзеи дорои чилучор чашма аст**;**

Сарчашма номи мавзеъ дар мавзеи Тоҷикободи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **сар** - тоҷикӣ, оғоз ва **чашма** - ҷойи ҷӯшидани об аз зери замин ва равон шудани он (ФЗТ, Ҷ.2, 675) таркиб ёфта, мавзее, ки дар оғози чашма қарор дорад, мебошад.

Чиҳил

чашма

Сар

Дар «Таърихи ҳумоюн» ғайр аз дарёҳову наҳрҳо боз кӯлу чашмаҳо ва ҷӯйҳои дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза воқеъбуда аз тарафи муаллифи асар инъикоси худро ёфтаанд. Ҳоло номи чанде аз он кӯлу чашмаҳоро зикр менамоем: **Найманбулоқ, Сармеч, Оқато, Бешчашма, Кӯксарой, Қарокӯл, ҷуйи Навметин, Сайроб, Бакарчӣ, Булоқ, Сарчашма, Обигарм, чашмаи Вахшмор, Чиҳилчашма, чашмаи Панҷ…** Дар асар дар куҷо воқеъ ва манбаи кадом дарё будани чашмаҳо, кӯлҳо нишон дода шудааст.

Умуман, истифодаи гидронимҳои Тоҷикистони муосир дар **«Таърихи ҳумоюн» -и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ** мусоидат бар он аст, ки барои боз ҳам ҷолибтару пурратар инъикос кардани ин ё он ҳудуди собиқ давлати аморати Бухорои охири қарни XIX ва ибтидои асри XX хидмат намудаанд. Аз рӯйи маълумоти ин асар бештари гидронимҳои овардаи муаллифи асар дар тӯли таърих аз нигоҳи сохт то андозае ба тағйирот дучор гардида бошанд, баъзеашон бо баъзе шакливазкунии зоҳирӣ то замони мо расидаанд.

Асари **«Таърихи ҳумоюн»** чун сарчашмаи боэътимод дар омӯзиши гидронимҳо ва умуман, дар омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофии Тоҷикистони муосир хидмат хоҳад намуд. Зеро муаллифи асар ҳар далелу рақами овардаи хешро дар асоси сафар кардан ба ин ё он мавзеи собиқ аморати Бухоро, ки ҷузъи он Тоҷикистони муосир аст, меорад ва онро ташреҳ медиҳад, ки хеле ҷолиб аст. Дар айни ҳол «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ чун дигар осори таърихӣ сарчашмаи боэътимод дар номшиносии тоҷикӣ маҳсуб меёбад ва барои ошкор кардани номвожаҳои таърихӣ хидмат хоҳад намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ - Душанбе, 1995. - С. 82-110.
2. Луғати тафсирии в таджикском языке: монография /В. А. Ливщиц В. А. – Душанбе, 1967. - С. 68-70.
3. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ /О. Маҳмадҷонов – Душанбе, 2004.- С.19.
4. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ /Н. Офаридаев – Душанбе, 2001. - С.125.
5. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборник статье / А. Л. Хромов - Душанбе, 1978.- С. 39.

6. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ /Д. Ҳомидов -Душанбе, 2002.- 104 с.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ГИДРОНИМОВ ТАДЖИКИСТАНА В «ТАРИХИ ХУМОЮН» ГУЛШАНИ

В данной статье рассматривается степень употребления гидронимов Таджикистан как исторических топонимов региона Центральной Азии. Автор статьи стремится показать именно эту особенность гидронимов Мовароуннахра и повергать научному анализу географические названия с лексемой об «вода» и её синонимами.

Ключевые слова: гидронимы, топонимы, таджикский язык, суффикси, форманти, топофоманты, вода, река, ручей, бассейн, иранские языки, родник, колодец, структура, сложный, составной, выражение-гидронимы и т.д.

LINGUISTIC RESEARCH HUDRONYMS OF TADJIKISTANA OF «HISTORII HUMOYUN» GULSANI

This article is devoted to the linguistic research of hydronyms Chagonruda as an ancient toponyms of Central Asian region.The author of the article tries to show particular this feature of hydronyms of Chagonruda and paralyze scientific analysis of geographical names with the token "water" and its synonyms.

Key words: Hydronim, toponim, Tajik language, structure word, word expression, water, river, Iran language, spring, structure, compound, complex, expresions of hydronim.

Сведения об авторе: ***Д. Хомидов*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии ТНУ. Телефон: **(+992) 918 - 19 - 23 - 8 0.**

ЛИНГВОСТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕКСТОВ СОВРЕМЕННЫХ ТАДЖИКСКИХ СМИ В АСПЕКТЕ ФАКТОРА АДРЕСАТА

М. Р. Джураева
Таджикского национального университета

По мнению академика В.Г.Костомарова, для всех массмедийных текстов актуальна задача «удержания аудитории», причем аудитории массовой и при неограниченной тематике. Наиболее простой способ захватить её внимание – быть назойливым, постоянно присутствующим и оттого уже общественно важным, смешивать важное и забавное, постоянно воздействовать на разум и чувства, не ограничиваясь при этом ни определенной тематико-содержательной сферой, ни узкой средой общения [1].

Сообщения массовой информации «беззапросны»: они даются получателю вне диалогового режима, без запроса или разрешения со стороны получателя. Эти тексты предназначены для того, чтобы регулярно и оперативно сообщать получателю сведения о текущих событиях, о положениях дел в какой-либо области. Стремясь заинтересовать получателя информации, вовлечь его в события духовно, подготовить при необходимости к включению в массовые действия, СМИ так подбирают и комментируют материал, чтобы он был привлекательным, вызывал внимание и любопытство.

Автор публицистического текста обязательно должен учитывать фактор адресата. Читатель в публицистике – это зеркало, в котором отражается автор. Моделируя образ читателя, автор моделирует (или корректирует, трансформирует) и свой собственный образ, ставя себя на место читателя, но не отождествляя себя с ним полностью.

Степень близости с читателем – важнейшее качество автора-публициста. Для читателя очень важно знать, что автор – один из многих, такой же как он. Это резко усиливает убедительность публицистического текста, его воздействующий потенциал [4, 27].

Одна из задач автора публицистического текста – «приближать и заинтересовать адресата. Одним из средств, позволяющих добиться этого, является апелляция к адресату – обращение к читателю (слушателю), имеющее особый доверительный характер [2, 18].

Средством аппеляции может быть вопрос, на который автор даёт ответ, а также вопрос, остающийся без ответа, потому что ответ подразумевается или наоборот, неизвестен, то есть риторический вопрос:

Наход шумо он ҳафтод солеро, ки мову шумо зери як осмон зиндагӣ мекардем, як ватан доштем, ки номаш СССР буд, фаромӯш карда бошед? (*Адабиёт ва санъат. 1.04.10: 10). (Неужели Вы забыли те семьдесят лет, когда мы жили под одним небом, имели одну родина, которая называлась СССР?)*

Автор может употреблять местоимения *мо, шумо (мы, вы)* объединяя себя и читателя:

Бо умеде, ки насими тозаи суҳдам қалбҳои моро пур аз фараҳ сохтаву дар вуҷуди мо поктарин эҳсосотро бедор месозад, барномаи имрӯзаи субҳгохии «Ораз»-ро ба анҷом мерасонем, «Ораз» буд пайгири ҳаёти ***мову Шумо****. То барномаҳои дигар! («Ораз» ТВ «Сафина»: 2012)В надежде, что свежесть утреннего дуновения наполнит наши сердца радостью и пробудит в нас самые добрые эмоции, (мы) заканчиваем сегодняшнюю утреннюю программу «Ораз». «Ораз» идет по следам нашей с Вами жизни. До следующих программ!*

Свое отождествление с адресатом автор публицистического текста может изъявлять также с помощью вежливых обращений, а также выражений, объединяющих его и слушателя в одну группу: *Барои ҳамаатон ман роҳи сафед орзу мекунам, барор ва комёбӣ,* ***ронандагони азиз, бародарону хоҳарон****!* ***Биёед,*** *қоидаҳои ҳаракат дар роҳро риоя мекунем.* ***Биёед,*** *кӯдаконро низ ба мошинҳои худ савор мекунем, ки агар онҳо ҳатто пул надошта бошанд ҳам, зеро онҳо додаракону хоҳаракони моанд, ояндаи Тоҷикистонанд.* ***Биёед,*** *кӯмак мекунем, ки воқеан қоидаҳои ҳаракат дар роҳро риоя кунем, чун сокини шаҳр ҳастем…* ***Биёед,*** *кӯшиш мекунем, якдигарро эҳтиёт кунем дар роҳҳо* («Субҳи Ватан», радио «Ватан»: 9.11.12) – *Я желаю всем Вам счастливого пути, успехов и удачи, дорогие водители, братья и сестры! Давайте будем соблюдать правила дорожного движения. Давайте, будем сажать детей в свои машины, даже если у них нет денег, ибо они наши маленькие братья и сёстры, они – будущее Таджикистана. Давайте, поможем и будем соблюдать правила дорожного движения, так как являемся жителями столицы. Давайте, будем стараться оберегать друг друга на дорогах.*

Все эти средства позволяют автору «приблизиться» к адресату, завоевать его доверие и убедить в правильности своей точки зрения.

Для массовой коммуникации характерна не только массовость аудитории, но и своеобразная «массовость», коллективность инициаторов, отправителей информации. Обычно это некоторая структура, институция (редколлегия, радиовещательная станция, телекомпания), даже если она представлена неким лицом – редактором, диктором, комментатором, ведущим.

В свое время развивалась теория, что в массовой коммуникации общаются между собой не люди посредством структур, а структуры посредством людей: не имея возможности обсудить информацию с инициатором, получатели обсуждают её в своей социальной структуре (с соседями, в рабочем коллективе, на уличном митинге). При выдвижении функции воздействия в ущерб функции информации процесс передачи оказывается важнее передаваемого смысла и порождает в читателе или слушателе лишь желание продолжить сам процесс с тем, чтобы проверить прочтенное или услышанное обсуждением его с доверенными лицами и тогда уж действительно его воспринять, причем, возможно, с точностью, да наоборот (1: 192).

Радийные и телевизионные тексты, так же как и газетная полоса, демонстрируют чередования информации и комментария, телефонных звонков в студию, серьёзных сведений и чисто развлекательных высказываний. При этом информация иллюстрируется по возможности звуковым и зрительным сопровождением, цветом. Теоретики всех СМИ пишут о взаимодействии «новостей и мнений» как главной черте, отражаемой в языке современных средств массовой информации.

Надежная устойчивость канала связи, одновременное воздействие на разум и чувства адресата достигается переплетением автоматизированных средств выражения и их экспрессивного сопровождения. Их чередование, разное качество по видам и жанрам в целом ориентированы на упорядоченное регулярное совмещение стандартизованных и экспрессивно нагруженных слов и конструкций.

По словам В.В.Прозорова, журналистский текст не имеет границ в привычном смысле, не имеет ни начала, ни конца. Он в принципе нескончаем и калейдоскопичен, представлен веерным множеством разножанровых фрагментов каждый из которых относительно самостоятелен. Текст как бы обвалакивает своего получателя, достигая необходимого эффекта непрерывных, больших и микроскопических, захватывающе прочных и едва удерживаемых сознанием откровений и открытий. Текст организуется так, чтобы у адресата постоянно сохранялось ощущение и убеждение: продолжение обязательно последует. За этим номером газеты завтра утром – другой, как это было раньше, как это бывает «всегда»; за этим фрагментом радио или телепередачи появятся другие, не менее интересные. *Только оставайтесь с нами* (3: 70-71).

При тематическом разнообразии и при разном акцентировании одной и той же темы, при разных мнениях и оценках в разных программах – даже чисто информационных программах типа «Ахбор», «Навид» - слушатель и зритель всегда может выбрать то, что

ему по вкусу. Это порождает дополнительные трудности, связанные с завоеванием «своей» аудитории путем создания некой индивидуальности, особой притягательности.

Но очевиднее то общее, что свойственно массово-коммуникативному процессу в целом. В содержательном плане это информационная оперативность и полнота освещения основных событий текущего момента. В плане техническом, конструктивном эта задача сводится к обеспечению наличия аудитории, возбуждение ее интереса, без которого связь будет неустойчива. При всем старании иметь «свою» аудиторию она всегда остается неопределенной, непредсказуемой, именно массовой и внутренне разнородной по интересам, возрасту, полу, образованности, убеждениям, настроению. Тут вдвойне необходимо добиться внимания аудитории самим процессом общения, прибегая к попеременной на кратких отрезках смене содержания, разнообразию тематики сенсационности, а главное – перебивам собственной информации экспрессивными оценками, различными «ловушками» внимания [2, 21]. В этом плане очень важно подчеркнуть роль главного требования средств массовой информации: *Оставайтесь с нами!* Ведущие программы «Ораз» (Лицо, Лик) и «Як соат» (Один час) часто выражая положительную вежливость, пользуются языковыми выражениями солидарности, включением зрителей в одну группу с говорящим. Например:

1. Бинандагони азиз! Намоиши «Як соат» аст тақдими шумо! *Бо мо бимонед* (Як соат.2012) – Дорогие зрители! Программа «Як соат» предоставляется вам. *Оставайтесь с нами!* (Як соат. 2012)

2. Ва ин навбат ҳакикати яке аз асрорхои табиат пешкаши шумост. *Тамошо мекунем, бахши «Як хакикат»* (Як соат. 2012) – А теперь представляем вашему вниманию истину одной из тайн природы. *Смотрим, рубрика «Як хакикат» (Одна истина»)*

3. Агар сахифахои мо ба бинандагон писанд омаданд, мо хушхолем. *Бо мо бимонед ва зиндагиро аз назари дигар хохед дид* (Як соат.2012). - Если наши рубрики понравились нашему зрителю, мы счастливы. *Оставайтесь с нами и жизнь для вас покажется прекрасной.*

4. Бехтараш бо хам мебинем (Ораз. 2012) *–Давайте лучше посмотрим вместе.*

5. Дӯстони азиз! Бахши навбатии мо оид ба фаъолияти равшанзамирон маълумот хохад дод. *Бо мо бошед! Моро тарк накунед!* (Ораз. 2012) –Дорогие друзья! Наша следующая рубрика расскажет о деятельности незрячих. (равшанзамир – дословно - человек со зрячей душой, в переносном значении – человек с чистой душой, с чистыми помыслами, умный) (5, с. 113) *Оставайтесь с нами! Не покидайте нас! (равносильно с выражением «не переключайтесь»)*

Все эти средства позволяют автору «приблизиться» к адресату, завоевать его доверие и убедить в правильности своей точки зрения. В этом плане так же стоит отметить использование огромной вежливой и уважительной лексики в ситуации представления собеседника непосредственно в эфире, приветствия, для выражения субъективного отношения, прощания и других речевых ситуациях.

Тексты СМИ пользуются, без каких либо ограничений, любыми ресурсами языка и неязыковыми возможности выражения, но с обязательным осуществлением «созидающего взрыва», обеспечивающего надежность и устойчивость каналов связи. Чередование новостей и упрощенчества, научности и развлекательности может выходить далеко за пределы языка. Например, *Субҳ ба хайр, шунавандагони азиз, субҳ ба хайр! Огози як субҳи дигар, як рузи дигарро бароятон табрик мекунам ва шуморо даъват мекунам ба шунидани барномаи «Субҳи Ватан» Умедворам, ки аз субҳ рӯҳатон болида аст ва иншооллоҳ баъдтар боз ҳам болида хоҳад буд, барои ки ман хабару иттилооти гуногунро бароятон пахш мекунам, барои он ки ман кӯшиш мекунам бо забони Шумо сӯҳбат кунам, барои он ки мо бахшҳоро аз рӯйи хоҳиши Шумо пешниҳод мекунем ва ҳамчунин сурудҳо низ аз рӯйи дархости Шумо пешниҳод мешаванд, тартиби ҷобаҷогузории бахшҳо низ дар салоҳдиди Шумо аст. Хуб хулоса, ки ҳама чи инҷо барои Шумо аст. Марҳамат занг бизанед, СМС бифиристед, ширкат кунед, соҳиби тӯҳфа шавед***.*** (Субҳи Ватан» радио «Ватан»: 2.11.12) – Доброе утро, дорогие радиослушатели, доброе утро! Поздравляю Вас с началом еще одного нового утра, еще одного нового дня и приглашаю Вас к просушиванию программы «Субњи Ватан» (Утро Родины). Надеюсь, что с утра у Вас хорошее настроение и дай Бог, еще улучшится, потому что я буду вещать для Вас разные новости, потому что я буду стараться говорить на Вашем языке, потому что рубрики тоже мы будем представлять по Вашему желанию, а также песни тоже будут звучать по Вашим заявкам, чередование наших рубрик тоже оставляем в Вашей компетенции. Словом, здесь все - для Вас. Пожалуйста, звоните, присылайте СМС, участвуйте и выигрывайте призы.

Важно только не забывать о главном требовании современных текстов средств массовой информации: *Бо мо бимонед!* (*Оставайтесь с нами!),* в импровизации которых наши журналисты не отстают от своих коллег радио- и телеканалов других стран.

Например: *Ташаккур мегӯям, аз кӣ мехоҳед суруд бишнавед? Дур наравед* - *Благодарю Вас, от кого хотите услышать песню? Не уходите далеко* (радио «Ватан», передача «Субҳи Ватан»: 9.11.12).

В данном примере требование «Оставайтесь с нами» выражается с помощью конструкции *Дур наравед (Не уходите далеко, не отходите от нас - соответственно - Оставайтесь с нами)*. Опираясь на опыт газет, изначально стремившихся сделать из читателей «собеседников» посредством рубрик *«Ба мо менависанд» (Нам пишут и По следам наших выступлений)* новейшие средства все шире внедряют «звонки в студию», прибегая к прямому вовлечению радиослушателя:

Марҳамат занг бизанед, табрик мекунам ҳамаи онҳоеро, ки ҳамин рӯз санаи таваллуд доранд, хушбахтӣ, хонаободӣ орзу мекунам. Ин сурудро монам, ки шумо аз «Ватан» дур наравед («Субҳи Ватан», радио «Ватан»: 9.11.12), *Пожалуйста звоните, поздравляю всех, у кого сегодня день рождения, желаю счастья, благополучия. Пожалуй поставлю эту песню, чтобы Вы не уходили далеко от «Ватан».*

-приглашению на телешоу и другим более или менее изобретательным приёмом:

«Ораз» бошад ин навбат пайгири муждаҳои неки шумост. Албатта мегӯем: бо мо будanро фаромӯш насозед, зеро «Ораз» пайгири ҳаёти мову шумост (ТВ «Сафина» программа «Ораз»: 28.08.12). *(И опять «Ораз» идет по следам Ваших добрых вестей. Конечно же говорим: не забывайте оставаться с нами, так как «Ораз» идет по следам нашей с Вами жизни.*

Однако только Интернет пока достаточно искусственно создаёт реальные условия непосредственного общения: интернет-чаты, приближающие к собственно разговорным текстам, по многим параметрам все же отличаются от живого личностного общения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

6. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи. Из наблюдения над речевой практикой масс медиа. Издание третье, испр. и доп. Спб., 1999. 320с.
7. Пахомова И.Н. Новые явления в русском речевом этикете: на материале средств массовой информации. Дисс. на соискание уч. ст. канд.фил.наук. – Москва, 2008
8. Прозоров В.В. Коммуникативные стратегии в филологии и журналистике. – Москва, 2005
9. Солганик Г.Я. Язык современной публицистики: сб. статей. 2-е изд, испр. М, 2007. 232 с.

ЛИНГВОСТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕКСТОВ СОВРЕМЕННЫХ ТАДЖИКСКИХ СМИ В АСПЕКТЕ ФАКТОРА АДРЕСАТА

СМИ подбирают и комментируют материал так, чтобы он был привлекательным, вызывал внимание и любопытство. Автор публицистического текста обязательно должен учитывать фактор адресата. Читатель в публицистике – это зеркало, в котором отражается автор. Моделируя образ читателя, автор моделирует и свой собственный образ, ставя себя на место читателя. Степень близости с читателем – важнейшее качество автора-публициста. Для читателя очень важно знать, что автор – один из многих, такой же как он. Это резко усиливает убедительность публицистического текста, его воздействующий потенциал.

Ключевые слова: фактор адресата, публицистика, СМИ, читатель, адресат, автор-публицист.

LINGUISTIC AND STYLISTIC FEATURES OF MODERN TAJIK MASS MEDIA TEXTS IN ASPECT OF THE FACTOR OF ADDRESSEE.

Mass media select and comment material by that way, in order to make it attractive, let it cause attention and curiosity. The author of the publicistic text surely has to consider a factor of the addressee. The reader in journalism is a mirror the author is reflected in. Modeling an image of the reader, the author models his own image too, putting himself on the place of the reader. Proximity degree with the reader – the most important quality of the author-publicist. For the reader it is very important to know that the author – one of many people is a same like he. It sharply increases persuasiveness of the publicistic text and it's influencing potential.

Keywords: factor of addressee, journalism, mass media, reader, addressee, author-publicist

М. Р. Джураева *- д*окторант Таджикского национального университета.**E-mail:** light_angel-65@mail.ru

ҚАБАТҲОИ ЛЕКСИКИИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ САРИКУЛӢ

Кабиров Хуршед
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Захираи луғавии ҳар як забон баёнгар ва чун оинаи тамомнамо инъикоскунандаи таъриху сарнавишти соҳибонаш мебошад. Ба ифодаи дигар, ба асоси таркиби луғавӣ, яъне олами вожагон мо метавонем, ки роҳи тайкардаи ҳар як халқу миллатро, таҳаввули мусбату манфӣ, такомулу ташаккул ва ё таназзули онро дар масири таърих муайян намоем, зеро забон ҳамқадами соҳибонаш буда, маҳз аз ҳамин рӯ, забонро падидаи иҷтимоӣ меноманд.

Дар ҷаҳон ягон забонеро наметавон ном бурд, ки барои комилан ифода намудани тамоми мафҳуму ашёҳои мавриди ниёзаш вожаву истилоҳоти таркиби луғавии худаш басанда бошаду аз забонҳои дигар иқтибос нагирад ва забони тоҷикони Чин, яъне забони сарикӯлӣ низ аз доираи ин падидаи забонӣ истисно нест.

Тавре ки маълум аст, иқтибоспазирӣ бо ду роҳ: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ сурат мегирад ва ҳар ду навъи мазкур ба забони тоҷикони сарикӯлӣ ҳам хос мебошад.

Забони тоҷикони сарикӯлӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ мансуб аст, чун ҷазира дар иҳотаи забонҳои ғайриэронӣ, яъне забонҳои туркӣ-муғулӣ (уйғурӣ, қирғизӣ, чиғатоӣ, қазоқӣ), хитоӣ ва ғ. қарор дорад. Аз ҷониби дигар, ин забон дар тӯли асрҳо аз таъсири забонҳои ғарбии эронӣ (тоҷикӣ) ва забони арабӣ низ дар канор намондааст. Аз ин рӯ, қабатҳои лексикии таркиби луғавии забони сарикӯлӣ хеле рангоранг ва мухталиф буда, бо дарназардошти миқдори калимаҳои иқтибосӣ гурӯҳҳои лексикии онро аз нигоҳи мансубияти забонӣ ба чунин фаслҳо ҷудо намудан лозим меояд:

а). Лексикаи эрониасл (тоҷикӣ). Дар таркиби луғавии забони мазкур як силсила вожаҳое ба назар мерасанд, ки онҳо умумиэронӣ буда, лекин аз ҷиҳати савтӣ (талаффуз) ба тағйироти назаррас мувоҷеҳ шудаанд.

Чун ба забони тоҷикони ин минтақа дар давраи навин осори хаттӣ вуҷуд надорад, бинобар ин дар хусуси меъёри забони адабӣ ва шакли дурусти вожаҳои мавриди назар ҳукме баровардан ғайри имкон буда, натиҷаву хулосаҳое, ки иброз мешавад, такя ва бар пояи нутқи шифоҳии тоҷикони минтақаи мазкур мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки дар забони тоҷикони Чин вожаҳои эрониасл, мисли забонҳои дигари помирӣ ва ҳатто шеваҳои ҷанубии Тоҷикистон, ҳамсадоҳои ҳалқии **х** ва **ъ** аз талаффуз меафтанд. Чунончи:

awli-ҳавлӣ
afta-ҳафта
awu-ҳаво
azur-ҳазор
astā-оҳиста
naang-наҳанг ва ғ.

(Чун ҳамсадои **ъ** хоси забони арабист, бинобар ин оид ба ҳамсадои мазкур мисолҳо дар бахши вожаҳои арабӣ оварда хоҳад шуд).

Вижагии савтии дигаре, ки ба забони тоҷикони ин минтақа хос аст (ин вижагӣ ба шеваҳои аксари тоҷикон низ тааллуқ дорад), бадалшавии садоноки **о** ба садоноки **у** мебошад. Чунончи:

binu-бино
nudun-нодон
arzun-арзон
buzur-бозор
nuk-нок
šamul-шамол
dumud-домод
barubar-баробар
sawqut-савғот
xuna-хона
našput-нашпотӣ ва ғ.

Вижагии хосси фарқкунандае, ки дар забони тоҷикони Чин ба мушоҳидаи мо расид, ин аст, ки дар бисёр вожаҳо ба ҷойи садоноки **о** садоноки **а** талаффуз карда мешавад.

kulčā-кулча
lāng-ланг
maskā-маска

nabirā-набера
naɣmā-наѓма
malāx-малах
pišā-пашша

Дар баъзе калимаҳо бошад, овози **о**-ро овози **а** иваз менамояд. Масалан:

barun-борон, barik-борик, čapati- чапотӣ ва ғ.

Дар таркиби луғавии забони тоҷикони сарикӯлӣ воҳидҳои луғавие ба назар мерасад, ки аз аҳди бостон дарак медиҳанд ва аз мабдаи забонҳои эронӣ маншаъ гирифтани забони сарикӯлиро собит менамоянд. Чунончи: pus//pis-писар, nabus-нависа, čabira-чабера, spidbun-муйсафед, šang//šan-хона,ҷой.

Бояд қайд кард, ки дар забони мазкур муродифи вожаи муйсафед калимаи қадимаи spidbun мустамал буда ва он аз ф.қ spaita> sped> isped // safed ва вожаи bun, ки аз ҷумла маънои реша, бех, асос ва бунёдро ифода мекунад [Афшор, 221], ташаккул ёфтааст.

Вожаи ***шан,*** ки муҳаффафи **шанг**и форсии қадим аст (муроҷиат шавад ба решаи Ҳушанг), дар форсии бостон **хон**а, **ҷой**ро ифода мекард (гулшан-хонаи гул, шани занбури асал ва ғ., ҳоло ҳамчун пасванди маконсоз мустаъмал аст).

Шояд бо мурури замон ва ё бо сабаби аз забонҳои ҳамреша дур афтодани забони сарикулӣ бошад, ки тафовути маъноии баъзе калимаҳо дар қиёс бо забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасад.

Чунончи, вожаи ***бахил*** дар забони тоҷикӣ нисбат ба шахси мумсику нотавонбин корбаст мешавад, аммо дар забони сарикӯлӣ он ба маънои заифу суст, нотавон мустаъмал аст.

Ё калимаи avqāt (авқот), ки шакли дурусти он aqvāt (аз қутти лоямут) хӯрданӣ буда, дар забони тоҷикӣ ҳамчун ғизо, хӯрок роиҷ аст, аммо дар забони сарикӯлӣ он бар ифодаи дороӣ, амвол дар истеъмол мебошад.

Калимаҳои ayāš –ҳамсари дӯст, čatāg- саҳву хато, dil-руҳу андеша, ɣaribi- ғаму бадбахтӣ низ аз рӯйи ифодаи маъно аз забони тоҷикӣ тафовут доранд.

Бо вуҷуди тафовути андаке, баръакс як силсила вожаҳои омиёнае (халқӣ-гуфтугӯйи) дар забони тоҷикони ин минтақа вомехӯранд, ки онҳо бо ҳамон маъно, хусусан дар забони омиёнаи тоҷикони қисмати ҷануби Тоҷикистон дар гардишанд:

bičak// čapiš(ak)- бузғолаи то яксола
albasti-ҷодугар, ҷин
burzangi-ҷин, махлуқи девсират, даҳшатнок
buna-оила, хоҷагӣ
dar (r)aw-зуд, фавран
nalat-лаънат
ziq-ғамгин
zardak-сабзӣ, бехӣ
xusur-падararӯс
čapoti-нони тунук
awrat-ҷинси зан
bačkač-тифлакони оила
čakan-либоси гулдӯзишуда
ɣažd-ифлос (ғайҷӣ)
adl-рост(нисбат ба нишону ҳадаф). Адл(рост) дар пешониаш зад)
bisut-амволи хона
kaštaluk– гиребон. Дар забони Сарикӯлӣ ба маънои гарданбанд (шарф) ва миёнбанд (камарбанд) мустаъмал аст.

б). Лексикаи арабӣ. Дар таркиби луғавии забони тоҷикони Чин, чун дигар забонҳои эронии Мовароуннаҳру Хуросон, вожагони арабӣ аз лиҳози миқдор дар мақоми аввал қарор доранд.

Чун сухан дар хусуси таҳаввулу такомули забони порсии дарӣ равад, яке аз сарчашмаҳои пурфайзи онро дар таъсиру нуфузи муттасили забони арабӣ мебинем, ки ин ба исломпазирии мардумони эронинажод вобаста буда ва ин нуктаро донишмандони мумтози эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ низ чунин таъкид менамояд: «Таъсири забони арабӣ, ки дар ин замон, дар таи се қарн–аз авоили қарни чаҳорум то авоили қарни ҳафтум…ҳамчунон забони фарҳангии кишварҳои исломӣ шумурда мешуд, албатта, дар дараҷаи аввал буд» [Хонларӣ, 153].

Воқеан, ғосибони араб баъди тасхиру ба хилофати худ ҳамроҳ кардани Хуросону Мовароуннаҳр сиёсати паҳн ва ҷорӣ намудани дини ислом ва забони арабиро пеш гирифта, ин сиёсат то ҳадде расида буд, ки онҳо, тибқи маълумоти Абӯбакр Муҳаммади Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», «Бори чаҳорум Қутайба ҳарб

карда шаҳрро гирифт ва баъд аз ранҷи бисёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили эшон бинишонд ва ба ҳар тариқ кор бар эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир, ба ботин бутпарастӣ мекарданд. Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухоро фармуд, то як нима аз хонаҳои худ ва манзилҳои худро ба аъроб доданд, то аъроб ба эшон махлут бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд» [Ғафуров, 138]. Ҳамин тариқ, аз як тараф, бо роҳи фишору зӯрӣ дини ислому забони арабӣ интишор меёфт, аз ҷониби дигар, роҳи ҳавасмандкунӣ ва имтиёзро арабҳо роҳандозӣ менамуданд. Аз ҷумла, ба ашхосе, ки исломро қабул карда буданд, ҳатто пул медоданд ва ба ашхосе, ки исломро пайравӣ намекарданд, аз онҳо ҳар сол ҷизя мегирифтанд. Албатта, ин тадбиру иқдомҳои арабҳо барои паҳн шудани дини ислом ва забони арабӣ дар Осиёи Миёна мусоидат менамуд [Ғафуров, 1998, I, 423].

Бояд зикр кард, ки амалиёти забткории аъроб ба сӯйи шарқ идома ёфта, қадами эшон то Туркистони Шарқӣ низ расида буд. Чунончи, «Соли 751 бошад, ҳокими музофоти Анси (марказаш дар Кӯчаи Синзян буд) Ган Сян –чжи бо армияи 30-ҳазорнафара аз кӯҳҳои Тиёншон гузашта, ба лашкари арабҳо даровехт. Вале дар муҳорибаи назди Талас ба нокомӣ дучор омада, қисме маҳву асир ва қисми дигараш ноилоҷ қафо гашт.

Баъди итмоми амалиёти ҷангӣ лашкариёни араб ба ватан барнагаштанд. Шояд барои он ки аксарият ба занони хитоӣ хонадор шуда буданд, ё сабаб он буд, ки аз таҳқиру маломати ҳамватанон (барои истеъмоли гӯшти хук) нарафтанро авло шумориданд. Бо вуҷуди ин ҳар яке ба оини хеш содиқ монд. Мутаассифона, дар бораи шумораи аввалаи онҳо маълумот мавҷуд нест. Аз рӯйи асноди гуногун теъдоди эшон аз чор то сад ҳазор мерасид» [Шарифов, 2001, 55, 58].

Ҳамчунин олими рус А. М. Решетов низ ақида дорад, ки: «Ҷараёни тавлиди қавми дунган ба асрҳои XII-XIII, айнан ба замоне рост меояд, ки он дам Хитой бо Осиёи Миёна ва олами тоҷику форс ҳамаҷониба ва ба таври васеъ дар тамос буд. Маҳз дар ҳамон давра аз никоҳи тоҷирону воизони мусулмон бо хитойдухтарон ва таблиғоти эшон насле арзи вуҷуд намуд, ки аз лиҳози дин аз оммаи хитоиён фарқ дошт ва ба худ номи дини нав қабулкардааш хуэй (мусулмон)-ро гирифт» [Шарифов, 2001, 57].

Ҳамин тариқ, интишор ва тадриҷан нуфуз пайдо кардани дини ислом дар ин минтақа боиси дар таркиби луғавии забони мардумони ин сарзамин, аз ҷумла дар таркиби луғавии забони тоҷикони Чин, ба миқдори зиёд мавқеъ пайдо намоянд.

Сабабу омилҳои асосии ба таркиби луғавии забонҳои эронӣ ворид гардидани калимаву ибораҳои арабиро донишманди шаҳир Носирҷон Масъумӣ ба кӯшишу тамаллуқкорӣ ва дарёфти манфиатҳои шахсии аристократсияи маҳаллӣ, тарҷумаи осор ва таълифи осори илмӣ ба забони арабӣ тадриҷан нуфуз пайдо кардани дини ислом ва дар ҳамин замина тадрис ва ҳифз намудани оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ва ғ. вобаста медонад [Масъумӣ, 131-141], ки ин ҳукм ба забони тоҷикони ҳавзаи Шинҷон низ тааллуқ дорад.

Аз ҷониби дигар, интишору густариши дини ислом дар ин минтақа, ки чун Бухорои Хурд шинохта мешуд, мубаллиғону паҳнкунандагон ва мусулмонкунонии мардумони турку тоҷики он ҷо, асосан, аз тарафи уламои динии осиёимиёнагӣ амалӣ мешуд ва ин равандро муҳаққиқи эронӣ Саидмуҳаммад Дабири Саёқӣ низ таъкид намудааст, ки «…ислом чи аз сӯйи мағриб ва чи аз сӯйи дарё (уқёнуси Ҳинд мадди назар аст-К.Х.) ва машриқ бар боли забони форсӣ ба Чин расидааст ва аз ин ҷост, ки гузашта аз номи намозҳои панҷгона, ки ба форсӣ аст: намози шом, намози хуфтан, дастурул- амали муқаддамоти намоз аз қабили нияти вузӯъ ва нияти ғусл ва дуоҳои махсус… ва ғайра ҳама ба форсӣ аст ва то ин замон низ барқарор аст» [Саёқӣ, 26].

Тадриҷан нуфузу густариши дини ислом то ҷое расид, ки «Алҳол дар Хитой тибқи маълумоти расмӣ (далелҳо аз рӯзномаи «Народная газета», аз 26.04.2001) 18 млн мусулмон аст. Ба ин дин аҳли 10 миллат–уйғурону дунганҳо, қазоқону қирғизҳо, тоҷикон, муғулон (қавмҳои дунсян ва баоан), пантайҳо, солорҳо ва ғайра эътиқод доранд. Дар мамлакат 30 ҳазор имому муллоён фаъолият мебаранд» [Шарифов, 2001, 64]. Зимнан бояд зикр кард, ки масҷидҳо аз тарафи давлат эъмор гардида, рӯҳониёни масҷидҳо ба сифати воҳиди корӣ аз ҳисоби буҷаи давлат маош мегиранд. Ҳамаи ин иқдомҳо боиси он шуд, ки дар таркиби луғавии забони ақвоми зикршуда дар тӯли асрҳо калимаву ибораҳои зиёди арабӣ ҷой гиранд. Аз ин ҷост, ки қабати асосии таркиби луғавии забони тоҷикони Чинро низ калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд.

Бояд тазаккур намуд, ки оид ба тамоми мафҳумҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва динӣ воҳидҳои луғавии забони арабӣ ба таври фаровон ба назар мерасанд. Лекин ин воҳидҳои луғавӣ аз лиҳози талаффуз чун калимаҳои эрониасле, ки дар фасли

пешина зикр кардем, ба тағйирот рӯ ба рӯ шудаанд. Пеш аз ҳама, дар ҳама ҳолат, яъне дар аввал, байн ва охири калима овозҳои **ҳ** ва **ъ** ихтисор мешаванд. Чунончи:

arf–ҳарф	al–ҳал
alul–ҳалол	asāb–ҳисоб
janam–ҷаҳаннам	makam–маҳкам
nāya–ноҳия	mabub–маҳбуб
lal–лаъл	ramat–раҳмат
masala–масъала	maaqul– маъқул ва ғ.

Ҳамчунин ибдоли садоноки о ба **у** як ҳодисаи маъмулии савтӣ (фонетикӣ) дар нутқи онҳо ба шумор меравад.

amum–ҳаммом
alul–ҳалол
jinuzā–ҷаноза
kitub–китоб
kufir–кофар
merus–мерос ва ғ.

Ивазшавии дигар садонокҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

martabā–мартаба
maqulā–мақола
midir–муди
māγz–мағз
minkin–мумкин ва ғ.

в). Лексикаи туркӣ (уйғурӣ). Тавре ки қаблан зикр кардем, чун бо забони тоҷикони Чин осори хаттӣ дар даст надорем, бинобар ин ҳукм кардан душвор аст, ки замон ва ҷараёни воридшавии унсурҳои туркӣ (уйғурӣ)-ро муқаррар намоем.

Лекин такя ба сарнавишти забони тоҷикӣ (форсии дарӣ), ки ба забонҳои помирӣ, аз ҷумла забони тоҷикони Чин, ҳамтақдир аст, метавон тахмин кард, ки ба таркиби луғавии забони сарикӯлӣ низ «дохил шудани калимаҳо аз забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ аз худи даврaҳои қадим сар мешавад ва ин протсес… аз асрҳои XIII сар карда тезтар шудааст» [Маъсумӣ, 145].

Ба ҳамагон маълум аст, ки қавмҳои туркнажоди бодиянишини яғмогар дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон дохил шуда, тадриҷан ба умури зироаткориву ҳунармандӣ машғул шуда, оҳиста-оҳиста ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд ва паҳлу ба паҳлу бо мардуми эронитабор муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барқарор намуда, омезиш ёфтанд, ки ин раванд ба забонҳои тарафайн бетаъсир намонд. Агар дар маҷмӯъ ба таърихи воридшавии воҳидҳои луғавии туркӣ-ӯзбекӣ ба забонҳои эронӣ таваҷҷуҳ намоям, мебинем, ки дар оғоз, яъне муддате, ки қабоили мазкур бодиянишин ва бештар ба илғору тохтутоз машғул буданд, асосан луғату истилоҳоти ҳарбиву низомӣ ба таркиби луғавии забонҳои эронӣ дохил шудаанд. Айни ҳамин матлабро олими мумтози Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ низ дар мавриди таъсирпазирии забонҳо овардааст, ки забони форсии дарӣ дар раванди ба тадриҷ мақоми забони расмӣ ва арабиро касб намудан ҳам аз забону гӯйишҳои шарқии эронӣ ва ҳам аз аз забонҳои ғайриэронӣ таъсир пазируфт, то ҷое, ки: «…луғоти мутааддиде низ аз забонҳои туркӣ дар форсӣ роҳ ёфт, ки дар оғоз бештар лақабҳо ва унвонҳои руасои тавоифи туркзабон бо истилоҳоти низомӣ ва созмонҳои қабилаии эшон буд ва сипас вожаҳои дигар низ бар онҳо афзуда шуд» [Хонларӣ, 153].

Табиист, ки баъдан дар муҳити ҳамсоягӣ ва ҳатто якҷоя зиндагӣ кардани мардуми эронитабору туркнажод таъсири мутақобилаи забонҳои турку тоҷик суръат мегирад ва вусъат меёбад. Хусусан, сиёсати муғризонаи ассимиляторҳои турк (оид ба ин масъала дар фасли сиёсати забонӣ таваққуф хоҳем намуд) ба раванди махлутшавии маҷбурии забонҳо бетаъсир намонд.

Вожаҳое ба назар мерасад, ки дар дигар забонҳои помирӣ ё тоҷикӣ ва ё ба асли помирӣ мебошанд. Аммо дар забони сарикӯли ҳамон вожаро вожаи туркӣ (уйғурӣ) иваз намудааст.

Аз ҷумла, вожаи ***миқроз,*** ки худ аслан арабист, дар забони сарикӯлӣ таҳти таъсири забони уйғурӣ ва дар забони тоҷикӣ низ дар асари ҳасоягиву ҳамзистӣ бо ӯзбекон ба шакли ***қайчӣ*** мустаъмал мебошад.

Чун дар дигар забонҳои помирии ҳудуди Бадахшон, ки аз таъсири туркзабонҳо дар канор мондаанд, вожаи мазкур дар забонҳои: «шуғнонӣ, бартангӣ ***nuqroz***, рӯшонӣ, хуф. ***niqroz*** *«ножницы»* мустаъмал мебошад [Некушоева, 76].

Муҳаққиқ баромади калимаи мазкурро ҳатто форсии тоҷикӣ тахмин мекунад: «Возможно, данное слова состоит из двух знаменательных компонентов: ***nuq адаптацией*** стрие», «кончик», конец и вторая часть ***roz*** адаптатция перс., тадж. ***rez//***

reza «крошка», «кусок, тадж. ***reza kazdan*** // разрезать на мелкие куски» [Некушоева, 76].

Аз ҳамин ҷост, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикони ҳавзаи Шинҷон воҳидҳои зиёди луғавии туркӣ (уйғурӣ) мустаъмаланд.

Бояд қайд кард, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ин мардум воҳидҳои туркӣ (уйғурӣ) ба мушоҳида мерасад ва чун намуна ба мисоле чанд таваҷҷуҳ намоед:

uzum –ангур	usul –рақс
āiliq –маош	qalpāq –кулоҳ
qaiči –микроз	bulāq– чашма
ilči–сафир	adaš– ҳамном
yāš –ҷавон	qul– ғулом, банда
tilmāč–тарҷумон	miltiq– силоҳ
qamči– тозиёна	bala–тифл
qurut–қурут	qimiz–қимиз
yatmiš– ҳафтод	ailāq–айлоқ
saksan– ҳаштод	tuxli–барра
etna– қарз	čet – канора ва ғ.

Тавре ки аз намунаҳои боло маълум мешавад, дар тамоми соҳаву риштаҳо воҳидҳои туркӣ-уйғурие ба назар мерасанд, ки дар забони тоҷикӣ, ба истиснои шумораҳо, роиҷанд.

Шумораҳои миқдорӣ ба сурати омехта, яъне қисман ба тоҷикӣ ва қисман ба уйғурӣ дар истеъмоланд.

Баъзе шумораҳои тартибӣ низ ба ду забон–сарикӯлӣ ва уйғурӣ мустаъмал буда, вале аҷиб ин аст, ки бо пасванди– inči-и туркӣ (уйғурӣ) ташаккул ёфтаанд. Чунончи:

ivinči — якум
birinči

duvinči- — дуюм
ikinči

Оид ба воридшавии унсурҳои туркӣ (уйғурӣ) ба таркиби луғавии забони тоҷикон тибқи маълумоти мӯйсафедони сарикӯлӣ, дар сӣ-чил соли охир, хусусан дар забони насли ҷавон, назаррас мебошад. Бояд гуфт, ки ин раванд ба як силсила омилҳо вобаста мебошад, ки сари ин масъала дар ҷойи муносиб ибрози андеша хоҳем намуд.

Бояд гуфт, ки ҳатто баъзе номҳо– топониму антропонимҳои ҳавза низ аз таъсири забони уйғурӣ дур намондаанд. Чунончи, худи топоними Кошғар бунёди эронӣ дорад, яъне kāš навъи санги қиматбаҳо буда, ҷузъи ***γaz*** бошад, дар гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ маънои ***санг***, ***кӯҳ***ро медиҳад. Аз ҷумла, дар забони яғнобӣ, ки ба гурӯҳи мазкур тааллуқ дорад, дар топоними ***Kimer γar*** (Кӯҳи сурх) ба назар мерасад [Хромов, 41; Алиев, 79]. Пас, Кошғар– Кӯҳи яшм [Шарифов, 43] эҳтимолан вожаи суғдӣ буда, тадриҷан таҳти таъсири забони уйғурӣ ***к*** ба ***қ*** таъвиз шудааст. Мисле ки Ҳафтшаҳрро ба Еттишаҳр иваз намуданд.

г). Воҳидҳои луғавии русиву байналмилалӣ. Воқеан, шояд дар ҷаҳон забоне набошад, ки тамоми розу ниёз ва эҳтиёҷоти худро комилан бо захираи луғавии худ ба пурраги таъмин ва ҳаллу фасл намояд.

Дар ҳамин замина агар ба захираи луғавии забони сарикулӣ таваҷҷуҳ намоем, равшан мегардад, ки забони мазкур низ барои ифодаи як қатор ашёву мафҳумҳо аз забонҳои бегона, аз ҷумла аз забонҳои русиву байналмилалӣ як силсила вожаҳоро иқтибос кардааст. Тавре зикр шуд, забони сарикӯлӣ хат надорад, бинобар ин, дар давоми пажӯҳиш беш аз ***50*** калимаи русиву байналмилалиро дар нутқи шифоҳии сарикӯлиҳо ба қайд гирифтем. Калимаҳое, ки дар нутқи тоҷикони сарикӯлӣ ба мушоҳида расид, соҳа ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёту рӯзгори мардуми ин мавзеъро ифода менамоянд. Чунончи: **дар бахши алоқа:** почта, почтамт, телеграмма, марка; **дар соҳаи нақлиёт**: машина, аэроплан, караван, каравансарой; **дар бахши сиёсат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт:** партия, консул, суд, советский, район, план, собрание, шпион, доклад, закон; **асбобҳои рӯзгор ва сару либос:** банка, щётка, дверь, стакон, поднос, печка, сумка, шапка, серьги, калоши, майка, костюм, кетмень; **соҳаи хӯрокворӣ**: конфета, кортофель; **фарҳангу маданият**: кино, зал, скрипка, лампа ва **мухталифа**: доктор, медаль, табак, папирос, метр, ноль, миллиону миллиард, электричество, хром, запас, вперёд ва ғ.

Аз гуногунрангиву ифодаи мафҳумҳои мухталифи мазкур бармеояд, ки калимаҳои фавқ ба муносибатҳои сиёсиву тиҷоратии байни Русияи подшоҳӣ ва ҳокимони минтақаи Кошғар иртибот дошта, онҳо ба таври ихтиёрӣ, яъне бидуни фишору зӯроварӣ иқтибос шудаанд. Хусусан, шартномаи тиҷоратие, ки 15-уми майи соли 1872 аз тарафи полковник–барон А.В. Каулбарс ва ҳокими Иеттишаҳр Яъқуббек ба имзо расид [Бобохонов, 2002, 272], ба тиҷорати тарафайн шароитҳои хеле хубу мувофиқро фароҳам овард, ки ин омили воридшавии як силсила калимаҳои русиву байналмилалӣ ба забони сокинони ин минтақа, аз ҷумла тоҷикон, гардид. Ҷойи таъкид аст, ки ин минтақа то асри XX ба Туркистони Шарқӣ дохил мешуд ва шояд, ки ин омили дигари ба забони мардуми ин манотиқ иқтибос шудани баъзе вожаҳои русиву интернатсионалӣ шуда бошад, зеро дасти Русияву Инглистон ҳанӯз дар асри XVIII ба ин сарзамин расида буд.

Ҳамчунин бояд ишора кард, ки чун низоми давлатдории ҶМЧ низоми коммунистӣ буда, нақши собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар барқарор намудани сиёсати коммунистӣ муҷассам аст, аз ин рӯ, аз эҳтимол дур нест, ки ин низ яке аз омилҳои дигари воридшавии калимаҳои русиву интернатсионалӣ ба забонҳои мардуми уйғуру тоҷик ва миллатҳои дигари ин сарзамин гардида бошад.

Табиист, ки соҳибони забон воҳидҳои луғавии иқтибосиро маъмулан тибқи чаҳорчӯбаи суҳулияти талаффуз ба гӯйиши худ мувофиқ кунонида ва мавриди истифода қарор медиҳанд.Тоҷикони Сарикӯл низ калимаҳои вомгирифта, яъне иқтибосии мазкурро мутобиқи тақозои дастгоҳи тавлидии (базаи артикулятсионии) хеш бо тағйири каму беши овозӣ корбаст намудаанд.

Ҳодисаи савтие, ки хоси тақрибан тамоми шеваҳои тоҷикон аст, табдили овози **ā** ба **u** мебошад, ки айни ҳодисаи мазкур дар забони сарикӯлӣ низ ба мушоҳида мерасад. Чунончи: калоши- kaluš, поднос-patnus, почта- pušta, доктор-duxtur, консул-kunsul ва ғ.

Ҳодисаи дигаре, ки барои озоду равон талаффуз намудан душвортар аст, ин ҳамсадоҳои ҷуфти оғози калима мебошад. Гарчи ин ҳодиса дар забони форсии бостон маъмул буд [Кабиров, 105-108], лекин дар гӯйиши тоҷикони муосир тағзияи ҳамсадоҳои оғози калима ба ду ҳиҷо боиси суҳулияти талаффуз гардида, ин ҳодисаи савтӣ (фонетикӣ) ба забони тоҷикони Сарикӯл низ хос мебошад. Масалан: стакон-istakān, скрипка-iskripka, вперёд-pirud, план-pilān, хром-хыrām, дверь-diver ва ғ.

Ҳатто айни ҳамин ҳодиса дар ҳамсадоҳои ҷуфти дар байни калима омада низ ба назар мерасад. Чунончи: доклад- dakalāt. Баъзе калимаҳои овардашуда дар забони сарикӯлӣ то ҳадде ҳазм ва мавқеъ пайдо кардаанд, ки дар калимасозӣ низ нақш доранд: кārвāнсарāу- karavansaray, почтамт–puštaxuna ва ғ.

ғ). Воҳидҳои луғавии чиноӣ ва англисӣ. Дар таркиби луғавии забони тоҷиконин Чин инчунин воҳидҳои луғавии забонҳои англисӣ: dut –ботаника, kef-сумка ва чиноӣ аз қабили čanza- тиреза, dend-дукон, мағоза, šujond- директор дар луғати «Сарыкольско-русский словарь» таҳиякардаи Т.Н. Пахалина ба мушоҳида расида, боз олими чиноӣ Го Вар Чонг дар асараш «Очеркҳо оид ба забони тоҷикони Чин» 14 вожаи чиноиро дар забони тоҷикони Сарикӯл ба қайд гирифтааст, ки инҳоянд:

dzuzi–миз
mubi–лиф, мӯқалам
seipung–хаём, дӯзанда
putei–бурчи (манораи) посбонӣ
budzong–вазир
kujan–кафедра
Xasung–чормағзи чиноӣ
tsangza–тиреза
sangpang–ҳисоб
kupon–анбор
bugu–барои ту (шумо)
dudzong– сардори гурӯҳ (отряд)
mantu–манту
sei–мева, хӯрданӣ (Га Вар Чонг, 29).

Дар ҷараёни омӯзишу тадқиқ маълум гардид, ки баъдан вожаҳои зерин низ вориди забони сарикӯлӣ шудаанд:

saji – мизи хурдакак
bingšong– яхчел
xey –пойафзол
diyon // diensi-телевизор
banding –курсӣ

yagu– бурси баландшшӯйи
keyguan–калидаки барқ равшанкунак (выключатель)
šuwji– телефони ҳамроҳ

Ба назари мо, аз ин силсила вожаҳо калимаи ***мантy*** на чиноӣ, балки уйғурист. Қобили зикр аст, ки чиниён силсилаи исмҳои хос (номҳои чуғрофӣ ва ашхос)-ро мутобиқи талаффузи худ низ тағйир додаанд: Сарикӯл–Сулӣ, Тошғӯрғон–Пулӣ, Баён Охун–Бай Янку, Рухшон–Ан Лушон ва ғ.

Мушоҳидаҳои зиёд нишон медиҳанд, ки инсоне, ки аз маълумоти андаки забоншиносӣ бархӯрдор нест, наметавонад дар бораи системаи он забоне, ки бо он гуфтугӯй менамояд, тасаввуроти комил дошта бошад. Вай бешуурона усулҳои гурӯҳбандии онро эҳсос менамояд. Медонад, ки калима ба кадом навъи тасриф тааллуқ дорад ва ё ба он аз рӯйи одат, бе дарки қоидаҳои системаи забон муносибат мекунад. Вай бештар ба он таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки чӣ тавр фикрашро дуруст баён намояд. Чунин қолабҳои фикрронӣ аз рӯи хусусияти худ гуногун мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо ин натиҷаи равандҳои техникии забон, алоқаманд бо муқаррар намудани интихоби мақсадноки воситаҳои фарққунии маънои калима мебошад. Дар ҳолатҳои дигар ин натиҷаи таснифоти калимаҳо ва ё инъикоси робитаҳои воқеии дар байни ашёҳо ҷойдошта аст. Қолабҳои маъмулии забон дар ҷараёни муошират ба вуҷуд омадаанд, на дар натиҷаи аз маводи мушаххаси забонӣ ҷудо шудани онҳо. Ин қолабҳои маъмулӣ аз эҳтимол дур нест, ки системаи амалкунандаи забонро ташаккул медиҳанд, ки онҳо дорои қоидаҳои муайян мебошад. Барои ин забон ва нутқро набояд ҳамчун соҳаҳои алоҳида баррасӣ кард. Бояд муайян намуд, ки системаи мазкур чӣ гуна ин ҳама қоидаҳоро амалӣ мегардонад. Бешубҳа, ҳодисаҳои нутқ дар ҳамаи он шаклҳое, ки зуҳур мекунанд аз тарафи системаи забон идора карда мешаванд.

Ҳар як ифодаи нутқ аз рӯйи қоидаҳои муайян ташаккул меёбад. Алоқамандшавии мухталифи ғайриоддии калимаҳо дар чорчӯби муайяни муносибатҳо ва маҳдудиятҳои системанок сурат мегирад. Хусусияти мазкур ба ташаккули овозии калимаҳо низ тааллуқ дорад. Моҳияти асосии мушкилоти забон ҳамчун қисмати муҳими нутқ ба ҳамин танзимкунӣ алоқаманд аст. Боқимондаҳои фавқулзабонӣ барои ҳалли мушкилоти забон ва нутқ ягон хел аҳамият надоранд, зеро онҳо моҳияти истифодаи мушаххаси забонро муайян карда наметавонанд. Дар робита бо дарки забон ҳамчун системаи муносибатҳои холис, эҳтимол меравад, ки дар ин ҳолат дар ҳақиқат забон ҳамчун ҳодисаи муҷарради маълуми илмӣ муайян мегардад. Аммо чунин ҷадвали муносибатҳо муқаррароторо идора намекунад ва инчунин муносибати бевосита ба масъалаи муқобилгузории забону нутқ надорад.

Ҳамаи он чизҳое, ки дар забон ҳаст, дар нутқ дида мешаванд, лекин на ҳамаи он чизҳое, ки нутқ дорад дар забон дида мешавад. Забон ба вазъият тобеъ набуда, нутқ вобаста ба ҳолати пайдошуда дигар мешавад. Гӯянда метавонад фавран нутқашро тағйир диҳад, қатъ кунад ё ба он калимаи нав илова кунад. Ин рафторро нисбат ба забон дар муддати кӯтоҳ кардан мумкин нест.

Бисёр ҳодисаҳое, ки дар нутқ тавлид меёбанд, баъд ба унсури забон мубаддал мешаванд. Масалан, воҳидҳои навъи зайл воҳидҳои аз нутқ ба вуҷуд омадаанд:

1) Калимаҳо. Дар мавриди ба воҳиди забон табдил ёфтани воҳиди нутқ бештар адибон саҳмгузоранд. Онҳо метавонанд ҳангоми эҷод дар қолаби як калима калимаҳои зиёди дигар созанд, ки рафта-рафта бо мурури замон ба воҳиди забон табдил ёбанд. Бисёр калимаҳое, ки шоирон Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳақназар Ғоиб дар асоси қолабҳои забон сохтаанд аз ҳамин ҷумлаанд. Чунончи, калимаҳои бавуҷудовардаи Лоиқ Шералӣ **кӯтаҳармон**, **кӯтаҳимон** (дар қолаби **кӯтоҳдас**т) ба ҳамин гурӯҳ шомиланд:

Гарчи ман кӯтоҳдастам, **кӯтаҳармон** нестам,
Гарчи ман **кӯтоҳумрам**, **кӯтаҳимон** нестам (Л. Шералӣ, Аввалу охири ишқ, 140).

Калимаҳои **ҳамрасул**, **ҳамсаро**, **ҳамҳудо**, **ҳамраг**-ро, ки дар қолаби **ҳамсадо** ба вуҷуд оварда шудаанд, ба қалами Бозор Собир нисбат медиҳанд:

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун,
Гарчи бо габру мусулмон **ҳамсаро** буд.

Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо чудо буд (Б. Собир, Аз «Гули хор» то «Симхор», 37).
Лола аз гулбарг то бун,
Лоларӯён то ба нохун.
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхунанд,
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхун (Б. Собир, Аз «Гули хор» то «Симхор», 83).

Шоир Ҳақназар Ғоиб ҳам дар офаридани калимаҳои тару тоза қувваозмоӣ кардааст, калимаҳои **ҳақгузор**, **ҳақназар, сабзхат**, **сабзтан** ба хомаи ӯ мансубанд:

Ҳақгузору ҳақшиносу Ҳақназар гаштам зи ишқ,
Субҳи козиб нест андар субҳи рӯҳафзои ман (Ҳ. Ғоиб, Тоҷи офтоб, 77).
Сабзинаию **сабзхату сабзтанӣ**,
Сарсабзии ҳусни беғуборат ҳама хуш (Ҳ. Ғоиб, Тоҷи офтоб, 103).

Дигар хусусияти ягонагии нутқ дар ҷобаҷогузории ботартиби унсурҳои забонӣ ҳангоми ифода аст. Нутқи мухтасар ва баландмазмун аз дониши васеи гӯянда дарак медиҳад. Ҳама гуна тағйирот дар забон аввал дар нутқ сар мешавад. Маса-лан, калимаҳои **соддашумор, дуруштоҳанг**, **дардолуд** аввалин бор аз тарафи шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ истифода шуда, баъд оҳиста-оҳиста ба воситаи соҳибони забон ба забони гуфтугӯйи ворид шудаанд (Л. Шералӣ, Аввалу охири ишқ, 148, 149, 154). Яъне нутқи инсони алоҳида дар ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон нақши муҳим дорад.

2) Таъбироти рехта. Бисёр таъбироти рехтае, ки дар нутқи адибони алоҳида ба вуҷуд меоянд, баъдан моли забон шудаанд. Масалан, ҷумлаи фразеологии **решаи ҷон оташ гирифт,** ки ба қалами Ҷ. Акобир тааллуқ дорад, ба маънои «беқарор, безобита гаштан» дар қолаби мисраи машҳури Л. Шералӣ: **Бисӯзад решаи ҷони ҷавонат** сохта шудааст:

Ана дар ҳамин сурат алам рӯй мезанад, **решаи ҷон оташ мегирад**, ӯ танҳоӣ ва бекасиро сахту нанговар ҳис мекунад… (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 12).

Ба ҳамин монанд, ибораи фразеологии **сухан санҷида гуфтан** ба маънои «дуруст сухан кардан», ки ба қалами нависанда К. Маҳмадов тааллуқ дорад, шояд дар қолаби мисраи маълуми Саъдии Шерозӣ: **Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ** сохта шуда бошад:

Дар ҳар ибораю калимаҳояш маънии чуқур ниҳон аст, **сухан санҷида мегӯяд**, хушгуфторӣ мекунад (К. Маҳмадов, Кофтукови ҷиноятқор, 48).

Дар ҷараёни инкишофи забон ва нутқ на ҳама воҳидҳои нутқ ба воҳидҳои забон табдил меёбанд. Азбаски доираи инкишофи нутқ нисбат ба забон васеътар аст, дар он калимаву ибораҳои гуногуне мавҷуданд, ки ҳанӯз ба системаи забон нагузаштаанд. Ҳар як гӯянда, нависанда ё шоир метавонад даҳҳо калимаро дар қолаби якдигар сохта, истифода барад. Барои ба воҳиди забон табдил ёфтани чунин калимаҳо аз тарафи соҳибони забон эътироф гардидан ва истифодаи мунтазами онҳо зарур аст. Чунончи, мисолҳои навъи зерин ҳоло ҳам хоси нутқанд, ба системаи забон нагузаштаанд;

а) Калимаҳо: **фалокатнишин** (дар қолаби **аҳолинишин**), **фалохпарронӣ** (дар қолаби **тирпарронӣ**), **кафтаргузар** (дар қолаби **раҳгузар**):

Зоҳиран, халосӣ аз Шиблии **фалокатнишин** ва ҷойгирӣ дар ин хонаи нав модарамро он қадар шод карда буд, ки вай ҳоло ҳеҷ фикру андешаи дигареро ба хотираш роҳ намедод (С. Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо, 76). Вася ба бародарам фалохунча (рогатка) сохта дод: дуяшон рӯзи дароз ба гунҷишкҳо **фалохпарронӣ** мекарданд (С. Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо, 78). Ана акнун бой омадааст – дар по мӯзаи пошнабаланди **кафтаргузар**, дар даст тозиёна, чашмонаш хунгирифта (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 88).

б) Баъзан дар нутқи нависанда ибораҳое истифода мешаванд, ки дар заминаи ташбеҳ сохта шудаанд, аммо сохту маънои устувор надоранд. Ин навъи ибораҳо ибораҳои озоди ташбеҳӣ мебошанд, ки ҳанӯз ба системаи забон нагузаштаанд. Аз қабили **чун бемори нав аз доманаи дарозамала хеста**, **монанди ду девонаи бо ҳам дӯстшуда**, **сӯрохи лонаи кӯрмуш барин**,: … беҳанг, бемадор, **чун бемори нав аз доманаи дарозамала хеста** (К. Мирзоев, Дарди ишқ, 332). Ба ҳамин тарз, ҳар ду **монанди ду девонаи бо ҳам дӯстшуда** хомӯшона роҳ мерафтанд (С. Айнӣ, Одина, 253). Вай даҳонашро **сӯрохи лонаи кӯрмуш барин** калон кушода, ҳамёзаи тӯлонӣ кашид, аз ҳавои атромези дара синаашро пур кард (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 149).

Ҳамин тариқ, ҳар як гӯянда забонро истифода мебарад, яъне бо хоҳиши худ дар асоси забон матни нутқро ба вуҷуд меоварад. Нутқе, ки ба нутқи дигарон монанд нест. Ҳамарӯза дар ҳаёти воқеӣ мо шоҳиди даҳҳо намуди нутқ мегардем. Нутқи шоир аз нависанда, ронанда аз омӯзгор, олим аз деҳқон, дузд аз посбон фарқ мекунад. Дар

ҳамин ҳолат хусусияти ягонагии нутқ инъикос мегардад. Фарқи дигари забон ва нутқ дар қудрати тақсимоти он мебошад. Намунаи сохтори забон дар майнаи ҳар як соҳибзабон ҷой дорад, нутқ бошад ин фаъолияти бевоситаи забонии шахс мебошад, ки ба воситаи истифодаи дониши забонӣ, қобилияти забондонии худ мехоҳад фикрашро дуруст ба гӯши шунаванда расонад. Ҳамчунин сохти забон доимамалкунандаву устувор буда, он метавонад дар тӯли асрҳо бетағйир монад, дар ҳоле ки нутқ фардӣ ва яклаҳзаина аст. Дар маҷмӯъ нутқ ҳам ҳодисаи иҷтимоӣ ва ҳам фардӣ мебошад, вале хусусияти иҷтимоияш бештар зоҳир мешавад. Хусусияти иҷтимоии нутқ дар он аён мегардад, ки он барои сарҷамъ намудани одамон дар ҷомеа хизмат мекунад. Он дар заминаи забоне тавлид меёбад, ки барои ҳамон ҷомеа забони ягона аст. Ягонагии нутқ дар интихоби дурусти воҳидҳои забон буда, гӯянда метавонад якеро мувофиқи табъу завқаш қабул намуда, истифода барад ва дигареро рад кунад. Нишонаи дигари ягонагии нутқ дар он ошкор мегардад, ки соҳибзабон дар нутқи худ чи гуна калимаҳоро истифода мебарад. Чунончи, баъзеҳо калимаи «оре» – ро хеле кам, касони дигар бошад онро зиёд истифода мебаранд. Ба ҳамин монанд, ба мақсади фардикунонии образ аз тарафи нависандагони гуногун калима, ибора ё ҷумлаҳои алоҳида такрори ба такрор истифода мешавад. Ин ё он персонаж ҳангоми суханронӣ калимаеро бештар ба кор мебарад, ки хоси нутқи ӯ аст. Масалан, яке аз қаҳрамонҳои романи С. Айнӣ «Дохунда» калимаи **интухин** ва **шей**-ро зиёд кор мефармояд:

– Ҳар чӣ бошад, **шей**, – гуфт вакили мухтор, – **интухин**, **шей**, тайёр шудан даркор аст, ки **интухин**, сад ба сад **шей**, **интухин**, муваффақ шавем, – ва боз андак осори андеша дар чеҳрааш пайдо шуд (С. Айнӣ, Дохунда, 313).

Ё ба ҳамин монанд персонажи асари Ф. Муҳаммадиев бо номи ҳазрати Наримон бо мақсади таъкиди фикраш ҷумлаи **Не нагӯед**-ро дар нутқаш зиёд ба кор бурдааст:

Ҷанобони мӯҳтарам. Ман барои пиёда рафтан ва соҳиби савоби азим гардидан, шукр оллоҳро, қуввати кофӣ дорам. **Не нагӯед**, дорам. Лекин мебинам, ки таклифи ҷаноби духтур аз хайрхоҳӣ ва накӯкорист. Бинобар ин, ҷанобон, қабул мекунам. **Не нагӯед**, қабул мекунам (Ф. Муҳаммадиев, Асарҳои мунтахаб, Ҷ. 2, Дар он дунё, 124).

Ҳамин тариқ, забон ва нутқ ду ҳодисаи ҷудогонаи ҳаёти инсон ба шумор рафта, яке дигареро пурра мекунад. Забон – ин восита, яроқи муошират буда, нутқ бошад истифодаи забон бо мақсади муошират мебошад. Аз ин рӯ забон яке аз қисматҳои муҳим ва ҷудонопазири нутқ ба ҳисоб меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Будагов Р. А. Человек и его язык. – 2-е изд. – М., Изд-во МГУ, 1976. – 263 с.
2. Головин Б. Н. Введение в языкознание. Издание 3-е, исправленное. – М.: Высш. шк., 1977. – 311 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 242 с.
4. Соссюр Ф. де. Курс общей лингвистики. М., Логос, 1998. – 432 с.
5. Торопцев И. С. Язык и речь. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1985. – 199 с.

Сарчашмаҳо:

6. Айнӣ С. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
7. Айнӣ С. Одина. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1931. – 192 с.
8. Бозор С. Аз «Гули хор» то «Симхор». – Москва: Интерансдарнаука, 2003. – 256 с.
9. Лоиқ Ш. Аввалу охири ишқ. – Душанбе: Маркази фарҳангии адабӣ, 1994. – 272 с.
10. Маҳмадов К. Кофтукови ҷиноятқор. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.
11. Муҳаммадиев Ф. Асарҳои мунтахаб. – Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 504 с.
12. Ҷонибек А. Пазмонӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.

ЯЗЫК И РЕЧЬ. ОБЩИЕ ОСОБЕННОСТИ И РАЗЛИЧИЯ

Язык и речь являются двумя противоположными сторонами человеческой жизни и восполняют друг друга. Язык – это средство, оружие общения, а речь применяется для более всестороннего общения людей. На этом фоне язык является одним из важнейших частей человеческой речи.

Ключевые слова: речь, язык, слово, словосочетание, языковая единица, индивидуальная речь, общение, словарный состав языка.

ЯЗЫК И РЕЧЬ. ОБЩИЕ ОСОБЕННОСТИ И РАЗЛИЧИЯ

Language and speech as two opposide side of human life also fill each other. Language is a tool of weapon of the communication, but speech uses as more conpehensive communication of people. On this background language is one of the main part of the human speech.

Kev words: speech, language, word, phrase, language unit, individual speech, communication, vocabulary of the language.

Сведения об авторе: ***Дустов Х.***- кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 904 41 84 80**

ИСМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ КАСБУ КОР ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ «ИСЁНИ МУҚАННАЪ»

Санавбар Низомова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Садриддин Айнӣ аз зумраи абармардонест, ки бо эҷодиёти хеш тавонистааст дар пойдорӣ ва устувории забони адабии тоҷикӣ, ҳамчун фарзанди бонангу номус саҳми арзанда гузорад. Осори бадеиву таърихии нависанда инъикоскунандаи вазъи забони адабии тоҷикӣ дар нимаи аввали садаи ХХ –ум мебошанд. Забоншинос Носирҷон Маъсумӣ дар ин маврид чунин менависад: «С. Айнӣ ҳамчун устоди сухан дар асарҳои худ ҳамаи хусусиятҳои грамматикии мавҷударо бо тамоми гуногуншаклии онҳо инъикос мекунонад, дар масъалаи каму зиёд кор фармудани ин ё он шаклу тарзҳои грамматикӣ майли индивидуалии худро зоҳир менамояд…» [3,223].

Устод С. Айнӣ дар очерки таърихии «Исёни Муқаннаъ» дар баробари истифодаи унсурҳои луғавию грамматикӣ ба қолабҳои калимасозию таркиббандӣ эътибори ҷиддӣ додааст. Мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур истифодаи исмҳои ифодакунандаи касбу корро дар ин очерки таърихӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Халқи тоҷик аз қадимулайём бо ҳунару ҳунармандӣ машҳур будааст. Нависанда дар асар исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар ва номгӯйи маснуоти истеҳсолкардаи он давраро дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, ифодаи вазъи зиндагонии мардум истифода намуда, дар бораашон маълумот додааст.

Исмҳои сохтаи ***бофандагӣ, пойафзолдӯзӣ, заргарӣ, ҳайкалтарошӣ*** ва ***наққошӣ***-ро, ки касбу ҳунарҳои маъмули мардуми тоҷик аст, нависанда бамаврид ба кор бурдааст. Калимаи ***бофандагӣ*** аз исми ***бофанда*** бо ҳамроҳ кардани пасванди муштараквазифаи ***–гӣ*** сохта шуда, ду пояи калимасозиро – ***боф+анда+гӣ*** аз сар гузаронидааст. Калимаи ***бофанда*** дар асл сифати феълӣ буда, аз асоси замони ҳозираи феъл – феъли фармоиши ***боф,*** пасванди –***анда*** таркиб ёфта, субстантиватсия шудааст. Ин калима имрӯз низ серистеъмол аст, аммо ***бофанда*** дар давраи гузашта шахсе буд, ки газвор ва намудҳои гуногуни онро бо ранҷи даст, бо ёрии дастгоҳҳои дастӣ мебофт. Имрӯз кори бофандагиро дастгоҳҳои худкор иҷро мекунанд. Исми сохтаи ***пойафзолдӯзӣ*** аз исми аслан тоҷикии ***пой***, арабии ***афзол*** сохта шуда, дар ФЗТ чунин шарҳ ёфтааст: «*Афзол, а. фазл, паноҳи накӯӣ ва бахшишҳо*» [7, 100] феъли фармоиши ***дӯз*** ва пасванди –ӣ сохта шуда имрӯз низ маъмул аст. Аммо аз ҷиҳати иҷрои кор аз имрӯз фарқ дорад. Калимаи мазкур имрӯз тағйири маъно кардааст. Пойафзол ҳоло дар фабрикаҳо бо ёрии дастгоҳҳои махсус дӯхта мешавад. Дар замони пешин дастӣ дӯхта мешуд.

Исми сохтаи ***заргарӣ*** аз исми ***зар***, пасвандҳои ***-гар*** ва ***-ӣ*** сохта шудааст. Ин калима ду пояи калимасозиро гузаронидааст: аввал ***зар+гар***, пас ***зар +гар+ӣ***. Аз исми мураккаби мушаххаси ҳайкалтарош исми ифодакунандаи касбу ҳунар ҳайкалтарошӣ сохта шудааст, ки таркиби морфологии он аз исми модии ***ҳайкал,*** асоси замони ҳозираи феъли ***тарош*** ва пасванди –***ӣ*** бунёд ёфтааст. Ин исм бо усули омехта, васл шудани ду реша ва пасванди муштараквазифаи –ҷ таркиб ёфтааст. Ин касб дар замони пеш аз истилои арабҳо хеле маъмул будааст. Исми сохтаи ***наққош+ӣ*** дар он замон хеле машҳур буда, маснуоти баровардаи ин ҳунармандон берун аз Мовароуннаҳру Хуросон низ харидорони зиёд доштааст. Калимаи ***наққош*** ба маънои рассом, суратгар, муссавир ба кор бурда мешавад. Калимаи ***наққошӣ*** бо маънои мусаввирӣ, нақшу нигор кардан корбаст мегардад.

Дар Мовароуннаҳри онрӯза, хусусан дар Бухоро ва музофоти он ***бофандагӣ, пойафзолдӯзӣ, заргарӣ, ҳайкалтарошӣ ва наққошӣ*** *бисьёр ривоҷ ёфта буд* (1. 85).

Калимаи сохтаи дигаре, ки дар он замон ва имрӯз низ серистеъмол аст, калимаи ***гул+дӯз+ист.*** Ин калима аз исми ***гул,*** асоси замони ҳозираи феъли ***дӯз*** ва омоморфемаи –***ӣ*** сохта шудааст:

Дар Бухоро як коргоҳи бисьёр калони бофандагӣ ва гулдузӣ буд, ки арабҳо ба вай «Байтуттироз» ном дода буданд, ки «хонаи зебу зиннат ва нақшу нигор» гуфтан аст.

Мардуми тоҷик бо ҳунару ҳунармандӣ дар ҷаҳон машҳур буд. Маснуоти истеҳсолкардаи ҳунармандон номҳои гуногуни зебо доштанд. Дар мисоли зерин исмҳои ***шодарвонҳо, шомиёнаҳо, соябон, сӯзаниҳо*** истифода шудаанд. Калимаи шодарвон аслӣ буда, дар ФЗТ ба маънои *саропарда, хайма, шомиёнаи подшоҳӣ*; 2. Пардаи бузурги шоҳони Эрон, ки ба рӯйи вай сурати шер нақш карда мешудааст; 3. Фарш ва бисоти қиматбаҳо зикр ёфтааст [8, 597]. Имрӯз ин калима дар истеъмол нест.

Калимаи ***шомиёна*** аз исми замони ***шом*** ва пасвандҳои - ***и, -ёна*** таркиб ёфта, ба маънои саропарда корбаст шуда, ҳоло дар истифода нест. Исми сохтаи ***сӯзанӣ*** аз исми ***сӯзан*** ва пасванди –***ӣ*** сохта шуда, имрӯз маъмул буда, занони тоҷик ин ҳунарро ҳоло низ ба кор мебаранд. Сӯзанӣ порчаи бо ресмонҳои гуногунранг гулдӯзишуда аст:

Дар ин коргоҳ бисотҳо (қолин, гилем ва умуман, чизҳое, ки дар зери по паҳн карда мешаванд), ***шодарвонҳо-пардаҳо, шомиёнаҳо,*** пардаҳои пеши хайма ва пардаҳое, ки ба ҷойи соябон дар рӯйи ҳавлӣ ба тарзи сақф мекашанд, болиштҳо, лиҳофҳо (курпаҳо), ҷомаҳо ва сӯзаниҳои гулдӯзӣ мебофтаанд ва медӯхтаанд.

Исмҳои сохтаи ***бозича, заргар, дуредгар, нигинакорӣ*** ва исми мураккаби ***ҳайкалтарош*** дар он замон ва имрӯз низ маъмулу машҳуранд. Исми ***бозича*** аз исми амали ***бозӣ*** бо ҳамроҳ кардани пасванди –***ча***, ки дар асл шаклсоз аст, калимаи бозича сохта шудааст. Бозича асбобест, ки кӯдакон бо он вақтхушӣ, бозӣ мекунанд. Калимаи ***заргар*** аз исми модии ***зар*** ва пасванди исмсози –***гар*** таркиб ёфта, шахсест, ки маснуоти заргарӣ, зару зевари занона месозад. Исми ***дуредгар*** низ дар қолаби калимаи ***заргар с***охта шуда, имрӯз низ ҳамин маъниро ифода мекунад. ***Нигинакорӣ*** бо усули омехтаи калимасозӣ, васл шудани ду реша ва пасванди –ӣ таркиб ёфтааст. Имрӯз нигинакорӣ аз нав эҳё шуда, асосан дар ороиши либосҳои занона ба кор бурда мешавад.

Калимаи ***кандакорӣ*** бо усули омехта, бо васл шудани ду реша ва пасвандӣ –ӣ сохта шуда, имрӯз ин ҳунар бо номи чӯбкорӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ ёфтааст: «Кандакорӣ- нақшҳо, ки ба зар ва чӯбу санг ва амсоли он кананд [4,180]. Аз ҷиҳати таркиби морфологӣ исми ***кандакорӣ*** аз сифати феълии ***канда***, исми маънии ***кор*** ва пасванди ***-ӣ*** сохта шудааст Бояд қайд кард, ки ҳунари кандакорӣ солҳои охир ривоҷ ёфта истодааст. Калимаи мураккаби ҳайкалтарош аз исми ***ҳайкал*** ва асоси замони ҳозираи ***тарош*** сохта шуда, имрӯз маъмул аст.

Чунончи: Дар он бозор пеш аз ислом бозичаҳо ва бутҳо фурӯш мешуд, ин бутҳо ва бозичаҳоро ***ҳайкалтарошон, заргарон, наққошон ва дуредгарони*** *Бухоро бо кандакориҳо, бо нақшу нигорҳои гуногун ва бо нигинакориҳо сохта мебаромаданд(1,92).*

Нависанда ҳунару ҳунармандии мардуми тоҷикро чунин тасвир намудааст: *Дар Бухоро ба чӣ дараҷа ривоҷ ёфтани ҳунарҳои* ***заргарӣ, зардузӣ, минокорӣ ва нигинакориҳоро*** *ҳамин факт ба хубӣ исбот мекунад, ки вақте мӯзаи бухорхудотзан ба дасти арабҳо ганимат афтод, он мӯзаро дусад ҳазор дирам (танга) нарх карданд* (1, 86).

Дар мисоли боло нависанда дар қатори исмҳои маъмул ва сохтаи ***заргарӣ, нигинакорӣ, калимаҳои зардӯзӣ*** ва ***минокориро*** истифода кардааст, ки исми сохтаи ***зардӯзӣ*** бо усули омехта-***зар+дӯз+ӣ*** сохта шуда, имрӯз ҳам серистеъмол аст.

Исми ***минокорӣ*** дар қолаби омехта сохта шуда, имрӯз қариб ки дар истеъмол нест. Ин калима дар ФЗТ қайд нашудааст. Калимаи мино бо маъноҳои 1. обгина, шиша (ҳамчун ҷисм, мода), обгинаи рангин, ки рӯйи онро бо тилло ё нукра наққошӣ мекунанд; 2. Кабуд, осмониранг, сабзранг, 11. Манораи баланди чароғдор, ки барои ба киштиҳо нишон додани роҳи бехатар дар соҳили баҳр устувор карда мешавад [7, 690].

Исми сохтаи дигаре, ки нависанда истифода намудааст, ***киштукор*** ва ***заминкорӣ*** аст. Исми ***киштукор*** мураккаб буда, аз ду реша бо ёрии миёнванди –у- таркиб ёфтааст. Ин калима имрӯз серистеъмол мебошад. Синонимии он ***заминкорӣ*** қариб, ки дар ин қолаб ба кор бурда намешавад. Калимаи ***заминкорӣ*** аз исмҳои ***замин, кор*** ва пасванди ***-ӣ- замин+кор+ӣ*** таркиб ёфтааст. *Аммо оммаи аҳолии деҳот ба киштукор — ба заминкорӣ машғулӣ мекарданд* [1,84].

Исми дигаре, ки нависанда корбаст кардааст, сарроҷӣ мебошад. Калимаи ***сарроҷӣ*** лафзи арабист, ки сарроҷ ба маънои зингар, зинсоз ва сарроҷӣ – зинфурӯшӣ, зинсозӣ зикр гардидааст(8)

Ӯ ба ном дар Бухоро подшоҳ буда, корҳои хироҷ ва ***андозгундорӣ*** *дар дасти волии араб буд, Абумуслим аз авлоди форс-тоҷик буда, аз гуломони як қабилаи араб буд ва ба касби* ***сарроҷӣ*** *машғулӣ мекард (1,102). Бо вуҷуди аз гуломӣ озод шудан ҳануз ӯ ба банӣ Аҷул кор мекард, вай* ***сарроҷӣ*** *карда, худаш меҳнати худро ба онҳо медод ва инчунин зулму бедодҳоеро, ки аз дасти арабҳо дар ҳаққи оммаи аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр мерафт, аз одамони мансабдор беҳтар ҳис мекард ва бинобар ин, ӯ дар ҷавонӣ дар фикри исён афтода буд.*

Дар мисолҳои боло исми ***андозгундорӣ*** истифода гардидааст, ки аз ҷиҳати таркиби морфологӣ аз се ҷузъ-феъли фармоишии ***андоз,*** исми ***гун***, асоси замони ҳозираи дор ва пасванди – ***ӣ*** таркиб ёфтааст. Исми мазкур исми машғулият аст.

Муҳаннаъ дар аввалҳои айёми зиндагонӣ ва ҷавонии худ ***козарӣ****, яъне* ***шустагарӣ*** *мекард. Азбаски дар он вақтҳо дар Хуросон ва Мовароуннаҳр касби бофандагӣ ривоҷ дошт, шустагарӣ ҳам, ки аз касбҳои лозими бофандагӣ аст, яке аз касбҳое буд, ки бисьёр одамҳо аз пушти он нон мехӯрданд(1,121).*

Козарӣ як касби ҷудогона аст, ки вайро дар забони ҳозираи тоҷикӣ шуштагарӣ мегӯянд, на ҷомашуйӣ. Дар козарӣ карбосҳои навбофтаро бо тарзҳои махсус шуста ва куфта (зада) сафед ва суфта мекунанд. Дар ин кор карбосҳои тираранги дурушт, монанди суфи пухтаи фабрикӣ, сафед ва мисли матоъҳои кудунг кардашуда суфта ва шаффоф мешаванд.

Дар мисоли боло исми амали ***шустагарӣ*** корбаст шудааст. Калимаи ***шустагарӣ*** аз сифати феълии ***шуст-а***, пасванди исмсози ***–гар*** ва омоморфемаи ***–ӣ*** таркиб ёфта, имрӯз қариб ки дар истеъмол нест.

Таҳлили мавод нишон дод, ки нависанда дар асари мазкур исмҳои ифодакунандаи касбу корро, ки хоси мардуми тоҷиканд, истифода намудааст. Як гурӯҳи исмҳо имрӯз тағйири маъно кардаанд. Дар сохтани исмҳои мазкур асосан пасвандҳои –ӣ, -гар, -гӣ корбаст шудаанд. Бештари исмҳои ифодакунандаи касбу кор имрӯз дар истеъмоланд, вале қисме аз онҳо тағйири маъно кардаанд, қисми дигар ба гурӯҳҳои калимаҳои архаистӣ дохил шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, Исёни Муҳаннаъ /С. Айнӣ . -Душанбе: Маориф , 1978. 166.- С.
2. Бобомуродов М. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст /М. Бобомуродов.-Душанбе: Эр-граф, 2012. -Ҷ. 1-240 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик -Душанбе: Дониш, 1985. -Ӣ. 1.
4. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёсуллуғот/Ғиёсиддин Муҳаммад. -Душанбе, 1987.-Ҷ.1. - 480 с.
5. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёсуллуғот /Ғиёсиддин Муҳаммад -Душанбе, 1988. -Ҷ.2.- 416 с.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов - Душанбе, 1972-70 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М, 1969. -Ҷ. 1.- 951 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М, 1969. -Ҷ. 2.- 949 с.

ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ ВЫРАЖАЮЩИЕ РЕМЕСЛА В ИСТОРИЧЕСКОЙ ПОВЕСТИ САДРИДДИНА АЙНИ «ВОССТАНИЕ МУКАННЫ»

В статье анализирована роль словообразовательных суффиксов в историческом очерке С. Айни «Восстание Муканны». Особое внимание уделяется производным словам, выражающим ремесла и профессии, образованным с помощью суффиксов и омоморфем. Автором подчеркиваются некоторые слова ставшие архаизмами, только в производной форме.

Ключевые слова: словообразование, префикс, суффикс, омоморфема, исторический повесть, смежное словообразование.

THE NOUNS EXPRESSING OCCUPATIONS INS. AINI'S HISTORICALSTORY "MUQANA'S UPRISING"

The article investigates the role of word formationsuffixesin S. Aini's historical essay "Muqana's uprising". The author paid particularly attention to derived words expressing profession and occupations formed by the help of suffixes and omomorphemes. The author remains some words converted to archaisms, only in a derived form.

Key words: word building, prefix, suffixes, omomorphemes, historical story, related word formation.

Сведения об авторе: ***Низомова С.*** – доцент кафедры стилистики и литературного редактирования ТНУ

К ВОПРОСУ О МИФОЛОГИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКЕ В «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ

Х.А. Элназарова
Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева

«Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси является одним из величайших литературных шедевров не только таджикского народа, но и всех народов мира, давно взыскавший всемирную известность. Язык «Шахнаме» представляет большой интерес в лексикологическом аспекте, так как язык произведения богат и разнообразен и оказал огромное влияние на развитие литературного языка и определение закономерностей его развития.Об изучении различных аспектов «Шахнаме» Фирдоуси исследователями Востока и Запада были написаны и изданы тысячи книг и статьей. Особенно в сфере лексикографии, «Шахнаме» привлекло внимания языковедов, потому как лексика «Шахнаме» по разнообразию семантической группы, как аллегория, метафора, иносказание, а также с точки зрения художественных приемов и способов выражения,

содержащие термины различных областей, является уникальным языковым источником [См.: Касимов, 2011,162 с.].

Язык «Шахнаме» свидетельствует о богатом словарном составе первого периода формирования литературного языка фарси-дари.

Этот великий эпос отражает многовековую историю наших далеких предков, а также богатства, красоты и изящности литературного языка X века и является выдающимся примером литературного шедевра.

Абулькасим Фирдоуси, сотворив это произведение, приобрел известность мирового масштаба и доказал, что он великий мастер поэзии и в развитии литературного языка, особенно поэтического, выполнил свою историческую миссию как непревзойденный мастер слова.

В «Шахнаме» содержится ряд рассказов, которые наполнены мистической символикой и мифологическими образами, посредством которых Фирдоуси выражал свои религиозные, мифологические и местами философские воззрения.

В рамке данной статьи мы сможем рассмотреть только некоторые, самые распространенные мифологические понятия, используемые до настоящего времени как в литературном, так и в разговорном языке.

***Дев*-див.** *Дев,* огромное ужасное сказочное существо. «*Дев»* древнее слово, которое до сегодняшнего дня с небольшим фонетическим изменением сохранилось в персидско-таджикском языке. Например, это слово в языке пехлеви использовался в виде dev, в авестийском daeva, в древнеиндийском deva. Слово dev в древнее времена относилось к группе арийских богов. Однако, после появления Зороастра и представления Ахурамазда древние боги стали считаться развращающими и дьявольскими, но слово или понятие *дев* среди всех индоевропейцев, кроме иранцев, сохранил свой первоначальный смысл. Понятие deva среди индийцев означает Бог. Также Зевс (Zeus) имя главного греческого божество и dues латинское божество и dieu на французском берут начало из одного корня. (Фарњанги номњои «Шоњнома» љ.1, 1379, 393). В «Шахнаме» деятельность дивов и периев началась с «Сказание Каюмарса» и убийство Сиёмака. Тахмурас побуждал дивов к различным деяниям. Затем Заххок захотел создать армию из дивов и периев и смешав их с людьми, пойти войной на Фаридуна.

Однако присутствие дивов в «Шахнаме» больше наблюдается в поэмах посвященных героическим подвигам Рустама. Фирдоуси считает дивов вечными и это понятие в большинство моментах использовал для описания.

Самым знаменитым дивом в «Шахнаме» это *Деви Сапед* Белый Див, который якобы был главой дивов Мазандарана:

Даридам чигаргоҳи Деви Сафед,
Надорад бад-ӯ шоҳ аз ин пас умед. (2, 84)
Знай, дива я убил и печень взял,
Чего ты, мудрый шах мой, и не ждал.
(В.Державин, 1960, 72)
Ҳаме гуфт ин гуна Деви Сапед,
Ҳаме дод, дилро бад-он сон навид. (2, 82)
Так Белый див удачу заклинал,
Так он смятенный дух свой утешал.
(В.Державин, 1960, 70)
Пизишкон, ки диданд карданд умед,
Ба хуни дилу магзи Деви Сапед. (2, 78)
Так мне сказал премудрый врач правдивый:
Слезе подобна сукровица дива. (В.Державин, 1960, 67)

В группе иранских имен особое место занимают имена богинь, которые отражены в авестийском языке с точки зрения зороастризма. И эти имена затем перешли и в последующие языки. Это особенно касается «ахриманских» слов, отражающих отрицательных богинь, образы, события и действия. Независимо от того, что эти слова в прямом своем смысле являются синонимами тех слов, которые выражали обычное, распространённое значение этих слов. Но в то же время выражают отрицательные значения. Потому, что эти слова в авестийском языке имели отрицательный, негативный смысл. Но эти отрицательные оттенки не были прежде в нашем языке и в тех регионах, где зороастризм не занял место основной религии.

Это, прежде всего, касается понятия daiya, который в древних иранских языках означает «мама, Бог, богиня» и только со временем в зороастризме и некоторых других религиях и верованиях преобразовался в «фальшивую богиню, богиню зла, дива и ахримана»

В восточно-иранских языках, может быть под действием фольклора и существующей религии приобрело второе значение. Например, в **среднеперсидском языке** и в **классическом персидском** *dev* в смысле «див, шайтан, ахриман»; **согдийско-буддийский** *δyw,***согд.- христианский** *dyw [δew]* «лживый, ложный, неприемлимый для веры», **ягнобский** *dew dev*; **хорезмский** δew; **мунджанский** liw зло, див; **шугнанский** *δew* 1. Див, шайтан 2. Непоседа, бесноватый, помешанный, глупый, меджнун**; рушанский, хуфский, бартангский, рошорвский** δēw; **язгулямский** *δiw* див, **ишкашимский** *dew,* джин; **сангледжский** *lew* див, сумашедший, **ваханский** *liv lew* див, сумашедший (Эдельман, 2010, 22).

Также в поверьях народов населяющих горные регионы Средней Азии все еще живы в образе древних небесных существ, одним из которых является «Деви Сафед», то есть, образ белой женщины, одетой в белые одеяния, похожей на «пятничную Пороскевью» в христианстве, которая покровительствует над женщинами ткачихами. (Андреев, 1925-1927, 1958, 1970) Существование божественного признака характерно для имени *daieԓa* в скифском диалекте, которые не были характерны для зороастризма. Поэтому в осетинском языке в нартовской легенде *Avdiwad* слово, образованное из этого корня, и относится не к шайтану и ахриману, а, наоборот, к добрым богиням (Абаев. Избр. 1990, 43, 47).

В существование образа дива в качестве одной из скифских богинь перешедшей затем и в славянские верования и о подробностях развития слово daiya можно обратиться к (ЭСИЯ, 2, 306-310).

Необходимо подчеркнуть, что Фирдоуси в своем «Шахнаме» в некоторых случаях отождествлял плохих людей с дивами:

Ту м-ар девро мардуми бад шинос,
Касе, к-ӯ надорад, зи Яздон сипос.
Считай ты дивом злых людей,
Того, кто не Иездана не почитает.

Ҳар он к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар машмараш з-одамӣ.
Тот, кто сошел с людского пути,
Считай его дивом, а не человеком.

***Симург*-мифологическая священная птица.** *Симурґ́* название мифологической птицы, которая занимает особое место в мифологии, сказок и особенно в «Шахнаме» Фирдоуси. Это слово с точки зрения структуры составное и состоит из двух компонентов: *си* и *мурґ́,* которое изначально имело форму Sen-morg:

Бад он ҷой Симугро лона буд,
Ки он хона аз халқ бегона буд.
В том месте был гнездо Симурга,
Который был далек от глаз людских.

Необходимо сказать, что это имя имеет персидско-таджикские корни и в древних языках использовался в различных формах и с точки зрения изучение корня слова выяснено, что оно имеет один корень. Например, имя *Симурґ́* в Авесте обозначено, как Saena, на пехлеви как Senmuru, на санскрите как Suena, а в азербайджанском языке остался как Sain, только в составе Sainqal'a. В таджикском языке и в армянском языке это слово осталось с вариантом первого компонента Sin. [Фарҳанги номҳои «Шоҳнома»,1377, 425-427].

В мифологии Китая также упоминается птица по имени Sien-Ho, которая имеет удивительные и магические особенности [Эрон в Чини бостон,1353, 37].

С одного аспекта *Симурґ́* означает «железная птица» и использовалось это слово в этом аспекте. Исходя из того, что первый компонент слово Simuru на пехлеви Sin в смысле «железо» тоже употреблялся, имеется в виду «железный летающий аппарат», который в те времена откуда-то приземлился в Иране [Бунёди Нишобур, 1358, 198].

В другом месте Sinmuru в действительности является названием горного улара и так как среди домашних животных полезнейшими считаются лошадь и корова и достойны восхваления, то среди птиц считающимися *ҳалолом*-дозволенными шариатом и потому величественнейшими среди них, является горный улара, который достиг степени воспевания.

Также Saena в Авесте упоминается как имя человека. В 97 пункте фарвардина говорится: «Сасна первый человек, который жил со своими приверженцами, в количестве ста человек на этой земле». Это тот Saena, который, по словам Динкарда, родился сто лет позже появления зороастризма и умер двести лет после него. В персидских словарях

Симурґ обозначал имя мудреца и умного человека, может быть saena означает «благочестивый» и «умный», который приведен в 97 пункте фарвардина Яшта, второе знчение *Симурґа* -это имя человека. Личное имя Синдухт, которое использовано в «Шахнаме»-это авестийский Saena [Яшты, 575].

Назвать одного необычного человека или необычную птицу этим именем является показателем того, что с точки зрения языкознания, смысл этого слово в Авесте и Динкарде и даже в «Шахнаме» яснее, чем его номинальное значение и может быть, целью назвать этим именем, это выражение духовности и метафизичности той птицы и того мудреца.

Как становится ясным из «Шахнаме» Фирдоуси, *Симург* существо благодетельное и поэтому можно упоминать о нем.

1. Когда Зол вернулся к Сому, Симург отдала ему свое перо, чтобы в трудное время он бросил его в огонь и тогда Симург придет ему на помощь.

2. Также Симург в «Шахнаме» упоминается как умный врачеватель. Например, когда страдала во время родов Рудоба, то Симург пришла на помощь и обучила ученого жреца оказать помощь в процессе рождения Рустама.

3. Симург пришла на помощь Рустаму во время его битвы с Исфандиёром. Она обучает Рустама, как подготовить особую стрелу и затем с ней пойти на битву с Исфандиёром:

Нигаҳ кард Зол он гаҳе аз фароз,
Зи Симурґ дилаш ҳаво пуртароз (6, 391).
Увидел Симург всемогущий с высот
Во мраке огня ослепительный взлет (4, 283).
Чу Симурґ дид Зол аз фароз,
Сутудаш фаровону бурдаш намоз (6, 391).
Заль встал, низкий отдал Симоргу поклон,
Потом благовонья велел воскурить (4, 284).
Бад ӯ гуфт Симурґ: «Шоҳо чӣ буд
Ки омад бад ин сон ниёзат ба дуд?» (6, 391).
Тот вымолвил: «Знаком условным огня
Зачем ты, о князь, призываешь меня? (4, 284).

Тани Зол Симурґ падруд кард,
Аз у тор в-аз хештан пуд кард (6, 397).
Симург тут прощаться с воителем стал,
Питомца любимого к сердцу прижал (4, 288).

Таким образом, Фирдоуси воспевал в «Шахнаме» *Симурґа* как бесстрашную, огромную, разговаривающую птицу, как спасительницу, благодетельницу, у которой гнездо на пике горы Албурз:

Ба чое, ки Симурґ хона буд,
Бад он хона ин хирад бегона буд.
В том месте был гнездо Симурга,
Для того дома этот разум был незнаком,*

Ки Симурґ хонад варо корҷӯй,
Чу паррандакӯхест пайкорҷӯй. (6, 228)
Симоргом зовут ее: полную сил,
Ё ты с крылатой горой бы сравнил. (4, 172)
Агар бозгардҷ ба вай судманд,
Наёзҷ ба Симурґу кӯҳи баланд. (6, 228)
Путь, верь мне, назад тебе лучше держать,
Горы и Симурга того не искать». (4, 172)
Сари чангчӯён сипаҳ баргирифт,
Суханҳои Симурґ дар сар гирифт. (6, 229)
В путь вышел с дружиной глава удальцов,
Он в мысляхуж биться с Симургом готов. (4, 173)
Чу Симурґ аз кӯҳ сандуӣ дид,
Пасаш лашкару нолаи буӣ дид. (6, 229)
Лишь только ту башню Симург увидал
И войско за нею, и грозный кимвал-

***Пари*-пери.** Первый раз слово «*парљ*» в «Шахнаме» Фирдоуси можно встретить, когда они воевали в армии Каюмарса с Ахриманом и его армией, чтобы отомстить за кровь Сиёмака. В других местах в «Шахнаме» это слово использовалось для описания

мужчин и женщин и их красоты. А иногда пери встречаются как носители блага и добра. Как, например, появляются перед Фаридуном в обличии пэри или как пери подчиняются Джамшеду.

Слово *«парљ»* в персидском языке является измененной формой авестийского слово Pairika. Это слово на пехлеви наблюдается в форме Parik, а в среднеперсидском языке как parig. В согдийском языке как pryk, а в армянском языке в пехлевийской форме, то есть в точном, неизмененном виде parik.

Слово *«парљ»* имеет также значение «чужая женщина, чужестранка» и это является, конечно же, всего лишь гипотезой. Также считают это слово производным от корня индоевропейского слово pele [Фарњанги номњои « Шоњнома» љ. 1, 1379, 248].

Из рассказов и легенд мы знаем, что пери-это мифологическое, сказочное существо. Это слово и сегодня находится в употребление среди таджиков и используется в том же виде и интерпретируют ее как чистое невидимое существо. Будто бы она необычайно красива и поэтому так названа.

Пери существо похожее на человека, очень изящное и неимоверно красивое.

В Авесте пери считается из числа женщин колдуньей, которые направлены Ахриманом, чтобы сбить с пути последователей Маздиясна.

Исходя из всего сказанного, понятно, что это слово не осталось вне поля зрения Фирдоуси и потому он широко использовал его в «Шахнаме»:

Якояк биёмад хуҷаста Суруш,
Ба сони парии палангинапуш..
И вот пришел благословенный Суруш,
Подобно пери одетый в тигровой одежде.*

Или:

Парҷ як ба як зи Аҳриман кард ёд,
Миёни саворон даромад чу бод. (ФНШ, 248, 249)
Пери одним за одним упоминала об Ахримане,
Вошла в средину всадников как ветер.*

В «Шахнаме» от слова *«парљ»* образовано много сложных слов как *парипайкар*-красавица с изящным станом, *паричењр*-красавица с лицом как у пери, *парирух*-то же самое, *парирўй, паризод*-красавица, словно рожденная перием.

В целом в «Шахнаме» пери описана как красивое существо и чародейка. Необходимо подчеркнуть, что в сказание Каймураса, как было в вышеприведенной строке, Суруш как пери появился перед Каймурасом. Поэтому можно сказать, что в «Шахнаме» слово *«пери»* кроме красоты и чародейство, также употребляется в значении благодетельного существа.

Таким образом, слова - термины мифологического содержания: *дев, симурѓ, парљ* являются важными символами в фольклоре иранских народов, в частности в таджикско-персидской литературе. В процессе развития мифологического содержания они приобрели новые значения, отличающиеся от первоначального этимона. Следует отметить, что в «Шахнаме» Фирдоуси эти термины употреблены в различных положительных и отрицательных оттенках, что связано с идейно-содержательным мотивом эпопеи. Если слова-термины *симурѓ* и *парљ* главным образом приобрели положительные оттенки, то слово *дев* употреблено в отрицательных значениях.

Л И Т Е Р А Т У Р А

7. Авесто куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ - Душанбе,2001
8. Абаев В.И. Избранные труды. Религия Фольклор Литература/ В.И.Абаев. – Владикавказ, 1990. -Т . 1.
9. Андреев М.С. Средне-Азиатская версия Золушки (Сандилони) Св. Параскева –Пятница Деви Сафед по Таджикистану/ Андреев М.С. -Ташкент,1927
10. Абулӣосими Фирдавсӣ «Шоҳнома/ Абулӣосими Фирдавсӣ. - Душанбе, 1987».- Ҷилди дуюм.
11. Абулӣосими Фирдавсӣ «Шоҳнома»/ Абулӣосими Фирдавсӣ, - Душанбе, 1989.- Ҷилди шашум.
12. Абуль-Касим Фирдоуси. Из Шахнаме. Перевод В. Державина/ Абуль-Касим Фирдоуси – Сталинанаб, 1949.
13. Касимов М. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси/ М.Касимов.- Душанбе, 2012.
14. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков/ Расторгуева В.С.,Эдельман Д.И..- М.2000 Т.1
15. Фирдоуси. Шахнаме/ Фирдоуси.– М., 1969.- Том четвёртый.
16. Эделман Д. И. Олиҳаҳо ва симоҳои минавҷ дар забонҳои эронии шарӣ/ Д. И.Эделман. //Номаи пажӯҳишгоҳ Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносҷ Соли нӯҳум, шумораи 21 баҳори 2010. саҳ.17-29.
8 منصوررستگارفسایی. فرهنگنامهای شاهنامه (دردوجلد) تهران۱۳۷۹.
9.سیمرغ و سی مرغ، دکتر علب نقی منزوی، انتشارات یحر، ۱۳۵۹. ص. ۴۵)

10ابراهیم پور داوود. یشت ها، طهوری ۱۳۴۷ ص. ۵۴۷

11کویاجی جی، سی، آیین و افسانه های ایران و چین باستان (ترجمه جلیل دستخواهی) سازمان

12 کتاب های چینی، ۱۳۵۰

(جنیدی ف. زندگی و مهاجرت نژاد آریانا بر اساس روایات ایرانی. ینباد نیشابور، ۱۳۵۸

К ВОПРОСУ О МИФОЛОГИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКЕ В «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСЫМА ФИРДОУСИ

В «Шахнаме» содержится ряд рассказов, которые наполнены мистической символикой и мифологическими образами, посредством которых Фирдоуси выражал свои религиозные, мифологические и местами философские воззрения. В рамке данной статьи мы сможем рассмотреть только некоторые, самые распространенные мифологические понятия, используемые до настоящего времени как в литературном, так и в разговорном языке.

Ключевые слова: Шахнаме, Фирдоуси, мифология, лексика, мифологическая лексика, Зевс, див, пери, Симург.

TO THE QUESTION OF MYTHOLOGICAL VOCABULARY IN "SHAHNAME" ABULKASYM FERDOWSI

In "Shahname" contains a number of stories that are full of mystical symbolism and mythological images, through which Ferdowsi expressed their religious, mythological and sometimes philosophical view. In the frame of this article we will consider only some, the most common mythological concepts used to date both in the literature and in the spoken language.

Key words: Shohnome, Firdausi, mythological, lexicology, mythological lexicon, Zevs, Div, Peri and Simurg.

Сведения об авторе: ***Х.А. Элназарова*** – преподаватель кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева. Телефон: **93-407-24-99**

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД «АВЕСТЫ» КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКО-НЕМЕЦКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ

З.А.Шарипова
Таджикский национальный университет

История человечества - это история контактов. Между культурным творчеством народов происходят процессы взаимодействия и взаимовлияния. Они, несомненно, содействуют межкультурным коммуникациям и литературной компаративистике.

Мнение, что Запад и Восток являются противоположными полюсами и никогда не сойдутся, бытовало в течении длительного времени. Однако история развития человечества опровергло такое мнение. Разделение человеческой цивилизации на восточную и западную является чисто условным.Вся духовная ценность человечества взаимосвязанна.

«Если мы представим себе историю человечества в виде огромной бескрайней реки, -мы увидим, что Запад и Восток являются двумя её берегами».[1]

Взаимоотношения Запада и Востока уходят своими корнями в глубокую древность.Они имели разную природу. Вначале - торгово-экономические. Со II века до н.э. шёл особенно активный диалог цивилизаций на трассах Шёлкового пути. Само название «Великий Шёлковый путь» было введено в историческую науку учёными XIX столетия, после того как в 1877 году немецкий путешественник и историк К.Рихтгофен написал книгу«Китай», в которой он впервые назвал этот торговый путь «Великим Шёлковым».

Это была не просто торговая дорога - это был так называемый культурно-экономический мост между Востоком и Западом, соединявший различные народы в стремлении к мирному сотрудничеству.

Известно, что начиная с X-XI вв. установливаются дипломатические отношения между европейскими странами и азиатскими государствами.Они способствовали культурным взаимоотношениям. Процессы взаимодействия и взаимовлияния не обошли стороной и национальную литературу, которая в совокупности составляют «Мировую литературу». Любая национальная литература не может существовать обособлено. Никогда ни один народ не жил в изоляции и нет такого народа, который не впитал в себя черты культуры других наций.

Международные литературные связи играют в литературном процессе объединяющую роль. Они являются одной из главных закономерностей литературного процесса. Эта закономерность заключается в постоянном взаимодействии литератур, в усвоении одной литературой художественного опыта другой.[2]

В целом литературные связи играют в истории мировой культуры прогрессивную роль. Они приводят к ускорению литературного процесса. Плодотворные влияния и заимствования «извне» являют собой созидательно-творческий контакт разных, во многом не похожих друг на друга литератур. По мысли Б. Г. Реизова, международные литературные связи (в наиболее значительных своих проявлениях),стимулируя развитие литератур, развивают их национальное своеобразие».[3]

Вопрос литературных взаимосвязей и взаимодействий народов мира является одним из важных в современной литературоведческой науке. Изучение данного вопроса открывает широкие возможности для создания более значительных трудов по истории литературы народов Востока и в области взаимосвязи и взаимодействия литературы Востока и Запада.

Интерес к проблемам литературных связей возрос в конце XVIII — начале XIX вв., вместе с небывалым усилением межлитературных общений. Этот процесс был отмечен Г.Гердером - выдающимся немецким историком культуры. Он сумел философски обобщить то передовое,что действительно имеется в культуре Востока, что представляет вечную идейно-эстетическую значимость и должно быть органически соединено с прогрессивной культурой Запада. Этим Гердер подготовил почву для идеи западно-восточного синтеза. Однако честь первооткрывателя как самого западно-восточного литературного синтеза так и формулировки понятия «мировая литература» принадлежит ученику Гердера-великому Гёте.

И. В. Гёте заявил в 1827 году: «Сейчас мы вступаем в эпоху мировой литературы, и каждый должен теперь содействовать тому, чтобы ускорить появление этой эпохи». [4]

Европейские писатели и поэты старались изучить достижения древних традиционных литератур Востока и переосмыслили их в согласии с собственными эстетическими концепциями и в духе новой, индивидуально-творческой поэтики. Западная культура стремится найти в традиционных восточных литературах неиспользованные ею возможности, и в частности, условные формы, отличающиеся значительным уровнем художественного обобщения.

Восточные сюжетные образы и мотивы являются средством обновления европейских литератур. В связи с этим между Востоком и Западом начинается не только более целенаправленный и плодотворный обмен художественными традициями и духовными ценностями, но и повышается деятельность европейских ориенталистов в области перевода образцов классической художественной литературы Востока.

В Большой Советской Энциклопедии даётся такое определение художественному переводу: «Художественный перевод — вид литературного творчества, в процессе которого произведение, существующее на одном языке, воссоздается на другом».[5]

Литература отдельный вид искуств, который имеет словесную природу. Он изолирован в пределах национально-языковых границ. Литературное произведение понятно только тем, кто владеет языком, на котором оно написано. Язык же танца, живописи, музыки, скульптуры, даже театра и кино (если они не связаны с текстом) доступны пониманию любого зрителя или слушателя.

Знакомство с искусством слова другого народа, а тем самым взаимовлияние и взаимообогащение литератур, становится возможным благодаря переводу. Перевод является одним из главных проводников культурного обмена между народами, ибо «...литература всего легче и лучше знакомит народ с народом» [6].

В истории мировой литературы художественному переводу принадлежит важная роль. Перевод является важным фактором укрепления литературных связей. «Интерес к вопросам перевода во многом обусловлен растущим стремлением к обмену духовными ценностями в мировом масштабе» [7].

Подмечено, что литература многих стран состоит, главным образом, из двух элементов: «из произведений, появившихся в данной стране, и произведений, перенесённых в эту страну из литератур других стран».[8] Подобного рода процессы, протекающие в таджикской и немецкой литературах подтверждают этот факт. Произведения, подвергшиеся художественному переводу, распространялись в народе и, в какой – то мере, становились «принадлежностью литературы этой страны» [9].

Не случайно, что художественный перевод рассматривается как одна из основных форм литературных связей, которая помогает более углубленному пониманию литератур других стран. Видный советский востоковед И.С.Брагинский отмечает, что «термин «древнетаджикская литература (письменность)» условен: он включает в себя произведения, написанные ещё не на таджикском языке, а на одном из литературных языков среднеазиатских иранцев, предков таджикского народа,- «авестийском,согдийском и других языках» [10].

«В послевоенные годы в литературоведении велись дискуссии вокруг термина «персидско-таджикская литература», который закончился принятием этого термина. Это означало, что, наряду с другими персоязычными народами, таджикский народ имеет полное право на классическое наследие» [11].

Таджикско-персидская литература является одной из древнейших и богатых в мировой литературной сокровищнице. Начало её истории относится ко 2-му тысячелетию до н. э., и развивалась она в таких центрах как Бухара и Самарканд, Худжанд, Тус, Шераз, Балх и других городах. Наиболее древним памятником ираноязычной литературы является «Авеста».

«Авеста» - священная книга зароастрийской религии. До наших дней она дошла в двух основных редакциях «Ветдидад-саде» (так называемый чистый Вендидад и «Зенд-Авеста» [12]. В первой редакции находится сборник молитв на авестийском языке. Примечательно, что эти молитвы не утратили своей злободневности и важности и сегодня. Служители культа зароастрийцев и ныне используют их при богослужении. Этот сборник молитв называется «Ветдидад-саде» (так называемый чистый Вендидад. Он не содержит переводов и коментарий). Кроме того в первый вариант входят «Висперед» и «Ясна». Все три части расположены вперемежку между собой в особом порядке.

Ин калимаҳо аз ҷиҳати маъно фарӣ надоранд, вале дар калимасозӣ ва андозаи истеъмолашон фарқ доранд. Калимаи ***мадад*** дар забони гуфтугӯйӣ ба кор бурда мешавад: ***мададгор, мадад хостан, мадад расонидан, мадад намудан*** ва (11, 80).

Калимаи ***ёрӣ*** дар забони умумии гуфтугӯйӣ нисбат ба синонимҳояш серистеъмолтар аст. Ин калима шаклҳои дигар-***ёрмандӣ, ёрдам*** низ дорад, ки онҳо ҳам ба ҳамин маъно (***ёрӣ***) истеъмол карда мешаванд. ***Ёрӣ*** ғайр аз маънои зикршуда ба маънои ***дӯстӣ***, ***ҳамкорӣ***, ***восита*** низ дучор мешаванд.

Дар ин гурӯҳи силсилаи синонимӣ, ки барои исботи андеша аз эҷодиёти Манучеҳрӣ мисолҳо оварда мешавад, ба истиснои вожаи ***тараб*** дигар вожаи бегона ба назар намерасад ва ҳамаи ин силсилаи синонимҳо мутааллиқи забони тоҷикӣ мебошанд ва шоир онҳоро дар ҷойи худ ва бо тобишҳои хоси маъноияшон истифода намудааст. Масалан, ***хурсанд, шод, хуррам, шодмон, бегам, хушнуд, тарабнок, тараб.***

Чу баркандам дил аз дидори дилбар,
Ниҳодам муҳри ***хурсанд***ӣ ба дил бар (214).

Калимаи ***хурсандро*** муаллифони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ додаанд: 1. хушнуд, шод. 2. розҷ, қонеъ; (17, 482). ***Хурсандӣ*** **خرسندی** шодмонӣ, хуррамӣ, ризоият; ***хурсандӣ*** **кардан** шодӣ ва хурсандӣ изҳор намудан (17, 482).

Ҳамвора ҳамедун ба саломат ба зиёдӣ,
Бо давлату бо неъмату бо ҳашмату ***шод***ӣ (158).

Шод **شاد** хушнуд, хурсанд, хушҳол, хушу хуррам (17, 680).

Ҳар кҷ сабуҳӣ кунад, бо дили ***хуррам*** бувад,
Бо ду лаби мушкбӯй, бо ду рухи ҳури айн (179).

Шодмона бизӣ, эй мир, ки гардандафалак,
Ин ҷаҳон зери нигини хулафои ту кунад (28).

Соли амсолини Наврӯз ***тарабнок***тар аст,
Пору перор ҳаме дидам андуҳгино (2).
Тарабнок **طربناک** шодиовар, хурсандиовар (17, 320).

Ин калимаҳо дар ифодаи умумии ҳолат ва вазъияти шахс синоним мешаванд. Дар забони имрӯзаи тоҷик ҳамаи калимаҳо серистеъмол мебошанд.

Калимаҳои ***хурсанд, шод, хуррам, шодмон*** аз ҷиҳати маъно ва андозаи истеъмол фарқи зиёд надоранд. Калимаи ***хуррам*** баъзан вобаста ба мавқеи истеъмол тобиши ҷузъии маъноӣ содир менамояд (11, 225). **Хуррам** **خرم** 1. шод, хурсанд, хандон (17, 482).

Калимаи ***беғам*** оид ба шахс гуфта мешавад: ***шахси беғам*** (шод хушҳол). Ин калима бо калимаҳои ***бепарвоӣ, фориғболӣ*** низ синоним шуда меояд ва ба ин вазифа серистеъмол аст. Ин силсилаи синонимҳо ба шакли таркиб ҳам серистеъмоланд: ***хушу хуррам, шоду хурсанд, хурсанду шодмон, шоду мамнун, шоду беғам***: ***Беғам*** **بےغم** он ки ғаму ғусса надорад, дур аз андӯҳ (16, 172).

Аҳбоби в-аро саодати ***беғам*** бод,
То шод зиянду бода гиранд ба чанг (173).

Вожаи ***хушнуд*** ҳам сермаъно мебошад ва дар ҳама ҳолат маънои синонимии худро нигоҳ медорад. Баъзан, ибораи табъи чоқ (чоғ) низ чун синоними калимаҳои боло дучор мешавад: **Хушнуд** **خوشنود** шод, шодмон, хурсанд; мамнун, розӣ (17, 488):

Магар боре зи ман ***хушнуд*** гардад,
Бувад дар кори ман сайъи ту машкур (47).

Дар «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»-и М. Муҳаммадиев вожаи ***тараб*** чунин зикр гардидааст: Калимаи ***тараб*** аз ҷиҳати маъно васеътар аст. Ин калима ғайр аз маънои синонимии зикршуда бо калимаҳои ***гояти рӯҳбаландӣ, вачд, хурсандии аз ҳад зиёд*** низ ҳаммаъно ва синоним шуда меояд (225). Калимаи зикршуда мансуби забони арабӣ аст ва дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: ***Тараб*** **طرب** шодӣ, хушӣ, хушдилӣ; ҳаракатҳои шодиёна (17, 320)

Бо ***тараб*** дораму марди ***тараб*** ороят,
Бо самои хушу бо барбату бо ноят (206).

Чунонки дар боло зикраш рафт, вожаи ***хурсанд*** сарсилсила буда, дар навбати худ ба шохаҳо тақсим мешавад:



шод
хуррам
шодмон
беғам
мамнун
хушу хуррам
хушнуд
тарабнок
хушвақт
фараҳнок
тараб
тарабангез

«Синонимҳо ҳамчун категорияи лексикӣ яке аз манъбаъҳои асосии бойкунандаи забон, хусусан таркиби луғавии забон мебошанд. Синонимҳо яке аз беҳтарин воситаҳои баёни тобишҳои маънои мафҳум, ҳолат ва рӯҳияи шахсанд. Синонимҳо барои аз такрори як калима худдорӣ кардан ба гӯяндаву нависанда кӯмак мерасонанд ва баробари ин саҳеҳӣ ва равшании суханро таъмин мекунад» [1, 45].

Саҳми услубии муродифҳо хеле назаррасанд, шоир бо ёрии силсилаи синонимҳо табақа ва хусусияту тавсифи қаҳрамонҳои худро ба хубӣ нишон дода метавонад.

Ҳамин тариқ, синонимҳо калимаҳои гуногуншакли аз рӯйи маъно бо ҳам наздик бошанд ҳам, дар ҳама ҷо, дар ҳама гуна жанру услуб якдигарро пурра иваз карда наметавонад. Чунончи: ***калон, бузург, азим, кабир, аъзам, муаззам, меҳтар, калон*** бо ҳам синониманд, вале на ҳамеша якдигарро иваз мекунанд.

Меҳтар: مهتر калонтар, бузургтар; 2. одами бузург, олимақом (16, 686).

Ҳосидам гӯяд, чаро дар пешгоҳи ***меҳтарон***
Мо залилему ҳақиру ту аминию макин (90)?
Ҳурдак нигараш нест, ки ҳурдак нигараш-нӣ,
Дар кори ***бузургон*** ҳама зӯл(л) асту ҳавон аст (13).

Калимаи ***бузург*** сермаъност. Ин калима бо калимаҳои кабир, аъзам, калон аз тарафи дигар, бо калимаҳои зиёд, фаровон, бисёр синоним мешавад. Вожаи мазкур дар луғат чунин шарҳ дода шудааст. ***Бузург*** بزرگ 1. калон; муқобили хурд 2. олимартаба, соҳиби ҷоҳу манзалат, асилзода. 3. соҳиби эътибор ва эҳтиром, соҳиби бартарӣ ва фазилати маънавӣ, азим, кабир (16, 210).

В-ар хоҷаи ***аъзам*** қадаҳе кеҳтар хоҳад,
Ҳаққо, ки маяш медиҳию ҳам қадаҳаш мӣ (99).

Вожаи ***аъзам*** бештар нисбат ба шахс ба кор бурда мешавад. Ин калима нисбат ба ашёҳои дигар кам ба кор бурда мешавад. Вале вожаи зикршуда арабӣ буда, дар фарҳанг чунин маънидод шудааст: **аъзам** اعظم азимтар, калонтар, бузургтар; **вазири аъзам//садри аъзам** (7, 109).

Обе чу яке ки сагаке аз хази зард аст,
Дар киса яке байзаи кофури ***калон*** аст (13).

Калимаи ***калон*** чи дар забони адабӣ ва чи дар забони гуфтугӯйӣ нисбат ба муродифҳои худ сеистеъмол аст ва баъзан, нисбат ба калимаҳои дигар тобишҳои услубӣ ва маъноӣ зоҳир намуда, онҳоро дар матн иваз карда наметавонад: шахси бузург, аъзам. Дар ин ибора ба ҳамин маъно вожаи калон синонимҳои худро иваз карда наметавонад. Дар ибораи шахси калон калимаи ***калон*** ба маънои дигар (ҳаҷм) меояд. Вожаи зикршуда дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст: ***калон*** کلان 1. ҳаҷман ва миқдоран бузург, азим: **калони калон, ҷӯйи калон …; маблағи калон** пули зиёд (16, 568).

Синоними дигари вожаҳои зикршуда вожаи ***кабир*** мебошад, ки мансуби забони арабӣ буда, дар луғат ба чунин маънӣ омадааст: ***кабир*** бузург, калон, азим, муаззам(16, 559).

Чун нигаҳ кард бад-он духтаракон модари пир,
Сер буданд якояк-чи сағиру чи ***кабир*** (196).

Дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ низ муродифоти луғавӣ чун дар ҳама гуна асарҳои баландпояи бадеӣ ва чун хусусияти ҳама гуна забон хеле фаровон ба назар мерасад. Баррасию омӯзиши муродифот дар осори ба ҳаёти шоҳон, амирон ва аҳли ҷоҳ бахшидаи ин суханвари номӣ барои то андозае шинос гардидан ба эҷодиёти ӯ, муайян кардани тарзи баён ва меъёри интихобу истеъмоли сухан дар роҳи офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза мусоидат мекунад. Ба қавле «ҳар гоҳ аз сарвати забон сухан равад, одатан чун далели раднопазир ба ғановат ва гуногунрангии муродифот рӯ меоваранд» [4,5]. Вақте сухан аз интихобу истеъмоли калима меравад, боз бо синонимҳо муроҷиат мекунем, чунон ки А. А. Брагина мегӯяд: «ҳангоме, ки кӯшиши бо диққати том андеша ва эҳсосоти худро баён кардан ё онро ниҳон доштан мекунанд, ба синонимҳо муроҷиат месозанд» [4,5].

Барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ интихоби калима ё ибораю таркиби беҳтарин ҳунар аст. Чунончи шоир **моҳу қамар, ҳилолу бадр** ва **мунирро** чун муродиф ин тавр ба кор бурдааст.

Ин калимаҳо дар маънои предметиашон фарқ надоранд, аммо ҳар калима вобаста ба мавқеи истеъмолӣ ва хусусиятҳои услубии худ аз калимаи дигар фарқ мекунад. Калимаи моҳ нисбат ба калимаҳои дигар маънои умумикунанда дорад. Ин калима сеистеъмол ва сермаъност ва ба маъноҳои зиёди маҷозӣ меояд. Калимаҳои ***қамар*** ва ***бадр*** дар забони адабии китобӣ нисбат ба ***моҳ*** (маҳ) камистеъмол мебошанд. Баъзан, маънои ***бадр,*** хусусан «***моҳи бадр***» бо ибораи «***моҳи тамом***» ифода меёбад, вале ин ҳолат нисбатан кам дучор мешавад (11, 129).

Вожаи ***ҳилол*** моҳи нав гуфтан аст, вай нисбат ба калимаҳои дигар тобиши маъноӣ дорад. ***Моҳ*** дар матн вожаи ***ҳилол***ро ва баръакс ***ҳилол моҳ***ро бе ягон тобиши маъноӣ иваз карда метавонад. Аммо ***ҳилол*** калимаҳои ***бадр*** ва ***қамар***ро иваз карда наметавонад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик вожаи ***ҳилол*** камистеъмол аст, аммо вожаи ***моҳ*** (маҳ) сеистеъмол мебошад.

Қамар:

Рухи гулнор чунон, чун шикан бар рӯйи бутрӯён,
Гули дурӯя чунон, чун ***қамар***ҳо даври пайкарҳо (2).

Қамар вожаи арабӣ буда, дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: 1. моҳ, маҳ *маҷ.* маҳбубаи зебо, дилбари хушрӯй, рӯйи зебо (17,672).

Моҳ//Маҳ:

Наргис чун **моҳ** дар миёни сурайё,
Лола чу андар кусӯф гӯшаи фурқад (20).

Моҳ//Маҳ ماه /م 1. қамар, ҳамроҳи Замин, ки ба даври он мегардад ва аз акси рӯшноии Офтоб тобон аст. 2. маҷ. хушрӯй, маҳбуба (16,704).

Падид омад ҳилол аз ҷониби кӯҳ,
Ба сони заъфарон олуда маҳҷан (87).

Офтоб-хуршед-меҳр-шамс:

Офтоби мулкати султон, ки дасти ҷуди ӯ,
Хоҳад ӯро, к-аз миёни халӣ беҳамто кунад (25).

Офтоб آفتاب 1. хуршед, шамс, меҳр (16,939).

Чун зи гардун бар азин силсилаи зарондуд,
Қурси **хуршед** фурӯ хуфта нагунсор бувад (30).

Хуршед - офтоб, меҳр, шамс (17,509). Вожаи хуршед дар луғат ба маънои офтоб, шамс шарҳ дода шуда, дар байт ба ҳамин маъно истифода шудааст (17,509).

Миро! Малико! Ситораву ***бадро***!
Мирӣ, маликӣ, ситораву бадрӣ (119).

Бадр вожаи арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст 1. моҳи пурра, моҳи тамом, моҳи чордаҳ-понздаҳрӯза. 2. *маҷ.* рӯйи зебо; **бадри мунир** а) моҳи пурраи тобон, моҳи мунаввар; б) *киноя аз* маҳбубаи соҳибҷамол (16,120).

Падид омад ***ҳилол*** аз ҷониби кӯҳ,
Ба сони заъфарон олуда маҳҷан (87).

Ҳилол- моҳи нав (*то шаби севум*) (17, 527).

Барои возеҳтару равшан ифода гардидани таъкиди матлаб шоир аз ҷуфтҳои муродифот низ бо камоли ҳунар истифода бурдааст, ки барои боз ҳам фасеҳу пуртаъсиртар гардидани сухан мусоидат мекунад.

Дар забони тоҷикӣ муродифҳои ҷуфт ё ҷуфтистеъмол, ки аз ду калима иборатанд, хеле зиёд мебошанд. Муродифҳои ҷуфт як маъноро пурра ифода менамоянд ва алоҳида ҳам истеъмол мешаванд. Муродифҳои ҷуфт аз ҷиҳати сохт ва ҷойи ҷузъҳо ба ибораҳои фразеологӣ монанданд, лекин дар ибораҳои устувор калимаҳои дохилии он яке ба дигаре тобеъ буда, дар муродифҳои ҷуфт ҳарду калима баробарҳуқуқ мебошанд ва аз тарафи дигар, аксар ба маънии луғавии худ меоянд(ниг.: 5, 45) ва забоншинос Б. Сиёев дар асоси 72 ҷуфти муродифот, ки қисме аз онҳо чандин маротибагӣ дар асар такрор шудаанд, мақолаи муфассале иншо намудааст (ниг.: 15, 25). Ӯ зиёд истифода бурдани муродифҳои ҷуфтро боиси нафосату равонии гуфтор меҳисобад.

Оид ба муродифҳои ҷуфт дар асарҳои тадқиқотӣ ва мақолаҳои илмӣ як қатор маълумотҳо оварда шудаанд. Вале муродифҳои ҷуфтро пурра ҳалшуда ҳисобидан мумкин нест, чунки дар хусуси муайяну маънидод кардани муродифҳои ҷуфт фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Забоншинос М. Аминов қайд мекунад, ки синоним ва ҷуфтҳои синонимӣ яке аз категорияҳои лексикӣ буда, нависанда ва гӯяндаро водор месозад, ки то ҳадди имкон фикрашро аниқ ифода намояд, назокату нафосат, савти сухан ва муҷаззабии онро ба ҳадди балоғат расонад. Нависанда ба туфайли синоним ва ҷуфтҳои синонимӣ имконият пайдо мекунад, ки бе такрори номатлуб ҳодисаву воқеотро бо тамоми ҷузъиёташ ба назари хонанда ҷилвагар созад [ниг.: 2, 14-16].

Муродифҳои ҷуфт дар асарҳои як қатор забоншиносон бо истилоҳҳои гуногун зикр шудаанд. Муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ муродифҳои ҷуфтро ҳар хел ном ниҳодаанд, ки аз як тараф, омӯзишу таълимро душвор созад, аз тарафи дигар, истилоҳро хароб мекунад. Устодон Н. Масъумӣ [9, 58-59] ва С. Ҳалимов [18, 77] онҳоро «ибораҳои синонимӣ», забоншинос Б.Сиёев «воҳидҳои ҷуфт», С. Ҳоҷиев [21, 68] ва Р. Набиева [14, 32] онҳоро «таркибҳои ҷуфт» номидаанд. Забоншинос М. Муҳаммадиев бошад, ҳангоми тадқиқи муродифоти забони адабии ҳозираи тоҷик бо мисолҳое, ки дар онҳо пайвастҳои мазкур ҷой доранд, вохӯрда, онҳоро «ҷуфтҳои синонимӣ» номида, таъкид мекунад, ки ин гуна ҳамроҳ омадани муродифот маънои калимаро таъкид ва пурра менамояд ва муҳаққиқ Х. Ҳусейнов [19, 78] ҳангоми тадқиқи забон ва услуби повести «Одина» - и С. Айнӣ муродифоти мазкурро гоҳе «чида», гоҳе «ибора» ва гоҳе «таркиб» меномад. Забоншинос Ш. Кабиров ин навъи ҷуфтҳоро «синонимҳои пай дар пай» ном бурдааст [ниг.: 6, 48-52]. Дар қасоиди Манучеҳрӣ чунин навъи муродифҳо фаровон истифода шудааст ва муаллиф ин гуна муродифҳоро барои боз ҳам ӣувватноку таъсирбахш гардонидани каломи хеш баён доштааст.

Наравад ҳеҷ хато бар дилу андешаи ту,
К-аз хато дур туро ***зеҳн***у ***зако***и ту кунад (27).

Дар байт вожаҳои **зеҳну зако** муродифҳои ҷуфт буда ва мансуби забони арабӣ мебошанд дар луғат ҳар ду вожаро чунин шарҳ додаанд: **Зеҳн –** фаҳм, ҳуш, идрок; зиракҷ, зудфаҳмӣ (16 ,449). **Зако –** фаросат, тезии зеҳн, зиракӣ, басират (16,431).

Ба ҳамин монанд ҷуфти ***ранҷу азобро*** (195) метавон дар қасоиди Манучеҳрӣ муродифҳои ҷуфт ном бурд:

Омад шабу аз хоб маро ***ранҷу азоб*** аст,
Эй дӯст, биёр, он чӣ маро доруи хоб аст (195).

Вожаҳои ***ранҷу азоб*** муродифи ҷуфт буда, дар луғат ба чунин маънӣ омадааст.

Ранҷ-заҳмат, меҳнат, кор. 2. азоб, машаққат, алам, озор.3. беморӣ, касалӣ, дард (17,121). Вожаи ***азоб***ро дар луғат аз ҷиҳати баромад арабӣ донистаанд ва озор, дард, алам, ранҷ, машаққат, уқубат, кулфатовар, шиканҷа (16,47).

Дар қасидаҳои шоир ҷуфтҳои муродифие корбаст шудаанд, ки аз ҷиҳати баромад ҳар ду вожаи арабӣ аст.

Аз пашша ***анову алами*** пили бузург аст
В-аз мур фасоди бачаи шери жаён аст (13).

Вожаҳои ***анову алам***ро дар луғат аз ҷиҳати баромад арабӣ донистаанд ва ранӣ, машаққат, заҳмат. 2. ғам, андӯҳ (16,77). ***Алам*** дард, ранӣ, озор, нохушӣ (16, 54).

Ман раҳӣ то бизиям, ***мадҳу сано***и ту кунам,
Шараф онро бифизояд, ки санои ту кунад (183).

Калимаҳои ***мадҳу сано*** муродифи ҷуфт буда, мансуби забони арабӣ мебошанд ва дар луғат ба чунин маъниҳо омадаанд:

Мадҳ-ситоиш, таъриф кардан, тавсиф (16, 620).
Сано - мадҳ, таҳсин, ситоиш, касеро мадҳу ситоиш кардан (17, 191).

Зиёд истифода шудани муродифот дар осори ба ҳаёти шоҳон, амирон, султон ва аҳли ҷоҳ бахшидаи Манучеҳрӣ худ далели он аст, ки таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар гузаштаи дур ҳам ниҳоят бою рангин будааст ва аз тарафи шоир бамавқеъ ва моҳирона истеъмол гардидани онҳо захираи бойи луғавӣ ва сухандониву сухансанҷии ӯро нишон дода ба қудрати нерӯи фикрии ӯ далолат мекунад.

Ҳамин тавр, дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ ифодаву истифодаи хусусияти синонимии калимаҳо хеле хубу ҷаззоб буда, барои мукаммалу хонданбоб гардидани қасидаҳои шоир мусоидат кардааст. Барои ифодаи як мафҳум якчанд калима-синонимҳо оварда мешаванд ва ҳар кадоми онҳо тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубии ба худ хосеро низ доранд. Умуман, дар ашъори Манучеҳрӣ синонимҳо ниҳоят бисёранд, ки мо чун намуна чанде аз онҳоро таҳлил кардем. Дар натиҷа, маълум гардид, ки синонимҳо калимаҳои ифодакунандаи нозукиҳои семантикӣ ва услубианд. Онҳо умумият ва фарқи калимаҳоро хеле равшан ифода менамоянд. Шоир вобаста ба мавқеи истеъмол калимаҳоеро ба кор мебарад, ки барои ифодаи маъноҳои баланд ва фикрҳои олӣ мувофиқанд. Хусусиятҳои дигари синонимҳо дар ашъори Манучеҳрӣ дар он аст, ки аксари калимаҳои синонимшаванда ҷуфт меоянд. Аммо ҷуфт омадани калимаҳои синонимӣ такрори фикр набуда, балки барои муайян ва равшан ифода намудани маъно мебошад ва ин ҳолат бештар дар матн равшану дақиқ эҳсос карда мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. -Душанбе, 1974. – 148 с.
2. Аминов М. Баъзе хусусияти услубии ҷуфтҳои синонимӣ / М Аминов // Мактаби советҷ, №3,1981. - С. 14-16.
3. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ // Куллиёт.-Душанбе, 1976. -Ҷ.12.- С.23-558.
4. Брагина А. А. Синонимы в литературном языке / А. А. Брагина.- М.: Наука, 1986.-127с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Имсми 1.-Душанбе, 1973.- 458 с.
6. Кабиров Ш. Синонимҳои пайдарпай дар «Таърихи Бадахшон»/ Ш. Кабиров // Мақолаҳо доир ба забон ва адабиёти тоҷик. -Душанбе, 1983.- С.83-85.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / Қосимова М.Н. -Душанбе, 2012. -Ҷ.1-568 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов.-Душанбе, 2007 -Ҷ. 1. -243 с.
9. Маъсумҷ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумҷ -Душанбе, 1976.-196 с
10. Мухторҷ Йутбиддин. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакҷ / Мухторҷ Йутбиддин - Душанбе: Деваштич, 2006.-130 с.

11. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. -Душанбе: Маориф, 1993.- 271 с.
12. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин. Муҳаммад -Душанбе: Адиб, 1987.Ҷ.1-398с.
13. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. / Ғиёсуддин Муҳаммад. -Душанбе: Адиб, 1988.Ҷ.2.-390с.
14. Набиева Р. Синонимҳо дар ашъори Рӯдакӣ / Р. Набиева // Мактаби советҷ, №5, 1967. – С. 28 - 32.
15. Сиёев Б. Таърихи воҳидҳои ҷуфт дар забони адабии тоҷик / Б. Сиёев // Мактаби советӣ.- 1969, №9. - С. 26 - 36.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ.. М.: СЭ. 1969. -Ҷ.1- 951с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ М.: СЭ. 1969.- Ҷ.2. -949 с.
18. Ҳалимов С. Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутӣ) / С. Ҳалимов К .Шукурова. -Душанбе,1988.- 95 с.
19. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов -Душанбе, 1973.-140 с.
20. Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Ҳуҷандӣ) / Ширинбонуи Исматуллоҳ.-Душанбе: Ирфон, 2007.-144 с.
21. Horn P. Grundriss der neupersische etymologie. –Strassburg, 1893. -678 p.
22. .Манучеҳрии Домғонӣ. Девон. Бо эҳтимоми Саид Муҳаммади Сиёҳӣ.–Теҳрон, 1390– 421 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СИНОНИМИЧЕСКОГО РЯДА В ПОЭЗИИ МАНУЧЕХРА

В данной статье анализируется использование синонимического ряда в поэзии Манучехра Домгони. В его поэзии обозначение и применение синонимического ряда слов соблюдется очень хорошо. Для обозначения одного понятия им используется несколько слов-синонимов.

Ключевые слова: синонимия, языковые особенности, словарный состав, словари, метафорическое значение, основное значение, слова, смысловые оттенки, смысловые особенности, привлекательность.

THE USING OF SENONYMS GROUPESIN THE POEMS OF MANUCHEHRA

The article considers about the using of synonyms groups in the poems of Manuchehri Domghoni. In his poems the marking and employment of synonyms words are keeping very well. For the marking of one comprehension is using several words of synonyms.

Key words: synonymy, language features, vocabulary, dictionary, metaphorical value, basic meaning, words, shades, semantic features that appeal.

Сведения об авторе: ***Хайдар Муслимов*** - ассистент кафедры истории языка и типологии ТНУ

ҚОЛИБҲОИ ИҚТИБОСИИ ФЕЪЛҲОИ МУҶАРРАДИ АРАБӢ ДАР ТАРКИБИ ФЕЪЛҲОИ ТОҶИКӢ (ДАР “ТАЪРИХИ БУХОРО”-И НАРШАХӢ)

Б.Н. Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ нақши калимаҳои иқтибосии арабӣ ва муарработ басо ҷолиби диққат аст, зеро ин гурӯҳ калимаҳо дар муддати беш аз даҳ аср аст, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ тадриҷан ворид гардида, натанҳо ба меъёрҳои сарфиву наҳвии ин забон мутобиқ гардиданд, балки дар баъзе ҳолот сабабгори ба вуҷуд омадани қаволиб ва меъёрҳои луғавӣ-сохтории муштарак низ гардидаанд, ки назари иҷмолие ба роҳу воситаҳои ифодаи мақулаҳои дастурии ҷинсият, ҷамъ ва амсоли он тасдиққунандаи ин андешаҳоянд ва имрӯз беш аз 50%-и калимаҳои таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикиро иқтибосоти арабӣ ва муарработ ташкил менамоянд. Иллати ба таври фаровон дохил гардидани калимаҳои арабӣ натанҳо дар истилои Хуросону Мовароуннаҳр (дар асри VIII) аз тарафи аъроб, балки дар пазириши дини мубини ислом аз тарафи форсизабонон ва чун забони давлатӣ ва забони илм, санъат, адаб, муносиботи байналмилалӣ (дипломатия) ва ғайра мебошад.

Калимаҳои иқтибосии арабӣ сарфи назар аз он ки дар арабӣ мансуби кадом ҳиссаи нутқанд, ба забони форсӣ-тоҷикӣ бештар чун исм ва сифат ворид гардидаанд. Калимаҳои арабиасл дар байни зарфҳо, ҷонишинҳо, шумораҳо, феълҳо ва ҳиссаҳои номустақили нутқ низ мушоҳида мешаванд, аммо дар қиёс ба исму сифат онҳо ҳеҷанд. Тибқи назари профессор Ҳ. Маҷидов дар забони муосири тоҷик зиёда аз 30 қолиби калимаҳои ҳамқолиби арабӣ ворид шудаанд, ки беш аз 20 навъи онҳо сермаҳсуланд [6, 104].

Теъдоди бештаре аз масдарҳо ва анвои мухталифи исмҳои арабӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба кор мераванд, ки огоҳии мухтасар аз қолибҳо ва наҳваи сохтмон ва эъроби онҳо барои дуруст ба кор бурдан бар аҳли забони форсӣ-тоҷикӣ зарурӣ аст.

Дар ин ҷо мо доир ба ду далели мавриди масдарҳои иқтибосӣ андаке таваққуф менамоем. Аввалан, аксари он калимаҳои арабиасле, ки аз онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ феъл сохта шудааст, аз масдарҳои арабӣ мебошанд. Дувум, аксари ин гурӯҳи феълҳо дар фарҳангҳои аз тарафи мутааххирин нашр гардида, бидуни феъли ёвар, ки тавассути он мансубияти феълии ин гурӯҳ маълум мегардад, оварда ва бо маънои феълии онҳо низ тавзеҳ дода мешаванд. Аз ин ҷиҳат шинохти сохтории онҳо дар забоншиносӣ муҳим хоҳад буд. Агарчи калимаҳои чун феъл мустаъмали арабӣ дар муқоиса ба исм, сифат ва зарф бисёр зиёд нестанд, вале кам ҳам нестанд. Биноан, бо асос қарор додани қаволиби сохтории калимаҳои (масдарҳои) чун феъл мустаъмали "Таърихи Бухоро"-и Абубакри Наршахӣ ба масъала иктифо хоҳем кард.

Аз сабаби он ки шикасти реша хусусияти умдатарини калимоти арабӣ аст, барои он ки ҳарфҳои аслии калима аз ҳарфҳои зоид ҷудо карда шавад, забоншиносони араб аз ҳуруфи ФЪЛ-ро ба унвони мизон (тарозу) ба ҷойи ҳарфҳои аслӣ мегузоранд, ки барои шинохт ва муайян кардани анвои сохторҳо, маъноҳои луғавию грамматикии калимаҳои ин забон кӯмак мерасонанд[2].

Дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз калимоти арабиасл дар ду шакли сохторӣ сода ва таркибӣ феъл сохта шудааст, мисли фаҳмидан, талабидан (сода), даъват кардан (таркибӣ) ва ғайра. Масдарҳои мавҷуд ва мустаъмали арабӣ дар "Таърихи Бухоро"-ро метавон дар ду қисмат зикр кард:

а) Масдарҳое, ки дар истилоҳи сарфии араб сулосии муҷаррад номида мешаванд, яъне феъли мозии ин масдарҳо қиёсӣ нестанд, қоидаи умумӣ, сиға ва қолиби муайяне надоранд. Аз онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ бо иловаи афъоли ёвар ва ё нишонаҳои феълӣ феъл сохта шудааст, бояд бо муроҷиат ба кутуби луғат ба наҳваи талаффуз ва корбурди саҳеҳи онҳо пай бурд [18, 36].

б) Мадарҳое, ки дар сарфи арабӣ сулосии мазид номида мешаванд, ҳар як дар қолиби махсусе талаффуз шуда, "боб" номида мешаванд ва қиёсӣ ҳастанд, ки ошноӣ ба он қолибҳо моро аз ҳайси дуруст талаффуз, кардан, ба ҷойи худ ба кор бурдан ва шинохтани онҳо ёрӣ хоҳад кард. Аз ин навъ масдарҳо калимоти фаровон вориди забони мо шуда ва мавриди истеъмол ҳастанд, ки бо зикри номи қаволиби онҳо иктифо хоҳем кард: ифъол, тафаъъул, тафъил, ифтиъол, муфоъила, фиъол, инфиъол, тафоъул, истифъол, тафаълул, мафъал, мафъил.

Қариби панҷоҳ қолибе ҳаст, ки масдарҳои муҷарради арабиро метавон дар он мушоҳида намуд ва намунае чанд аз аксари ин қолибҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба мушоҳида мерасанд, ки тахминан 90%-и онҳо айнан ҳамон шакл ва мазмуни арабии худро нигоҳ доштаанд ва қисми андаке аз онҳо шакл ва мазмунеро ба худ қабул намудаанд, ки ба асли худ мувофиқат наменамояд. Ба унвони мисол чанд навъ аз ин масодирро, ки дар "Таърихи Бухоро" зикр гардидаанд, зикр менамоем:

...дар зикри Бухоро... ва он чи ба вай ***нисбат дорад*** *(саҳ, 1).*

нисбат доштан; *нисбат* калимаи арабӣ буда бар қолиби **фиълат** аст.

...бештар кас ба хондани китоби арабӣ ***рағбат нанамоянд*** *(саҳ, 2).*

рағбат намудан; *рағбат* бар қолиби **фаълат** мебошад.

Дӯстон аз ман дархост карданд, ки "ин китобро ба порсӣ ***тарҷума кун****". Дархости эшонро иҷобат кардам ва ин китобро ба порсӣ* ***тарҷума кардам*** *(саҳ, 2).*

тарҷума кардан; *тарҷума* бар қолиби **фаълула** аз калимоти рубоӣ аст.

Себавайҳ қазои Бухоро кард ва ба ду дирам ***ҷавр накард*** *(саҳ, 3).*

ҷавр кардан; *ҷавр* бар қолиби **фаъл** аст.

---

[2] Ғолибан (тақрибан 80%) калимаҳои арабӣ сулосӣ (сеҳарфӣ) ҳастанд, қисми каме аз онҳо рубоъӣ (чорҳарфӣ) ва хумосӣ (панҷҳарфӣ) мебошанд. Агар калимаи арабӣ чорҳарфӣ ва ё панҷҳарфӣ бошад, он гоҳ ломи ФЪЛ такрор хоҳад шуд, мисли: ДиРҲаМ бар қолиби ФиЪЛаЛ ва СаФаРҶаЛ бар қолиби ФаЪаЛЛаЛ.

Ва дигар Исо бинни Мӯсо ат-Таймӣ ал-маъруф ба Ғунҷор раҳимаҳу-л-Лоҳ ӯро ***қазо доданд, қабул накард****, султон фармуд: агар* ***қазо накунӣ,*** *касеро ихтиёр кун, ки ба вай диҳем ҳам* ***қабул накард*** *(саҳ, 3).*

қазо кардан; *қазо* бар қолиби **фаъл** мебошад, зеро алиф дар бадали ҳарфи иллати решагӣ йот оварда шудааст.

қабул кардан; *қабул* бар қолиби **фаъул** аст.

Гуфтанд: хомӯшӣ аз вай, ***ризо бошад*** *(саҳ, 4).*

ризо будан. *Ризо* бар қолиби **фиъол** мебошад, зеро баъди алиф ҳамза мавҷуд аст.

Чун Амири Саид ***вафот ёфт,*** *ҳар касе ҷое қарор карданд (саҳ, 173).*

вафот ёфтан. *Вафот* бар қолиби **фаълат** аст. Калимаи *вафот* дар асл шакли вафйат дар қолиби фаълат) йот ба сабаби ҳарфи иллати моқаблаш маскун будан ба алиф табдил гардидааст.

...ба вақҳе қазо ронд, ки бар вай ***масал заданд*** *аз адл ва инсофу шафқат бар халқи Худой (саҳ, 4).*

масал задан. *Масал* бар қолиби **фаъал** аст.

афв хост ва ба ҳаҷ рафт ва ҳаҷ гузорид ва муддате ба Ироқ бошид (1, 5).

авф хостан. *Авф* дар асл *ъавф* аст, бар қолиби **фаъл** ва ъайн, бо тақозои имло ҳазф гардида.

Чун пир шуд, аз қазо ***афв хост*** *ва ба* ***ҳаҷ рафт*** *ва* ***ҳаҷ гузорид*** *ва муддате ба Ироқ бошид (саҳ, 5).*

ҳаҷ рафтан. *Ҳаҷ* бо ҷими мушаддад аст, бинобар ин, бар қолиби **фаъл** мебошад.

Дар талаби илми ҳадиси Пайғомбар (с) буд ва шогирдӣ кард ва боз ба Бухоро омад ва ***узлат ихтиёр кард****, то охири ҳаёт (саҳ, 6).*

узлат ихтиёр кардан. *Узлат* бар қолиби **фуълат** ва *ихтиёр* бар қолиби **ифтиъол**.

айб нагирифт ва адлу инсоф ом мекард (1, 6).

Бар дари саройи хеш саройи уммол фармуд ***бино карданд****, чунонки ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ... (саҳ, 51).*

бино кардан. *Бино* (بناء) бар қолиби **фиъол** аст, зеро ҳарфи охири он ҳамза буда, дар тоҷикӣ ҳангоми изофат зоҳир мегардад.

Ӯро аз ҷиҳати бузургӣ Байгу ***лақаб карда буданд*** *(саҳ, 10).*

лақаб бар қолиби **фаъал** аст.

Амир Исмоил боз ба амир Наср нома кард ва эшонро ***талабид*** *(саҳ, 143).*

талабидан. *Талаб* бар қолиби **фаъал** аст. Ин феъл ба ҷумлаи феълҳои содаи забон дохил мешавад. Дар ташаккули феълҳои сода саҳм гирифтани калимаҳои иқтибосӣ ҳодисаи нодир аст, зеро сода ва сохта ягона гурӯҳи феълие мебошанд, ки дар сохти он фақат калимаҳои аслии забон нақш доранд, вале чунон ки дида шуд, он низ беистисно нест.

Аз баъди Қутайба даҳ сол Туғшодаҳ ***мулк дошт*** *ва ӯро Абӯмуслим (р) бикушт (саҳ, 12).*

мулк доштан *(ба маънои ҳукмронӣ кардан). Мулк* бар қолиби **фуъл** аст.

Баъд аз вай Сукон бинни Туғшода бародари ӯ ҳафт сол мулк дошт, ***ғавғо бархост*** *ва ӯ низ кушта шуд (саҳ, 12).*

Ғавғо бархост; *ғавғо* бар қолиби **фаъло** омадааст.

Қуръон мехонд, андар он ҳол ӯро бикуштанд ва ҳам дар он кӯшк ӯро ***дафн карданд*** *(саҳ, 12).*

дафн кардан. *Дафн* бар қолиби **фаъл** аст.

Ва ҳар боре ***сулҳ кардӣ*** *ва* ***мол додӣ*** *ва чунин гуфтаанд, ки ба рӯзгори вай аз вай соибраъйтар касе набуд ва ба асобати раъй мулк медошт ва мардумон ӯро мунқод гашта буданд (саҳ, 14).*

сулҳ кардан*. Сулҳ* бар қолиби **фуъл** аст.

мол додан. *Мол* бар қолиби **фаъл** аст; *мол* дар асл *мавл* будааст ва вов, ки ҳарфи иллат аст ва моқаблаш мафтуҳ аст, аз ин ҷиҳат ба алиф табдил шудааст.

*Ӯ дар кори мулк нигариш кардӣ ва **амру наҳӣ меронд**ӣ ва онро ки хостӣ, **хилъат додӣ** ва онро ки хостӣ, **уқубат кардӣ** (саҳ, 15).*

Калимаҳои ***амр*** ва ***наҳӣ*** бар қолиби **фаъл** ва ***хилъат*** бар қолиби **фиълат** ва *уқубат* бар қолиби **фуъулат** воқеъ гардидаанд.

*Баъд аз он ба ҳисор андаромадӣ ва хонҳо фиристодӣ ва ҳамаи ҳашамро **таом додӣ** (саҳ, 15).*

***таом додан**. Таом* бар қолиби **фаъол** аст. Байни садонокҳои калимаи таом ҳамсадои ъайн воқеъ гардидааст, ки бо тақозои имлоӣ навишта намешавад.

*Чун Хотун бимурд, писари ӯ Туғшода бузург шуда буд ва подшоҳиро шоиста шуда ва ҳар касе **тамаъ мекард** дар ин мулк (саҳ, 16).*

тамаъ бар қолиби **фаъал** аст.

*Чун Баййинот **риддат овард** ва кушта шуд ин зиёъот ва мамлакат бештар бо вай дод то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ мебуд (саҳ, 19).*

риддат бар қолиби **фиълат** аст.

*Мардумон **хабар ёфтанд**, андаромаданд ва он мол, ки аз хироҷ буд, ғорат карданд (саҳ, 135).*

хабар бар қолиби **фаъал** аст.

*Ва бародари ӯро низ бо касони ӯ **ҳалок кард** (саҳ, 17).*

ҳалок бар қолиби **фаъол** аст.

*Баййинот бо эшон **майл кард** ва эшонро ёрӣ дод, то дасти сапедҷомагон дароз гашт ва **ғалаба карданд** (саҳ, 17).*

майл бар қолиби **фаъл** ва ***ғалаба*** бар қолиби **фаъала** аст.

Баййинот дар Вархаших ба кох барнишаста шароб мехӯрд ва аз манзар назора мекард, аз дур савонрон дид, ки меомаданд ба таъҷил, донист ба фаросат, ки инҳо аз халифаанд (саҳ, 18).

шароб бар қолиби **фаъол** ва ***назора*** бар қолиби **фаъола** аст.

*... аҷриёни боайб ҳама ба ин бозор фурӯхтандӣ ва боз **рад кардан** имкон ва сомон набудӣ ва ҳеҷ шарт напазируфтӣ -на фурӯшанда, на харандаро (саҳ, 23).*

рад бар қолиби **фаъл** аст, зеро дол ҳарфи мушаддат аст, ки ҳагоми изофат зоҳир гардад.

Он чӯбҳоро дар он ҷо харҷ кард ва моли беҳад онҷо ба кор бурд (саҳ, 27).

харҷ бар қолиби **фаъл** аст.

Амир Исмоил ба ҷӯйи Мавлаён саройҳо ва бӯстонҳо сохт ва бештар бар Маволиён вақф кард ва ҳанӯз вақф аст (саҳ, 54).

вақф бар қолиби **фаъл** аст.

*Бо лашкаре азим Афросиёб ин деҳи Ромитанро **ҳисор кард** (саҳ, 32).*

ҳисор бар қолиби **фиъол** аст.

Бар зимистон вақти ғалабаи кофирон шуда, аз ҳар деҳе онҷо мардуми бисёр ҷамъ омада, ғазва карда, ҳар қавме ба работи хеш фуруд омада (саҳ, 36).

ҷамъ бар қолиби **фаъл** ва ***ғазва*** бар қолиби **фаъла** аст.

*Қозие будӣ, ки бо бедоди шаддод **ҳукмҳо рондӣ** (саҳ, 39).*

ҳукм бар қолиби **фуъл** аст.

*Аҳли ин саноат ба Хуросон рафтанд ...аз он ҷома бофтанд, бар он **обу равнақ наёмад** (саҳ, 40).*

равнақ бар қолиби **фаълат** аст.

*Муҳаммад бинни Ҷаъфар андар китоб овардааст, ки ин бозор ба рӯзгори мо будааст ва ман бағоят **аҷаб доштаме**, ки инро аз баҳри чӣ кардаанд (саҳ, 41)?*

аҷаб бар қолиби **фаъал** аст, ҳарфи аввал бо ъайн аст, бо тақозои имлоӣ навишта намешавад.

*Чун мусалмонон **қувват гирифтанд,** он масҷидро бар он мавзеъ бино карданд ва имрӯз аз масҷидҳои муътабари Бухоро аст (саҳ, 43).*

қувват бар қолиби **фуълат** аст.

Ривоят кардаанд *аз Муҳаммад бинни Саломи Байкандӣ, ки вай бозуҳд ва боилм буд (саҳ, 92).*

ривоят бар қолиби **фиъолат** аст.

...дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид бувад ва ба шафоати ҳар шаҳиде ҳафтод ҳазор муваҳҳиди порсигӯй ***наҷот ёбанд*** *(саҳ, 44).*

наҷот бар қолиби **фаълат** аст. Калимаи *наҷот* дар асл шакли наҷйат дар қолиби фаълат) доштааст, йот ба сабаби ҳарфи иллати моқаблаш маскун будан ба алиф табдил гардидааст.

... Бухоро рӯзи қиёмат бар ҳама шаҳрҳо фахр кунад ба бисёрии шаҳид (саҳ, 45).

фахр бар қолиби **фаъл** аст.

Онгоҳ Бухорохудо ва Зиёд бар эшон заданд, ***ҳамла карданд*** *ва халқе азимро бикуштанд ва боқӣ* ***ба ҳазимат шуданд*** *(саҳ, 107).*

ҳамла бар қолиби **фаъла** ва ***ҳазимат*** бар қолиби **фаъилат** воқеъ гардидааст.

Хостанд дар шаҳри Бухоро ***рабаз зананд*** *ва кадводаи рабаз аз хишти пухта мебоист (саҳ, 50).*

рабаз бар қолиби **фаъал** аст.

Дар муқобили мадраса масҷиде бино кард бағоят некӯ, чунонки он мавзеъ аз он масҷид ***камол гирифт*** *(саҳ, 52).*

камол бар қолиби **фаъол** аст.

То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам ва он чи пазируфт, ***тамом кард*** *ва пайваста ба тани хеш* ***ҳарб мекард*** *ва нагузошт, ки ба вилояти Бухоро душманон* ***зафар ёбанд*** *(саҳ, 66).*

тамом бар қолиби **фаъол**, ***ҳарб*** бар қолиби **фаъл** ва ***зафар*** бар қолиби **фаъал** омадааст.

Корвонҳо мезаданд ва деҳҳо ***ғорат мекарданд*** *ва бисёр* ***харобӣ мекарданд*** *(саҳ, 112).*

ғорат бар қолиби **фоъал** ва ***хароб*** бар қолиби **фаъол** аст.

Ин гӯсфандонро ба Бухоро бимон ё ба ман бифурӯш то ба лашкар ***қисмат кунам****, розӣ нашуд (саҳ, 122).*

қисмат бар қолиби **фиъилат** аст.

Ва аз баъди он ба ҳар тараф хироҷ шуда ва баъзе зиёъ ба об ***ғарқ шуда****, султон хироҷ аз он мавзеъ бардоштааст ва онро, ки об бурда, хироҷи онро низ* ***вазъ кардааст*** *(саҳ, 63).*

ғарқ ва ***вазъ*** бар қолиби **фаъл** мебошанд.

Боз Амири Садид ӯро ***амон дод*** *ва баъд аз хилоф ва ҳарби бисёр* ***ба хидмат омад*** *(саҳ, 177).*

амон бар қолиби **фаъол** ва ***хидмат*** бар қолиби **фиъилат** аст.

Ва Саъд ибни Халаф ал-Бухорӣ, ки қозии Бухоро буд, ин шуғлро ***қиём намуд*** *(саҳ, 66).*

қиём бар қолиби **фиъол** аст.

Хотун аз ин қасди эшон огоҳ буд ва тадбир месохт, то эшонро аз худ ***дафъ кунад*** *(саҳ, 75).*

дафъ бар қолиби **фаъл** аст.

Чун ин сулҳ афтод бо Саид ва Саид аз вай гарав хост, Хотун ***ҳила кард*** *ва он қавмро, ки ин қасд карда буданд, ба гарав дод, то ҳам аз эшон бозраст ва ҳам аз Саид (саҳ, 75).*

ҳила бар қолиби **фиъла** аст.

Ҳикоят кунанд*, ки чун Саид бо Хотун сулҳ кард, Хотунро гуфт:- Бояд ба саломи ман берун ойӣ.Хотун ҳамчунон кард ва ба саломи вай берун омад (саҳ, 75).*

ҳикоят бар қолиби **фиъолат** аст.

Ва аз баъд он Қусам ба Марв рафт ва онҷо ***фавт шуд*** *ва баъзе гуфтаанд, ки ба Самарқанд* ***фавт шудааст*** *(саҳ, 78).*

фавт бар қолиби **фаъл** аст.

*Мусалмонон зуд **бӯқ заданд** ва ҳама ба як бор савор шуданд ва сафҳо баркашиданд. Ва малики турк бар эшон тохт ва араб дармонданд (саҳ, 82).*

бӯқ бар қолиби **фуъл** аст.

*Варасаи ин деҳқон Кадрахина ном пеши Абуҷаъфар Давониқӣ, ки халифа буд, **даъво карданд**... ва қаболаҳо **арза доштанд** ва гувоҳон гувоҳӣ доданд (саҳ, 85).*

даъво бар қолиби **фаъло** ва ***арза*** *(ъарза)* бар қолиби **фаъла** аст.

*Хоҷа гуфт: -Чӣ **ҳоҷат дорӣ**? Амир ҳарчанд **ҷаҳд кард**, ки сухан гӯяд ҳеҷ натавонист гуфтан (саҳ, 91).*

ҳоҷат бар қолиби **фаълат** ва ***ҷаҳд*** бар қолиби **фаъл** аст.

*Ва аз вилоятҳо пайваста онҷо раванд ва панҷоҳ ба зиёдати панҷсола буда ва **шуҳрат ёфт** (саҳ, 95).*

шуҳрат бар қолиби **фуълат** аст.

*Сабаби худро сӯхтани вай он буд, ки пайваста гуфтӣ: чун бандагони ман осӣ шаванд, ман ба осмон равам ва аз он ҷо фариштагон орам ва эшонро **қаҳр кунам** (саҳ, 129).*

қаҳр бар қолиби **фаъл** аст.

*Тугшода бухорохудоҳ эшонро гардан мезад ва ҳеҷ касро заҳра набудӣ, ки сухан гӯяд ё **шафоат кунад** (саҳ, 97).*

шафоат бар қолиби **фаъолат** аст.

*Чун ӯ ба Моваруннаҳр омад, бо туркон **ғазот кард** ва Фарғонаро бикушод (саҳ, 98).*

ғазот шакли мухаффафи *ғазват*, ки бар қолиби **фаълат** аст, вови матуҳ ба сабаби ҳарфи иллат будан ба алиф бадал гардидааст.

*Чун ба Самарқанд расид, Тугшода Бухорохудо ба наздики ӯ рафт ва Наср ӯро икромӣ кард ва **ҳурмат дошт**ӣ, ки духтари ӯро хоста буд (саҳ, 98).*

ҳурмат бар қолиби **фуълат** аст.

*Эшон **азм карданд** ва гуфтанд, ки чун Бухорохудот ва Восилро бикуштанд ва бо якдигар, ки бухорохудо чун моро хоҳад куштан боре дили худ хуш кунем (саҳ, 100).*

азм бар қолиби **фаъл** аст.

*Саид гуфт:- Ман ҳанӯз аз ту **эмин нашудаам**, гарав бо ман бошад, то аз Ҷайҳун бигзарам (саҳ, 78).*

эмин (إيمن) дар забони форсӣ-тоҷикӣ бар қолиби **ифъил** воқеъ гардида, ки метавон онро аз ҷумлаи тасарруфоти форсизабонон номид, аммо дар асл айман (أيمَن) аст, ки бар қолиби **афъал** мебошад.

*Бухорохудо **васият мекард**, як соате буд бимурд (саҳ, 101).*

васият бар қолиби **фаъилат** аст.

*Ин Абдуллоҳ аз Ҷайҳун бигузашт ва ба Нахшаб ва ба Кеш омад ва ҳар ҷой халқро **даъват кардӣ** ба дини Муҳаннаъ (саҳ, 112).*

даъват бар қолиби **фаълат** аст.

*Ва гуфтӣ мо аз ранҷи Марвониён акнун **халос ёфтем** моро ранҷи оли Аббос намебояд, фарзанди пайғамбар бояд, ки халифаи пайғамбар бувад (саҳ, 102)!*

халос бар қолиби **фаъол** аст.

*Чун амири ҳамид аз дунё бирафт, ба Амири Рашид **байъат карданд** ва вай даҳсола буд, ки ба мулк нишаст (саҳ, 175).*

байъат бар қолиби **фаълат** аст.

*Мардумон гуфтанд: -Ту Ҳошим ибни Ҳакимӣ? Гуфт:- **Ғалат кардаед**. Ман Худои шумоям ва худои ҳамаи олам (саҳ, 110).*

ғалат бар қолиби **фаъал** аст.

*Гуфт: ман онам, ки худро ба сурати Одам ба **хилқат намудам**... ва боз ба ин сурат, ки мебинед (саҳ, 110).*

хилқат бар қолиби **фиълат** аст.

*Алқисса бародарони дигари вай **хуруҷ карданд** ва бисёр фитна ангехтанд (саҳ, 171).*

хуруҷ бар қолиби **фуъул** аст.

*Боз кас фиристод ва сулҳ хост ва мол **зиёдат кард** ва ба тамомӣ фиристод (саҳ, 74).*

зиёдат бар қолиби **фиъолат** аст.

*Лашкари ӯ дар ин маънӣ **итоат намуданд** (саҳ, 137).*

итоат бар қолиби **фиъолат** аст.

*Чун Ҳусайн ибни Маоз амири Бухоро буд, чунон бидид, бисёр **лутф кард** Ҷабраилро ва гуфт, то ба Бухоро бошад ва ба Кеш наравад, чандон ки ин шуғл тамом шавад (саҳ, 118).*

лутф бар қолиби **фуъл** аст.

*Манҷаниқҳо биниҳоданд ва рост карданд бар он бурҷ, ки зери он оканда буд, сангҳо андохтанд, **ҳуфра шуд** (саҳ, 119).*

ҳуфра бар қолиби **фуъла** аст.

*Ва боз **аҳд карданд** бар ҳамон ҷумла, ки аввал карда буданд (саҳ, 119).*

аҳд бар қолиби **фаъл** аст.

*... Мӯсо аз ман дидор хост, нанамудам, ки **тоқат надошт** ва ҳар ки бинад маро **тоқат наёрад** ва дарҳол бимирад (саҳ, 124).*

тоқат бар қолиби **фаълат** аст, зеро алиф дар бадали вов (*тавқат*) оварда шудааст.

*Вай эшонро **ваъда кард**, ки фалон рӯз биёед, то шуморо дидор бинамоям (саҳ, 124).*

ваъда бар қолиби **фаъла** аст.

*Чун бинигариданд ҳамаи ҷаҳонро пурнур диданд, битарсиданд ва ҳама ба якбор **саҷда карданд** (саҳ, 125).*

саҷда бар қолиби **фаълат** аст.

*Вай худро аз он ҷиҳат сӯхт, то халқ гӯянд, ки ӯ ба осмон рафт, то фариштагон орад ва моро аз осмон **нусрат диҳад** ва дини ӯ дар ҷаҳон бимонад (саҳ, 129).*

нусрат бар қолиби **фуълат** аст.

*... **суол кардам** аз пирони русто, ки андар ин чӣ маънӣ аст, ки ин неъмате бадин бузургиро бадин як тан мондаанд ва дигарони хешро маҳрум гардонидаанд (саҳ, 130)?*

суол бар қолиби **фуъол** аст.

*Ӯ хирочи Бухоро ба тамомӣ гирифта буд, ҳама дирами ғадрафӣ ва дар миёни сарой рехта буд ва мехост то ба нуқра **сарф кунад** (саҳ, 135).*

сарф бар қолиби **фаъл** аст.

*Чун ӯро ба шаҳр андаровардand муаззам ва мукаррам доштанд ва фармуд, то аҳли шаҳр зару сими бисёр бар вай **нисор карданд** (саҳ, 138).*

нисор бар қолиби **фиъол** аст.

*Чун ӯро дафн карданд, лашкар бишӯриданд ва **хилоф карданд** (саҳ, 176).*

хилоф бар қолиби **фиъол** аст.

*Амир Исмоил бирасид ва хештан аз асб биандохт ва пеш омад ва наҳолинро **бӯса дод**у гуфт (саҳ, 149).*

бӯса дар форсӣ-тоҷикӣ бо бои мазмум (بُوسَه) бар қолиби **фуъла** ворид гардида, аммо дар забони асл бо бои мафтуҳ (بَوسَة) буда, бар қолиби **фаъла** аст.

*Писари ӯ Аҳмад бинни Насрро халифаи худ бинишонд ва вай аз онҷо **ғазв пеш гирифт** (саҳ, 151).*

ғазв бар қолиби **фаъл** аст.

*Бар ҳар шаҳре амире **насб кард** ва осори адл ва сирати хуб зоҳир кард (саҳ, 165).*

насб бар қолиби **фаъл** аст.

Абулҳасанро туҳмат ниҳоданд, ки ӯ гумоштааст ва ӯро ба Бухоро оварданд ва бар дор карданд (саҳ, 168).

туҳмат бар қолиби **фуълат** аст.

*Амир Наср ҳамчунон кард ва он қавмро рӯзгоре дар онҷо боздошт, то он гоҳ ки Бухоро **қарор гирифт** (саҳ, 143).*

қарор бар қолиби **фаъол** аст.

Дар нигоҳи аввал сохти зоҳирии ин масдарҳо аз калимоти аслии тоҷикӣ фарқе надоранд. Инҳоро фақат бо ин роҳ метавон шинохт, ки оё аз ин решаҳо, яъне ҳарфҳои аслии онҳо калимоти дигар иштиқоқ шудааст, ё на. Агар бо роҳи шикасти решаи он, яъне тағйирёбии садонокҳои калима дар сурати бетағйир мондани ҳамсадоҳои решагии он калимаи дигар аз он сохта шуда бошад, пас он арабӣ аст ва агар дар ҳар сурате аз усулҳои калимасозӣ реша шакли аслии худро тағйир надиҳад пас он калима аслии тоҷикӣ аст. Ба ибораи дигар шикасти дохилии реша ё худ тасрифи дохилии калима аз нишонаи тоҷикӣ набудани он дарак медиҳад ва баръакс, тасрифи дохилии калима яке аз аломатҳои иқтибосии арабӣ аст.

Натиҷаи таҳлили мухтасар. Бо он ки калимоти арабиасл дар таркиби феълҳои забони тоҷикӣ камтар ба назар мерасанд маълум гардид, ки фақат аз масдарҳои муҷарради арабӣ дар “Таърихи Бухоро” калимаҳои арабиасл дар 24 қолиб истеъмол гардидаанд, ки 2 қолиби якҳиҷоии он: *фаъл, фуъл* бо серистеъмолтарин қолиби калимаҳои тоҷикӣ ҲСҲҲ мувофиқ ва ҳамшакл мебошанд. Ҳамагӣ ҳафт қолиб (*фиъолат, фаъала, фаъола, фаъолат, фаъилат, фаълула, фуъулат*) калимаҳои сеҳиҷоӣ буда, махсуси калимаҳои арабиасл мебошанд, зеро калимаҳои решагии тоҷикӣ сеҳиҷоӣ нестанд. Боқимона 15 қолиби дигар (*фиъла, фиълат, фиъол, фаъал, фаъол, фаъла, фаълат, фаъло, фаъул, фоъал, фуълат, фуъла, фуъол, фуъул, ифъил*) дуҳиҷоӣ мебошанд ва қисми каме аз калимаҳои решагии тоҷикӣ дуҳиҷоӣ мебошанд, мисли борон, ангишт, курта, фарбеҳ, хусур ва ғ. Серистеъмолтарин қолиби масдарҳои арабӣ дар таркиби феълҳои тоҷикӣ ин қолиби *фаъл* аст, ки 23 калимаи арабиасли таркиби феълҳо дар ин қолиб зикр гардидааст ва дигар *фиълат* (10 калима), *фаъал* (9 калима) ва амсоли он мебошанд.

Чунон ки дида шуд, иқтибосоти арабӣ бахши муҳимме аз калимоти таркиби забонамон буда, шинохти дуруст аз қаволиб ва хусусиёти луғавӣ, сарфӣ ва фонетикии он маънои огаҳӣ аз хусусиёти забони хешро низ дорад, зеро агарчи ин гурӯҳ калимот то андозае бо хусусиёти сохтории худ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ворид гардидаанд, вале дар давоми асрҳо сарвати забонии суфтагардида ва худии аҳли форсизабонони олам гардидаанд, ки наметавон онро истисно намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро /Наршахӣ. Абубакри– Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 179с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. -Душанбе, 1991. 128с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1985. Ҷ.1.– 356с.
4. Гурезов Ҷамшед. Забони арабӣ / Гурезов Ҷ.–Душанбе: Илм, 2010. – 431с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1973. -Ҷ.1
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Девештич, 2007. – 242с.
7. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ / М. Норматов. –Душанбе: Матбуот, 2007. – 238с.
8. Норматов М. Забоншиносии умумӣ /М. Норматов. Ф. Қ Зикриёев. –Душанбе: Матбуот, 2006. – 259с.
9. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ /С. Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1562с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ/ зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. -Ҷ.1.- 950с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ./зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. -Ҷ.– 1095с.
12. آزرنوش آزرتاش. فرهنگ معاصر عربی – فارسی بر اساس فرهنگ عربی – انگلیسی هانسور / آزرتاش آزرنوش. – تهران، 1481. – 803 ص.
13. أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. النحو الاساسي / أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. – الكويت، 1414 ه. ق./1994 م.
14. استروشنی سید یونس. بدایة المبتدئ. جلد اول / سید یونس استروشنی. – دشنبه: کمیته فرهنگی نهضت اسلامی تاجیکستان، 1997. – 219 ص.
15. باطنی محمدرضا. (مجموعه مقالات)، پیرامون زبان و زبانشناسی / محمدرضا باطنی. 1376.
16. جرجي شاهين عطية. سلم اللسان في الصرف و النحو و البيان / عطية شاهين جرجي. – بيروت، 29.11.2005 (الكترانى).
17. الحسینی ابوالحسن علی بن محمد. صرف میر / ابوالحسن علی بن محمد الحسینی. – زاهدان: خیابان عمر خیّام جنب مسجد مکّي، 1385.
18. حسن انزلی. دستور زبان فارسی / انزلی حسن. – تهران: خیابان امام، 1370. – 422 ص.
19. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. – 848 ص.
20. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. – 848-1688 ص.

21. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. –1689-2539 ص.
22. قاسم بوستانی. فرهنگ مبیّین عربی – فارسی / بوستانی قاسم. – تهران، 1373.
23. قیّم عبدالنبی. فرهنگ معاصر (عربی – فارسی) / عبدالنبی قیّم. – تهران، 1381.
24. معلوف لوئنس. المنجد عربی – فارسی. در 2 جلد / لوئنس معلوف. – تهران، 1386.

МОДЕЛИ ЗАИМСТВОВАНИЯ ПРОСТЫХ АРАБСКИХ ГЛАГОЛОВ В СТРУКТУРЕ СОСТАВНЫХ ГЛАГОЛОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА (В “ТА'РИХИ БУХОРО” НАРШАХИ)

В статье подчеркивается, что арабские заимствованные слова являются неразрывным элементом словарьного состава таджикского языка, глубокая ознакомление с которыми содействует предотвращенню орфографических и орфоэпических ошибок в таджикском языке. Арабская заимствованныя лексика составляет огромную часть заимствований в словарном составе таджикского языка, а сам арабский язык имел глубокое влияние на все его структурные части. Арабские заимствованые глаголы имеют определенные грамматические модели, согласно которых употребляются в структуре составных глаголов таджикского языка.

Ключевые слова: глагол, словарный состав, заимствования, арабизмы, простой глагол, модель, инфинитив, аффиксальные глаголы, вспомогательный глагол, флексия, корень, внутреняя флексия.

THE MODELS OF BORROWED ARABIC SIMPLE VERBS IN THE STRUCTURE COMPOSITE VERBS OF TAJIK LANGUAGE IN “TA’RIKH-I BUKHARA” NARSHAKHI’S

In this article is emphasized, that Arabic borrowed words are indissoluble element dictionary composition Tajik language, assist true acquaintance of them cause prevention of orthographic and pronouncing mistakes in Tajik language. Arabic borrowed put together text part make the of borrowed words in vocabulary of Tajik language, while Arabic language has deep-hole influence on all its structural parts. Verbs Arabic has strict grammatical pattern, according make use to structure of composite verbs in Tajik language.

Key words: verb, lexical composition, Arabic loanword, simple verb, model, infinitive, composite verb, auxiliary verb, inflexion, root, inherently inflexion.

Сведания об авторе: ***Рахмонов Б.Н.*** – соискатель Таджикского национального университета.

ФОНЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РЕДУПЛИКАЦИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Д. Ш.Музафарова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Фонетическое явление – чередование (изменение) гласных и согласных звуков служит основой установления фоно-морфологических моделей, редупликативных и повторных слов в английском и таджикском языках. Формирование каждой модели зависит именно от вокально-консонантных изменений в составе появляющих повторных слов. Конечно, чередование различных гласных и согласных звуков происходит часто и в не меньшем количестве; в процессе изменения фонем, т.е. во время редуплицирования гласных и согласных появляются новые фонемы, исчезают некоторые из них. Однако мы при определении основных чередований учитываем устойчивые случаи, которые составляют типы, типовые модели в двух сопоставляемых нами языках. Те флуктуации фонем, которые не способны образовать типовые модели, не входят в объект анализа.

В состав основных фономорфологических типов, зависящих от чередования гласных и согласных фонем у парных компонентов, образующих редупликативные слова М.М Буранова вводит следующих фоно-морфологические типы:

1. Редупликация без изменения гласных и согласных;
2. Редупликация без изменения гласных, но с изменением согласных.
3. Редупликация с изменением гласных [5,51.

Указанные выше модели являются абстрактными, субстанциональная реализация которых в каждом языке осуществляется индивидуально. Мы брали за основу указанную классификацию основных фоно-морфологических типов повторных слов редупликатов в английском и таджикском языках, переходим к анализу редупликаций, а также теоретические положения О.Есперсена [6,173-208], переходим к рассмотрению фонетических моделей редупликации. В настоящем разделе рассматриваются нами такие повторы, которые образуются вследствии фоно-морфологических изменений чередований звуков.

В результате анализа устанавливаются нами фоно-морфологические модели данного вида повтора. Анализированный нами материал показал, что в сравниваемых нами языках обнаруживается большое количество чередований вокальных и консонантных фонем. Однако следует подчеркнуть, что при определении основных, чередований нами учтены только устойчивые модели, образованные на материале изменений фонем, и установили редупликативные типоы в английском и таджикском языках.

Итак, вслед за О. Есперсенов, М.Н. Бурановом и др. мы зафиксировали следующие основные устойчивые фоно-морфологические модели:

1. Фоно-морфологическая редупликация без изменения гласных и согласных;

2.Фоно-морфологическая редупликация, образованная путем изменения согласных звуков;

3. Фоно-морфологическое повторение слов с изменением только гласных.

Нужно отметить, что в английском языке имеется большое расхождение между звуками и их буквенными обозначениями, а в таджикском языке их различий почти нет; в английском языке звуковые изменения передаются в транскрипции.

В английском языке М.Н. Буранова обнаруживает следующие случаи повтора: [I] – [i]: chee-chee; [i] – [i]: chin-chin; [e] – [e]: pretty-pretty; [в] - [д]: bang – bang; [t] – [t]: art-art; [p] – [p]: chop-chop; [w] – [w]: paw – paw; [u:] – [u:]: frou-frou; [m] – [m]: bum – bum; [g] – [g]: girly-girly; [ou] – [ou]: so-so; [ai] – [ai]: bye-bye; [au] – [au]: vow – vow; [h] – [h]: hoity – hoity; [z] – [z] zero-zero [1,52].

В следующих типах обнаружена графическая флуктуация согласных, например:

Pink – pink pinc – pinc (pink-pinc). [a-a]: ack-ack , blang-blang, cancen-cancer, chack - chack, clang - clang, clap – clap, clack – clack, dab – dab, knap – knap, lap – lap, patter – patter, ramp – ramp, scratch, tan – tan, tap – tap, tat – tat, twinkle – twinkle, waggle – waggle, quack – quack, yak – yak, yap – yap, quack – quack. [5,53].

Обнаружены трехкомпонентные редупликативные слова: meh – meh – meh;

В рассматриваемом типе чередования гласных звуков выявлены слова, в которых обнаруживается соединительный элемент, например: tac – au – tac.

Такой фоно-морфологический тип развит в таджикском языке, в английском языке редкий случай. Например: рӯ ба рӯ; дам ба дам, яко-як, шабошаб, гел-магел и т.п.

Санъати портретсозӣ дар адабиёти бадеӣ ҳангоми офаридани персонажҳои асар принсипҳои худро дорад. Яке аз он принсипҳое, ки ҳангоми офаридани образи қаҳрамони марказии асар истифода мешавад, дар ниҳояти зебоӣ ва ҷаззобӣ тасвир шудани симои қаҳрамони мусбат мебошад. Маълум, ки қаҳрамони марказии мусбати асар идеалҳои пешқадаму олии инсониро дар худ таҷассум карда, нависанда онро зоҳиран ва ботинан барҷаста ба тасвир меорад. Ҳамзамон нависанда вазифадор аст, ки ҳангоми офаридани симои зоҳирии қаҳрамони марказӣ ҷаҳони ботинӣ ва характери ӯро ошкор кунад, ки чунин тарзи тасвир ҳангоми офаридани образи Виркан дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» хеле таъсирбахш ба тасвир омадааст. «Саворе, ҷомаи абрешимини сабзу гулобӣ дар бар ва камарбанди нуқра дар камар, аспи саманди қашқаашро тунд ронда омаду дар пеши тахтасуфа пиёда шуд. Аспро набаст, ҷилавашро раҳо кард: ҷонварро ба нобаста истодан дар наздики соҳибаш одат кунонда буд. Аҳли ҷашн Виркани Ревдодиёнро, ки дар маъракаҳо на як бору ду бор дида буданд, шинохтанд ва зуд ба вай гирд омада буданд, ки пиёда шудани ӯ дар наздики хони зиёфати паҳлавони Суғд бесабаб нест» [3, 56].

Принсипи дуюмӣ, хилофи принсипи аввала буда, образ ҳар қадар бадкирдору бадсиришт бошад, симои зоҳирии он низ ҳамон андоза зишту баднамо тасвир мегардад. Ҳатто аз чунин тарзи тасвири нависандаи боистеъдод намояндаи аҳли кадом табақаи ҷамъиятӣ будани образ низ муайян мегардад. Чунончи, С. Улуғзода барои таъсирбахш баромадани образи манфии Мирзоакрамбой ва Ҳоҷиқул дар романи «Восеъ» онҳоро чунин ба тасвир овардааст. «Баъд ӯ (Абдулаҳадхон – С. Э.) барои дилхушӣ Қориро фармуд, ки бо Ҳоҷиқул дуяшон бедонавор ҷанг кунанд. Ҳоҷиқул, ки зоҳиран ба ин навъ шӯхиҳои ҳокими худ одат карда буд, фавран дастҳояшро мисли ду пойи пеши чорпоён ба замин ниҳода, риши зардашро, ки ба ханҷари зангзада монандӣ дошт, ба пеш сих карда сӯйи Мирзоакрамбой гавак кашид. Ваҷоҳати ӯ ҳайбатнок буд, бой дар ҳарос афтода, ба тӯра тавбаву тазаррӯъ кард.

-Хоки поятон шавам, тӯраҷон, саги даратон шавам, аз гуноҳам гузаред. Тӯра дар ҳолати завқу ханда фармони худро такрор кард:

- Гапа дароз накун, бефаҳм, тезтар вартиш шуда, ба ҷанг даро, набошад саратро мегирам» [4, 8].

Ҳунари эҷоди портретофарӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик заминаи устувори қадимӣ дошта, анъанаҳои олии он ҳам дар назм ва ҳам дар наср фаровон истифода шудааст. Дуруст аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик тасвири симои таърихӣ дар насри реалистӣ бори аввал аз тарафи устод С. Айнӣ иттифоқ афтода, С. Улуғзода равияи мазкурро чун намояндаи мактаби С. Айнӣ чун суннати адабӣ пазируфта, то ба андозае қонунмандии онро таъмин намудааст. Зеро собиқаи фаъолияти С. Улуғзода то таълифи романи «Фирдавсӣ» қазовати мазкурро тасдиқ менамояд.

Маълум аст, ки дар офариниши симоҳои таърихӣ дар эҷоди бадеъ, рӯ овардан ба мавзӯъҳои таърихӣ, тасвири типҳои таърихӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар радифи Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода эҷодкори дигаре нест. Ӯ дар ин роҳ донишу маҳорат ва малакаи кофиву таҷрибаи зарурӣ дорад. То С. Улуғзода ва пас аз ӯ низ касе асаре чун ин нависанда офарида натавонистааст. Муҳим он аст, ки дар тасвири бадеии нависанда симои таърихӣ ва корномаи ҳамдигарро пурра мекунанд.

Ҳар як офаридаи бадеӣ ба доштани вижагиҳои ҳунарӣ мазиятҳои хос дархури таваҷҷуҳ ва қобили пазириш мегардад. Дар осори манзум ин мазиятҳо бешубҳа, ороишҳои адабӣ ё санъатҳои бадеӣ мебошанд, ки вуҷудашон ба асари шоир шукӯҳу шаҳомат ва дилчаспиву кашандагӣ мебахшад. Вале дар осори мансур дар радифи ороишҳои бадеӣ, он чи ки бештар ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, санъату ҳунари тасвирофаринӣ, симоофаринӣ ё портретсозӣ мебошад.

Портретсозӣ дар як асари ҳунарӣ метавонад нақши калидӣ дошта бошад. Хонанда тавассути портрет нахуст ба симои зоҳирии қаҳрамон ошно мегардад. Ин ошноӣ дар навбати худ имконоти лозимиро барои шинохти рафтору кирдор, ҷаҳони ботинии қаҳрамон фароҳам меоварад. Гоҳо як ишораи ҷузъӣ аз портрети қаҳрамон дунёҳои тозаеро пешорӯйи хонанда барои дарки моҳияти масъала боз мекунад.

С. Улуғзода аз ҷумлаи он насрнависонест, ки беш аз ҳама ба портрети персонажҳои асарҳояш эътибори ҷиддӣ дода, миёни нависандагон дар ин ҷода муваффақият ба даст овардааст. Хонанда дар рафти вохӯрӣ бо персонажҳои офаридаи нависанда, ҳангоми мушоҳидаи амалиёту гуфтори онҳо бо муҳимтарин нишонаҳои қиёфа, муҳити муайяни иҷтимоӣ, шуғл ва мансубияташон ошно мегардад. «Вай (султон Маҳмуд – С. Э.) марде синнаш ба назар дар ҳудуди чиҳил, қоқинаандом, чашмонаш кӯчаки кабудтоб, пешонааш як қадар барҷаста, риши гирдаи хурдтараки бар занахдонаш руста, чеҳрааш сабзина, дар танаш абои осмониранги зарбофт, дар сараш кӯлоҳи баланди мурассаъ ба лаълу гавҳару фирӯза ва дар пояш кафши зарандуди нӯгболо, дар пешгоҳ бар курсии зарнигор нишаста буд» [5, 176].

Талаботи портретсозӣ ба ҳунару маҳорати адиб низ вобастагии сахт дорад. Аз ин ҷост, ки С. Улуғзода ҳангоми тасвири портрети образҳои асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» ҷузъҳои асосӣ ва заруриро интихоб намудааст, ки ба матлабу мақсади асар мувофиқ омада, ягон паҳлӯи ғояи образро ифода намудааст.

Яке аз вазифаҳои асосии портрет дар асари бадеӣ ифодаи маънавиёту сиришти шахси тасвиршаванда мебошад. Дар маркази тасвири романи «Фирдавсӣ» С. Улуғзода образи Фирдавсии шоири ватанпарастро гузоштааст ва дар тасвири симои зоҳирии ӯ ба комёбӣ низ ноил шудааст. С. Улуғзода хонандаро ба муҳимтарин нишонаҳои қиёфаи Фирдавсӣ, тарзи либоспӯшӣ, ҳаракатҳояш шинос намуда, пас, мувофиқи рафти воқеа, банду басти асар, гузашти замон ба тағйироту такомулоти портрети вай мутаваҷҷеҳ месозад. Хонанда бори аввал чеҳраи Фирдавсиро ҳангоми суҳбат бо ҳамсараш Фотима мебинад.

«Фотима аз шавҳараш ҳафт сол хурдтар буда, дар муқобили марди панҷоҳсолаи тануманди каллакалони паҳнриш ҳамчун духтари нозукандоме менамуд» [5, 14]. Баъдтар ба қиёфаи шоир порчаи «Шоир аз нашъаи май сархуш ва аз навои чанг маҳзуз, ба мақоми мусиқӣ сари дарозмӯяшро алвонӣ медод» [5, 14] илова гардида, андаке дертар ҳангоми вохӯрии Фирдавсӣ бо дӯсти мадрасагиаш, ки ҷиҳати пазироии даъвати Аскофӣ ба назди Фирдавсӣ омада буд, ба унсурҳои номбурдаи портрети шоир «Мударрис қариб як сол боз шоирро надида буд, ҳоло ранги зард, рухсораи чӯкида, ришу мӯйсари сафедгаштаву дарҳампечида ва зоҳиран, дер боз шонанадидаи ӯро мушоҳида карда, дилаш ба ӯ месӯхт. Абои сафеди шоир дар китфаш ва дар остинаш чок шуда ва ду ҷойи паҳлӯяш ҳам дарида буд» [5, 73], зам мешаванд.

Ҳунари портретофарӣ ва муваффақияти барҷастаи С. Улуғзода ҳам маҳз дар он аст, ки дар кулли чеҳраҳои таърихии офаридааш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ» низ бо дигар шудани рафти воқеаҳо, махсусан, гузашти замон тасвири қиёфаи зоҳирии қаҳрамони марказии асар Фирдавсӣ дигаргун шудааст. Ба андешаи мо, чунин тарзи тасвир аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бо гузашти солҳо инсон чи зоҳиран ва ботинан ба куллӣ дигаргун шуда, вазъи ҷомеае, ки дар он кору зиндагӣ намудааст, бетаъсир наmemонад.

«Санъати портретсозӣ, - қайд намудааст профессор М. Имомов, – санъати эҷоди образи бадеист. Ҳар як санъаткор дар тасвири бадеии инсон сабку услуби мутаффарид дорад ва санъати портретсозӣ як қисми таркибии он ба шумор меравад» [1, 314].

Як хусусияти услуби эҷодии С. Улуғзода муъҷазбаёнии он мебошад. Ин услуби муъҷазбаёнии нависанда, ҳатто ҳангоми офаридани портрети персонажҳои мусбату манфии асарҳояш, аз ҷумла романи «Фирдавсӣ» баръало намоён шуда меистад:

«Ҳарчанд дар романи «Фирдавсӣ», – қайд намудааст профессор Р. Мусулмонқулов, – беш аз чиҳил портрет ба тасвир омадааст, аммо таъкид бояд кард, ки ҳеҷ яке такрори дигаре нест. Ҳамчунин, ин ҳам равшан ба назар мерасад, ки ҳеҷ портрете тӯлонӣ набуда, балки ҳамагӣ аз якчанд унсури асосӣ фароҳам омадааст. Чунончи: Абӯалии Симҷӯрӣ – «марди тануманди муғулсимо ва тунукриш», Абӯ Дулаф – «ҷавони миёнақади хушсурат, мешчашм, хату ришу мӯйлаби маҳин, чеҳраи сабзинаашро пӯшонда буд», Қанбар-«сиёҳпӯсти мавзунқомат», Маншурӣ – қаддарози қоқина» [2, 271].

Ҳамин тариқ, ҳунари портретофарии С. Улуғзода шоистаи таҳсин мебошад ва нависанда дар тасвири қиёфаи зоҳирии персонажҳояш аҳамияти махсус дода, кӯшиш

намудааст, ки бо ҳамин восита низ муҳимтарин ҷиҳатҳои маънавии онҳоро ба хонанда ошкор намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Имомов М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ /М Имомов. - Душанбе: Адиб, 2007. -370 с.
2. Мусулмонқулов Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р Мусулмонӣулов //Эъҷози ҳунар. – Душанбе: Адиб, 1992. -С. 140 -290.
3. Улуғзода С. Ривояти суғдӣ / С. Улуғзода– Душанбе: Ирфон, 1977. -175 с.
4. Улуғзода С. Восеъ / С Улуғзода– Душанбе: Ирфон, 1979. -369 с.
5. Улуғзода С. Фирдавсӣ / С Улуғзода – Душанбе: Адиб, 1991. - 253 с.
6. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо» - и устод С. Айнӣ /М. Шукуров– Душанбе: Дониш, 1960. – 258 с

ИСКУССТВО ПОРТРЕТИЗМА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ САТЫМА УЛУГЗАДЕ

Обыкновенно почти в каждом произведении с портрета начинается знакомство читателя с персонажем. Всякий портрет в той или иной степени характеризует героя произведения. В данной статье автор рассматривает мастерство Сатыма Улугзаде в изображении портрета своих героев и приходит к выводу о том, что данное мастерство и талант писателя заслуживает восхваления и уважения.

Ключевые слова: Сатым Улугзаде, изображение героев произведений, портрет героев, искусство портретизма, мастерство в изображении персонажей.

THE ART OF PORTRAIT IN WORKS OF SATIM ULUGZADA

Usually almost every piece with a portrait begins the introduction to the character. Every portrait in varying degrees characterizes the hero of the work. In this article the author examines the skills Satim Ulugzada in the image of a portrait of his characters and concludes that the skill and talent of the writer deserves praise and respect.

Kev words: Satim Ulugzada, the image of the heroes of the works, the portrait of the characters, art портретf, skill in depicting characters.

Сведения об авторе: ***Сироджиддини Эмомали*** – кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра ТНУ. Телефон: **(+992)907-65-38-38.** E-mail: **sirojiddin1975@mail.ru**

МАВЛОНО АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Муҳриддин Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бетардид, Амир Хусрави Деҳлавӣ аз шоирони бузурги форсизабон аст, ки бо табаҳҳур дар донишҳои адабӣ ва иҳотаи комил дар анвои шеъри форсӣ дар миёни шоирони форсу тоҷик аз майоми вижае бархурдор аст. Ҳақ ба ҷониби донишманди шаҳири Ҳинд аллома Шиблии Нуъмонист, ки дар мавриди Амир Хусрав навиштааст: “Бояд донист, ки дар Ҳинд аз шашсад сол ба ин тараф касе ба ҷомеии Амир Хусрав наомадааст ва агар рост гуфта шавад, дар Эрон ва мамолики Усмонӣ ҳам дар тӯли муддати ҳазор сол агар касоне бад-ин ҷомеӣ ва дороии ин ҳама камолоту ҳунарҳои гуногун пайдо шуда бошанд, ангуштшумор ва фақат яке дучор хоҳад буд.

Шумо як шоири танҳоро дар назар бигиред, воқеан дар ҷомеъияти ӯ ҳайрат хоҳед намуд. Фирдавсӣ, Саъдӣ, Анварӣ, Ҳофиз, Урфӣ, Назирӣ, бешубҳа, Каю Ҷами иқлими сухан мебошанд, лекин ҳудуди ҳукумати ҳар як аз онҳо маҳдуд ба иқлиме хос буда ва аз он таҷовуз намекунад. Фирдавсӣ аз маснавӣ ҷулутар наметавонад биравад, Саъдӣ даст ба қасида натавонад зад, Анварӣ ба маснавӣ ва ғазал ошно нест, Ҳофиз, Урфӣ, Назирӣ аз доираи ғазал наметавонанд қадаме ба хориҷ бардоранд. Лекин дар ҷаҳонгирии Хусрав ғазал, маснавӣ, қасида, рубоӣ ҳамагӣ дохил мебошанд ва бахшҳои кӯчаки сухан ҳам аз қабили тазмин, мустазод, саноеу бадоеъ ва он ба қадарест, ки аз шумор хориҷ мебошад. Аз лиҳози теъдоди ашъор ҳам бихоҳед мулоҳиза кунед, аҳаде бо ӯ наметавонад дар ин хусус ҳамсарӣ намояд. Ашъори Фирдавсӣ қариб беш шаст ҳазор мебошад. Соиб зиёда аз як сад ҳазор шеър дорад, лекин Амир Хусрав каломаш болиғ бар чандсад ҳазор мебошад” [12, 267].

Ҳамин ҷомеияти Амир Хусрав буд, ки шоирони зиёдеро ба пайравӣ ва татаббӯъ бар ашъори ӯ водошт ва иддаи каме аз уҳдаи ҷавоби ӯ баромадаанду халос. Аз миёни шоирони салаф Мавлоно Ҷомӣ беш аз ҳама ба осори Амир Хусрав унсу улфат дошта ва ҳамеша орзуи Ҷомӣ он будааст, ки ба пояи ӯ бирасад. Бояд қайд кард, ки баъд аз Амир Хусрав маҳз Мавлоно Ҷомӣ ҳамин хусусияти ҷомеиятро дорост, ки дар ин маврид баъдтар тавақҡуф хоҳем кард.

Дар мавриди пешинаи таҳқиқи мавзӯи мазкур бояд гуфт, ки дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносӣ он дар оғози асри 20 бо қайду мулоҳизоти ҷолиби ховаршиноси маъруф Бертелс дар рисолаҳои “Ҷомӣ ва Навоӣ”, “Роман об Александре” оғоз шудааст. Сипас, дар мақолаву асарҳои М. Бақоев, Ҳ.Разӣ, А. Афсаҳзод ва дигарон

роҷеъ ба ин масъала ишороту қайдҳои муҳим дарӣ шудаанд, ки инҷониб дар ин мақола аз онҳо суд ҷустааст.

Мавлоно Ҷомӣ, пеш аз ҳама дар “Баҳористон” ва “Нафаҳот-ул-унс” перомуни рӯзгор ва осори Амир Хусрав қайдҳои ҷолибе кардааст, ки ҳовии аҳамияти баланди адабӣ мебошанд.

Чунончи, дар равзаи ҳафтуми “Баҳористон” дар бораи тафаннун дар шеъри Амир Хусрав ва ибтикороти ӯ дар шеър чунин ишорат мекунад: “ Амир Хусрави Деҳлавӣ дар шеър мутафаннин аст ва қасидаву ғазалу маснавиро варзида ва ҳамаро ба камол расонида. Татаббӯи Хоқонӣ мекунад, ҳарчанд ба қасидаи вай нарасида, аммо ғазалро аз вай даргузаронида. Ғазалҳои вай ба воситаи маъонии ошно, ки арбоби ишқу муҳаббат ба ҳасби завқу виҷдони худ онро дармеёбанд, мақбули ҳама кас афтодааст. “Хамса”-и Низомиро касе беҳ аз вай ҷавоб надодааст ва варои он маснавиҳои дигар дорад, ҳама маснӯъ ва матбӯъ” [10,106].

Таъкиди як нукта бақост, ки дар бораи иртиботи Ҷомӣ ба ин шоири шаҳир Алишери Навоӣ дар “Маҷолис-ун-нафоис” ва “Хамсат-ул-мутаҳайирин” қайдҳои қобили мулоҳиза дорад. Алишер Навоӣ дар “Хамсат-ул-мутаҳайирин” дар мавриди таваҷҷуҳи хоси Мавлоно Ҷомӣ ба осори Амир Хусрав, хусусан қасоид ва ғазалиёти ӯ андеша ва ҳикоёти ҷолиб овардааст. Чунончи, Навоӣ дар мавриди асомии девонҳои сегонаи Ҷомӣ, ки бо таклифи ӯ номгузорӣ шудаанд, навиштааст: “Рӯзе ба хидматашон (яъне Ҷомӣ-М.Н.) ворид шудам, эшон ба девоне, ки ба хатти худашон тамом шуда буд, ба ин фақир иноят фармуданд. Густохӣ намуда гуфтам: “Шунида нашуд, ки ғайр аз Амир Хусрав шуарои дигар ҳам девонҳои мутааддиде мураттаб карда бошанд. Аммо эшон, ки девонҳои мутааддид доранд, ҳар якро ба номи муносибе номзад кардаанд. Хуб аст, ки Шумо ҳам барои ҳар як аз девонҳои худ номи махсусе муайян фармоед.” Қабул карданд ва баъд аз ду рӯзи дигар, ки ба хидматашон расидам, ҷузве дароварда ба ин фақир доданд, ки барои девонҳои худ феҳристе навишта буданд ва ҳар якеро ба номе муайян дошта” [5,167].

Ҷомӣ ин маслиҳати Навоиро қабул намуда, ба девонҳои худ унвонҳои “Фотиҳат-уш-шубоб”, “Воситат-ул-иқд” ва “Хотимат-ул-ҳаёт” гузошт. Дар навбати худ Мавлоно Ҷомӣ ба Навоӣ маслиҳат медиҳад, ки девони ашъори туркии худро чунин номгузорӣ кунад ва Навоӣ ин маслиҳатро қабул намуда, ашъори худро ба чор девон- “Ғароиб-ус-сиғар”, “Наводир-уш-шубоб”, “Бадеъ-ул-васат” ва “Фавоид-ул-кибор” ҷудо менамояд.

Мавлоно Ҷомӣ дар ғазалиёти худ борҳо аз Амир Хусрав ба икром ёд намуда, худро пайрави ӯ меҳисобад ва дар мавориде мақоми баланди ӯро таъкид намуда, худро аз ҷавоб ба сухани ӯ оҷиз мешуморад. Чунончи:

Дид чу Ҷомӣ баланд пояи Хусрав,
Беҳуда дар маърази ҷавоб даромад (7, 295).

Диққати Ҷомиро бештар ғазалиёти ошиқонаи Амир Хусрав ба худ ҷалб намудаааст ва пайрави ин равиши ӯ буда, ишора мекунад, ки тариқи сӯзу дардро аз Хусрав омӯхтааст:

Ҷомӣ аз Хусрав ҳамегирад тариқи сӯзу дард,
Таври ӯ набвад хаёлоти муҳол ангехтан (7, 582).

Дар ғазали дигар бо тафохур худро дар мулки ишқ Хусрави замон меҳисобад:

Ҷомӣ наям, ки Хусрави вақтам ба мулки ишқ,
Маншури хусравҷ ғазали ошиқонаам (7, 496).

Ҷомӣ ба лутфи табъ ва фикри тозаи Хусрав баҳои баланд дода, ӯро тӯтии Ҳинд мехонад ва аз рашҳаи қалами ӯ мустафид шудани худро таъкид намуда, дар ин ҷода худро мадюни ин шоир медонад:

То кунад туҳфаи Хусрав, ки бувад тӯ тии Ҳинд,
Ҷомӣ аз рашҳи найи килк шакар месозад (7, 358).

Ҳамин аст, ки Ҷомӣ дар пайравии беш аз сӣ ғазали Амир Хусрав ғазал сурудааст. Ҳанӯз Фахрии Ҳиротӣ дар “Радоиф-ул-ашъор”- и худ 23 ғазали Ҷомиро, ки дар татаббӯъ аз ғазалиёти Амир Хусрав эҷод шудаанд, ҷой додааст. Бино ба таҳқиқи Аълохон Афсаҳзод Ҷомӣ баъзан ба як ғазали Амир Хусрав то се ғазали ҷавобия навиштааст [2, 76-78].

Дар қасида низ Мавлоно Ҷомӣ ба Амир Хусрав пайравӣ намуда, қасидаи “Луҷҷат-ул-асрор”-ро дар пайравӣ ба қасидаи “Дарёи аброр” ва қасидаи “Ҷило ар-рӯҳ”-ро дар пайравии қасидаи “Миръот-ус-сафо” –и Амир Хусрав навиштааст. Дар ин қасоид Мавлоно Ҷомӣ дараҷаи баланди мақоми шоирии Амир Хусрав ва қаробату робитаи қасидаҳои худро ба шеъри ӯ қайд намудааст. Аз ҷумла, дар

қасидаи “Ҷило ар-рӯҳ”, ба мақоми баланди Хоқонӣ ва Амир Хусрав, ки пеш аз Ҷомӣ дар ҳамин вазну қофия қасида гуфтаанд, ишора намуда, мегӯяд:

Сухан он буд, к-аз аввал ниҳод устод Хоқонӣ
Ба меҳмонхонаи гетӣ пайи донишварон хонаш.
Чу дар сайри маонӣ ёфт Хусрав сӯйи он хон раҳ,
Малоҳатҳои вай афканд шӯре дар намакдонаш...
Ба шукри ман чу тӯтӣ рӯҳи ӯ шаккаршикан гардад,
Чу бифристам ба Ҳинд ин тунги шаккар аз Хуросонаш.
Агарчи ном “Миръот-ус-сафо” шуд гуфтаи ӯро,
Чу буд анвори хуршеди сафо аз чеҳра тобонаш.
“Ҷило ар-рӯҳ” кардам номи ин, чун ҳеҷ миръоте
Надорад аз ҷило чора, чу созад тира давронаш (7, 71-72).

Дар қасидаи “Луҷҷат-ул-асрор” ба қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав қаробату наздикӣ доштани шеъри худро таъкид намуда, ин ду қасидаро ба ҳам хоҳар медонад:

Ҳамчу фикри бикри Хусрав зодааст аз лутфи табъ,
Дар камоли хубӣ ин як хоҳар он як хоҳар аст.
Эй басо хоҳар, ки бо хоҳар чу гардад ҷилвагар,
Дар ҷамол акбар бувад, ҳарчанд дар сол асғар аст.
“Луҷҷат- ул-асрор” гар созам лақаб онро сазост,
З-он ки аз асрори дин баҳре лубоби гавҳар аст (7, 36-37).

Дар баробари татаббуи қасоиди Амир Хусрав Мавлоно Ҷомӣ ба байти зайли қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав.

Зи дарёи шаҳодат чун наҳанги ло барорад ҳу,

Таяммум фарз гардад Нӯҳро дар вақти тӯфонаш (6, 68) шарҳ навиштааст, ки он рисолаи ҳаҷман хурд, аз панҷ саҳифа иборат буда, ба шеваи мактаби Ибни Арабӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Инчунин донишмандони Эрону Афғонистон Доҷ Ҷавод, Ҳошим Разӣ, Башири Ҳиравӣ ва Саид Ҳасани Аббос аз шарҳи дигари Ҷомӣ ба як байти достони “Қирон-ус-саъдайн” хабар додаанд. Ба назари Сайидмуҳаммад Доӣ Ҷавод ва Ҳошим Разӣ ин рисолаи Ҷомӣ шарҳи байти зайли достони “Қирон-ус-саъдайн” аст:

Моҳи наве, к-асли вай аз сол хост,
Гашт яке моҳ ба даҳ сол рост.

Ба назари ин олимон Ҷомӣ ин байтро шарҳ карда, надонистааст, ки сол номи дарахтест дар Ҳиндустон, ки аз он киштӣ созанд [3,178-179]. Саид Ҳасани Аббос ишора кардааст, ки ин шарҳи Ҷомӣ дар Эрон чоп шудааст ва илова мекунад, ки “ ин байт дар таърифи киштӣ аст ва вақте ки Мавлоно Ҷомӣ бо ин байт аз “Қирон-ус-саъдайн” бархӯрд кард, дар фаҳмидани маънии моҳу сол мутараддид шуд ва саранҷом дар тафсири ин байт рисолае тасниф намуда, ки хотимаи он ба ин ҷумла мебошад: Чизе хоста, ки ба забони ҳиндӣ махсус бошад”. Ва вақте ки Шайх Ҷамоли Деҳлавӣ дар сафари Хуросон (соли 897-1492) бо Ҷомӣ дар Ҳирот мулоқот кард, Ҷомӣ дар бораи байти мазкури “Қирон-ус-саъдайн” истифсор кард, Шайх Ҷамол гуфт: “Сол номи дарахтест, ки дар Ҳинд пайдо мешавад ва аз ӯ киштиҳо созанд” [11, 3].

Дар маснавиҳои “Ҳафт авранг” Мавлоно Ҷомӣ дар баробари Низомӣ аз Амир Хусрав низ бо камоли эҳтиром ном бурда, махсусан дар достонҳои “Хамса” худро пайрави ин ду шоири бузург меҳисобад.

Чунончи, дар оғози достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мегӯяд:

Ҳарчанд ки пеш аз ин ду устод
Дар мулки сухан баландбунёд
Дар нуктаварӣ забон кушоданд,
Доди сухан андар он бидоданд.
Аз Ганҷа чу ганҷи он гуҳаррез
В-аз Ҳинд чу тӯтӣ ин шакаррез.
Ман низ ба фоқа ноқа рондам,
Худро ба ғуборашон расондам (9, 236).

Вале дар назми маснавӣ Мавлоно Ҷомӣ пояи Низомиро аз Хусрав баландтар медонад. Дар достони “Хирадномаи Искандарӣ” шоир мегӯяд:

Низомӣ, ки устоди ин фан вай аст,
Дар ин базмгаҳ шамъи равшан вай аст.
Зи вайронаи Ганҷа шуд ганҷсанҷ,
Расонид ганҷи гуҳарро ба панҷ.
Чу Хусрав ба он панҷа ҳампанҷа шуд

В-аз он бозӯи фикрataш ранҷа шуд.
Зар аз сим агарчанд бартар бувад,
Басе камтар аз дурру гавҳар бувад (9,434).

Бо вуҷуди ин нукот дар достонҳои “Хамса” Ҷомӣ гоҳ ба Низомӣ татаббӯъ кардааст ва гоҳе аз Амир Хусрав истиқбол намудааст. Аз ҷумла, дар аввалин маснавии “Хамса”-и худ “Туҳфат-ул-Аҳрор” ҳарчанд сохтори маснавии “Махзан-ул-асрор”-и Низомиро дунболагирӣ кардааст, вале аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба “Матлаъ-ул-анвор”-и Амир Хусрав қаробат дорад. Дар маснавиҳои Ҷомӣ ва Амир Хусрав ҷанбаи динӣ-тасаввуфӣ қавитар аст ва номи абвобу мақолот ба ҳам мутобиқати комил доранд. Дар муқаддимаи мансури асар Ҷомӣ фурӯтанона менависад: “Ин садафпораи чандест аз ҷустуҷӯйи коргоҳи бесаранҶомӣ гирдкардашуда ва хазафрезае чанд аз руфтурӯби базмгоҳи шикастаи Ҷомӣ фароҳам оварда, чӣ қадри он дорад, ки дар силки ҷавоҳири шоҳвори “Махзан-ул-асрор”-и ҳакими гиромӣ Шайх Низомӣ интизомаш диҳанд ё дар ҷанби ҷоми зарнигори “Матлаъ-ул-анвор” мавриди бадоеи лафзӣ ва маънавии Амир Хусрави Деҳлавӣ номаш баранд... ” [8, 466].

Аз лиҳози мундариҷа бисёре аз мақолоти “Туҳфат-ул-Аҳрор”-и Ҷомӣ ба абвобу мақолоти “Матлаъ-ул-анвор” шабоҳат доранд. Чунончи, Амир Хусрав баъди муқаддимаи маъмулӣ се бобро ба пираш Низомуддини Авлиё мебахшад, ки онҳоро хилват номида, дар ин бахшҳо роҷеъ ба равобити рӯҳонии худ бо муршидаш, мақоми пир ва таассуроти ирфонии худ баҳс мекунад.

Ҷомӣ низ се бахшро бо унвони суҳбат овардааст, ки дар онҳо дар боби мақоми пир дар тарбияи маънавии мурид, раҳоӣ аз банди васвосу шакку тахмин сухан меронад. Дар ҳар се боби ин ду маснавӣ сухан аз шаб, субҳ ва чошт оғоз мешавад, ки дар ин айём бо мадади пир нури яқин бар дили эшон тофтааст.

Чунончи, Амир Хусрав:

Турраи зулмат зи насими баҳор
Мушкфишон шуд чу лаби рӯзгор.
Чашмаи хур бурд зи ҳар хона тоб,
Тохтан овард ба ҳар дида хоб (1, 373).

Ҷомӣ:

Дӯш, ки чун нури яқин дар гумон
Рӯз шуд андар тутуқи шаб ниҳон
Пардаи шаб рӯйи заминро нуҳуфт,
Зулмати шак нури яқинро нуҳуфт (9, 492).

Ҳамчунин унвони баъзе мақолаҳои ин ду маснавӣ шабеҳанд. Чунончи, роҷеъ ба илму уламо дар мақолаи дувуми достони Амир Хусрав ва дар мақолаи дувоздаҳуми Маснавии Ҷомӣ, мақолаи шашуми достони Амир Хусрав ва ёздаҳуми достони Ҷомӣ доир ба аҳволи сӯфиён, мақолаи ҳаштуми достони амир Хусрав ва ҳаждаҳуми достони Ҷомӣ ба масъалаи ишқ оид ба панҷ рукни мусулмонӣ дар мақолаи чорум ва дар мақолаҳои 3, 4, 5, 6, 7 бахшида шудаанд. Ин масъалаҳо аслан, дар “Махзан-ул-асрор” наомадаанд. Мақолаҳои бистуми достонҳои Ҷомӣ ва Амир Хусрав ба насиҳати фарзанд ихтисос ёфтаанд.

Дар маснавии “Туҳфат-ул-Аҳрор” шоир мақолаи бистуми худро ба насиҳати фарзанди арҷмандаш Зиёуддин Юсуф ихтисос додааст. Амир Хусрав бошад, мақолаи бистуми асарашро ба насиҳати духтари ягонааш Мастура бахшидааст.

Дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Ҷомӣ, бино ба ишорати М.Бақоев ду пораест, ки онҳо то андозае ба ҳикояҳои “Маҷнун ва Лайлӣ”-и Амир Хусрав наздикӣ доранд. Яке аз онҳо муколамаи Маҷнун бо саги Лайлӣ ва дигаре дар либоси гадоён ба хаймаи Лайлӣ рафтани Маҷнун мебошад.

Чунончи:

Аз Амир Хусрав:

...Дид аз тарафе саге ба кӯе
Хораш задаву харош хӯрда...
Бӯсид сараш ба рифқу озарм,
Хорид бараш ба нохуни нарм.
Гуфт: “Эй гилат аз вафо сиришта,
Нақшат фалак аз наво навишта...
Хоҳам, ки шикофам аз дили танг,
Дар вай кашамат чу лаъл дар санг.
Хокат ба мижа фишонам аз пой,
Дар дида кашам, ки ҳаст аз он ҷой”(1, 317).

Аз Мавлоно Ҷомӣ:

...Маҷнун чу бидид рӯйи он саг,
Чун ашк давид сӯйи он саг.
Чун соя ба зери пош афтод,
Сад бӯса ба хоки пойи ӯ дод...
“К-эй тавқи вафо ба қилодаи ту,
Шерони ҷаҳон фитодаи ту...
Хоҳам, ки зи худ тиҳӣ кунам ҷой,
То бӯ, ки ба ҷойи ман ниҳӣ пой.
Хокам ба раҳи ту, эй вафодор,
Зинҳору ҳазор бор зинҳор” (9, 370).

Тавре ки мебинем, дар ҳар ду достон воқеаи бархӯрди Маҷнун бо саги Лайлӣ ва гуфтугӯ бо он айнияти том дорад ва маълум аст, ки Мавлоно Ҷомӣ ба достони Амир Хусрав назар дошта ва ин воқеаро бо таъсири ӯ назм кардааст.

Дар “Хирадномаи Искандарӣ” умумияти бештар дар як бахш тасвир шудани саргузашту корномаҳои Искандар аст, ки Амир Хусрав низ ин корро кардааст, вале Низомӣ асарашро ба ду бахш- “Иқболнома” ва “Шарафнома” ҷудо кардааст. Ҳамчунин, Низомӣ дар охири ҳар як боби “Шарафнома” ба соқӣ ва дар охири ҳар як боби “Иқболнома “ ба мутриб хитоб мекунад. Вале дар достонҳои Ҷомию Хусрав муроҷиат ба соқию мутриб якҷоя меояд. Бо ин ҳама, ба андешаи Бертелс ва дигарон Ҷомӣ дар назми “Хирадномаи Искандарӣ” бештар аз пайи Низомӣ рафтааст.

Мавлоно Ҷомӣ дар баробари татаббӯъ дар ғазалу қасида ва маснавиҳои Амир Хусрав назари хешро ба авзони маснавиҳои Амир Хусрав баён доштааст, ки дар баъзе маворид ҷанбаи интиқодӣ доранд.

Дар муқаддимаи мансури “Ҳафт авранг” дар бораи маснавиҳо ва авзони онҳо маълумот дода, ба вазни ду маснавии Амир Хусрави Деҳлавӣ эрод мегирад: “ Ва он чӣ Амир Хусрав дар китоби “Нуҳ сипеҳр” ду вазни дигар бар ин ҳафт афзудааст: яке баҳри мутақориби мусамман ҳар мисроъ чаҳор бор фаъӯлун, чунонки:

Бад-ин маснавиёти сабъ, ар бидонӣ,
Шавад мункашиф сирри сабъ-ул-масонӣ.

Дигаре баҳри сареи мусаддаси ҳар мисроъ се бор муфтаилун, чунонки:

Омада ин ҳафт гули тозаву тар,
Тозакуни равнақи гулзори ҳунар.

Саломати табъ ба он ҳоким аст, ки аз аввал фазилати хиффат мунтафист ва аз сонӣ фазилати узубат мафқуд” [8, 57].

Ба назари Ҷомӣ маснавии аввал аз фазилати сабукӣ орист ва маснавии дигар аз фазилати ширинию дилнишинӣ маҳрум аст.

Вале бо ин ҳама, мақоми Амир Хусрав дар назди Мавлоно Ҷомӣ бисёр баланд аст ва ба ҷомеияти ин шоири шаҳир эътироф менамояд. Аз баррасии робитаи адабии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба натиҷае расидем, ки миёни ин ду адиби бузург умуият ва монандиҳои зиёдест, ки дар нуктаҳои зайл баён мегардад:

1.Ҳар ду ҳам бо сабабҳои гуногун аз муваттани аслӣ ҳичрат карда, дар муҳити нав ба фаъолияти илмию адабӣ пардохтаанд.

2. Ҳар ду ҳам миёни аҳли илму адаби ҳамзамон ва асрҳои баъдӣ дар табаҳҳури комил бар улуми адабӣ иштиҳор ёфтаанд.

3. Ҳар ду адиб ҳам ба навъи хоси назм ва ё наср маҳдуд нашуда, балки дар анвои гуногуни шеър ва наср дасте қавӣ доранд.

4. Дар назира ва татаббӯъ бар “Хамса”-и Низомӣ бо панҷ маснавӣ маҳдуд нашуда, сивои онҳо маснавиҳои дигаре сурудаанд.

5. Ҳар ду адиб ҳам дар миёни адибони ҳамасри худ ва даврони баъдӣ бо ҷомеият дар назму наср ва анвои улуми адабӣ эътироф ёфтаанд.

6. Ҳар ду шоир низ дар анвои назм мубтакиранд.

7. Ниҳоят ин ки ҳар ду адиби давронсозанд ва бо зуҳури онҳо гардиши куллӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба вуҷуд омадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб/ Амир Хусрави Деҳлавӣ.- Душанбе: Ирфон, 1971.- Ҷилди якум.- 490с.
2. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ- шоири ғазалсаро/ Афсаҳзод Аълохон.- Душанбе: Маориф, 1989.- 256с.
3. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир/ Афсаҳзод Аълохон.- Душанбе:Ирфон, 1989.- 384с.
4. Бақоев М. Ҷомӣ ва Хусрав / Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. Замони зиндагӣ, ҳаёт ва эҷодиёт.- Душанбе: Ирфон, 1965.- 211+ 12с.- С. 137- 146.

5. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ М.Бақоев - Душанбе: Дониш, 1975.- 278с.
6. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Неваи и Джами/ Е.Э.Бертельс.- Москва: Наука, 1965.-498с.
7. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Девон. Бо муқаддима ва ашрофи Муҳаммад Равшан/ Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Теҳрон: Нигоҳ, 1380.-840с
8. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг». Ҷилди аввал/ Муқаддима аз Аълохон Афсаҳзод. Зери назари дафтари нашри «Мероси мактуб».- Теҳрон: Маркази мутолиоти эронӣ, 1378.-912с.
9. Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авран»/ Таҳқиқ ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият. Зери назари дафтари нашри «Мероси мактуб».- Теҳрон: Маркази мутолиоти эронӣ, 1378.-Ҷ.2.- 710с.
10. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон/ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ; ба тасҳеҳи Исмоили Ҳокимӣ.- Теҳрон: Иттилоот, 1387.- 181с.
11. Саид Ҳасани Аббос. Шарҳи байти Амир Хусрави Деҳлавӣ аз Ҷомӣ/ Саид Ҳасани Аббос// Қанди порсӣ.Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ. Партоли ҷомеи улуми инсонӣ.-С.160-168.
12. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. / Шиблии Нуъмонӣ.- Теҳрон: Дунёи китоб, 1368.- Ҷилдҳои аввал ва дувум.- 564с.

МАУЛАНО АБДУРРАХМАН ДЖАМИ И АМИР ХОСРОВ ДЕХЛАВИ

В данной статье автор рассматривает литературные связи двух великих персидско-таджикских поэтов Маулано Абдуррахмана Джами - величайшего поэта XV века, философа, музыковеда, арифа и известного ученого, завершителя классического стихосложения на языке фарси и Амира Хосрова Дехлеви - известного персоязычного поэта Индии, который прославился и как одаренный литератор, историк, музыкант, автор ряда исследований по теории музыки. Между этими двумя великими поэтами наблюдается очень много общего.

Ключевые слова: Маулано Абдуррахман Джами, Амир Хосров Дехлеви, общность, газель, касыды, месневи, следование, исследование, приём, “Тухфат-ул-ахрор”, “Лейли и Меджнун”, “Книга мудрости Искандара”.

MAULANA ABDURRAHMAN JAMI AND AMIR KHOSROV DEHLAVI

In this article the author examines the literary relations of the two great Persian-Tajik poets Mawlana Abdurahman Jami - the greatest poet of the fifteenth century, philosopher, musician, famous scientist Arif and finisher of classical poetry in the language of Farsi and Amir Khosrov of dehlevi - known Persian-language poet of India, who became famous as a talented writer, historian, musician, author of several studies on the theory of music. Between the two great poets there is a lot in common.

Kev words: Mawlana Abdurahman Jami, Amir Khosrov of Dehlavi, unity, Gazelle, Cassidy, mesnevi, adherence, research, reception, Tuhfat-ul-Ahror”, “Leyli and Majnun”, “the Book of wisdom of Iskandar”.

Сведения об авторе: ***Мухриддин Низомов*** - докторант Таджикского национального университета

ТАСВИРИ МУШКИЛОТИ «АМ («ИНСОНИ КӮЧАК») АДМӢ» ДАР РОМАНИ «ОДАМИ ДАР БАҲР ГУМШУДА» («САМУДРА МЕН КҲОЯ ҲУА АДМӢ»)-И КАМЛЕШВАР

М.*А .Нурова*
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қаҳрамони сужаи бештари асарҳои даҳсолаҳои аввали Ҳиндустони соҳибистиқлол (1947) дар мубориза баҳри озодӣ нест, балки озурдагӣ ва ташвиши рӯзмарраи зиндагӣ мебошад. Дар чунин мавридҳо нависандагони муосир кӯшиш мекунанд, ки сабабҳои ба чунин ҳолат афтодани халқи одиро ҷустуҷӯ намоянд, зеро дар бештар мавридҳо ҳаёти чунин қаҳрамонҳои романҳо бо фоҷиа анҷом меёбад. Дар тадқиқ ва таҳлили ин мушкилоти ҷомеа саҳми арзандаро адибони муосири ҳиндӣ низ гузоштаанд.

Дар даҳсолаҳои аввали истиқлолияти сарзамини Ҳинд ба майдони адабиёти муосири ҳиндӣ як зумра нависандагоне ворид шуданд, ки ба зиндагӣ ва ҳалли масъалаҳои печидаю душвор нигоҳи некбинона доштанд. Ин адибони рамузфаҳму зиндагидида чун Моҳан Ракеш (1925-1972), Раҷендра Ядав (с.тав. 1929), Манну Бҳандарӣ (с.тав. 1931), Камлешвар (1932-2007) ва дигарон симои зоҳириву ботинии қаҳрамонони худро бо як маҳорати хос таҷассум намудаанд. Нависандагони номбурда ҳамчун асосгузорони ҷараёни адабии «Ҳикояи нав» («Наӣ каҳанӣ») дар адабиёти муосири ҳиндӣ ном бароварда, дар ташаккул ва бою ғанӣ гардонидани насри ҳиндии замони истиқлолият саҳми арзанда ва намоёнеро гузоштаанд.

Ҳарчанд қаҳрамонҳои романҳои адибони дар боло номбаршуда, махсусан инсони одӣ (ам адмӣ, мамулӣ адмӣ), инсони заҳматкаш ба чизе муваффақ нашуда, нокому ноумед шуда, дар зиндагӣ танҳо торикиро дидаанд, онҳо муқобили ин нобаробариҳо бо имконияту нерӯи доштаашон мубориза бурдаанд. Муборизаи онҳо

ин паси сар намудани ҳаёти ҳаррӯзаи зулмот ҳаст. Ба ин васила адибон мақоми инсонро баландтар ва нерӯи ӯро бузургтар нишон медиҳанд.

Тасвири бурдборӣ ва нокомиҳо дар зиндагии инсони оддӣ яке аз мавзуъҳои эҷодиёти нависандаи шинохтаи адабиёти муосири ҳиндӣ Камлешвар, номи пурраш Камлешпрасад Саксена (1932 -2007) мебошад. Камлешвар аз аввал ва то дақиқаҳои охирини фаъолияти адабиаш ба тарафдории халқи мазлум, ҷафодида ва ситамкашидаи ҳинду баромад мекард.

Камлешвар аз худ 11 маҷмӯаи ҳикояҳо, 10 роман ва зиёда аз бист асар – ёддоштҳо, асарҳои илмӣ доир ба ташаккули жанри ҳикояи ҳиндӣ, асарҳои публитсистӣ мерос монд. Ӯ тақрибан ба 99 филми ҳиндӣ сенария навиштааст. Камлешвар муҳаррири «Фарҳанги бузурги ҳикоя» («Шикҳар катҳа кош»), иборат аз бисту чор ҷилд аст, буд (то соли 2000 тақрибан 15 ҷилди он аз чоп баромад) [2,117].

Яке аз романҳои машҳури Камлешвар «Одами дар баҳр гумшуда» («Самудра мен кҳоя ҳуа адмӣ») номгузорӣ шудааст. Агар ба мавзӯи асар назар кунем, он нав нест. Масъалаҳои мавриди баҳси он ба зиндагии садҳо ҳазор инсон алоқамандии зич доранд ва диққати ҳар адибро ба худ ҷалб мекунанд. Чандин сол аст, ки мавзӯи романи ҳар як адиби аз вазъу аҳволи ҳамватанони ҳеш огоҳро водор месозад, то ба он дахолат карда дар тасвир ва ҳалли онҳо камар бандад. Қабл аз ҳама, сухан дар бораи одамоне меравад, ки дар деҳот рӯзи беҳро надида, бо умеди табдили ҳолату вазъият рӯ ба шаҳр меоранд, бад-он орзу, ки шаҳр маҷрои зиндагии онҳоро ба тарафи дилхоҳашон мебарад ва орзуҳояшон имкон доранд, ҷомаи амал пӯшанд.

Вирендра Саксена қайд мекунад, ки вай дар аввалин даҳсолаҳои даврааи озодӣ дигар чунин асареро, ки ин қадар масъалаи ба оила вобастабударо дар худ шомил намуда, диққати хонандагони зиёдро ҷалб карда бошад, намедонад.

Шумораи қаҳрамонҳо ва персонажҳои романи «Одами дар баҳр гумшуда» бисёр нест. Инҳо аҳли оилаи Шямлал ва домоди ӯ Ҳарбанс мебошанд. Персонажҳои дигар нақши муҳимме дар асар надоранд.

Роман аслан, ба чунин як оилаи камбизоат, ки сардори он Шямлал мебошад, бахшида шудааст. Камлешвар аз зиндагии оилае нақл мекунад, ки онро хуб медонад, зиндагии чунин оилаҳоро бо чашми худ дидааст. Бечо нест, ки муҳаққиқон асарҳои Камлешварро тасвири воқеъбинонаи зиндагии замони бо адиб муосир меҳисобанд. Аввалин ва мушкилтарин масъалае, ки баробари ба шаҳр омадан Шямлал ба он дучор мешавад, ин ёфтани ҷойи кор аст.

«Шямлал ин тарафу он тараф даву тоз намуда, дар охир дар як фабрикаи маҳаллаи Назафгарҳ ба ҳайси дарбон ба кор даромад. Он касе, ки ба ӯ ин ҷойи корро ёфта буд, шарт монда буд, ки Шямлал ҳар моҳ аз ҳафтоду панҷ рупияи моҳонааш ба ӯ понздаҳ рупияашро медиҳад. Танҳо бо ҳамин шарт ба ӯ – ба як шахси солхӯрдаю заиф ёфтани кор муяссар шуд» [1,80].

Барои сардори оила, ки бори гарони оилаву фарзандон бар дӯши ӯст, наёфтани кор ва натиҷаи ҳам ин бекорӣ: ноумедӣ ё талхрӯзӣ бештар аз фоҷиа мебошад.

Пулёбии номунтазаму тасодуфӣ табиист, ки вазъияти душвори иқтисодии дар оила сахт ҳоким бударо беҳ карда наметавонад. Духтари калонии Шямлал ба шавҳар баромада, ба ин васила бори дӯши падарро сабуктар кунад ҳам, тангдастӣ чун пештара ҳар замон аз вуҷуди хеш хабар медиҳад. Дар охир ягона умеди падар ва ҳамаи аҳли оила ба писари Шямлал – Биран мемонад. Вай дар флоти баҳрии ҳарбӣ ба хизмат медарояд ва чанд муддате ба падару модараш пул ҳам мефиристонад, ки ин аҳволи онҳоро то андозае беҳтар мекунад. Лекин ин дер давом намекунад.

Аз ҳамин ҷо сар карда то охири роман зиёдтар сухан дар атрофи Биран меравад. Дар аввал дар бораи Бирани дар флоти баҳрӣ хизмат кардаистода таваққуф мешавад. Пас, дар бораи Бирање, ки ҳангоми рухсатӣ гирифта ба зодгоҳаш баргаштан ҳанӯз аз киштӣ ба соҳил нафаромада, дар баҳр гум мешавад, сухан меравад. Ҳамин тариқ, яке аз паси дигаре тамоми орзуҳои Шямлал, ҳамсари Шямлал – Раммӣ, хоҳари Биран – Самира ва духтараки ҳамсоя – Намта, ки Биранро пинҳонӣ дӯст медошт ва шояд, аз ҳама зиёдтар баргаштанашро интизор буд, барбод мераванд. Бар ивази омадани рӯзҳои хушиовар рӯзҳои боз ҳам даҳшатовар паси ҳам омадан мегиранд. Баъзан хонанда гумон мекунад, ки роман поёни нохуш надорад, вале адиб муқобили воқеият намеравад.

Анҷоми фоҷиавӣ чун поёни мантиқии мавзӯи интихобшуда меравад. Ин фоҷиа на танҳо бо марги Биран хотима меёбад, балки бо пошхӯрии оила, амалӣ нашудани хурдтарин орзу хотима меёбад. Шаҳр бо масоили худ бисёр ба осонӣ ҳазорҳо чунин Шямлалҳоро фурӯ мебарад.

Пас аз образи марказӣ – образи Шямлал боз образи ҳамсари вай Раммӣ ҷолиби диққат аст. Аз тасвири образи ӯ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки занҳое

монанди Раммӣ танҳо барои он ба дунё омадаанд, ки сафи бадбахтонро зиёд кунанд, рӯзи некро ҳеҷ набинанд, сар аз болини ғам боло карда натавонанд. Ин зан мисли шавҳари худ на давраи ҷавониро медонад, на давраи миёнаумрӣ ва на давраи пириро медонад. Барои ӯ фақат як давра вуҷуд дорад – давраи нодорӣ, давраи азобу машаққат, давраи ғаму андӯҳ.

Қаҳрамони дигар Тара – духтари калонии Шямлал мебошад. Аз нигоҳи аввал ӯ гӯё зиндагии беҳтар дорад, чунки шавҳараш соҳиби кори хуб асту мушкилие надорад, вале хушҳолии ӯ шишаи нозукеро мемонад, ки дар андак беэҳтиётӣ шикастанаш дар эҳтимол аст.

Дар роман симои Намта – духтари ҳамсоя низ ҷолиби диққат аст. Ин духтар ниҳоят хоксор ва хушфеъл аст. Вай Биранро дӯст дорад ҳам, инро ба касе гуфтанӣ нест, вале эҳсоси вайро пай бурдан мумкин аст. Нависанда ба воситаи симои Намта хислатҳои наҷиби духтари ҳиндуро нишон медиҳад. Маълум нест, ки хабари марги Биран ба вай чӣ хел таъсир расонида бошад, аммо равшан ин аст, ки рози ӯ нуҳуфта мондааст. Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки хушбахт шудани ӯ амри тақдир набудааст.

Мунаққиди рус В.А.Чернышев ин асарро повест номида, дар бораи он чунин изҳори ақида намудааст: «Қаҳрамонҳои «Одами дар баҳр гумшуда»-и Камлешвар «одами кӯчак» мебошанд, ки ҳеҷ гуна қаҳрамонӣ накардаанд, ба ғайр аз он қаҳрамоние, ки дар муборизаи пур аз машаққати ҳаррӯза ба хотири зинда мондан, тоқат карда тавонистан ва маъюб нашудан мекунанд. Ин повест дар бораи он шахсоне мебошад, ки ба хотири хушбахтии ҳаёт ба шаҳр омада, ин ҷо гумон доранд, тақдир ба рӯяшон табассум мекунад» [4,44]. Вале орзуи нек як тараф монда, ноумедиҳо паси ҳам бар сари оилаи бе ин ҳам нодор чун борони сарди тирамоҳӣ саршор мешаванд.

Роман хонандаро ба андешаҳои зиёд мебарад. Пеш аз ҳама, Камлешвар ин ҷо чун инсондӯсти комил маълум мешавад. Вай огоҳона чунин қаҳрамонҳо ва чунин воқеаро интихоб намудааст, то бори дигар тасдиқ кунад, ки адабиёт оинаи зиндагист. Камлешвар ба мардуми одӣ муҳаббат доштан ва ҳимоятгари онҳо буданро дар ин асар гӯшрас мекунад.

Нависандагони адабиёти муосири ҳиндӣ, намояндагони насли дуюм, яъне насли адибоне, ки қисми аввали ҳаёташон дар даврони мустамлика ва қисми дуюмаш ба даврони озодии Ҳиндустон рост омадааст, чун Моҳан Ракеш, Раҷендра Ядав, Манну Бҳандарӣ, Камлешвар ва ҳамсафони онҳо дар саҳифаи романҳояшон аз ҳаёти инсони одӣ сухан меронанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар ҷомеа ҳар фард мавқеи худро соҳиб шавад, дар симои инсони кӯчак инсонеро медиданд, ки хоҳиши зистан ва мубориза бурданро дорад. Адибон арз менамуданд, ки ҳолати зиндагии инсони кӯчакро ба ёд овардан роҷеъ ба дӯстию рафоқат, хайрхоҳӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ, дилбардорӣ, оромӣ, адолат ва мисли инҳо барин хислатҳои инсонӣ гуфта мешавад. Лекин ин кофӣ нест, бояд чунин кард, ки ин гуна хоҳиш, орзу ва нияти нек бо ягон сурате дар асарҳои бадеӣ дарӣ гардида, барои хушбахт гардонидани инсони кӯчак ёрие расонанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Камлешвар. Одами дар баҳр гумшуда («Самудра мен кҳоя ҳуа адмӣ» / Камлешвар. –Деҳлӣ, 1984 . – 210 с.
2. Нурова М. Афсона ва ривоятҳои халқи Ҳиндустон /М Нурова – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2012. -132 с.
3. Раҷабов Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. -Душанбе: Статус, 2001. –272 с.
4. Русско-таджикский словарь. –М: Русский язык, 1985. –975 с.
5. Чернышев В.А. Правда жизни, йога и модернизм / В.А. Чернышев //Азия и Африка.– 1973.–№9. –С. 43–45.
6. Ядва Раҷендра. Одамони решаканшуда (Укҳре ҳуе лог) /Раҷендра Ядав. -Деҳлӣ, 1964. -384 с.

ОПИСАНИЕ ПРОБЛЕМЫ «АМ АДМИ» («МАЛЕНЬКОГО ЧЕЛОВЕКА») В РОМАНЕ «ЧЕЛОВЕК, ЗАТЕРЯВШИЙСЯ В ОКЕАНЕ» («САМУДРА МЕН КХОЯ ХУА АДМИ») КАМЛЕШВАРА

Выдающийся прозаик современной литературы хинди, один из основоположников течения «Новый рассказ» («Наи кахани») Камлешвар (1932-2007) в романе «Человек, затерявшийся в океане» описывая жизнь своего героя Шьямлала и его семьи, прежде всего, обращает внимание своего читателя на беспросветную жизнь простого человека, которого можно встретить по всей великой Индии. Тема, поднятая в данном романе, долгие годы волнует писателей-романистов хинди, потому как затрагивает жизнь сотни тысяч индийцев. Прежде всего, описывается состояние людей, которые больше не в силах вынести тяжести нищеты в деревне, покидая свои селения, бегут в большие города, надеясь кое-как улучшить свое ничтожное существование в этом мире. Однако и в городе их мечты на лучшую жизнь разрушаются.

Такие люди как Шьямлал, появились на свет как-будто ради страданий и им не суждено прожить хотя бы один день в свое удовольствие.

Ключевые слова: время, описание, роман, человек, хинди, писатель, проблема, герой.

PROBLEM DESCRIPTION ("SMALL MAN") IN NOVEL "THE MAN GOT LOST IN THE OCEAN" BY KAMLESHVAR

Outstanding modern Hindi literature novelist, one of the founders of the current "new story" ("Nai Kahane ") Kamleshvar (1932-2007) in his novel "The man got lost in the ocean ," describing the life of the hero and his family Shyamlal primarily draws attention to its the reader to the hopeless lives of ordinary people, which can be found throughout the great India. Issue raised in this novel, many years concerned novelists Hindi, because it affects the lives of hundreds of thousands of Indians. First of all, describes life of people who are no longer able to endure poor living in the country, leaving their villages, flee to the big cities, hoping to somewhere improve their worthless existence in this world. However, even in the cities also their dreams for a better life are destroyed. People like Shyamlal , were born in this world only for the suffering and they have not right to live one day happy.

Key words: time, literature, novel, prose, Hindi writer, India, hero.

Сведения об авторе: ***М.А.Нурова*** – докторант Таджикского национального университета

МОҲИЯТИ НАЗАРИЯИ «ВАҲДАТИ ВУҶУД» ДАР ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИРСАИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К. Қодиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назарияи ваҳдати вуҷуд меҳвари шеъри ирфонӣ аст, ки дар адабиёти тоҷику форс мавқеи хос дорад. Урафои раббонӣ ба ваҳдати вуҷуд мутаносиби ал-қавланд ва ба нуқтаи «лайс-фи-ал-дор ғайрата-ал-диёр» муътақиданд. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Асрор-ун-нуқта ё «Тавҳиди ирфонӣ» гуфтааст, ки офаридгор хасоису имтиёзи «Нуқта»-ро аз қудрати комил, аз нишонаву далели ҳақоиқи аҳамияти ғайб ба иқтизои ҳикмати илоҳия ва ҳаюлову модда, ҳуруфи кутубию хаттӣ ва василаи эҷоду пайдоиши аъён калимоти арқом сохтааст [1,17]. Ибни Арабӣ назарияи ваҳдати вуҷудро меҳвари ҳама андешаи худ қарор дода онро ба сурати мукаммал матраҳ кардааст. Ибни Арабӣ асосгузори назарияи ваҳдати вуҷуд дар ирфон аст.

Ибни Арабӣ сурудаи «ё ҳува ё мин лайс ило ҳува»-ро ба урафои раббонӣ ёд додааст. Аз ин лиҳоз, ирфони Ибни Арабӣ ваҳдати вуҷуд аст, ки дар «Фусус-ал-ҳикам» ва «Футуҳоти маккия» инъикос шудааст. Ибни Арабӣ ба он ақида аст, ки ҳеҷ гуна касрате дар вуҷуду мавҷуд нест ва ҳақиқати вуҷуд як аст, тафовут миёни вуҷуду мавҷуд, тафовут байни илму олам, байни илму маълум, касрат дар ҳақиқат эътибороту насбу изофатанд ва нисбатҳои маҷозӣ ба вуҷуду мавҷуд ҳақиқатанд:
«Ҳама ҷаҳони ҳастӣ як воҳиди ҳастӣ аст ва ҳаргиз нифоқе дар мавҷуд нест. Ҳастӣ ҳама яктоӣ ва яктонигарӣ ва як ҳақиқат аст ва ҷуз зуҳуру манзур чизи дигаре нест. Касрате дар ҷаҳон вуҷуд надорад, касрате, ки дар олами ҳастӣ ба назар меояд ба ҷуз хобу хаёле нестанд ва сояҳову аксҳоянд ва нақши дувум чашми аҳвол ба шумор мераванд. Ҳамаи ин касрат аволими ғайбу шуҳуд як ҷилваю зуҳуре аст, ки аз ишқи ба зот ва маърифати асмоиву сифот иртибот ёфта ва ин ҳама акси майю нақши нигори як фуруғи рухи соқӣ аст, ки дар ҷом афтодааст» [3,98].

Манбаи пурфайзи шеъри ирфонӣ Қуръони карим аст. Қуръони карим таҷаллии Ҳақ аст ва Худои субҳон дар оинаи оёти Қуръон мутаҷҷалӣ аст. Қуръон бо азамату ҷалолаш бо ҳуруфу алфозу иборати пушида раҳмати Худо аст. Дар ҳар ҳарфе аз ҳуруфи Қуръон ҳазорон рамзу далоил аст, ки дили шоирони ирфониро ба худ ҷалб кардааст.

Қуръон гулбонги осмонӣ, сарчашмаи ҳамаи ирфонҳо ва бобҳои маърифат аст, ки ҳамаи шууни зотӣ ва сифату асмову афъолӣ дар он мутаҷҷалӣ шудааст. Қуръон дорои муталиқа ва «вилоят»-и муталиқа аст. «Вилоят»-и муталиқа иборат аст аз ҳосили маҷмуаи калимот, ки дар аҷал ва бақо то абад аст. Ҳар калимоте, ки дар Қуръон аст аз калимоти аллоҳанд, ки ба маънии махсус аз асмоӣ ҷузъи Ҳақ далолат доранд. Оре, «…мояи ҷони ҳама ҳуруфу калимоте, ки тафҳиму таълими онҳо сурат мегирад, як ҳавои танафусӣ аст, ки аз фазои ҳанҷара берун меояд, метаровад ва ба махориҷи ҳуруф… ҷараён меёбад ва дар ҳар маҳориҷе аз махориҷ маъин, ҳарфе аз ҳуруфи таҳиҷӣ чеҳра мекушояд, ҳар ҳарфе шакли махсус ба худ мегирад… ва бо ин имтиёзоти мухталиф аз он мояи воҳиди ҳуруфи мӯътадид ҷилавгирӣ мекунад…» [3,100] .

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ «Нуқта»-ро моддаи сурати алифӣ ва ҳақиқати алифи ҳаюлои суратҳои мухталиф аз ҳуруфи лафзӣ ва кутубӣ номидааст ва таъкид кардааст, ки «… ҳақоиқи ҳуруф иборат аз таайюноти шахсияти онҳост, ки дар маротиба махориҷ ҳангоми сухан гуфтан зоҳир мешавад» [2,25].

«Нуқта» калиди ганҷинаи аъёни калимоти арқом ва сурати ҳуруфи кутуба аст ва ба зоти худ асрори рукуми ишорати ҳуруфи калимотро гирд овардааст. Абӯнасри Форобӣ дар рубоие нуқтаро асрори вуҷуд гуфтааст:

Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд
В-он гавҳари бас шариф ногуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд [4,71].

«Ваҳдати вуҷуд», вуҷуди воҳиди ҳақиқӣ ва вуҷуд ашёи таҷаллии Ҳақ ба сурати ашё аст. Шоире гуфтааст:

Гар на ҳуснаш доимо дар ҷилва аст,
Ин намуду буд олам аз куҷост.
Аз таҷаллии ҷамолаш ваҳдат аст,
Дар ҳақиқат, ин ки касратро бақост [5].

Саросари ҷаҳони офаринишу маҷмӯаи илми ғайб ва шуҳуд китоби Ҳақ таъоло аст, ки ҳамаи аҳкоми сифату асмои илоҳиро дар бар дорад. Ҳар яке аз мавҷудот калимае аз калимоти Аллоҳ аст, ки дар маънии махсус аз асмои ҷузъи Ҳақ далолат надорад ва бо нафси раҳмонӣ, ки аз ботини муттакаллим пайдо шуда, аз ғайб ба шуҳуд омадаанд, монанди калимоте, ки аз даруни инсон бо нафс падид мегардад. «Оре, мояву ҷони ҳама ҳуруфу калимоте, ки тафҳиму тафҳм ва таълиму таълм бо онҳо сурат мегирад, як ҳавое аст, ки фазои ҳанҷара берун метаровад ва ба махориҷи ҳуруф бист ва ҳаштгона ҷараён меёбад ва дар ҳар махраҷе аз махориҷи маъин, ҳарфе аз ҳуруф чеҳра мекушояд. Ҳар ҳарф шакли махсус ба худ мегирад, ки ба имтиёзи ӯст ва бо ин имтиёзоти мухталиф аз он мояи воҳид ҳуруфи мутаъдод ҷилавгирӣ мекунад…[3,99].

Ҳамаи зуҳури маротиби мавҷудот аз маротиби таҷаллии Ҳақтаоло аст. Урафо ва аҳли кашфу завқ ин суханонро талқин медиҳанд; дар матну воқеаву айни аён ҷуз зоти воҳиди қоим ба зоти худ нест ва ҷуз ӯ. Ишроқоти ваҷҳу ламаоти зоту ӯ оёти ҷамоли Ҳақ аст. Ҷаҳони касрат оинаи хона аст ва вуҷуди мутлақ ҷуз Ҳақ нест ва касрат дар мазоҳир аст, ки эътибороту насби ӯ изофаанд.

Аз назаре, ки масъалаи «ваҳдати вуҷуд» меҳвари шеъри ирфонӣ аст, тавҳиде, ки Мирсаид Алии Ҳамадонӣ ба он мерасад, ҳамон ваҳдати вуҷуд аст, ки ҳам дар ирфони амалӣ ва ҳам дар ирфони назарӣ баён шудааст.

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар водии сайру сулук ҳолоту мақомоти ирфонро дар шеър мунакис кардааст. Шеъри мақомоти сайру сулук истилоҳоти хосе доранд, ки Мирсаид Алии Ҳамадонӣ тобеи ҳамон истилоҳоту таъбироту алфоз аст.

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ амиқан аҳли сайру сулук аст, ки дар ашъори худ одоби ирфонӣ сурудааст. Ӯ дар ғазалиёташ ирфонро чун як шоха аз шохаи шеър дониста, пайрави равишу тариқаи усули фарҳангии ирфон аст. Ирфон дар шеъри Мирсаид Алии Ҳамадонӣ ба унвони як илм ва як бахши фарҳангӣ аст.

Ашъори Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дорои ирфони амалӣ ва ирфони назарӣ аст. Бахши амалии шеъри ирфонии ӯ иборат аст, аз он қисмат, ки равобиту вазоифи инсонро бо ҷаҳон баён мекунад ва тавзеҳ медиҳад. Ирфон дар ин бахши шеър монанди ахлоқ аст. Ин рубоӣ[5] мисоли он аст:

Айбаст баланд баркашидан худро
В-аз ҷумлаи халқ баргузидаи худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро [1,64].

Ин бахши ирфон «сайру сулук» номида мешавад. Дар ин бахш аз ирфон тавзеҳ дода мешавад, ки «солик», барои он ки ба қуллаи маънии инсоният, яъне «тавҳид» бирасад, аз кучо бояд оғоз кунад ва чи манозилу мароҳилро бояд ботартиб тай кунад ва дар манозили ин роҳ чи аҳволе барои ӯ рух медиҳад ва чӣ воридоте ба ӯ ворид мешавад.Инсони комил заруратан бояд ҳамроҳи «пир» ин манозилу мароҳилро тай кунад:

Пир бояд роҳро, танҳо марав,
Аз сари ашё дар ин дарё марав [1,70].

Албатта, тавҳиде, ки аз назари Мирсаид Алии Ҳамадонӣ қуллаи маънии инсоният ба шумор меравад, охирин мақсади сайру сулук аст. Бо тавҳид мардуми омӣ ва ҳатто бо тавҳид файласуф, яъне он ки «воҷиб-ал-вуҷуд» яке аст, на бештар аз замин то осмон тафовут дорад.

---

[5] Ин рубоиётро баъзе муҳаққиқон моли машоихи машҳур Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мешуморанд.

Тавҳиди ориф, яъне мавҷуди ҳақиқат ба Худо аст.Ҷуз Худо ҳар чи ҳаст, «намуд» аст, на «буд». Тавҳиди ориф, яъне ҷуз Худо ҳеҷ нест. Тавҳиди ориф, яъне тай кардан ва расидан ба марҳилаи ҷуз Худо ҳеҷ надидан аст [6,86].

Аз назари аҳли ирфон ба марҳилаи тавҳиди ҳақиқӣ кори ақлу андеша нест, кори дилу муҷоҳида ва сайру сулук ва тасфиаву таҳзиби нафс аст. Чунончи, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар маснавии «Ҳафт водӣ» гуфтааст:

Эй хирад, саргаштаи даргоҳи ту,
Ақлро сарришта гум дар роҳи ту [1,66].

Ин намуна бахши шеъри ирфони амалии Мирсаид Алии Ҳамадонӣ аст, ки монанди илми ахлоқ аст. Ориф дар бораи робитаи инсон бо худаш, ҷаҳон ва Худо баҳс мекунад.

Мақсади сайру сулук аз манозилу мароҳил, ботартиб тай кардан аст, то ин ки ба манзили ниҳоӣ бирасад. Аз назари Мирсаид Алии Ҳамадонӣ барои инсон «сирот» вуҷуд дорад ва он сиротро бояд бипаймояд ва марҳила ба марҳила ва манзил ба манзил тай намояд:

Эй ки дар дунё нарафтӣ бар сироти мустақим,
Дар қиёмат бар сироташ ҷойи ташвиш асту бим.
Қалби зарандуд настонанд дар бозори ҳашр,
Холисӣ бояд, ки аз оташ бурун ояд салим [1,136].

Аз назари Мирсаид Алии Ҳамадонӣ рӯҳи башар монанди як гиёҳ аст, ки дар рушд аст ва бояд дар низоми махсус сурат гирад, вале дар ахлоқ сирфан, сухан аз як силсила фазилатҳо, монанди ростӣ, дурустӣ, адолат, эҳсон, инсоф ва ғайра иборат аст, ки рӯҳ бояд бо онҳо мутаҷҷалӣ гардад.

Тавассути ирфони назарӣ Мирсаид Алии Ҳамадонӣ тариқи шеър ба тасвири ҳастӣ пардохтааст ва дар бораи Худову ҷаҳону инсон баҳс кардааст. Шеъри ирфонӣ дар ин бахш дар мақоми тасвиру тавзеҳу ҳастӣ аст, яъне ҳастӣ бо забони ақл тавзеҳ дода мешавад. Ориф дар ин бахши шеъри ирфонӣ иддаои худашро, он чи ки дар дидаи дил ва бо тамоми вуҷуди худ шуҳуд кардааст, бо забони ақл иншо намудааст. Аз назари ориф ғайри Худо ба унвони ашёе, ки дар баробари Худо қарор гирифтааст, ҳарчанд ба ӯ маълум бошад, вуҷуд надорад, балки вуҷуди Худованд ҳамаи ашёро дар бар гирифтааст, яъне ҳамаи ашёҳо, асмоию сифату шууни таҷаллиёти худованданд. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ навиштааст:

Таҷаллӣ намуд дар таҷаллии вуҷудаш, баҳри диданам
Ва дар ҳар чизи дидашаванда додам онро баҳри диданам
Ва чист он алон (ки) ҷудо шуд ба зоҳирҳо,
Пиндоштанд ғайри онро, лек ӯ дар он таҷаллӣ намуд.
Ин ҳама акси маю нақши мухолиф, ки намуд,
Як фурӯғи рухи соқист, ки дар ҷамъ уфтод [1].

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ мехоҳад ба ҳақиқати ҳастӣ, ки Худо аст, бирасад ва онро шуҳуд намояд. Аз назари ориф камоли инсон ба ин нест, ки сарфан дар зеҳни худ тасвире аз ҳастӣ дошта бошад, балки ба ин аст, ки бо қадами сайру сулук ба асле, ки аз он ҷо омадааст, боз гардад ва дуриву фосиларо бо зоти Ҳақ аз байн барад ва дар худи фонӣ ва ба ӯ боқӣ гардад:

Гар ҷаҳоне чун Алоӣ ҳар дам он ҷо шуд фано,
Қатра дар дарё фитоду боз шуд обе ба об [1].

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ муътакид аст, ки ботини шариат «роҳ» аст ва онро «тариқат» меноманд ва поёни ин роҳро «ҳақиқат» аст, яъне тавҳид. Ӯ дар «Рисолаи зикрия» гуфтааст:

Ту дар ӯ гум шав, ки тавҳид ин бувад,
Гум шудан гум кун, ки тафрид ин бувад.
Гар ту хоҳӣ то бад-ин манзил расӣ,
То ки мӯе мондаӣ мушкил расӣ
Ҳар кӣ дар дарёи ваҳдат гум нашуд,
Гар ҳама одам бувад, мардум нашуд.
То нагардӣ бехабар аз ҷисму ҷон,
Кай хабар ёбӣ зи ҷонон як замон?
Гар ҷаҳоне роҳ ҳар дам биспарӣ,
Гоми аввал бошадат чун бингарӣ.
Ҳеҷ солик роҳро поён надид,
Ҳеҷ кас ин дардро дармон надид.
Ҷумлаи мардон ниҳон ин ҷо шуданд,
Аз ду олам бенишон ин ҷо шуданд.
Ошиқон донанд дар майдони дард,

То фанои ишқ бо эшон чӣ кард [1].

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар эҷоди шеъри ирфонӣ аз шариат, тариқат ва ҳақиқат таъбир меҷуст ва воқиф буд, ки инсон нисбат ба зоҳиру ботин аст. Шариату тариқату ҳақиқат низ инчунинанд, яъне яке зоҳир аст ва дигарӣ ботин ва сеюми ботин ботин.

Маҳз бо ин тафовут Мирсаид Алии Ҳамадонӣ маротиби вуҷуди инсонро дар се маротибу се мароҳил медонад, ки яке аз он ҳақиқат аст:

Ҳаст ин сир ҳар замон пӯшидатар,
Хуни ҷонҳо з-ин сабаб ҷӯшидатар.
Нест касро аз ҳақиқат огаҳӣ,
Ҷумла мемиранд бо дасти тиҳӣ.
Ҳар кӣ дар одат равад аз рӯзгор,
Нест ӯро бо ҳақиқат хеҷ кор.
Дар ҳақиқат рав, зи одат дур бош,
Не зи иблисӣ, ба худ магрур бош… [1].

Ҳамин тариқ, назарияи «ваҳдати вуҷуд» таъбироти мухталиф дорад. Урафо мегӯянд, ваҳдати вуҷуд, яъне вуҷуди мунҳасир аст ба вуҷуди Ҳақ, зоти Ҳақ вуҷуди лоятаноҳост, камоли лоятаноҳост, азамати лоятаноҳост, қудрати лоятаноҳост, ҷамоли лоятаноҳост.

Ваҳдати вуҷуд ба як ҳақиқат, ки он ҳақиқати вуҷуд аст, вуҷуд дорад. Ҳақиқати вуҷуд маротиб дорад:

Мартабаи воҷиб, мартабаи мумкин ва мартабаи ғанӣ. Ҳақиқати вуҷуд воҳид аст ва як мартабааш, ки мартабаи ғанову камол аст, мартабаи зоти Ҳақ аст.

Ваҳдати вуҷуд вуҷуди воҳиди «мин ҷамеъ-ул-ҷиҳот» ва басити мутлақ аст. Вуҷуд, яъне вуҷуди Ҳақ ва ғайр аз ҳар чӣ ҳаст, вуҷуд нест. Ҳарчи ғайри Ҳақ, ҳастинамост, на ҳастӣ.

Дар шеъри ирфонии Мирсаид Алии Ҳамадонӣ масъалаи ваҳдати таҷаллӣ муҳим аст. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ муътақид аст, ки дар олам фақат як таҷаллӣ аст. Ин таҷаллӣ худованд ва ақли аввал аст. Нерӯи бавуҷудоварандаи олам ишқ аст, яъне худованд аз он ҷиҳат, ки ошиқу маъшуқ аст. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ ба ишқ такя мекунад ва онро тараннум менамояд, зеро медонист, ки оламро маҳз ишқ ба вуҷуд овардааст.

Шеъри ирфонии Мирсаид Алии Ҳамадонӣ бештар дар мавзӯи ишқ муваффақу комгор гаштааст.

Мирсаид Алии Ҳамадонӣ аз шоирони ирфониест, ки дар боздид ва шинохти ишқ дақиқбин аст ва шеваи гуфтори ошиқонаи ӯ моҳияти шинохти «худ» ва «Худо» аст. Ӯ аз зумраи орифоне аст, ки каломи ошиқонаи ӯ ҷозибаву кашиш дорад, ки рӯҳро пайваста ба сӯйи асли хеш такон медиҳад.

Бо мутолиаи шеъри ирфонии Мирсаид Алии Ҳамадонӣ метавон гуфт, ки ӯ тавсифгари инсони комил аст, ки дар ҳар нуқтаи маърифатии ин авроқ нуқтаи ишқ нуҳуфтааст, ки ин нуқта рамз аст. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ исмҳои тавсифии моддиро чун ифодагари рамз истифода кардааст, ки эъҷози назари ӯ низ, чунон ки аз нуқоти осори ӯ бармеояд, ба ин санъат гароиши бештар пайдо кардааст, зеро «рамзбаёнӣ як навъ мувофиқати маънои ниҳон дар вожаҳо ва муҳимтарин василаи саноеи тасвир дар эҷодиёти орифон аст» [8,46].

А Д А Б И Ё Т

7. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Маснавии «Ҳафт водӣ» / Мирсаид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд.- Душанбе: Ирфон 1995.-Ҷ.1. С.198.
8. Мирсаид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. « Асрор-ун- нуқта, ё Тавҳиди ирфонӣ» / Мирсаид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд.- Душанбе: Ирфон. 1995.-Ҷ.2.- С.240.
9. Раҳим Нажодсалим. «Ваҳдати вуҷуд дар ирфони исломӣ»/Раҳим Нажодсали//Маҷаллаи Кайҳони андеша.- 137ш.- № 41.-с.98-102.
10. Забеҳуллои Сафо. «Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ / Забеҳуллои Сафо. (таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор).- Душанбе: Ал-Худо.- Тоҷикистон.2001.-Ҷ.1.- С.198.
11. Ҷаъфари Саҷҷодӣ. «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ /Ҷаъфари Саҷҷодӣ.- Теҳрон, 1370 ш.,- 856с.
12. Муртазо Муттаҳҳаррӣ. «Куллиёти улуми исломӣ: калом-ирфон- ҳикмати амалӣ/ Муртазо Мутаҳарӣ.- Теҳрон. 1381 ш., -240с.
13. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз / Муртазо Мутаҳҳарӣ; ройзании фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон.- Душанбе.1996,-С.128.
14. Салими Хатлонӣ. Тасвирофаринӣ ва сохтори он дар осори Ҷалолиддини Румӣ / Салими Хатлонӣ.- Душанбе, 2009. –С. 202.

СУЩНОСТЬ ТЕОРИИ «ВУДЖУДИЯ» В СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ МИРСАЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В данной статье автор рассматривает сущность теории «Вуджудия» в суфийской поэзии Мирсайида Али Хамадани. Пропаганда нравственности - главное направление всей деятельности Али Хамадани. На творчество Али Хамадани оказали сильное влияние мистика и философия.

Ключевые слова: вуджудия, тайна, мир, вечность, обилие, единство, бытие, слово, поэт, мистицизм, единый, человек, нравственность, жилище, периоды, религия, религиозное течение.

THE ESSENCE OF THE THEORY OF "VOGUE" IN SUFI POETRY OF MIRSAID ALI KHAMADANI

In this article the author considers the essence of the theory of "Vogue" in Sufi poetry of Mirsaid Ali hamadani. Promotion of morality is the main direction of activity Ali hamadani. Creativity Ali Khamadani had a strong influence mysticism and philosophy.

Kev words: Vogue. the secret world. eternitv. abundance, unity, Genesis, the word, poet, mysticism, the one, the man, morality, housing, periods, religion, religious group..

Сведения об авторе: ***К. Кодиров*** **–** доктор педагогических наук, профессор, заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики Таджикского национального университета

БАҲРАҲОИ ХОҚОНӢ АЗ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Ораш Амирӣ
Донишгоҳи илмӣ-фановарии воҳиди Хуррамшаҳр, Эрон

Аз он рӯзе, ки деҳқонзодаи Тӯс коре шигарфро оғоз кард ва танҳо бо ҳадафи зинда нигаҳ доштани форсӣ ва форсизабон ба сурудани бузургтарин асари ҳамосӣ ба забони форсӣ пардохт, то имрӯз бисёранд шоирон ва нависандагоне, ки аз ин асари арзишманд баҳра бурдаанд ва ҳар кас бар ҳасби тоқати хеш аз он истифода бурдааст. Дар байни шоирон ва нависандагон пас аз ӯ тақрибан наметавон касеро ёфт, ки байтеро гуфта, ё сатреро навишта, аммо вомдори Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-аш набошад. Илова бар арзиши фаровони суханони Фирдавсӣ ва он чи дар «Шоҳнома» овардааст, шояд яке аз далоили ин мавзӯъ алоқаи форсизабонон ба таърих ва фарҳанги худ буда, чаро ки ин китоб як давраи комили фарҳанг ва тамаддун ва одобу расму таърихи ин мардум аст.

Каломи Фирдавсӣ дар ҳама ҷо ворид шуда ва шоирони ориф ё орифони шоир ба ҳамон андоза аз он баҳра бурдаанд, ки шоирони ошиқ ва андешмандону ононе, ки шеърро дар хидмати тарвичи афкори худ гирифтаанд ҳамон андоза баҳра бурдаанд, ки мардумони одӣ. Вақте ки аз ин сухани соҳири Фирдавсӣ, ҳар бесаводи оҷиз аз хондан огоҳ аст ва дар достонҳое ва суханони худ аз он баҳра мебарад, яқинан афроди таҳсилкарда ва андешманд бештар ва беҳтар аз он вом мегиранд ва сухани худро ба он меороянд. Фирдавсӣ сухани ширини худро чунон баён мекунад, ки чун дами масеҳ дар колбади форсӣ дамида мешавад ва он гуна ки худ мефармояд, барои ҳамеша онро зиндаи ҷовид месозад, ба гунае ки ҳеҷ тӯфоне онро газанде нарасонад. Шояд яке аз далоиле, ки баъд аз Фирдавсӣ бисёр аз «Шоҳнома» истифода шуда ва дигар шоирону нависандагони резахор хони пурнеъмати ӯ шудаанд, ҳамин далел бошад.

Дар «Шоҳнома» додгарӣ ва адолат ба гунае ситоиш мешавад, ки хирадмандӣ ва хирадрӯзӣ ва ҳамон андоза бар золимон ва ситамгарон метозад, ки Эрон ва эрониро дӯст дорад.

Шоирон ва нависандагони форсизабон, ки ба ҳурмати каломи Фирдавсӣ дар байни мардуми форсизабон пай бурдаанд, каломи худро бо истифода аз калом ва суханони Фирдавсӣ меороянд, то бештари онро дар назари хонандагони худ ҷилва диҳанд ва ҳарчи бештар ба ҳадафи худ, ки таъсири калом бар хонанда аст, даст ёбанд. Дар адаби форсӣ ҳамон гуна ки гуфта шуд, камтар шоир ё нависандаеро метавон ёфт, ки аз ин шева баҳра набурдааст. Яке аз намунаҳои муносиб барои исботи ин муддао каломи Хоқонии Шервонӣ аст. Хоқонӣ бо ҳама душвориҳое, ки дар каломи худ ворид кардааст, ба наҳви зебое аз «Шоҳнома» ва достонҳои он баҳра бурдааст. Ин таъсир ба гунаест, ки хонандаи ашъори Хоқонӣ бидуни ниёз ба андешидан ва ғарқ дар умқи ашъор мутаваҷҷеҳи истифодаи фаровони шоир аз ишороти достонӣ ва талмеҳоти Хоқонӣ ба паҳлавонони «Шоҳнома» ва зиндагиву диловариҳои онон мешавад. Дар девони Хоқонӣ беш аз ҳар девони дигари исломӣ шахсиятҳои «Шоҳнома» ва ишора ба достони зиндагии онҳо истифода шудааст.

Он чи лозим аст ба он ишора шавад, ин нукта аст, ки дар девони Хоқонӣ ҳам достонҳои машҳур ва шахсиятҳои шинохташуда ворид шудааст ва ҳам достонҳое, ки танҳо ононе, ки бо «Шоҳнома» маънус ҳастанд, аз он огоҳ ҳастанд, омадааст. Танҳо номи Рустам ва Исфандиёр, Заҳҳок ва Фаридун, Кайхусрав ва Сиёвуш дар девони Хоқонӣ наёмада, балки бисёре аз достонҳои «Шоҳнома» ва ҳама ҷузъиёти онҳо

омадааст, ки мардуми одӣ аз он огоҳ нестанд. Ин нукта далелест бар тасаллути Хоқонӣ бар достонҳои «Шоҳнома» ва ин ки Хоқонӣ бо ҳамаи «Шоҳнома» маънус аст ва аз он баҳра мебурдааст, на танҳо ҳамон қисматҳое, ки ҳар форсизабоне аз он огоҳ аст. Дар ин ҷо ба баъзе аз талмеҳоте, ки дар девони Хоқонӣ омадааст ва ба достонҳо ва шахсиятҳои «Шоҳнома» ишора дорад, ишора мешавад ва абёте ба унвони шоҳид оварда мешавад. Сипас, ба теъдоде аз ин талмеҳот муфассалтар пардохта мешавад. Ногуфта пайдост, ки наметавон дар гуфторе инчунин ҳамаи таъсирот ва истифодаҳоеро, ки Хоқонӣ аз «Шоҳнома» бурдааст, баён кард. Аммо он чи мо дунболи он ҳастем, нишон додани гӯшаҳое аз ин таъсирпазирӣ ва баёни ин мавзӯъ аст, ки Хоқонӣ бо «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ маънус буда, ба гунае ки аз андешаҳои ӯ барои баёни назариёти худ ва таъсирпазирии бештари калом истифода менамояд. Ва ошноии Хоқонӣ бо «Шоҳнома» чун огоҳии мардуми одии форсизабон нест, балки бисёр ва амиқ бо афкор ва андешаҳои Фирдавсӣ ва ҷузъиёти достонҳо ва қаҳрамонони «Шоҳнома» огоҳ аст.

Рустам зафаре, балки Фаромурзи шукӯҳе,
Ҷамшеди фарӣ, балки Каюмарси даҳоӣ (с.437).

Ҳанӯз Исфандиёри ман нарафт аз ҳафт хон берун,
Ҳанӯзаш дар Дижи Рӯйин арӯсонанд зиндонӣ (с.412).

Рустам бин, ки ба хунрезии писар,
Кунад оҳангу сипасаш нашносад (с.603).

Ин чанд байт далеле бар исботи ин иддаост. Ҳоло бо тафсили бештар ва ҷузъитар ба ин мавзӯъ мепардозем. Ногуфта пайдост, он чи дар ин ҷо омада, танҳо намунаҳои бисёр кам аз он ҳама баҳраҳоест, ки Хоқонӣ аз «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯс бурдааст. Дарвоқеъ инҳо танҳо муште намунаи хирвор аст. Умедворе м, ки тавониста бошем ба хубӣ аз уҳдаи ин кор баромада бошем ва хонандагони азиз лағзишҳои ин навиштаро ба дидаи каромат нигариста, онро ба ҳисоби каммоя будани огоҳиҳои инҷониб бигзоранд.

Аз достонҳои шӯрангез ва зебои «Шоҳнома», яке достонест, ки қаҳрамонони он Фаридун, Коваи оҳангар ва Ҷамшед ҳастанд. Ҷамшед подшоҳи хирасари каёнӣ, сарфи назар аз даврони сиёҳпоёни салтанаташ, яке аз подшоҳоне будааст, ки мардуми Эрон ӯро дӯст доштаанд ва барояш ҳурмат қоил буданд, зеро корҳои бисёр арзишманде барои Эрон анҷом дод. Ҷамшед кишоварзӣ ва санъатро ба эрониён омӯхт ва давраи салтанати ӯ яке аз давраҳои дурахшони Эрон будааст. Ӯ аз подшоҳоне аст, ки фарри эзидӣ дошт ва ҳамин нишон аз мақоми волои ӯ дорад. Ҳамин мавзӯъ муҷиб шуда, ки Хоқонӣ борҳо мамдӯҳони худро ҷонишини Ҷамшед ва дигар подшоҳон, ки мақоме баланд чун ӯ доштаанд, бидонад ва ё ононро ба Ҷамшед монанд намояд. Хоқонӣ дар мавриди Ҷамшед ва достони зиндагии ӯ ба ҷанбаҳои зиёде аз зиндагии ӯ ишора мекунад. Аз он ҷумла яке хотами Ҷамшед ва дигаре ҷоми ҷаҳон байни ӯст.[6]

Ҷамшеди каёнӣ, ки на хуршеди каёнӣ,
К-аз нури аёнӣ ҳама рух айни Саноӣ (с. 438).

Эй аждаҳо дам ар на чу Заҳҳок хунхурӣ,
Аз тифл подшоҳи Ҷамосо чи хостӣ (с.535).

Эй номзади хотам Ҷамшед, ки бар ту
Хатм аст ҷаҳондориву ҳақҳо, ки сазоӣ (с.437).

Мардос марди покдин ва арабнажод буд, ки дар дарбори Ҷамшед ба коре гумошта шуда буд. Ӯ фарзанде дошт, ба номи Заҳҳок (муарраби ажӣ даҳок) Заҳҳок ба ишорати Иблис падари худро кушта ва пас аз чанде ба ёрӣ ва роҳнамоии Иблис Ҷамшедро, ки мардум аз дасти зулуму ситами носипосии ӯ бар Яздон хаста шуда буданд, ба роҳатӣ аз пеши рӯй бармедорад ва бар тахти подшоҳӣ такя мезанад. Сипас, тайи иттифоқе Иблис рӯйи китфҳои ӯ бӯса зада, аз ҷойи бӯсаҳои ӯ морҳое рушд мекунад ва ӯ боз ба ишорати Иблис ҳар рӯз ду нафар аз меҳтарон ва кеҳтарзодагонро кушта ва мағзи сарашонро ба морҳои Заҳҳок медиҳад, то андаке биосоянд. Ин подшоҳи бедодгар ва ҷаврпеша зулми худро идома медиҳад, то Кова ва Фаридун бар ӯ хуруҷ мекунанд. Ҳамон гунна ки ҳамаи форсизабонон ва ошноён бо ин достон, Заҳҳокро мазҳари хунрезӣ ва шақоват ва зулму ситам медонанд, Хоқонӣ низ ҳар замоне, ки мехоҳад подшоҳе, ё ҳар каси дигарро чеҳраи манфӣ нишон диҳад,

[6] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.25.

ӯро ба Заҳҳок монанд мекунад ва ба кӯмаки ин достон аз «Шоҳнома» тасовир ва мазомини зебо ва дархури таваҷҷуҳе меофаринад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин ки, баъзан Хоқонӣ аз ин чеҳраи манфӣ дар «Шоҳнома» истифода намуда, мазомини ҷадиди дигаре меофаринад. Баҳраҳои Хоқонӣ аз достони Заҳҳок танҳо мунҳасир ба ҷанбаҳои манфии он намешавад, балки аз назаргоҳҳои дигар достони Заҳҳокро менигарад ва аз он баҳра мебарад. Аз ҷумла, зулфи маҳбуб ё мамдӯҳи худро ба мори Заҳҳок монанд мекунад ва бо ин ташбеҳ ва дар назар доштани достони Заҳҳок ва муҷиби зебоии каломи душвори худ мешавад:[7]

Мори Заҳҳок аст зулфат к-аз гамаш,
Қасри шодӣ ҳар замоне мекунам.
Дар тани хеш аз барои қути ӯ,
Магзе аз ҳар устухоне мекунам (с.641).

Офаридун давлати адуро,
Дари зиндон ору пой барбанд.
К-ӯ нест ба ҷавр кам зи Заҳҳок,
На зиндонат кам аз Дамованд (с.773).

Яке аз шахсони барӯманде, ки гирифтори маъмурони Заҳҳок шуд ва мағзи сарашро ба морони ӯ доданд, марде буд ба ном Обтин. Андаке пас аз он ки Обтин гирифтор шуд, занаш фарзанди писареро ба дунё овард. Модари Фаридун, ки ҳамсари худро аз дастрафта мебинад, ҳамаи ҳиммати худро ба кор гирифт, то фарзанди худро аз дасти маъмурони Заҳҳок, ки кӯдакони писареро, ки тавлид мешаванд, мекушанд, то монеи таъбир шудани хоби Заҳҳок шаванд, наҷот диҳад. Аз ин рӯ, муддате Фаридунро дар маҳалле махфӣ мекунад ва аз шири гове ба номи Бармоя ӯро тағзия мекунад. Аммо заҳҳокиён аз ниҳонгоҳи ӯ пай мебаранд ва гови Бармояро кушта, он маконро хароб мекунанд. Аммо Фаридун наҷот меёбад, рушд мекунад ва меболад, то ҷавоне тануманд шуда, ному нишони падари худро меҷӯяд. Вақте аз достони кушта шудани падари худ ба василаи Заҳҳок огоҳ мешавад, тасмим ба гирифтани интиқоми падари худ мегирад ва дере намепояд, ки Фаридун ба хунхоҳии падар алайҳи Заҳҳок қиём мекунад. Дар ин достон Фаридун ва гови Бармоя низ ҷойгоҳи вижае доранд, ба ҳамин хотир Хоқонӣ низ ишорате ба ин мавзӯъ доштааст:[8]

Ӯст Фаридуни зафар, балки дамованди ҳилм,
Олами Заҳҳок феъл бастаи ҷоҳаш сазад (с.520).

Коваро чун фарри Афридун ёфт,
Чӣ гами қурраву сандону дам аст (с.821).

Он ҳангом ки Кова барои раҳоии писараш аз дасти нерӯҳои Заҳҳок ба даргоҳи ӯ рафт ва Заҳҳок шарти озодии фарзандашро имзо кардани истишҳодномаи додхоҳиву некхӯйии худ донист, аз он чое ки Кова он истишҳодномаро ба дурӯғ ва норост медид, онро таъйид накард ва бо хурӯше, ки нишон аз ба сутӯҳ омадани эрониён аз бисёрии зулму ситами Заҳҳок буд, истишҳодномаро пора кард ва ба зери пой андохт ва аз айвон ба куй берун шуд. Пешбанди чармини худро бар болои найза гирифт ва мардуми ситамдидаро ба пуштибонӣ аз он фаро Хонд. Ин пешбанд парчами лашкаре шуд, ки нерӯҳои он тӯдаи ситамкашидаи мардуми Эрон буд. Пас аз пирузӣ бар Заҳҳок, он пешбанди чармин ба унвони парчами лашкариёни Эрон боқӣ монд ва нав ба нав бар он гавҳарҳо овехтанд ва «дирафши Ковиён» ном ниҳоданд. Ин дирафши, ки намоди пирӯзӣ ва шикастнопазирии Эрон дар аҳди бостон буд ва пуштибони он дили дардманди мардуми ситамкашида, аз зулму ситами Заҳҳок ва дастони пинабастаи тӯдаи мардум буд, борҳо дар девони Хоқонӣ омадааст ва бо истифода аз пирӯзии ҳамешагии сипоҳи Эрон ба ҳамроҳи ин дирафш, зебоиҳо ва ташбеҳоти қобили таваҷҷуҳе офаридааст. Ва Дирафши Ковиёниро муҷиби тулӯи субҳи рӯшноӣ бар Эрон медонад:[9]

Ҷомро ганҷи Фаридун хунбаҳост
Чун Дирафши Ковиён баркард субҳ (с.490).

Он ҳангоме ки ҳамсари Сом бордор буд ва Сом аз ин хотир шодмон, намедонист, ки тақдир чӣ сарнавиште барои фарзандаш рақам хоҳад зад. Ҳамсари Сом вақте фарзанди худро ба дунё овард тани зебо дошт, аммо бар баданаш оҳуе буд ва он сапед будани мӯйҳои ӯ чун пирамардон буд. Сом аз ин кор шигифтзада шуд ва

[7] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.28.
[8] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.40
[9] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.43.

барои он ки аз таъни бузургон худро дур кунад, фарзандро бардошта ба Албурзкӯҳ бурда, дар он ҷо раҳо кард. Симурғ Золро бардошта, ба лонаи худ бурд ва ӯро бипарварид «Достони Зол ва Симурғ» низ дар девони Хоқонӣ таъсири чашмгире доштааст ва борҳо ба он ишора шудааст. Ин достон, дастмояи офаридани мазмунҳои бадеъ ва дилангез дар девони Хоқонӣ шудааст. Хоқонӣ, ки аз ин достон ва дигар достонҳои «Шоҳнома» огоҳӣ доштааст, илова бар девони худ дар дигар осор, аз ҷумла «Туҳфат-ул-ироқайн» низ баҳраҳои зиёде аз «Шоҳнома» ва хусусан достони Зол ва Симурғ бурдааст. Хоқонӣ, ки аз кӯдакӣ таҳти сарпарастии амӯи худ Кофиддин Умар қарор гирифтааст, аз достони Зол ва Симурғ истифода карда, худро ба Зол ва амӯи худро ба Симурғ, ки сарпарастии Золро уҳдадор гашт, монанд мекунад. Илова бар ин, дар ҷо-ҷойи осори Хоқонӣ аз ин достон баҳра бурдааст.[10]

Мурғро дидӣ, ки анқо меҳру Зол андеша буд,
Хонаи Рустам ба аъзо додӣ, аҳсан-т, эй малик (с.896).

Чун Зол бастаи қафасам навҳа чун кунам,
То раҳмате ба хотири Баҳманд дароварам (с.240).

Дар камини Шарқ Золи Зар ҳанӯз,
Пари анқо дидбон бинмуд субҳ (с.473).

Фара ё хура ё хара ё ҳамон «фурӯғи эзидӣ, ки ба дили ҳар кӣ битобад, аз ҳамгунон бартарӣ ёбад ва аз партави он ба подшоҳӣ тавонад расид ва додгар ва осоишгустар шавад ва ҳамвора комёб ва пирӯзманд гардад», яке аз истилоҳоте аст, ки дар «Шоҳнома» истифода шудааст ва чанд тан аз подшоҳон ва бузургони Эронзамин аз он баҳраманд будаанд. Хоқонӣ бо огоҳӣ аз вижагиҳои ин истилоҳ ва шахсиятҳое, ки аз он баҳраманд будаанд, онро дастмояи офариниши мазомине чанд кардааст. Ва мамдӯҳони худро чун Ҷамшед ва дигар афроде, ки фар дар вуҷудашон буд, мешуморад.[11]

Рустам зафаре, балки Фаромурзи шукӯҳе,
Ҷамшеди фарӣ, балки Каюмарси даҳой (с.437).

«Достони Бежан ва Манижа» яке аз достонҳои машҳури «Шоҳнома» аст, ки дар байни тӯдаи мардум ва, ҳатто, ононе, ки чандон савод ва ошноӣ бо мутуни қадимӣ надоранд, ҷойгоҳи вижа дорад. Дар адабиёти форсӣ ин достон мавриди истифодаи шуаро ва нависандагони фаровоне қарор гирифтааст. Хоқонӣ низ аз ин достон баҳра бурда, зебоии Манижаро бе мисол медонад ва мамдӯҳони худро аз ҷиҳоте ба Бежан монанд мекунад ва аз торикии чоҳ баҳра бурда, шеъри худро ба он меорояд :

Бас шукр к-аз Манижа ва Гевам расад, ки ман
Шамъе ба чоҳи тираи Бежан дароварам (с.243).

Афросиёби табъи ман, эй Бежани шуҷоат,
Узр оварад, ки беҳтар аз ин духтаре надорам (с.283).

Ковус пас аз он ки соҳиби фарзанди писаре шуд, номи Сиёвуш бар ӯ ниҳод ва барои он ки роҳу расм, разму базм, сифоти неки ахлоқиро биёмӯзад, ӯро ба Рустам дод, то ӯро чун фарзанди худ тарбият кунад. Сиёвуш аз Рустам роҳу расми ҷавонмардӣ, шуҷоат, ҳаё ва покдоманиро омӯхта, бо зоҳире зебо ва бемонанд ва ботине ороста ва хасоили нек ба кохи падар бозгашт. Ҳамсари Ковус ба номи Судоба ба Сиёвуш дил мебандад ва аз ӯ тақозои ношоист мекунад, аммо Сиёвуш, ки ҳаё ва озарму ҷавонмардиро аз мактаби Рустам омӯхта буд, тан ба гуноҳ намесупорад ва аз таҳдидҳои Судоба наметарсад. Аммо Судоба Сиёвушро муттаҳам мекунад, ки достоне худсохтаро барои Ковус таъриф мекунад. Сиёвуш барои исботи бегуноҳӣ аз байни оташ мегузарад ва сарбаланд аз озмоиш пирӯз мешавад. Пас аз чанде барои дур мондан аз васвасаҳои Судоба ва хирасариҳои Ковус ба ҷанг бо Афросиёб меравад, аммо бо ӯ намеҷангад ва ба Афросиёб паноҳ мебарад. Дар он ҷо ба мақом ва ҷойгоҳи арзишманд мерасад, аммо пас аз чанде ба таҳрик ва бадгӯйии Гарсеваз Сиёвуш муттаҳам шуда, дар айни бегуноҳӣ кушта мешавад. Сиёвуш мазҳари бегуноҳӣ ва покӣ дар «Шоҳнома» аст. Метавон Сиёвушро Юсуфи «Шоҳнома» номид ин достон низ, ки аз достонҳои машҳури «Шоҳнома» аст, инъикоси қобили тавақҷуҳ дар девони Хоқонӣ доштааст. Хоқонӣ борҳо аз ин достон истифода карда, ҳар бор ба шеваи мутафовут аз он баҳра бурдааст. Дар ин

[10] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.109.
[11] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.28.

баҳрабардорӣ ба завоёи мухталифи ин достон, аз ҷумла бегуноҳии Сиёвуш ва гузари ӯ аз оташ ишора менамояд.[12]

Шарти сабӯҳӣ бувад, гови зару хуни раз
Хуни Сиёвуш бидеҳ, гови Фаридун биёр (с.619).

Он хуни Сиёвуш аз хуми Ҷам,
Чун теги Фаросиёб дардеҳ (с.661).

Муддати умр, ар надод коми Сиёвуш,
Давлати Ковус комкор бимонад (с.870).

Баҳроми Чӯбина ба дархости Ҳурмуз ба ҷанг бо Совашоҳ меравад ва ӯро шикаст медиҳад. Сипас фарзандаш Пармударо ба асорат мегирад ва ба ӯ амон медиҳад, аммо бисёр ӯро меозорад ва бо ӯ бадрафторӣ мекунад. Бадрафтории Баҳроми Чӯбина бо Пармуда ва бисёр корҳои дигари ӯ, ки нишон аз носипосӣ ва саркашии Баҳроми Чӯбина дорад, Ҳурмузро мутаваҷҷеҳи ин ҳақиқат мекунад, ки чунончи Баҳроми Чӯбина ба ин сурат кори худро идома диҳад, корҳояш саранҷом хубӣ нахоҳад дошт ва муҷиби саркашии Баҳром хоҳад шуд. Ба ин хотир бо Пармуда паймон мебандад ва туҳфаи ношоист барои Баҳроми Чӯбина мефиристад. Ин туҳфа, ки ҳомили киноияи ҷонсӯз аст, ҷомаи занон ва шалворе сурх (ки дар он ҳангом занон мепӯшиданд) ба ҳамроҳи як дук аст, ки ба дасти Пармуда барои Баҳром мефиристад ва бо ин кор паймоншикании ӯро тазаккур дода, ӯро ба киноя мегӯяд, ки чун паймонатро шикастӣ, мард нестӣ. Пас, ҷомаи занон бипӯш ва дук бар даст бигир.[13]

Хоқонӣ аз ин достон баҳра бурда ба наҳваи шоиста аз ин достон баҳра бурдааст, то гуле дигар аз гулҳои «Шоҳнома»-ро дар боғи девонаш бикорад:

Баҳромвор, агар ба ман оранд дукадон,
Ғорат чаро ба тегу ба ҷавшан дароварам (с.242).

Баҳром наям, ки тира гардам
Чун мақнау дукдон бинам (с.267).

Баҳроми дигаре, ки дар адабиёт бисёр омада, мӯҷиби офариниши мазомини зебо ва тасовири хаёлангезе шудааст, Баҳроми Гӯр аст. Яке аз достонҳои Баҳроми Гӯр достони Баҳром ва Ланбек Сақо ва Бароҳом аст, ки дар «Шоҳнома» омадааст. Ланбек марде сақо аст ва бисёр саховатманд ва Бароҳом марде сарватманд ва бисёр хасис. Баҳроми Гӯр чанд шаб ба сурати ношинос меҳмони он ду мешавад. Ланбек ҳамон гуна, ки сазовори шахсияти сахии ӯст, дар айни фақр бо саховат ва меҳмоннавозии Баҳромро мепазирад, аммо Бароҳом ба сахтӣ Баҳромро пазируфта, дар ниҳоят барои пок кардани саргини аспаш ӯро меозорад. Ҳамин муҷиб мешавад, ки Баҳром аз ӯ ранҷида, сарвату дороии Бароҳомро гирифта, ба Ланбек бидиҳад.[14]

Хоқонӣ аз ин достон низ ба зебоӣ баҳра бурдааст ва ба меҳмоннавозии Ланбек ишора мекунад ва ҳар ҷо мехоҳад, касеро ба меҳмоннавозӣ ва саховат биситояд, ӯро ба Ланбек монанд мекунад ва инсонҳои хасисро, ки ҳамаи ҳиммати худро сарфи ҷамъоварии молу сарват карда, на худ аз он баҳра мебаранд ва на ба дигарон ёрӣ мерасонанд, ба Бароҳом монанд мекунад. Аз ҷумла ӯ мегӯяд:

Ҳарчанд ки Ланбек диҳад осоиши Баҳром,
Баҳром ба шоҳӣ беҳу Ланбек ба сақоӣ (с.438).

Яке аз достонҳои ғамангези «Шоҳнома», «Достони Рустам ва Сӯҳроб» аст. Рустам қаҳрамони эронӣ рӯзе барои шикор ба наздики марзи Тӯрон меравад. Пас аз шикор ба хоби амиқ фурӯ меравад. Рахш ба сӯйи Тӯронзамин рафта, Тӯрониён Рахшро бо худ мебаранд. Пас аз бедор шудан, Рустам ба дунболи Рахш ба Тӯрон меравад ва бо хашм ва асабоният суроғи Рахшро аз шоҳи Самангон мегирад. Шоҳи Самангон Рустамро ба қасри худ даъват мекунад ва қавл медиҳад, ки Рахшро ба ӯ баргардонад. Дар ин байн, духтари шоҳи Самангон ба номи Таҳмина, ки пеш аз ин тавсифи Рустамро шунида буд, шабҳангом ба мулоқоти Рустам меравад ва Рустам бо ҳозир овардани мӯбаде ӯро ба занӣ мегирад. Фардои он рӯз, қабл аз баргаштан ба сӯйи Эрон Таҳминаро муҳрае медиҳад, то ба унвони нишона ба фарзандаш биспорад. Рустам бо Рахш ба сӯйи Эрон бармегардад ва Таҳмина писареро ба дунё меоварад ва номи Сӯҳробро бар ӯ мениҳад. Сӯҳроб ба суръат рушд мекунад ва ному нишони падари худро аз Таҳмина мепурсад ва Таҳмина падарро ба ӯ муаррифӣ мекунад.

---

[12] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, 384.
[13] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.1958.
[14] Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.1597

Сӯҳроб лашкаре ҷамъ карда, ба сӯйи Эрон рӯй мениҳад, то ба ёрии падар тамоми дунёро фатҳ кунанд. Шоҳи Самангон, ки аз ин иттиҳод ба шиддат метарсад, касоне ҳамроҳи Сӯҳроб мефиристад, то монеи шинохти Рустам аз ҷониби Сӯҳроб шаванд. Лашкари Сӯҳроб ба марзи Эрон мерасад ва иттифоқоте пеш меояд, ки он чи ки набояд пеш биёяд, иттифоқ меафтад ва пас аз куштани Сӯҳроб, Рустам фарзанди худро мешиносад, ки суде надорад. Тақрибан ҳар форсизабоне ба шакле аз ин достон огоҳ аст. Дар девони Хоқонӣ низ чанд бор ба ин достон ишорате шудааст ҳамон гуна ки Фирдавсӣ мефармояд, Хоқонӣ низ Сӯҳробро кушташудаи аҷал медонад, на кушташуда ба дасти Рустам.[15] Хоқонӣ ҳар гоҳе мехоҳад иттифоқеро хости Худованд бихонад, «Шоҳнома»-ро ба ёрӣ мехонад ва аз «Достони Рустаму Сӯҳроб» баҳра мебарад. Ногуфта пайдост, ки истифодаи Хоқонӣ аз ин достони мунҳасир танҳо ба ҳамин чашмандозӣ, ки ишора шуд, намешавад, балки бо тавоноии мисол задани худ дар баҳра бурдан аз достонҳо ва ҳикоятҳои машҳур ва ошно ба зеҳни мардум, «Достони Рустаму Сӯҳроб»-ро дастмояи офаридани мазомини зебо ва дилангез мекунад. Аз ҷумла мегӯяд:

В-ар ба аҷал зард гашт, чеҳраи Сӯҳроб,
Рустами достон корзор бимонд (с.870).

Рустам бин, ки ба хунрезии писар,
Кунад оҳангу сипас нашносад (с.603).

Баршикофӣ димоғи хасм чунон-к
Нофи Сӯҳроб, Рустам бишкофт (с.470).

Ду хоҳари Исфандиёр ба номҳои Ҳумо ва Офарид, гирифтори дасти Арҷосп мешаванд ва дар маҳалле ба номи Руйин Диж зиндонӣ мешаванд. Гуштосп Исфандиёрро маъмур мекунад, то хоҳарони худро аз банд озод кунад. Гуштосп Ифандиёрро навид медиҳад ки, агар хоҳаронро озод ва Арҷосрро ҳазимат кунад, тахту тоҷро ба ӯ хоҳад супурд. Исфандиёр ба умеди раҳоии хоҳарон ба сӯйи Руйин Диж меравад. Рӯйин Диж роҳе бисёр душвор ва токатфарсо дошт. Барои расидан ба Рӯйин Диж бояд мароҳили ҷонкоҳеро паси сар гузошт, ки ба ҳар кадом аз он мароҳил як хон гуфтаанд. Исфандиёр ба ёрии чандтан аз паҳлавонон дар либоси бозаргонон вориди Рӯйини Диж мешавад ва бо ҳилла ҷолиб Арҷосп ва лашкариёнашро ҳазимат мекунад ва хоҳаронро озод менамояд. Достони «Ҳафт хони Исфандиёр» ва наҷоти духтарони Гуштосп, ки дар Рӯйин Диж зиндонӣ шуда буданд, низ муҷиб мекунад ва аз он истифода мекунад ва бо истифода аз он тасвири зебое меофаринад.[16]

Ҳанӯз Исфандиёри ман нарафт аз ҳафт хон берун,
Ҳанӯзаш дар Дижи Рӯйин арӯсонанд зиндонӣ (с.412).

Рӯйин Дижат, ар гушуданӣ нест,
Дар меҳнати ҳафт хон чӣ бошӣ (с.511)

Ҳар талаби васл, ки Рӯйин Дижро,
Ҳар рӯз Сифандиёр меҳмон нарасад (с.719).

Рустам паҳлавони барҷастаи эронӣ, ки на танҳо аз ҷиҳати нерӯи ҷисмонӣ, балки аз назари ахлоқ ва рафтор дорои ҳама вижагиҳои мусбати инсонӣ буд, аз ҳама паҳлавонони замони худ барҷастатар аст. Ҳамин барҷастагии Рустам аз ҳар назар муҷиб шудааст, то ҳар ҷо Хоқонӣ мехоҳад касеро барҷаста нишон диҳад, ӯро ба Рустам монанд мекунад. Хоқонӣ борҳо ба футуҳоти Рустам ишора мекунад ва мегӯяд,ки Рустам паҳлавоне аст, ки хусусиёти зишти ахлоқиро аз вуҷуди худ берун кардааст ва ҳар чӣ дар вуҷуди ӯст, хубӣ ва некӣ ва равшанӣ аст. Ҳамон гуна ки қаҳрамони барҷастаи «Шоҳнома» Рустам аст. Метавон бо баррасии ҷамии ҷиҳот ин иддаоро унвон кард, ки он шахсе, ки аз ҳамаи афрод дар девони Хоқонӣ барҷастатар аст, касе ҷуз Рустам нест. Хулоса ин ки қаҳрамони девони Хоқонӣ низ ҷуз Рустам касе наметавонад бошад.[17]

Ҳиммататам Рустамест к-аз сари даст,
Дев оз афканад бановардӣ (с.807).

Куҷо ёрам, ки бо ту кӯшам,

---

[15] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.323.
[16] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, с.1199.
[17] - Шоҳномаи Фирдавсӣ, 170.

Ки ту бо Рустам, эй ҷон, ҳамнабардӣ (с.685).

Мард, ки бо ишқ даст дар камар ояд,
Гар ҳама Рустам бувад, зи пой дарояд (с.608).
Дар мадҳи Ҷалолуддин Абӯмузаффари Ахистон ибни Манучеҳр мегӯяд:
Хираву Сом давлате, Соми сипеҳр давлате,
Рустами Зол донише,Золи замона доваре (с.430).

Баҳрабардории Хоқонӣ аз «Шоҳнома» ва андешаҳои ҳоким бар он, танҳо ба ҳамин истифодаҳои ошкор, ки дар боло аз онҳо суҳбат ба миён омад, маҳдуд намешавад, балки дар бисёр маворид ба ҷуз ишораи лафзӣ, аз андешаҳои ҳоким бар «Шоҳнома», аз ҷумла хирадварзӣ, ибратпазирӣ, шикоят аз рӯзгор ва ғайра баҳра бурдааст. Намунаи олии он дар қасидаи машҳур «Айвони мадоин» ошкор аст.

Хоқонӣ дар мавориди бисёре аз қаҳрамонони «Шоҳнома» истифода бурда, каломи худро бо истифода аз онҳо ба ороёҳое, аз ҷумла ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя оростааст. Ҳарчанд ин истифодаҳо дар ҳама ҷойи ашъори Хоқонӣ омадааст, аммо дар муқаддимаи қасоид (ташбиб, тағзил) бештар аз дигар ҷойҳо аз ин шева баҳра бурдааст:

Зи Афросиёби зулм хароб аст мулки дил,
Дев оз афканад ба новардӣ (с.807).

Субҳ чун Рахши Рустам андар тохт,
Май чу ганҷи Фаросиёб диҳед (с.594).

Рустами фазлро зи ҳинди карам,
Ҳам Синону ҳам Рамоҳ бифристед (с.855).

Он чӣ дар мавриди истифодаи Хоқонӣ аз «Шоҳнома» ва тафаккуроти Фирдавсӣ гуфта шуд, танҳо намунаҳои чузъӣ аст ва муште аз намунаи хирвор, ки барои огоҳии бештар унвон шудаанд. Ҳол он ки Хоқонӣ, ки дигар шоиронро резахори хони худ медонад, ба резахорӣ бар сари хони Фирдавсӣ нишаста, чун бисёре дигар аз шуаро ва нависандагон аз меваҳои рангини боғи Фирдавсӣ, домони худро пур кардааст. Ва барои зебоии каломи худ онҳоро дар ҷо-ҷойи девонаш истифода кардааст. Ишораҳои ҷузъии Хоқонӣ ба достонҳо ва паҳлавонон ва қаҳрамонони «Шоҳнома» бисёр зиёд аст. Паҳлавонон ва қаҳрамононе чун Ҷамшед, Рустам, Зол, Афросиёб, Фаридун, Заҳҳок, Сом, Наримон, Сиёвуш, Бежан, Каюмарс, Обтин, Гургин, Таҳмурас, Гуштосп, Ораш, Лухросп, Кайхусрав, Кайқубод, Сӯҳроб ва дигарон борҳо дар девони Хоқонӣ омадаанд ва ҳар кадом ба гунаи хос ёригари Хоқонӣ дар офариниши ашъор будаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афзалуддин Бадил ибни Алии Наҷҷор (Хоқонии Шервонӣ), Туҳфат-ул-ироқайн / Афзалуддин Бадил бинни Алии Наҷҷор (Хоқонии Шервонӣ); бо кӯшиши доктор Яҳёи Қариб. -Теҳрон, 1332.
2. Афзалуддин Бадил бинни Наҷҷор (Хоқонии Шервонӣ), Девони Хоқонӣ / Афзалуддин Бадил бинни Наҷҷор (Хоқонии Шервонӣ), ба кӯшиши доктор Сайид Зиёуддини Саҷҷодӣ. –Теҳрон: Завор, 1374.
3. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ; ба тасҳеҳи Жули Мул.- Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1374.
4. Муҳаммад Муин. Фарҳанги Муин. (давраи 6 ҷилдӣ) / Муҳаммад Муин. –Теҳрон: Амир Кабир, 1371.
5. Сирус Шамиссо. Фарҳанги талмеҳот / Сирус Шамиссо.-Теҳрон: Фирдавс, 1369.

ВЛИЯНИЕ «ШАХНАМЕ» НА ТВОРЧЕСТВО ХАКАНИ

В предлагаемой статье рассматривается степень влияния произведения «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси на творчество Хакани. Автор статьи на основе многочисленных примеров показывает, что Хакани был хорошо знаком с героями этого замечательного произведения и передавая содержание “Шахнаме” через призму своего виденя и понимания мира.

Ключевые слова: Хакани, творчество Хакани, Фирдоуси, «Шахнаме», Джамшед, Золи Зар, Рустам, Сухроб, Фаридун, Сиявуш, Каюмарс, содержание произведения.

INFLUENCE OF «SHAHNAME» TO CREATIVE WORK OF HAKANI

Árash Amraei

In the suggested article of Tarahhum Amiri “Influence of Shahname” to creative work of Hakani is considered degree of familiarity of Hakani with a great work of Abulkasim Firdavsi “Shahname”. The author of article on the basis of numerous examples shows that Hakani was well acquainted with heroes of this great work.

Key words: Hakani, “Shahname”, Jamshed, Zali Zar, Rustam, Suhrob, Afrosiyab, Faridun, Zahhak, Siyavush, Kayumars, the content of the work.

Сведения об авторе: ***Ораш Амирои*** – кандидат филологических наук, доцент, Технологический университет города Хуррамшахр, Иран

АФКОРИ АДАБӢ ВА ИНТИҚОДИИ АМИР ҲУСРАВ ДАР МАСНАВИИ «ҚИРОН-УС-САЪДАЙН»

Рустам Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Амир Хусрав аз зумраи мутафаккиронест, ки дар баробари доштани табъу завқи баланди шоирӣ, қариб дар ҳамаи осораш роҷеъ ба масоили фаннии шеър ва шоирӣ дахл кардааст. Ҳамин дилмашғулии ӯ ба масоили чигунагии адабиёт боис гардида, ки истилоҳоти зиёди илмӣ ва фаннии адабӣ ба ашъори ӯ роҳ ёбад. Хусрав бо истифода аз истилоҳоти фанниву адабӣ дар офаридану сохтани мазомини наву тоза маҳорати чашмгире дорад. Мазмунофаринӣ бо истилоҳоти адабӣ ва мафоҳиму алфози мутааллиқ ба шеъру адаб агар аз як тараф, баёнгари иддао ва тавоноии ҳунари шоирӣ бошад, аз тарафи дигар, нишонаи пайваста ба масоили шеъру шоирӣ андешидани мутафаккирро ойинадорӣ мекунад.

Сарфи назар аз он ки бархе аз адабиётшиносону ховаршиносони муосири ватаниву бурунмарзӣ аз қабили Эдуард Браун [1, 132], Шафеии Кадканӣ [2, 21] ва дигарон бар он фикр, ки агар ҳуди адабиёт, яъне чӣ тарз гуфтан, чӣ гуна сурудану навиштан ва амсоли инҳо мавзӯи адабиёт қарор гирад, андешаи шаклу қолаб, сабку услуб, санъат, вазн ва дигар унсурҳои шаклии ифодакунандаи афкор бар офариниши ҳунарӣ ғолиб омада, халлоқияту офаринандагӣ таназзул меёбад, яъне вақте ки адабиёт ба худ мепардозад, ҷанбаи ҳунариву маъниофарӣ дар дараҷаи дуюм қарор мегирад, муътақиданд, мутафаккирони гузашта, бахусус Амир Хусрав, дар баробари ба эътибор гирифтани масоили завқиву лаззатбахшӣ ва зебоишинохтии адабиёт ба ҷанбаи илмиву маърифатии он аҳамият дода, қариб дар ҳама офаридаҳои хеш, бар замми матолиби асосӣ, аз ин масъала низ фурӯгузор намекунад ва баррасии ин мавзӯъро масъулияти адабӣ медонад.

Бо дарки ҳамаҷонибаи ин масъулият Амир Хусрав дар маснавии «Қирон-ус-саъдайн» [3], ки мавзӯи асосии он марбут ба воқеоти рӯзгори ӯст, ба масъалаи ҳунари офаринандагӣ мароқ зоҳир карда, омӯзишу истифодаи таҷрибаи гузаштагон ва дар ин замина эҷодкорона ба ибдооту ибтикорот даст задани худро ёдовар мешавад ва ба дигарон ин амалкардро тавсия медиҳад. Чунончи:

Боз намоям сифати ҳар чӣ ҳаст,
Шарҳ диҳам маърифати ҳар чӣ ҳаст.
Бифканам ар ҷайби гуҳарҳои пеш,
Бо хаси худ созаму домони хеш.
Тарзи суханро равиши нав диҳам,
Сиккаи ин мулк ба Хусрав диҳам.
Нав кунам андозаву расми куҳан,
Пасравии пешравони сухан…
Он кӣ бубинам ба ҳунар пештар,
Кӯшиши он роҳ кунам бештар.
Он чӣ ҳунар ҳаст, бигирам накӯ,
В-он чи ҷуз ин аст, нагирам аз ӯ (3, в.112[б]).

Аз нақли қавле, ки баррасӣ гардид, маълум мешавад, ки Амир Хусрав дар кори эҷодӣ аз осори бузургони сухан суд бардоштани худро на танҳо инкор намекунад, балки таъкид меварзад, ки ӯ латофату назокати ҳунари пешиниёнро ба туфайли омӯзиш аз худ карда, ҷавҳари эҷодиёти эшонро огоҳонаву эҷодкорона барои такмил бахшидани назму асос гузоштани тарзи хоссу сабки нав мавриди корбурд қарор додааст.

Муайян аст, ки ошноӣ бо уфуқи андешаву завқи адабии ҳар асру ҳар шоир шарти аввал ва асосӣ дар шинохти адабиёти он давр аст. Ҳар шоир лаҳну тарзи вижа дорад, ки ба воситаи он андешаву завқ ва навъи огоҳии ӯро муайян кардан мумкин аст. Агар ба ашъори Амир Хусрав жарф назар андозем, як навъ содагӣ ва баробар будани лафзу маънӣ дар аксар ашъори ӯ ба мушоҳида мерасад. Ин гувоҳ бар он аст, ки дар аҳди ӯ ба завқу дарки хонанда наздик сухан гуфтан маъмул ва расм будааст. Ҳарчанд Амир Хусрав дар офариниши осори адабӣ ба корбурди санъатҳои маънавии хаёл, иҳом ва монанди инҳо бештар таваҷҷуҳ дорад, аммо бо назардошти ба эътибор гирифтани ҷанбаи маърифатии калом ва завқи ҳоким бар ҷомеа ҳадди эътидоли корбасти санъатҳои бадеиро риоят мекунад. Аслан ӯ дар назм ҷонибдори тарзи саҳли мумтанеъ буда, ҳузури баробари лафзу маъниро дар шеър меъёри асосӣ медонад ва дар ин хусус менависад:

З-ин пас агар умр бувад чанд гоҳ,

Кам ҳавас ояд ба сафеду сиёҳ.
Ранги зиёдат надиҳам хомаро,
Содатаре нақш кунам номаро.
Қ-он чи ҳамекард ба дил хор-хор,
Ёфт дар ин гулшани рангин нигор…
Ман, ки ниҳодам сухани ганҷи пок,
Ганҷи зар андар назарам чист?- Хок (3, в.113[а]).

Амир Хусрав дар маснавии «Қирон-ус-саъдайн» масъалаи арҷу бартар гузоштани мартабаи суханро аз ганҷу зар ва молу манол ёдовар шуда, дар каломи хеш аз сухани дигарон орият нагирифтанро таъкид мекунад, масалан:

Мар ҳама донанд, ки чандин гуҳар,
Кас нафишонад ба ду-се бадра зар.
В-ар диҳадам ганҷи Фаридуну Ҷам,
Ҳадяи як ҳарф бувад, балки кам…
Мӯр шудам бар шакари хешу бас,
Дар назадам даст ба ҳалвои кас.
Гарчи дар ин чида басе дидаам,
Муҳра бичин, гар гуҳаре чидаам.
Нуктаи ман гавҳари кони ман аст,
З-они касе нест, аз они ман аст.
Дузд наям хонабари дигаре,
Хона кушода зи дари дигаре (3, в. 113[б]).

Чунонки маълум аст, сирқати адабӣ ва мазмунрабоии шоирон аз ҳамдигар амри тозае набуда, собиқаи пешина дорад ва қабл аз Амир Хусрав ҳам вуҷуд дошт. Дар Юнону Руми бостон шоирони бузурге мисли Аристофану Софокл ҳам ба сирқати адабӣ муттаҳам шуда буданд. Дар шеъри қадими араб ва давраҳои оғозини шеъри форсӣ то ба имрӯз сирқати адабӣ аз масоили умдаи адабиёт аст. Ин масъала дар рӯзгори Хусрав ривоҷи бештаре дошта, то ба ҳадди ифрот расидааст, ки ӯ аз ин гуна шоирон сахт нигаронӣ мекунад ва онҳоро рӯирост «ғоратгар» меномад. «Ғоратгар» муаррифӣ шудани ин қабил шоирон аз ҷониби Хусрав бояд сабаби дигаре ҳам дошта бошад. Чунин ба назар мерасад, ки дар замони Амир Хусрав ҳодисаи рабудани девони шоирону хондани шеъри эшон ба номи худ аз ҷониби бархе шоирон вуҷуд дошта ва ҳатто ин воқеа шояд дар ҳаёти шахсии ӯ низ таҷриба шуда бошад.

Амир Хусрав дар маснавии «Қирон-ус-саъдайн» ба масъалаи дуздони ашъораш дахл карда, моҳияти кори онҳоро ночизу бемоя арзёбӣ мекунад ва бим доштани худро аз кирдори онҳо чунин иброз медорад:

Мояи ҳар дузд, ки дар олам аст,
Гарчи фузун аст, ба қиммат кам аст.
Ҳар чӣ, ки аз дил дур(р)и макнун кашам,
Заҳраи он нест, ки берун кашам.
З-он ки нигаҳ мекунам аз ҳар карон,
Эминиям нест зи ғоратгарон.
Қалбзане чанд ба ҳар гӯша ҳаст,
К-аз зар(р)и ман боз диҳандам ба даст.
Нақб зада ганҷи ниҳони маро,
Мурғ шуда резаи хони маро.
Дузди нисори ману бо ман ба чӯш,
Шон ба забоновариву ман хамӯш.
Хонаи фикрам ҳама равзан кунанд,
Ҷустани аҳсант ҳам аз ман кунанд.

Нақди маро пеши ман оранд рост,
Ман кунам аҳсант, ки з-они шумост.
Шарм надоранду бихонанд гарм,
Бар ману ман ҳеҷ нагӯям зи шарм.
Турфа, ки шон дузди ман аз шарм пок,
Соҳиби коло ману ман шармнок…
Кай шавад ин моя аз они касе,
Ганҷ нагунҷад ба даҳони касе…
Он ки ба нуқсони хаёли мананд,
Ҷумла гувоҳони камоли мананд (3, в. 113[б]-114[а]).

Амир Хусрав, ки аз шеършиносону сухансанҷони рӯзгори худ низ буд, дар маснавии «Қирон-ус-саъдайн» ба таври мухтасар ба нақди шеър ишорат карда, шарт мегузорад, ки сухани асил он аст, ки мақбули табъи сухансанҷон қарор гирад. Ӯ аз

баррасиҳои ноқидони асил, ки сараро аз носара мунсифона тамйиз мекунанд, гиламанд нест ва ҳатто накӯҳишу нафрини онҳоро ба ҷон қабул дорад, вале аз шоироне, ки ба шеър муғризона ва аз рӯи муомиланошиносӣ муносибат мекунанд, шиква кардааст.

Хусрав ба масоили фанни нақд камтар таваҷҷуҳ нишон додааст. Аз ин рӯ, мулоҳизоти ӯро роҷеъ ба нақд дар маснавии мазкур метавон эҳсосӣ ва завқӣ қаламдод кард. Муаллиф таҳти таъсири завқи ҳоким бар замона бар шеъри саҳли мумтанеъ иноияти бештар дорад. Аз ин хотир, ӯ шарт мегузорад, ки агар афроде дар офариниши осори ҳунарӣ ва ибдооту ибтикорот то ба ҳадди вай нарасида бошад, ҳуқуқи дахолат ба ашъори ӯро надорад. Барои он ки ба нуқтаи назари Хусрав дар масъалаи мавриди назар бештар ошноӣ пайдо кунем, чанд намунаеро аз маснавии «Қирон-ус-саъдайн» зайлан нақл мекунем:

Чарбзабонӣ набувад судманд,
Тифл бувад, к-аш бифиребӣ ба фанд.
Он ки шиносандаи ин гавҳар аст,
Гар ҳама нафрин кунадам, дарх(в)ар аст.
Бад натавон гуфт накуро чу нест,
Ё баду ё нек бурун з-ин ду нест.
Ҳаст агар сиккаи некуияш,
Нест наку, гарчи ки бад гӯияш…
Гар зи бадӣ хол бувад бар хадаш,
Худ натавонад, ки бипӯшад бадаш.
Гир, ки пӯшӣ ҳама айбаш ба зӯр,
Худ натавон дошт ниҳон айби кӯр.
Боз касеро, ки ҳасад раҳ занад,
Захма дар ин раҳ на яке, даҳ занад…
Гар беҳ аз ин нест гуҳар суфтанаш,
Айб бувад, айби касон гуфтанаш.
Гар кам аз ин мева расидаш зи ғайб,
Тифли раҳи мост, зи тифлон чӣ айб?
Аз гуҳари худ ҳама к-аш дам занад,
Он ки кам аст, ӯ ҳамаро кам занад.
Кам назанад мард касеро, валек
Бад ҳама ҷо бад буваду нек нек.
Ман бади кас н-оварам андар забон
В-он чи бувад рост, надорам ниҳон (3, в. 114б-115а).

Тибқи нишондоди Амир Хусрав ноқиди сухан бояд монанди ҳунарманди асил аз мавҳибати илоҳӣ ва тарбияти ҳунариву мояи завқӣ комилан бархурдор бошад. Ба назари мо, барои мунаққиди барҷаста шудан шоир ё нависандаи бузург будан шарт нест, ҳамчунин на ҳама шоири бузургу шинохта мунаққиди тавоност. Нақди дурусту илмӣ, пеш аз ҳама, бояд аз ҷанбаҳои ифроту иғроқ дар баҳогузории асари бадеӣ барӣ бошад. Нақди адабӣ дар асл бо илмҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва зебоишиносӣ иртибот дошта, ҳусну қубҳи осори ҳунариро асосан тибқи қавоиду усули ин илмҳо баррасӣ мекунад. Аз ин хотир, арзёбии қавоиди куллии осори адабӣ мавҳибати илоҳиву нубуғи шоиронаро тақозо накарда, балки аз афроди ба ин фан машғул донишу маърифати соҳавӣ ва завқу салиқаи зебоишиносиро талаб мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ. Тарҷумаи Алипошо Солех/ Эдуард Браун. - Теҳрон: Амири кабир, 1354.- 723 саҳ.
2. Шафеии Кадканӣ. Шоире дар ҳуҷуми мунтақидон. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ/Шафеии Кадканӣ/ .- Теҳрон: Огоҳ, 1385.- 512 саҳ.
3. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Маснавиёт. Дастнависи китобхонаи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рақами 748.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ И КРИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АМИРА ХУСРАВА В МЕСНАВИ «КИРОН-УС-САЪДАЙН» (СБЛИЖЕНИЕ ДВУХ СЧАСТЛИВЫХ ЗВЁЗД).

Автор в данной статье, акцентируя основное внимание литературным и критическим взглядам Амира Хусрава Дехлави в его месневи «Кирон-ус-саъдайн» анализирует такие, аспекты литературных и критических взглядов поэта, которые в целом имеют определенные интересы. Утверждения автора, по отношению к обсуждаемой теме имеют научную основу и обосновываются общепризнанными аргументами и фактами.

Ключивие слова: содержание, стиль, искусство, слово, значение, плагиат, литературная критика.

LITERARY AND CRITICAL GLANCES AMIRA HUSRAVA IN «MESNAVI IRON-MOUSTACHE-SA'DAYN» (the RAPPROCHEMENT TWO LUCKY STARS)

The Author in given to article, the main attention, accenting problem literary and critical glance Amira Husrava Dehlavi in his (its) mesnavi «iron-moustache-sa'dayn» (the rapprochement two lucky stars) analyses such, aspects literary and critical glance of the poet, which as a whole have a certain interests.

Approving the author, to under discussion subject has a scientific base and is motivated общепризнанными argument and fact.

Key word: contents, style, art, word, importance, plagiarism, literary critiques.

Сведения об авторе: ***Тагаймуродов Р. Х.***- докторант КТГУ им. Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 917-57-55-22**

СИМОИ ШОҲЗОДАИ РУМ ВА ДОЯИ СОҲИБҶАМОЛИ Ӯ ДАР ДОСТОНИ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

С. Б. Маҳкамов
Донишгоҳи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Яке аз маҳбубтарин ва шевотарин достонҳои ишқии романтикии адабиёти классикии форсу тоҷики асри XV, ки тайи шаш қарни охир мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор дорад, достони «Саломон ва Абсол»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Достони номбурда дуюмин достон ва камҳаҷмтарин маснавии «Ҳафт авранг» (баъди дафтари аввали «Силсилат-уз-заҳаб») буда, аз 1130 байт иборат аст. Шоир ин достони хешро соли 1480 навишта, онро ба ҳукмрони Табрез – Султон Яъқуби Туркмони Оӣйоюнлу (1479-1491) бахшидааст.

Доир ба замони танзими достони «Саломон ва Абсол» Алиасғар Ҳикмат дар рисолаи «Ҷомӣ» қайд менамояд: «Ҷулуси Яъқуби Туркмон ба соли 884 ва таълифи маснавии «Туҳфат-ул-аҳрор», ки баъд аз «Саломон ва Абсол» ба назм омада, ба соли 886 ҳичрист. Пас, ногузир таърихи таълифи ин маснавӣ миёни ин ду сол аст» [4,190].

Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла, А.Афсаҳзод ҳамин ақидаро пазируфта, ба хулосае меоянд, ки достони «Саломон ва Абсол» дар соли 885 ҳичрӣ (1480 милодӣ) навишта шудааст [5,244].

Азбаски дар ин достон бештар матолиб ва мавзӯъҳои шикоят аз пирӣ ба мушоҳида мерасанд, аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Мавлоно Ҷомӣ ин достонро дар овони пиронсолӣ навиштааст. Ба дигар маънӣ, агар аз ин таърих (1480) соли таваллуди шоир (1414) бароварда шавад, синну соли Мавлоно дар вақти ба анҷом расонидани достони «Саломон ва Абсол» маълум мегардад (шасту шаш, қадам ба шасту ҳафт).

Тамоми сарчашмаҳо ва осори илмиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки назми достони «Саломон ва Абсол» дар таърихи адабиёти Шарқ бори аввал аз тарафи Абдурраҳмони Ҷомӣ ба анҷом расидааст. К.Айнӣ дар мақолаи «Великий творец поэмы «Саламан и Абсаль»-Абдуррахман Джами» фикри болоро тақвият дода, менависад: «Дар давраи ислом ин ҳикоят (яъне «Саломон ва Абсол» – М.С.) аз фарҳанги қадими Юнон иқтибос шуда ва дар осори муаллифони араб Ҳунайн ибни Исҳоқ, Ибн-ул-Аъробӣ, Ибни Туфайл ва бино ба гуфтаи Насриддини Тӯсӣ дар ҳошияи «Ишорот»-и Ибни Сино низ оварда шудааст. Барои исботи ин қисса, ки ба воситаи Ҳунайн ибни Исҳоқ аз юнонӣ ба арабӣ тарҷума шудааст, бояд гуфт, ки ин матлаб барои аҳли илм пӯшида нест, зеро матни он дар соли 1908 дар Қоҳира чоп шудааст. Аммо ин ҳам пӯшида нест, ки маъруфтарин шакли ин қисса ҳамоно манзумаи Мавлоно Ҷомӣ мебошад, ки дар Мовароуннаҳр ва чӣ дар Туркияю Ҳиндустон ва дар мамлакатҳои дигари Ховарзамин машҳур аст» [3,162-163].

Ҳарчанд сарчашмаи қиссаи «Саломон ва Абсол» аз адабиёти Юнони Қадим бошад ҳам, аммо маъхазҳои юнонии он то имрӯз омӯхта нашудаанд.

Достони «Саломон ва Абсол»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф, ки рукнҳои он ба фоилотун, фоилотун, фоилун (– V – – , – V – – , – V –) мусовист, манзум шудааст. Он дар бораи ишқи шоҳзодаи Рум – Саломон ва дояи ҷавону соҳибҷамоли ӯ – Абсол қисса мекунад. Бо вуҷуди он ки тору пуди ин достонро рамузи гӯёи тасаввуф фаро мегирад, аммо хатти сужети он аз ишқу муҳаббати софи қаҳрамонон (Саломон ва Абсол) ва падидаҳои ҳаёти реалӣ муназзам мебошад.

Достони номбурда аз ситоиши рӯҳи илоҳӣ, ки гӯё ишқи ошиқон ва ҳусни хубону хубрӯён файзу баракати вай мебошад, оғоз меёбад:

Эй ба ёдат тоза ҷони ошиқон,
З-оби лутфат тар забони ошиқон.
Аз ту бар олам фитода сояе,

Хубрӯёнро шуда сармояе (7,345-346).

Баъд аз баёни қисми муқаддимаи анъанавӣ достони «Саломон ва Абсол» бо боби «Оғози мақол дар шарҳи сурати ҳоли Саломон ва Абсол» шурӯъ мегардад.

Сужети достон аз ҳикояте оғоз меёбад, ки дар Юнони Қадим подшоҳе дар дарбор ҳакими донишманде дошт, ки бе маслиҳату машварати ӯ кореро ба сомон намерасонд. Шоир ба ин восита, дар ручӯи достон, дар дарбори шоҳон зарур будани ҳакимони донишманд ва бо маслиҳати эшон амал кардани шоҳро дархостааст, ки яке аз талабҳои ақидаи деҳқонӣ буданд. Чунончи:

Шоҳ чун набвад ба нафси худ ҳаким,
Ё ҳакиме набвадаш ёру надим,
Қасри ҳукмашро бувад бунёд суст,
Кам фитад қонуни ҳукми ӯ дуруст (1,182).

Қаҳрамонони достони «Саломон ва Абсол» одамони ғайриисломӣ буда, амалиёти онҳо дар шароити мусулмонӣ гуноҳ аст. Аммо Мавлоно Ҷомӣ барои исботи бегуноҳӣ ва дурустии рафтор, дар боби «Оғози мақол дар шарҳи сурати Саломон ва Абсол», аз подшоҳи золими мусулмон шоҳи одили кофирро афзалтар меҳисобад ва бо ин роҳи пешгирӣ худро аз ҳуҷуми ҷоҳилон эмин нигоҳ медорад:

Нуктае хуш гуфтааст он дурбин,
Адл дорад мулкро қоим, на дин.
Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фиреҳ
Мулкро аз золими диндор беҳ (1,183).

Абдурраҳмони Ҷомӣ аз забони ҳакими донишманд дар бобати фазилати фарзанд ва зарурати он сухан ронда, ифтихор ва пойдории ному насаби падар будани ӯро таъкид месозад:

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард (1,184).

Шоир дар хусуси фарзанд изҳори ақида намуда, қайд мекунад, ки на ҳамаи фарзандон сазовори фахру ифтихори падаронанд. Бахусус, фарзандони нобобу бадахлоқ ва бадсиришту нохалаф ба номи падарон доғ меоранд. Дар ин бобат адиб дар боби «Дар мазаммати фарзанди нохалаф» мефармояд:

Он ки бошад бадсиголу бадсиришт,
Дар сар аст ӯро ҳазорон хӯйи зишт.
Беҳ бувад к-аз силки дурон дорияш,
Пеш гирӣ шеваи безорияш (1,185).

Аз ин лиҳоз, падар бояд аз Худо фарзанди нек талаб намояд, ки ҳеҷ гоҳ гирифтори дуои бади ӯ нагардад:

Чун набошад ҳоли ҳар фарзанд нек,
Аз Худо мекун талаб фарзанди нек.
Ончунон фарзанд, к-охир дар дуо
Марги ӯ ҷустан набояд аз Худо (1,186).

Достони «Саломон ва Абсол» аз нақли ҳикоят дар бораи подшоҳи Юнон, ҳакими дарбори ӯ, фарзанд надоштани шоҳ ва дар орзуи фарзанд будани вай, аз рӯйи ҳикмати ҳаким соҳиби фарзанд гардидани шоҳ ва тифлро ба доягии Абсол додани вай оғоз меёбад, ки экспозитсия (лот. – эзоҳ, шарҳ – М.С.)-и сужети достон мебошад.

Гиреҳбанд (завязка)-и сужети достони «Саломон ва Абсол» аз лаҳзае, ки Саломон ба ҳусну ҷамоли Абсол мафтун гардида, ишқи хешро ба доя изҳор мекунад, оғоз меёбад. Номувофиқатӣ ва номутаносибии синну соли Саломон ва Абсол ба ишқи рӯякӣ ва булҳавасона ишорат карда, аз ноустувориву нопойдории он далолат менамояд. Аз ин ваҷҳ, аз насиҳати шоҳу ҳаким ва таънаи дарбориён ошиқон ба хулосае омада, ба қонуну қоидаҳои шароити дарбор сар мефароранд. Аммо устувории ишқи Саломон ва Абсол аз як тараф, ристаи сужети достонро маҳкам намояд, аз тарафи дигар, аз хотимаи фоҷеаи қисса дарак медиҳад. Шоир афкори баландпояи хеш – дар бораи мафҳуми ишқ ва ҳамеша дучори таъқиб қарор гирифтани ошиқонро дар боби «Танг шудани кор бар Саломон аз маломати бисёр, шоҳ ва ҳакимро гузоштан ва бо Абсол роҳи гурез бардоштан» чунин ба қалам медиҳад:

Ҳар куҷо аз ишқ ҷоне дарҳам аст,
Меҳнат андар меҳнату ғам дар ғам аст.
Хоса ишқ е, к-аш маломат ёр шуд,
Гуфтугӯйи носеҳон бисёр шуд.
Аз маломат сахт гардад кори ишқ
В-аз маломат шуд фузун тимори ишқ (1,219).

Инкишофи воқеа аз гурехтани ошиқон ба бешазори ҷазира сурат мегирад. Зеро онҳо аз муҳити тангу тори дарбор, ки дар он ба озодии шахс ва ишқ у ошиқӣ ҷой нест, ба дод меоянд ва ҷоеро мехоҳанд, ки касе монеаи ишқи эшон нагардад.

Тавассути оинаи ҷаҳоннамо аз ҳоли ошиқон огоҳ гардидани шоҳ ва бо ёрии сеҳру ҷоду халал расондани ӯ ва таҳқиру ғайбати дарбориён дар роҳи расидан ба васли ҳам ва комёб гардидани ошиқон монеаи асосии инкишофи воқеа мегарданд. Аз ин рӯ, рӯҳияи шоҳ (падар)-ро ҳис карда, аз ӯ узр хостани Саломон ва аз таънаву маломатҳои вай ба ҳоли танг омадан ва худро нобуд кардани ӯ ба авҷи ҳалли бемонеаи достон халали ҷиддӣ расонидаанд.

Инчунин, ба воситаи қувваи муъҷизадори ҷодугарони дарбор аз сӯхтан боздоштани Саломон ва баръакс, сӯзондани Абсол воқеаро аз фоҷеа ба сӯйи тағйир ёфтани тақдири минбаъдаи қаҳрамонҳо меорад. Акнун авҷи аълои инкишофи воқеа (кулминатсия) ба гирехкушои воқеа – пастшавии иродаву барҳамхӯрии амалиёти ошиқон ва қиёми ғалабаи душманони ишқ (яъне развязка – М.С.) мубаддал мегардад.

«Оҳу нолаи пурсӯзи Саломон дар фироқи Абсол шиддати ишқи ӯ ва хавфи онро зиёд мекунад ва хати сужетро ба тарафи дигар баргаштан намегузорад. Бо сурати Зуҳраи осмонӣ тадриҷан унс гирифтани Саломон ва Абсолро фаромӯш кардани ӯ, ки тадбири ҳаким буд, кушоиши сужети достон аст. Ба тахти падар нишастани Саломон ва насиҳату васияти ӯро қабул кардани вай хотимаи достон мебошад» [7,347].

Дар достони номбурда як қатор чеҳраҳои асосӣ амалиёт мегузаронанд, ки шоҳ, ҳаким, Саломон ва Абсол аз ҳамин зумраанд.

Азбаски таҳлили васеи чеҳраҳои номбурда аз доираи ин мақола берун мебарояд, аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки танҳо дар бобати қаҳрамонони марказӣ – Саломон ва Абсол ибрози назар намоем.

Дар достони номбурдаи Ҷомӣ диққати асосӣ ба амалиёти қаҳрамони марказӣ – Саломон равона гардидааст. Вай фарзанди ягона ва талабидаи шоҳ буд. Вақте ки ба тифл ном мечустанд, аз Осмон садои «Саломон» шунида шуд. Саломон ҷавони солиму зебо буда, чандин сифатҳо дошт. Ин сифатҳо дар боби «Дар сифати ҳиддати фаҳм ва ҷавдати насру назми вай» инъикос ёфтаанд:

Лутфи табъаш дар сухан мӯ мешикофт,
Лафз нашнида ба маънӣ мешитофт.
Чун Сурайё пояи назмаш баланд,
Чун Банотуннаъш насраш арҷманд.
Дар латоиф лаъли ӯ ҳозирҷавоб,
Дар дақоиқ фаҳми ӯ софӣ чу об.
Хатти ӯ чун хатти хубон дилфиреб,
Хушнависон з-ӯ чу ошиқ ношикеб.
Чун гирифтӣ хомаи мушкинрақам,
Офарин кардӣ бар ӯ лавҳу қалам (1,196-197).

Дар боби дигар – «Қиём намудани Абсол ба доягии Саломон ва доман бар задан дар парвариши он покизадомон» шоир ба авҷи аъло расидани ҳусни Саломонро дар синни чордаҳсолагӣ чунин тасвир месозад:

Чордаҳ будаш ба хубӣ моҳи рӯ,
Соли ӯ ҳам чордаҳ чун моҳи ӯ.
Пояи ҳуснаш басе боло гирифт,
Дар ҳама дилҳо ҳавояш ҷо гирифт.
Шуд яке сад ҳусни ӯ в-он садҳазор,
Сад ҳазорон дил зи ишқаш беқарор (1,194-195).

Саломон дар базму айш дилшод ва дилгарм, дар бозии гӯю нарду чавгон ҷаққону моҳир, дар камондориву тирандозӣ бемислу монанд ва дар хайру саховат дарёдил буд. Масалан, шоир дар гӯю чавгонбозӣ чобуку ҷаққон будани Саломонро дар боби «Сифати чавгон бохтани вай бо ҳамсарон ва гӯй бурдани вай аз дигарон» ин тавр ба қалам медиҳад:

Савлаҷон бар каф ба майдон тохтӣ,
Гӯйи заррин дар миён андохтӣ.
Як ба як чавгонзанон ҷӯёни ҳол,
Гирди як маҳ ҳалқа карда сад ҳилол.
Гарчи будӣ захми чавгон аз ҳама,
Буд чобуктар Саломон аз ҳама (1,199).

«Дар сифати камондорӣ ва тирандозии вай» ном боби дигари достон, мардум ба камондорӣ ва тирандозии Саломон қоил шуда, ба ӯ аҳсан мехонанд:

Шаҳ чу гаштӣ гирди чавгон бохтан,
Чун камон моил ба тир андохтан,

Аз камондорони хос андар замон,
Хостӣ нокарда зеҳ чочи камон,
Бемадад онро ба зеҳ оростӣ,
Бонги «зиҳ!» аз гӯшаҳо бархостӣ (1,199).

Саломон дар боби «Дар сифати ҷуду сахо ва базлу атои вай» дар эҳсону бахшиш ва хайру сахо ҳамчун шахси дарёкаф инъикос мегардад:

Буд дар ҷуду сахо дарёкафе,
Бал, к-аш аз баҳри ато дарё кафе.
Пур шудӣ аз файзи он абри карам
Арсаи гетӣ зи динору дирам (1,200-201).

Ӯ ба калонсолӣ ва аз табақаи поён будани Абсол нигоҳ накарда, ба вай дил бохт. Дар роҳи дӯстдорӣ касе монеаи ӯ нашуд. На насиҳати падар, на панди ҳаким ва на таънаи дарбориён пеши роҳи ишқи ба Абсол доштаи ӯро нагирифтанд, зеро вай дар ин роҳ босуботу бовафо ва пойдору устувор буд.

Саломон аз рӯйи одоб ба панду насиҳати падар, аз қабилии:

Шоҳ бо вай гуфт к-эй ҷони падар,
Шамъи базмафрӯзи айвони падар,
Дидаи иқболи ман равшан ба туст,
Арсаи омоли ман гулшан ба туст.
Солҳо чун ғунча дил хун кардаам,
То гуле чун ту ба даст овардаам.
Ҳамчу гул аз дасти ман доман макаш,
Ханҷари хори ҷафо бар ман макаш (1,213).

гӯш меандозад, вале узру маъзарати хешро дар бобати ба вай итоат накардани дили ранҷур баён месозад:

Борҳо бо хеш андешидаам,
Дар халосӣ з-ин бало печидаам
Лек чун ёдам аз он моҳ омадаст,
Ҷони ман дар нолаву оҳ омадаст.
Дарфитода чашми ман бар рӯйи ӯ
Кардаам рӯй аз ду олам сӯйи ӯ.
В-аз тамошои рухи он дилписанд
На насиҳат монда бар ёдам на панд (1,215).

Матонату ҷасорати Саломон баъди панду насиҳати ҳаким низ дар боби «Ҷавоб гуфтани Саломон ҳакимро» ба мушоҳида мерасад. Саломон ҳарчанд панду насиҳати ҳакимро қабул мекунад, вале дар охир иқрор мешавад, ки «қудрати фоил ба қадри қобил аст». Яъне ихтиёри дӯстдории ӯ берун аз хоҳиши ӯст. Ба он чизе монеа шуда наметавонад:

Ҳарчи гуфтӣ, айни ҳикмат ёфтам,
Дар қабули он ба ҷон биштофтам
Лек бар ройи мунират равшан аст,
К-ихтиёри кор берун аз ман аст (1,218).

Дар аввалҳои достон симои Саломон ҳамчун ҷавони серғайрат ва фаъол намудор гардад ҳам, тадриҷан он суст шудан мегирад. Сабаб дар он аст, ки ӯ дар мубориза бо номусоидиҳо худро танҳо ва оҷиз ҳис мекунад. Маҳз аз ин рӯ, вай дар оташи сӯзон якҷоя бо Абсол сӯхтанро афзалтар медонад. Ин ҳолат аз як тараф, матонату ҷасорат ва аз дигар тараф, беҳаракативу бемадорӣ ва сустии иродаи ишқии ӯро нишон медиҳад.

Аслан, ҳолатҳои номбурда аломати эътирози Саломон нисбат ба ҳаёти танги замони тираву тори феодалист, ки ба озодии шахс дар ҷомеа ҳеҷ гуна имкониятро раво намебинад. «Дар оташ сӯхтани Абсол, вале саломат мондани Саломон ӯро аз роҳи ишқу вафо нагардонд, баръакс, иродаи ишқии вай оҳу фиғони ӯро дар ҷудоӣ аз Абсол зиёд кард. Саломон танҳо ҳамон вақт камубеш таскин ёфт, ки диққаташро аз Абсол ба сурати Зуҳраи осмонӣ ҷалб кард. Дар натиҷаи аз романтикаи ишқӣ ба тасвири ҳиссиёти ҳаётии инсонӣ муроҷиат кардани шоир Саломон аз рӯйи одати ҳаётӣ тадриҷан, ёри худро фаромӯш кардааст» [7,350].

Дар ин ҷо сустиродагии Саломон ба мушоҳида мерасад, ки ба шароити дарбор мувофиқ гардида, баъди аз падар қабул намудани мансаб, аз панду андарз ва насиҳатҳои ӯ берун намебарояд.

Дар достон симои Абсол ҳамчун дояи меҳрубон ба назар мерасад. Вақте ки Саломонро ба Абсол вобаста менамоянд, ӯ 20-сола буд. Шоир дар боби «Тадбир кардани ҳаким дар валодати фарзанд бе мувофиқати занон ва доя гирифтан барои тарбияти вай симои Абсолро чунин тасвир месозад:

Нозукандоме, ки аз сар то ба пой

Ҷузв ҷузваш хуб буду дилрабой.
Буд бар сар фарқи ӯ хатте зи сим,
Хирмане аз мушкро карда дуним.
Гесӯяш буд аз қафо овехта,
З-ӯ ба ҳар мӯ сад бало овехта.
Қоматаш сарве зи боғи эътидол,
Афсари шоҳон ба роҳаш поймол.
Буд равшан ҷабҳааш оинаранг,
Абрӯи зангорияш бар вай чу занг…
Чашми ӯ масте, ки карда нимхоб,
Такя бар гул зери чатри мушкноб…
Дар даҳони ӯ раҳи андеша гум,
Гуфтугӯйи ақли фикратпеша гум.
Аз лаби ӯ ҷуз шакар нагрифта ком,
Худ кадом аст он лабу шаккар кадом (1,191).

Абсол духтарест, ки аз доираи васеи халқи заҳматкаш буда, дар муҳити тангу тори дарбори феодалӣ ба талабҳои аристократӣ ва меъёрҳои аҳлоқ риоя накарда, роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби ишқи озодро пеш гирифтааст. Ӯ дар ҳусну ҷамол беҳамто буда, дили ҳар бинандаро ба худ моил месохт. Вай дояи азиз ва мураббияи меҳрубон буд. Хизмати шабонаву рӯзона, яъне доимӣ, меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти ӯро нисбат ба Саломон бедор кард. Ҷомӣ баробари дидани Саломон ба ӯ меҳр бастани Абсол ва аз тамошои рухаш сер нашудани ӯро чунин ба қалам медиҳад:

Чашми ӯ чун бар Саломон уфтод,
З-он назар чокаш ба домон уфтод…
Дар тамошои рухи он дилфурӯз,
Рафт аз ӯ хоби шабу ороми рӯз.
Рӯз то шаб ҷидди ӯву ҷаҳди ӯ,
Буд дар басту кушоди маҳди ӯ.
Гаҳ танашро шустҷ аз мушку гулоб,
Гаҳ гирифтӣ пайкараш дар маҳди ноб.
Меҳри он маҳ баски дар ҷонаш нишаст,
Чашми меҳр аз ҳар ки ғайр аз ӯ бубаст (1,194).

Абсоли доя барои ҳарчи ба воя расидани Саломон заҳмат мекашад: ҳамчун бонуи ҳалиму мушфиқ ва ғамхор вақти хуфтан ба болои сари тифл шамъ мегузорад, бомдод ӯро ҳамчун луъбат меорояд, ба чашмонаш сурма мекашад, ҷома мепӯшонад, ба сараш кӯлоҳи зарринро каҷ гузошта, дар бараш зулфи сиёҳ меовезад, дар миёни нозукаш камарбанд мебандад ва ҳоказо. Ин ҳолат то синни чаҳордаҳсолагии Саломон идома меёбад.

Аз ин рӯ, меҳру муҳаббати доягӣ пайваста ба меҳру муҳаббати ошиқӣ бадал ёфт.

Амалиётҳои Абсол нишон медиҳанд, ки дар бедор кардани ҳиссиёт ва муносибатҳои ишқӣ ӯ нақши муҳим бозидааст. Зеро вай бе ҳеҷ андешаву мулоҳиза ва дудилагӣ ишқи Саломонро пазируфта, дар ин роҳ устувор ва пойдор будани хешро нишон додааст.

Чусту чолокӣ ва далерии Абсол дар боби «Рафтани Абсол дар пеши Саломон ва таматтӯи (баҳра ёфтани) эшон аз суҳбати якдигар» баръало мушоҳида мегардад. Ӯ барои расидан ба коми дил вақти мувофиқ меҷӯяд ва ин лаҳзаи ҳассосро дармеёбад:

Фурсате меҷуст то бегоҳу гоҳ,
Ёбад андар хилвати он моҳ роҳ.
Коми дил аз лаъли ӯ ҳосил кунад,
Ҷони ширин бо лабаш восил кунад.
То шабе сӯяш ба хилват роҳ ёфт,
Нақди ҷон бар даст пеши ӯ шитофт.
Ҳамчу соя зери пойи ӯ фитод
В-аз тавозӯъ рӯ ба пойи ӯ ниҳод (1,209).

Яке аз амалиёти муҳимми Абсол дар он аст, ки ӯ хилофи ақидаи феодалии «ишқ у муҳаббат, ки ба синфият ва табақаҳои иҷтимоӣ дахл дорад», рафтор намуд. Аз рӯйи ин ақида Саломон, ки аз табақаи болоии ҷамъият буд, мебоист, ба духтари ягон соҳибмансаби дарбор, аз қабилии вазиру ҳаким ва ё шахси дорову давлатманд дил мебохт, на ин ки ба Абсол барин духтари табақаи поён.

Аз ин рӯ, дар аксари бобҳо Абсол ҳамчун бону ва қаҳрамони марказӣ худро фаъол, нотарс ва ғаюр нишон медиҳад. Ҳатто ба саъю кӯшишҳои васлҷӯйии Саломон

нигоҳ накарда, худаш ташаббус нишон медиҳад, барои ташкили мулоқот саҳм мегузорад ва монанди инҳо.

Дигар шуҷоатмандиву далерии Абсол дар он аст, ки даъвати Саломонро дар бобати гурехтан аз дарбор қабул намуд [1,220]. Корнамоии минбаъдаи ӯ он аст, ки бо Саломон дар баҳри пурталотум, аз ҳайбати моҳиҳои дарандаву наҳангҳо наҳаросида, бо заврақ бемамоният ба канори бешае расид [1,223].

Сабаби ҷазираи беодамро ихтиёр намудани ошиқон аз норозигии эшон аз қонуну қоидаҳои замона аст, ки монеаи асосии ишқи озод гардида, барои ба ҳам расидани ошиқон халали ҷиддӣ мерасонд.

Ҳамин тавр, аз амалиётҳои Абсол маълум мегардад, ки ӯ тобеи иродаи ишқ ва ошиқ аст.

Аз ин рӯ, бо Саломон нотарсона ба оташи сӯзон даромад. Ҳарчанд дар ин оташ сӯхт, вале заррае наҳаросид.

Ҷомӣ бо тасвири манзараи сӯхтани Абсол зарбулмасали халқии зайлро истифода менамояд:

Чун ҳаёти мурданӣ дархвар бувад,
Мурдагӣ аз зиндагӣ хваштар бувад (1,232).

Хулоса, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достони «Саломон ва Абсол» фикру ақидаҳои пешқадамона ва инсондӯстонаи хешро бо назми фасеҳи расову олӣ ва сухани бадеъ баён карда, беҳтарин хислатҳои неки инсонӣ, ба монанди некиву накӯкорӣ, мардиву мардонагӣ, оқиливу доноӣ, аҳду вафо, меҳру муҳаббат, раҳму шафқат, сабру тоқат, саховатмандиву олиҳимматӣ, поквичдониву ростқавлиро тараннум намуда, баръакс, хислатҳои бади инсонӣ, амсоли дурӯғгӯйӣ, фиребгарӣ, маккорӣ, қаҷрафторӣ, сангдилӣ, ҳаққимардумхӯрӣ ва риёкориро мазаммат кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. (Силсилат- уз- заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфат - ул - аҳрор: /Достонҳо) /Ба чоп ҳозиркунандагон К.Айнӣ, А.Зуҳуриддинов. -Душанбе: Адиб, 1987.Ҷ.3. - 288 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзинома /Таҳриру такмил ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода ва Х.Шарифов.- Душанбе: Маориф, 1980.- 104 с.
3. Айни К. Великий творец поэмы «Саламан и Абсаль» – Абдурахман Джами / К. Айни // «Саламан и Абсаль».- Душанбе – Цвикау, 1977.- С.12-13
4. Алиасғар Ҳикмат. Ҷомӣ /Алиасғар Ҳикмат. - Теҳрон, 1320 ҳ. ш. - С.111-126
5. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир /Афсаҳзод А. -Душанбе: Ирфон, 1989.- 384 с.
6. Афсаҳзод А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV.(Китоби аввал) /А. Афсаҳзод - Душанбе: Дониш, 1987. - 264 с.
7. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV): Кит. 2. /Х Мирзозода. -Душанбе: Маориф, 1977.- 400 с.

ОБРАЗ ГРЕЧЕСКОГО ПРИНЦА И И ЕГО ПРЕКРАСНОЙ КОРМИЛИЦЫ В ПОЭМЕ «САЛАМАН И АБСАЛ» АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

Абдуррахман Джами занимает видное место в истории персидско - таджикской поэзии. Поэма «Саламан и Абсал» является одним из известнейших любовно-романтических произведений персидско-таджикской классической литературы и впервые написан Абдуррахманом Джами в стихотворной форме. Данная поэма в основном содержит историю любви принца Саламана и его красавицы – кормилицы Абсал.

Ключевые слова: месневи, трактат, поэма, поэзия, исследователь, тема, любовь , влюбленный, источник, основа, красота, мир, царь, мудрец, дорец, дитя, волшебство, огонь, колдовство.

THE IMAGE OF THE GREEK PRINCE AND HIS LOVELY NURSE'S POEM "SALAMAN AND ABSAL" ABDURAHMAN JAMI

Abdurrahman Jami occupies a prominent place in the history of the Persian - Tajik poet. Poem "Salaman and Absal" is one of the most famous love-romantic works of the Persian-Tajik classical literature and for the first time written Abdurrahman Jami in verse form. This poem generally includes a love story of Prince Salamena and its beauties - nurse Absal.

Key words: mesnevi, treatise, poem, poetry, researcher, theme, love , lover, source, basis, beauty, peace, the king, the wise man, child, magic, fire, witchcraft.

Сведения об авторе: ***С. Махкамов*** –доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. Телефон: **(+992) 918-52-69-73**

ИРАНСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ГАЗЕЛЯХ АБУ НУВАСА

Нигора Акилова
Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова

Исследуя лирическую часть произведений Абу Нуваса, в первую очередь, естественно сталкиваешься с «новаторством» поэта, т.е. новаторской системой его сравнения с джахилийской поэзией. Общая схему новаторства поэта и его группы

нами уже рассмотрены в третьем параграфе первой главы, из чего следует, что лирика также была подвергнута нововведениям в стиле и мотивах. Следуя критике тогдашней поэзии, поэты разделялись на две группы, в которые входили Джахиз, ан-Набиги, ал-Асмаи, Джурджани, ибн Кутайба и др., которые кроме поэтической деятельности и писательства, создавали труды по анализу и исследованию творчества поэтов старого и нового движения. Первая группа следовала канонам и стилю бедуинских поэтов, среди которых из поздних поэтов можно причислить Манучехри, Ломаъи, Моъаззи, которые остались верными арабо-бедуинской поэзии. Вторая группа, отвергая отсталые и древние нормы, стала придерживаться нового стиля и мировоззрения поэтических норм, царивших в VIII-IX вв. Литературные критики причисляют Абу Нуваса именно этому течению, последователями которого, кроме Абу Нуваса, были также Башшар ибн Бурд, ал-Ахталь, ал-Мукаффа и другие. [1,287-332] В основном последователями этого движения были персы, что по словам арабского литературоведа Ш. Зайфа «последние использовали персидские слова, традиции и обычаи. В последствии чего привело укреплению арабских и персидских элементов в аббасидской литературе». [2,2;3,40-42] Именно отсюда вынесен вывод индийского ученого о том, что сторонники нового движения, большинство которых были персидского происхождения, были вынуждены обрести новый путь в силу историко-культурных и национальных причин [4,103]. Смело можем утверждать, что он был прав в том, что соблюдение поэтами персидского происхождения арабских канонов, если даже они преуспели в них (например, в воспевании панегириков) указывало на каноничное влияние арабского Халифата.

Именно в этот период иранская любовная лирика сыграла важную роль в преобразовании арабской лирики, т.е. в арабскую лирику внедрилось много новых элементов, которые использовались в персидской лирической поэзии. Преобразовались и обновились роли, действия и мотивы лирических героев. По словам профессора М. Давудпотэ выясняется, что в основном любовные (откровенные) темы не являются творением арабов, первейшие примеры любовных тем и мотивов связаны с доисламской иранской поэзией. Тематики арабских газелей сочетались с иранскими любовными поэтическими традициями и даже в некоторых деталях сменили арабские лирические мотивы, впоследствии чего преобразовалась сама арабская лирика [4,159].

По нашему мнению, именно здесь уместно привести высказывания замечательного русского востоковеда К.А. Иностранцева, который показал дальнейшее развитие эпических поэм персидской литературы в двух направлениях: а) влияние официальных хроник сасанидского времени на развитие мусульманской историографии; б) перерождение эпоса в героические романы и сказки. Рассмотрим основную точку зрения упомянутого ученого, который утверждал, что историческое предание и эпос связаны с романтической поэзией, которая восходит в мусульманской литературе в значительной степени к персидским традициям. В эпоху расцвета подобного рода поэзии в арабской литературе в ней существовало сильное персидское влияние, и некоторые ее представители имели несомненную склонность к персидским литературным мотивам [5,13]. Примером тому является исследуемая тема творчества Абу Нуваса, состоящая из подобной романтической поэзии, действительно исходным пунктом которой являются персидские традиции. В свою очередь, также ученый отмечает персидское влияние и склонность к персидским литературным мотивам в творчестве подобных поэтов.

«Извращённая поэзия» *«ал-газал ал-маджин»* или *«ал-газал ал-макшуф»*, которая выше упоминалась и была присуще одной части классической арабской литературы, также достаточно наблюдается в лирике Абу Нуваса наряду с непристойными словами и сценками. Также можно наблюдать в творчестве поэта иной стиль, который полностью противоречит арабской традиционной лирике, где восхваляется красота и достоинства мужчины - *«ал-газалби-л-музаккар»*, и по утверждению Зохидова Н. эти два факта относятся к доисламским иранским литературным и культурным элементам. [6,93] То же утверждает и индийский профессор М. Давудпотэ, который раскрыв истинный облик арабской и персидской поэзии, их взаимоотношения и влияния друг на друга, приводит, что наряду с маснави и рубаи, этого рода лирики перешла в арабскую поэзию из персидской. [4,151] И если романтическая любовная лирика с новыми откровенными темами плод иранской поэзии, то безусловно можем соотнести «извращенность» этой поэзии именно творчеству этого народа.

Также не только в самой любовной лирике, но и в винной лирике поэта существует описание мужской красоты, которая, как отмечается в истории арабской литературы, впервые была выражена Валибом ибн Хубабом, (учеником поэта-иранца

Башшара ибн Бурда) и наставником Абу Нуваса [4,22]. Также этот жанр считается нетипичным для арабской жанровой формы, примером которому может послужить нижеследующий бейт:

Сосед обрек меня напасти, не соседка,
Луне подобна красота его,
Ведь провожу я ночи в муках до утра,
Страдая и ворочаясь от боли (от любви),
Будто укушен я змеей ядовитой *[7,359].*

Другие исследователи считают, что арабская любовная лирика родилась в Южной Аравии, испытавшей в большей мере, чем Хиджаз, влияние иноземных культур, в первую очередь культуры Ирана, которая туда проникла вместе с персидскими завоевателями еще в VI веке [3,203]. Говоря словами И.М. Фильштинского - таким образом, прошло немногим более половины столетия с момента обращения мединцев и мекканцев в ислам, как на их родине зазвучала поэзия, глубоко чуждая нравственным требованиям нового учения. Излюбленный жанр городских и бедуинских поэтов Аравии VII – начала VIII века – любовная песнь – впоследствии превратился в один из самых популярных жанров арабской средневековой поэзии [3,203]. Действительно неопровержимым доказательством этого служит творчество арабоязычных поэтов и представителей персидско-таджикской литературы, которые считаются выдающимися мастерами - создателями лирики и по сей день.

Также в лирике Абу Нуваса отмечена арабская поэтическая традиция. Примером тому можем привести распространенный мотив «расставания» возлюбленных и воспевание поэтом их отдаленности друг от друга, также тоска об образах Лейли и Хинда. При анализе можно встретить схожий мотив в поэзии Абу Нуваса с мотивом и образами джахилийской поэзии, которую поэт соблюдал в силу сложившейся в то время ситуации, но с легкой насмешкой над ними:

Покинул я обиталище свое, барханы и пепелища,
Не буду горевать ни о Лейле, ни о Суъде, ни о Сальме,
Ибо все это ради того, что закалило мое мужество
любви наука [7,376].

Однако по описанию Б.Я. Шидфар, обычно с изображением и воспеванием своей возлюбленной и любви к ней, которую естественно вспоминает после встречи с остатками кочевья, «джахилийский поэт переходил к описанию пустыни, животных и природы и это происходит оттого», утверждает исследователь, «что древняя арабская поэзия строится на ассоциациях. Природа в творении бедуинов предстает как нечто живое и единое, поэты разбираются в ней лучше, чем в движениях собственной души, недаром так часто встречаются сравнения с животными» в древнеарабской поэзии [8,3-7]. В отношении поэтов нового времени такого мы не можем сказать, потому что были газели, которые от начала до конца посвящены подробному описанию дивной красоты возлюбленной, чувству любви, горечи разлуки с ней, т.е. в движениях души. Необходимо заметить, что поэт в данном стиле использует не воспоминания, а обращение.

К примеру, целая поэзия посвящена плачу и просьбам о прощении, точнее Абу Нувас, заочно обращаясь к возлюбленной, просит (и даже умоляет) о любви и встрече с ней, и используя свое мастерство, украшает лирику весьма красноречиво, но в итоге все так же безответно, как и в поэзии поэтов-бедуинов:

Я всецело в ее руках вечера проводил,
И проливал слезы о ней, что любовь свою (открыл),
Даже если она свершила грех непростительный.
Если ж буду я грешен пред ней, буду молить ее о прощении,
Наказание мое-это пролитая кровь, если ж она согрешит,
Мой грех пред ее грехом все так же непростителен [7,341].

Сравнительная техника у поэта играет ценную роль в данном жанре. Самые разные роли и мотивы находит Абу Нувас для описания каждого образа, предмета и тонкостей природы. Иногда кажется, что запас слов у Абу Нуваса нескончаем. К примеру еще В. Альвардт заметил у Абу Нуваса большое разнообразие в описании объектов и поэтическую фантазию с острой наблюдательностью [3,323]. К этому можно добавить похвалу выдающегося прозаика и филолога ал-Джахиза, который в первую очередь, восхищаясь стилистическими достоинствами поэзии Абу Нуваса, сказал: «Я не видел человека, который лучше знал бы язык, чем Абу Нувас, имел бы более красивый слог и лучше избегал бы неблагозвучия языка» [9,476].

Образ «*карима*» также встречается в газели поэта, которая встречается в образе вина и девушки. При чтении стихов можно осознать, что Абу Нувас выражает

чувства к возлюбленной, подразумевая под образом возлюбленной вино. Тема определенно лирическая, так как поэт говорит о разлуке, тяжелой жизни без вина, и как он более не может сдерживать себя на пути их соединения. Как выражается поэт «потому что уважаемые влюбляются в уважаемую «кирам ила карима»».

Еще один мотив, заслуживающий внимания тот, что Абу Нувас называет себя «ибн-ул-хамр» сыном вина, утверждающего, что не откажется от питья до самой смерти. В жанре газель видна привязанность Абу Нуваса к вину, где он соединяет вино с любовной лирикой, расположив его на место возлюбленной - главного персонажа любовных песней.

Я потомок вина, за что же скрыто от меня
Даже на смертном одре не смогу оторваться (от него),
Мне будут возливать его младые (виночерпии),
Ибо капризы вина (карим) благосклонны лишь для благородных людей [7,374]

Часто Абу Нувас начинает стихи обращением к возлюбленной, где в начале признается в любви, весьма искусно открывает свою любовь, и далее медленно переходит к мотивам страдания и мучений от любви, затем просит возлюбленную смягчиться, полюбить и простить его, однако в заключении приходит в ярость от равнодушной возлюбленной, которая истерзала его душу. В некоторых газелях бедуинская тема вообще не просматривается в поэзии поэта, т.е. поэт сочиняя газель, не вводит в нее ни остатков кочевья, ни воспоминаний о любимой, не добавляет описаний сухой и песчаной природы пустыни и не сравнивает с образами животных, однако, как и прежде героиня остается «недоступной». Здесь естественно видны некоторые «отклонения» и «отступления» арабоязычных поэтов, но большие изменения в стиле и мотиве иранского наследия (культуры) встретятся уже в его последующем поэтическом творчестве.

Поэт уподобляет белоснежное лицо любовной героини луне, или по его описанию ее лицо, светящее и улыбающееся таково, что чуть не погубило поэта, а она «насмехается над ним» [5,368].

Бан, имя которым он ее назвал, вопреки всему не радует влюбленного, а огорчает (шурнамуданва ширин накардан). Также данное сравнение в арабоязычной поэзии является характерным объектом сравнения для стана возлюбленной, которую Абу Нувас сравнивает со стволом дерева, именем которого он назвал ее:

Особенно, когда виной обносит одетая в (иранское) платье (красавица), или виночерпий со стройным станом, как ствол бана [6,103].

Множество раз уподобляет Абу Нувас красоту лица героини с солнцем и светящимися элементами, и в последующей лирике поэт красоту возлюбленной, покорившей его сердце, сравнил с лунным светом, из которого течет слеза.

Обликом - луна, лицо - солнцу подобно,
Газель украла красоту глаз и шею у нее,
У прекрасного жилища газель,
На чьем прекрасном облике капли воды.
Подобно каплям воды кувшина, который возжелает охмелевший
Испить ради успокоения, и душу отдаст за него [7,347].

Исходя из этого, можно сделать вывод, что поэты нового времени внедряют персидскую культурную традицию в описание красоты героини любовных песен арабской поэзии. В творчестве арабоязычных поэтов, таких как Абу Нувас, которые в основном, являлись воспитанниками другого народа (а именно Персии), преобладают новые сравнения и образы описания телесной красоты возлюбленной, соответствующие литературным стилям и вкусам этого народа. Также необходимо заметить, что такие сравнения не были привычны и допустимы в древнеарабской поэтической традиции.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ханна аль-Фахури. История арабской литературы/Пер. с араб. В.В. Атамали. Изд. иностранной литературы. -М. 1959.- Ч. 1..
2. Шавки Зайф. Ал-адабул-аббасийул-аввал / Шавки Зайф.- Каир, 1991.
3. Фильштинский И.М. История арабской литературы. (V начало X века) Наука /И.М. Фильштинский. -М. 1978
4. شعر عربی بر تکامل شعر فارسی . ترجمه دکتر سیروس شمیسا. تهران۱۳۸۲.
5. Иностранцев К.А. Персидская литературная традиция / К.А. Иностранцев.- СПб. 1909.
6. Зохидов Н.Ш. Арабоязычный период персидско-таджикской литературы VIII-IX вв / Н.Ш Зохидов. -Душанбе, 1993.
7. Диван Аби Нувас. Лубнон. 1984.
8. Арабская любовная лирика. Стихи перевод с арабского, вступительная статья, подстрочный перевод, справки об авторах примечания, Б.Я. Шидфар. - М., 1974
9. Хатиб Багдад. Тарихмадинатас-салам/ Хатиб Багдад. -Бейрут-Лубнан. 2001. С.476.

ИРАНСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ГАЗЕЛЯХ АБУ НУВАСА

Данная статья посвящена внедрению иранских элементов в любовную поэзию Абу Нуваса, которая раскрывает использованные и введенные персидскими поэтами иранские элементы в арабской поэзии на примере произведения Абу Нуваса. Данная статья описывает роль любовной поэзии в арабской и персидской литературе, а также соединение и смешение данной поэзии этих двух культур, которая привела к развитию и лириказации арабской газели (то есть арабская лирика обрела более лиричный облик) Как поэт-новатор и арабоязычный поэт персидского происхождения Абу Нувас сыграл неоценимую роль в модернизации тем, мотивов, героев, сравнений, а также форм любовной поэзии арабской литературы.

Ключевые слова: арабская и персидская литература, арабская лирика, иранские элементы, любовная поэзия Абу Нуваса, арабская газель.

IRANIAN ELEMENTS IN THE GAZELLES ABU NUWAS

This article focuses on the introduction of Iranian elements in the love poetry of Abu Nuwas, which opens used and entered the Persian poets of Iranian elements in the example of Arabic poetry works of Abu Nuwas. In this article the role of embodied love poetry in Arabic and Persian literature, as well as connection and mixing of the poetry of these two cultures, which led to the development and lyrics of Arabian gazelles. (i.e. Arabic poetry acquired a more lyrical appearance) As a poet-innovator of Arabic-language poetry the Persian origin poet Abu Nuwas has played an invaluable role in modernizing the themes, motifs, characters, as well as comparisons of forms of love poetry in Arabic literature.

Key words: Arabic and Persian literature, Arabic lyrics, Iranian elements, love poetry Abu Nuwas, Arabian Gazelle.

Сведения об авторе: ***Акилова Нигора*** **-** преподаватель кафедры арабской филологии факультета восточных языков Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова

РАССКАЗЫ ЛЬВА ТОЛСТОГО В ГАЗЕТЕ «БЛАГОРОДНАЯ БУХАРА»

Гуландом Рустамова
Институт энергетики Таджикистана

История переводов произведений Льва Толстого на таджикский язык, вопросы творческого освоения его эстетического опыта, таджикскими мастерами прозы не однажды становились объектами исследования в статях М Шакурова, Р. Хошима, А. Маниязова, В. Самада, Х. Шодикулова и других исследователей [5,19]. В 80-е годы Х1Х века произведения Толстого переводились на языки народов Кавказа и Средней Азии. Первым знакомством с Л.Толстым на родном языке обязаны и печати, которые печатались на таджикском языке. Но, прежде чем кратко рассказать о проработке, а впоследствии и переводах толстовских произведений на таджикский язык, хотелось бы назвать другие источники, ставшие предпосылкой обращения национальных просветителей, писателей к Толстому. Еще раньше произведения Л.Толстого узнали в русско-туземных школах, где наряду с русскими обучались таджики и узбеки, другие народы Туркестана. «Книги для чтения» С. Граменицкого, куда вошли такие рассказы и публицистические очерки Л.Толстого, как «Много ли человеку земли нужно?», «Хозяин и работник», «Как бухарцы научились разводить шелк?», «Легенда китайской царицы Силинчи», «Петр и мужик», «Лев и мышь», «Старый дед и внучек» в период 1885 – 1909 годов, неоднократно были изданы в Петербурге и Ташкенте. Вали Самад исследуя произведения Толстого, в книге «Шахнаме» - Фирдоуси и Чернышевский, точнее в беседе Сотим Улугзода указывает, что «произведения Л. Толстого переводились в 30-годы нашего века». Другой исследователь писал, что переводы произведения Толстого на таджикский язык начались еще при жизни писателя[4,351].

В начале века в переводе на различные восточные языки - тюркский, персидский, арабский, азербайджанский, узбекский и таджикский наибольшей популярностью пользовались, таким образом, те рассказы, в основу которых положены восточные сюжеты: «Как бухарцы научились разводить шелковичных червей», «Осёл и лошадь», «Делёж наследства», «Китайская царица Силинчи», «Ровное наследство», «Шелковичный червь», «Много ли человеку земли нужно?» [5,26]. Литературовед М. Шакуров пишет, что ещё при жизни Восток восхищал Толстого. Надо отметить, что самые ранние источники об изучении перевода рассказов Толстого на таджикском языке являются статьи Рахима Хошима. Вали Самад вспоминает Рахима Хошима как первого толстоведа и наилучшего переводчика произведений Толстого. Выше было указано, что таджикский народ знакомится с именем и творениями Толстого с 80-х годов XIX века. Как пишет В. Самад, самаркандским и бухарским просветителям были известны не только переводы, выполненные для учебника «Муаллим-ус-сони» - учебника для второго этапа чтения (1903) Али Асгаром ибн Байрамом, а также персидские издания. Им были доступны

издания в оригинале как через упомянутые учебники С. Граменицкого, так и через газету «Туркестанские ведомости» (1899 -1900) [6,30].

Первые десятилетия XX века явились для Бухарского эмирата переломными. Появились издания на тюрко – татарском языке, а также на фарси, которые издавались в России, на Кавказе, в Стамбуле, Индии, Египте, и пользовались популярностью в Бухаре. В этот период начали появляться различные культурно – просветительские учреждения, библиотеки, школы, печатные издания. С. Айни в своей книге «История Бухарской революции» писал: «Прогрессивная молодежь Бухары давно заинтересована в издании газеты, но эта задача была не выполнима, так как правительство Бухары не давало возможности для появления такого рода деятельности». В действительности печатное дело в Бухарском эмирате было осложнено рядом причин, одной из которых было нежелание эмира Бухары просвещать народные массы. Тем не менее, по инициативе и поддержке младобухарцев Мирзо Мухиддина и Мирзо Сироджа Хакима, которые по праву считаются основателями печати на таджикском языке, в Бухаре в воскресенье 11 марта 1912 года появилась первая таджикская газета. [2,28]. В 1912 году в Кагане (принадлежавшая России станция железной дороги в нескольких километрах от Старой Бухары) начала выходить газета на таджикском языке — «Благородная Бухара» («Бухорои шариф»), Эта газета выпускалась в Кагане в типографии Л. Н. Левина на таджикском языке (арабской графикой), большим форматом на четырех страницах. С 11 марта 1912 года по 2 января 1913 года было выпущено 153 номера газеты «Бухорои Шариф». Цель издания была сформирована в редакционной статье первого номера газеты следующим образом: «Наша газета будучи научным, литературным, направлением, предметным, экономическим изданием, станет стремиться к распространению цивилизации и идеи единства». Основная тематика материалов была посвящена созданию новометодных школ, реформы преподавания в медресе, новым методам обучения коммерческой деятельности. С 20 апреля 1912 года обязанности редактора полностью были возложены на М. Дж. Юсуфзода. Он был приглашен в качестве редактора из Азербайджана. [2,33].

Кроме учебников, которые были изданы для школьников, также рассказы Толстого опубликовались и в газете. Ряд рассказов увидел свет на узбекском языке в «Туркистон вилоятининг газети», и, наконец, выходящая на таджикском языке газета «Бухорои шариф» («Благородная Бухара»), которая вторую годовщину смерти писателя отметила публикацией десяти рассказов и впервые - повести «Кавказского пленника». В течение мая-июля 1912 г. из номера в номер были помещены «Ильяс», «Бог правду видит, да не скоро скажет», «Много ли человеку земли нужно?», «Легенда о китайской царевне Силинчи», «Где любовь, там и Бог», «Кавказский пленник» и другие произведения малых жанров [5,31].

Через некоторое время, 14 июля 1912 года стала выходить газета «Туран» («Турон») на узбекском языке. Газеты выпускались примерно три раза в неделю и носили в основном пантюркистский характер [2,58]. Как отмечают исследователи творчества писателя, в 1881 году Толстой обратился с открытым письмом ко всем издателям, в котором дал разрешение на переводы и перепечатывание его всех произведений без дополнительного его разрешения. В газете «Благородная Бухара» («Бухорои Шариф»), выходившей на узбекском и таджикском языках, на таджикский язык были напечатаны рассказы из сочинений Толстого, под инициалами «Р.И.». М. Шакури вспоминает о том, что во время беседы с Садриддином Айни спрашивал об этом загадочном «Р.И.». Айни в ответе с сомнением вспоминает о Ризохон, который тогда работал в газете «Бухорои Шариф». Ризохон был бухарцем и хорошо знал русский и французский языки. Так и о Рашиде Исмоилове упоминается в газете «Маориф ва маданият» [1978, 9 сентября]. Личность «Р.И.» никем ясно не определилось. Кроме этого в газете были напечатаны сочинения Толстого: «Ильяс» (№№52-53), «Богу или Мамоне»(№№60-63), «Бог правду видит, да не скоро скажет» (№№75-77), «Любите, друг друга» (№№78-82), «Как научились бухарцы разводить шелковичных червей»(№83). Далее в газете были напечатаны рассказы «Работник Емельян и пустой барабан» (№№90-94) и «Кавказский пленник» (№№95-100). Если в первые хрестоматии на узбекском, казахском и таджикском языках включались рассказы, сказки, басни Толстого из «Азбуки» и «Русских книг для чтения», имевшие познавательный и назидательно-дидактический характер, то в газете «Благородная Бухара» печатались сочинения Толстого для взрослых из числа так называемых «народных» рассказов. Как отмечает Муллоев Ш.Б. газета «Благородная Бухара» выполняла просветительскую функцию и знакомила своих читателей с важнейшими событиями мира, различными историческими, географическими, литературными и другими проблемами [2,26]. В данной газете публиковались произведения и рассказы писателей других народов, особенно образцы русской

литературы. Примечателен тот факт, что в с 60-го по 101-ом номере – было напечатано 12 больших и малых произведений Л. Н. Толстого под рубрикой «Произведения графа Толстого». В том числе «Кавказский пленник», «Бог правду видит, да не сразу все скажет», «Ильяс», «Богу или Мамоне», «Любите друг друга», «Китайская царевна Силинчи», «Два купца» и др.

Таджикская литература начала XX века, воспринимая лучшие духовные традиции мировой литературы, в том числе и русской, в то же время осваивала демократические тенденции других сравнительно развитых восточных литератур. Произведения русских писателей, пропагандирующие передовые прогрессивные идеи, оказали большое влияние на умы и настроение передовых читателей и пользовались большой популярностью среди народа. Отдельные произведения русских писателей читали даже демократически настроенные студенты медресе. Газета «Бухорои Шариф» сумела за короткий срок обрести своих читателей и заслужила их внимание.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Брагинский И. Садриддин Айни. // Брагинский И. М., 1978.
2. Муллоев Ш.Б. История таджикской журналистики: учебно-методическое пособие для студентов отделения журналистики. // Муллоев Ш.Б. Душанбе, 2009. - 67с.
3.Самад В. Тақдири як хикояи Лев Толстой. // В кн.: Тӯшаи ҳамдилӣ. Душанбе: Адиб. 1989.
4. Самад В. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернышевский/ В.Самад // Душанбе, Адиб, 2005.
5.Самадова З.С. Назидания Саади в «Русских книгах для чтения» Льва Толстого. // З.С. Самадова.- Душанбе, 1999.
6.Хошим Р. Назаре ба саргаҳи тамаддуни нави тоҷикӣ. В его сб.: Солҳо дар саҳифаҳо. // Р. Хошим.- Душанбе, Адиб, 1988.

РАССКАЗЫ ЛЬВА ТОЛСТОГО В ГАЗЕТЕ «БЛАГОРОДНАЯ БУХАРА»

Статья посвящена рассказам Льва Толстого, которые печатались в газете «Благородная Бухара». Газета выполняла просветительскую функцию и играла большую роль в деле распространения рассказов Льва Толстого. Произведения русских писателей, пропагандирующие передовые прогрессивные идеи, оказали большое влияние на передовых читателей Средней Азии и любителей русской литературы.

Ключевые слова: литература, газета, перевод, распространение, рассказ, метод, издание, восточные сюжеты, проблема, культура.

THE STORIES LEV TOLSTOY IN THE NEWSPAPER "NOBLE BUKHARA"

Clause is devoted to the stories Lev Tolstoy, which were printed in the newspaper " Noble Bukhara ". The newspaper carried out educational function and played the large role for distribution of the stories Lev Tolstoy. Products of the Russian writers the propagandizing advanced progressive ideas, have rendered the large influence on the advanced readers of Central Asia and fans(amateurs) of the Russian literature.

Key words: literature, the newspaper, translation, distribution, the story, a method, the edition, east plots, a problem, culture.

Сведения об авторе: Рустамова Г.Р.- кандидат филологических наук, заведующий кафедрой гуманитарных дисциплин Института энергетики Таджикистана. Телефон: **907913677, 378800357.**

«ҲАЙРАТНОМА»-И АБУЛҲАСАНХОНИ ЭЛЧӢ

Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мирзо Абдулҳусайнхони Шерозӣ, маъруф ба Элчӣ писари Мирзо Муҳаммадалӣ аз аҳли тобеи Исфаҳон ва хоҳарзодаи Ҳоҷи Иброҳимхон Эътимодудавлаи Шерозӣ, Садри Азам, Оқо Муҳаммадхони Қоҷор ва Фатҳалишоҳ аст ва падараш дар аҳди Каримхони занд ба сарриштадории сипоҳ маъмур буд. Мирзо Абдулҳасанхон ин фарзанди ба ном Эрон [1,15] ба воситаи вобастагӣ ба Эътимодудавла дар замони садорати ӯ мудате ҳокими Шуштар буд ва баъд аз гирифторӣ ва кушта шудани Садри Азам ва бастагонаш ба Ҳиндустон рафт ва дар Ҳайдаробод таваққуф кард ва сипас, ба Эрон бозгашт ва дар Шероз ба мансаби ясавулии Ҳусейн Алӣ Мирзо фармонфармо таъйин шуд, вале ба иллати обрӯманд набудани он шуғл аз он канорагирӣ ва ба василаи Аминудавла тараққӣ кард ва сурате ҷамъ намуд [2,35-36].

Ӯ дар соли 1224к/1809 ба Лондон рафт ва наздик ба якуним сол дар он шаҳр зист ва сипас, ба Эрон бозгашт. Дидаҳо ва омӯхтаҳои хешро, ки саросар бо ҳайрат ҳамроҳ буд дар сафарномааш ба номи «Ҳайратнома» ба нигориш даровард.

Вай дар бисту панҷуми ҷимоди-ул-сонӣ соли 1229к/1814 барои тағйироте дар аҳдномаи «Гулистон» ва таҷдиди назар дар маводи он ва сипас, ба имзо расонидани маоҳидаи мазбур бо ҳидояи бисёр ба унвони маъмури фавқулодда ба дарбори Русия

рафт. Гузориши он сафар аз сӯйи марде ба ном Муҳаммадҳодӣ Алавии Шерозӣ навишта шудааст, ки рӯйдодҳои гуногуни таърихӣ дар чорчӯбаи пайванди Эрон бо рус ва англисро дар бар дорад [3,280] Вай соли 1233к/1808 дубора бо самти сафорат маъмури Лондон шуд ва ба ин мансаб то охир вафодор буд ва дар соли 1240к/1825 дар ҷойгоҳи нахустин вазири умури хориҷаи Эрон таъйин шуд. Ба гуфтаи яке аз дипломатҳои англисӣ «то охирин рӯзи зиндагии худ дӯсти хубе барои давлати фахима англис» боқӣ монд [4,140].

Ӯ дониш ва коршиносии навин ва навгароиро дар ҳадди худ ба тасвир кашидааст. Ҳангоми иқомат дар Лондон аз бунёдҳои фаровони илмӣ, саноатӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии англис дидан кард ва бисёре аз шеваҳои марсум дар он кишварро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ятимхонаҳо, мадорис, корхонаҳо ва дигар абнияҳо аз нуктаҳое мебошанд, ки ин эронии шефтаи зуҳурро ба худ ҷалб кардааст.

Саросари «Ҳайратнома» пур аз шарҳи меҳмониҳо, гашту гузор, тафреҷ, дидор аз мазореъ, боғҳову манзил мебошад. Достонҳо, зеваргароиҳо, шабнишиниҳо, хушгузарониҳо, занборгиҳо ва ишқ бозиҳои вай сафҳаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ба гунае ки гӯйи Абулҳасанхон Элчӣ фақат барои васфи занон ва духтарон ва кайфияти рақсу дилбарии онон ба ин сафар маъмур будааст [5].

Албатта, ногуфта намонад, ки ин мусофири фаранг нисбат ба баъзе аз муфосиди ахлоқӣ он ҷо изҳори норизоиятӣ мекунад: «Чун ба гармоба даромадем, пушаймон шудем. Наузубиллоҳ, аҳли он ҷо, ки ба сурати одамӣ ва аз ашрофи шаҳри мазкур маҳсуб мешуданд, ҳамчун даду ҳайвон бармало бо бачагон оромона лот мекарданд. Пас, маълум шуд, ки хосу оми ин шаҳр ба ин кори шанеъ машғуланд ва ба ҳеҷ ваҷҳ парвое надоранд, мутаҳайир шуда аз ҳаммом берун омада, ба тафриҷи шаҳр тӯф намудем» [5,65]. Навъи нигоҳи Элчӣ тамаддуни ҷадиди ғарбиро метавонад сарогози шаклгирии гуфтмони тараққӣ ба ривояти равшанфикрони Эронӣ донист. Ин тараққӣ беш аз як қарн дар Эрон ғолиб буд.

Ҳамон гуна ки аз номи «Ҳайратнома»-и Абдулҳусайнхони Элчӣ тадоӣ мешавад, дидаҳо ва шунидаҳои нависанда саросар аҷибу ғариб будааст, аз ин рӯ номи «Ҳайратнома» бар он мениҳад. Мо дар ин ҷо фақат ба намунаҳое аз ин ҳайратҳо ишора мекунем:

1. Дидани тасовир, манозир, иморатҳо ва саноеъ ба гуфти худаш, ҳӯш аз сари ӯ рабудааст «...аз мушоҳидаи он иморати бадеъ, ки наққошони аржангнажод дару девори онро ба таркиботи хубу тасвироти марғуб ва рангҳои алвон тарсеъ намуда буданд, ҳӯш аз сарам парвоз намуд ва дар назди рафъати он иморат, тоӣ касри пасте намуд… Агар хоҳем шаммае аз авсофи саноеи он калисоро ба қалам ва забони таҳрир намоем, ҳаройина лаб ба аҷз кушоем» [5,291].

2. Меҳмониҳо ва чигунагии баргузории он ва одобу русуми ҳоким бар фарҳанги умумӣ аз мавориде мебошад, ки вайро маҷнун кардааст. Ӯ дар яке аз ин меҳмониҳо саҳнаҳое мушоҳида мекунад, ки аз он ҳайраташ афзунтар мегардад [5,311].

3. Ишқбозӣ миёни афроде, ки ӯ аз он ба «ишқи ҳақиқӣ» таъбир мекунад, аз дигар мақулаҳоест, ки ӯро ҳайратзада мекунад ва… [5,298].

Элчӣ дар зимни гузориши дидаҳо ва омӯзаҳои худ хонандагонро ба пайравии роҳе фаро мехонад, ки фарангиён мубтакир ва талоядории он ҳастанд. Ӯ дар зиёфате ҳузур меёбад, ки наздик ба нуҳсаду бист нафар аз вазирон, амирон ва шоҳзодагон ҳамроҳ бо занҳояшон гирд омада буданд. Дар он маҷлис, ки садои нӯшонӯши аҳли маҳфил бар афлок мерасид ва ҳаракати худро ба вазъи хуше пероя карда буд, мегӯяд: «Турфа шаҳрест, ки шоҳзодагони азимушаън ва вузарову умаро ва бузургон ба ин меҳрубонӣ нисбат ба ҳам бо занони офтобталъатон эшон ба ин кӯчакдилӣ ва бесохтагӣ дасти ҳамро гирифта дар самоъ равад ва суруд комронӣ кунанд ва ғами рӯзгор аз дили бедилон зудоянд. Кош, ин шеваи аён ва ашрофи ингриз [англис] дар мамлакати мо низ мутадовил мегашт» [5,231].

Дар ҷойи дигар поро фаротар гузошта ва афти занони англисро, то ҷое меситояд, ки орзу мекунад, то занони эронӣ низ аз ин раҳтӯшаҳо баҳра мебурданд. Элчӣ, ҳангоме ки дар бораи худ ва наҳваи муошироташ бо занони англис мешунавад, барошуфта шуда, ва мегӯяд: «Ҳақ таъолии шаъна», алим ва хабир аст, ки мукаррар ман орзу аз Худо кардам, ки кош нисоҳои Эронро ба афту исмати занони ангриз баҳравар гарданд, чунончи озоду мухторанд ва касеро бар эшон тасаллуте нест» ва «кош занони Эрон аз ин занон таълим мегирифтанд ва муҳаббати шавҳаронро бар худ лозим мешумориданд ва қадри шавҳарони худро ба ин миқдор медонистанд». Ё «орзу кардам, ки кош, аҳли Эрон низ инсоф аз мардуми англис касб менамуданд то эшон низ рӯзгор ба хушдилӣ ва фароғат мегузарониданд [5,194,315,232].» Элчӣ дар васфи яке аз меҳмониҳо, ки занон ва мардон аз аъёну ашроф, бидуни ҳеҷ маҳдудияте

бар сари як миз нишастаанд, таачуб мекунад ба гуфтае, ки ин вазъият ҳайрати ӯро бармеангезад ва дар посух ба саволи Мисс Персл, ки мепурсад: «чунон мефаҳмам, ки аз намудани мард ва зан ба ҷамъият туро ҳайрат даст дода, худ инсоф деҳ шеваи мо беҳтар аст ё шеваи шумо, ки занонро мастур доред?» Мегӯяд: «Тариқаи шумо беҳтар аст, аз раҳгузари ин ки зани мастура чашм баставу ҳамчу марзе аст, ки дар қафас ҳабс шавад ва чун раҳойӣ ёбад, қуввати парвоз ба тарафи гулшан надорад» [5,162].

Элчӣ бархе равишҳои дониш ва коршиносиро ба тасвир мекашад, вале дар партави бозтоби устураи тараққӣ иллати пешрафту таҳаввул дар кишварҳои ғарбии аз чашмдур монда ва фақат ҷилваҳои зоҳирии тараққӣ ӯро ба ҳайрат дароварда аст. Ба ибораи дигар, вай фақат ҳикоятгари абнияҳо, санъат буда, чигунагии даст ёфтан ва мутараққӣ шуданро ироа намедиҳад. Аз ҳама муҳимтар, ин ки ӯ меросеро дар навиштаи худ ба ҷой мегузорад, ки ба яке аз риштаҳои мушкилотшудаи бистум табдили Эрон шуд…

Абулҳасанхон дар ин фазо роҳе ҷуз «иқтибос аз кори аҳли англис» намебинад: «Ақл маоши аҳли он сарзамин ба сарҳади камол аст ва тамомӣ надорад. Ба эътиқоди хотир ва муҳаррири ин дафтар он, ки агар аҳли Эронро фароғат ҳосил шуд, иқтибос аз кори аҳли англис намоёнд, ҷамъи умури рӯзгори эшон бар вафқи савоб гардад» [5,221]. Ин супориш дар ояндаи бисёр наздик ба василаи Мирзо Малкумхон ва баъд аз ӯ ба василаи Саид Ҳасан Таққизода ба сурати хеле ҷиддӣ дар Эрон пайгирӣ шуд. Таққизода дар яке аз навиштаҳояш нусхае аз гуфтмони тараққӣ ва роҳи наҷоти Эрон ва эрониёнро дар «қабул ва тарвиҷи тамаддуни Аврупо билошарту қайд ва таслими мутлақ шудан ба Аврупо ва ахзи одобу одот ва русуму тартиб ва улуму саноеъ ва зиндагӣ ва кулли авзои фарангистон бидуни ҳеҷ истисно (ҷуз забон) ва канор гузоштани ҳар навъ худписандӣ ва эродоти бемаъние, ки аз маънии ғалати ватанпарастӣ ношӣ мешавад ва онро ватанпарастии козӣ тавон хонд» дониста, муътақид аст, ки «Эрон бояд зоҳиран ва ботинан, ҷисман ва рӯҳан фаранги маоб шавад ва бас» [6,2]. Ин тартиб, «Ҳайратнома»-ро метавон ҷузъи нахустин маншӯрҳои гуфтмони тараққӣ дар Эрон маҳсуб кард.

Абдулҳасанхон Элчӣ, дар мавориде ки ба бунёдҳои ҳукумат ва сохтори он дар Ғарб ишора мекунад, бисёр сатҳӣ ва бо нигоҳи хушбинонаи таҳаввулот перомуни худро таҳлил менамояд. Барои намуна баҳсеро дар бораи вукалои маҷлис ва чигунагии қонунгузорӣ дар Ғарб ироа медиҳад, ки ин таҳлилро дар ҳеҷ манобее наметавон ёфт. Вай муътақид аст, парлумон дар он ҷо дастгоҳест, ки ҳаққи фуқаро ва раият поймол намешавад ва онҳо ба риояти раият муваззаф мебошанд ва дар вазъи қавонин, ҳамвора бояд, тарафи раъият дар назар гирифта шавад. Дар ин раванд ноиби шоҳ бояд «мулоҳизаи касрат кунад, чунончи ҳар тараф ҷамъияти эшон ба шумори бештар аст қавлашон уқуӣ ва рақҳон дорад ва дар хусуси доду ситоди айёми гузашта дар ҳар амре диққат кунанд ва мулоҳизаи ҷамъ ва харҷи мамлакат намоянд, ки мабодо диноре бар раият нуқсон расад ва то ҳамагӣ вузаро нагарданд, диноре аз раият нагиранд ва на бар раият расонанд ва хосияти вукало ин аст, ки ҳамвора ҷониби раиятро аз даст надиҳанд ва аз роҳи садоқат ва хайрхоҳии шоҳ ва раият сухан гӯянд ва шоҳ тавонад, ки ҳар вақт хоҳад парлумонро мавқуф дорад».

Айшу нӯшҳо, рақсҳову овозхонии маҳрӯёни фарангӣ низ ҳамчунон ба ҳайрати Элчӣ меафзояд. Ин эронии бадном шабҳои бисёреро дар саргармиҳо мегузаронад, гӯё ҷуз ширкат дар меҳмониҳо ва тамошои саҳнаҳои қабеҳ вазифаи дигаре надоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзо Солеҳи Шерозӣ. Гузориши сағир Мирзо Солеҳ Шерозӣ/ вироиши дебоча ва пайнавишт аз Ҳумоюн Шаҳидӣ.- Теҳрон: Интишороти роҳи нав, 1362, -С.15.
2. Мирзо Абдулҳусайнхони Элчӣ. Ҳайратнома, Сафарномаи Мирзо Абдулҳусайнхони Элчӣ ба Лондон/ ба кӯшиши Ҳасан Мирсалванд. –Теҳрон: Раво, 1364, -С.35-36.
3. Абдулҳодӣ Ҳунарӣ. Нахустин рӯёрӯиҳои андешагарони Эрон бо ду равияи тамаддуни буржуазии Ғарб/ Абдулҳодӣ Ҳунарӣ. –Теҳрон: Амири Кабир,1378.- Ҷилди севум. - С.280
4. Денис Ройт. Эрониён дар миёни англисҳо, Саҳнаҳое аз муносибати Эрон ва Британия/ Тарҷумаи Карим Эмомҷ. -Теҳрон: Нашри нав, 1368, -С.140.
5. Мирзо Абдулҳусайнхони Элчӣ. Ҳайратнома/ Мирзо Абдулҳусайнхони Элчӣ. – С.249, 250, 259, 260, 266, 297, 300, 311.
6. Рӯзномаи Кова, давраи ҷадид, соли аввал, ш.1, 1299ш. –С.2.

«ХАЙРАТНАМЕ» АБУЛХАСАНХОНА ЭЛЧИ

Знакомство с дневниками и воспоминаниями дает ценный материал о степени влияния европейской цивилизации на мировоззрение тех, кто их написал. В данной статье автор рассматривает книгу путевых заметок иранского посланника в Западе Мирза Абул Хасан-хана Ширази Элчи. Также автором приведены отрывки из данной книги и приведены комментарии самого Элчи.

Ключевые слова: влияние Запада на умы путешественников и посланников, распространение идей конституционализма, развитие новых технологий, прогресс в экономической инфраструктуре, впечетления.

"HIRATNAME" ABULGAZIKHAN ELCI

Familiarity with the diaries and memoirs gives valuable material on the degree of influence of European civilization on the mindset of those who wrote them. In this article the author considers the book is a travelogue Iranian envoy in the West Mirza Abul Hasan-Khan Shirazi ELCI. The author provides excerpts from this book and cited the comments of Elche.

Kev words: Western influence on the minds of travelers and messengers, dissemination of ideas of constitutionalism, the development of new technologies, progress in economic infrastructure, experience..

Сведения об авторе: ***Хабибулло Исмоили Хусайн*** – соискатель ТНУ. Телефон: **939-393-066**

АҲЛИ ҚАЛАМ ВА МАРТАБАИ ШАХС ДАР АШЪОРИ УБАЙДИ РАҶАБ

Ф.Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоири Халқии Тоҷикистон, дорандаи Мукофоти байналмиллалии ба номи Ҳ.К. Андерсен ва ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, зиндаёд Убайд Раҷаб яке аз шоиронест, ки ҳазинаи адабиёти навини тоҷикро бо дурдонаҳои эҷодиёти худ ғанӣ гардонидааст. Ӯ аслан, барои кӯдакону наврасон эҷод мекунад ва дар ин хусус дар тадқиқоти донишмандони адабиёт Раҷаб Амонов, Ҷонон Бобокалонова, Баҳроми Шермуҳаммадиён, Неъматҷон Файзуллоев, Азим Аминов, Саидраҳмон Саидов, Мавлуда Файзуллоева, Фарҳод Ҳусейнзода ва чанде дигар мулоҳизаҳои илмии хонданбоб ва ҷолиб дида мешавад.

Шоир барои калонсолон низ шеърҳои пуразрише гуфтааст, ки аз истеъдоди баланди ӯ дар ин ҷода дарак медиҳад. Дар маҷмӯаи "Саррез" (Душанбе: Ирфон - 1982) аксарияти онҳо гирд оварда шудаанд. Аз мутолиаи асар бармеояд, ки шоир фарзанди деҳқон асту аз рустои кӯчаки кӯҳистон ба шаҳр роҳсипор гардидааст ва он ҷойро маскани муқимӣ интихоб кардааст, лекин дар эҷоди шеър пайваста аз зодгоҳу мардумони баоруномуси он, кӯҳҳои сарбаланду обу ҳавои мусаффояш ёдовар мешавад ва онро борикбинона ба риштаи тасвир мекашад.

Аз мутолиаи шеъри аввали ин маҷмӯа дар муроҷиати шоир ба хонанда эҳсос карда мешавад, ки фикри дар боло зикршударо тақвият мебахшад:

... Додаам сад хирмани андеша бод,
3-он ки деҳқонзодаам,
Ҳарфи дилро бар забон овардаам,
Аз нигоҳи содаам,
То бубинӣ бо хаёли рӯйи ту
Дар чӣ раҳ афтодаам.
Ростгӯйӣ кардаам, чун ростӣ
Буда умре ҷодаам... (9, 5).

Хирман бод кардан як навъ ҳунар аст барои сокини кӯҳистон. Хирманро дуруст бод кардан ва аз он ҷудо кардани донаро на хар кас метавонад. Он фақат ҳунари деҳқони асил аст. Шоир изҳор мекунад, ки ҳамчун деҳқонзода аз уҳдаи бод кардани хирмани андеша баромада метавонад. Дар байти дуюми дар боло зикршуда нигоҳҳои содаи мардуми кӯҳистон ва ҳарфи дилро айнан ба забон овардани онҳо ҳувайдост.

Шоир худро барои он сода меномад, ки ҳарфи дилашро бе ҳеҷ тағйирот дар шакли шеър барои хонанда пешкаш кардааст. Албатта, ҳарфи дилро бе обуранги бадеӣ имкони пешкаш кардан нест, зеро дар чунин ҳолат вай аз нафосати шеърӣ орӣ хоҳад буд. Дар шеъри "Марди роҳ дар ними роҳ" низ гуфтаҳое ба назар мерасанд, ки хоси марди кӯҳистонист. Шоир қайд мекунад, ки бо хатти дил роҳро интихоб кардааст, бо роҳи дигарон не, бо роҳи хеш рафтааст. Роҳи интихобкардаи шоир пойроҳаест, ки ба сӯйи қулла мебарад ва тай кардани он ниҳоят душвор аст. Шоир, барои он ки то куллаи мақсад бирасад, чандин азобро аз сар мегузаронад, вале ба хамаи он тоқат мекунад. Ӯ худ медонад, ки бе азоб ба қулла баромадан наметавонад ва пайроҳаи осон касро шарафманд карда наметавонад.

Ҳар гаҳ ки санг бархӯрд
Дар раҳ ба пеши поям,
Дарёфтам, ки бояд
Роҳе ба худ кушоям.
Ҳарчанд мушкил омад,
Аз раҳ қафо нагаштам...
Дар ибтидои кӯҳе,
Дар интиҳои даштам.

Донам, ки роҳи кӯтал
Охир шавад нафасгир,
Ҳам мекунад фарозаш
Мисли камон қади тир.
То қулла роҳ дур аст,
Лекин ғаме надорам.
Он сон, ки раҳ сипардам,
Он гуна раҳ, сипорам... (9, 7).

Ин шеър дар вазни баҳри музореъ навишта шуда, рукнҳояш мафъулу фоилотун (--V-/-V-) мебошад ва дар шакли мураббаъ омадааст. Омӯхтани шеъре, ки дар ин вазн **эҷод** шудааст барои хонанда сабук мебошад ва дар шеърҳои барои кӯдакон навишташуда низ серистеъмол аст. Чунин шеърҳо, ки дар он деҳу кӯҳ, чашмаву майса, сабзаву кишт тасвир шуда, ин манзараҳои кӯҳистонро ба чашми хонанда чилвагар мегардонанд, дар мачмӯа зиёд вомехӯранд. "Заминро мепарастам", "Бодом", "Дар деҳи дури канори кӯҳсор", "На вал буду на хирман", "Ташаккур", "Қуллаҳо", "Деҳаи ман" ва амсоли инҳо аз қабили чунин шеърҳоянд.

Дар шеъри "На вал буду на хирман" шоир аз замони кӯдакии хеш, ки дар деҳи кӯҳистон гузашта буд ва аз он ҳамчун деҳқонзода огоҳ аст, ёдовар мешавад. Шоир, ки аз деҳ ба шаҳр омада муқими он мешавад, пас аз гузашти солҳо боз раҳсипори деҳ мегардад. Вай ба суйи хирманҷо, ки як кисмат ҳаёти кӯдакияш гузаштааст, меравад, аммо дар он олами дигарро мебинад.

Дар хирманҷо на вал буд, на банду тарам, на хирман, на пахоли коҳ, на марди бодгар. Шоир ин манзараро чунин ба қалам медиҳад:

…Ғарам дигар, сари хирман дигар буд,
Ҳама дигар ба чашмам ин саҳар буд.
Ба ҷой хирмани пурбори дерин
Сафи комбайн дидам, хели мошин.
Дигар дону каҳе пеши назар тофт,
Деҳам имрӯз дар чашмам дигар тофт... (9, 163).

Ин ҷо пешрафти ҷомеа ба ҷойи хирману вал омадани комбайн, дигар намудани марди бодгору тағйир ёфтани манзараи кӯҳистон тасвир ёфтааст. Ин шеър дар баҳри хазари мусаддаси махзуф, аст ки

рукнҳояш мафоӣлун, фоилотун (V---V---V--) буда, хоси дубайтист ва дар адабиёти гузаштаву имрӯза зиёд вомехурад, эҷод шудааст. Тасвири манзараҳои кӯҳистон, ёди чашмаву обшорон, хониши мурғони чаман ва амсоли ин дар шеърҳои устод Убайд Раҷаб зиёд ба чашм мерасанд. Аз мутолиаи шеърҳо кас ба чунин хулоса меояд, ки бо вуҷуди муқими шаҳр шудан шоир ҳеҷ гоҳ аз зодгоҳи азизаш - деҳаи кӯчаки кӯҳистон дил накандааст ва дар ҳама вақту ҳама ҳолат онро ёд карда, манзараҳояшро пеши назар меоварда:

Баҳри дамону тӯфон
Аз ёди ман бадар шуд.
Дил гум заду дубора
Ёди ту ҳам ба сар шуд.
Ҳарчанд дур рафтам
Аз домани баҳорат,
Наздик кард бо ту
Боз он қадар хуморат.
Бо ту нафас гирифтам,
Будам ба ҳар куҷое.
Хар ҷо набошам, аз ту
Набвад маро ҷудоӣ (9, 47).

Омӯзиши эҷодиёти устод Убайд Раҷаб тақозо мекунад, ки нисбат ба он соҳлангорона рафтор накунем, хар як байти ашъорашро дақиқ омӯзем, дурдонаҳои ашъорашро холисона баҳо дихем. Мо мебинем, ки на танҳо ба зодгоҳу хоку кӯҳу манзараҳои он, балки ба одамонаш низ, ки як ҷузъи аҳолии Точикистони азизанд, ихлоси беандоза дорад:

Бо шумо аз сарбаландӣ
Сар тавон бар осмон зад.
Бо шумо ман мисли кӯҳам,
Кай ба кӯҳ сар метавон зад? (9, 239).

Дар дубайтиву рубоиҳои шоир, ки миқдораш зиёд нестанд, мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, меҳнати ҳалолу софдилона, даъват ба некию накӯкорӣ, тасвири манзараҳои гуногуни кӯҳистон ва амсоли инҳо ифода шудаанд.

Умуман, устод Убайди Раҷаб чун вассофи диёри азиз дилбохтаи хоку обу сангу боду ҳавои кӯҳ, чун як фарзанди вафодори тоҷик дар тамоми давраҳои эҷодиёташ пурмаҳсул ва бобаракат хомарониӣ кардааст ва дар баландии Лучоб, дар пахлӯи Турсунзодаву Лоиқ, Ҷалол Икромию Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзодаву Қутби Киром Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигар мардони фидоии миллат аз ҳавои кӯҳҳои осмонбӯси кишвар ифтихор карда, ба хоби абадӣ рафтааст:

Ҳавои кӯҳ мехоҳад замирам,
Ба суйи кӯҳ роҳи тоза гирам.
Маро модар миёни кӯҳҳо зод,
Дилам хоҳад, ки боз он ҷо бимирам (9, 346).

А Д А Б И Ё Т

1. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷикӣ /Р. Амонов -Душанбе: Дониш, 1968. – С.412.
2. Акбарзод М. Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст / М. Акбарзод.-Душанбе: Адиб, 2008. – С.272
3. Акбарзода Ю. Таҳгиги шеър аз дидгоҳи нав / Ю Акбарзода – Душанбе: Адиб, 2004. – С.197
4. Нарзигул М. Муғаддимаи шеършиносӣ / М Нарзиқул -Душанбе: Сино, 2004. –С.79.
5. Одинцов В.В. О языке художественной прозы / В.В Одинцов - М., 1973. – С.104.
6. Потебня А.А. Теоретическая поэтика / А.А. Потебня– М.: Высшая школа, 1990. – С.344.
7. Раҷабӣ М. Тадқиқи таърих тадқиқи характер /М. Раҷабӣ.– Душанбе: Адиб, 1990. –-С.192.
8. Сатторов А. Нуқтаи пайванд /А. Сатторов.-Душанбе: Ирфон, 1982.
9. Убайд Раҷаб. Саррез /Раҷаб. Убайд. -Душанбе: Ирфон, 1982. -С.403.
10. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо / М. Шакурӣ– Душанбе: Оли Сомон, 1997. –С.202.
11. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ /Х. Шарифов– Душанбе: Пайванд, 2009. – С.482

МАСТЕРА СЛОВА В ТВОРЧЕСТВЕ УБАЙД РАДЖАБ

В статье речь идет о творческом росте поэзии Убайда Раджаба, в которых описана красота природы и неповторимый пейзаж любимого Таджикистана. Его стихи доступны, просты и содержательны, они изложены с применением уместных литературных приемов. В статье проанализированы стихотворения из сборника “Саррез” Убайда Раджаба, и подобные стихотворения поэта занимают особое положение в современной таджикской литературе. Содержание этих стихотворений формирует у читателя чувство любви к своей стране, дружбы между народами, взаимопонимания и патриотизма.

Ключевые слова: художественная литература, поэзия, содержание, метрика, творчество, горный пейзаж, любовь к родине, литературные приемы.

POETS IN POETRY OF UBAID RAJAB

The article focuses on the creative growth of poetry Ubaid Rajab, which describe the natural beauty and unique landscape favorite Tajikistan. His poems are accessible and simple and informative, they are presented with the use of relevant literary devices. The paper analyzes the poem from the book "Sarrez" Ubaid Rajab, who are devoted to adults and these poems of the poet hold a special place in modern Tajik literature. The content of these poems creates in readers a sense of love of country, patriotism and the Peoples' Friendship and understanding.

Keywords: fiction, poetry, content, metrics, creativity, mountain landscape, love of country, literary devices.

Сведения об авторе: ***Хусейнзаде Ф.*** - кандидат филологических наук, главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы ТНУ.Телефон: **927538765.**

СИМОИ ИСКАНДАР ДАР ТАҲҚИҚИ МУҲАММАД ҶАЪФАРИ МАҲҶУБ

Рухшона Восиева
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб устоди шӯҳратманди адабиёти Эрон маҳсуб меёбад. Ба қалами ӯ 57 мақола марбут ба адабиёти омиёна тааллуқ дорад, ки тайи 50 сол дар матбуоти Эрон ва берун аз он пайваста интишор ёфтаанд.

Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб соли 1303 дар Эрон таваллуд шуда, дабиристонро дар ин ҷо ба поён расонид. Дар Донишгоҳи Теҳрон дар риштаи улуми сиёсӣ таҳсилашро идома дод. Азбаски шавқи ӯ ба забон ва адабиёти форсӣ хеле зиёд буд, соли 1333 ба факултети мазкур доҳил шуда баъди итмоми Донишгоҳ муддате мударриси забон ва адабиёти форсӣ дар Донишсарои олии Теҳрон буд. Соли 1342 рисолаашро дар мавзӯи «Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ» дифоъ кард. Дар Донишгоҳи Теҳрон ба тарбияти муаллимон машғул гардид. Се сол баъд ба дараҷаи устодӣ расид ва ҳамзамон аз фанни «Адабиёти омиёна» дарс мегуфт.

Бояд зикр кард, ки дар даврони таҳсил дар донишгоҳ ӯ аз устодони бузург мисли Бадеъузамои Фурузонфар, Маликушшуаро Баҳор, Муҷтабо Минавӣ, Забеҳуллои Сафо, Муҳаммад Муин, Парвизи Хонларӣ, Хусайни Хатибӣ ва дигарон дарс омӯхт. Аз миёни устодони худ бештар бо устод Фурузонфар алоқа дошт. Маҳҷуб маҳз бо роҳнамоии Фурузонфар ба тасҳеҳи Девони Шамс пардохтааст.

Аз соли 1350 то 1352 ба ҳайси устоди даъватӣ дар Донишгоҳи Оксфорди Англия аз фанни забон ва адабиёти форсӣ дарс гуфт. Як сол баъд Ройзани фарҳангии Эрон

дар Ҷумҳурии Покистон таъин гашт ва то соли 1358 дар ин вазифа фаъолият намуд. Пас аз Инқилоб ӯ раёсати фарҳангистони забону адаб ва ҳунари Эрон интихоб гардид. Баъд аз ду сол барои тадрис ба Донишгоҳи Фаронса рафт. Пас аз чандин соли иқомат дар Фаронса ӯро барои тадрис намудан ба Донишгоҳи Калифорния даъват намуданд ва ӯ то поёни умр сокини он ҷо буд. Маҳҷуб соли 1374 дар синни 61 солагӣ дар Амрико аз дунё гузашт.

Доктор Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб дар заминаи таълифу таҳқиқ, тасҳеҳ ва тарҷума 24 китоб ва 150 мақола навиштааст. Ин ҷо зарур медонем, ки оид ба осори асосии ӯ маълумоти умумӣ биёрем.

Ӯ соли 1334 баргузидаи ғазалиёти Шамсро бо муқаддима ва шарҳи абёт ба чоп расонид. Соли 1339 бошад, таҳқиқотро дар бораи «Калила ва Димна» ё достонҳои хоразмӣ интишор кард. Ин китоб аз ҷумлаи осори таҳлилӣ ва арзишманд дар бораи «Калила ва Димна» ба шумор меравад. Зеро мавзӯи китоби мазкур баррасӣ, сайр ва таҳаввули «Калила ва Димна», тарҷумаҳои он, сабк ва арзиши адабии тарҷумаҳои он аз паҳлавӣ то Аврупоиро фаро мегирад.

Соли 1345 китоби «Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ» - ро чоп кард. Китоби номбурда низ аз таҳқиқотҳои ниҳоят муҳим ва муфассали ӯ маҳсуб меёбад. Дар он сабкшиносӣ бо вожагиҳои сабки хуросонӣ бо диққати тамом тайи чаҳор гуфтор, яъне таҳти унвони зуҳури шеъри форсӣ, шеър дар асри сомонӣ, шеър дар асри ғазнавӣ, шеър дар асри салҷуқӣ бо хусусиятҳои забонӣ ва адабӣ таҳлил ёфтааст [1, 750].

Бояд тазаккур дод, ки доктор Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб ба адабиёти кӯдакона низ дилбастагии зиёд дошт. Аз ин рӯ, марбут ба ин самт низ китоби «Интихоб ва интиҳоби манобеи адаби форсӣ» барои тадвини китобҳои кӯдакон ва наврасонро мунташир сохт.

Китоби «Офарини Фирдавсӣ», ки аз ҷониби нашриёти «Марворид» соли 1372 нашр гардид, маҷмӯаи мақолаҳои Маҳҷубро дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» - и ӯ дар бар мегирад. Ин китоб бо мақсади ошно сохтани мардум бо «Шоҳнома» ва достонҳои он нигориш ёфтааст. Маҷмӯаи мазкур аз 37 мақола оид ба «Шоҳнома» иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо самти шинохти навини ин асари ҷовидонӣ мебошанд.

Китоби дигари Маҳҷуб «Хокистари ҳастӣ» ном дорад, зимни муаррифии бузургони фарҳангу адаби Эрон чандин асари муҳим нақду баррасӣ мешаванд. Ҳадафи Маҳҷуб муаррифии бузургони фарҳангӣ бо насли ҷавон аст.

Охирин пажӯҳиши доктор Маҳҷуб китоб бо номи «Футувват ва ҷавонмардӣ дар Эрон» буд. Солҳои дароз зиндагии илмии ӯ бо адабиёти омиёна, махсусан пажӯҳиш дар оини ҷавонмардӣ ва айёрӣ марбут аст. Китоби мазкур бозёфтҳои тамоми 15 солаи ӯро фаро мегирад.

Соли 1350 бо тасҳеҳи Маҳҷуб «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷониби нашриёти «Амири кабир» табъ гардид. Соли 1355 бошад «Ҳашт биҳишт», «Ҳафт пайкар» - и Амир Хусрави Деҳлавӣ низ мунташир гашт. Баъд аз ин гуфтан мумкин аст, ки Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб 12 сол саргармии тадвини Куллиёти «Убайди Зоконӣ» буд. Баъд аз тасҳеҳ соли 1358 онро чоп намуд. Ҳамчунин ӯ мусаҳҳеҳи китоби ҷолиби дигар «Амир Арслон» мебошад. Дар баробари ҷамъоварии матн Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб таҳқиқоти ӯ бар ин китоб дорои аҳамияте мебошад. «Футуватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ аз ҷумлаи тасҳеҳоти ӯ мебошад, ки муқаддимаи илмии Маҳҷуб бар ин асар арзиши иҷтимоӣ ва таърихии матни «Футувватномаи султонӣ»-ро зиёд намуд.

Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб ошиқи забон ва адабиёти форсӣ буд. Ӯ аз ҷумлаи касоне буд, ки ин ҳирфаи худро пайваста ошиқонаву олимона сайқал медод. Ҳар касе як лаҳза бо ӯ ҳамсуҳбат бошад, ин шефтагии ӯро дарҳол эҳсос мекард. Дар маҳфилҳое, ки ӯ ҳузур дошт, мавзӯи шеъру адаб ҳамеша мавриди нишасти зиракон қарор мегирифт.

Дар баробари насри пуразриш Маҳҷуб фазилати шеъргӯиро низ доро буд. Ғазалҳои хеле шево мегуфт. Ҳамзамон устод Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб ба тарҷума низ шуғл меварзид. «Ҳафт тарҷумаи достони кӯтоҳ ва роман» ба қалами ӯ мутааллиқ аст: Аз ҷумла «Хотироти хонаи мурдагон» аз Достоевский (Амири кабир 1335); «Ҷазираи ваҳшат» (1330), «Достонҳои дарёи ҷануб» (1330), «Аз худ гузаштагии занон» (1335), «Михаил Сагсирк» (1342) ва «Пошнаи оҳанӣ» - и Ҷек Лондон мебошанд, ки номи мутарҷим бо исми М. Субҳдам оварда шудааст(2,350).

Умуман навиштаҳои ӯ, яъне пажӯҳиш, тарҷумаҳо хеле равону сода мебошанд. Дар таҳқиқотҳои ӯ мисолҳо ва намунаҳо ё зикри маъхазу истинодҳояш хеле равшану мушаххас оварда шудаанд, ки хонандаро хаста накарда, балки шавқи ӯро барои идомаи мактаб ва натиҷагирӣ меафзоянд. Чунон ки дар боло зикр намудем, доктор Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб устоди забардасти адабиёти омиёна(насри ривоятӣ-В.Р.) маҳсуб меёбад. Намунаи хеле машҳури насри ривоятии форсу тоҷик «Искандарнома»

мебошад. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем, ки таҳқиқи образи Искандарро дар «Искандарномаи кабир» аз назари Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб баррасӣ намоем.

Сараввал зарур медонем, ки андешаи Маҳҷубро оид ба Искандарномаҳои насрӣ истинод намоем: « То он ҷо, ки мо иттилоъ дорем, се гуна Искандарнома дар адаби форсӣ ба вуҷуд омадааст. Яке аз онҳо Искандарномае аст, ки дар қарни шашум маъхази Низомии Ганҷавӣ будааст… Дигар нусхае аст, ки ба «Искандарномаи қадим» маъруф аст. Нусхаи ин китоб дар китобхонаи устод Саид Нафисӣ мавҷуд аст…Саввумин Искандарнома, китоби азим дар даврони сафавӣ таҳрир шуда, бо ду нусхаи қаблӣ тафовут дорад. Онро Искандарномаи ҷадид, китобе ки имрӯз ҳам дар қаҳвахонаҳои Теҳрон аз рӯи он нақл мегӯянд, ном мебаранд» [2,351].

Дар мавриди китоби «Искандарнома» олими маъруфи тоҷик, муҳаққиқи насри ривоятии форсу тоҷик Салимов Ю. чунин менигорад: «Воизи мазҳаби шиа дар Эрон насри ривоятиро низ барои тарғиби ғояҳои мазҳабӣ фаровон истифода карда, баробари аз нав таҳрир намудани китобҳои мавҷудаи насри ривоятӣ чанд асари тоза тасниф карда буданд Шояд дар ҳууди асрҳои 16-17 бошад дар асоси «Искандарнома»-и қадима як асари тозаи ҳаҷман бузурге таълиф шудааст, ки бо унвони «Искандарномаи кабир» чанд бор дар Эрон нашр шуд» [3,55].

Асари «Искандарномаи кабир» бузургтарин достони мансури асримиёнагии форсу тоҷик мебошад, ки мавзӯи паҳлавонию кишварситонӣ ва паҳлӯҳои гуногуни ахлоқӣ, аз ҷумла, ойини айёриро фаро мегирад. Ин достон дар замони сафавиҳо, яъне дар асри XVI аз тарафи Манучеҳри Ҳаким барои наққолӣ ва шабнишинӣ мураттаб гардидааст. Дар замони мазкур ғояҳои мазҳабӣ густариш меёфтанд, ки дар ин замина осори пешиниён аз нав кор карда шуда, барои ривоҷу равнақи ин мазҳаб заминаи воқеӣ пайдо мегардад. «Искандарномаи кабир» аз ҷумлаи ин гуна асарҳо ба шумор меравад. Ин асар аз ҳафт ҷилди бо акси Искандару сипоҳиёнаш оро додашуда зиндагиномаи бадеии Искандарро аз оғоз то анҷом фаро мегирад. Он дорои 662 саҳифа ба андозаи 22Х35 см аст ва аз 270 достон иборат мебошад. Мазмуни асар комилан исломӣ буда, дар он қиссаҳои пайғамбарон ва ҳикояту ривоятҳои мансуб ба дини ислом тасвир шудааст. Дар он тарғиби яккахудоии ислом зимни ҳаракатҳои кишварситониҳо ва моҷароҷӯиҳои айёрӣ ба амал пайвастааст.

Саропои асар ва раванди ҳодисаву воқеаҳои он маҳз ба иштироки бевоситаи айёрон сурат мегирад. Ҷиҳати тарбиявии асар ба муносибати Искандару айёронаш вобастагии қавӣ дорад. Зеро ҳар мамлакатеро, ки тавассути айёронаш Искандар тасхир мекард, аввалан ба созиш омадану мусулмон гардидани онҳоро пешниҳод менамояд. Дар ҳолати мусулмон гардидани онҳо аз ҷониби Искандар лутфу марҳамати шоистаеро дарёфта, соҳиби тахту давлати хеш мегардиданд ва он шоҳону айёрони муқобиле, ки итоат намекарданд, маҳв мешуданд.

Кулли амалиёти ин қиссаҳо дар назари аввал достонҳои алоҳида бошанд ҳам, образи марказии асар - Искандар онҳоро ба ҳам мепайвандад. Искандар танҳо шоҳи муқтадири кишварситон нест, балки гоҳо айёри шабрав, гоҳо сафири доно, гоҳо роҳнаварди тавоно ва гоҳо суханвари беҳамто тасвир меёбад. Ҳатто ҳангоми мутолиа чунин менамояд, ки баъзан кас подшоҳ будани Искандарро фаромӯш мекунад.

Образи Искандар бо хислату хусусият, сифатҳои шахсӣ, муносибат ва кирдорҳояш муҳимтарин симои марказии мусбати достони “Искандарномаи кабир” аст. Искандар дар хонадони Файлақус ба дунё омада бошад ҳам, бо эътимоди фароҳамоварандаи достон-Манучеҳри Ҳаким фарзанди Дорост, вале аз модар ба Файлақус иртибот мегирад. Хусусияти баргузидаи симои Искандар дар пӯшида доштани сирри мавлуди ӯ мебошад. Агарчи Файлақус аз камари Дороб будани Искандарро медонист, вале онро пӯшида медошт. Аз ин рӯ, ӯ“Муқаррар кард, ки ҳеҷ кас нагӯяд, ки ин Искандар писари Дороб аст. Ҳама ӯро Искандари Файлақус мегуфтанд” [4,7]. Бояд гуфт, ки ин гуна муносибат ба қаҳрамон дар адабиёти мо диди нав нест. Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба дунё омадани Сӯҳроб ва асрори авлодии ӯ низ чунин айниятро дорост:

Дигар гуфт, к- Афросиёб ин сухун,
Набояд, ки донад зи сар то ба бун.
Ки ӯ душмани номвар Рустам аст,
Ба Тӯронзамин з –ӯ ҳама мотам аст (5, 202) .

Муҳимтарин хислату хусусият ва сифатҳои фардии Искандар дар шуҷоати бемисли ӯ ҳувайдо мегардад. Нахустин маротиба амали бебоконаи Искандар мавриде ба вуқӯъ мепайвандад, ки элчиёни эронӣ беадабона ба дарбори Файлақус ворид гардида, боҷу хироҷ талаб менамоянд. “Искандар чун он ҷамоати беадабро дид, - менависад муаллиф,- бисёр бар табъаш гарон омад” [4, 8].

Дар ин мавриd таъкиd намудан зарур аст, ки Искандар хеле ҷавон бошад ҳам, бо мантиқи суҳану ҳозирҷавобиаш мақоми шоиста дорад. Масалан, дар лаҳзаи аз ҷониби эрониён талаб намудани боҷу хироҷ мегӯяд: “Ҳабар ба ӯ (Доро – Р.В.) бирасонеду бигӯед: “Он мурғе, ки тухм мекунад, зан аст. Маъзур дор, ки он мокиён пиру шикаста гардид. Аз дудмони он мокиён бачахурӯсе боқӣ мондааст, ки байза аз он бача ҳосил намешавад” [4, 8].

Хислату хусусияти муҳими дигари симои Искандар дар сифатҳои ҳамидаи шахсии ӯ, дар саховатпешагию дасткушодӣ ва дилёбияш ба мушоҳида мерасад. Маҳз саховати Искандар боиси ба тарафи ӯ гузаштани бисёр соҳибмулкону паҳлавонон, айёрону шоҳзодагони рӯзгораш будааст, ки Манучеҳри Ҳаким чунин тасвир менамояд: “Амирхонро аз мардонагиву саховати ӯ хуш омад. Арз кард: “Эй падар, ман ҳалқаи ғуломии Искандарро ба гӯш мекунам ва то ҷон дорам, аз рикоби ӯ ҷудо намешавам” [4, 13].

Хислати дигари Искандар ба тарбияи хонадонии ӯ вобаста мебошад, зеро ӯ аз айёми чавонӣ ба асбсавориву гурзу найзаварӣ маҳорати хосса пайдо кардааст. Искандар мувофиқи бузургию шаҳомати худ аспе бо номи Курраи обӣ дорад. Асб дар тасвири паҳлавонӣ ва афсонавӣ нерӯи муқтадири ҳарбист, ки Муҳаммадро бе Барроқу Алиро бе Дулдул, Рустамро бе Рахшу Хусрави Парвизи Сосониро бе Шабдиз, Сиёвушро бе Шабрангу Авазро бе Талон тасаввур кардан аз имкон берун аст. Ин образҳо мутобиқи маҷмӯаи достон тасвири романтикӣ, паҳлавонӣ ва афсонавӣ гирифтаанд.

Муҳимтарин хусусияти дигари образи Искандар дар он аст, ки Манучеҳри Ҳаким дар ҳар мавриd, вобаста ба талаботи ифшои ҳодисаву воқеаҳо, ному унвони каҳрамони марказии асарро нав ба нав мушаххас таъкиd менамояд. Танҳо дар ҷилди дуюми асар мо зиёда аз ҷиҳил маротиба табдил гардидани ному унвони Искандарро аз қабили: Ҷаҳонпаноҳ, Хусрави тоҷбахш, Хусрави гетиситон, Хусрави Соҳибқирон, Хусрави Меҳтарзамир, Султони тоҷбахш, Султони барин, Ҳумоюн, Соҳибқирон, Ҳакимзода, Шоҳи зафарқарин, шоҳи кишваргир, Шоҳи ба адлу дод, Ҷаҳонгир, Мансур, Шаҳриёр, Шаҳриёри кишваргир, Шаҳриёри гардунфар, Шаҳриёри рафиъмиқдор, Шаҳриёри бовиқор, Шаҳриёри волотадбир, Шаҳриёри меҳрзамир, Шаҳриёри зафарқарин, Меҳрзамир, Ҳазрати соҳибқирон, Подшоҳи ҳафт иқлим, Подшоҳи бо тадбир, Хилъатбахши хусравон, Шамъи олам, Шамъи оламафрӯз, Сардафтари шаҳриёрони кишваркушо, Муфтаҳари номдорони мулкоро, Барозандаи авранги тоҷдорон, Қобили дайҳими шаҳриёрӣ, Малики ҳафт иқлим, Диловари зафаросори бетарсу бим, Сайқалдеҳи ҷаҳон аз занги куфру исён, Ҳалқафикани гӯши гарданкашон, Номдори ҷаҳон, Ҳоқоналбаҳрайн ва дигарҳо мебинем. Ин гуна таҷдиди ному унвон ва истилоҳоти нав ба навро, агар дар ҳар ҷилди ин асари ҳафтҷилда мавриди санҷиш қарор бидиҳем, мебинем, ки дар маҷмӯъ зиёда аз ду саду панҷоҳ маротиба ному унвони Искандар зимни истилоҳоти тоза ба тоза иброз гардидааст. Ин гуна муносибати муаллиф, аз як ҷониб салобат шаъну шукӯҳи Искандарро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, имконоти васеи забони форсии тоҷикиро дар ибрози ҳама гуна истилоҳот бо ҳама шукӯҳу шаҳоматаш ифшо месозад. Тавассути чунин ифодаҳо муаллифи асар симои Искандарро ҳамчун паҳлавони тасхирнопазир ба риштаи тасвир мекашад. Ҳамзамон ёдовар мегардем, ки дар баробари ин ҳама дастовардҳои воқеӣ гоҳо унсурҳои афсонавиро низ дар симои Искандар ҷой медиҳад.

Дигар аз ҷузъиёти хислату хусусияти образи Искандар дар он аст, ки ӯ дар муносибат ба одамон шахсияти зудбовар аст. Зудбоварияш умдатан боиси он мегардад, ки ӯ муддате ба дасти душманон гирифтор мегардад. Ин гуна зудбоварӣ асосан ду ҷиҳати муҳим дорад. Сабаби нахустини зудбоварии Искандарро метавон дар тарбияти хонадонии ӯ донист, ки мураббиёну устодоне чун Арастуи ҳаким дар таълиму тарбият ва камолоти ин ҷавони пуршӯр танҳо ростӣ ва покизагии ахлоқро ворид намудаанд. Сабаби дигари зудбоварии Искандар вобаста ба фарогирии ахлоқи ҳамидаи ӯст. Муаллиф ҳар лаҳза дар таҳқиқи ифшои симои зоҳирӣ ва ботинии қаҳрамони марказии асар ба тарафҳои аёну ноаёни хислату хусусияти фардии ӯ муроҷиат мекунад. Ин гуна муносибати муаллиф боиси он мегардад, ки дар олами ботини хонанда таваҷҷӯҳи самимонаву ғамхоронаро нисбати қаҳрамони марказии асар бедор гардонад.

Хусусияти дигари фардии Искандар дар он аст, ки ӯ дар мавриди ғасби кишварҳо, одатан, пас аз тасхири ин ё он кишвар ҳокимиятро боз ба ҳамон сулолаҳое, ки самимона ба ҷонибаш гузашта бошанд, мебахшад. Аз ин рӯ, подшоҳону султонҳои мағлубгардида умдатан, роҳи халосиву фароғати худро дар хешу акрабо гардидан ба Искандар мебинанд. Масалан: Сакина духтари Искандар аз Озарбарзини Табрезист, Фаридуни сонӣ - писари Искандар аз Марямбону духтари

шоҳи Ғурҷистонист. Рустами сонӣ - набераи духтарии Искандар аст, ки падараш Султон Муҳаммади Сабуктегин аст, Фирӯз – писари Искандар аз Маймуна – духтари Тоторшоҳ ба дунё омадааст.

Мағлубнопазирии Искандарро муаллифи асар дар роҳбариву гирдоварии лашкари муҷаҳҳази ӯ тасвир мекунад. Онҳо аз мардумони гуногуннажоду мухталифзабони Шарқу Ғарб ҷамъ омада, дар роҳи ба ҳадаф расидани сарвари хеш - Искандар ҷонбозиҳо менамоянд. Искандару лашкариёнаш аз тамоми навъҳои силоҳ аз қабили найза, гурзи гарон, амуд, сипар, арродаи ҳафтсадман, табли афлотунӣ, нафири ҷамшедӣ, сотур, камарзанҷир, теғ, тиркаш, даҳра, ародаи сотур, новаки паррон, дашна, ханҷар, аррапушти наҳанг ва дигар силоҳҳо устодона истифода мебаранд.

Як хусусияти дигари равнақи кишваркушоиҳои Искандарро Манучеҳри Ҳаким ба мавҷудияти айёрон, ки таҳти сарварии Меҳтар Насими айёр амал менамоянд, вобаста медонад. Тамоми мушкилиҳое, ки ба воситаи нерӯи лашкар ҳал намегардад, тавассути фаросати зираконаи айёрон анҷом мепазиранд. Айёрон дар баробари истифодаи силоҳҳои номбурда боз силоҳи мушаххаси худро аз қабили: сафедмуҳра, каманд, доруи беҳушона, пардаи гилем, фалахмон, санги фалахмон, арра, сӯҳон, ҷулбанд, чӯбдаст, потоба, қантура, занг ва дигаронро доранд.

Ҳамзамон таъкид намудан ҷоиз аст, ки муаллифи асар Искандарро дар баробари шоҳи кишварситон тасвир намудан, гоҳо ӯро ба сифати сафир таҷассум менамояд, ки подшоҳони муқобилро мафтуну гирифтори хеш месозад. Гузашта аз ин, ҳамроҳи Насиму айёронаш гоҳо чунон ба шабравиву роҳнавардӣ ва дигар хислату хусусиятҳои типпии ин тоифа ворид мешавад, ки гӯё ӯ як умр ҳамроҳи Меҳтар Насиму дигарон шабравиву айёрӣ карда бошад. Дар ин маврид Искандарро на шоҳи кишварситон, балки як тан айёри корозмуда мебинем, ки зимни назорати Меҳтар Насим баҳри иҷрои вазифа талош менамояд.

Ҳамин тавр, Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб образи Искандарро образи ҷамъбасткунандаи марказии достони «Искандарномаи кабир» дониста, тавассути ин образ, пеш аз ҳама, ҳудуди табақотии замонашро рахна мезанад. Хонандаи кунунӣ ӯро ҳамчун шоҳи шоҳону гоҳо дастёру мададгори Насими айёр мебинад, ки дар ҳарду маврид маҳорату малакаи фавқулодда бузург дорад. Аз ин рӯ, муаллифи асар дар симои Искандар на танҳо қаҳрамони афсонавӣ ва паҳлавониро ба тасвир мекашад, балки ӯро ҳамчун сарвари соҳибтадбиру хушзеҳни давлатситон барои оламиён муаррифӣ месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ/ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб.- Теҳрон, 1345. - 750 с.
2. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Адабиёти омиёнаи Эрон.(чопи чаҳорум. Маҷмӯаи мақолот дар бораи афсонаҳо, адаб ва русуми мардуми Эрон)/ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб; бо кӯшиши доктор Ҳусайни Зулфиқорӣ. -Теҳрон: нашри Чашма,1382.
3. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик/ Ю.Салимов. -Душанбе: Дониш, 1971. -159с.
4. Куллиёти ҳафт ҷилдаи Искандарномаи кабир. – Теҳрон, 1318.- 662с.
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ.– Душанбе: Ирфон, 1965.- Ҷ. 4. -406с.

ОБРАЗ АЛЕКСАНДРА В ИССЛЕДОВАНИИ МУХАММАДА ДЖАФАРА МАХДЖУБА

Данная статья посвящена образу Александра в романе «Искандарнамеи кабир» в исследовании Мухаммада Джафара Махджуба. Мухаммад Джафар Махджуб является гениальным исследователем иранской сказочной прозы.

Ключевые слова: Александр, роман, литература, исследование, исследователь, образ, рыцарский роман, Искандарнаме, рукопись, характер, описание, сказание, рыцарь

ALEXANDER THE GREAT'S CHARACTER RESEARCHED BY MAKHMUD JAFAR MAHJUB

This paper is dedicated to the character of Alexander the Great in the novel "Iskandarnomai Kabir" (Great Iskandarname) researched by Makhmud Jafar Mahjub. Makhmud Jafar Mahjuba is a genius researcher of Iranian fabulous prose and he wrote many books on this subject.

Key words: Alexander, novel, literature, research, researcher, character, tale of chivalry, Iskandarnoma, manuscript, temper, description, legend, chevalier.

Ключевые слова: ***Восиева Р.К.***- докторант кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков им.С. Улугзода.- Телефон: **(+992) 2 32 50 00**

МОТИВЫ ПОЭЗИИ САДИ ШЕРАЗИ В ЛИРИКЕ Д.П. ОЗНОБИШИНА

Б. Р. Рахманов
Российско-Таджикский (славянский) университет

Русский ориентализм начала XIX века как сложное, и многогранное литературное явление отразился в творчестве поэтов различных школ и направлений: восточной культурой и литературой интересовались поэты и писатели гражданского романтизма - А.А. Бестужев-Марлинский, В.К. Кюхельбекер, А.И. Одоевский; современники зачитывались «Восточными повестями» О.И. Сенковского; А.С. Грибоедов ввел элементы восточной поэзии в комедию «Горе от ума» и незавершенную поэму «Кальянчи»; влияние ориентализма в творчестве А.С. Пушкина - Южные поэмы и Подражание Корану; привлекшие внимание русского читателя переложения В.А.Жуковского и А. Подолинского и переводы через европейскую литературу таджикско-персидской классики М.Д. Деларю и В.Н. Григорьева. Вот из этого многообразия, отмечает Н.Н. Холмухамедова в приложении к двухтомному собранию произведений Д.П.Ознобишина, «складывался и ориентализм русских поэтов» [4].

При этом пути познания восточного мира были двояки. Для одних писателей и поэтов - это впечатления от встреч с красотами Кавказа или Крыма, для других - переводы или переложения с оригинала произведений восточной литературы (персидско-таджикской, арабской, турецкой и индийской), иные по-своему знакомили современников с историческими событиями или библейскими и кораническими сказаниями. Другим путем знакомства с иноязычной культурой и литературой были исследования западноевропейского ориентализма (И.В. Гёте, Ф. Рюккерта, Б. д' Эрбело, фон Х. Пургшталя и др.) и, как констатирует Н.Н. Холмухамедова, при этом «использовались и образцы западноевропейского ориентализма, восточные мотивы и сюжеты Байрона, Т. Мура, В. Гюго, Гердера, Гёте и Гейне» [4]. Таким многоликим предстает ориентализм русских писателей.

Д.П. Ознобишин занимался переводами из восточных литератур для обогащения русской литературы, полагая, что восточные темы и образы совершат «опоэзение» русского языка. Так появились в его творчестве эпизод «Брама-Пураны» - древнего эпического стихотворения индийцев, «Арабский мауль» (песня), «Восточная повесть» или «Отрывок из персидской песни». Ряд переводов снабжены сносками на Ибн Саад Талавера, «Подражание Ибн-Руми», «Подражание Сойюти»,[18] «Подражание Саади» и «Из Саади» или «Ода Гафица». Его перу принадлежат стихотворения, в которых читатели находят уже известные русскому читателю восточные мотивы и образы.

Так в стихотворении «Рождение перла» (1828) изложена легенда о любви духа, который ради девы младой готов забыть земное и дарит ей пышные чертоги:

Степей полнощных дух могущий
Младую деву полюбил,
Для ней он радостные кущи
Ирана светлого забыл.
Чертог из пышного коралла
За поцелуй дарил он ей …[3]

Но отвергнут он ею, и его слеза превратилась в невиданную поныне жемчужину:

Однажды утром дух грустил,
И на поверхность океана
Слезу блестящую сронил,
И та слеза вдруг перлом стала,
Каких не зрели средь зыбей! [3]

Но любовью счастлив дух:

Прекрасны утренние розы,
Когда на них заря горит;
Но вы, любви живые слезы, -
Ваш блеск ничто не затемнит! [3]

Этот образ духа привлечет внимание Д.П. Ознобишина позже и перед читателями предстанет другое стихотворение - «Нардзан» (1839) с примечанием в скобках «Кавказская легенда».

[18] Сойюти - ас-Суйюти; ас-Суюти Джалялюддин Абдуррахман, Египет, 1445-1509 - филолог, историк, писатель; автор антологии «Анис ал-джалис» («Друг собеседников»)

Поиски истоков стихотворения «Рождение перла» приводят к поэме Саади Шерази «Бустон» и газели о покорной и смиренной дождевой капле (из четвертой книги «О смирении» - «Дар тавозуъ»). Однако подстрочный перевод газели Саади имеет совершенно другое значение. Если у Ознобишина была слеза Дива, страдающего от безутешной любви, то в оригинале - рассказ о дождевой капле. Дождевая капля в смущении задаётся вопросом о своем назначении:

Яке қатраборон зи абре чакид,
Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид,
Ки ҷое, ки дарёст, ман кистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам. [6, 147]

В подстрочном переводе [19] звучит так:

Капля дождевая упала на землю, покинув лона тучи,
Пришла в смущение, когда увидела простор реки,
Кто же я иль что, там, где река?
Когда она существует, воистину, не существую я.

Капля осознает свою ничтожную значимость в реке, а человек, с точки зрения Саади, писателя-философа, должен осознать свое положение в этом мире – песчинка в мироздании. Покорность судьбе и смирение капли впоследствии дают результат. В раковине капля приобретает вид жемчуга невиданной красы:

Чу худро ба чашми ҳақорат бидид,
Садаф дар канораш ба ҷон парварид.
Сипехраш ба ҷое расонид кор,
Ки шуд номвар луълуи шоҳвор. [6, 147]

Подстрочный перевод:

Когда взглянула на себя глазами презренья,
Раковина жемчужная взрастила ее всей своей душой.
Судьба, ниспосланная сверху сделала так,
Что прославилась она блеском жемчужиной царской.

Судьба была благосклонна к капле за ее скромность, смирение и покорность.

Баландӣ аз он ёфт, к-ӯ паст шуд,
Дари нестӣ кӯфт, то ҳаст шуд. [6, 147]

И прославилась капля дождевая:

Вершину обрела, оттого, что избрала скромность,
Постучала в дверь небытия, и обрела Бытие.

Как показывает сопоставление ознобишинских строк и оригинала Саади, объединяет оба произведение одно: мысль о смирении и покорности судьбе, принятии жизни такой, какая она есть, и умении довольствоваться малым.

О качестве перевода Ознобишина можно сказать, сравнив с другим переводом этой газели Саади, выполненным Михайловым М.Л «Муслихиддин Саади».

Капля дождевая пала с тучи в море,
Где буграми волны ходят на просторе.
"Что же я-то в этой страшной бездне значу? -
Капля горевала, - здесь и жизнь утрачу!"
Раковина каплю осенила кровом...
Сберегла от смерти, от беды и страха,
И теперь та капля - лучший перл у шаха. [2]

Отметим, что в примечании к переводам из Саади Михайловым сказано: «Саади... родился в персидском городе Ширазе; первую треть жизни провел в занятиях науками, вторую - в путешествиях и военной службе, третью - в уединенном размышлении и воспоминании прошедшего; всего он прожил до ста лет Его общительный характер и путешествия доставили ему возможность близко познакомиться с людьми разных сословий и званий, с их нравами и обычаями, добродетелями и пороками. Все виденное он описывал в своих произведениях с поучительною целью». Самое известное из его сочинений - «Гулистан», собрание нравоучительных заметок, басен, анекдотов и проч.» («Подснежник», 1858, № 2, с. 3-4) [2]. Но Михайлов М. Л., говоря в примечании о дидактической направленности лирики Саади, не сумел передать философского и дидактического смысла газели - мысли о смирении и покорности судьбе и умении довольствоваться малым.

Другое стихотворение Ознобишина - «Три капельки» (1830) продолжает трактовку газели о смиренной капле, но отличается философским содержанием. В этом случае мы имеем лирическое повествование о трех дождевых каплях. Одна

[19] Перевод выполнен доцентом РТСУ Аминовым А.С.

превратилась в благоуханный эфир, другая в пучине моря стала перлом в жемчужине, третьей суждено было стать алмазом. Заключает стихотворение мысль, значение которой не трудно разгадать:

Мои три капельки не трудно разгадать,
На свете сем людей два рода:
Одни в виду, - заслуги их – порода … [3]

Но эти видимые преимущества человека уступают внутренним благородным достоинствам и качествам личности:

Алмаз и перл должно искать [3]

Говоря о философском контексте переводов Ознобишина, следует отметить, что восточные мотивы вплетались в русскую литературу на всем протяжении ее развития. Так, например, тема рока и судьбы, мотив увядания и скоротечности бытия имеют восточное происхождение и по-разному интерпретированы в творчестве русских поэтов. Мотив увядания жизни звучит и в стихотворении Ознобишина «Суетность красоты» (1827), с примечанием: «Подражание Саади»:

Други, прелесть дар опасный,
С ней любимец молодой
Полн беспечности живой;
Но слетит, и лик прекрасный
Улыбавшийся и ясный
Отуманится тоской. [3]

На наш взгляд, внимание переводчика привлекли ориентальная тема рока, мысль об изменчивости жизни, которая приводит восточных поэтов к предостережению вверяться судьбе. Стихотворный перевод Д.Ознобишина «Обращение к душе» (1827) имеет сноску «Из Саадиева Пенд-наме»

Всё заклала ты страсти,
Принесла суете;
Ни минуты единой
В удел правоте.
Не вверяйся сей жизни -
Проходит она;
От судьбы берегися,
Судьба неверна. [3]

Констатируя особый интерес Ознобишина к назидательности произведений Саади, обратимся и к другому вопросу. Восточный мир, осознает переводчик, - это иная культура, менталитет и вероисповедание. Однако в ней содержатся мотивы, имеющие общечеловеческое звучание, например, коранические. Использование коранических мотивов и было характерно эстетике европейского романтизма, утверждающей об универсализме литературы, неделимости и исконной духовной общности народов Азии и Европы.

Коранические мотивы привлекали внимание многих русских ориенталистов. «Тенденция к увеличению переведенного «восточного» материала, корреспондирующего с исламом, в русской литературе стала заметна уже в XVIII веке, когда появились первые переводы Саади (умеющего «развлекать наставляя и наставлять развлекая»), на рубеже XVIII — XIX веков публикуются в журналах «Из Садия» («Приятное и полезное препровождение времени», 1794, ч. 1), «Восточная басня славного Саади», перевод с французского А. Котельницкого («Приятное и полезное препровождение времени», 1796, ч.12), «Басни восточного философа Саади» А. Котельницкого («Библиотека ученая и экономическая», 1797, ч. 14)» [3]. Поэтому обращение ориенталиста – пропагандиста Ознобишина к кораническим мотивам в творчестве Саади Шерози является закономерным. Из Саади взяты два стихотворения Д.П.Ознобишина - «Утренняя песнь соловья» (1826) и «Вольная птичка» (1829). Оба произведения объединены одной идеей: человек должен помнить о боге, благодарить его и быть признательным. При этом истоки данных стихотворений Саади в главе второй «Гулистана» «О нравах дервишей».

Кроме того стихотворение «Вольная птичка» имеет сноску «Из Саадиева Гюлистана. Книга 2-я»:

Я на заре последней ночи
Песнь вольной птички услыхал;
Как звук был сладостен! - мне в очи
Слеза прокралась - я взрыдал. [3]

На вопрос друга, что послужило причиной волнения, рассказчик ответил:

- Ах, я сказал, певец воздушный
Пел славу Бога в вышине;

Как мог я слышать равнодушно,
Молчать возможно ль было мне! [3]

Источник перевода - двадцать шестой рассказ главы «О нравах дервишей» («Дар ахлоқи дарвешон») посвящен беседе двух путешественников. Этот рассказ состоит из двух частей – прозаической и стихотворной. Прозаическая часть полностью посвящена раскрытию причины волнения рассказчика. Ознобишин пропускает эту часть при переводе, в которой говорится о том, что рассказчик услышал пение соловья и куропатки в горах, как кричат лягушки в воде и животные в лесах. И подумал, что не человечно, если все славят бога, а он крепко спит.

Дӯш мурғе ба субҳ менолид,
Ақлу сабрам бибурду тоқату хуш. [5, 74]

Подстрочный перевод:

Вчера птица стонала на рассвете
И этим нарушила мой покой.

Далее из Саади:

Яке аз дӯстони мухлисро
Магар овози ман расид ба гӯш,
Гуфт: Бовар надоштам, ки туро
Бонги мурғе чунин кунад мадҳуш. [5, 74]

Подстрочный перевод: Кто-то из близких поклонников, видимо, услышал мой голос и сказал: я не поверю, что стоны птицы могут привести тебя в обморочное состояние.
Саади:

Гуфтам: Ин шарти одамият нест-
Мурғ тасбеҳгӯю ман хомӯш. [5, 74]

Подстрочный перевод выполнен А.С. Аминовым:

Сказал я: это не в правилах людских
Птица взвывает к богу, а я молчу.

Таким образом, сопоставление позволяет утверждать, что при переводе Ознобишин сохранил звучание и содержание оригинала.
Но в следующем стихотворении - «Утренняя песнь соловья» (Из Саадиева «Гюлистана) Д.П. Ознобишин перелагает другие строки из Саади. Переложение начинает с риторического вопроса:

Ты знаешь ли, в тени ветвей
Что песнью вторит соловей
В час утреннеющей денницы? [4]

И лирический герой отвечает:

Он в звуках сладостных поет:
"На холмы светлый день встает ..
.. Ты спишь, о смертный, и любовь
Твоей души не согревает;
Лишь негою безумной кровь
В груди бесчувственной пылает! [4]

И звучит упрек соловья:

Один ты утра в час златой
Хранишь суровое молчанье. [4]

Это вольный перевод двадцать седьмого рассказа из той же главы «О нравах дервишей». Как и предыдущий, рассказ состоит из прозаического повествования (который опять же пропущен) и лирической части. В первой части повествуется о происшествии во время путешествия паломников в Хиджаз (Ҳиҷоз): «Временами молодые люди негромко напевали и в отдельных стихах проникновенно господа бога призывали» [7, 120]. Но одному паломнику не понравились поступки спутников, так как он не знал, «как велика их душевная тревога и стремление к познанию бога» [7, 120]. Путники дошли до становища племени Хилал. Из стана вышел мальчик и «запел так хорошо, что к нему стали слетаться даже птицы из поднебесья» [7, 120]. Верблюд паломника пустился в пляс, сбросил седока и убежал в пустыню. « - О, шейх, - воскликнул я, - песня мальчика привела в восторг даже животное, а на тебя не оказала никакого воздействия» [7, 121].

Донӣ, чӣ гуфт маро он булбули саҳарӣ?
«Ту худ чи одамиӣ, к-аз ишқ бехабарӣ?!
Уштур ба шеъри араб дар ҳолат асту тараб,
Гар завқ нест туро, кажтабъ ҷонварӣ. [5, 75]

Подстрочный перевод:

Знаешь, что сказал мне тот утренний соловей?
«Что же ты за человек, коль не познал любви?

Верблюд, услышав песню бедуина, пускается в пляс,
Коль нет у тебя вкуса, ты подобен животному с кривым нравом».

Далее следует текст на арабском языке, снабженный прозаическим персидским переводом. «Бо вазиши бодҳое, ки бар марғзор мевазад, шохаҳои дарахти бон сар хам мекунад, вале санги хоро чунин намешавад, яъне сар хам намекунад» [5, 75]. Подстрочный перевод поможет понять иносказательное значение фразы: «С дуновением ветров, стремящихся в цветник, плодоносящие деревья склоняют свои головы, но гранитный камень непоколебим, то есть, головы не склоняет». Далее по Саади:

Ба зикраш ҳарчи бинӣ, дар хурӯш аст,
Диле донад дар ин маънӣ, ки гӯш аст,
На булбул бар гулаш тасбеҳхонест,
Ки ҳар хоре ба тасбеҳаш забонест. [5, 75]

Художественный перевод, завершающий рассказ:

Все в мире сущее творцу поет молебны,
Но только чуткий слух уловит лад волшебный.
Не только соловей меж роз воспел его,
Но даже шип – язык; он славит божество …[7, 121]

Как показывает сопоставление, многое Ознобишин пропустил: нет рассказа о путешествии, конфликта паломников, истории о верблюде, о плодоносящем саде, склоняющемся по воле ветра, концовки рассказа - не только соловей на розе славит бога, но и на языке у каждого шипа (на розе) имя бога. Отсутствующую часть персидского оригинала поэт заменил другим содержанием, в котором описывается начало дня и блеск лучей солнца, ветерок, ласкающий листья деревьев (передача в другой форме части рассказа в арабском звучании) и цветок, упивающийся жизнью нового дня, а также лепесток розы, который «шлет Творцу благодаренье». «Всё созданье», то есть весь мир, обрел язык и наполнен восхвалением бога. Но смысловое содержание едино - песнь соловья, в которой напоминание человеку: весь мир славит бога.

Следующее стихотворение - «Утренняя молитва» (1840) более сложное по своему содержанию и показывает глубокие познания Д.П.Ознобишина о менталитете восточного человека и мусульманского мира, а также уважительное отношение к духовным ценностям иной, восточной, культуры. Несомненно, источником этого произведения послужили мотивы не только всего творчества Саади, переводы Священной книги Коран, но и особенно - всей ориентальной литературы того времени. Ведь для того чтобы правильно трактовать коранистические мотивы, Ознобишину необходимо было знать европейские и русские научные исследования об основах Ислама.

В стихотворении разворачивается следующая картина: когда утренние лучи солнца коснутся земли, обагрится горизонт, наступает для мусульманина время утренней молитвы.

Когда с высот небес сбегает ночи тень
И горы окаймит среброгорящий день,
От ложа мирного восставши в час урочный,
Мольбой приветствую я светлый край Восточный;
Всевышний! пред Тобой я тление и прах! [3]

И человек смиренно обращается к всемогущему богу – творцу, создателю мира:

Но ты, Творец миров, источник вечных благ!
Тебе всеведомы и ум и помышленье. [3]

Человек молит о прощении грехов и просит дать силы для исполнения обязанностей:

Прости мне праздность слов и мыслей прегрешенье;
Избавь неведенья, забвенья, и в тиши
Согрей любовью преступный хлад души.
Даруй мне твердость сил свершать Твои уставы,
Из сердца отжены все помыслы лукавы. [3]

Смиренно молится о сохранении жизни («Из Книги Бытия не исключи раба»), спасения от козней и напастей:

На сердце низойди, и свет в него пролей;
Да козне лукавого в нем не пробудит страсти;
Не отвергай меня и не введи в напасти;
Но целомудрием, терпеньем осени,
И в царствии Твоем меня вспомяни! [3]

Обязанность правоверного – «молитвы и славословия богу, услужение и повиновение ему, принесение в жертву себя и довольство малым, … смирение и терпение» [7, 142]:

Дозволь любить Тебя душой и помышленьем,
Дай волю следовать во всем Твоим веленьям,
Дай послушанье мне, всели в мой разум страх!
Ты многомилостив, благословен в веках! [3]

Мотив покаяния и мольба о прощении грехов, надежда на милость бога продолжается и в стихотворении «Только сорванный лишь с ветки», которое также восходит к «Гулистану» Саади, к главе второй - «О нравах дервишей». Но рассказ Саади получил в результате сокращения переводчика другое звучание:

Только сорванный лишь с ветки,
На террасе у беседки,
Я пучок увидел роз;
С ними травка обвивалась. [4]

На вопрос, как презренная трава оказалась вместе с розой, она отвечает, что в красивом виде ей природа отказала:

Но от розы получала
Я бесценный аромат, -
Нас один взлелеял сад. [4]

Философское осмысление произведения - в осознании человеком своего места во вселенной и напоминание, что он творение бога и частичка мира, что он должен славить бога, что в наибольшей степени раскрыто в оригинале у Саади (то, что пропустил Ознобишин). Для полной картины представляется необходимым привести часть пропущенного материала:

Ман бандаи ҳазрати каримам,
Парвардаи неъмати қадимам.
Гар беҳунарам в-агар ҳунарманд,
Лутф аст умедам аз Худованд [5, 92].

Что в переводе означает:

Ничтожный раб у трона бога я,
Плод вечных благ его – душа моя.
В душе немного доблести иль много –
Но уповаю я на милость бога [7, 143].

Таким образом, можно констатировать, что Саади интересовал Ознобишина дидактической направленностью произведений и что через передачу философского содержания произведений Саади, поэт старается ознакомить русского читателя с Востоком, с менталитетом и духовными ценностями человека исламского мира и дает возможность увидеть много общего, осознать общечеловеческие ценности бытия.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев П.В. Ислам в русской литературе: рождение гипертекста. http://ec-dejavu.ru/i/ Islam.html
2. Михайлов М. Л. Избранное / Подг. текста и примеч. Г. Г. Елизаветиной. - М.: Художественная литература, 1979. http://rusbook.com.ua/russian_ classic/mihaylov_ml/perevodyi.9823
3. Ознобишин Д. П. Стихотворения. Проза. В двух книгах. Книга первая. Издание подготовили Т.М. Гольц, А.А. Гришунин, Н. Н. Холмухамедова. – М.: Наука, 2001. -http: kniga.zet - dshinin.ru/modules.php?d_op=vie...
4. Ознобишин Д. П. Стихотворения. Проза. Книга 2. Стихотворения разных лет. Поэмы. Проза. Издание подготовили Т.М. Гольц, А.А. Гришунин, Н. Н. Холмухамедова. – М.: Наука, 2001. -http: //ozon.ru/context/detail/id/15561...
5. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. –с.231
6. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.-с. 291
7. Саади Мушрифаддин. Гулистан. Розовый сад. Перевод с перс. Рустама Алиева. Перевод стихов Анатолия Старостина. – М.: Художественная литература, 1957. –с.323
8. Саади Ширази. Бустан. Перевод В.Державина. - Душанбе: Ирфон, 1971. –с.451

МОТИВЫ ПОЭЗИИ САДИ ШЕРАЗИ В ЛИРИКЕ Д.П. ОЗНОБИШИНА

Статья посвящена переводам Д.П. Ознобишина из персидско-таджикской литературы, в частности из «Бустана» и «Гулистана» Саади. Сопоставляются переводы писателя с оригиналом; с опорой на подстрочные переводы, выявляются темы, идеи, мотивы, заимствованные и использованные в переложениях Д.П.Ознобишиным.

Ключевые слова: Д.П. Ознобишин, Саади Шерази, русско-восточные литературные связи, русско-таджикские литературные связи, легенда о смиренной капле, коранические мотивы в русской литературе XIX века.

MOTIVES OF POETRY OF SAADI SHERAZI IN OZNOBISHIN LYRICS

The article is devoted to D.P. Oznobishin's translations from the Persian-Tajik literature in particular from "Bustan" and "Gulistan" Saadi. The translations of the writer are compared with the original on the base of word for word translations, subjects, ideas, the motives borrowed and used in versification by D.P. Oznobishin.

Key words: D. P. Oznobishin, Saadi Sherazi, Russian-east literary communications, Russian-Tajik literary communications, legend of a humble drop, Koranic motives in the Russian literature of the XIX century.

Сведения об авторе: Рахманов Бахтиер Рузикулович- кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы Российско-Таджикского (славянского) университета**.** Телефон: **(+992 37) 227 49 67.**

НАЗИРАСАРОЙ ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ XV

Салоҳиддини Ҷомӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Он чи пеш аз ҳама таваҷҷуҳи муҳаққиқонро перомуни вазъияти адабиёт дар асри XV ба худ маътуф намуда, баҳси сурудани ашъор дар навъи назира мебошад. Чунончи, ба сурати ғайримустақим рӯҳи пайравӣ ва гароиш ба назирагарой ғайр аз адабиёт дар ағлаби соҳаи улум ва арсаҳои ҳунар, чун меъморӣ, наққошӣ ва мусиқиро ҳоким будааст ва ин амр бо таваҷҷуҳ ба талхис ва шарҳбандиҳо дар ҳавзаҳои мухталиф дар ин аср мушаххас ва ҳувайдост. Аммо ба сурати хос сароиши назира дар шеъри ин давра, чӣ дар маснавиҳову қасоид ва чӣ дар ғазали ин аср яке аз машғалаҳои ҷиддии шуаро ба шумор мерафт, то он ҷо ки бахши қобили мулоҳизае аз маҷмӯаҳои ғазали ин даврараро навъе назира ба худ ихтисос додааст. Бад-он ҳад, ки ин амр яке аз вижагиҳои боризи мактаби адабии Ҳирот ба шумор меравад.

Ба ин гуна ибтидо ғазалсароёни машҳуре аз нимаи аввали асри XV чун Амиршоҳии Сабзворӣ, Котибии Туршезӣ... аз нимаи дувуми асри XV Ҷомӣ, Риёзӣ, Осафӣ, Навоӣ, Ҳилолӣ ва... ба улгуҳое монанди Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҳасан, Камол ва... таваҷҷуҳ намуда, ба истиқболашон даст ба сароиш заданд, то ҷое ки се чаҳорум девони Навоӣ ба навъи назира ихтисос ёфтааст.

Ин гароиши ҷиддӣ ва пардохтани шуаро ба жанри назира ағлаб муҷиб гардидааст, ки муҳаққиқон бо таваҷҷуҳ ба мавҷудияти алфоз, тасовир ва тимҳои суннатӣ ва дар кул, ашъори истиқболия шеъри ин даврараро тақлиди кӯркӯрона ва навъе нусханависӣ муаррифӣ кунанд, то ҷое ки бархеҳо адабиёти ин асрро аз ҷиҳати ибдоъ ва навоварӣ фоқиди арзиш донистаанд. Ба назари иддае аз пажӯҳишгарон ағлаб осори ин давра чизе болотар аз тақлиду офаринишгарони ин аср муқаллидоне беш набуданд [12, 229; 2, 230; 10, 228; 8, 211/420].

Ин дар ҳолест, ки мунтақидони ин давра нахуст, бидуни таваҷҷуҳ ба авомили гароиши сарояндагон ба назирасарой ва ниёзи аср бад-он ибрози ақида намудаанд.

Нуктаи дувум, ин ки ин дидгоҳҳо бо нигоҳи таҳлилӣ ва интиқодии ашъор ва ҳамчунон баррасии муқоисавӣ бо нусхаҳои улгу сурат нагирифта, то чанду чуни миёнаҳо ва аносири бадеӣ ҳунарии онҳо барҷаста гашта, ҷойгоҳи воқеии онҳо намудор шавад.

Савум, ин ки ағлаби ин дидгоҳҳо бидуни дарназардошти шароити вижаи адабӣ-фарҳангии ҳамон аср ва бо меъёрҳои имрӯзӣ матраҳ гардидааст. Бинобар ин, дар ин мақола кӯшиш ба амал омада, то нахуст бо тарҳи мухтасари бархе дидгоҳҳо дар пайванд ба вазъияти адабии аср, авомили гароиши шуаро ба сурудани назира ва хусусияти он баррасӣ гардад, сипас, мавҷудияти жанри назира дар давраи мавриди назар ба унвони василае дар ҷиҳати ҷилавгирӣ аз инҳитоти адабии аср мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

2.Тарҳ ва баррасии дидгоҳҳо

Дар ибтидо ба сурати мухтасар ба тарҳи бархе аз назариёт пардохта мешавад, ки ағлаб соҳибони онон бар онанд, то бо навъе фарофиганӣ ва куллигӯйӣ адабиёти асри XV-ро ба якбора тақлидӣ, фоқиди сабку аносири бадеи шеърӣ ва дур аз ҳар гуна ибдоу навоварӣ ҷилва диҳанд, то ба он ҷо ки Мавлоно Ҷомӣ низ ба унвони

сукондори арсаи адаб бо ҳамаи корномаи дурахшони илмию адабиаш аз ин қазоватҳои ғайримунсифона ба дур намондааст.

Саид Нафисӣ дар “Таърихи назму наср” дар хусуси чигунагии шеъри форсӣ дар асри XV чунин ибрози ақида мекунад: “Дигар аз хасоиси шеъри форсӣ дар қарни IX-ро (асри XV) ин аст, ки рӯҳи тақлиду пайравӣ аз сабки шуарои бузург, ки дар натиҷаи нотавонии сарояндагон аз падид овардани сабкҳои хос ба худ дар қарни ҳаштум ривоҷ гирифта буд ва махсусан, муқаллидони сабки Саъдӣ ва Низомӣ дар он замон рӯзафзун буданд, дар ин давра низ шадидтар шуда ва аз он ҷумла касоне, ки аз сабки Низомӣ пайравӣ карда ва ба тақлиди ӯ маснавиёте сурудаанд, ҳар рӯз бештар мешудаанд ва ин ки дар қуруни баъд низ ин равиш дар шеъри форсӣ давом дорад, дунболаи мустақими қарни IX-ро аст” [12, 229-230].

Ҳамчунон Муҳаммадтақӣ Баҳор дар “Сабкшиносӣ” менависад: “Адабиёти ин аср холӣ аз сароҳатҳо ва шуҷоатҳои адабист ва рӯҳи ҳақиқии шеър, ки дурахшидани маънӣ ва ҳақиқат аз алфоз бошад, дар ҳеҷ яке аз осори он вақт пайдо намешавад” [2, 228].

Доктор Тамим Дорӣ дар “Таърихи адаби порсӣ” низ ин назарияро матраҳ мекунад, ки “ғазал баъд аз Ҳофиз ба роҳи инҳитот рафт ва шоирон бештар муқаллиди сабкҳои пешиниён будаанд, то мабдаи сабкҳои ҷадид ва ҳунарӣ” [4, 226].

Доктор Дориюши Сабур дар “Офоқи ғазали форсӣ” низ пас аз баррасии шароити сиёсӣ-иҷтимоии аср дар хусуси забони ғазали ин давра ин гуна ибрози назар менамояд: “ Бадеҳист, бо он аҳвол ва андешаҳо ва забоне, инчунин ғазали форсӣ дар чи роҳе хоҳад рафт ва чи гуна мафоҳиму маонӣ дар он бо забоне фурӯафтода ва нохушоянд ва таобире норасо ва дур аз зеҳн ва гаҳ-гоҳ печида ва луғзмонанд ҷилва хоҳад кард” [10, 420].

Алиасғари Ҳикмат нависандаи китоби “Ҷомӣ” дар хусуси ғазалиёти Мавлоно чунин ишора дорад: “Ғазалиёт, ки умдаи девонро ташкил медиҳад ва он иборат аст аз ғазалиёте, ки ғолибан, балки тамоми онҳо аз ҳафт байт зиёд нест ва муштамил аст бар маонии ошиқона ва латоифи орифона, аммо камтар мазомини бикру афкори тозаро мутазамин аст” [8, 211]. Ҳошими Разӣ – мусаҳҳеҳи девони Мавлоно Ҷомӣ низ аз “фиқдони шоире бузург ва номӣ” ва низ “набудани сабки хосу мумтоз” дар ин аср ёд карда, шоиронро дунболарав тақлидгар мехонад [5, 71]. Мударриси Гелонӣ низ дар муқаддимаи маснавии “Ҳафт авранг” дар хусуси Ҷомӣ ба адами ибтикор ва сабки ӯ чунин мепардозад: “Ҷомӣ бо ҳамаи ин муаллифоти илмиву фаннӣ дар шеваи назму наср ҳунарманде мубтакир ва мубдеъ ва сабки тоза ба шеваи нав надорад, балки шахсе муқаллид ва дар тақлид комилан устод ва ҳунарманд аст. Аз ин лиҳоз, бар дигарон мазияте ва бартарие надорад” [6, 19]. Семёнов сирфан, ӯро муқаллиди устодони бузург шумурдааст: “Ҷомӣ танҳо муқаллиди Низомӣ, Хусрав ва дигар саромадони бузург аст” (Ба нақл аз Сатторов) [14, 35] ва аз ин қабил метавон аз “Таърихи адабиёти Эрон” аз Доии Ҷавод, “Таҳаввули шеъри форсӣ”-и Зайнулобиддини Муътаман, “Тазкира”-и Аҳмадӣ ва “Сайри сухан”-и Ҳусайни Размҷӯ ва дигарон ном бурд [1, 359], ки дидгоҳе мушобеҳи он чи дар боло зикр шуд, доранд.

Мутаассифона, дар ҳамаи ин қазоватҳо на ба асл пардохтан ба мутун аз диди адабиётшиносӣ таваҷҷуҳ гардида ва на ҳам таҳзия ва таҳлили осор бо рӯйкарди нақдмадорона сурат гирифтааст. Бинобар ин, бештари ин назарияҳо мубтанӣ бар шеваҳо ва усули нақди адабӣ набуда, фоқиди истидлолҳои илмиву адабиётшиносӣ мебошанд. Ағлаб, иттико ва мабонии ин теорияҳо бар меҳвари мавҷудияти жанри нақиза ва таваҷҷуҳи зиёди шуарои асри XV ба ин навъи шеърӣ устувор аст. Нуктаи қобили зикр ин аст, ки дар басо маворид ин дидгоҳҳо ба сурати куллигӯйӣ ва нусхабардорӣ аз навиштаҳои якдигар матраҳ шудааст.

Чунончи, Бертелс муътақид аст: “Таърихнависӣ ҳангоми чунин арзёбии куллӣ дар беҳтарин сурат метавонад муҳтавои осори бузургтарро ба таври иҷмол бозгӯ кунад ва ба баррасии ҷузъиёти он коре надошта бошад, бозгӯ кардани муҳтаво бад-

он анҷомидааст, ки мушаххас гардида, чунин мавзӯе пештар низ ба василае ин ё он муаллифи эронӣ дар миён ниҳода шудааст. Натиҷагирӣ худ ба худ маълум аст-асари бикр нест ва аз ин рӯ, арзиши чандоне надорад" [3, 520].

Нуктаи дигар ин ки ағлаби ин назарияҳо бо мавозину меъёрҳои адабии ҷаҳони муосир ба санҷиш гирифта шудааст. Ҳол он ки барои нақду таҳлили осори ҳар давра лозиму зарурист, то шароити фарҳангӣ-адабии ҳамон аср ва ҳамон ҷуғрофия, ки дар он офаринишгарон ба сароиш даст ёзиданд, мадди назар қарор гирад. Зеро таъсири шароиту фазоҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳатто ҷуғрофиёӣ дар эҷоди як асари адабӣ инкорнопазир аст.

Бертелс аз корбурди меъёрҳои имрӯзаи Ховарзамин дар нақду таҳлили давраҳои классикии шеъри форсӣ ба унвони навъи сӯйтафоҳум ёд мекунад: "Ин назария самараи сӯйтафоҳумест, комилан равшан, зеро ховаршиносон ҳангоми наздик шудан ба адабиёти Машриқзамин меъёреро, ки ҳангоми арзёбии осори адабии Бохтар ба кор мебаранд, мавриди истифода қарор медиҳанд" [3, 519].

Албатта, дар ин миён муҳаққиқоне ҳам ҳастанд, ки ба таҳқиқи мубтанӣ бар осори бачомонда аз ин давра пардохтанд, ки албатта, ба натоиҷи мутамоизе расиданд. Аз ин миён доктор Сафо дар заминаи шеъри ин аср чунин ақида дорад: "Шоирони ин аҳд (Темуриён) бо баъзе хурдагириҳо, ки бар он шуда, бар рӯйиҳам аз бисёр ҷиҳат бо шоирони давраҳои баъд аз худ тафовут ва бар онҳо бартарӣ доранд.

Нахуст, он ки гӯяндагони ин даврон ҳанӯз бозмондае аз мероси фасоҳати қудаморо дар ихтиёр доранд ва иқдоми онон ба истифода аз забони аҳди худ дар марҳаллаи шурӯъ ва оғоз аст ва ҳанӯз гӯянда дар басе маворид аз риояти мавозини суханварӣ оҷиз нест. Дар қисмати бузурге аз ин давра шоирони хубу номоваре зиста ва осори бадее дар анвои шеър падид овардаанд, монанди Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, Қосимуланвор, Озарии Тӯсӣ, Исмати Бухороӣ, Бӯисҳоқи Атима, Баҳоуддин Барандии Хуҷандӣ, Котибии Нишопурӣ, Амиршоҳии Сабзворӣ, Ибни Ҳисом, Осафии Ҳиравӣ, Биноии Ҳиравӣ, Амир Ҳумоюни Исфароинӣ, Бобо Фиғонӣ, Аҳлии Туршезӣ, Аҳлии Шерозӣ, Рустами Хуриёнӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Унсӣ, Ҳилолӣ, Масеҳӣ, Доӣ... Ӯ ҳамчунин аз алқобе чун "ҳофизони воқеии забон", "нигаҳбонони суннати адабии қадим" барои шоирони ин аср истифода карда ва нуқси андаки шеъри ин даврароро маълули шароити сиёсӣ-иҷтимоии замон медонад" [11, 169-170].

Вале бо ин ҳама, нуктаи қобили зикр ин аст, ки агар дар ҳар давраи шеърӣ мелоки таҳқиқро бар абёти заифу сарояндагони фурӯдаст қарор диҳем, натиҷа ҳамон аст, ки бархе муҳаққиқон ба асри XV нисбат додаанд. Чунонки агар ин амрро ба давраи Ироқӣ низ нисбат диҳем, яъне сирфан, ба баррасии абёти заифи ин давра аз девони шуаро бипардозем, қатъан натиҷа матлубтар нахоҳад буд. Аз тарафе камияти болои шеър дар ин аср муҷиб шудааст, то корҳои асилу ҷиддӣ таҳтушшуои маворидиноқобилу ғайриҳунарӣ воқеъ гардад.

Бинобар ин, лозим ва зарур ба назар мерасад, то адабиёти ин аср ба дур аз ҳар навъ эъмоли салиқа ва эҳмол дар пажӯҳиши мутун мавриди бозбинӣ ва таҳлил қарор гирад, то арзишҳо ва аносири ҳунарии нуҳуфта дар он мутабориз гашта, ин давраи пурбор ва арзишманди адаби порсӣ аз ҳолаи норасои тақлид, ки бар он печида шуда, ҳар чи бештар ҷилва намояд.

1. Назира, хусусиёт ва ниёз ба он

Барои назира ва муодилҳои ин мафҳум дар асри XV истилоҳҳои гуногуне ифода мешуда, чунонки Мавлоно Ҷомӣ истилоҳҳое чун татаббӯъ, муқобала, тариқ, тавр, тарз, салиқа ва услубро ба кор мебарад ва алабтта, дигарон, чун Навоӣ аз муодилҳои бештаре суд мебурданд, ки таъйини ҳудуду моҳияти ҳар як аз ин истилоҳҳо мусталзими таҳқиқи вижа дар ин бахш мебошад. Аммо беш аз ҳама, истилоҳҳои татаббӯъ ва ҷавоб аз корбурди бештаре дар муодилат ба истилоҳи назира бархурдор будааст [1, 365].

Дар муаррифӣ ва таърифи назира Аълохон Афсаҳзод дар китоби "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV" мегӯяд: "ҳамон амали эҷодист, ки шоир

барои исботи қувваи табъ, қудрати тахайюл ва маҳорати офаринандагии худ ба осори беҳтарин суханварони забардасти пешин ва ё муосири худ ҷавоб мегӯяд. Ин ҳодиса метавонад, ки бо ихтиёри худи назиранавис рух диҳад, мумкин аст, ки он чун санҷише аз тарафи касони дигар гузаронда шавад ” [15, 114].

Аммо дар хусуси вижагиҳо ва корбурди назира дар асри XV ва ҳокимияти бечуну чарои ин навъи адабӣ ба сурати мухтасар бояд хотирнишон намуд, ки дар асри XV бар колбади фароянди адабӣ ҳаёти тоза дамида шуд. Бинобар ин, барои шукуфоӣ ва равнақи низоммандии шеъру адаб, ки мубтанӣ бар усулу мавозини адабиётшиносӣ бошад, ниёзи мубрам ба таҷоруб, андеша ва осори гаронсанги устодони салаф буда, то бо корбаст ва тадовуми ҳинҷорҳои пазируфташуда ва суннатҳои ҳокими адабӣ дар заминаи офариниши осор, адабиёт масири мантиқӣ ва сайри такомулии худро ба гунаи низомманд тай намояд.

Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба назира худ кӯшише буд, то ҷараёнҳои адабӣ дар партави улгуҳои муносиб ва дар чорчӯби меъёрҳои адабии пазируфташуда дар ростои таҳаввул ва такомул гом бардошта, аз инҳитоте, ки дар ҳоли зуҳур буд, фароянди адабии асрро муҳофизат кунад. Ҳарчанд баҳси вуҷуди назира ва корбурди фаровони он дар асри XV заминаи сӯйтафоҳумҳоеро дар хусуси тақлид ва адами ибтикори сарояндагони ин аср эҷод намудааст, аммо агар ба сарфи мавҷудияти навъи шеърии назира битавон осори давраеро тақлид хонд ва офаринишгаронашонро муқаллид, бояд гуфт, ки корбурди назира сирфан мунҳасир ба асри XV набудааст, балки дар давраҳои қаблӣ низ шуарои зиёде дар ин навъ табъозмоӣ карданд. Чунончи, “орзуи ғазали Рӯдакивор кардани шоирон ба қадимӣ будани ин суннат гувоҳӣ медиҳад” .

Ҳамчунон пайравиҳои зиёд ба “Шоҳнома” ва истиқболияҳои Саъдӣ аз Анварӣ ва назираҳои Ҳофиз ба Саъдӣ, Хусрав Камол ва Хоҷу муайяди мавҷудияти навъи шеърии назира дар он аср мебошад. Шеъри маъруфи “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён”- и Рӯдакӣ то даврони муосир мавриди истиқболу ҷавобгӯйӣ воқеъ мешавад, чунонки аз Муиззиву Адиб Собир гирифта, то Саноиву Мавлоно ва Сурӯши Исфаҳонӣ ва боз Маликушшуаро Баҳор ва Абулқосим Лоҳутӣ бар он ғазал ё қасидаи ҷавобия навиштаанд [1, 364].

Сайфи Фарғонӣ, ки муосири Саъдӣ буд, дар ҷавоби як қасида ва ёздаҳ ғазали Саъдӣ навду як қасидаву ғазал сурудааст, ки аз ин даст мисолҳо дар давраҳои шеърии адаби форсӣ бисёр фаровон аст. Аз ин гузашта, ин падида дар тамоми адабиёти ҷаҳон ба унвони навъе ваҳдат ва ҳамбастагӣ ва дар воқеъ, истимрори суннатҳои адабӣ матраҳ будааст. Аммо дар ин шакке нест, ки корбурди фаровони назира дар асри XV, бавижа нимаи дувуми он ин навъи шеъриро табдил ба суннати ҳокими адабӣ намуда буд.

Аз сӯйи дигар сурудани ашъор ба сурати назира дар ин давра ағлаб ба ҷиҳати қувваозмоӣ буда, ки шуаро ё худ бад-он иштиғол меварзиданд ва ё ҳам ба ширкат дар ин навъ мусобиқаи адабӣ тавзиф мегардиданд. Тавре ки Абдуннабӣ Сатторзода муътақид аст: “Ба шеъри шоирони номии гузашта ҷавоб гуфтан дар асри XV аз “камоли назм” ба ҳисоб меомад ва маънои мусобиқа кардан дошт. Шоире, ки дар гуфтани ҷавоб қодир буд, сазовори шуҳрат мегардид” [14, 73-74]. Чунонки амир Алишер Навоӣ шуаророро ба татаббӯи ғазали зуқофиятайни Ҷомӣ водор менамуд ва ҷиҳати ташвиқ ба сароишгари муваффақ сила медод [13, 347-348].

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” дар хусуси озмудани Мавлоно Йанбарии Нишопурӣ менигорад: “Марде омӣ буда, аммо дар шоирӣ ҳидояте ва бахшише ёфта буд. Қасоидро маҳкаму пурмаонӣ мегӯяд ва баъзе афозил дар кори ӯ мутаҳайир буданд ва ӯро дар ҷавоби қасоиди акобир имтиҳон мекарданд ва сухани ӯро маҳкам меёфтанд” [9, 527].

Албатта, ағлаб дар доварии ашъори ҷавобия дар назар гирфтани се меъёр асл буда: дар маонии бикр, равон ва ба фаҳми хонанда наздик ва ибдоу навоварӣ дар корбурди санооти бадеӣ [1, 362]. Ин рақобатҳои офаринишӣ дар қолаби назира то он

ҷо таъмим ёфта буд, ки маъмулан, шуаро ҷиҳати тасбити ҷойгоҳи адабии хеш дар ҷомеа ба сурудани ҷавобия мубодират меварзиданд. Бад-ин маъно, ки ҳар гоҳ шоире ба он андоза аз эътимод ба нафсу баландии табъ ноил мегашт, то дар зумраи устодони вақт ба ҳисоб ояд, ҷиҳати тасбити мавқеият ва маҳорати адабии хеш ба сурудани ашъори ҷавобия рӯй меовард, то бо берун омадан аз ин озмун ва зайни таъйиду таҳсини силсиладорони арсаи адабро бо худ дошта бошанд.

Муваффақият дар ин қувваозмоиҳо коре бас душвор буда, зеро шоир мукаллаф мегардид, то бо интихоби беҳтарин ашъор аз машҳуртарин устодони пешин ва ё муосири хеш бар он назирае бисарояд. Ин суруда бояд ба ҳамон вазн, қофия, радиф ва мавзӯи эҷод ва шоир қудрату тавоноии худро бо шеъри улгу ба намоиш мегузошт.

Дар санҷишу доварии ду шеър, яъне ҷавобия ва шеъри улгу меъёре, ки аз ҷониби устодон дар назар гирифта мешуд, басе душвор буд. Чунонки мавлоно Ҷомӣ ақида дошт, ки шеъри ҷавобия бояд аз сармашқ бартарӣ дошта бошад ва агар бартар набошад, ақаллан ҳампоя бо шеъри сармашқ бошад [1, 309].

Аз ҷонибе душвории кори шоир бештар дар маҳдудиятҳое буд, ки барояш вазъ мегардид, бад-ин маъно, ки ӯ мукаллаф буд, то ҳар гуна ибдоу навовариро дар ҳамон чорчӯбаи мушаххас ва муайяншуда эҷод намояд, ки баромадан аз уҳдаи ин амри муҳим худ мубайини тавоноӣ ва қуввати табъи офаринанда аст.

Дар иртибот ба нақши назира ба унвони омили боздорандаи адабиёт аз масири инҳитот бояд дар назар дошт, ки дар замони Ҷомӣ ва ҳатто қабл аз ӯ ва бахусус, дар нимаи аввали асри XV шеъру шоирӣ ба сурати физояндае умумият ёфт. Ин худ муҷиб гашт, то шеър дар байни аҳли бозор, касаба ва афроди камсавод низ таъмим ёбад.

Бинобар ин, рӯй овардани афроди камсавод ва каммоя ба ин шуғл хатари ҳамворсозии масири инҳитотро барои фароянди адабӣ беш аз пеш наздик намуд. Мавлоно Ҷомӣ ба унвони ҳомӣ ва мураббии ҷараёни адабӣ бо ташхиси ин осеб дар адабиёти замонаш худро мукаллаф бад-он донист, то бо ташвиқи шоирон ба татаббӯи осори арзишманди устодони тавонои гузашта ба ҳифзи суннатҳои адабӣ бипардозад. Лизо, бо тарғиби шуаро ба таваҷҷуҳ намудан ба ашъори волои гузашта ва ҷавобгӯйӣ ба он осор кӯшид, то адабиётро ба масири аслии он ҳидоят намояд.

Мавлоно Ҷомӣ аз сӯе низ бо навиштани шарҳҳо бар осори тасаввуфӣ, каломӣ ва ирфонӣ ва низ талхиси бархе осор, бар доштаҳои пайравони адаби асри хеш афзуд. Ӯ бо қудрату ибтикори фавқулоддаи хеш тавонист шоирону нависандагони муосирашро ба арзиши адабии осори гаронбаҳои гузаштагон ошно гардонад ва таваҷҷуҳи ҳамасрони худ ба фавту фанҳои шоирӣ маътуф созад.

Бинобар ин, бо эҷоди мусобиқоти назирасароӣ, ки худ низ дар ин амр пешгом буд, тавонист ба мудирияти ҷараёни адабии замон ноил ояд. Афзун бар ин, ӯ ба унвони пешвои адаб ва фарҳанг бо доир намудани ҷаласоти шеърхонӣ ба нақди шоирон мепардохт ва дар воқеъ, бо омӯзиши фунуни шоирӣ ва боло бурдани сатҳи огаҳии адабии сарояндагон ба рафъи ишколҳои сурудаҳояшон мепардохт, бад-он ҳад, ки аз атрофу акноф шуаро девонҳои шеърашонро ҷиҳати ислоҳу изҳори назару ташвиқу тарғиб ба вай мефиристоданд.

Ҳамаи инҳо талоше буд дар ростои ҷилавгирӣ аз инҳитоти ҷараёни адабӣ. Бинобар ин, нақши Мавлоно Ҷомӣ дар раванди эътилои шеъри форсӣ дар ин аср сахт барозанда ва арзишманд мебошад. Бинобар ҳамин, талошҳо ва роҳнамоиҳои хастагинопазири ӯ ва аз сӯйи дигар, осори гаронсангаш буд, ки на танҳо адаби форсӣ дар ин аср масири инҳитотро напаймуд, балки бо ошноӣ ба суннатҳои муфид, арзанда ва волои бузургони илму адаби салаф ва гароиш ба навгароӣ ва тозагӯйӣ ва мазомини бикру нозукхаёлӣ раванде нав дар адабиёт офарида шуд, то бад-он ҷо вижагиҳои мунҳасир ба худро ёфт, ки на танҳо метавон шеъри ин даврароз аз даврaҳои дигар мутамоиз ва мумтоз донист, балки ҳастаи асосии мактаби арзандаи "Ҳиндӣ"-ро дар шеъри нимаи дувуми асри XVва авоили асри XVI бозёфт.

Ҳосили баҳс, ин ки дар ағлаби назариёте, ки тавассути муҳаққиқин перомуни вазъияти адабиёти асри XV, бавижа ғазали ин аср ироа шуда, бештар таъкид бар

тақлидӣ будани шеър ва ҳамчунон адами мавҷудияти аносири бадеии ҳунарӣ ва ниҳоятан, фиқдони сабк дар шеър мебошад. Ин назариёт ба далоиле чанд ҷойи баҳсу гуфтугӯ доранд:

Нахуст, ин ки ағлаби ин назариёт бидуни таҳлилу баррасии адабиётшиносонаи матнҳои асилу ҳунарии мавриди назар матраҳ шудааст. Ду дигар, ин ки дар басо маворид ин теорияҳо сарфан бо назардошти мавҷудияти жанри назира ва пардохтан ва таваҷҷуҳи зиёди шуаро ба ин шева изҳор гардидааст. Се дигар ағлаби ин баррасиҳо бо меъёрҳои адабии ҷаҳони муосир ва бидуни назардошти шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи мавриди назар сурат гирифтааст. Бинобар ин, ағлаби ин назариёт аз эътибори илмию адабии чандоне бархурдор набудаанд. Ин давраи адабӣ ва осори гаронбаҳои баҷомонда аз ин аср мусталзими баррасии дақиқи адабиётшиносона мебошад.

Дар хусуси жанри назира, ки яке аз дағдағаҳои ҷиддии шуаро дар ин аср будааст, бояд гуфт, дар ин давра адабиёт ҷони тоза ёфта буд, қатъан ҷиҳати шукуфоӣ ва равнақи низоммандии шеъру адаб ва таҳаввулу такомули он, ниёзи мубрам ба таҷоруб, андеша ва осори гаронсанги устодони салаф буд, то бо корбасти тадовуми ҳинҷорҳо ва суннатҳои ҳокими адабӣ, фароянди адабиёт масири такомулии хешро тай намояд.

Биноан, таваҷҷуҳ ба назира худ талошест, то дар партави улгуҳои барҷастаи адабӣ ва меъёрҳои пазируфташуда, таҳаввулу такомули адабиёт ва ҳамчунон ибдооту навоварии шуаро дар масири мантиқӣ гом бардошта, аз инҳитоте, ки дар ҳоли зуҳур буд, ҷилавгирӣ ба амал ояд.

Дар ин миён, нақши Мавлоно Ҷомӣ ба унвони сукондори ҷараёнҳои адабии аср сахт барозанда буд, чунонки ӯ тарғибу ташвиқи шуаро ва маътуф намудани таваҷҷуҳашон ба суннатҳои адабӣ ва аз тарафе вазъи меъёрҳо дар сароиши шеър ба хубӣ тавонист, фароянди адабии замони хешро мудирият намояд.

Ҳамчунон назирасароӣ дар ин аср ҷанбаи мусобиқа ва қувваозмоӣ дошта, то ба ин васила ҳар чи бештар бар тавонмандиву иртиқои маҳорати адабии шуаро афзуда гардад. Лизо назирасароӣ бо таваҷҷуҳ ба эҷобот табдил ба суннати адабӣ гашт.

Биноан, набояд ба сарфи мавҷудияти ин суннати адабӣ осори арзишманди ин асрро тақлидӣ ва фоқиди арзишҳои ҳунарӣ донист, ки мавҷудияти жанри назира танҳо марбут ба асри XV набуда, балки дар даврaҳои қаблӣ низ ба вуфур корбурд доштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод Аълохон. Нақду баррасии осору шарҳи аҳволи Ҷомӣ /Аълохон Афсаҳзод.-Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378.-771с.
2. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ /Баҳор Муҳаммадтақӣ.- Теҳрон: Амири кабир, 1373. -Ҷ.3.- 451с.
3. Бертелс Увгений Эдвордович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷумаи Сируси Эзадӣ /Бертелс Увгений Эдвордович. -Теҳрон: Амири кабир, 1382.- 722с.
4. Тамим Дорӣ Аҳмад. Китоби Эрон (таърихи адабиёти порсӣ, мактабҳо, даврaҳо, сабкҳо ва анвои адабӣ) / Тамим Дорӣ Аҳмад. - Теҳрон: Ал-Ҳудо, 1379.-289с.
5. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Маснавии “Ҳафт авранг”. Ба тасҳеҳу муқаддимаи Муртазо Мударриси Гелонӣ / Ҷомӣ Абдурраҳмон. - Теҳрон: Маҳтоб, 1375.-1049с.
6. Ҳабибӣ Абдулҳай. Андешаи Ҷомӣ /Абдулҳай Ҳабибӣ. -Кобул, Маркази таҳқиқоти аллома Ҳабибӣ, 1384.- 82с.
7. Ҳикмат Алиасғар. Ҷомӣ /Алиасғар Ҳикмат. - Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1320.- 407с.
8. Самарқандӣ Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро /Самарқандӣ Давлатшоҳ. - Теҳрон: Асотир, 1382.- 621с.
9. Сабурӣ Дориюш. Офоқи ғазали форсӣ /Дориюш Сабурӣ. - Теҳрон: Заввор, 1384.- 610с.
10. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи ададбиёти Эрон /Сафо Забеҳуллоҳ.- Теҳрон: Фирдавс, 1369.- Ҷ.3.- 607с.
11. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ /Нафисӣ Саид. - Теҳрон: Фурӯғӣ, 1333.- 664с.
12. Зайнуддин Маҳмуд Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ба тасҳеҳи Александр Болдирев / Зайнуддин Маҳмуд Восифӣ. - Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1349.- 533с.
13. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / Абдунабӣ Сатторов. - Душанбе: Ирфон, 1975.- 111с.

14. Афсаҳзод Аълохон. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV /Афсаҳзод Аълохон.- Душанбе: Дониш, 1988.-265с.

ЖАНР ПОДРАЖАНИЯ (НАЗИРАСАРОИ)В ГАЗЕЛИ XVВЕКА

Газель - это вид лирического стиха, состоящего обычно из 12-15 бейтов. В персидской поэзии газелью называются лирическое стихотворение, в котором рифмуются два полустишия первого бейта, причём затем та же рифма сохраняется во всех вторых полустишиях каждого последующего бейта. Начав складываться в IX—X веках, своей окончательной формы газель достигла в творчестве Хафиза. Данная статья посвящена изучению искусства подражания (назирасарои) - ответ выдающимся образцам поэзии в персидской литературе **XV** века.

Ключевые слова: подражание (назира), ответ, приветствие, стиль, создание, литературный период

GENRE FOLLOW (NAZIRSARVI)IN THE FIFTEENTH CENTURY GAZELLE

Ghazal is a kind of lyrical verse, usually consisting of 12-15 bayts. Persian poetry Gazelle called lyrical poem in which rhyme two polystachia the first verse, and then the same rhyme is stored in the second politician each subsequent Bayt. Starting to form in the IX-X centuries, its final form Gazelle reached in the works of Hafiz. This article is devoted to the study of art of imitation (natharsarvi) - answer outstanding examples of poetry in Persian literature of the XV century.

Key words: imitation (Nazir), the answer greeting, style, creating, literary period.

Сведения об авторе: ***Салохиддин Джами***- соискатель Таджикского национального университета

ВАЗЪИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ, СИЁСӢ ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АДАБӢ ДАР «ТУҲФАТ-УЛ-АҲБОБ»-И ВОЗЕҲ

Оқилова Саноат
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ аз зумраи суханварон ва тазкиранигорони маъруфи асри XIX аст, ки доир ба ҳунари шоирӣ, маҳорати сухангустарӣ ва ҷузъиёти ҳаёташ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва тадқиқоти илмии замони муосир маълумот ҷой дошта бошад ҳам, дар бораи мушаххасот ва таснифоти «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и ӯ тадқиқоти ҷудогона ба вуҷуд наомадааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик доир ба ҳаёти адабию мадании қуруни XIX-XX ва як қатор намояндагони он асарҳои арзишманди илмӣ-тадқиқӣ рӯйи кор омада, паҳлӯҳои норавшан ва махсусиятҳои ҳавзаҳои адабӣ (ҳавзаҳои адабии Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Истаравшан, Хуҷанд ва ғ.) ба муомилоти илмӣ кашида шуда бошанд ҳам, лекин авзои доираҳои адабӣ ва ҷузъиёти муҳимтарини ҷараёнҳои ин давра дар мисоли «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки яке аз марказҳои муҳимми пешрафти адабиёт ва фарҳанги Мовароуннаҳр дар ин давра Бухоро ба шумор меравад. Ба ин хотир, авзои адабӣ ва доираи шоирони он низ барои такомул ва густариши адабиёти тоҷик нақши муассир дорад. Арзиши «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, пеш аз ҳама дар он аст, ки тавассути ахбори он перомуни аҳвол ва осори шоирони давра ва авзои иҷтимоӣ, адабӣ ва сиёсиву таърихӣ маълумот ба даст оварда метавонем. Зеро ағлаби иттилои ин тазкира, дар заминаи мулоқоти байни шуаро ва тазкиранигор ба амал омадааст. Яке аз масъалаҳои асосӣ ва қазияи муҳимме, ки зикраш дар тазкираи мазбур рафтааст, ин равобити ҳавзаҳои адабӣ ва муносибати байни шоирон дониста мешавад. Соҳиби тазкира баробари инъикоси авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании замони хеш, аз хусуси ҳамоҳангӣ ва иртиботи адабии миёни шоирони Бухоро бо Ҳиндустон, Эрон ва Афғонистон низ ёдовар шудааст.

Бино ба ахбори тазкираи мазкур миёни шоирони Мовароуннаҳр бо ҳавзаҳои адабии мамолики Шарӣ ҳамбастагии қавии маънавӣ вуҷуд доштааст. Ба таъбири дигар, аз хусуси шоироне, ки эрониасл буданду дар Бухоро умр ба сар бурдаанд ва ё аз муҳити Бухоро бархоста, бо сабаби номусоидии вазъи замон ба ҳалқаи адабии кишварҳои Шарқ ва манотиқи дигар пайвастаанд, дар ин тазкира маълумоти сареҳ дода шудааст. Аз ин рӯ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ҷараёни ба Хӯқанд сафар кардану билохира, ба Шаҳрисабз мақтул гаштани Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқро ба тариқи зайл тасвир кардааст: «Баъд аз чанд гоҳ ба ҳукми тақдир ва обхуриш ба Хӯқанд рафта ва қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро бо номи ҳокими он ҷо ба назм оварда, силоти вофира ва инъомоти мутакосира ёфта. Баъд аз фавти Умархон волии Хӯқанд … боз ба Бухоро руҷӯъ намуда, тараққиёту маротиби азима ӯро даст дода. Билохир, бинобар амре аз сатвати султонӣ мутаваҳҳим шуда, ба Шаҳрисабз рафта ва дар он ҷо ба қатл расид» [3, 55].

Фазоили дигари тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар фаро гирифтани масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании замон, бавижа ҷиҳати нишон додани муносибати амирон ва аҳли дарбор ба назар мерасад. Муаллифи тазкира аз хусуси муносибати амирон ба фарҳанг, адабиёт ва аҳли қалам ҳарф зада, андеша ва мулоҳизаҳои шахсии хешро баён намудааст. Масалан, перомуни рӯзгор ва осори Амир дар тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба тариқи зайл иттилоъ дода шудааст: «Амир тахаллуси Амир Умархон волии балдаи Хӯқанд аст. Миёни ӯ ва амири Саид аксар тариқи садоқат ва мавaддати маслуқ, муросилот ва мукотиботи бисёр воқеъ мешуда. Хони мазбурро бо тоифаи шуаро ва фузало муҳаббати азим буда, шабу рӯз аз вуҷуди эшон мамлӯ ва музайян, бар аксари фазоил моҳир, хусусан дар луғат ва шеър аз ҷумлаи машоҳир ва ӯро девонест ба забони туркӣ ва форсӣ ва ин чанд байт аз он ҷост» [3, 24]. Баъд ба ҳайси намуна 3 ғазал аз эҷодиёти шоир меорад.

Ҷойи дигар, аз муносибати хайрхоҳона ва таваҷҷуҳи зиёди шоҳи Эрон Хоқон нисбати шоиру нависандагон ёдовар мешавад: « …Хоқони мазкур бо вуҷуди шуғли салтанату ҳукумат ҳамвора суҳбаташ ба зевари вуҷуди фузалои номдору уламои баландмиқдор музайяну муҷалло, алалхусус тоифаи шуарроро бисёр дӯст медошта. Дар муқобили андак шеъре силоти вофира ва инъомоти мутакошира менамуда ва мегуфта, ки ин ҷамоатро бар мо миннату ҳуқуқи азим аст, зеро ки осори бинои эшон, ки дар маҷомиду маъсари мо пардохтаанд то инқирози олам боқӣ ва пойдор аст ва фавозиле, ки аз мо нисбат бо эшон мерасад, чанд рӯзе беш напояд» [3, 69].

Ҳамчунин Мавлоно Сабоҳи Бедгули Кошонӣҷ ном адиб таърихнома ва ё корномаи Хоқонро ба тариқи «Шоҳнома» дар муддати як сол шаст ҳазор байт ба назм дароварда, дар муқобили ҳар байте «як ашрафи шаш ҳазор мисқол» ба даст дароварда будааст, ки ин аз муҳаббати беандозаи шоҳ нисбати аҳли қалам далолат мекунад [3, 70].

Роҷеъ ба Мирак ном шоир низ маълумот дода, аз ҷараёни баъзе вақоеъ ва ҳаводиси ҳамон давра зикре ба миён овардааст:«Ва ҳазрати амири кабир фарзанди дилбанди рашиди худ, яъне ҳазрати амир Ҳайдар, ки машҳур ба амири Саиданд, дар назди эшон ба ҷиҳати таҳсили илм супурда. Чун Амири Саидро дар Қаршӣ ҳоким намуданд, мавлонои мазкурро ба қазо ва тадриси вилояти мазкур мансуб ва маҳсуб карда, ки тӯраи мазбур аз таҳсили илм боз намонад … Ҳазрати амири Саид ба ҳукму фармони падари бузургвор бо аскари нусратасари Қаршӣ ба ҷанги он мудаббири муфсид ба савби Ҳисор озим шуда ва мавлонои мазкурро ба амале … маъмур сохта» [3, 164-166].

Ҳамин гуна, дар тазкираи мавриди таваҷҷуҳ воқеаҳои зиёди таърихиву сиёсии марбут ба рӯзгори шоирон ба назар мерасад, ки аз аҳамияти таърихиву адабии тазкира шаҳодат медиҳанд. Аз ин хотир, гуфтан бамаврид аст, ки тазкира на танҳо ҳамчун манбаи омӯзиши масоили адабӣ, балки чун сарчашмаи таърихӣ ҷиҳати таҳқиқи давлатдории аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти зиёдро соҳиб аст.

Дигар аз ҷанбаҳои муҳимме, ки дар тазкира ба қалам омадааст, масъалаи татаббӯъ, пайравӣ ва тақлиди шоиру нависандагон ба пешиниён аст. Аз таҳқиқу омӯзиши тазкира бармеояд, ки дар асрҳои XVIII-XIX татаббӯъсароӣ хеле ривоҷ ёфтааст.

Дар таърихи адаби форсӣ татаббӯъсароӣ, ҷавобиянависӣ, тазмингӯйӣ аз анъанаи маъмуле буда, ҳар шоире ба шеъри шоири дигаре аз рӯйи иродату эътиқод ва ҳадди иқтидор татаббӯъ, ҷавобия ё тазмин навиштааст. Суханварони зиёде дар ҳар давру замон аз шоирони номвари адаби форсӣ, ки ба завқашон писанд омадааст, пайравӣ ва истиқбол намудаанд.

Дар мавриди услуб ва сабки нигориши суханварони он давра ҳаминро бояд гуфт, ки ағлаби онҳо дар гуфтани шеър татаббӯъ аз Мирзо Абдулқодири Бедил кардаанд. Дар ин бора адабиётшинос Усмон Каримов дар китоби худ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX батафсил маълумот додааст» [4, 111-151]. Ин нуктаро Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ҳангоми баёни рӯзгор ва осори шуаро, аз ҷумла Ҳиҷлати Бухороӣ, Раҳимӣ ва Хони Хӯқандӣ зимнан қайд кардааст. Масалан, доир ба Ҳиҷлати Бухороӣ чунин менависад: «… муътақиди ашъори Мирзо Абдулқодири Бедилу дар мушоираи абёти мушкилаи он хавзи балеғ дошта, табъи виқораш бар гуфтани шеър низ қудрати комила дошта ва мазмунҳои рангину алфози барҷастаи дилнишин, ки дар салобату узубат хиҷлатбахши оби ҳаёт аст, эрод намуда» [3, 65].

Аммо нуктаи дигареро низ ба назар гирифт, ки шоирони форсизабони асри XVIII ба ашъори намояндагони сабки ҳиндӣ ба мисли Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Соиби Табрезӣ ва Носиралии Сарҳиндӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардаанд.

Қорӣ Раҳматуллохи Возеҳ дар тазкираи худ доир ба сабки нигориши Мирзо Содиқи Муншӣ ҳарф зада, таъкид мекунад, ки ӯ шоири «бедилхаёлу соибмисол» аст [3, 110]. Ин гуфтаи Возеҳро бисёр шеърҳои Мирзо Содиқ тасдиқ мекунанд.

Аз маълумоти тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ бармеояд, дар эҷодиёти баъзе аз суханварон дугунагии сабк, яъне сабки ироқӣ ва ҳиндӣ ба қайд гирифта мешаванд. Мусанниф дар ин хусус, зимни баёни рӯзгор ва аҳволи Хомил, Раҳимӣ, Ғавғои Теҳронӣ, Фозил ва Масеҳои Бойсунӣ босароҳат хабар медиҳад. Масалан, Хомил ном шоирро муътақиди ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил, Навоӣ, Мавлавӣ, Ҷомӣ ва Соиб тақрир кардааст [3, 62]. Перомуни Фозил ном шоир бошад, дар рубоисароӣ рағбат доштану ба татаббуъи Умари Хайём пардохтанашро хабар додааст. Дар ин бора чунин менависад: «Аз ақсоми назм аксар рубоиро ихтиёр намуда, татаббуъи равияи ҳаким Умари Хайём мекард» [3, 138-139].

Аммо аз чӣ сабаб бошад, намунаи ашъорашро сабт нанамудааст. Инчунин, ҷиҳати истидлол як байт аз ғазали Ғавғои Теҳрониро, ки дар татаббуъи Хоҷа Ҳофиз гуфта шудааст, дар тазкира сабт намудааст:

Ёр агар ҷилва кунад, додани ҷон ин ҳама нест,
Ишқ агар хайма занад, мулки ҷаҳон ин ҳама нест (3, 126).

Ҷойи дигар, дар бораи Маҷнун ба таъбири «Ашъораш йариб ба девон расида ва маснавие ба татаббуъи Маснавии Маънавӣ Мавлоно Ҷалолудини Румӣ қуддиса сирруҳу, ба ҳамон равия тартиб дода, ҳанӯз ба итмом нарасида» хабар медиҳад [3, 161-162].

Метавон гуфт, ки адибони ин давра дар мухаммасбандӣ, татаббӯсароӣ, ҷавобиянависӣ, тазминбандӣ, назирагӯйӣ ба ашъори суханварони номвари адаби форсӣ, чун Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Соиби Табрезӣ ва Абдулқодири Бедил кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, аммо пайравӣ ба ашъори Бедил ангезаи зиёде эҷод кардааст.

Аз фазоили дигари «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар баррасии шарҳи осори адабӣ ва зикри шореҳон ба назар мерасад. Бино ба маълумоти мутахассисони соҳа, шарҳнависӣ дар ҳамбастагӣ бо фарҳангнигорӣ ва тазкиранависии форсӣ таҳаввул ёфта, шореҳон иттилои фарҳангнависону тазкиранигоронро ба ҳайси сарчашма корбурд кардаанд. Дар айни замон осори шореҳон ҷиҳати ғановати фарҳангу тазкиранависӣ нақши муассир гузоштааст. Чи хеле ки дар тазкираҳои садаи XVII аносири шарҳу тафсири маънои абёт ба мушоҳида мерасанд, ки дар адвори баъдӣ низ идомат пайдо карданд. Аз ҷумла, дар тазкираҳои Малеҳои Самарқандӣ ва Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ ҳамин вижагӣ ба зуҳур омадааст. Дар тазкиранависии қуруни XIX-XX низ ин суннати нигориш ва падидаи муҳимми адабӣ бовусъат идома ёфтааст, ки нишонаҳои онро дар «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Мирсиддиқхони Ҳашмат ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар тазкирааш перомуни адибоне, ки ба осори гузаштаи адабиёти форсу тоҷик, аз ҷумла Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Анварии Абевардӣ, Хоҷа Ҳофиз, Шайх Саъдӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон шарҳ навиштаанд, ёдовар мешавад. Дар ин маврид аз хусуси шарҳи Миракҷони Бухороӣ, ки ба қасидаи «Баҳория»-и Ҳаким Анварии Абевардӣ навиштааст, хабар медиҳад: «Дар татаббуъи қасидаи «Баҳория»-и ҳаким Анварӣ, ки фард:

Боз ин чӣ ҷавонию ҷамолест ҷаҳонро
В-ин ҳол, ки нав гашт заминрову замонро.

Қасидаи бисёр мушкил назм кард, боз онро шарҳ намуда. Бисёр зебо ва мустаҳсан воқеъ шуда ва қасидаи ҳакими мазкурро ин муҳаққар низ татаббуъ намуда, дар санъати мустаҳзод» [3, 169].

Зимни муаррифии Мирак ном адиби дигар аз хусуси шарҳе дар ҳошияи китоби «Татимат-ул-ҳавошӣ»-и Мавлавӣ Юсуфи Йаробоғӣ, ки дар баробари шарҳи ақоиди Ҷалолӣ навиштаи он маълумот додааст: «Дар мушкилотдонӣ шуҳрати эшон аз андозаи баён мутаҷовиз, хусусан дар китоби «Татимат-ул-ҳавошӣ»-и Мавлавӣ Юсуфи Қаробоғӣ, ки дар баробари шарҳи ақоиди Ҷалолӣ маъруф ва маълум аст ва дар баъзе аз ҳошияҳои мушкили китоби мазкур шарҳи муфид низ навишта ва нусхаи он чанд гоҳе ба дасти ин ҳеҷмадони водии маърифат низ мебуд. Он ҷаноб бинобар иншироҳ ва инҷилои табъ гоҳе ба шеър гуфтан муҳодират ва майл менамудаанд» [3, 163-164].

Шореҳи дигар Шавқӣ мебошад, ки «Китоби «Мухтасари Виқоя»-ро шарҳи манзуми муваффо …» намудааст [3, 101]. Мувофиқи маълумоти мусанниф Аърақ ном шоир маснавии «бисёр муфид ва шофӣ» дар шарҳи рисолаи фақеҳи Кайдонӣ таълиф намуда будааст, ки аз он чанд байтро дар тазкира сабт кардааст [3, 22-23].

Асноди фавқ шаҳодатгари он ҳастанд, ки асарҳои гаронарзиши форсӣ дорои як қатор хусусиятҳое будааст, ки дар зарфи асрҳо (бахусус, асрҳои XIX-XX) диққати як зумра суханварону шореҳонро ба худ ҷалб намуда, сабаби зуҳури шарҳномаҳои арзишманд гардидаанд.

Ҳамин гуна, шарҳнависӣ ба сифати як суннати адабию фарҳангӣ ва ҷараёни муҳимми адабиёти ин давра шинохта шуда, дар «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар баробари дигар масъалаҳои адабӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дигар аз масоили муҳимме, ки дар тазкира ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ин воқеанигорӣ ва нақлу ривояти муаллиф аз ҳаёти иҷтимоии шоирон мебошад. Барои ҳар як адиб, хоса тазкиранигор инъикоси ҳаёти иҷтимоии адибон рисолати таърихӣ ва тақозои замон буд. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ низ бо вуҷуди тасвири ҳаёти маънавию фарҳангии шоирон назари иҷмолӣ ва таваҷҷуҳи махсус ба ҳаёти воқеии суханварон зоҳир намудааст, ки ҳини омӯзиш ва таҳқиқи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и ӯ ба назар мерасад. Соҳиби тазкира ҳангоми ба қалам овардани рӯзгор ва осори як қатор суханварон, аз ҷумла Абдулқодирхоҷаи Савдо, Порсо ва дигарон вақоеи мухталифи зиндагии эшонро дар асар зикр намудааст [3, 89-90; 38-39].

Соҳиби тазкира ба масъалаҳои назарияи тасаввуф ва гироиши шоирон ба тариқаҳои сӯфия низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Таҷаллии мазомини сӯфия ва нақши онҳо дар ашъори суханварони ин давра аз таваҷҷуҳи хос ба тасаввуф ва ирфон дарак медиҳад. Чи хеле аз таърихи адабиёт маълум аст, дар ҷаҳоншиносии адибони нимаи якуми асри XIX ҳангоми рӯ овардан ба эҷодиёти шоирони адабиёти давраи классикӣ таълимоти фалсафаи пантеистии ваҳдати вуҷуд дигарбора нуфуз пайдо карда, дар ташаккул ва таҳаввули ҷараёнҳои гуногуни адабӣ нақши муассире гузоштааст.

Бино ба андешаи Субҳон Амиркулов дар дохили ҷараёни тасаввуфию ирфонии адабиёти нимаи якуми асри XIX ду тамоил ба мушоҳида мерасад-яке тамоили тасаввуфии динӣ ва дигаре тамоили ирфонии пантеистӣ [1, 114]. Тамоили аввал бино ба гуфти Акбар Турсунов дар заминаи тағйир ва таҳриби аслу моҳияти ҳамон ҷараёни адабие сурат гирифтааст, ки Алишери Навоӣ ҳомилони онро чун «суханварони тариқаи ҳақиқат» ба табақаи аввал ҷой дода буд ва ин ҷараёне аст, ки идеали ахлоқии он «Инсони комил» буда, бар хилофи ақидаи теосентрии ислом инсонро ҳамқатору ҳамкори Худованд қаламдод мекунад [7, 78]. Осори як бахши аъзами суханварони нимаи якуми асри XIX дар заминаи суннатҳои адабии намояндагони маъруфи адабиёти давраи классикӣ, бавижа Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки дар мавқеи ҷаҳонбинии пантеистии ваҳдати вуҷуд қарор доштанд, сурат гирифтааст ва тамоили адабиёти ирфониро дар зимн дорад. Мусаллам аст, ки шоиру нависандагони Моваруннаҳр ба осори ин ду шоиру мутафаккири номвари адабиёти тоҷику ӯзбек таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар пайравии онҳо табъозмоӣ кардаанд.

Чунонки дар боло зикраш рафт, ба ду забон эҷод кардану девон тартиб додан, хоссатан ба ин ҷараёнҳо гироиш пайдо кардани як идда шоиру нависандагон низ аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» аз хусуси пайванду гироиши шоирон ба тариқатҳо ва ҷараёнҳои мухталифи мазҳабиву динӣ ёдовар шудааст. Масалан, Зуҳурӣ ном шоирро «Марде буд таҳсили улуму хатми он намуда ва сулуки аҳли тариқату тасаввуфро ба тариқи кубурия тай карда» ба қалам овардааст [3, 114].

Ансаб ном шоирро низ аз тариқати нақшбандӣ ба шумор оварда, намунае аз ашъораш сабт кардааст, ки мазомини ирфонӣ дорад.

Чунончӣ :

Нест мазмуне, ки берун аз ғуборат гул кунад,
Метавон фаҳмид аз фақри ман истиғнои ман.
Дар биёбони талаб азбаски манзил дур буд,
Саъй бар ҷо монд санге сар кашид аз пойи ман (3, 14).

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, ки роҷеъ ба моҳияти тасаввуф сухан рафтааст, аҳли тасаввуф барои расидан ба мақсади ниҳоии худ, ба ибораи дигар, барои расидан ба ҳай бояд ҳафт водии тариқатро тай намоянд: 1. Ҷӯстуҷӯ ё худ талаб; 2. Ишқ ; 3. Маърифат; 4. Истиғно; 5. Тавҳид; 6. Ҳайрат; 7. Фақру фано. Дар порчаи шеърии фавқ шоир аз ҳафт водии тариқати тасаввуф 3-тоашро моҳирона истифода кардааст, ки аз ҳунари шоирии ӯ далолат мекунад.

Мусаннифи тазкира Сиратро «хушмуҳовара, нуктасанӣ, рамузфаҳму базлагӯй ва некӯсуҳбати васеъ ва ҳиммати манеъ дорад ва ба тариқаи аҳли тасаввуф ва таарруф дохил ва ҷамеи сулуки олияи нақшбандия тамом намуда» тасвир кардааст [3, 93].

Бино ба маълумоти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Саҳбо, Сӯфӣ, Зарир, Хомил, Ширин, Мансур, Қосим ва Фозил низ аз муътақидон ва пайравони тариқати сӯфия ва ашъорашон инъикосгари масъалаҳои диниву ирфонӣ ва тасаввуфӣ мансуб меёфтанд. Якдили Бухороиро низ аз аҳли тасаввуф тақрир намуда, ӯро «ҳақиқатмаоб, ҳидоятинтисоб, маҷмӯаи маорифу латофат, шерозабанди нусхаи зароифу авориф, гавҳари баҳрайни илму маърифат, матлаи тазаййини шариату тариқат, мадҳуши майхонаи ваҳдату ирфон, соғари раҳиқи муҳаббат ва иқони фардуссақалайн, қутбулхофиқайн» тасвир карда, аз ашъораш як ғазали сирф ирфониро ба тазкира сабт кардааст, ки аз ҳар нигоҳ муфиду арзишманд мебошад. Чунончи:

Аз барқи шиква сабз шавад марғзори дил,
Метарсам аз рақиб, насозад шикоятам.
Обод бод хонаи пири муғон мудом,
Карданд сокинони дараш гарм суҳбатам.
Бо дӯстон мутеаму бо душманон ба сулҳ,
Солори корвони ҷаҳони футувватам (3, 212-213).

Аз мазмун ва муҳтавои ашъори Хомил маълум мегардад, ки ӯ низ солики тариқати сӯфия будааст.

Хомил:

То тавонҷ хешро аз аҳли олам дур дор,
Ҳолати фақру ғанои хештан мастур дор.
То ба кай дар банди поси хотири миру вазир,
Ҷониби Ҳақ гаҳ ниёз, эй бехабар, манзур дор (3, 63).

Доираи иттилои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ баъзан вусъати бештар меёбад. Аз ҷумла, вай аз хусуси пайванду гароиши шоирони Ҳинд низ ба тариқати сӯфия хабар медиҳад. Оид ба Ниёз ном шоир ба таъбири «ашъораш мувофиқи машраби сӯфия ва аҳли ваҷду ҷазб воқеъ шуда» маълумот додааст [3, 176]. Ҳамин гуна, тасаввуф ва афкори ирфонӣ ба осори суханварони муҳити адабии Бухорои қарнҳои XIX-XX низ таъсири амиқе доштааст, ки инро метавон аз таҳқиқу омӯзиши тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба мушоҳида гирифт.

Муаллифи тазкира дар бораи шоироне, ки аз манотиқи дигар ба Бухоро ҳиҷрат намуда, ба ин ҳавзаи адабӣ роҳ ёфтаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ин шумор аз Ҷамолии Халмӣ ва дигарон метавон ном гирифт. Дар бораи Ҷамолии Халмҷ аз хусуси озими Бухоро гаштан ва ба Кармина зистану дар охир ба даргоҳи волии Ҳисор Абдулкаримбӣ омада, дар айёми ҷавонӣ фавтиданашро зикр кардааст [3, 53]. Ҳамчунин дар тазкира аз хусуси рубоии дар ҳаққи бародараш Қавомуддин навиштаи ӯро сабт кардааст, ки минбаъд тазкиранависони баъдӣ онро истифода кардаанд:

Дар фурқати ту ин дили ҳасратанҷом,
Қонеъ нашуд ба номаву пайку паём.
Кай бошад, кай, ки боз бо ҳам ҷӯшем,
То шарбати иттиҳод ояд ба қавом (3, 54).

Ҳамин гуна, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар баробари манобеи дигар моро бо рӯзгору осори шоирони қуруни XVIII- XIX ва ҳидмати онҳо дар пешрафти ҳаёти адабӣ, равобити байни суханварони Фароруд бо мамолики Шарқ ва ғайра ошно мегардонад. Ин асар аз хусуси шеъру шоирӣ, татаббӯъ ва мубоҳисаи шуаро, лаҳазоти мухталифи ҳаёти эшон, масъалаҳои муҳимми илмиву адабӣ маълумоти пурқиммат медиҳад. Зиёда аз ин, ҳунари шоирӣ, тарзи шеъргӯйӣ ва баъзе лаҳазоти зиндагии адибон бар силки таҳрир кашида шуда, инчунин ҷузъиёти мухталифи ҳаёти маданию адабии замони онҳо ва иртиботи маънавии байни суханварон таъкид гардидааст. Ин иттилоот аҳамияти адабиву таърихӣ ва илмиву амалӣ доранд.

А Д А Б И Ё Т

1.Амирқулов Субҳон. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX /Субҳон Амирқулов. - Душанбе: Дониш, 1997.- С.184.
2. Амирӣулов Субҳон. Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX /Субҳон Амирқулов. - Душанбе: Деваштич, 2005.- С.128.
3.Возеҳ Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб. Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Абдулғанӣ Мирзоев / Возеҳ Қорӣ Раҳматуллоҳ. - Душанбе: Дониш, 1977.- С.227.
4.Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIIIва аввали асри XIX / Каримов Усмон Кари.- Сталинобод: Нашр.Давл.Тоҷ, 1959.- Қисми 1.- 188с.
5 .Насриддин Абдулманнон. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик / Абдулманнон Насриддин.- Хуҷанд: 2000. -Қисми 1.-252 с.
6. Неъматзода, Турсунбой. Возеҳ /Турсунбой Неъматзода. - Душанбе: Ирфон, 1967.- С.228.
7. Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам / Акбар Турсунов. -Душанбе, Ирфон, 1984.

8. Ҳодизода Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1968.- С.291 .
9.Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик (Асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX) / Р Ҳодизода, У Каримов, С Саъдиев.- Душанбе: Маориф, 1988.- С.414.
10.Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик /Р Ҳодизода. - Душанбе: Адиб, 1999.- С.187.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО- ПОЛИТИЧЕСКОЙ ОБСТАНОВКИ И НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМ В ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИИ В «ТУХФАТ-УЛ-АХБОБ» ВОЗЕХА

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению отражения социально-политической обстановки и некоторых проблем в литературоведении в произведении «Тухфату-л-ахбоб» Кори Рахматуллоха Возеха, который представляет важную литературную ценность и историческое значение. В ней содержится богатый материал о жизни тезкире как важного научного источника в изучении представителей литературного круга Бухары XVIII-XX. Традиции составления персидских тезкире получили особое развитие и распространение в Бухаре, где были составлены многочисленные тезкире, авторы, которых пользуются большим авторитетом в персидско-таджикской литературе.

Ключевые слова: тезкире, «Тухфату-л-ахбоб» Кори Рахматуллоха Возеха, литературные круги, составление тазкире, определение стиля и манеры изложения, особенности тазкире, историческое значение

THE REFLECTION OF THE SOCIO - POLITICAL SITUATION AND SOME PROBLEMS IN THE LITERATURE IN TUHFAT-UL-AHBAB" VASEHO

his article is dedicated to study and discuss the reflection of socio-political situation and some problems in the literary work "Tuhfat-l-ahbab" Corev Rahmatullohu Vozega, which is important literary value and historical significance. It contains a wealth of material about life tazkira as important scientific source in studying the representatives of the literary circle of Bukhara XVIII-XX. The tradition of making Persian tazkira received special development and dissemination of Bukhara, where were written numerous tazkira, authors, which enjoy great authority in the Persian-Taiik literature.

Kev words: tazkira, "Tuhfat-l-ahbab" Corev Rahmatullohu Vozega, literary circles, making tazkira, the definition of the style and manner of presentation, especially tazkira, historical value

Сведения об авторе: ***Окилова Саноат*** **-** соискатель кафедры классической литературы Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ХАМРИЯИ ИБНИ ФОРИЗ ВА СОҚИНОМАИ ҲОФИЗ

Рухшона Қаландарова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Мусаллам аст, ки тӯли қарнҳои зиёд фарҳанги арабию форсӣ дар пайвастагӣ ба ҳамдигар таҳаввул пазируфта, таъсири ин ду фарҳанг ва таҷассуми онҳо дар ашъори шоирону нависандагон мавриди тадқиқот қарор гирифтааст. Ин ду фарҳанг ганҷинаи бебаҳоест, ки дар тафаккуру илмҳои беназири афроди боистеъдод пайдо гашта, дар такомули афкору пайкори ин ду миллат нақши муассир дорад. Шуарои арабу аҷам дар офаридаҳои беназири хеш, ки сарвати гаронмояи адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, тавонистаанд, нидои замонаи хешро моҳирона дар қолаби мухталифи шеърӣ шабеҳи оинаи шаффофу мусаффо мунъакис созанд. Яке аз ағрози маъмултарини шеърӣ, ки аксари шуаро дар он ҳунарнамоӣ кардаанд, ин хамриясароӣ ё худ васфи шароб ба шумор меравад, ки дар адаби форсу араб роиҷ гардида, ба ҳукми анъана даромадааст.

Дар адаби арабӣ аз даврони ҷоҳилият тавсифи бода дар ашъори шуаро ба чашм мерасад ва аз шоирони барҷаста ва тавонои араб, ки дар ин намуди шеър ҳунарнамоӣ кардаанд, метавон Аъшоро ном бурд, ки ӯ ҳамчун пешвои мактаби моддигароён маъруф мебошад. Яке аз хамриясароёни маъруф ва пайрави мактаби моддигароён дар адаби араб Абӯнувос маҳсуб меёбад, ки ӯ тавонистааст дар васфи хамр аз Аъшо фаротар равад ва васфи хамрро ҳамчун яке аз ағрози муҳим дар шеъри арабӣ истиҳлол бахшад.

Ҳамин нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар шеъри шоирони фавқуззикр бодаи ангурӣ мавриди васф қарор гирифта буд, на бодаи маънавӣ. Шоире, ки, тавонистааст, бодасароиро дар хидмати маънӣ ва ишқ и илоҳӣ тавсиф диҳад, Ибни Форизи Мисрӣ ба шумор меравад, ки дар асри XII-ум бузургтарин шахсияти исломӣ маҳсуб меёфт ва аз назари иҳота ба маротиби сайру сулуки ирфонӣ дорои мартабаю мақоми сазовор буд. Ибни Форизро метавон асосгузори “мактаби маънавӣ” дар шеъри хамрияи адаби араб номид, ки дар таҳаввули шеъри ирфонии шуарои араб нақши босазо дорад.

Дар адаби форсӣ бошад, нахустин шоире, ки дар шеъри худ бодаро васф кардааст, асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Рӯдакӣ мебошад.

Баъд аз Рӯдакӣ васфи бода дар ашъори силсилаи шоирон, аз ҷумла: шоири маъруфи асри Ғазнавиён Манучеҳрӣ, ки наметавон хамриясароиро бидуни исми ин

шоир зикр намуд, хеле зебову латиф ифода гардида, ба марҳилаи нави ташаккули худ расидааст. Ин таҳаввулот боиси он гардид, ки дар адабиёти форсӣ навъи хоссаи шеърие ба унвони “Соқинома” арзи ҳастӣ намояд. Соқинома манзумаест, ки дар қолаби маснавӣ ва дар вазни мутақориби мусаммани мақсур ё маҳзуф суруда шуда, дар он шоир зимни хитоб ба соқӣ ва шароб хостан аз ӯ ва талаби оҳанг навохтану суруд хондан аз муғаннӣ масоили мубраму мухталифи иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафию ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ифода ва ибрози ин афкору андеша ва асрору розу ниёзи шоир дар шакли хитобаҳо ба соқӣ ҷараён гирифта, имконоти баёни шоирро боз васеъ ва фарохтар кардааст.

Ба Соқинома чун падидаи нави адабӣ нахустин бор Мулло Абдуннабӣ Фахруззамони Қазвинӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тазкираеро таҳти унвони “Майхона” нигошт, ки манбаи арзишманди адабӣ маҳсуб ёфта, дар он шоирони Соқиномасаро гирд оварда шудааст. Фахруззамони Қазвинӣ дар тазкираи хеш аз ҳаёт ва фаъолияти адабии чиҳилу шаш шуарои Соқиномасаро ёдрас шуда, намунаҳоро аз “Соқиномаҳо”- и онҳо гирд овардааст. Аввалин шоири соқиномасаро дар тазкираи мазкур Низомӣ ва дувумин Амир Хусрави Деҳлавӣ ном бурда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки соқиномаҳои ин ду шоир истиқлол надошта, дар матлаи ҳикоёт барои зинати он бо чанд байти хитобӣ ба соқӣ ва муғаннӣ зикр ёфтааст. Сулаймон Совачӣ ва пас аз он Ҳофизи Шерозӣ аз нахустин касоне маҳсуб меёбанд, ки шеъри шаробро дар қолаби мустақил ва манзумаҳои ҷудогона сурудаанд. Фахруззамони Қазвинӣ ба он ақида аст, ки шакли маснавӣ ва вазни мутақориб яке аз хасоиси жанрии Соқинома ба шумор меравад [4,10-11].

Бояд зикр сохт, ки то кунун ҳамаи муҳаққиқон назари Фахруззамони Қазвиниро бобати Соқинома мавриди тазаккур қарор додаанду ба он чизе наафзудаанд. Масалан, дар “Фарҳангномаи адаби форсӣ” Соқинома чунин таъриф ёфтааст: “Соқинома (Муғаннинома) гунае манзумаи адабӣ дар адабиёти форсӣ ва ғолибан дар баҳри мутақориби мусаммани мақсур ё маҳфуз ба абёти хитобӣ, ки дар он шоир бо хостани бода аз соқӣ ва таклифи сурудану навохтан ба муғаннӣ макнуноти хотири худро дар бораи дафъи ғам, нопойдории дунё, ноҳинҷории рӯзгор... ошкор мекунад” [1].

Тавре маълум гашт, агарчи муаллиф дар вазни мутақориб суруда шудани Соқиномаро зикр кардааст, аммо Соқиномаҳои дар дигар шаклҳои адабӣ эҷод шударо низ Соқинома пиндоштааст. Аслан, агар ба таърихи пайдоиши Соқинома назар кунем, дармеёбем, ки дар асл Соқинома бо ворид шудани ақоиду тафаккури ирфонӣ дар шеър арзи ҳастӣ намуда, такомул ёфта, дорои нишонаҳои мушаххаси жанрӣ гаштааст.

Возеҳ аст, ки бода аз истилоҳоти меҳварии Соқинома мебошад, аммо бояд донист, ки дар Соқинома ғараз аз бода майи ангурӣ ё ба қавли ҳофиз“ум-мул-хабоис”набуда, балки шароби таҳури ирфонист, ки дар натиҷаи ғалабаи ишқ и илоҳӣ дар вуҷуди ошиқ пайдо гашта, қадаҳаш дили солик аст.

Зикр намудан ҷоиз аст, ки мухотаби хеш қарор додани соқӣ аз нахустин рӯзҳои пайдоиши шеъри дарӣ оғоз шуда, бо суннатҳои динию фарҳангии қабл аз исломии мо иртиботи ногусастанӣ дорад [2]. Аммо тарзи истифодаи чунин хитобаҳо дар Соқинома аз ашъори дигар фарқи куллӣ дорад. Дар Соқинома соқӣ муршид ва роҳнамои сӯйи Ҳақ буда, баъзан ба маънии Парвардигор низ меояд.

Аз бузургтарин Соқиномасароёни адабиёти форсу тоҷик метавон Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва дигаронро ном бурд. Фахруззамони Қазвинӣ дар тазкираи “Майхона”зикр кардааст: “ин лабташнаи водии мутолиа аксари давовини қудамо аз ибтидо то интиҳо гашт, аз ҳеҷ девоне Соқиномаи ба сомоне дар наёмад, магар аз Хоҷа Ҳофиз. Дар он айём Соқинома гуфтан мутаориф набуд, магар ба дастуре, ки шайхи номии гиромӣ шайх Низомӣ ва дурри дарёи маънавӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ фармудаанд” [3].

Ҳофиз барои таҳаввули мукаммали навъи Соқинома дар густураи шеъри форсӣ хидмати мондагоре ба сомон расонид, ки баъдинагон дар ин роҳ аз ӯ хеле истиқбол намудаанд.

Соқиномаи Ҳофиз дар қолаби маснавӣ ва баҳри мутақориб (фаилун, фаилун, фаилун, фаил) суруда шудааст. Мушаххасоте, ки миёни ин Соқинома ва хамрия фарқият мегузорад ва ба он шакли мустақил медиҳад, вазн ва қолаби мустақили Соқинома аст. Теъдоди абёти Соқиномаи Ҳофиз панҷоҳу ҳашт аст ва бо хитоб ба соқӣ бо ҷумлаҳои амрӣ, аммо ба мафҳум ва маънои хабарӣ ва ангезаи ташвиқдошта оғоз мегардад:

Биёр соқӣ , он май, ки ҳол оварад,

Каромат физояд, камол оварад (5, 554).

Устухонбандии шеъри Ҳофиз сарфи назар аз қолаб ва вазн бо хамрияи Ибни Фориз чандон тафовут надорад. Ҳофиз аз соқӣ бода металабад, илоҳӣ будани бода аз камол ва каромат бахшидани он ба одамӣ аз байти нахуст собит мегардад. Дар идомаи сухан баъд аз талаби бода ба тафсири он мепардозад ва дар ниҳоят ҳамчун Фориз тавсия мекунад, ки (дар ин арсаи хунфишон ва сахтгир) танҳо роҳи раҳоӣ ва тараб дар гулӯ рехтани хуни суроҳӣ ва соғар мебошад.

Ҳофиз дар тавсифи соқӣ, бода ва ҷом талмеҳоти гуногуну мутааддиди асотир ва достонҳоро мавриди истифода қарор додаст. Бо рӯзгор итоб мекунад, ба андешаи риндона ва эътиқодоти сармастони бодаи муҳаббат гурез менамояд. Мадҳи мамдуҳро низ ба арсаи шеър мекашад ва беҳтарин тавсифҳоро аз май баён медорад ва аз тамоми мазомини офаридаи табъи зарифи шоир як тасвири бисёр дилфиреб барои тавсиф ва ирсоли паёмҳои таъсиргузори худ эҷод мекунад. Ҳамчунин, лозим ба қайд аст, ки Ҳофиз аз ҷанбаҳои мухталифи тақлид баҳра ҷуста, вазн, қофия, радиф, мазмун, андеша ва фикри шуарои гуногунро низ дар ҷараёни иншои Соқиномаи худ истифода бурдааст, «аммо он чӣ умдатан аз Ҳофиз аст, намуди зарифтарин ороиши ҳунариро соҳиб буда, тарзи баён «он»-и ниҳони шеъри ӯст, ки аз ӯ шоири ҳамеша зинда бо осори нодири барҷаста падид овардааст ва шеъри ӯ беҳтарин мушаххаси зебои аст» [4].

Эҳсосоту авотифи Соқиномаи Ҳофиз бисёр қавӣ ва нерӯманд аст, ки дар ҳамон ибтидои хитоб ба соқӣ ҷилваҳои эҳсосу отифа, шӯру ҳоли шоирро мушоҳида мекунем. Шеъри Ҳофиз сарчашмаи паҳно ва густурдаест, ки аз ибтидо то ба охир ҳамон густурдагиро ҳифз мекунад. Бояд гуфт, ки табъи Ҳофиз нисбат ба Ибни Фориз аз таровиш ва ҷӯшиши қавитаре бархурдор аст.

Забони ҳар ду шоир пок ва зулол аз ҳар гуна ибҳому куҳнагароӣ ва печидагӣ буда, забони онҳо забони замони хеш аст. Вожагони хуштарҳ, мусиқии дилнишин ва сохтори ҷумлаҳо мутаносибанд. Таркибот нав ва пурмағз буда, таносуб ва саломати лафзу маънӣ дар абёти оғоз таваҷҷуҳро ҷалб месозад. Аз назари адабӣ ҳар ду манзума тасвирӣ буда, дар онҳо воситаҳои таъсирбахши сухан-сувари хаёл ва ибороти лафзию маънавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд, ки барои пуртаъсир гаштани тасвир ва ғаниву қавӣ сохтани тавсиф нақши бағоят муҳимро бозидаанд. Фикр ва андешаи ҳар ду шоир ирфонӣ буда, машраби мастиро пеша кардаанд. Ин мастӣ ҷанбаҳои ирфонӣ касб кардааст, ки хоси шеъри Ҳофиз мебошад.

Ҳар ду шоир бар ин ақидаанд, ки дар ин дунёи дурӯза бояд сармасти бодаи муҳаббат шуд ва лаҳазоти умрро бояд дарёфт.

Ҳофиз ва Ибни Фориз бебокона бар танқиди воқеоти рӯзгор ва талмеҳоти даҳр мепардозанд ва рафтори онро бо мардони озода ба тамасхур мегиранд. Дунё дар диди ин ду шоир носутуда ва яғмогар аст, ки хони шодмониро бармечинад ва аз майи шодибахши муҳаббат чизе боқӣ намегузорад ва ҷонҳои сардро аз оташи ишқ дуртар месозад. Абёти зерин бар ин маънӣ далолат мекунад:

Бидеҳ то равам бар фалак шергир,
Ба ҳам барзанам доми ин гурги пир!(5, 554,)

Ва лам юбқо минҳо ад-даҳру ғайра ҳашашаҳин,
Каанна ҳифоҳо фи судур-ин-нуҳо катму (6, 85).
وَلَم يُبقِ مِنها الدَّهرُ غَيرَ حَشاشَةٍ كَأَنَّ خِفافَها فِي صُدُورِ الشُّهى كَتَمُ

(Боқӣ нагузошт даҳр зи он ба ҷуз хасе, шабеҳи он, ки махфӣ будани он дар дили соҳибхирадон ниҳон аст-Й.Р.).

Дар ҳар ду шеър таносуби мавзӯъ, ки бодаи илоҳӣ ва муҳаббат аст, ёд ва номи сӯфиён ва орифон мазкур аст, Ҳофиз ошкор ва Ибни Фориз бо киноя ба ном ва ёду андешаи орифон ишора мекунанд:

Раҳе зан, ки сӯфӣ ба ҳолат равад,
Ба ҳастӣ висолаш ҳаволат равад (5, 552).
هَنيئاً لِأهلِ الدَّيرِ كَم سَكَروا بِها وَ ما شَرِبُوا مِنها وَلَكِنَّهُم هَمّوُا

Ҳаниан лиаҳли ад-даҳри кам сакару биҳо,
Ва мо шарибу минҳо валакиннаҳум ҳамаву (6,87).

(Хушо, ба ҳоли обидон, ки бо он сархуш шуданд, аз он нанӯшиданду танҳо онро қасд карданд-Й.Р.).

Наздикӣ, шабоҳати андеша ва ваҳдати мазмуни ҳар ду шоир падидор аст ва агар Ҳофизро муассир аз Ибни Фориз донем, иштибоҳ нахоҳем кард. Мисол, мазмуни зер аз Ибни Фориз, ки бобати шигифткориҳои майи муҳаббат месарояд, айнан дар шеъри Ҳофиз интиқол ёфтааст:

وَلَو اَنَّ رَكباً يَمَّمُوا تُربَ اَرضِها
وَ فِی الرَّكبِ مَلسوعٌ لِما ضَرَّهُ السَّمُ

Ва лав абиқат фиш- шарпи анфасу тибиҳо,
Ва фил-ғарби мазкумун лаодалаҳуш- шамму (6, 85).

Дар диди Ибни Фориз дар байти мазкур бодаи муҳаббат шифобахш буда, агар бӯйи он дар шарқи олам паҳн шавад, таъсири он то ба ғарб ҳам мерасад. Дар олами ирфонӣ шарқ маҳалли вазиши роиҳаи муҳаббат аст ва ғарб ҷаҳони воқеӣ. Ҳароина суръати интишори бӯйи хуши бодаи илоҳӣ метавонад машомеро кушода гардонад. Ин маънӣ дар андешаи Ҳофиз чунин таҷассум дорад:

Бидеҳ, то бухуре дар оташ кунам,
Димоғи хирадро даме хаш кунам! (5, 525.)!

Ибни Фориз ҳамчунин хоси мазҳаби аҳлоқӣ будани бодаро қайд мекунад:

تُهَذِّبَ اَخلاقَ النَدامی فَیَهتَدی بها الطَّریقَ العَزمِ مَن لالَهُ العَزمُ

Таҳазза ахлоқан-надоми фаяҳтадӣ,
Биҳат-тарӣ-ил-азми ман лолаҳу-л-азму (6, 86).

(Ахлоқи шахсони пушаймонро накӯгардонад, ки пас аз он ҳар кӣ аз менадорад, роҳи азм ёбад-И.Р.).

Ҳофиз низ ишора бар ин маънҷ баён медорад:

Ба ман деҳ, ки то гардам аз айб пок,
Барорам ба ишрат саре з-ин магок (5, 556).

Аз дигар авсофе, ки Ибни Фориз барои май зикр мекунад, ин аст, ки ба андешаи ӯ нанӯшидани бодаи муҳаббат бар хилофи бодаи ангурҷ гуноҳ аст. Ибни Фориз чунин мепиндорад, ки агар ёди бода ба хаёли мардуми як сарзамин ояд, ҳамаи онҳоро маст хоҳад кард ва ин на гуноҳ асту на айб.

و ان ذکرت فی الحیَ اصبح اهله نشاوی، و لا عار علیهم و لا اثم

Ва ин зукират фил- ҳайи асбаҳа аҳлуҳу,
Нашова, ва ло орун алайҳим ва ло исмун (6, 85).

(Агар ҷое ёди ӯ (яъне май-И.Р.)кунанд, аз он аҳли диёр маст шаванд, ки дар ин кор бароямон на айб асту на гуноҳ-И.Р.).

وقالوا : شربتَ الإثمَ ! كلاَّ ، وإنَّما *** شَربتُ الَّتي ، في تَركِها ، عندَيَ الإثمُ

Ва қолу шарибтал-исма калло ва иннаҳо,
Шарибтуллати фи таркиҳо индал-исм (6, 87).

(Гӯянд, ки ба гуноҳ гирифтор шудааст, на балки ман гирифтори чизеам, ки тарки он баҳри ман гуноҳ аст-И.Р.).

Ҳофиз низ толиби бадномӣ ва нанг аст ва ин андеша ҳикоят аз маломатӣ буданро дорад. Ӯ борҳо дар ғазалиёташ майли худро нисбат ба бадномӣ бозгӯ мекунад. Ин бадномӣ як навъ эътироз ба ҷаҳон буда, кӯшиши орифро барои ҳарчи бештар аз мардум гурез намудан ва пайвастан ба Ҳақ тафсир мекунад:

Ба ман деҳ, ки бадном хоҳам шудан,
Хароби маю ҷом хоҳам шудан!(,5 554).

Аз нукоти мазбур бармеояд, ки Ҳофиз дар сурудани Соқинома дар баробари хамрияҳо ва Соқиномаҳои форсӣ ба шеъри Ибни Фориз низ бетавваҷҷуҳ набудааст.

Тавре аз шарҳу тафсил ва нақди хамрияи Ибни Фориз возеҳ мешавад, тамоми сухани ӯ дар мавриди шарҳи авсофи бода буда, аз масоили фаръӣ дар хамрияи ӯ хабаре нест. Дар сар то сари хамрия васфи май ва шигифткориҳои он қарор дорад. Аммо дар Соқиномаи Ҳофизи Шерозӣ масоили фаръӣ ва ҳошияҳое, ки иртиботи дур бо бода доранд, ё тамоман надоранд, ба назар мерасад. Мисол, мадҳи мамдӯҳ, ки ҳудуди ҳафт байт аз панҷоҳу ҳашт байти Соқиномаро дарбар мегирад.

Ҳофиз дар Соқиномаи ҳуд аз мутааллиқ будани рӯҳ ба олами руҳонӣ сухан мегӯяд, аммо дар хамрияи Ибни Фориз чунин ишора ба назар намерасад. Ин амр бори дигар собитгари он аст, ки ҷанбаи ирфонии Соқиномаи Ҳофиз нисбат ба Ибни Фориз қавӣ мебошад.

Ҷу шуд боғи рӯҳониён масканам,
Дар ин ҷо чаро тахтабандӣ танам(5, 556).

Тамоми мазомини абёти ду сурудаи муштарак дар як сатҳи баён нестанд. Бахусус, Ҳофиз ба ягон хусусияти бода ишора кардааст, ки Ибни Фориз аз он чашм пӯшидааст ва он вижагӣ яке аз манбаи ихтилофи ҷараёнҳои мухталифи ирфонӣ ба шумор меравад.

Сарояндагони ҳар ду манзума ба рӯзгор муроҷиат доранд, аммо дар навъи муроҷиат ва бозгӯйи матолиби айём ҳар ду назари якхела надоранд. Ибни Фориз дар накӯҳиши рӯзгор шеваи эҳтиётро пеша карда, абёти камро ба он мебахшад, аммо Ҳофизи Шерозӣ ҷасурона ва ба сурати мухталиф ин амалро ба анҷом мерасонад. Тамоми хитоби Ҳофиз дар Соқиномаи худ ба ду нафар соқӣ ва муғаннӣ аст. Лекин

Ибни Фориз дар хамрияи худ ба соқӣ хитобе надорад ва танҳо як маротиба бо истиора аз ангушти соқӣ , ки гардонандаи шароби хуршед ва дар ҷоми бадр мунири осмон аст, ёд мекунад. Ин ишора басо зебо ва шоирона буда, ба осмонӣ будани шароби маърифат далолат мекунад, зеро тамоми ақсоми он ҷанбаи осмонӣ доранд, ба мисоли моҳ, хуршед, ситора ва ҳилол:

لَها البَدر كأسٌ و هِيَ شَمسٌ يُديرُها هِـلالٌ و كَم يبدو إذا مُـزِجَت نَجمُ

Лаҳал-бадру каъсун ва ҳия шамсун юдируҳо,
Ҳилолун ва кам ябду изо музиҷат наҷму (6, 85).

(Барояш моҳ косаест ва офтоб онро давр медиҳад, моҳ чун намудор мешавад, ситора нопадид гардад-И.Р.).

Дар хамрияи Ибни Фориз истилоҳоти фалсафӣ ва ҳикматомез бисёр ба назар мерасад. Бо ибораи дигар метавон гуфт, ки шоир дар хамрияи худ аз истилоҳоти фалсафӣ истифода мебарад, то ки ба самъи хонандаю шунаванда қадимӣ будани ишқ ва бодаи маърифатро бирасонад. Аммо Ҳофиз дар Соқинома аз ин гуна истилоҳоти фалсафӣ дурӣ меҷӯяд ва бештар аз майу соқиву ҷому бодаву муғаннӣ сухан мекунад, ки ин амр боз ҳам ҷанбаи қавии ирфонии сурудаи Ҳофизро ба субут мерасонад.

Ибни Фориз тавсифи бодаи муҳаббатро амали худ медонад ва бо фахри шоирона худро шоистаи он меҳисобад:

يَقُولونَ لِي صِفها و اَنتَ بِوَصفِها خَبيرٌ اَجَل عِندی بِاَوصافِها عِلْمٌ

Яқулуна лӣ сифҳо ва анта бивасфиҳо
Хайрун, аҷалун инди биавсофиҳо илму (6, 86).

(Мегӯянд, ки ӯро васф намо, зеро ту васфи ӯро медонӣ, бале ман аз васфи ӯ хабар дорам-И.Р.).

Ҳофиз бо тамоми вуҷуд омодаи нӯшидани бодаи ишқ аст ва аз соқӣ пайваста талаб дорад, ки ӯро ба мастӣ бирасонад. Аммо Ибни Фориз дар хамрияи худ камтар ба тавсифи нӯшидани бода пардохтааст. Дар абёти Ибни Фориз даъват ба нӯшидани бода дида намешавад, балки танҳо бо ошно сохтани эҳсоси шомаи инсон ба бӯйи шароб иктифо меварзад ва ин худ тафовути асосии маслаки ишқ бо дигар маслакҳо маҳсуб меёбад. Бархе ишқро аз дур меписанданд, бархе фано шудан дар ишқро тавсиф мекунанд.

Дар Соқиномаи Ҳофиз талмеҳ ба ашхоси асотирии Эрон ба монанди Хусрав, Ковус, Ҷамшед ба назар мерасад ва муждаи байти ишораву талмеҳ ба мавзӯи ёдшударо вомехӯрем. Мисол:

Ҳамон манзил аст ин ҷаҳони хароб,
Ки дидаст айвони Афросиёб? (5, 551)

***

Куҷо ройи Пирони лашкаркашаш? (5, 551)
Куҷо Шедаи он турки ханҷаркашаш?

***

Ҳамон марҳал аст ин биёбони дур,
Ки гум шуд дар ӯ лашкари Салму Тур (5, 551)

Аммо хамрияи Ибни Фориз аз ин хусусият бархурдор нест.

Такрор дар Соқиномаи Ҳофиз як навъ зарби оҳангнокиро дар он эҷод кардааст, ки бар ҷону рӯҳ таъсир мерасонад. Бо назардошти ин нукта дар шеъри Ҳофиз такрор зебо ва қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад, аммо дар шеъри Ибни Фориз ин хусусият вуҷуд надорад.

Дар маҷмӯъ, зимни муқоиса ва татбиқи хамрияи Ибни Фориз ва Соқиномаи Ҳофиз равшан мегардад, ки дар баробари мавҷудияти умумиятҳо миёни ин ду суруда фарқиятҳои куллӣ низ ба назар мерасанд. Вуҷуди ин фарқиятҳо, пеш аз ҳама гувоҳ бар он аст, ки Соқиномаи Ҳофиз тарҷумаи мустақими форсии хамрияи Ибни Фориз набуда, балки як асари мустақили ирфониест, ки дар он таъсири мавзӯъ ва сабки Ибни Фориз низ ба мушоҳида мерасад. Аммо Ҳофиз дар идомаи анъанаҳои хамриясароӣ барои таҳаввули маъноӣ ва жанрии ин навъ осор эҳтимом варзидааст, ки намунаи барҷастаи он ҳамин Соқинома маҳсуб меёбад, ки намоде аз таҳаввулоти ҷанбаҳои ирфонӣ ва ғаномандии муҳтавои он, руҷӯъ ба талмеҳот ва нуфузи аносири фарҳанги эронӣ дар Соқиномаҳои форсиро нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Донишномаи адаби форсӣ./ Бо сарпарастории Ҳасани Анӯша. -Теҳрон, 1381.-Ҷ.2. -Чопи дувум -С. 777-778.
2. Суфиев Ш.З. Саки-наме в системе персидско-таджикской литературы XVI- XVIIвеков / Ш.З Суфиев. -Душанбе: Дониш, 2011.- С. 11 -14.
3. Қазвинӣ Мулло Абдуннабии Фахруззамон. Тазкираи Майхона/ Қазвинӣ Мулло Абдуннабии Фахруззамон Қазвинӣ Мулло Абдуннабии Фахруззамон. -Теҳрон, 1340.- С. 15.

4. Берунӣ Шайх Ҳасан. Матни баргирифта аз: шарҳи девони Ибни Фориз./ Берунӣ Шайх Ҳасан ва Нобалӣ Абдулғанӣ Берунӣ Шайх Ҳасан ва Нобалӣ Абдулғанӣ.- Дор-ут-туроси Бейрут. -Миср, 174-196с.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаби девон /Тартибдиҳанда ва муҳаррир Ҳ.М. Мирзозода.- Сталинобод, 1957.
6. Ибни Фориз. Девони/ Ибни Фориз. Ибни Фориз.-Теҳрон: Матбааи "Ал-фаҷр-ул-ҷадид", 124 саҳ.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ХАМРИИ ИБН ФОРИЗА И САКИНАМЕ ХАФИЗА

Бесценное наследие Ибн Фориза, состоящее из поэтических сочинений, сакинаме, особенности которого стали предметом глубокого анализа настоящей статьи, свидетельствует о том, что Фориз и Хафиз в истории арабской и персидско-таджикской литературы прославились своими уникальными творениями. Несомненно, научное изыскание, проведенное в рамках настоящего исследования, является лишь попыткой в познании и осмыслении значения и роли творчества Фориза и Хафиза в истории духовной культуры нации, а вопросы комплексного изучения специфики и своеобразий всего творческого наследия этих поэтов ожидают нового научного взгляда и более пристального изучения.

Ключевые слова: Хафиз, Ибни Фориз, диван, вино, сакинаме, литературная связь.

COMPARATIVE ANALYSIS OF HAMEI IBN FARIZA AND ZACINAME HAFIZ

Priceless heritage of Ibn Fariza consisting of poems, zaciname, features of which were the subject of in-depth analysis of the present article suggests that Paris and Hafiz in the history of the Arab and Persian-Tajik literature is famous for its unique creations. Undoubtedly, the scientific study conducted in the framework of this study, is the attempt in knowledge and understanding of the importance and role of creative Fariza and Hafiz in the history of the spiritual culture of the nation, and the questions of comprehensive study of the nature and svoeobrazie all the creative heritage of these poets expect the new scientific view and a more in-depth study.

Key words: Hafiz, Ibni of Paris, sofa, wine, zaciname, literary connection..

Сведения об авторе: ***Каландарова Рухшона*** – аспирантка кафедры арабской филологии Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **(+992) 92 721-00-31.**

ЗАМИНАҲОИ МУШТАРАКИ ТАҲАВВУЛИ НАСРИ ТОҶИК ВА УРДУ ДАР ҲИНД

Ҷовид Холов
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон

Рӯшан аст, ки қаробати типологии адабиёти тоҷику форс бо адабиёти урду ба давраҳои қабл аз ислом рабт пайдо мекунад. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «аносири муҳимми қиссаҳои санскритӣ, ки ҳикоя андар ҳикояанд» [6,188], таъсири назаррасе дар адабиёти Аврупо ва Осиё гузоштаанд. Донишманди рус В.Шкловский [10] дар заминаи таҳқиқи қиёсии «Ҳазору як шаб», «Ҳафт вазир», «Калила ва Димна» ва «Декамерон»-и Боккачо ба чунин хулосаи муҳим меояд. Ин ва бисёр санадҳои дигари адабӣ робитаҳо ва доду ситодҳои адабии қавмҳои эронинажод ва ҳиндутаборро таъйид мекунанд. Вале давраи шукуфоӣ ва пешрафти ниҳоят бафайзи ин доду ситодҳо аз замони ба Ҳинд рӯ овардану маскан гузидани мусулмонон оғоз мегирад. Заминаи таърихии иртиботи мусулмонон, аз ҷумла эрониён ва мардуми Осиёи Миёна ба нимқазираи Ҳинд, заминагузори пайвандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангӣ гардид. Мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ аз давраҳои қадим аҳли Ачаму Араб аз тариқи роҳҳои баҳрӣ ва роҳҳои хушкигард ва гоҳо кӯҳҳои мушкилгузар бо Ҳиндустон тамоси тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ доштанд.

Чунин иртибот ва пайвандҳои таърихӣ то давраи ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзамин кам набуданд. Пас аз паҳн гардидани ислом дар мамолики дур аз Араб кишвари Ҳинд низ аз ҳуҷуми онҳо эмин намонд ва аввалин ҳамлае, ки ба хоки Ҳинд аз ҷониби саркардагони мусулмон сурат гирифт, ин ҳуҷуме буд, ки онро сарлашкари араб Муҳаммад бини Қосим дар соли 812 ба навоҳии Синди Ҳиндустон анҷом дод. Дар натиҷаи ин ҳамла Синд ба тасарруфи мусулмонон даромад ва аз он таърих то имрӯз аксар аҳли ҷомеаи Синд бар ақидаи ислом пойдор монданд. Баъд аз ин ҳамла Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар байни солҳои 1039 то 1125 борҳо ба шибҳи қораи Ҳинд ҳамла кард ва ҳуҷуми хориҷиёнро дар Ҳинд меафзуд. Чун Маҳмуд қисмати Панҷобро ба зери тасарруфи хеш даровард, батадриҷ хонаводаи ғазнавиён аз ҷониби сулолаи Ғуриён мағлуб шуд. Шаҳобуддини Ғурӣ, ки яке аз афроди мумтоз ва барҷастаи ин силсила буд, дар соли 1292 ба тарафи Деҳлӣ ҳамлавар шуд, салтанати Деҳлиро мағлуб кард ва дар шимоли Ҳинд ҳукумати сулолаи тоҷикони ғуриро пойдор кард.

Аз ин давра ба баъд ҳам дар замони ҳукумати салтанати Деҳлӣ дар сарзамини Ҳинд ва ҳам шоҳигарии Акбару Шоҳҷаҳон, яъне сулолаи Темуриён нуфузи забон ва фарҳанги тоҷикӣ - форсӣ дар нимқазираи Ҳинд афзоиш ёфт ва ин боис шуд, ки

ҳавзаи адабии Ҳинд дар мисоли дабистони адабии Деҳлӣ, Лакҳнав, Биҷопур, Голконда ва ғайра арзи ҳастӣ кунад. Ин тамоюли мусбати фарҳангии таърихи халқҳои нимҷазираи Ҳинд дар ташаккул ва пешрафти адабиёт ва фарҳанги ин сарзамин таъсири бафайзе гузоштааст, ки баҳс сари ин масъала аз доираи ҷустуҷуҳои мо берун аст.

Ҳамлаи арабҳо ва баъдтар эронитаборҳо ва туркҳо ба рушди забон ва адабу фарҳанги форсии сарзамини Ҳинд мусоидат кард. Беш аз ин «Ғалабаи унсури эронӣ дар дастгоҳи муғули Ҳинд тадриҷан, чунон бориз шуд, ки хурдагиронро ба интиқод ва эътироз водошт. Ҳатто як бор шоҳ Аббоси I аз ин ки суфарои Ҳинд, ки ба Эрон меоянд, ғолибан эрониюласл ҳастанд, дар ҳузури сафир изҳори тааҷҷуб кард ва сафир ҳам, ба тавре ки Ҷалолуддин Мунаҷҷими Яздӣ дар «Таърихи Аббосӣ» мегӯяд, дар ҷавобаш гуфт: «Дар Ҳинд агар одаме мебуд, моро касе нон намедод, одам дар Ҳинд нест, яъне одами қобил ва коромад» [4,117].

Аз он замон ба баъд дар шибҳи ҷазира, яъне дар Ҳинду Покистон ва Бангладеш дастгоҳи фикрӣ ва таълиму тарбияти исломӣ роиҷ шуда, забони тоҷикӣ - форсӣ ва арабӣ равнақ ёфт. Забони тоҷикӣ - форсӣ забони расмӣ гардид, аммо забони арабӣ ба унвони забони динӣ шинохта шуд. Нахустин донишманди арабидон Қозӣ Рукниддини Ҳанафии Бухоройӣ буд, ки китоби Amritkund–ро аз санскрит ба арабӣ ва тоҷикӣ - форсӣ тарҷума кард. Тарҷумаи китоб ба тоҷикӣ- форсӣ дар ин сарзамин ба ҳукми анъана даромад ва Ҳинд ба хазинаи бебаҳои фарҳанги тоҷику форс мубаддал гашт. Ба таври куллӣ, ривоҷи забони тоҷикӣ-форсӣ ва таълиму тааллуми арабӣ аз тариқи забони тоҷикӣ -форсӣ фарҳанги нимҷазираи Ҳиндро аз давраи қадим ба асри ҷадид интиқол дод. Назму насри тоҷику форс ба ҳуд мавзӯъҳои нав ба нави адабиёти Ҳиндро қабул мекард, ба забони тоҷикӣ-форсӣ асарҳои зиёде аз адабиёти бойи қадимаи Ҳинд ва ҳамчунин ба забонҳои мухталифи Ҳинд асарҳои адабиёти тоҷику форс тарҷума мешуданд.

Мисоли равшани он дастраси хонандаи тоҷик шудани қисмати «Баҳри ривоятҳо»-и Сомадева аз тарафи Аҳмади Кашмирӣ (ХУ), «Тӯтинома» -и Зиёуддини Нахшабӣ дар асоси «Шукасаптати»- ст. Илова бар ин, Юдҳабҳатта дар пайравии «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ «Шоҳнома» -и худро меофарад, Шривара (ваф.1489) ба забони санскрит достони «Юсуф ва Зулайхо» -и Ҷомиро тарҷума мекунад. Достони Файзии Даканӣ «Нал ва Даман» дар пайравии «Нал ва Дамаянтӣ», достони «Комде ва Мадан» -и Мирзо Бедил дар асоси асари санскритии «Мадҳанавала ва Камакандала» ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудаанд.

Аз ин ҷо равшан мегардад, ки ба образҳои маъмули Лайливу Маҷнун, Юсуфу Зулайхо, Нал ва Дамаянти, Рама ва Сита ва дигарҳо ҳам шоирону нависандагони тоҷику форс ва ҳам адибони гуногунзабони Ҳинд рӯ овардаанд. Албатта, миёни ин образҳо умумияте дида мешавад. Бо истифодаи образҳои Лайлию Зулайхо, Дамаянти ва Сита шоирон мекӯшиданд, ки дар симои онҳо маҳбубаи ба ишқ содиқ, бовафо, пурсабру тоқатро таҷассум созанд, ҳамчунин нексирату вафодор будан ба аҳдро дар образҳои Маҷнун, Юсуф, Нал, Комде ва Рама ба қалам медонанд.

Забон ва адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон аз мавқеияти воло бархурдор шуданд, агарчӣ ҳеҷ гоҳ забони арабӣ ба андозаи забони тоҷикӣ -форсӣ пешрафт накард, аммо пайваста забони тоҷикӣ-форсӣ забони расмӣ, ҳамагонӣ, илмӣ, адабӣ ва динӣ гардид. Гузашта аз ин, забони арабӣ бо забони миёнҷии тоҷикӣ-форсӣ баҳри мардуми маҳаллии Ҳиндустон тадрис мегардид. Фарҳанг ва ҳунари эронитаборҳо бо забони тоҷикӣ-форсӣ пеш мерафт ва садҳо адиб, шоир ва олим аз тариқи тоҷикӣ-форсӣ чун шахсиятҳои бузурги таърихӣ машҳур гаштанд. Ҳарчанд баъдтар забон ва фарҳанги англисӣ ҳудуди ду қарн дар ин мавзеъ нуфуз ёфт, аммо ҳаргиз натавонист монанди забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ дар шарёни фарҳанги умумиҳиндустонӣ реша давонад.

Муҳоҷирати аҳли фазл аз Хуросону Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон ва дастгириҳое, ки Акбаршоҳ ба ин табаа нишон дод, Ҳиндро барои касоне, ки «Таассуб ва кӯтаҳназариҳои сиёсати сафавияро таҳаммулнопазир меёфтанд, як сарзамини фурсатҳои тиллоӣ кард ва онро ба қавли муаллифи «Тазкираи майхона» «хонаи оқибати ҳунармандон» ва «сарои роҳати хирадмандон» намуд» [4,120].

Таъсири муҳоҷирони Осиёи миёнагӣ ва эронӣ ба илму адаби Ҳинд низ қобили мулоҳиза буд. Дар ин замина, Абдулваҳҳоби Зарринкӯб менависад: «Бидуни тардид, дар дунболи ин муҳоҷиратҳо таваҷҷуҳ ба фарҳанг ва адаби Эрон ҳам ичтинобнопазир буд ва ҳамин нуқта буд, ки Деҳлӣ ва дарбори муғули аъзамро ба қавли баъзе муҳаққиқон дарбори сонӣ, балки дарбори асли Эрон кард ва забони урдуро ҳамчун як «натиҷа»-и дурагаи форсӣ ва ҳиндӣ дар қисмати умдае аз сарзамини Ҳинд ривоҷ дод. Ба илова, ғайр аз шеъру адаб дар ин заминаи таърих,

адабиёт ва луғат ҳам китобҳои ҷолибе дар забони форсӣ ба вуҷуд меовард, ки нақши эрониҳо дар тасниф ва ё таҳҷибаи онҳо қобили мулоҳиза буд» [4,118]. Таъсири забони форсӣ бо забони роиҷи Ҳинд-урду хеле муассир будааст, ки шоири тавонои Покистон Файз Аҳмади Файз дар ин бора ишораи ҷолибе дорад. Вай менависад: “Ман боз ба кор шурӯъ кардам. Тарҷумаи “Пешвоёни ҷомеа”–и Ибсенро қариб ба поён расонидам, вале, бало занад, забони урдуро, дар худи калимаи аввалин – “ҷомеа” дармондам. Ман гурӯҳи одамонеро, ки дар як шаҳр ё кишвар зиндагӣ мекунанд, дар назар дорам. Намехоҳам онро бо лафзи пуршукӯҳи арабӣ ё форсӣ тарҷума кунам, калимаи гуфтугӯйии халқиро бошад, ёфта наметавонам” [9,167]. Он чи Файз Аҳмади Файз иқрор мекунад, гувоҳии қотеи нуфузи забони форсии тоҷикӣ дар муҳити фарҳангии ҷомеаи Покистон аст, ки реша дар таърих дорад. Яъне таъсир ва нуфузи забон ва адаби форсии тоҷикӣ, агар дақиқтар бингарем, ба замони Авастову Ригведа ва Салмону Ҳаҷвирӣ Муҳаммад Авфию Рӯҳонии Самарқандӣ, Фахруддини Ироқию Шайх Озарӣ ва дигарҳо мерасад. Таъсири фарҳанги эронитаборон дар он сарзамин то ҳадде буд, ки амсоли Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ ҳам дар он ҷо осоре дар шеваи Низомӣ ва Саъдӣ ба вуҷуд оварда буданд. Ҳарчанд ки Ҳофизи Шерозӣ ба Низомӣ назми ноби форсиёни Ҳинд бо назари шубҳа менигарад:

Шаккаршикан шаванд ҳама тӯтиёни Ҳинд,
З-ин қанди порсӣ, ки ба Бангола меравад.

Ҳодисаи таърихии қаробати маънавии Эрону Ҳинд боис шуд, ки дар адабиёти “халқҳои гуногун адабиёти ҳамсон” [6,316] ба вуҷуд омад. Намунаи ин гуна осори бадеӣ дар адабиёти урдузабон низ фаровон аст ва он маҳсули пайвандҳои дохилӣ ва муҳити ягонаи фарҳангӣ мебошад.

Миёнаҳои асри XVIII дар шимоли Ҳинд пайваста бо назм насри урду низ рӯ ба густариш ниҳод. Дар ин ҳангом як қатор асарҳои хубе бо насри бадеӣ офарида шуданд. Вале аз ин таълифот ба мисли намунаҳои назм ба хонандагони имрӯз миқдори кам дастрас шудааст. Чун сухан аз боби оғози таълифи насри урду дар ин навоҳӣ меравад, пеш аз ҳама номи «Даҳ маҷлис» ё «Карбала катҳа» (Ҳикояти Карбало)-ро гирифтан зарур аст, ки онро соли 1731 Фазлалии Фазлӣ дар пайравии маснавии форсӣ-тоҷикии Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Равзат-уш-шуҳадо» қаламдод кардааст. Дар китоби номбурда роҷеъ ба зиндагии Имом Ҳусайн ва воқеаҳои рухдодаи дашти Карбало сухан меравад, ки нависанда бо қобилияти хубе онро ба риштаи наср кашидааст. Китоби Фазлӣ бо забони душвор (ба ғайр аз феълҳо тақрибан дигар ҳамаи калимаҳо тоҷикианд) навишта шуда бошад ҳам, дар байни мусулмонони шиамазҳаб шуҳрати зиёд дорад.

Бояд таъйид намуд, ки дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар Дакан, яъне ҷануб ва қисмати шимоли Ҳинд жанри достонҳои мансур хеле паҳн мегардад. Достон дар адабиёти ин давр характери нимафсонавӣ дошта, ба қатори эпоси қаҳрамонӣ-романтикӣ дохил мешавад. Зеро достон аз пояи воқеият фарсахҳо дур аст ва дар ин жанр қонунияти имконпазирӣ инкор карда мешавад. Агар дар романнигорӣ ба тасвири “ҳақиқат” кӯшиш ба харҷ дода шавад, пас, дар достон ба қадри имкон барои дур шудан аз пояи ҳақиқат саъй карда мешавад. Қаҳрамонҳои достон ба таври тахайюлотӣ офарида мешаванд, ташаккулёбии онҳо яксонӣ ва якрехтии симои инсониву афсонавӣ махлут ба назар мерасад.

Хилофи чашмдошт жанри достон дар он давра мақбули ому хос буду симоҳои асосии он дар дилу дидаи мардум мисли беҳтарин фарди наздику дӯстдоштанӣ ҷой гирифта буд. Ба ақидаи Ралф Рассел “хеле хуб аст, ки жанри достон дар нимаи дуюми асри XVIII, ҳангоме ки ҳукумати муғулҳои бузург хеле бо суръати баланд рӯ ба завол мерафт, мисли гул мешукуфт. Маҳз дар ҳамин айём ягон қонунияти шаръиву давлатдорӣ мардумро ҳимоя намекард. Одамон аз беқонуниву беадолатиҳо ва зулму истибдоди номатлуби муҳити атроф гурехта, ҷаҳони ботинии хешро ба олами достонҳо таҳвил медоданд. Дар он олам ҳама амал ба назар содаву осон ба назар мерасад ва инсон зуд ба орзуву омол ва ҳадафи зиндагиаш мерасад” (12, 86).

Қатъи назар аз ҳолати равонӣ ва ё сиёсие, ки вуҷуд дошту барои зуҳурёбӣ ва ташаккули ин жанр дар сарзамини Ҳинд мусоидат намуд, достон дар ташаккули насри адабиёти урду роли муҳиммеро бозидааст. Достонсароён ва ё худ муаллифони ин жанри адабӣ донишу малакаи аълои забониву муоширатӣ доштанд. Дар баробари ин, қобилияти ба самъи шунаванда расонидани ҷараёни ҳодисотро доштанд ва меъёрҳои суханвариро низ ба пуррагӣ риоя мекарданд. Боиси таассуф аст, ки на ҳама ҷиҳатҳои достон ва ҳунари достонгӯйӣ минбаъд дар жанри роман мавриди истифода қарор гирифтанд. Дуруст аст, ки “мунаққидони маълумоти кофӣ надошта маводҳои

ношудро асос карда, насри урдуро аз мазмуну мундариҷаи бойи достонҳо маҳрум кардаанд” [11,167].

То ин дам жанри достон дар байни мардуми Ҳинд, махсусан урдузабонҳо ҳамчун намуди эҷодиёти халқӣ машҳур буд ва бо ибораи дигар онро «романи халқӣ» низ меноманд. Одамоне, ки достон мегуфтанд, дар байни халқ бо номҳои «достонгӯ», ё ки «қиссахон» ёд мешуданд. Онҳо аксар шахсони бесавод буданд, вале асарҳои калонҳаҷмеро дар хотир нигоҳ медоштанд. Аз ин ҷост, ки аксар достонҳоро бадеҳатан қироат мекарданд. Шахси достонгӯ таваҷҷуҳи шунавандаро бештар ба он лаҳзаҳое ҷалб мекард, ки ба назари ӯ дилчасптар буданд. Навишта гирифтани достон ба таври хаттӣ танҳо дар асри XIX ба ҳукми анъана медарояд.

Дар байни достонҳои урду ҳикоёти қаҳрамонӣ низ ба чашм мерасанд (Достони Амир Ҳамза). Ин гуна достонҳо асарҳои алоҳида ба шумор рафта, аз рӯйи усули гирдоварии насабӣ, романтикӣ, ишқӣ, панду насиҳатӣ ташаккул ёфтаанд, ки то ҳадди муайян дар онҳо таъсири тасаввуф дида мешавад (масалан, равияҳои гуногун дар «Чор дарвеш»).

Албатта, фаҳмиш ва тарзу мавриди қорбарии истилоҳи достон ба хусусиятҳои табии ин навъи адабӣ зич алоқаманд аст. Достонро адибон чӣ дар адабиёти қадимаи форсӣ-тоҷикӣ ва чӣ дар адабиёти урду ва ҳиндӣ дар асарҳои калонҳаҷм ва ҳам хурдҳаҷм, ки дорои сужети муайян мебошанд, истифода кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. соч.: т. VI / В.В Бартольд -М: Наука, 1966.-С.174-188.
2. Гринцер П.А. Литературные и фольклорные связи санскритской обрамленной повести.–В кн.: «Взаимосвязи литератур Востока и Запада / П.А. Гринцер. -М., 1961.-С.182-234.
3. Дорӣ Аҳмад Тамим. Забон ва адаби арабӣ ва улуми исломӣ дар Бангладеш.Забон ва адаб / Дорӣ Аҳмад Тамим.-Теҳрон, 1381 ҳичрии шамсӣ, №15.-С.1-13.
4. Зарринкӯб А. Ҷаҳони Соиб: даричае ба ҷаҳонбинии ӯ.–Дар китоби: Абдулҳусайни Зарринкӯб. Аз чизҳои дигар / А. Зарринкӯб -Теҳрон, 1379.-С.113-140.
5. Зикриё Ш. Урду наср ка иртиқа ағаз се 1857 так.-Лоҳур, 2004. -85с.
6. Конрад Н. И. Запад и Восток. Сб. статей / Н. И. Конрад -М: Наука, 1972.-496с.
7. Табассум Ф. Урду дастан ке маркази кирдар / Ф Табассум -Исламабад, 2007.-500с.
8. Файз А.Ф. Номаҳои шоири зиндонӣ.- Садои Шарқ, 2002 № 10-12.-С.143-169.
9. Шкловский В.Б. Таджикистан в освещении русской литературы. Советская литература народов Средней Азии / Шкловский В.Б. -М.,-1934. -№2.-С.21-30.
10. Farooqi Musharraf. The Simurgh – Feather Guide to the Poetics of Dastan-e Amir Hamza Sahibqiran.-In the Annual of Urdu Studies, #15, Delhi, 2000, pp.119-167.
11. Russell Ralph. The purcuit of Urdu literature: A Select History. New Delhi: Oxford University Press, 1992.- p.198.

ИДЕНТИЧНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРОЗЫ В ТАДЖИКСКОЙ И УРДУ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье в целом анализируется период развития прозы в урду на основе таджикской литературы и на фоне слияния обеих литератур. Урду пришлось бороться гораздо дольше, чтобы вытеснить персидский язык. Наш анализ направлен на изучение и выявление сходства литературных образов, тем и жанров на примере таджикской и урду литературе.

Ключевые слова: дастан, баллада, таджикско – персидский, прозаичекие произведения, Маджнун, Юсуф, Нал, Комде, Рама.

IDENTITY BASE OF PROSE DEVELOPMENT IN TAJIK AND URDU LITERATURES

In this article as a whole is analysed the period of development of Urdu prose based on Persian Literature and their flowing. Urdu had to struggle much longer to supersede Persian. Our analysis is aimed at the study and identification of similarities of literary images, themes, and genres in the both - Tajik and Urdu literatures.

Key words: dastan, ballada, Tajik – Persian, Majnun, Yousaf, Nal, Komde, Rama.

Сведения об авторе: ***Джовид Холов*** **–** кандидат филологических наук, проректор по учебной работе Педагогического института Таджикистана. Телефон: **92-759-54-74**

БАРРАСӢ ВА ТАҲЛИЛИ СӮГСУРУДАҲОИ «ГАРШОСПНОМА»-И АСАДИИ ТӮСӢ

Муҳаммадризо Солеҳи Мозандаронӣ, Мухтор Иброҳимӣ, Насруллоҳ Имомӣ, Алӣ Бозванд
Донишгоҳи Шаҳид Чамрони Аҳвоз

Китоби «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ яке аз манобеи бузурги фарҳангӣ ва ҳамосӣ ба забони форсӣ аст, ки Асадии Тӯсӣ бисёре аз одоб ва русум, шеваи зиндагӣ ва авотифи инсониро дар зимни ин асар баён кардааст. Чунон ки ҳаҷми нисбатан бузурги камӣ ва кайфии ашъори ӯ эҷоб мекунад, камтар ба мутолиаи ҷанбаҳои зиндагии фардӣ ва иҷтимоии инсон дар ашъори вай пардохта шудааст. Сӯгворӣ ва

ғамсароӣ ва ҳамчунин шеваҳои бурузи он, яке аз ҷанбаҳои рӯҳӣ ва отифӣ аст, ки ба муносибатҳои мухталиф дар китоби «Гаршоспнома» ба он пардохта мешавад.

Яке аз вижагиҳои китоби «Гаршоспнома» вуҷуди ҷилваҳое аз сӯг ва одоби он дар манотиқи мухталифи Эрон аст. Пӯшидани либоси сиёҳ, хок бар сар рехтан, гиребон пора кардан, буридани гесӯ ва нисори он бар наъши мурда, кулоҳ аз сар баргирифтан, пора кардани парчам, ба оташ кашидани сарой, кандани мӯйи сар ва риш, хок дар кафш кардан, харошидани сурат, кандани гӯшти бозӯ, буридани думи асп, вожгун ниҳодани зин бар асп ва ғайра, маворидеҳаст, ки дар бештар сӯгсурудаҳои Асадии Тӯсӣ намуди пурранг дорад. Ҳанӯз ҳам дар бофтҳои зиндагии ашоири кишвари Эрон буридани гесӯ, гиребон пора кардан ва хок бар сар рехтан дар марги азизон, марсум аст. Расме, ки Асадии Тӯсӣ бисёр ба он мепардозад. Ин мавзӯъ ё ношӣ аз нуфузи амиқи фарҳанги гузаштаи Эронзамин дар байни мардум аст ва ё робитаи фарҳангии мардуми ин манотиқ бо аҳди гузаштаро нишон медиҳад.

Ин мақола нигоҳи гузаро ба китоби «Гаршоспнома», ба ҷиҳати интихоби ғамсароиҳои ӯ дар марги шоҳон, шоҳзодагон, паҳлавонони эронӣ ва ғайриэронӣ дорад.

Сӯги Гаршосп

Достони марги Гаршосп ва ба сӯг нишастани мардум. Гаршосп яке аз подшоҳони афсонавии Эрони бостон аст. Гаршосп бемор мешавад ва ҳар рӯз бар шиддати бемориаш афзуда мешавад ва паймонаи умраш лабрез шуда, кораш рӯ ба поён аст. Мардум ва бузургони Эрон ба истиқболи ӯ меоянд ва аз ранҷи роҳ ва сахтии ҷангҳо аз ӯ мепурсанд. Гаршосп ситорашиносон ва мунаҷҷимонро ҷамъ мекунад ва аз онҳо мехоҳад рӯзи маргашро таъйин кунанд. Ситорашиносон ба ӯ мегӯянд, ки наздик ба ду рӯзи дигар зинда хоҳад монд. Вай ҳама наздикон ва ақвоми худро ҷамъ мекунад ва ба панду насиҳати онон мепардозад ва ба ҳама гӯшзад мекунад, ки рӯзе марг ба суроғи ҳамаи шумо хоҳад омад. Баъд аз ман бояд адолат пеша кунед ва раиятро мавриди зулм ва таадии худ қарор надиҳед. Аз шодии дигарон шод шавед ва аз нороҳатии мардум нороҳат шавед.

Чун рӯзи даҳум фаро расид, дархости ғизо мекунад ва андаке аз ғизоро мехӯрад. Пас аз сарфи ғизо бедиранг Сому Наримонро садо мекунад ва онҳоро дар канори худ менишинонад ва мегӯяд, ки дар назди ман бошед, то ҷон додани ман бар ман осон шавад.

Аз ойинҳои гузаштаи эрониён ин будааст, ки даври марди мушарраф ба мавтро мегирифтанд ва гиря ва зорӣ мекарданд. Агар фарде бузург буд, ба нишонаи сангинии ин сӯгворӣ хонаашро ба оташ мекашиданд ва маргашро нобудӣ барои дигар бозмондагон медонистанд. Асадии Тӯсӣ достони марги Гаршоспро ин гуна баён мекунад:

Ҷу гуфт ин сухан ҷон ба Яздон супурд,
Гирифтанд зорӣ бузургону хурд.
Аз айвон ба кайвон баромад хурӯш,
Зи барзан фигон хост в-аз шаҳр ҷӯш.
Бар он хонаи пок оташ андар заданд,
Ҳама коху гулшан ба ҳам барзаданд.
Дилу ҷони ҳама чунон ғам гирифт,
Ки моҳӣ ба дарё мотам гирифт.
Ҳаво зи ашки мургон пур аз жола шуд,
Кӯҳ аз бонги нахчир пурнола шуд.

Асадии Тӯсӣ дар ин қисмат ба намудҳои сӯгворииэрониён дар марги Гаршосп ишора мекунад:

Ҳамон рӯз баргирифт низ офтоб,
Намуд абр аз он пас ба борон шитоб.
Ба ҳар гӯшае гиряе хоста,
Ба ҳар хонае шевон ороста.
Занон рухзанон, бонгу зорикунон,
Кунон мӯяву мӯйи мушкин канон.
Бузургон ҳама дар сиёҳу кабуд,
Зи ду дида абр аз ду рух карда рӯд.
Сиришки ҳама лаълу рухсора зард,
Бар аз захм нилӣ ва лаб лоҷвард (Асадии Тӯсӣ, 1354:468-470).

Бозтоби ойинҳои сӯгворӣ дар марги Гаршосп. Асадии Тӯсӣ дар ин сӯгсуруда ба шеваи Фирдавсӣ наздик шудааст ва то тавонистааст, достонро отифитар нишон додааст. Метавон гуфт, ки яке аз беҳтарин ва халлоқонатарин сӯгсурудаҳои «Гаршоспнома» ҳамин «Достони марги Гаршосп» мебошад. Вақте хонанда ин

достонро мехонад, худро дар ғам ва марги Гаршосп шарик медонад ва он қадар қудрати тавсифгарии шоир қавӣ ва устодона аст, ки хонандаро ба гунае вомедорад ва гӯё ҳамин лаҳза Гаршосп вафот ёфтааст ва хонанда ин саҳнаро ба сурати зинда ва гӯё мушоҳида мекунад. Асадии Тӯсӣ мехоҳад бигӯяд, ки чун подшоҳе бузург дар кишваре бузург мурдааст, пас бояд аламу шиддати таъсири онро бештар бинамоёнад.

Дар ин достон намунаҳои сӯгвории бисёре аз эрониёнро метавон мушоҳида кард: оташ задани хона ва боғи Гаршосп, шевану зории занон ва харошидани сурат, буридани гесӯвон, пӯшидани либоси сиёҳ аз тарафи бузургон, буридани думи асп, нугун кардани зин ва олоти корзор, шикастани табл ва даридани дирафш, раҳо кардани уқоб ва бозҳои аҳлӣ ва хонагӣ, хок рехтан бар юзон ва филҳо, ғусл додан ба мушку гулоб.

Гиря кардан яке аз роҳҳои ором кардани ботин ва таскин барои бозмондагони мусибатзада аст. Дар канори ин гиря кардан расмҳое дар миёни ниёгони мо будааст, ки ҳамакнун дар бисёре аз нукоти Эрон он расм ҳанӯз побарҷост. Дар бисёр маврид дар мӯяхонӣ афроди мӯяхон ба шакли иғроқомез ба тавсифи сифоти хуби шахси даргузашта мепардозад ва суханони Сом дар сифати Гаршосп гувоҳ бар ин иддао аст. Наримон ҳам дар мӯясароӣ ба зикри далоилҳо ва сифоти нек ва кишваркушоиҳои ӯ мепардозад, шевае, ки ҳамакнун дар кишварамон сурат мегирад.

Наримон дар идома барои таскини алами худ якояки сифоти неки Гаршоспро бармешуморад. Шикасти ҳиндувон ва чиниёнро, намунае барои ин иддао медонад ва дар поён аз душмани шод сухан ба миён меоварад ва идома медиҳад, ки душманони ту бо шунидани хабари марги ту дилшод ва шодмон ҳастанд. Наримон ба сурати иғроқомез аз сӯги Гаршосп сухан мегӯяд:

Дилу ҷони ҳар кас чунон ғам гирифт,
Ки моҳӣ ба дарё мотам гирифт (Асадии Тӯсӣ, 1354:468).

Саранҷом ба хотири қудрат ва ҳурмати Гаршосп ӯро бо мушку гулоб ғусл медиҳанд ва ба хок месупоранд.

Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии сӯгсурудаи Гаршосп. Дар ин қисмат шоир аз тавсифоти муҷаррад ва интизоӣ сухан нагуфтааст. Издиҳоми тасовирӣ бисёр кам аст, аммо тавсифҳои истиории Асадӣ фаровон аст. «Тасвирҳои истиорӣ дар «Гаршоспнома» ба ҳадде аст, ки бо якдигар тазоҳим мекунад ва фазои бози шеъри ҳамосиро дар тангнои худ қарор медиҳад» [10:614]. Тавсифоташ монади шеъри Фирдавсӣ бо мавзӯи каломаш ҳамоҳангӣ дорад ва аз табиати перомуни худ тасовири қобили ламс ва маҳсус гирифтааст. Маҳорати тавсифгирии ӯ дар ин қисмат он қадар фавқулода аст, ки хонанда гӯё шоҳид ва нозири ин саҳнаҳост ва сӯгворӣ ва марсияи мардумро бо чашми худ мебинад. Асадии Тӯсӣ ҷанбаи фарҳангии марсияро ба хубӣ нишон медиҳад ва аз иғроқҳои бевақҳа ва резакорҳои дақиқ, ки сабаби заъфи баён мешавад, хабаре нест. Тавсифоти зебояш бо ҳамоса таносуби хосе доранд. Монанди «Шоҳнома» тахайюлоти Асадии Тӯсӣ аз маҳсусоте монанди осмон, абр, кӯҳ ва ғайра аст. Метавон гуфт, ки дар ин бахш тасовираш ҷон ва ҳаёти тоза ба шеъраш мебахшанд. Дар дигар қисматҳо тавсифҳои шеъраш ба таври куллӣ аз назари мутаносиб будан бо фазои шеър заиф ҳастанд. Ӯ дар ин бахш ба шакли маҳсус бар тамоми завоёи достон тасаллут дорад.

Яке аз муҳимтарин вақҳаи имтиёзи ин қисмат он аст, ки Тӯсӣ то тавонистааст, достонро отифӣ ва эҳсосӣ кардааст ва ба гунае шеър месарояд, ки воқеан хонанда ва мухотаби худро таҳти таъсир қарор диҳад. Дар ибтидо Гаршоспро фарде бисёр некӯкор ва парҳезгор муаррифӣ мекунад ва аз Худо мехоҳад, ки гуноҳҳояшро бибахшад ва ӯро ба хотири аъмолаш дар охират муҷозот накунад. Аз ақоиди ӯ ба маод сухан мегӯяд ва метавон гуфт, ки беҳтарин қисмати «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ ҳамин марги Гаршосп аст. Шоир гӯё тамоми нерӯи шоирии худро захира кардааст, то ба беҳтарин вақҳа саҳнаи марги Гаршоспро ба шеър биёварад. Асадӣ дар ин бахш бисёр ба Фирдавсӣ наздик шудааст.

Бо истифода аз иштирокот дар сомитҳо (бесадо) ва мусавватҳои ҳамагонии савтӣ эҷод кардааст. Вожаҳое монанди «хурӯш» ва «хуш», «канон» ва «кунон» навъе ҳамнавоиро дар шеър эҷод мекунанд, ки хонанда аз шунидани онҳо мусиқии зебоеро эҳсос мекунад:

Аз айвон ба кайвон баромад хурӯш,
Зи барзан фиғон хост в-аз шаҳр ҷӯш.
Занон рухзанон бонгу зорикунон,
Кунон мӯяву мӯйи мушкин канон (ҳамон ҷо, 468).

Овардани вожаҳои қофия, ки бо мавзӯи сухани шоир ҳамоҳангии томе доранд, муҷиби афзоиши мусиқии канори шеъри ӯ шудаанд. Масалан, «сипоҳ» ва «сиёҳ», «меғ» ва «дареғ», «хурӯш» ва «хуш», ҳам навъи марсияро ба зеҳни хонанда илқо

мекунанд ва ҳам мусиқии канори шеърро ба хубӣ нишон медиҳанд. Яке аз бузургтарин хусусиятҳои қофия масъалаи тадоии маъноӣ аст ва ин мавзӯъ дар шеъри Эрон ва Ғарб беш аз дигар забонҳо ба равшанӣ эҳсос мешавад.

Ба Ҳинд ар ба Чин бурд хоҳӣ сипоҳ,
Ки бармекашидӣ дирафши сиёҳ (с. 468).

Сӯги эрониён дар марги Зар. Гаршосп ҷангҳои бисёре бо ҳиндувон доштааст. Дар ҷанги савум Гаршосп ба мубориза бо ҳиндувоне меравад, ки дар чанд ҷанги қаблӣ аз эрониён шикаст хӯрдаанд. Ин шикастҳо, шикастҳои сангине нест, ки муҷиби нобудии комили онҳо гардад. Дар асл, даргирии онон ба ҷанги фарсоишӣ табдил шуда буд. Дар ҷанги савум Мубтар, яке фармондеҳон ва бузургони сипоҳи Ҳинд, ба назди Хусрави ҳиндувон меравад ва аз ӯ иҷозаи ҳамла мехоҳад. Мубтар пас аз касби иҷоза аз Хусрав ибтидо ба руҷузхонӣ мепардозад ва сипас шуморе аз диловарони сипоҳи худро барои ҷанг бо эрониён бармегузинад. Пас аз ин кор, ба ороиши низомии сипоҳи худ мепардозад. Пас аз рӯёрӯйии ду сипоҳ чанд тан аз паҳлавонон бо ҳам ҷангиданд ва ин ҷанг бо задухӯрди мухтасаре ба поён расид. Бештари пирӯзиҳо аз они эрониён буд, то ин ки писари Мубтар, ки яке аз паҳлавонони бузурги сипоҳи ҳиндувон буд, ба майдони мубориза меояд ва мубориз металабад. Паҳлавони эронӣ ба номи Зар ба ҷанги ӯ меравад, пас аз муборизаи тӯлонӣ Зар кушта мешавад ва эрониён ба сӯги ӯ менишинанд:

Писар дошт Мубтар яке шермард,
Кас аз ҷангиён надид ҳамнабард…
Ба пайкори Зар дода шердил,
Бурун тохт дар каф зи пӯлод шил.
Биандохт сӯйи гави сарфароз,
Замони ҷавон бад расида фароз.
Ба пушташ даромад бурун шуд зи ноф,
Далере чунон кушта шуд бар газоф.
Аз эрониён гиря бархост пок,
Диданду бардоштанш зи хок.
Шуд аз куштани паҳлавон дил дижам,
Зи хуни ду дида басе ронд нам.
Ба чархушу замин кард савганд ёд,
Ки имрӯз бидҳам дар ин ҷанг дод.
Кунам з-ин сиёҳон дар ин дашт хун,
Бар ҳар мӯйи Зар дода гарде нагун (С.103-104).

Писари Мубтар, ки аз кушта шудани теъдоди бисёре аз сипоҳиён ва чанд тан аз паҳлавонони ҳинд ба дасти Зар бисёр хашмгин ва асабонӣ шуда буд, пас аз муборизаи тӯлонӣ тире бар пушти Зар мезанад ва ӯро ба қатл мерасонад.

Бозтоби ойинҳои сӯгворӣ дар марг. Пас аз марги Зар эрониён бино ба шеваҳои маъмулии худ шевану зорӣ мекунанд. Як расми эрониён ин аст, ки иҷоза намедиҳанд фарди мурда бар рӯйи замин бимонад ва бедиранг ӯро аз замин бармедоранд. Меҳроҷ - фармондеҳи бузурги сипоҳи Эрон, бар марги Зар гиря ва зорӣ мекунад ва сипоҳиён ҳамроҳ бо ӯ дардмандона мегирянд. Гиряи Меҳроҷ муҷиб мешавад, ки ҳисси интиқом ва киначӯйӣ дар миёни сипоҳи Эрон барангехта шавад. Меҳроҷ савганд мехӯрад, ки ба андозаи тори мӯйҳои сари Зар аз ҳиндувон ба қатл бирасонад. Ӯ ба ҷанги ҳиндувон меравад ва пас аз куштани теъдоди бисёре аз ҳиндувон, писари Мубтарро ба интиқоми хуни Зар ба қатл мерасонад. Мубтар пас аз кушта шудани фарзандаш бар сари ҷанозаи писар меояд:

Гуруванда Мубтар зи дарди писар,
Зи ғам дида пурхун ва пурхок сар.
Биёмад ба хуни писар кинахоҳ,
Баромехт бо паҳлавони сипоҳ (С.104).

Мубтар монанди эрониён ва ба шева ва расми онон ба азодорӣ мепардозад ва аз ғами фарзанд хок бар сари худ мерезад. Нуктаи қобили таомул дар ин ҷо он аст, ки оё ҳиндувон ва дигар ақвоми ғайриэронӣ чаро дар бархе осори манзуми эрониён, аз ҷумла «Шоҳнома» ва «Гаршоспнома», ба шеваи эрониён ба азодорӣ мепардозанд? Маъмулан он замон ин ақвом ҳаммонанди эрониён будаанд ё ин суханони сохта ва пардохтаи зеҳни шоирони эронӣ, аз ҷумла Асадии Тӯсӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба мутанаввеъ будани сарчашмаҳо ва манобеи «Гаршоспнома» эҳтимолан ба назар мерасад, ки аносире аз одоби сӯги дигар ақвом низ дар ин асар мунъакис шуда бошад. Асадии Тӯсӣ барои нишон додани умқи мусибат ва сӯг ба иғроқгӯйӣ мепардозад:

Ба мардӣ гусастӣ сари зинда пил,

Ба ханҷар бирондӣ зи хун рӯди Нил (С.103).

Кушта шудани паҳлавонони бузурги Эрон ва Ҳинд муҷиби барангехта шудани ҳисси интиқоми онон мешавад ва набарди сахт байни онон рӯй медиҳад, ки ба пирӯзии комили эрониён бар ҳиндувон меанҷомад.

Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии сӯгсурадаи Зар. Тасвири шеърии Асадии Тӯсӣ дар «Гаршоспнома» бештар аз табиати перомуни худ гирифта шудааст. Бинобар ин, дарки маъно ва равобити онон кори душворе барои хонанда нест. Ба кор бурдани тавсифоте аз қабили «ноф» ва «хоку дашт», ҳамагӣ аносири қобили малмус ва айнӣ мебошанд.

Биандохт сӯйи гави сарфароз,
Замони ҷавон бад расида фароз.
Ба пушташ даромад бурун шуд зи ноф,
Далере чунон кушта шуд бар газоф.
Аз эрониён гиря бархост пок,
Диданду бардоштанш зи хок.
Кунам з-ин сиёҳон дар ин дашт хун,
Бар ҳар мӯйи Зар дода гарде нагун (С.103-104).

Дар як калом, тавсифҳои ҳамосии «Гаршоспнома» дар муқоиса бо «Шоҳнома» бисёр андак ва заиф ҳастанд. Асадии Тӯсӣ дар ин қисмат аз достон тавсифоти зебо ва қобили даркеро дар шеъри худ овардааст, ки ҳадафаш аз офариниши тавсифот фақат нишон додани ҳолатҳо ва намоиши лаҳзаҳо ва ҷанбаҳои гуногуни табиат аст, ба наҳве ки дар матн ҳодиса ҷараён дорад. «Фирдавсӣ аз эҷоди тавсифҳои бисёр худдорӣ кардааст, аммо Асадӣ аз овардани тавсифоти пай дар пай ва мазоҳимӣ ибое надорад»[10].

Ба гуфтаи Шафеии Кадканӣ: «Кӯшишеро, ки Фирдавсӣ барои моддӣ кардани умури маънавӣ дошт, дар шеъри ӯ (Асадии Тӯсӣ) намебинем ва ин аз нуқсҳои баёни ҳамосаи ӯст ва дигар ин ки, дар тасвирҳои ӯ ҷанбаи ҳамосӣ, он гуна ки дар «Шоҳнома» дида мешавад, риоят намешавад» [10].

Асадии Тӯсӣ бо танаввӯъ дар бакоргирии ороёҳои лафзӣ бар мусиқии шеъри худ афзудааст. Истифода аз таносуб боиси эҷоди навъи мусиқӣ байни сомитҳо мешавад ва муҷиби тавозун ва ҳамоҳангии хосе дар шеър мегардад. Овардани вожаҳои мутаҷонис низ дар эҷоди мусиқии шеъри Асадӣ муассир мебошад. Истифода аз ороёи тазод низ муҷиби афзоиши мусиқии маънавии шеър шудааст. Асадӣ бо бакоргирии тазодҳо ва ташбеҳоту истиораҳо тавонистааст бар ғинои мусиқии маънавии худ биафзояд.

Асадии Тӯсӣ ҳамчунин дар мабҳаси қофия низ бо истеъмоли вожаҳое, ки ҳам бори ҳамосӣ доранд ва ҳам дар мусавват ва сомитҳо мушобеҳанд, навъи мусиқии канориро дар шеър эҷод кардааст. Аз тарафи дигар, вожаҳои қофия ба мавзӯи мавриди баҳси шоир ҳамоҳангии том доранд. Масалан, «дижам» ва «нам», «хун» ва «нагун» қофияе ҳастанд, ки аз сӯг ва мусибат ҳикоят мекунанд ва худ навъи мусиқии канорӣ дар шеър эҷод мекунанд ва зимни эҷоди мусиқии канорӣ ҳамоҳангии равонӣ бо мавзӯи мавриди баҳс пайдо мекунанд.

Шуд аз қуштани паҳлавон дил дижам,
Зи хуни ду дида басе ронд нам…
Кунам з-ин сиёҳон дар ин дашт хун,
Бар ҳар мӯйи Зар дода гарде нагун (С. 104).

«Бе хеҷ гумон, ҳолат ва андешаи як шеър, ки илҳом мешавад, ҳамроҳ бо навъи вазн аст, вале қофия ҳаргиз ин хусусиятро надорад ва унсуре аст, ки дар марҳилаи пас аз вазн ва дар ҳақиқат барои такмили он ва танаввӯъ бахшидан бад-он ба шеър мепайвандад» [10].

Тавсифоти Асадии Тӯсӣ саршор аз истиораҳои бисёре аст ва дигар ҷанбаҳои зебошинохтии шеърро таҳтушшуои худ қарор медиҳад. «Дар ашъори ҳамосӣ аҳамияти бакоргирии ташбеҳ ва иғроқ ба маротиб бештар аз истиора аст. Он чи ки дар ҳамоса аҳамият дорад, сароҳати баён аст, аммо шоир ба сабаби издиҳоми истиора ин сароҳатро аз шеъри худ гирифтааст. Хонанда дар сурудаҳои ҳамосӣ бояд фурсати озодии хаёл пайдо кунад, то дар фишори дарки таносубот ва ташбеҳот ва истиораҳо қарор нагирад ва ба роҳатӣ битавонад дарки дурусте аз шеър ҳосил намояд, аммо Асадии Тӯсӣ шулуғи тавсифот ин фурсатро аз хонандаи худ мегирад» [10].

Яке аз ҷанбаҳои қобили мутолиа дар сӯгсурадаҳои достонӣ, ҷанбаҳои адабӣ ва зебоишинохтии онҳост. Асадӣ дар сӯгсурудаҳои достони мавриди баҳс дар баён ва тавсифи саҳнаҳои набард халлоқиятҳое доштааст. Албатта, вақте халлоқият гуфта мешавад, ба маънои он нест, ки халлоқияти ӯ монанди Фирдавсӣ будааст.

Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии сӯгсурудаҳои мардуми Кобул. Асадии Тӯсӣ дар ибтидои достон ба тавсифи зебоиҳои бутхона пардохта, тасовири зебое аз бутхонаро дар шеъри худ овардааст. Тавсифоташ бештар дар ин достон интизоӣ ва муҷаррад ҳастанд. Овардани тавсифҳои интизоӣ бо шеъри ҳамосӣ созгорӣ надорад, зеро лозимаи тасовири муҷаррад латофат аст ва ин чизе аст, ки бо дурушти ва хушунати мавҷуд дар ҳамоса дар тазод мебошад.

Дар ин қисмат ҷанбаи отифӣ ва эҳсосии шеър ба сурати қавӣ нишон дода шудааст, ба наҳве ки хонанда аз хондани ашъори ин қисмат муассир мешавад. Шоир дар ин қисмат тавонистааст, иртиботи хосе бо хонанда барқарор кунад. Пас аз аносири фаннӣ ва зоҳирии ашъор бояд заминаи маънавии шеърро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод, зеро ҳар таҷрибаи шеърӣ ҳосили отифа ё андеша ва ё тахайюле аст. Бидуни ҳузури отифа ҳеҷ кадом аз аносири зоҳирии шеър ба танҳоӣ наметавонанд созандаи шеър ба маънои воқеӣ бошанд. Бино ба гуфтаи Шафеии Кадканӣ « манзур аз отифа андӯҳ ё ҳолати ҳамосии эъҷобӣ аст, ки шоир аз рӯйдоди ҳодисае дар хеш эҳсос мекунад ва аз хонанда ё шунаванда мехоҳад, ки бо вай дар ин эҳсос ширкат дошта бошад. Наметавон ба яқин пазируфт, ки имкон он бошад, ки ҳунармандӣ ҳолати отифиро ба хонандаи хеш мунтақил кунад, бе он ки худ онро дар ҷони хеш эҳсос карда бошад» [10].

Дар бахши мусиқии дарунӣ шоир бо овардани миръоти назар ва тазод тавонистааст мусиқии қобили қабуле дар шеъри худ биёварад. Пайванди шеър ва мусиқӣ дар ин бахш ба хубӣ эҳсос мешавад:

Ҳама шаҳр агар мард агар зан буданд,
Ба шеван ба бозору барзан буданд.
Бад-он куштагон мӯя буд чапу рост,
Чу диданд лашкар, дигар мӯя хост (С. 256).

Шоир бо овардани вожаҳое, ки аз фарозу фуруди муносибе бархурдоранд, тавонистааст мусиқии канорӣ ва дарунии шеърро ба хубӣ риоят намояд. Дар қисмати қофия бо овардани вожаҳои тоза ва муносиб бо мавзӯъ тавонистааст иттиҳоди маъноии кулли асарро аз лиҳози меҳвари уфуқӣ ва умумии шеър ҳифз кунад.

Овардани ташбеҳоти сода ва малмус яке дигар аз вижагиҳои қавӣ дар шеъри Асадӣ аст. Ташбеҳот бо мавзӯи мавриди баҳс ҳамоҳангӣ ва ҳамхонии вижае доранд. Овардани ороёҳое, аз қабили таносуб ва тазод дар ҷойи худ муассир аст ва боиси росттар кардани сухани ӯ шудааст. Иғроқи Асадӣ ҳам бо мавзӯи мавриди назараш таносуб дорад ва огоҳона дар пайи ҳамосӣ кардани мавзӯъ аст. Шафеии Кадканӣ дар ин маврид мегӯяд: «Мушаххастарин хусусиёти Асадӣ дар қиёс бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҷойгузин кардани истиораҳои пай дар пай ва фишурда аст, ба ҷойи ташбеҳоти густурда ва боз ва баёни иғроқии «Шоҳнома», ки рукни ҳамосаҳост»(С.613).

Бо мутолиаи «Гаршоспнома» дармеёбем, ки бахши азиме аз адабиёти ғиноӣ дар мутуни куҳани форсиро, марсияҳо ташкил медиҳанд. Яке аз зергунаҳои адаби ғиноӣ, марсия аст. Инсон ҳамвора бо масъалаи марг рӯ ба рӯ будааст ва бо таваҷҷуҳ ба ғалаёни отифӣ ва одобу суннати мавҷуд ба сӯгворӣ ва азодории азизони худ пардохтааст. Дар китоби «Гаршоспнома» одобу русуме, ки дар марсия баён мешавад, мушобеҳоти бисёре бо бархе аз манотиқи кишварамон дорад. Ҳанӯз дар бофтҳои зиндагии мардум, маросими марбут ба марги азизон бо он чи ки дар ин асар баён шудааст, қаробат ва мушобеҳоти бисёре дорад ва ин масъала гӯё қаробати фарҳангии мардуми имрӯзини кишвари мо бо мардуми гузашта аст.

Бахши бузурге аз сӯгсурудаҳои достонӣ дар «Гаршоспнома»-ро марсияҳое ташкил медиҳанд, ки марсияи шоҳон ва шоҳзодагон ва бузургонро шомил мешавад. Ин бахш шояд ба лиҳози аҳамият дар ин асар дорои намуди бештаре ҳастанд. Чуноне ки мулоҳиза гардид, ин марсияҳо густардатарин бахши марсия дар осори мазкур мебошанд. Асадии Тӯсӣ дар поёни ин гуна марсияҳо мухотабро ба нопайдории рӯзгор ва адами дилбастагӣ ба дунё ва масоили он роҳнамоӣ мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадии Тӯсӣ Абӯнаср Алӣ ибни Аҳмад. Гаршоспнома / Асадии Тӯсӣ Абӯнаср Алӣ ибни Аҳмад. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1354.
2. Афсари Кирмонӣ Абдулризо. Нигарише ба марсиясароӣ дар Эрон / Афсари Кирмонӣ Абдулризо. – Теҳрон: Иттилоот, 1381.
3. Имомӣ Насруллоҳ. Марсиясароӣ дар адабиёти форсии Эрон / Имомӣ Насруллоҳ. –Аҳвоз: Интишороти Ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369.
4. Ҳамидиён Саид. Даромаде бар андеша ва ҳунари Фирдавсӣ / Ҳамидиён Саид. – Теҳрон: Ноҳид, 1387.
5. Халлоқӣ Мутлақ Ҷалил. Суханҳои дерина / Халлоқӣ Мутлақ Ҷалил. – Теҳрон:Афкор, 1381.
6. Размҷӯ Ҳусейн. Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ / Размҷӯ Ҳусейн. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсӣ, 1385.

7. Растагор Фасоӣ Мансур. Анвои насри форсӣ / Растагор Фасоӣ Мансур. – Теҳрон: Самт, 1380.
8. Анвои шеъри форсӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1382.
9. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Номварнома / Зарринкӯб Абдулҳусейн. – Теҳрон: Сухан, 1389.
10. Шафеии Кадканӣ Муҳаммдризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Шафеии Кадканӣ Муҳаммдризо. – Теҳрон: Огоҳ, 1378.
11. Мусиқии шеър. – Теҳрон: Огоҳ, 1388.
12. Шамисо Сирус. Анвои адабӣ / Шамисо Сирус. – Теҳрон: Мизон, 1389.
13. Баён ва маонӣ. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1383.
14. Маонӣ. –Теҳрон: Мизон, 1384.
15. Сабурӣ Дороюш. Офоқи ғазал / Сабурӣ Дороюш. – Теҳрон: Завол, 1384.
16. Зафарӣ Валиаллоҳ. Ҳабсия дар одоби форсӣ / Зафарӣ Валиаллоҳ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1388. Дар ду чилд.
17. Каримиён Ҳусейн. Пажӯҳише дар «Шоҳнома» / Каримиён Ҳусейн. – Теҳрон: Интишороти Созмони асноди миллии Эрон, 1375.
18. Мухторӣ Муҳаммад. Ҳамоса дар рамз ва рози миллӣ / Мухторӣ Муҳаммад. –Теҳрон: Қатра, 1368.

ИССЛЕДОВАНИЕ И ИЗУЧЕНИЕ ЖАНРА МАРСИЯ (ЭЛЕГИЯ) В «ГАРШАСПНАМЕ» АСАДИ ТУСИ

В истории персидско-таджикской литературы создано очень много эпических творений, наиболее известным из которых является «Гаршаспнаме» Асади Туси. В данной статье авторами рассмотрены многообразные формы траурных воспеваний, церемоний и шествий из древних иранских сказаний на примере изучения эпико-героической поэмы «Гаршаспнаме», написанной в стиле «Шахнаме» Фирдоуси

Ключевые слова: Асади Туси, эпико-героическая поэма «Гаршаспнаме», формы траурных воспеваний, древних иранских сказаний

THE RESEARCH AND STUDY OF THE GENRE MARCIA (ELEGY) IN "GARSHASPNAME" ASADI TUSI

In the history of the Persian-Taiik literature created a lot of epic works, most famous of which is " Garshaspname" Asadi Tusi. In this article the authors consider the many forms of mourning Vasiani, ceremonies and processions of the ancient Iranian legends on the example of study of epiko-heroic poem " Garshaspname", written in the style of "Shahname" Ferdowsi

Key words: Asadi Tusi, epiko-heroic poem " Garshaspname", forms the funeral Vasiani, ancient Iranian tales.

Сведения об авторах: ***Мухаммадризо Солехи Мозандарони*** – Университет Шахид Чамран, Ахваз, Иран
Мухтор Иброхими – Университет Шахид Чамран, Ахваз, Иран
Насруллох Имоми – Университет Шахид Чамран, Ахваз, Иран
Али Бозванд– Университет Шахид Чамран, Ахваз, Иран

БАРРАСИИ ШАХСИЯТҲОИ УСТУРАӢ ВА ПАҲЛАВОНӢ ДАР ОСОРИ МАНЗУМИ ИРФОНӢ БО ТАЪКИД БАР КУЛЛИЁТИ АТТОРИ НИШОПУРӢ ВА КУЛЛИЁТИ ШАМСИ ТАБРЕЗӢ

Саида Ҳидоят, Фаршод Мирзои Мутлақ
Донишгоҳи озодии исломии воҳиди Хуррамобод, Эрон

Сарзамини порс ва адабиёти ғиноии он маншаи офариниши шахсиятҳои усутуравӣ ва паҳлавонӣ аст, ки авҷи бадоат дар ҳулқи ин ашхосро дар асари ҳамосии шоири бузурги ин сарзамин Фирдавсӣ метавон ёфт. Инчунин Аттор ва Мавлавӣ ду чеҳраи маъруфи адабиёти ирфонӣ мебошанд, ки аз чеҳраҳои устураӣ баҳраҳо ҷустаанд, то истимдод аз ирфони пӯюётар аз дигарон амал карда бошанд.

Шахсиятҳои инсонии устураии (мусбат ва манфӣ):

Исфандиёр. Исфандиёр аз зумраи номдорон дар асотири адаби форсӣ аст «Исфандиёр ҳам шоҳзода аст ва ҳам ҷаҳони паҳлавон ду сифате, ки дар «Шоҳнома» ҷузъ дар ӯ дар каси дигаре ҷамъ нашудааст. Аз маҳвияти рӯйинтанӣ низ бархурдор аст. Агар Рустам қаҳрамони дифоъ аз хубӣ аст. Исфандиёр қаҳрамони дини беҳӣ аст» [Исломӣ надушин, 1374.- С.27]. Аттор ба инсон ҳушдор медиҳад, ки ҳар андоза қудрат ва шавкат дошта бошӣ ва низ ҳамсили рӯйинтанӣ ва ҷоҳу мақом бошӣ ва бояд ҳар лаҳза чашм ба роҳи марг бошӣ. Он гуна ки Исфандиёри паҳлавон алорағми нерӯ ва рӯйинтан будан саранҷом чашмони осебпазираш ӯро дар чанголи марг ниҳод:

Агар Искандарӣ дунёи фоният,
Кунад бар ту кафан искандароният
В-агар рӯйинтар аз Исфандиёрӣ,
Ба охар низ ӯро чашм дорӣ (Асорнома, 192).

Лозим ба зикр аст, ки калимаи чашм дар ин байт иҳоми латифе дорад ҳам ба чашминтизор будани марг ва ҳам Исфандиёр, ки ӯро ба коми марг бурд.

Дар байти дигаре низ Аттор набарди Рустам ва Исфандиёрро ёдоварӣ мекунад, ки дар ин набард Исфандиёри номдор, ки «Қаҳрамони дини беҳӣ ва доиядори

зернигиновари дунёст» [Ислом Надушан, 1374, С.26] асири макри Рустами рӯзгор шуда ва ночор ба тарки дунё шуд.

Аммо чун ҳасра мехӯрад ёруна дастор,
Ба тарорӣ ва дастонаш ба даст ор,
Надонӣ он ки Рустам аз Газистон,
Чи ба Исфандиёре кард, дастон? (Илоҳинома, 369).

Мавлавӣ дар девони Шамс дар як байт аз Исфандиёр ном бурда, ки Шамси Табрезиро дар набард будан ва чирагӣ бар деви нафс ба Исфандиёри қудратманд ва Алии Муртазо ташбеҳ карда ва мегӯяд:

Ба саф андар ойи танҳо, ки Сифандиёри вақтӣ,
Дари Хайбар аст баркан, ки Алии Муртазоӣ [Куллиёти Шамси Табрезӣ, 1036).

Афросиёб. Афросиёб подшоҳи Турон буд ва пас аз Заҳҳок шарартарин чеҳраи «Шоҳнома» аст. «Афросиёб мазҳари кинатузӣ ва паймоншиканӣ аст ва гоҳе ба ҷойи чанг бо мардон ва ё ҳамроҳи он мардуми манотиқ чандеро ба теғ месупорад ва асиркушӣ суннати ӯст» [Ҳамидиён, 1372.- С.253].

Аттор бо баёни тоҷ ва тахти Афросиёб ва куллан ҳукумати моддӣ ӯ бар қисмати аъзаме аз дунё ёдовар мешавад, ки чи тоҷу тахти олами моддиро дошта бошӣ ва чи надошта бошӣ дар ниҳоят бояд ҳамаро бигзорӣ ва бигзарӣ.

Чун сару афсар нахоҳад монд, то май бингарӣ,
Чи куллоҳ жанду чи афсар Афросиёб (Девони Аттор, 79).

Дар мавзӯи дигар Аттор нафси лаимаро ба Афросиёби палид ташбеҳ карда, ки инсонро асири орзуҳои нафсонии худ менамояд:

Туро Афросиёби нафс ногоҳ,
Ҷу Бежан кард зиндонӣ дар ин чоҳ (Илоҳинома, 183).

Бежан. Бежан низ шахсияти устурагӣ аст, ки дар осори мавриди назар дар ин пажӯҳиш фақат Аттор дар як байт аз «Илоҳинома» номи ӯро зикр мекунад ва аз Бежани устураие, ки асири чоҳи Афросиёб гашта буд ва тавассути Рустам аз он чоҳ наҷот ёфт ба унвони намоди инсони мутеъ ва дар банди нафси амора ёд кардааст. Зеро ҳамон тавре, ки ишора шуд. Афросиёбро Аттор намоди нафси амора зикр мекунад:

Туро Афросиёби нафси нигоҳ,
Ҷу Бежан кард зиндонӣ дар ин чоҳ (Илоҳинома, 183).

Рустам. Рустам аз зумраи паҳлавонон ва номдорони ҷаҳони ҳамосӣ аст, ки саросари умраш ба озодагӣ ва исор дар ҷиҳати ёрирасонӣ ба эрониён ва шоҳон сипарӣ шуд. «Чунонки аз қавли Фирдавсӣ дар «Таърихи Систон» омада: Худои таоло хештанро ҳеҷ банда чун Рустам наёфарид, аммо тавоноӣ ва номварии ӯ дар он аст, ки намояндаи мардум аст. Парвардаи тахаюли ҳазорон ҳазор одамизод аст, ки дар тайи замонҳои дароз ӯро ба унвони касе, ки бояд таҷассуме аз рӯъёҳо ва орзуҳояшон бошад офаридаанд» [Исломӣ надушин, 1374.- С.5].

«Дар фарҳанги эронӣ баъд аз ислом Рустам бегумон номвартарин ва муассиртарин қаҳрамони афсонаҳо ва ривоёти куҳан аст. Каманди пуртавон ва рахши нерӯманди ӯ дар адаби форсӣ ба ӯ симои як қаҳрамони миллӣ бахшида аст. Фирдавсӣ аз Рустам ҷавонмардӣ, хасоиси неку волои инсоние, ки ҳамеша роҳкушои мушкилоти зиндагии эрониён будааст ва ин худ далели умдае аст, то Рустам дар арсаи адабиёти ирфонӣ дар ҷойгоҳи орифи комил ва муршиди роҳдон қарор бигирад» [Размҷӯ, 1381.- С.312].

Рустам аз нигоҳи Аттор. Аттор дар девони худ дар байте ишора дорад ба қудрат ва азамати илоҳие, ки ҳама махлуқотро офридааст ва ҳар офаридае бо ҳар ном ва қударт махлуқи қодири беҳамтост, ки дар ин байт Рустами паҳлавони номдори устураиро намоде аз номдорон ва паҳлавонони ҷаҳони офариниш ёд мекунад, ки агар ном ва қудрате ҳам ёфтаанд, ҳамагӣ иноятӣ «Илоҳинома» мебошад:

Сад мард чу Рустамро чу бачаи як рӯза,
Парварда ба зери пар Симурғи ҷамоли ту (Девони Аттор, 536).

Дар абёти дигаре Аттор амонати илоҳиро дар азамат ва бузургӣ ба Рустам ва инсони зулум ва ҷуҳулро ба Рахш ташбеҳ кардааст:

Агар набудӣ дар миёни он сари пок,
Кай кашидӣ он амонати обу хок?
Рустамро Рахши рустам мекашад,
Пиндорӣ, ки мардум мекашад (Мусибатнома, 444).

Ин абёт баёнгари арза кардани амонате аст, ки Худованд дар Қуръон фармуда аст: «إِنَّا عَرَضنَا الأَمانَةَ عَلَى السَّمواتِ وَ الأَرضِ وَ الجِبالِ فَأَبَينَ أَن يَحمِلنَها وَ أَشفَقنَ مِنها وَ حَمَلَهَا الإِنسانُ إِنَّهُ كانَ ظَلُوماً جَهُولاً» (Сураи Аҳзо, ояти 72). Мо он амонатро бар осмонҳо ва замину кӯҳҳо арза кардем аз пазируфтани он сарбоз заданд ва аз он бим доштанд. Инсон (дар муқобили ин

озмоиш ва адои амонат) бисёр ситамгор ва нодон буд, ки ба роҳи ҷаҳлу исён шитофта ва дар супурдани ин амонат ба инсон асрори илоҳӣ нуҳуфта буд ва тақдиру хости илоҳӣ буд, ки инсон ин амонатро пазируфт. Ёдоварии ин масали адабӣ аст, ки «Рустамро Рахш метавонад бубарад» ва ҳаргиз тасаввур накун, ки мардум ӯро ба ҳаракат во медоранд. Аттор байти дувумро ба унвони зарбулмасал дар такомули каломи хеш дар байти моқабл унвон кардааст.

Дар байти зер Аттор Рустам ва сароҳати баёнашро дастовезе қарор медиҳад, ки Мансури Ҳаллоҷро ба ӯ ташбеҳ кунад:

Ҳаллоҷ ҳамчун Рустаме хуш бо ватан омад, ҳаме,
К-андар гулӯйи вай даме биандоз расан афтода шуд.
(Девони Аттор, 291)

Ҳусейн ибни Мансури Ҳаллоҷ орифест, ки уламои замонаш суханони бепарвояшро пас аз бозгашти вай аз сафари савуми ҳаҷ куфр медонистанд ва фатвои қатлашро содир карданд. Дар Девони Аттор ба номи Ҳаллоҷ бархӯрд мекунем. Аз ҷумла байти боло ки ба хотири шуҷоат дар баёни ӯро қудратманд ва номдор медонанд ва ба Рустам паҳлавони номдор устурае ташбеҳ мекунад ва дар чанд байт баъд дар васфи Ҳаллоҷ боз ҳам ӯро ҳамчун Рустами далер ва номдор муаррифӣ мекунад ва баён мекунад:

Дар ҳайбати ҳоле чунон гаштанд мардон чун занон,
Чи хезад аз тардоманон чу Таҳамтан афтода шуд (Девони Аттор, 291).

Дар ин байт ишора дорад ба воқеаи бар дор кардани Ҳаллоҷ ва чигунагии куштан ва ризоят доштани вай аз тарки ҷаҳони моддие, ки бо шуҷоат ва диловарӣ ҳамчун Рустами таҳамтан ба сӯйи ҳақ ва кашфи ҳақиқат шитоб мекард. Аттор дар девони худ ҷонро ба Рустам ташбеҳ кардааст. Он ва рӯҳи инсони комил дар нуктаи муштарак гузоштан аз лазоиз ва муқовимоти моддӣ ва аз саргузаронидани мавонеъ ва сахтиҳо ба дунбол расидан ба ҳақиқат ба Рустам шабеҳ шудааст:

Рахши фикрат, ки Рустам ҷонрост,
Бо фалак ҳам инон ҳаме ёбем.
Қиссаи худ чи гӯямат, ки ду кавн,
Қиссаи бостон ҳаме ёбем (Девони Аттор, 108).

Аттор дар ибтидое аз «Илоҳинома» дунёпарастиро ба тасвир мекашад ва ин гуна баён медорад. Касоне, ки пайрави нафс ҳастанд ҳамвора дар ҷоҳи Афросиёби нафс ҳамчун Бежан дар банд ва зиндонӣ ҳастанд ва аз аквони деви нафси хеш шикаст хурдаанд. Дар чоҳи торик ва зулмонии нафс, ки чун чоҳи Бежан танг ва торикаст асир мебошанд ва ҳеҷ равзанае ба сӯйи раҳоӣ ва растагорӣ надоранд. Марг ин ки муршид ва ҳидоятгаре чун Рустам биояд ва эшонро аз ин банд ва гирифторӣ раҳоӣ диҳад. Ҳамон тавре, ки мушаххас шуд шоир ба зебоие аз аносири асотирии истифода намуда, то битавонад мақсуди хешро дар қолаби ин шахсиятҳо ба саранҷом бирасонад ва дар мухотаб асаргузор шавад. Аз Рустам ба ановини муршид ва роҳбарӣ ёд мекунад, ки ноҷии инсон аз чоҳи нафс аст. Ҳамчун достони раҳо шудани Бежан тавассути Рустам. Ин абёт метавонад ёдовари армонӣ ва додгустарии Рустам бошад, ки дар ирфон намоди солик ва муршиди комил аст, ки инсонро ба камол савқ медиҳад:

Туро Афросиёби нафси нигоҳ,
Чу Бежан кард зиндонӣ дар ин чоҳ.
Вале акнун дев ояд ба ҷангат,
Ниҳоди ӯ бар сари ин чоҳ сангат.
Туро пас Рустаме бояд дар ин роҳ,
Ки ин санги гарон баргирад аз чоҳ… (Илоҳинома, 183).

Дар абёти дигари Атттор қадм ниҳодан дар водие муаррифиро манут ба буридан аз ҷаҳони моддӣ медонад ва ҳар чанд касе номӣ ва далер бошад. Чун Рустами паҳлавон, аммо бояд шароити солик шуданро дошта бошад ва шарти вусул ва ба камол расиданро фақри моддӣ ва ғанои маънавӣ медонад:

Шавад ин ҷо кам аз тифл дурӯза,
Агар сад рустам дар ҷавшан омад.
Дар ин раҳи арш ҳар рӯзе ба сад бор дар ин раҳ,
Зи ҳайбат ба сар як сӯзан омад дарун.
Ҳаст мурғони к-осмон нишон,
Ҳавсалаи як арзан омад (Девони Аттор, 299)

Рустам абармард ва паҳлавон дар абёти зер оҷиз ва ҳақир шумурда шуда, зеро дар муқобили азамат ва ҷабарути илоҳӣ воқеъ шудааст. Аттор ин абётро намоёнгари заррае аз азамати илоҳӣ дониста зеро ҳамаи махлуқотро бо ҳар қудрат ва шавкате офаридаи Холиқи лоязол медонад ва дар муқобили Худованд ҳақир ва нотавон ҳастанд:

Аз ин чандин бигардид, ӯ ки ногоҳ,
Хабар аз туву зи худ бехабар шуд.
Басо Рустам, ки ин ҷо зансифат гашт,
Басо мутриб, ки ин ҷо навҳагар шуд.
Қадар ки ин ҷо расид аз хеш гум гашт,
Қазо он ҷо расид андак қадр шуд касе.
Бишуст аз ҷону аз дил даст ҷовид,
Ку марди роҳи ин сафар шуд (Девони Аттор, 284).

Он чи ки ба сурати куллӣ метавон аз намодҳои матраҳшуда аз Рустам дар осори Аттор бардошт намуд ин аст, ки вай бо таваҷҷуҳ ба талаботи калом Рустамро рамзи мардӣ ва мардонагӣ, аҷз ва нотавонӣ ва монанди инҳо медонад.

2.4. **Рустам дар куллиёти Шамси Табрезӣ.** Мавлавӣ дар Девони Шамс аз Рустам ёд кардааст ва ӯро рамзи қудрат ва паҳлавонӣ зоҳир ва ботин донистааст. Дар абёте, ки аз куллиёти Шамси Табрезӣ истихроҷ гардид Мавлоно номи Рустамро дар қолабҳои мухталиф зикр кардааст, то мақсуди сухани худро ба мухотаб бирасонад.

3-ин ҳамроҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами достонам орзуст (Ғазал, 441, 162).

Рустам чеҳраи муҳтарами ҳамосӣ, чеҳраи инсонӣ дорад, зеро ӯ мазҳари ҷавонмардӣ ва парҳезкорӣ ва хислатҳои неки инсонӣ аст ва Мавлоно ӯро ҳам мартабаи шерри Худо (ҳазрати Алӣ (р) медонад ва ба ин тартиб миллият ва динро дар қолаби воҳид мебинад.

Дар байти зер Мавлоно инсонро раҳнамун месозад, ки вуҷуди моддии худро ром ва таҳти фармон оварад ва битавонад ба воситаи он ҳамчун Рустами далер нафси моддиро монанди Рахш мутеи худ созад ва ба камоли ҳақиқӣ бирасад:

Гар шавӣ ту роми худ роҳат шавад ҷумла ҷаҳон,
Гар ту Рустамзодаи ин Рахшат охир ром кӯ (Ғазали 2207, 805).

Дар байти дигар Рустами пури Золро рамзи шуҷоат ва қудрати зоҳирӣ баён мекунад, ки бо таваҷҷуҳ ба қудрати фаровонаш, аммо дар муқобили марг, чорае ҷуз таслим надорад.

Агар ту Рустами Золӣ, в-агар Қорун бо молӣ,
В-агар бо қолу ҳол ба вақти марг дармонӣ (Ғзал, 3019, 1138).

Байти зер гӯйёи он аст, ки Мавлоно ба васати таҳаввулоте, ки Шамс дар вуҷудаш падидор сохт. Худро дорои қудрати ботинӣ мебинад ва бо вуҷуди ҷон огоҳии хеш худро Рустами паҳлавон дар ҳар майдони набард ва ёрирасони ҳар ниёзманд ва ҳидоятгару равшанибахши ҳар маҳфил медонад, зеро вуҷуди худро васл ба даргоҳи Ҳақ мешуморад:

Сайқали ҳар ойинаам Рустами ҳар майманаам,
Қуввати ҳар гуруснаам анҷоми ҳар анҷуман (Ғазал, 1395, 510).

Дар байти зер Мавлоно ба зебоӣ тавониста дилро намоди Рустам қарор диҳад:

Гуфт, ки дил мо Рустами достони мост,
Сӯйи хаёли хато баҳри гизо меравад (Ғазал, 898, 325).

Дар муқоиса бо қудрати зоҳирӣ Рустам дил низ дороии қудрат маънавӣ аст ва ҳамонтавре ки Рустам дар майдонҳои набард барои расидан ба аҳдофи нек бо аҳриман ва бадиҳо мубориза мекард дил низ ба мубориза бо Аҳриман лаҳазоти васвасаҳои нафсонӣ ва моддӣ пардохта ва инсонро ба сӯйи саодат ва камоли ҳақиқӣ роҳнамун месозад.

Дар байте низ Мавлоно муршидгуна ба инсон ҳушдор медиҳад, ки ҳамчун Рустам ба мубориза бо нафси амора худ бипардозад, то ба шинохти ҳақоиқи илоҳӣ ва камол бирасад. Пас инсони огоҳе чун Рустам метавонад мавонеи расидан ба қурби илоҳиро бо қудрати маънавие, ки дар вуҷудаш тақвият гардида канор гузорад ва ба сари манзили мақсуди илоҳӣ бирасад:

Ту Рустами дилу ҷониву сарвари мардони ғизо,
Агар ба нафси лаимат ғизо тавонӣ кард (Ғазал, 959, 349).

Мавлоно хирадро Рустами паҳлавон ва диловар ҳамеша пирӯзии майдони фикр мешуморад, аммо ин хирад пирӯз дар муқобили ҳақ ва ҳақиқат ва расидан ба қурби илоҳӣ ва рӯияти ҷамоли ҳақ шикаст хурда ва нокому оҷиз аст, зеро қудрати ӯ фақат маҳсур ба олами моддӣ мебошад ва барои расидан ба олами маъно бояд худро ороста ба қудрати ботинӣ намояд.

Рустами майдон фикри пеши арӯсони бикр,
Ҳеҷ буд дар васлу вақт тамошотараш (Ғазал, 1274, 464).

Мавлоно худро солики ҳақиқатбинӣ мебинад, ки мехоҳад бо нафси моддӣ, ки сабаби гумроҳӣ аст мубориза кунад. Нафсе, ки Рустам майдони васваса аст ва инсони моддӣ ва зоҳирбинро чун деви сапед асири худ сохта аст. Аммо соликони роҳ байни Рустаме ҳастанд, ки деви нафсро ки зоҳир сапед, аммо дарунӣ табоҳ ва сиёҳ дорандро

дар майдони ҳақиқат нобуд месозанд ва инсонҳое, ки камоли худро дар расидан ба ҷоҳу моли дунявӣ мебинандро ба сӯйи камоли ҳақиқӣ ва ҷовидон раҳнамун мекунанд.

Мавлоно хитоб ба инсони ҳақиқатбин мегӯяд:
Ту Рустами достонӣ аз Зол чи метарсӣ,
Ё раб бираҳон ӯро аз нанги чунин золик (Ғазал, 1316, 480).

Эй инсон ту бо доштани рӯҳ ва ҷони маънавӣ, ки аз олами маъно дар вуҷуди ту нуҳуфта шудааст, Рустам достони пирӯз ва қаҳрамоне мебошӣ, ки метавонӣ барои набард бо нафси лаим маротиби ҳафт хони сулукро тай кунӣ ва ба камол баррасӣ пас аз ин дунёи фартут ҳарос надошта бошӣ, зеро Худованд, ки аз рӯҳи худ дар вуҷуди ту ва дидаи осмонӣ ниҳода аст, то бо он дар зумраи восилон ба кӯҳи ӯ бошӣ ва ба дидори ҳақ биррасӣ туро аз нанги ин ҷаҳони пир ва макр наҷот хоҳад дод.

Агарчи нафсат рустамӣ бошад мусаллат бар дилат,
Ларза бар рӯй афканад чун дилат бар гули ларзони сиём
(Ғазал, 1602, 578).

Риёзати ихтиёре, ки одамӣ бо иродаи худ бар нафс таҳмил мекунад ва тамоми вуҷуди хешро саросар тавақҷуҳ ва иноят ба сӯйи Худованд ва мутеи аҳкоми илоҳӣ мекунад муҷиботи аҷз ва нотавонии нафси моддиро, ки доияи Рустами паҳлавон буданро дорад фароҳам меоварад ва нишон аз қудрати маҳдуд ва зоҳири нафси мода медиҳад.

Дар байти дигаре ишқи Илоҳиро ёр ва ҳамроҳи орифон ва соликон, ки аз онҳо бо намоди рустам ёд мекунад, медонад:

Хомӯш зи ишқ бишнав гӯйяд ту гар маро,
Ман ёрӣ рустамонам на ёри мардӣ … (Ғазал, 1697, 612).

Эй инсон агар мехоҳӣ ба камол биррасӣ пас ба нидои ишқи ҳақиқӣ гӯш кун ва аз ӯ пайравӣ кун. Зеро ин ишқ ёр ва ҳамроҳи орифон ва соликони ростин мешавад на ҳар инсони ғофиле, ки вуҷудаш сарои нафси амора ва тааллуқоти моддӣ аст.

Ошиқе, ки бо омадани Шамс дар вуҷуди Мавлоно реша давонда буд сипас шуру нишот ва оромиш дар вуҷуди мутаҳавилонаш гардида буд дар ҳоле ки ҳамин ишқ сабаби ташвиши хотир ва барошуфтани муридон ва атрофиёни Мавлоно шуда буд. Мавлоно худро Рустами қудратманд мебинад, ки Шамс ё ҳамон ишқ, муҷиботи қудрат ва номдориро дар вуҷудаш фароҳам оварда буд ва шӯроеро, ки муридонаш заҳр мепиндоштанд барои ӯ ҳаловат ва ширинии расидан ба камолро ба ҳамроҳ дошт ва онро ба ҳама чиз ва ҳама кас бартар медонист.

Дар байти баъд Мавлоно натиҷаи аҳволи дарнуии хешро, ки бо вуҷуди Шамс дар ӯ падидор гашта бар забон меоварад ва хитоб ба Шамс мегӯяд:

Нусрати Рустамон туйӣ фатҳу зафаррасон туйӣ Шамс,
Ҳаст асари ҳимоятат, гар зарраасту гар фарси садмаҳ.
Ту маънавӣ буд он на ки мантавӣ буд,
Офтобро нури туст муқтабис (Ғазал, 1206, 442).

Ҷозибаи Шамс тамоми вуҷуди Мавлоноро тасхир карда буд ва ҳар таҳаввуле, ки дар вуҷудаш падидор мешуд ва ӯро ба шинохти ҳақиқат мерасонад ҳамаро вобастаи вуҷуди Шамс медонад чун ӯро басони Рустам ҳамеша пирӯз бар бадиҳо медонист ва инсони комил ва орифи ҳақиқие, ки бо қудрати ботинӣ ба камол расида ва аз васлони ҳақиқӣ гардидааст.

Гоҳе дар девони Шамс Мавлоно Рустамро, ки мазҳари камоли қудрати зоҳирӣ ва ботинӣ медонанд дар муқобили мамдӯҳе, ки ағлаб ё Шамси Табрезӣ аст ва ё вуҷуди таҳаввули ёфтаи худаш мебошад, ҳақир ва оҷиз мешуморад:

Чун чарх занад он маҳ дар синаи ман гӯем,
Ай даври қамар бингар даври қамари моро.
Кӯ Рустами достонатон достон бинамоиямаш?
Кӯ Юсуф то бубинад хубиюфарморо? (Ғазал, 76,33).

Дили Мавлоно бо таҳаввулоти маънавии ганҷинаи розҳо ва кони гуҳарҳое шуда буд, ки оҳан дар санг, об дар зери хок, дур дар садаф аст ва ин розҳоро дар самоъ ошкор мекард. Мавлоно ҳангоме, ки худро аз колбади моддӣ мераҳонад ва ба сӯйи ҳақиқат ва олами маонӣ назар мекард аз худ бехуд мешуд ва ба самоъ мепардохт. Бо самоъ ба лаззати маънавӣ мерасид, ки ҳамаи олами ҳастиро бемиқдор ва ночиз мешуморад. Дар ин абёт ба Рустами достон ишора шудааст, ки ӯро низ бо он азамат ва диловарии Мавлоно дар баробари ҷойгоҳ ва аҳволи худ кӯчак мебинад ва худро аз ӯ паҳлавонтару боазаматтар медонад.

Завқаст кандар неку бад дар кини дасту по қувват диҳад,
К-ин завқи зури Рустамони ҷуфт тан мискин кунад.
Бо завқи мискини Рустамӣ, безавқи Рустам пургам.
Гар завқе набувад ёри ҷон ҷонро чи бо тамкин кунад (Ғазал, 528, 195).

Шамс иштиёқ ва шуру ғавғое дар вуҷуди Мавлоно андохт ва сабаб шуд Мавлоно Рустамро дар муқобили ин дигаргунии рӯҳонии худ даромонда ва мискин бидонад ҳамон шуре, ки тамоми сахтиҳои сайру сулукро бо вуҷуди Шамс барояш саҳл кард ва бидуни ин ҳолати ирфонӣ худро низ чун Рустам мазҳари қудрати маънавӣ медонад, аммо ғамгин аз ғайбати Шамс аст зеро дар ғиёби ӯ ҷони Мавлоно гавҳари гаронбаҳо ва муршиди тавоноиро барои камол ёфтани хеш гум карда ва мутаҳайир ва саргардон дар идомаи сайр ба ҳақиқат гардида аст.

Шамси Табрезӣ истода маст дар дасташ камон,
Тири заҳролудро бар ҷони аҳмақ мезанад.
Рустаму Ҳамза фиканда тегу испар пеши ӯ,
Ӯ чу Ҳайдар гардани Ҳишому Арбиқ мезанад (Ғазал,738, 269).

Шамс бо нишонаҳое аз порсоёӣ, маънавият, эмону эҳсос дар назари Мавлоно чун ҷанговари далер аст, ки дар муқобили инсонҳое ба давр аз маънавият ва дилбохтаи дунё истодагӣ мекунад ва онҳоро аз пой дармеоварад ва агар дар миёни онон қудратмандон ва далероне ҳамчун Рустам ва Ҳамза дорои қудрат ва шаҳомати вуҷуд дошта бошанд дар баробари Шамс шикастхурда мебошанд. Дар ин байт ба зебоии Мавлоно ёдоварии рашодатҳо ва ҷавонмардиҳои миллии Рустам дар набардҳо ва ҳамчунин рашодатҳои Ҳамза (р) ва ҳазарти Алӣ (р) дар майдонҳои набард ҳақ алайҳи ботили сухан ба миён меоварад, ки қудрат ва диловарии Ҳамза ва Рустамро намунае аз қудрати зоҳирӣ барои инсонҳои моддӣ баён мекунад ва ҷавонмардӣ, диловарӣ ва қудрати ҳазрати Алӣ (р)-ро намунае аз қудрати маънавӣ барои Шамс медонад.

Рустам, ки бошад дар ҷаҳон дар пешсафи ошиқон,
Шабдез меронанд хуш ҳар рӯз дар дарёи хун (Ғазал, 1787, 644).

Рустамро дар муқобили ошиқони ҳақиқӣ беэътибор ва беарзиш мешуморад, зеро ӯро қаҳрамони майдонҳои олами моддӣ мебинад, аммо ошиқон ҳақиқатро қаҳрамонҳои арсаи олами маъно медонад. Мулоҳиза мешавад, ки Аттор ва Мавлоно дар осори ирфонӣ ёд шуда, аз Рустами асотирие, ки аз зумраи қудратмандтарин ва номдортарин шахсиятҳои паҳлавонӣ аст. Баҳраҳои фаровоне бурдаанд ба таври намуна аз вай ба унвони соликро дорад ва ҳафт водии ишқро барои расидан ба камол ба саломат дарменавардад, ки дар ин ҷо метавон гуфт ин ду шоир аз рустами ҳамосӣ Рустами ирфонӣ меофаринанд, албатта дар ҷойгоҳҳои мухталиф Рустамро мустамсике қарор медиҳанд, то мафоҳими олии ирфонии худро бештар ва беҳтар табиин намоянд.

Заҳҳок. Аз ҷумлаи шахситҳои аҳриманӣ ва зиштсират дар устура Заҳҳок мебошад. «Заҳҳок писари Мардос, ки асолатан тозӣ аст ва аз дашти Саворони найзагузор ё Арабистон мебошад. Пас аз он ки фарри эзадӣ аз Ҷамшед гирифта мешавад, Эрониён ӯро ба подшоҳӣ мепазиранд, аммо бо рӯйи кор омадан, ситам ва номардӣ бар додгаронӣ ва арзишҳои инсонӣ ғалаба мекунад» [Размҷӯ, 1381.- С.152].

«Заҳҳок дар ривояти эронӣ таҷассуми нерӯи шар аст. Ҷамшед чаҳор хислат: сирқату худписандӣ, алҳоду мастиро барандохт, аммо Заҳҳок дубора онҳоро роиҷ кард» [Ёҳаққӣ, 1386.-С. 549].

Ин мункарони ҳақиқӣ рӯҳи заҳҳоквору тира доранд ва дар зоҳир ба ситезаҷӯйӣ бо ҳақиқат ва авлиёи илоҳие, ки паёмоварони ҳақ ҳастанд мепардозанд дар ҳоле, ки ғофил аз он ҳастанд, ки бо худ дар набард мебошанд. Мавлоно дар таҳлили душманӣ мефармояд: душмани ҳақиқӣ он аст, ки қасди ҷони инсон кунад на он ки худ ҷон биканад. ранҷе, ки хафош аз хуршед мебарад дар ҳақиқат боиси нобудии худи ӯст на хуршед» [Тоҷиддинӣ, 1383, 366].

Ҳамон тавре ки зикр шуд Заҳҳок таҷассуми нерӯйи шар аст ва дар ин байт ӯро намоди рӯҳи мункарони ҳақиқат, ки тоби ҳақ ва ҳақиқат ва зоти илоҳиро надоранд ва рӯҳи оканда аз палидӣ ва нерӯи шар доранд, муаррифӣ шудааст. Ҳамин тариқ Заҳҳок дар устура таҷассум нерӯйи шар аст, ки Аттор ва Мавлоно низ дар ирфон ӯро намоди душвориҳо ва бадиҳо ёд кардаанд.

Аттор баён мекунад бурҷи ҳамал чун Кова дирафши хешро ҷиҳати нобудии куфр боло мебарад ва ба мубориза бо куфр мепардозад. Дар воқеъ буруҷи фалакеро намоди ановин мекунад ва рӯйи суханаш бо инсон аст ва Ковиён намоди солике омада, ки ҳидоятгари инсон ба сӯйи камол аст.

Аттор Коваро намоди солики ҳидоятгари инсон ба сӯйи камол ёд кардааст. Ҳамон тавре ки шахсият шуд Кова дар асотири шахсияти зулмситез буда, ки барои расидан ба ҳақ бо Аҳриман мубориза намудааст ва дар ирфон низ аз вай ба унвони роҳнамо ва ҳодии инсонҳо ба сӯйи ҳақ ва ҳақиқат вом гирифта шудааст.

Кайхусрав. Яке дигар аз шахсиятҳои устурае, ки дар осри ирфонӣ мавриди таҳқиқ аз ӯ ёд шудааст, Кайхусрав мебошад. «Чун бар сари ҷонишинии Ковус

ихтилоф афтод қарор бар он шуд ҳар кас дижи Баҳманро бигушояд тоҷу тахт ӯро бошад. Қайхусрав бо фатҳи диж соҳиби тоҷ ва тахта шуду ба ишораи Ковус ба кинхоҳии падар бархост ва пас аз ҷангҳои дароз ва хунин Гарсеваз ва Афросиёбро бикушт ва расман подшоҳи Эрон шуд» [Ёҳаққӣ, 1386.- С. 682].

Мавлоно ба инсон ҳушдор медиҳад, ки ба сӯйи ҳақу ҳақиқат рӯйи оварад ва худро дар диёри раҳмат ва асрори илоҳӣ ғарқ намояд ва аз қайду банди олами сурат бираҳонад то ба тақарруби илоҳӣ бирасад. Зеро ҳар кас водии ишқи илоҳиро тай кунад ҷойгоҳи волое меёбад ва ба мартабае мерасад, ки Кайхусрав подшоҳ, ки дорои фарри асотирӣ буд ва дорои қудрат ва азамати бо иобати хоки остони ишқу маърифати илоҳӣ талаққӣ мешавад ва султон Санҷар аз дигар подшоҳони эронӣ низ дар муқобили ин шукӯҳ ва азамати боргоҳи ҳақ фонӣ мебошад.

Инсонҳое, ки дар ғафлат басар бурда ва нисбат ба кашфи ҳақиқати мутлақ ва зоти ақдаси илоҳӣ дар ҷаҳл буда ҳамвора ба дунболи худое барои хеш буданд, ки тамоми азамати офариниши ҷаҳонро хилқати ӯ мепиндоштанд дар ҳоле, ки худаш ҷуз махлуқоти илоҳӣ буд ва бадалели гумроҳӣ ва ноогоҳӣ муътақид ба вуҷуди айнӣ барои Офаридгор буданд, аз ҷумла инони касоне буданд, ки Худои хешро моҳ ва анҷум мепиндоштанд, ки Иброҳими набӣ дар посух ба мардумони рӯзгори хеш гуфт: ман худоеро, ки уфул мекунад намепарастам [Сураи Инъом, ояти 75-79].

Ин инсонҳои ҷоҳил бо доштани худоёни худ (моҳ ва ситорагон) ҳамчун Кайхусрав ва дигар подшоҳон ва иломақоми худро дар ҷойгоҳи воло мединанд ва эҳсоси саодат ва некбахтӣ мекарданд ва дар хаёли хеш худро ба камол расида медонистанд дар ҳоле ки ғофил аз он буданд, ки ҳеҷ гуна шарте аз шароит расидан ба камоли ҳақиқиро надоранд.

Дар «Илоҳинома» Аттори Нишопурӣ дар идомаи ҳикояти Кайхусрав ва Ҷоми Ҷам ба авохири умри Кайхусрав ишора мекунад:

Ҷу Кайхусрав аз он роз огаҳӣ ёфт,
Зи мулки хеш дасти худ тиҳӣ ёфт.
Яқинаш шуд, ки мулкаш ҷуз фано нест,
Дар дунё бақоро бас бақо нест. (Илоҳинома, 158-259).

Ҳамон тавре ки зикр шуд Кайхусрав аз подшоҳон бо фаре дар асотир дар авохири умури аҳволаш дигаргун мешавад. «Як ҳафта ба ниёиш мепардозад ва шабе дар хоб сурушро дид, ки ба ӯ муждаи сафар миноӣ дод ва гуфт: Луҳроспро ҷонишини худ гардон» (Ёҳаққӣ, 1386.- С.683). Ин ҳикоят нишон аз эмони росихи инсони комиле аст, ки некномӣ, ҷоҳ мол ва мақоми дунявиро раҳо карда ва атои онро ба лиқояш бахшида роҳи маънавиро паймуда, ки то абадан ҷовидон бимонад ва аз пойгоҳи подшоҳи дунявӣ ба пойгоҳи Эзадӣ иртиқо ёбад. Мулоҳиза мешавад, ки Аттор ва Мавлавӣ бештар аз шахсияти устурагӣ Кайхусрав истифода намудааст то битавонанд мафҳуми буридан аз дунё ва расидан ба уқбиро барои хонанда равшан созанд.

Хулоса, бо таваҷҷуҳ ба мутолиоте, ки аз соири мавриди пажӯҳиш пиромуни шахсиятҳои устурагӣ ва паҳлавонӣ сурат гирифт, метавон ба ин матлаб ишора кард, ки шояд битавон дар зоҳири тафовутҳое дар дунёи ҳамоса ва ирфон дарёфт, ки далели он низ ҷудо будани қалмрави онҳост, аммо бо дарназар доштани ҳадафи оромонии ин ду мақула метавон ба вуҷуҳ иштироки ҳамоса ва ирфон пай бурд.

Бо таваҷҷуҳ ба ишорате, ки шуарои мавриди баҳс аз шахсиятҳои асотирӣ дар ирфон намудаанд метавон чунин бардошт кард, ҳамон тавре, ки ин ашхос нақши пуррангӣ дар адабиёти ҳамосӣ доштаанд ва ҳузурашон дар он водӣ муассири вақоеъ шудааст, дар адабиёти ирфонӣ низ муфиди фоида будаанд ба тавре, ки шахсиятҳое, ки дар устура намоди хайр ва некӣ будаанд. Дар ирфон низ чунон, ки дар абёти мавриди баҳс зикр шуда ба унвони намуна ва тамсил ва ё бо намоди ҳидоятгарӣ, ноҷӣ, маншаи хайр ва расонанда ба камол унвон шудаанд ва шахсиятҳое, ки дар ҳамоса намоди шар ва бадӣ ҳастанд, дар ирфон низ намоди нафс гумроҳ ва табоҳӣ мебошанд, ки ин худ ба вузуҳ нишон аз гиреҳхӯрдагӣ ва вуҷуҳи иштирок миёни ҳамоса ва ирфон дорад ва мақсуди муштарак миёни он дуро ки равшангарӣ ва огоҳибахшӣ барои интихоби саҳеҳ ҷиҳтаи расидан ба матлуб астро муайян месозад ва метавон изҳори намуд ба сатри муносибе барои улгусозии насли имрӯз мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Исломӣ Надӯшин Муҳаммадалӣ. Достони достонҳо/ Исломӣ Надӯшин Муҳаммадалӣ.- Теҳрон: Интишороти осор, 1374.
2. Тоҷиддинӣ Алӣ. Фарҳанги намодҳо ва нишонаҳо дар андешаи Мавлоно/ Тоҷиддинӣ Алӣ.- Теҳрон: Сурӯш, 1383.
3. Ҳамидиён Саид. Даромаде бар андеша ва ҳунари Фирдавсӣ/ Ҳамидиён Саид.. – Теҳрон: Марказ, 1372.
4. Размҷӯ Ҳусаейн. Қаламрави адабиёти ҳамосӣ/ Размҷӯ Ҳусаейн..- Теҳрон: Интишороти пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1381.

5. Саҷодӣ Ҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ/ Саҷодӣ Ҷаъфар..- Теҳрон: Интишороти Таҳур, 1383.
6. Забеҳуллоҳ Сафо. Хамосасароӣ дар Эрон/ Забеҳуллоҳ Сафо.- Теҳрон: Амир Кабир, 1384.
7. Ҷалолуддин Мавлавӣ. Куллиёти Шамси Табрезӣ/ тасҳеҳи Бадеуззамони Фурӯзонфар.- Теҳрон:Зуҳра, 1378.
8. Аттори Нишопурӣ. Асрорнома. Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Сухан, 1386.
9. Аттори Нишопурӣ. Илоҳинома/ Тасҳеҳи Муҳаммадризои Шафеи Кадканӣ.- Теҳрон: Сухан, 1387.
10. Аттори Нишопурӣ. Девони Аттор/ Тасҳеҳи Бадеуззамони Фурӯзонфар.- Теҳрон: Нигоҳ, 1390.
11. Аттори Нишопурӣ. Мухторнома/ Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Сухан, 1375.
12. Аттори Нишопурӣ. Мусибатнома/ Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Сухан, 1386.
13. Аттори Нишопурӣ. Мантиқуттайр/ Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон:Сухан, 1383.
14. Ёҳаққӣ Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ/ Ёҳаққӣ Муҳаммад Ҷаъфар.- Теҳрон: Нашри фарҳанги муосир, 1386.

ИЗУЧЕНИЕ ПОБРАЗОВ МИСТИЧЕСКИХ ГЕРОЕВ И БОГАТЫРЕЙ В СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ С АКЦЕНТОМ НА ПРОИЗВЕДЕНИЯ АТТАРА НИШАПУРИ И ШАМСА ТАБРЕЗИ

В данной статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению образы мистических героев и богатырей в суфийской поэзии на основе изучения и рассмотрения произведений Аттара Нишапури и Шамса Табрези.

Ключевые слова: героические персонажи, мифические герои, миф, героизм, Аттар, Маулана.

INVESTIGATION ON THE HEROIC AND MYTIC CHARACTERS IN THE GENOSTIC POEMS BASED ON ATTAR NEYSHABOURI AND SHAMSE TABRIZI S POETICAL WORKS.

Hedayat, S .Mirzai Motlagh, F

The consideration of the heroic and mytic characters in the genostic show secure world which men live safely and their aim are maturity and godliness based on wise,justic,kidness between myth and genoistic.Heroical and mytical characters are symbols of genoistic teaching that use for allegories and mysteries,It shows that myth has more effect on genoistic. In this Esay, Attar Neyshabouri and Molavie explain some of these characters who are in the genostic poems, inorder to connect with epic poem and genoistic.

Key words: Heroical characters, mytical characters, myth, Genoistic, Attar, Molavie.

Сведения об авторах: ***Саида Хидоят*** **-** соискатель Свободного исламского университета города Хуррамобод, Иран

Фаршод Мирзои Мутлак **–** член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Хуррамобод, Иран

БАРРАСИИ ТАТБИҚИ НАҚДИ НАВИНИ ФОРСИВУ АРАБӢ БО ТАКЯ БА ДИДГОҲИ ИНТИҚОДИИ ТОҲО ҲУСЕЙН ВА МАРОҒАӢ

Баҳроми Назарпур
Донишгоҳи шаҳид Чамрони Аҳвоз, Эрон

Нақди адабӣ ба маънои имрӯзӣ дар забони адабӣ аз дер боз ва ҳампойи зуҳури шеър ва наср бо меъёрҳои ғайр аз меъёрҳои кунунӣ вуҷуд доштааст. Дар давраи ҷоҳилият адибон дар асоси як ё чанд байт шоиреро бар дигаре бартарӣ медоданд. Яке аз далели умдаи ин қазовати сатҳӣ ин буд, ки ибдоъ бо меъёрҳои санҷиш, аз қабили уюби қофия, саноеи бадеӣ ва баёну арӯз ошно набудаанд. «Ин шеваи наққодӣ имрӯз ба нақди завқе марсум аст» [1]. Нақди адабӣ дар давраи садри ислом тафовути чандоне бо давраи пеш аз худ надошт. Мунтақидон дар ин марҳила низ бо меъёрҳои фанниву усули нақд ошно нашудаанд. Нақди давраи уммавӣ ҳарчанд монанди давраи ҷоҳилӣ ва исломӣ бар асоси усули фанниву илмӣ набуд, вале то ҳудуде нишонаҳо аз ниҳоят ва диққати мунтақидон дар арзёбии адабиёт дошт. Доманаи нақди адабӣ дар даврони тиллоии адабиёти асри аббосӣ густариш ёфт. Дар давраҳои мамолик ва усмонӣ нақди адабӣ вазъияти беҳтаре аз шеъру наср надошт ва нисбат ба давраҳои гузашта рӯ ба заъф ва сустӣ ниҳод.

Нақди адабӣ дар адабиёти гузаштаи форсӣ ба сурати пароканда дар бархе китобҳо, монанди «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «ал- Муъҷам фи маойир ашъор-ул-аҷам»-и Қайси Розӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насируддини Тусӣ ва навиштаҳои Рашидуддини Ватвот вуҷуд доштааст.

Ҳамагӣ ин ашъор ҳикоят аз нақди завқе дорад ва дар бораи вижагиҳои зоҳири адаб ва саноеи лафзӣ ба санҷиш мепардозанд.

Нақди навини адабӣ. Мунтақидон дар оғози наҳзати адаби муарраб таваҷҷуҳи вижае ба раҳоии забон аз қайд, банд, сачъ ва ороишҳои каломӣ доштанд. Нақди адаби ин давра рафта-рафта дар сояи иртибот бо араб ба шукуфоӣ расид ва адибон дар осори интиқодии худ ба усули илмӣ ва фаннӣ такя карданд. Ҷараёнҳои забониву таърихӣ аз муҳимтарин ҷараёнҳои нақди муосиранд. Ҳадафи ҷараёни забонӣ бо

пешгомии Иброҳим Ёзаҷӣ ислоҳи услуб ва вожагоне буд, ки пеш аз давраи муосир ва ҳангоми ҳукумати усмонӣ ба шеваи нодурусте вориди забони арабӣ шуда буд.

Пайравони ин гурӯҳ бар ин бовар буданд, ки забон ҳамвора бояд пӯё ва мутаносиб бо ниёзҳои муосир дар ҳоли тағйир ва таҳаввул бошад.

Ноқидони пайрави ҷараёни таърихӣ, пеш аз ҳама ба масоили таърихӣ ва иртиботи осори адабӣ бо даврае, ки дар он падид омада, инчунин ба ангезаи адибон ба халқи як асар мепардозанд. Аз диди ин гурӯҳ адиб аз ҷомеа ва фарҳанг ҳукм бар таъсир мепазирад.

Тоҳо Ҳусейн яке аз шинохтатарин чеҳраҳои ин ҷараён аст, ки дар матолиби пешрави нақшавӣ дар шукуфоии нақди навини мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Тоҳо Ҳусейн соли 1889 дар Миср дида ба ҷаҳон кушод. Дар хурдсолӣ нобино шуд ва бо ин ҳол ба болотарин маротиб ба донишгоҳ роҳ ёфт. Донишгоҳи Искандарияро таъсис ва мудирияти онро уҳдадор шуд. Дар соли 1950 ба унвони вазири маориф мансуб ва таҳсилро ройгон ва иҷборӣ кард. Китобҳои «Зикри Абӯабдуллоҳ», «Фил адаб-ул-ҷоҳилӣ», «ал-Айём», «Хисом ва нақд», «Мин ҳадис ал-шеър вал ашъор» ва «Ҳадис ал-арабия» аз осори ӯст.

Осори интиқодии Тоҳо. Тоҳо нахустин касе аст, ки осори адабии қадимро бо нигоҳи таърихӣ, илмӣ ва ба таври муфассал мавриди арзёбӣ қарор дод ва барои ниҳодина кардани андешаҳои навин дар баробари дидгоҳи санъатӣ пофишорӣ намуд. Ӯ даст ба интиқоди адабиёти куҳан зад, ки то замони вай ҳамчун мутуни динӣ аз ҳурмати вижае бархурдор буд. Ӯ бо таъсирпазирӣ аз равиши Декарт бар ақл ва мантиқ такя кард ва танҳо он чиро, ки бо худ созгорӣ дошт, пазируфт.

Ӯ бо нигоҳи таърихӣ ва бо такя ба аносири завқӣ ва фаннӣ дар китобҳои «Фил адаб ал-ҷоҳилӣ», «Ҳидоят ал-арабия» ва «Хисом ва нақд» ба интиқод аз адабиёти қадим ва ҷадид пардохт.

1. «Ҳадис ал-арабия»

Тоҳо Ҳусейн нақди пӯёро баромада аз тарбияти дуруст ва ахлоқи воло медонад. Аз нигоҳи вай ҷавомее, ки аз вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии навин бархурдор нестанд, интиқоди озод ва ба дурӣ аз ғаразварзиро барнаметобанд. Тоҳо, бо ин ки ба дифоъ аз интиқоди озод бармехезад, барои он ҳад ва марзро қоил аст, ки мунтақидон бояд ба он пойбанд бошанд [10].

Тоҳо бо сабки мантиқӣ ва бар асоси усули фаннӣ менавишт. Услуби равони Тоҳо дар лобалои ибораҳояш ва дар вижагиҳое, ки баёнгари мафоҳими равшан аст, сахт шефта мекунад. Ӯ муътақид буд, ки адибон ва оммаи мардум бояд сахт ҳамдигарро дарёбанд. Вай дар интиқод аз сабки Рофеӣ менависад: «Бетардид, устод Рофеӣ адабиёти арабро некӯ медонад, вале дар тақлиди зиёде рӯ меорад. Дар навоварӣ гуфтаҳои худро дур мекунад, ба равшанӣ мегӯяд, ки мардуми араб забони қадим ва ҷадидро шинохта, қирон ва адабиёти давраи аббосиро аз навъи ҷадид медонад, аммо бо ин ҳама ба мухолифат бо сабки ҷадид мепардозад» [2]. Аз нигоҳи вай адабиёт бояд ба масоиле бипардозад, ки иртиботи зиче бо зиндагии мардум дорад. Тоҳо ва ҳамфикронаш ба хубӣ ба рисолати адабиёт перомуни масоили рӯз ва таъсирпазирии афкори умум аз он пай бурдаанд, зеро вазифаи адабиёт танҳо баёни эҳсосот ва авотиф дар касвати ороишҳои баён нест, балки бояд дарбаргирандаи маонии арзишманди инсонӣ дар қолаби хос писанд ва илм фаҳм бошад.

Завқи адабии ҳар давра аз давраи дигар мутафовит аст ва адибон бояд ин меъёри асосиро мадди назар қарор диҳанд. Тоҳо дар идома менависад: «Он гуна ки байни ниёзҳои моддӣ ва абзорҳо ҳамоҳангӣ барқарор аст, бояд байни сабки адабӣ ва шеваи зиндагии навин пайванди шоистае барқарор бошад. Сабки зиндагии ин давра ҳамчун замони ҷоҳилият нест ва корбурди услуби адабии он рӯзгор муносиби ин аср намебошад. Зиндагии мо ба сабки аббосиён ва уммавиён нест, бинобар ин, сабки адабии онон низ наметавонад, ҷавобгӯйи эҳсосоту авотифи мо бошад». Ҳамоҳангӣ байни забон ва шева монанди пайванди бисёре аз падидаҳо амри зарурӣ ва лозим аст.

Сабки Рофеӣ барои давраҳои гузашта муносиб будааст, вале бо гузашти замон шеваи зиндагӣ тағйир карда, тағйири сабки адабӣ низ амри иҷтинобнопазир аст.

Мақомоти Ҳарирӣ дар баҳрае аз замон корбурди хоси худро дошт, аммо имрӯз камтар адибоне ба сабки ӯ пайравӣ мекунанд. Тоҳо Ҳусейн таъкид мекунад, ки «бояд забони фасеҳи арабиро пос бидорем. Ин забон монанди дигар забонҳои зиндаи дунё дар ҳоли тағйиру таҳаввул аст. Ибдоъ метавонанд бо борикбинӣ вожагони фасеҳро ба кор гиранд ва аз мониву мабонии ғарибе низ, бе он ки ба забон осеб барсозанд, баҳра баранд» [10,12].

Ҳисом ва нақд. Ӯ дар ин китоб низ ба мардумӣ будани назм ва наср таъкид мекунад, то ақшори мухталифи ҷомеа баҳраманд гарданд. Албатта, ин ба он маъно

нест, ки адибон ногузиранд барои фаҳми тӯдае аз мардум арзиши ҳунарии онро бикоҳонанд, балки онро бояд аз такаллуф раҳоӣ бахшанд: «Адиб бояд аз вожапардозӣ ва ибораҳои номаънус парҳез кунад. Асолиб ва алфозеро ба кор гирад, ки бо ин даврон таносуб дошта бошад, на ин ки ба сабку шеваи Ҳарирӣ ё Бадеуззамон қаламфарсоӣ кунад» [11,37].

Вай дар маворидиро бисёре бар ин нукта исрор меварзад, ки адабиёт вижаи як нафар ё як гурӯҳи хос нест, бинобар ин, бояд зудфаҳм, дур аз услубҳои норасо ва дастраси ҳамагон бошад.

3.«Фи шеър-ул-ҷоҳилӣ (фил адаб-ул-ҷоҳилӣ)»

Тоҳо Ҳусейн бар ин бовар буд, ки бештари ашъори давраи ҷоҳилӣ мутуне аст, ки пеш аз зуҳури ислом ба адибони он давра насиб додаанд. Вай ба шеваи фалсафӣ ва илмӣ таъкид мекард ва нодида гирифтани боварҳои динӣ ва эҳсосоти молиро аз усули нақди саҳеҳ медонист. Вай дар ин бора менависад: «Агар эҳсосоти динӣ, меҳанӣ ва он чиро ки ин ду танидааст, нодида нагирем, наметавонем ба дурустӣ мутунро мавриди арзёбӣ ва таҳлил қарор диҳем» [1].

Ин навъ нигоҳ дар маҳофили адабии он рӯз сару садои зиёде барпо кард ва бисёре аз адибон ӯро муттаҳам ба бединӣ карданд. Тоҳо дар баробари вокуниш бархе фусули китобро ҳазф ва бори дигар онро ба унвони «Фи адаб-ал-ҷоҳилӣ» таълиф кард. Ногуфта намонад, вай дар таълифи ҷадидаш ба ақоид ва андешаҳои пешини худ исрор меварзид. Андешаҳои интиқодии Тоҳо аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи адибон будааст. Мустафи Содиқ Рофеӣ аз мухолифони сарсахти мухолифони дидгоҳи ӯ муътақид аст, ки «Тоҳо Ҳусейн нахустин касе аст, ки ноустувориро дар сабкаш ба кор гирифта, забонро дучори заъф кардааст».

Рофеӣ Тоҳоро мутаҳам ба аз байн бурдани сабки роиҷ мекард, дар ҳоле ки Тоҳо худ бар услуби равон ва холӣ аз саҷъу бадеъ таъкид менамуд ва ҳеҷ гоҳ хоҳони аз байн рафтани сабки мутаносиб бо зиндагии навин набуд. Аз нигоҳи Рофеӣ такрор яке аз муойиби умдаи сабки Тоҳо буд, дар ҳоле ки адибони дигар ин вижагиро аз маҳосини нигариши Тоҳо бармешуморанд. Вай нақди адабиро аз ҳавзаи баҳс дар бораи саноеи лафзии калом хориҷ мекунад ва ба арзёбӣ дар бораи мафоҳим аз нигоҳи таърихӣ ва фаннӣ мепардохт.

Вай бар тааҳҳуди адиб нисбати ҷомеа ва хидмат ба он аҳамият медиҳад ва бо баёни шевову дилнишин ба осори куҳани арабӣ мепардозад.

Нақди навини форсӣ. Пояҳои нақди имрӯз дар авосит ва авохири давраи қоҷор дар осори касоне ёфт шуд, ки таҳти таъсири андешаҳои навини сиёсӣ ва иҷтимоии ғарб қарор гирифтаанд ва бо таъсир аз адабиёти он диёр асоси нақди адабии навинро падид оварданд. Ин афрод бештар касоне буданд, ки дар берун аз марзҳо ва ба дурӣ аз истибдоди ҳокимони дохилӣ рӯзгор ба сар мебурданд. Ин адибон бо интиқоди ҷиддӣ аз адабиёти куҳан пардохтанд ва вазъияти адаби мавҷударо низ матлуб намедонистанд. Бинобар ин, кӯшиданд, ки уфуқҳои равшанеро ба рӯйи адабиёти ин марзу бум бикушоянд.

Дар даврони қоҷор бо огоҳии иҷтимоӣ ва сиёсии мардум «мақолот ва рисолоте мавҷуд аст, ки ба худ шуъбае аз нақди имрӯзро доранд. Масоили баъзе нақдҳо, ки услуби мушкил ва мутакаллифи нависандагони суннатгороро мавриди ҳуҷум қарор додаанд, чун ин гуна изҳори назарҳо бар меъёрҳои усулӣ ва илмӣ муттакӣ набуд, бештар ба истилоҳи нақди завқӣ ба шумор мераванд на нақди фаннӣ» [4, 247].

Ба таъбири устод Имомӣ бархе аз ин мунаққидон оғозгари нақди адабии навин буданд [1]. Ҳадафи ин мунаққидон аз як сӯ густариши соданависӣ ва парҳез аз луғатпардозӣ буд ва аз сӯйи дигар пардохтан ба мазомини навин, тарҳи андешаҳои тоза ва огоҳ намудани мардум нисбат ба масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт.

Зайнулобиддин Мароғаӣ аз мунаққидони пешгом нақши босазое дар таҳвили насри форсӣ дошт ва аз поягузорони ин шоха ба шумор меравад.

Мароғаӣ дар соли 1255қ.(1838) дар Мароға ба дунё омадааст. Ҳасан Комшод поягузорони насри ҷадиди форсӣ, Пешин,с.39. Падарони ӯ аз хонадони Совачбоғ (Маҳободи кунунӣ) ва пайрави мазҳаби шофеӣ буданду баъдҳо ба кеши ташайюъ гаравиданд. Худи нависанда дар ин бора мегӯяд: «Нигоранда саропо тақсири Зайнулобиддин, Ибни Машҳадии Алӣ, Ибни Ҳоҷирасул, Ибни Ҳоҷиибодуллоҳ, Ибни Ҳоҷиҳамзахон аз минтақаи шимоли Соҷибоғ, ки яке аз хавонини он сомон буданд, дар тариқаи тасаннуни мазҳаби шофеӣ дошта, дар замони Нодиршоҳ дар миёни лашкариёни он басе хадамоти намоёне ба Эрон кардаанд ва баъд аз он аҷдоди мо ба ҳақиқии мазҳаби шиа мутавассил шуда, дар Мароға машғули тиҷорат гашта… » [9].

Вай пеш аз варшикастагӣ дар ин кор роҳии Қафқоз шуд ва дар яке аз шаҳрҳои Гурҷистон сокин гардид. Ин равшанфикр ва мунаққиди бориз солҳои қабл аз

машрутият замони дарозеро хориҷ аз марзҳои кишвар ба баёни андешаҳои ислоҳгари худ пардохт.Муҳимтарин осори вай «Саёҳатномаи Иброҳимбек ё боли таассуби ӯ» мебошад. Вай саранҷом дар ҳафтоду сесолагӣ дар соли 1328қ.(1911) дар Истамбул даргузашт [3].

Саёҳатнома. «Саёҳатномаи Иброҳимбек» дар се ҷилд дар солҳои пеш ва пас аз инқилоби машрута навишта шуд. Ҷилди нахуст бидуни зикри номи нависанда ва зикри чоп дар Қоҳира, ҷилди дувум бидуни зикри номи нигоранда дар соли 1323қ дар Калкутта ва ҷилди севум дар Истамбул ба соли 1327қ. мунташир шуд.

Ҷилди аввали китоб аз ду ҷилд, дигар муҳимтар ва пурбортар аст. Мабоҳиси марбут ба нақди адабӣ аз огоҳии нависанда дар ростои интиқод аз сабки печида, интиқод аз мафоҳими такрорӣ ва ташвиқ ба соданависӣ қобили арзёбӣ мебошад.

1.Интиқод аз сабки печида, интиқод аз суханпардозӣ ва сухангузинӣ, ки маонӣ ва мафоҳимро дар торҳои танидае аз алфоз гум мекунад, аз ҷанбаҳои муҳимми нақди Мароғаӣ ба шумор меравад. Ӯ дар бахшҳое аз асараш «Саёҳатномаи Иброҳимбек», ки ба нақди адабӣ марбут мебошад, бо забони салис ва қобили фаҳм такя мекунад ва ба сабки мубҳаму норасо метозад: «Се дафъа «Таърихи вассоф»-ро хондам, як калимае аз онро дар хотир надорам. Одами беинсоф мисли Ҳамоли Ҳаттаб ба ивази он қадар заҳмат бар худ мояи шамотат ба худ мегузорад? Касе нест, ки бихонад ва нависандаро шамотат накунад, чӣ абадан мафҳум намешавад, Чингиз чӣ ғалат карда ва чӣ зулм намуда ва барои чӣ карда? Бо вуҷуди ин мушкилот чунин китобро медиҳанд дасти атфоли мактабӣ, агар нафаҳмид пой чӯб ва фалак миён меояд ва ҳол он ки муаллим худ нафаҳмида ва мусанниф ҳам ҷуз қаланбагӯйиву луғатпардозӣ манзур аз маънӣ надоштааст».

Зайнулобиддин Мароғаӣ (281-283) бо хурдагирӣ аз ибҳомгӯйии нависандагон баён карда, ки чи гуна мазомини воло фидои мабонии номуносиб шудааст, ҳарчанд дар порае ҷамолат монанд «Кам гӯ каломи карим гӯ» то куҷо хоҳад кашид ва охираш чӣ чиз аст? Эй ҷаллоди нафси мардум, манзурат аз ин ёвасароӣ чист?...». Ҳаяҷон ва эҳсосот ба ӯ ғалаба кардааст. Ногуфта намонад, саҷъ дар сурате ки каломро печидаву мубҳам кунад, аз муойиби сухан шумурда мешавад, аммо ҳангоме ки гуфторро мавзун ва маониро ба некӯтарин равиш баён кунад, на танҳо арзиши асари адабӣ намекоҳад, балки он гуна ки дар осори пешиниён, монанди Саъдӣ ва пайравони сабки ӯ мебинем, ки боиси мондагории он мешавад.

2. Интиқод аз мафоҳими такрорӣ. Яке аз ҷанбаъҳои боризи нақди адабии Мароғаӣ, интиқод ва эътирози ӯ аз сурудаҳо ва навиштаҳои такроривву ошиқона аст. Ба боварии ӯ адиб бояд ба мавзӯот ва мафоҳиме бипардозад, ки бо зиндагии навин ва асри ҷадид ҳамҷавонӣ дошта бошад, на ин ки яксара дар пайи мазомини беҳуда бошад. Интиқоди вай аз адабиёте мебошад, ки на танҳо ба воқеиятҳои мавҷуда дар ҷомеа таваҷҷуҳ надорад, балки оканда аз чоплусӣ, хурофотгӯйӣ ва ситоиши ҳокимону дарбориёни нолоиқ аст.

Нависанда дар навиштаҳои зер суханони дурӯғу баҳампайвастаи шоирон ва насрнависон дар таърифу тамҷиди фармонравоёнро инчунин бо талмеҳоти сода ба боди интиқод мегирад: «Гуфтам ба онон, аз ислоҳи кор чӣ зарар мутартиб тавонад шуд? Гуфт: -Ҳеҷ. Метарсанд он вақт корҳоро ба кордонон биспоранд ва инон дар кор бимонанд, чӣ баҳрае ки аз ойини вазорат ва ҳукумат доранд, ҳамоно пайванд кардани ду сухани дурӯғ ба ҳамдигар аст, ки шеъраш ном гузоштаанд. Баъзе бевосита он суханони ба ҳам пайвастаи подшоҳро ба осмон бурда, меъроҷ медиҳанд ва бархе ҳам Доро ва ҳам Искандарро аз гӯр дароварда, тӯфанг ба дӯшаш дода, ба қаровулӣ ва дарбонии даргоҳи салтанат во медоранд. Мароғаӣ дар бархе маворид ҳадду марзи нақд ва тарғибу тавҳинро дар ҳам меомезад ва вожагоне, монанди «Эй падари фалон бедин…», «Эй ҷаллоди нафси мардум…», «Хок бар сари шумо…», «Падари номард» ва монанди инҳоро ки зебандаи як адиб ва мунаққид нест, ба кор мебарад.

3.**Ташвиқ ба соддanависӣ**. Мароғаӣ бо гузиниши забони равон ва ба_дурӣ аз ибҳомгӯйӣ бар он буд, ки ҳамаи мардум аз навиштаҳои ӯ баҳра бибаранд. Ӯ дар ин бора ба соҳибони қалам тавсия мекунад, ки пеш аз ӯ ин шеваро сармашқи кори худ қарор диҳанд: «Қавоиди дигараш (Саёҳатнома) сармашқи ихтисор ва соданависии матолиб аст, бо забоне ки мақбул, хос ва илм воқеъ шавад ва босаводу бесавод битавонанд, иборoти ӯро тамиз бидиҳанд ва дар мутолиааш маҳсули каломро фаҳм намоянд. Абадан воҷиб нашуда, ки дар таҳрир калимаи «арус» ба домод хотима шавад, «вуҷуд»-ро ба «зиҷуд» ҳам метавон навишт. «Восил»-ро ҳеҷ лозим нест, бо «ҳосил» нигошт. Агарчи ин соданависӣ дар шабакаи эрониён тозагӣ дорад, вале муқтазои замони мо соданависӣ аст. Бояд удабои Эрон, ки дар қалам ва ибрози

афкор боҳунар ҳастанд, баъд аз ин ҳубби ватанро назм ва насрро бо калимоти возеҳу ибороти сода ба хосу ом тақдим намояд. Муассис ва …соданависӣ шаванд» [3].

Нависанда шеваи соданависиро огоҳона барои нигориши китоби худ интихоб карда, шояд аввалин касе аст, ки дониста дар ин роҳ қадам гузошта ва мувофиқи ҳам шудааст [9,256-257].

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки Мароғаӣ ҷанбаи ислоҳӣ дорад ва ҳадафи он ба вуҷуд овардани як услуби сода, равон ва пайванд додани адабиёт бо зиндагӣ аст. Нақди айнан ҷанбаи ислоҳидошта ва ҳадафи он ба вуҷуд овардани як услуби сода, равон ва пайванд додани ҳунар бо зиндагӣ буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Имомӣ Насруллоҳ. Мабонӣ ва равишҳои таҳқиқ.Ҷомӣ/ Имомӣ Насруллоҳ.- Теҳрон, 1385.
2. Порсинажод Эраҷ. Равшангарони эронӣ ва нақди адабӣ/ Порсинажод Эраҷ.- Теҳрон: Сухан, 1380.
3. Деҳқонӣ Муҳаммад. Пешгомони нақди адабӣ дар Эрон/ Деҳқонӣ Муҳаммад. –Теҳрон: Сухан, 1380.- С.133 чопи аввал
4. Сипоҳлу Муҳаммадалӣ. Бунёдҳои насри муосири форсӣ, чопи ҳафтум/ Сипоҳлу Муҳаммадалӣ.- Теҳрон: Нигоҳ, 1387.
5. Қубодӣ Ҳусейналӣ. Бунёдҳои насри муосири форсӣ, чопи аввал Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва иҷтимоии ҷиҳоди донишгоҳӣ/ Қубодӣ Ҳусейналӣ.- Теҳрон, 1383.
6. Комшод Ҳасан. Поягузорони насри ҷадиди форсӣ/ Комшод Ҳасан. Теҳрон: Най, 1384.
7. Кирмонӣ Нозим Алосалим. Таърихи бедории эрониён/ Тасҳеҳ, Бито
8. Касрӯйи Аҳмад. Таърихи машрутаи Эрон, чопи чаҳорум, Теҳрон, Бито
9. Мароғаӣ Зайнулобиддин. Саёҳатномаи Иброҳимбек.- Теҳрон,1388.
10. Ҳусейн Тоҳо. Ҳадис-ал-арабия, Дорулмаориф.- Миср: Бито, 1960.
11. Тоҳо Ҳусейн. Ҳисом ва нақд, Дор-ул-илм-ул-молин.-Миср, 1960,

ИЗУЧЕНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КРИТЕРИЕВ НОВЕЙШЕЙ ПЕРСИДСКО -АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ С АКЦЕНТОМ НА КРИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ТАХА ХУСЕЙНА И ЗАЙНАЛАБИДДИНА МАРАГАИ

Таха Хусейн - египетский ученый и писатель, публицист, классик арабской литературы. В его произведениях особое внимание уделено анализу взаимодействия «старого» и «нового» в арабском общественном сознании XX в. Зайналабиддина Марагаи также внес огромный вклад в развитие и становление современного языка персидской прозы. В данной статье автором рассмотрены критерии новейшей персидско-арабской литературной критики на основе изучения наследия этих двух великих представителей двух великих народов, крупнейшим арабским писателем, критиком, ученым и деятелем культуры, который внес огромный вклад в развитие арабской литературы

Ключевые слова: арабское литературоведение, персидское литературоведение, литературная критика, критерии новейшей персидско-арабской литературной критики, Таха Хусейн, Марагаи

THE STUDY AND USE OF CRITERIA LATEST PERSIAN-ARABIC LITERARY CRITICS, WITH AN EMPHASIS ON CRITICAL VIEWS TAHA HUSSEIN AND ZAINULABIDIN MARAGAI

Taha Hussein - Egyptian scholar and writer, publicist, classic Arabic literature. In his works a special attention is paid to the analysis of the interaction between "old" and "new" in the Arab public consciousness of the twentieth century Zainulabidin maragai also made an enormous contribution to the development and establishment of modern Persian language prose. In this article the author considers the criteria latest Persian-Arabic literary criticism based on the study of the heritage of these two great representatives of two great Nations, the largest Arab writer, critic, scholar and cultural figure, who made an enormous contribution to the development of Arabic literature

Key words: Arabic literature, Persian literature, literary criticism, criteria latest Persian-Arabic literary critics, Taha Hussein, maragai

Сведения об авторе: ***Бахром Назарпур*** – соискатель Университета Шахид Чамран, Ахваз, Иран

ВОКОВИИ ШАХСИЯТ ДАР НАМОИШНОМАИ «ЛАЙЛИЮ МАҶНУН»-И ОСОРИ АҲМАД

Ҳамидризо Пирмуродиён, Муҳаммад Обдонон Маҳдизода, Насруллоҳ Имомӣ, Ғуломризо Каримифард
Донишгоҳи Шаҳид Чамрони Аҳвоз, Эрон

Аносири шахсият муҳимтарин аносир аз аносири достон ба шумор меравад, «шахсиятҳоро бояд пояҳое донист, ки сохтмони як асар ба рӯйи онҳо сохта мешавад. Ҳар қадар ин пояҳо боистеҳкомтар бошад, бино маҳкамтар ва поядортар аз газанди замона мусавинтар хоҳад монд». Пешина баррасии шахсиятҳо дар осори адабӣ ба 400 сол пеш, ҳамзамон бо пайдоиши замон дар ғарб боз мегардад. «Таваҷҷуҳ ба шахсияту шахсиятпардозӣ ба сурати ҷиддӣ ва дақиқ аз қарни 17 шурӯъ шуд» [Аҳмад Ахват, с.128].

Манзумаи «Лайлӣ ва Маҷнун» навиштаи Аҳмади Шавқӣ аз муҳимтарин осори достонӣ, намоишӣ дар адабиёти араб ба шумор меравад. Равиши таҳқиқ дар ин мақола бар асоси мутолиоти китобхона, асоси қарор додани матни намоишнома ва баррасии манобеи тирози аввал дар ин хусус аст ва кӯшиш шуда, ки парда ба парда адъоди шахсиятии Лайлӣ дар баробари диди хонандагон қарор дода шавад.

Мутолиоти фаровоне дар хусуси ин намоишнома анҷом шудааст, вале бо камоли таассуф пажӯҳиши ҷомеа перомуни шахсияти Лайлӣ ва вуҷӯҳи намоиши он сурат нагирифта ва он чи ки мо дар ихтиёр дорем, дар ҳадди чандин бардошти куллӣ ва тавсиф маҳз аз шахсияти Лайлӣ бидуни таҳлили дақиқ ва парда ба парда шахсияти ӯ- аз доктор Муҳаммад Ғанимӣ Ҳолил аст, ки шогирдон ва раҳравони пас аз ӯ ба вуфур бар тавсифоти ӯ такя карда ва бархе низ айни он тавсифотро дар осори худ нақли қавл кардааст.

Шахсият ва шахсиятпардозӣ. Афроди падидор дар достон, намоишнома ва филмро шахсият меноманд. Ин қаҳрамонон шахсиятҳои достон ҳастанд, ки бо кирдор ё гуфтори худ достонро шакл медиҳанд. Дар таърифи шахсият чунин гуфтаанд: «Шубҳаи шахсе аст тақлидшуда аз иҷтимое, ки биниши ҷаҳони нависанда ба он фардият ва ташхис бахшидааст» [Ризо Бароҳанӣ, с.345].

Шахсиятпардозӣ низ чизе нест, магар он ки битавон ба тибқи он ба вуҷӯҳи шахсиятии як фард пай бурд: «Шахсиятпардозӣ, яъне ҳосили ҷамъи тамоми хасоиси қобили мушоҳидаи як фарди инсонӣ, ҳар он чӣ битавон бодиқат дар зиндагӣ шахсияте аз ӯ фаҳмид, син ва мизони ҳуш, ҷинс, сабки ҳарф задан ва адо ва атвору вазъияти рӯҳӣ ва асабӣ, арзишҳо ва нигаришҳо» [Роберт Макаки, с.69].

Ба таври куллӣ шахсиятро дар намоишнома метавон ба ду навъ –пӯё ва исто тақсим кард. Шахсиятҳои исто дар тӯли ҳаводиси достон тағйир намекунанд, ё тағйири андаке мепазиранд, аммо шахсияти пӯё пай дар пай тағйир ва таҳаввулоти рафторӣ, фикрӣ ва ақидатӣ …мепазирад, ба гуфтае ки чунин шахсиятӣ дар поёни достон ба инсони дигаре бадал мешавад [Р.К.Ҷамол Мирсодиқӣ, с.93-95].

Аҳмади Шавқӣ ва намоишномаи «Маҷнун ва Лайлӣ». Аҳмади шавқӣ дар соли 1868 дар Миср таваллуд шудааст. Ба 15-солагӣ нарасида буд, ки ба мадрасаи ҳуқуқ рафт. Сипас, барои идомаи таҳсил ба Фаронса рафта ва дар соли 1891 ба Миср бозгашт. Пас аз поёни ҷанги ҷаҳонии аввал овозаи иштиҳораш ҳама ҷоро фаро гирифт ва дар соли 1927 ҳиммати сарзаминҳои арабӣ бо ӯ ба унвони амиралшеър байъат карданд. Аз ин таърих ба баъд Шавқӣ ҳама вақти ҳудро сарфи сурудани намоишномаҳо пардохт, то он гоҳ ки дар соли 1932 ҷаҳонро падруд гуфт [Р.К.Алфохурӣ, с.690-726 бо талхис].

«Маҷнун ва Лайлӣ» дувумин намоишномаи Шавқӣ ва нахустин намоишномаи ӯст, ки ҷонмояи онро таҳти таъсири мактаби реализм, аз адабиёти таърихии Ғарб баргузид: «Шавқӣ шахсиятҳояшро аз ситораҳои тобони таърихӣ интихоб мекунад» [Шавқӣ Зайф, с.176].

Ба низом даровардани намоишнома низ таъсирпазирии Шавқӣ аз мактаби клатситсизмро нишон медиҳад, зеро: «Барои классикҳо навиштани намоишномаҳо ба наср мутасаввур набуд ва ин оине буд, ки аз Арасту баргирифта буданд» [Муҳаммад Ғанимӣ Ҳолил. Давр ал-адаб-ал-мақорин, с.53].

Ин намоишнома дар панҷ парда ва бо ҳузури беш аз 20 ванде шахсият сохта ва пардохта шудааст. Замони намоишнома авоили ҳукумати бани Уммая ва макони он бодияи Наҷд аст.

5.**Манобеъ ва маохизи намоишнома.** Таҳлили бештари шахсияти Маҷнун мусталзими ин аст, ки бидонем Шавқӣ дар пардохти ин манзума таҳти таъсири чи манобее будааст, ки ба зикри феҳристи онҳо басанда мекунем:

А) китобҳои куҳани адаб ва таърихи арабӣ

Б) ривоят ва ҳикоятҳои шуъбӣ

В) девони Маҷнун ибни Амир

Г) Таъсирпазирӣ аз дигар адабиёт (форсӣ, туркӣ ва фаронсавӣ).

6. Пардаҳои намоишномаи «Лайлӣ ва Маҷнун»

Ҳамон гуна ки зикр шуд, ин намоишнома дар панҷ парда ба низом кашида шудааст. Дар оғоз нигоҳи гузаро бар нақшофаринии Лайлӣ аз пардаи нахустин то пардаи поёнии намоишнома андохта ва сипас, ба таҳлили шахсияти ӯ мепардозем.

1.6.Пардаи нахуст. Лайлӣ бо тане чанд аз писарону духтарони ҷавон маҷлиси шабонае дар кӯйи Ибни Амир барпо кардааст. Ибни Зариҳ шоир низ ба манзур по дар миёни Маҷнун назди Лайлӣ, дар ин маҷлис ҳозир аст. Лайлӣ мақдами ӯро гиромӣ медорад. Вай аз ҷониби Маҷнун Лайлиро хостгорӣ мекунад, вале Лайлӣ аз суханони ӯ ба хашм меояд, зеро бар ин бовар аст, ки: ман миёни ду чиз гирифтор

омадаам, ки ҳар ду оташанд. Пас, маро сарзаниш накун, балки ба ёриам бархез. Миёни озмандӣ бар нигоҳдорӣ ва покдошти обрӯям, бухл варзидан дар нигоҳдошти касе, ки дӯсташ дорам.

Дар ин ҳангом Лайлӣ аз шабнишинон мехоҳад, ки пароканда шаванд. Бо рафтани Лайлӣ ба даруни хаймааш Маҷнун бо ҳамроҳии Зиёд (писари аму ва ровии ашъораш) аз сӯйи дигари парда намоён мешавад. Маҷнун дар талаби оташ ба сӯйи Хайём Маҳдӣ (падари Лайлӣ) равона мегардад. Лайлӣ ба ӯ хушомадӣ гуфта, аз Ифроъ каниз худ мехоҳад, ки зарфи Маҷнунро пур аз оташ кунад. Дар ин ҳол Лайлӣ ба нигоҳ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки оташ дар остини Маҷнун афтодааст. Ӯро бохабар мекунад, вале ӯ ончунон дилу ҷонаш машғули Лайлӣ аст, ки ҳеҷ эътиное намекунад. Лайлӣ дубора ба Маҷнун ёдовар мешавад, ки оташ ба дастонаш расида, вале ӯ ҳамчунон беэътиност. Саранҷом осори беҳушӣ дар ӯ ошкор шуда, нақше бар замин мегардад. Лайлӣ фарёдкунон аз падар кӯмак металабад. Маҳдӣ ба кӯмак мешитобад ва дар дил нигарони ин аст, ки мардум онҳоро набинанд.

Лайлӣ ба падар итминони хотир медиҳад, ки дар ин вақти шаб касе онҳоро намебинад. Маҷнун кам-кам ба худ меояд. Маҳдӣ аз ӯ мехоҳад, ки ҳарчи зудтар биравад. Лайлӣ ба шафоати Маҷнун бармехезад ва мултамисона аз падар мехоҳад, ки бар ҳоли ӯ раҳм оварад, вале Маҳдӣ бар ин бовар аст, ки Маҷнун бо сурудаҳои ошиқонааш обурӯйи ӯро дар миёни ҳамагон бурда, расвои хосу ом сохтааст. Пас, Маҷнунро аз хона меронад.

2.6. Пардаи дуюм. Ин парда дорои панди рӯҳдоди таърихӣ, назири сари итоат фаровардани Маҷнун ба ҳукми халифа, ба ҳаҷ бурдани у ва по дар миёнии Ибн Авф ҷиҳати хостгорӣ аз Лайлӣ аст ва Лайлӣ дар он ҳеҷ нақше надорад.

3.6 Пардаи севум. Ин парда бо вуруди Ибни Авф ва ҳамроҳонаш дар канори Маҷнун ва Зайёд ба кӯйи бани Омир оғоз мегардад. Ҳамаи хонадони Лайлӣ муҳайёи ҷанг шуданд. Маҷнун бо дидани ин вазъият осори рангпаридагӣ ва беҳушӣ бар чеҳрааш ошкор шуда ва бо беҳуш шуданаш нақшофаринии ӯ дар ин парда ба поён мерасад.

Дар ин ҳол талоядорони қабилаи Лайлӣ падидор мешаванд ва пешопеши онҳо Маҳдӣ ва Мунозил (рақиби Маҷнун дар ишқ ба Лайлӣ) ҳаракат мекунанд. Маҳдӣ бо қавми худ дар боби Ибни Авф ва қасду нияти ӯ сухан меронад. Ҳамзамон марде бо номи Вард аз навоҳии Сақиф ба хостгории Лайлӣ омадааст. Маҳдӣ аз Ибни Авф мехоҳад, ки дар хонаи ӯ қадам гузорида бо Лайлӣ аз наздик сухан бигӯяд ва ҳамон кунанд, ки назари Лайлӣ аст. Лайлӣ инчунин посух медиҳад, ки Маҷнун орзуи қалби ман аст:

Валекин атарзий ҳиҷобий юзол
Ва тамшил зануну ъалай садлиҳи
Ва ямший аби файғузал ҷабийн
Ва янзуру фил арзи мин залаҳи
Юдори лиаҷли фузулал шаювх
Ва яқтулунил ғамма мин аҷлиҳи
Фузиҳту биҳи фи шиобил ҳиҷоз
Ва фи ҳазни наҷди ва фи саҳлиҳи
Фаҷуз Қайсу йа сайяди фи ҳимока
Ва алқил амана ъалай раҳлиҳи
Ва ла яфтакиз соата билзавачи
Ва лав кона марвону мин руслиҳи

Тарҷума: Вале оё розӣ мешавӣ, ки пӯшиши ман бардошта шавад (ҳатто ки ҳурмат шавам) ва пиндорҳои мардум бар парда пӯшиши ман равон шаванд? (тири пиндорҳои мардум ба ҳадаф биншинад) ва падарам чун роҳруд чин бар пешонӣ афканд ва аз хорӣ заминро бингарид? Ба хотири ман бо дахолатҳои беҷои мардумон мадоро мекунад ва ба хотири ӯ (ин) ғам ва андӯҳ маро мекушад. Ба хотири ӯ дар дараҳои Ҳиҷоз ва заминҳои ноҳамвор ва ҳамвор наҷд расво шудаам. Эй сурури ман! Қайсро дар паноҳи ҳимояти худ гир ва амниятро бар дӯшаш афкан ва соате ба издивоҷ фикр накунад, ҳатто агар Марвон ибни Ҳаким аз фиристодаҳои ӯ бошад.

Сипас, ба издивоҷ бо Вард Сақафӣ ризоият медиҳад, ҳол он ки дили даргири Маҷнун дорад. Ибни Авф низ ноком ба сӯйи Маҷнун боз мегардад. Лайлӣ аз кардаи худ сахт пушаймон аст, вале роҳи баргашт нест:

Раббаҳу моза қулту! Моза кона
Шаънил амирил аряҳия ва шаънний?
Фазаамту Қайсан наланий бимасаъати
Ва рамай ҳиҷабий ъав азала
Вал нафса таъламу ан Қайсан қад
Маҷдий ва Қайсун лил макорим боний

Лавла қасоидуҳул лати лавҳна бий
Фи фийди ма алимал замону
Ма зиллату аҳзий бол васовис
Ҳаттай қаталту аснайн био ҳазаён
Қаддарту ашёъа ва қаддара ғайраҳа
Ҳаза яхутту масоирал инсони

Тарҷума: Парвардигоро! Чӣ гуфтам? Чӣ буд шаъни ин амири фархундахуй ва шаъни ман? Пиндоштам, ки Қайс ба ман бадӣ расонида ва пӯшишам афканда ва маро пос надоштааст. Худ медонам, ки Қайси маҷид ва шукӯҳ маро барпо дошта, бонии бузурги ман аст. Агар қасидаҳои ӯ, ки маро дар бодияи баланд овоза кард, набуд, мардумони рӯзгор ҳатто намедонистанд, ки ман куҷоям. Соате пай дар пай бо васвасаҳо ёва бофтам, то ин ки бо ин ёвагӯйиҳо ду нафарро куштам. Чизҳоеро мадди назар қарор додам, вале бахте, ки сарнавишти инсонро рақам мезанад, чизе ғайри онро дар андеша дошт.

4.6. Пардаи чаҳорум. Ин парда дорои ду саҳна аст. Саҳнаи нахуст замонеро нишон медиҳад, ки Маҷнун саргардону овора дар биёбонҳои сарзамини Аҷнаҳ дармеоварад ва дар он ҷо бо Уммавия, шайтон худ дидор мекунад. Вай Маҷнун раҳгумкардаро ба кӯйи Лайлӣ ҳидоят карда, Маҷнун шитобон ва хиромон равонаи хонаи Лайлӣ мешавад.

Саҳнаи дуюм: Маҷнун пас аз як шаби пиёдаравӣ худро дар кӯйи бани Сақиф дар Тоиф меёбад. Вард-шавҳари Лайлӣ аз рӯйи бузургманишӣ ӯро ба назди Лайлӣ мебарад. Лайлӣ аз сарнавиште, ки ҳарду ба он дучор шудаанд, сахт менолад ва шукӯҳ мекунад:

Кионо Қайсу мазбуҳун
Қатийлул ъаби вал уммун
Таъийнони бисиккайн
Мин ал одати вал ваҳм
Лақад зуваҷту мимман лам
Якун зувқий ва ла таъмий
Ва манн якбуру ъан синий
Ва манн ясғуру ъан ъилмий
Ғарибан ла минал ҳая
Ва ла мин валадил ъаммун
Ва ла сарватуҳу турбий
Ъалай мали ъабил ҷаммун
Фанаҳнул явма фи байтин
Ъалай зиддайни мунзамун
Ҳувал қабру ҳавай майтайни
Ҷорайни ъалай алрағм
Шатийтайни ва ъин лам ябъуди
Алазму минал азм

Тарҷума: Эй Қайс! Ҳар дуи мо қурбон ва куштаи падару модарем. Ҳар ду захм хурда аз дашнаи одот, русум ва ваҳмиёт ҳастем. Маро ба ҳамсарии касе доданд, ки ба ҳеҷ рӯй мавриди писандам набуд. Касе, ки аз лиҳози сине аз ман бузургтар ва аз лиҳози дониш аз ман фурӯтар буд. Ғарибае, ки на аз хонадони ман аст ва на писари амуям ва на сарваташ ба сарвати калони падарам фузунӣ дорад. Мо ду тан имрӯз, бо ин ки мутазоди якдигарем, дар як хона гирд омадаем. Ин хона хонаи қабри ман аст, ки ду мардеро бар хилофи майли ҳамдигар дар бар гирифтааст.

Маҷнун Лайлиро ба фирор тарғиб мекунад, вале Лайлӣ сар боз мезанад. Маҷнун мепиндорад, ки ҳамдигарро дӯст доранд, хашмгин шуда, қасди тарки Лайлӣ мекунад. Лайлӣ даст дар радои Маҷнун карда, аз ӯ мехоҳад, ки бимонад, вале Маҷнун Лайлиро мӯйканон раҳо кардаву роҳи биёбонро пеш мегирад. Лайлӣ сахт бемор аст ва осори он бар чеҳрааш ҳувайдо аст. Ӯ низ аз дидани ошуфтагии Маҷнун парешон шуда ва Ифроъ канизи худро фаро мехонад ва бо ӯ инчунин дарди дил мегӯяд:

Ишқи ман ишқи узрӣ ва афиф аст. Бори он шефтагиро ба дӯш мекашам ҳарчанд ки бори он аз талоши ман гаронтар ва сангинтар бошад вой бар Қайс ва вой бар ман! Тақдир ва сарнавишт чу хун баҳое аз ман ва Қайс металабад? Бемории ман ва Қайс қабиларо дармонда кард ва коҳинони Наҷд дар доруи дарди мо дармондаанд. Сураҳои қуръонӣ низ чун тиловат шаванд ҷинзадагии моро бартараф насохта ва афсуни ҷодугарон ва соҳирон низ коргар нашуда ва суде набахшид. Оё дар ман ва Қайс ишқи тамом комиласт, ки ақлро аз соҳибонаш рабуда ва онро ба вартаи ҳалок мекашонад?

Ифроъ бо шунидани вожаи [Азроа][20] аз ҳақиқати рози Лайлӣ бохабар мешавад Вард дар ин замон сар мерасад ва аз Лайлӣ мехоҳад, ки ором бошад ва парешонӣ накунад.

Пардаи панҷум (пардаи поёнӣ). Оғози ин парда дар гӯристоне дар доманаи кӯҳи Тубо дар наздикии кӯйи бани Омир рух медиҳад. Қабри тозае дар миёни қубур ҳафр шуда ва ашхосе аз қабилаи ибни Омир дар ҳоли ба хоксупории Лайлӣ ҳастанд ва ҳама аҳли қабила гирякунон бар сари қабри Лайли ҳозиранд.

Дар оғози ин фасл мухотаб бидуни ҳеҷ намоише дармеёбад, ки Лайлӣ аз дурии Маҷнун бемор ва пас аз чанде бо марг рӯбарӯ шудааст, ки ин худ нуктаи заъфе аз манзари намоишномонависӣ ба шумор меравад. Зеро марге чунин бесару садо ба ҳеҷ рӯй зебандаи шахсияти қаҳрамони дувуми достон нест, чаро ки марги Лайлӣ метавонад иртиботи Маҷнунро бо ҷомеа ва қабила ба куллӣ қатъ кунад ва мунҷар ба марги қаҳрамони достон шавад. Чунин ба назар мерасад, ки ин саҳна баргирифта аз ривоятҳои шуъбии достон ва ё мутаассир аз достони Лайлӣ ва Маҷнун дар адабиёти форсӣ ва туркӣ аст, зеро дар китобҳои адабӣ ва таърихии араб сухане аз марги Лайлӣ нест ва танҳо ба оворагӣ ва сипас марги Маҷнун дар биёбон пас аз издивоҷи Лайлӣ ишора шудааст.

Таҳлил ва арзёбии шахсияти Лайлӣ. Вожаи «лайлӣ» дар ин намоишнома музофунилайҳ барои вожаи «маҷнун» омада аст ва ин худ нишонгари танидагӣ ва гиреҳхӯрдагии ҳар ду шахсият дар раванди достонии намоишнома аст, то бадон пояе, ки метавон ӯро дар канори Маҷнун қаҳрамонони аслӣ ва шахсиятҳои меҳварии достон ба шумор оварад.

Ӯ дар дараҷаи нахуст дӯстдори Қайс аст ва ин ишқро инкор намекунад ва ҳатто дар муқобили мардум ба он эътироф мекунад, вале аз сӯйи дигар ӯ сахт пойбанди одоб ва русуми қабилагӣ аст.

Дувум ин ки Лайлӣ шахсияте аст хирадмеҳваре, ки ақл ва хирадро дар умури зиндагии хеш ба кор мебандад ва ҳамонанди Қайс дар муқобили ин ишқ хонумон барандозад худро ба обу оташ намезанад ӯ шахсияте аст хештандор ва муҳофизкор ва ба ҳамин иллат пешниҳоди Қайсро мабнии фирор аз хонаи ҳамсар намепазирад. Албатта ин пешниҳод аз сӯйи шахсияте чун Маҷнун на танҳо дар манобеи куҳан ва мутаахири достон наёмада, балки дар тамоми адабиёти араб бо ин ҳама густурдагӣ низ ҳеҷ собиқа ва пешинае надорад ва баргирифта аз мактаби романтизм дар ғарб аст: «Ин ки ошиқ ба маъшуқаш пешинҳод кунад, ки аз манзили шавҳараш, ки ӯро дӯст надорад бигрезад дар адабиёти арабӣ маъруф нест, вале дар достонҳо ва намоишномаҳои романтизмҳо ба сабаби фалсафаи отифии онҳо, табиӣ аст ва бадон пардохта шудааст …. ва таъсирпазирии шавқӣ дар ин ҷо аз адабиёти романтизм ҳувайдо буда ва ҳеҷ пӯшидагӣ дар он нест» [Муҳаммад, 69].

Савум ин ки собитрой ва устувор аст ва ин ҷанба шахсияти Лайлӣ мухтор будани ӯро интихоби ҳамсар барои мо то андозае тавҷеҳ мекунад. Ҳар чанд, ки бо тамоми норизоятӣ ва хеле оҷилона тарафи одоб ва русумро гирифта ва худу Қайсро қурбонӣ ин суннатҳо мекунад. Шоёни зикр аст, ки ин қисмат аз достони шавқӣ сохта пардохтаи худ ӯст, зеро дар даврони умури расму русуми араб бадин гуна набудааст, вале дар даврони ҷоҳилияти заононии араб истиқлоли райъ ва назар доштанд ва дорои озодӣ ва мақом буданд ва идае аз онон дар ҷангу сиёсат ва адабу шеър ва тиҷорату саноат ба ном гузаштанд … Ғолибан мардони араб дар давраи ҷоҳилият ихтиёри издивоҷро ба духтарон во мегузоранд ва бадон римзояти духтарон ба заношӯйии онон ризоят намедоданд. [Ҷурҷии Зайдонӣ, 99].

Шавқе дар пардохти Лайлӣ аз равиши ғайри мустақим барои муаррифии ӯ баҳра меҷӯяд ва ибдои шахсияти ӯро парда ба парда дар баробар дегони мухотаб мековад. Гоҳ аз забони дигар шахсиятҳо ба тавсифи зоҳирии ӯ рӯй оварда ва гоҳ аз тариқи баёни кирдор ва рафтори ӯ мухотабро аз вазияти рӯҳии ӯ огоҳ месозад, вале беш ду равиши собиқ шавқе дар ҳангоми пешбурди амали достоне ба тавсифи отифа, эҳсосот ва ҳолоти дарунии шахсияти Лайлӣ мепардозад.

Шахсияте, ки шавқе аз Лайлӣ барои мо ба намоиш мегузорад дорои чеҳраи ошкор ва равшанӣ аст. Духтаре аст бидавӣ дорои ду вижагии бориз, нахуст ошиқпеша, вале хирадманд ва дувум, муқайд ба одоб ва синини қабилагӣ. Гоҳ ба ойини одобу русум пушт меканад ва гоҳ ишқи худро зери по мениҳад. Мухотаб ӯро мудом дар ҳоли ин кашмакаш мебинанд ва саранҷом ишқи худро фидои одобу русум карда ва аз дурии ёр диққи марг мешавад. Шавқӣ дар пардозиши вуҷуҳи намоиши шахсияти Лайлӣ номувафақ будааст, вале ин нокомиро дар пӯшише аз шеъри ғиноии

[20] Ҳафт сура аз сураҳои мубораки куръонро гӯянд, к ибо «ҳам» оғоз мегардад ва иборатанд аз: ал-Муъмин, Фазиллат, ал-шӯро, ал-Зухраф, …

волои худ пинҳон мекунад, то он ҷо ки мухотаб аз таҳлил ва тасвири шахсиятҳо боз монда ва ин асарро шоҳкорие дар арсаи намоишноманависӣ мепиндорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳвати Аҳмад. Дастури забони достон/ Аҳвати Аҳмад. –Теҳрон: Фардо, 1371.
2. Ал-Исфаҳонӣ Абулфараҷ Алӣ ибни Ҳусен ибни Муҳаммад. Ал-ҷузъул (Ахбори Маҷнун ибни Омир ва Насба)/ Ал-Исфаҳонӣ Абулфараҷ Алӣ ибни Ҳусен ибни Муҳаммад.- Теҳрон, 1992.
3. Буроҳани Ризо. Қисанависӣ/ Буроҳани Ризо.- Теҳрон: Нашр-ул-буруз, 1989.
4. Дақиқиён Шириндухт. Маншаи шахсият дар адабиёти достонӣ/ Дақиқиён Шириндухт..- Теҳрон: нависанда, 1371.
5. Зайдони Ҷурҷӣ. Таърихи тамадуни ислом/ тарҷумаи Алии Ҷавоҳир Калом.- Теҳрон: Амиркабир, 1372.
6. Шавқӣ Аҳмад. Мисраҳиятун «Маҷунун Лайлӣ»/ Шавқӣ Аҳмад.- Миср, 1916.
7. Сайф Шавқӣ. Шавқӣ Шоир-ул-аср-ул-ҳадис/ Сайф Шавқӣ.- Ал-Қоҳира, 2010.
8. Ғанимии Ҳилол Муҳаммад. Дурул адаб/ Ғанимии Ҳилол Муҳаммад.- Миср, 1953.
9. Ғанимӣ Ҳилол Муҳаммад. Даросот адабият-ул-муқорона/ Ғанимӣ Ҳилол Муҳаммад.- Ал-Қоҳира, 1985.
10. Фохурии Ҳанно. Таърихи адаб-ул-арабӣ/ Тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ.- Теҳрон: Тӯс, 1997.
11. Мир Содиқи Ҷамол. Аносири достон/ Мир Содиқи Ҷамол.- Теҳрон: Сухан, 1997.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ В ПОСТАНОВОЧНОЙ ПЬЕСЕ «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН»- ОСОРА АХМАЛА

Поэма «Лейли и Меджнун», несомненно, является одним из самых ценных работ в области арабской литературы; которая, как уникальный пример чистой любви занимает особое место в литературе. Из арабского фольклора история перешла в персидскую литературу. Амиралшеърро Ахмад Шавки получив истинное наслаждение от арабской версии данного литературного шедевра поставил пьесу состоящую из пяти актов. Данная статья посвящена изучению истории создания данной пьесы на арабской сцене.

Ключевые слова: Меджнун, Лейли , Ахмад Шавки, драма, характеристика героев.

THE STUDY OF PERSONALITY IN STAGING THE PLAY "LEYLI AND MEJNUN"- OSORA AHMAD

The poem "Levli and Mainun", is undoubtedly one of the most valuable works in the field of Arabic literature; which, as a unique example of pure love takes a special place in the literature. From Arabian folklore history has passed in Persian literature. Amirallere Ahmad of Shawki receiving pleasure from the Arabic version of this literary masterpiece is put on a play five-act. This article is devoted to the study of the history of the creation of this piece on the Arab stage.

Key words: Majnun, Лейли , Ahmad of Shawki, drama, characteristic of characters.

Сведения об авторах: ***Хамидризо Пирмуродиён*** – соискатель Университета Шахид Чамрон, Ахвах, Иран
Мухаммад Обдонон Маҳдизода **–** член научно-преподавательского состава Университета Шахид Чамрон, Ахваз, Иран
Насруллоҳ Имомӣ **-** член научно-преподавательского состава Университета Шахид Чамрон, Ахваз, Иран
Ғуломризо Каримифард **-** член научно-преподавательского состава Университета Шахид Чамрон, Ахваз, Иран

ЭҶОДИЁТИ АБДУМАЛИК БАҲОРӢ ВА ИНКИШОФИ ЖАНРИ ФАНТАСТИКАИ АДАБИЁТИ АТФОЛИ ТОҶИК

Файзуллоҷон Баҳриев
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдумалик Баҳорӣ дар жанрҳои гуногуни адабӣ асарҳо офаридааст. Агар маҳсули адабии ӯро аз рӯйи жанру намудҳо табақабандӣ намоем, чунин бармеояд: асарҳои манзум, яъне шеъру достонҳо (ҳам барои бачагон, ҳам барои калонсолон), асарҳои мансури бадеӣ (бадеии воқеӣ, бадеии фантастикӣ), осори драмавӣ ва очеркҳо. Нависанда дар эҷоди ҳар яке аз ин навъҳои адабӣ вобаста ба синну соли хонандагон усули фаҳмою шавқовари баёнро ба кор мебарад. Гуногунии услуб ва бадеияти тасвир аз камолоти эҷодӣ ва худшиносии муаллиф дарак медиҳад.

Эҷодиёти А.Баҳорӣ ба ҷараёни адабии муосир таъсири назаррас дорад. Ин ҷараён аз ибтидои солҳои панҷоҳум аз нашри ду китоби шеърҳои ӯ «Саҳнаи қаҳрамонӣ» (1951) ва «Таронаи мулки озод» (1953) сар мешавад. Шоир дар ин маҷмӯаҳо Ватани азизро васф намуда, аз меҳнати қаҳрамононаи коргарон ва колхозчиён боҳарорат сухан меронад, аз ишқу муҳаббати ҷавонон, сулҳу амният, ҳаёти мактаббачагон бо ҳиссиёти пок ҳарф мезанад.

Ҳамин хусусиятҳо минбаъд дар маҷмӯаҳои дигари адиб: «Одамони шинос» (1958), «Дили бекарор» (1962), «Пеш аз тӯй» (1964), «Ҷавоби ошиқ» (1965), «Садоқат» (1970), «Давлати ман» (1983) ва ғайра инкишоф ёфтанд.

Дар нимаи дуюми солҳои панҷоҳум А.Баҳорӣ ба жанри эпикӣ рӯ овардааст. Ӯ бахшида ба ҳаёти хатмкунандагони мактаб ва роҳи ояндаи ҳаёти онҳо достони «Сарахбори зиндагӣ»-ро эҷод намуд. Достон масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқии насли наврасу синфи коргари тоҷикро инъикос кардааст. Қаҳрамони асосии достон Нозим ном ҷавонест, ки мавқеи худро дар ҷамъият фақат бо меҳнати ҳалол пайдо мекунад. Вале дӯстдоштаи ӯ – Барно ин интихоби Нозимро хуш қабул намекунад. Ӯ ба шаҳри Маскав ба хондан рафта, ишқи поки Нозимро поймол мекунад. Дар натиҷа, пушаймон мешавад. Нозим бо меҳнати ҳалол ва дастгирии устои завод Матвей – амак соҳиби обрӯю эътибор мегардад. Меҳнат на танҳо мавқеи ҷамъиятии Нозимро, балки хислатҳои ахлоқии ӯро низ муайян месозад.

Дар солҳои минбаъда доираи мавзӯи эҷодиёти шоир васеъ гашта, дар лирикаи воқеанигорӣ мавқеи намоён ишғол кардааст. Дар маҷмӯаҳои «Дар

оғуши мактаб» (1955) достони бачагонаи «Дӯстон оинаи якдигаранд», дар «Мулоқот» (1977) достони «Саргузашти Усмон» ва қисме аз достонҳои дигари адиб дар маҷмӯаи «Давлати ман» (1983) ба табъ расиданд.

Бисёр асарҳои эпикии А.Баҳорӣ моҳиятан достони афсона буда, муаллиф дар офариниши он аз эҷодиёти лафзии халқ баҳраҳо бурдааст. Масалан, достон – афсонаи «Ошноҳо» (1954) дар асоси афсонаи халқии «Рӯбоҳак ва хирс», «Рӯбоҳ ва гурги нодон» таълиф шудааст. Дар афсонаи халқӣ хирсу рӯбоҳ бо ҳам ошно шуда гандум, пиёз, лаблабу мекоранд. Рӯбоҳ ду сол хирсро фиреб дода, соли сеюм худаш фанд мехӯрад. Дар афсонаи «Рӯбоҳ ва гурги нодон» гург аз ҳарисӣ бо рӯбоҳ ошноӣ пайдо карда, ба боғ барои ангурхӯрӣ медарояд. Соҳиби боғ гургро зада мекушад ва рӯбоҳ аз дасти гург халос мешавад.

Достон – афсонаи «Ошноҳо» - и А.Баҳорӣ бевосита аз шиносоии рӯбоҳу гург не, балки аз тасвири ҳолу аҳвол ва хислати рӯбоҳ (доимо сер буду хандон), дар пирӣ (дасту пояш шуданд бедармон) ва кӯшишҳои ӯ дар роҳи таъмини маишат оғоз шудааст. Ба гург низ тавсифномаи мушаххас медиҳад, ки вай ҳам дар айёми ҷавониаш зӯру даррандаву ситампеша буд, аммо:

Рафта-рафта шикор чун кам шуд,
Кам шуд авқоту гург дар ғам шуд.

Дигар фарқияти достони А.Баҳорӣ аз афсонаи халқии «Рӯбоҳак ва хирс» дар ҳамин аст, ки дар афсонаи рӯбоҳак ду маротиба хирсро фиреб дода, бори сеюм худаш фанд мехӯрад. Қаҳрамонони достони А.Баҳорӣ рӯбоҳ ва гург лаблабую карам мекоранд. Дар натиҷаи айёрии рӯбоҳ гург ду бор фанд мехӯрад. А.Баҳорӣ сужети афсонаи халқии «Рӯбоҳ ва гурги нодон»-ро ба сифати манзараи сеюм «ошно»-и онҳо тасвир мекунад. Афсонаи халқӣ, ки А.Баҳорӣ ба назм даровардааст, ҳикмати «дӯстон набояд ҳамдигарро фиреб диҳанд»-ро талқин мекунад. Достон бо мақоли халқии зерин ҷамъбаст шудааст:

Дар ҳақиқат, ҷазои бад ин аст,
Дарди бадро давои бад ин аст.

А.Баҳорӣ бо таъсири адабиёти рус ва фолклор таълиф ёфтани достони афсонаи худ «Себи тилло»-ро (1966) таъкид кардааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар байни ин асари А.Баҳорӣ ва достон-афсонаи П.П.Ершов «Аспаки кӯзапушт» на танҳо алоқаи мазмунӣ, балки шабоҳати шаклӣ ҳам дида мешавад. Асари П.Ершов аз силсилаи ҳикояҳое иборат аст, ки ҳар яке афсонаи шавқовареро дар бар мегирад. Таъсири боби аввали он, махсусан ба асари А.Баҳорӣ дида мешавад. Асари А.Баҳорӣ мураккаб ва сервоқеа нест.

Инак, муқоиса мекунем: дар «Аспаки кӯзапушт» гуфта мешавад, ки деҳқоне се писар дошт: Данилаи закӣ, Гаврилои кораш беравнақ, Ивани аҳмақ. Дар «Себи тилло»-и А.Баҳорӣ нақл мешавад, ки Муҳаммадҳоҷа ном устои машҳур низ се писар дошт: Аҳмад, Илҳом, Умар. Ду писари аввал лофзан,вале писари хурдӣ хоксору боодоб буд. Деҳқони рус ҳар сол ҳамроҳи фарзандонаш кишт мекард. Аммо «Ҳар шаб як бадхоҳи шум, кишташона мезанад сум». Муҳаммадҳоҷа бошад барои ёдгорӣ ба фарзандонаш дарахти себҳои тиллоӣ месозад: «Вале…боре Умарҷон синча бинмуд, ки зарринсеби ӯ як дона кам буд». Дар ҳар ду достон ҳам қаҳрамонон деви манфурро дастгир мекунанд. Дар асари А. Баҳорӣ писари хурдӣ, хоксору боодоб-Умарҷон, дар асари Ершов Ивани аҳмақ корнамоӣ нишон медиҳанд.

Дар достони П.П Ершов қуввахои Хайру Шар ба ҳамдигар муқобил гузошта шудаанд. Ниҳоят Хайр ғалаба мекунад. Дар достон-афсонаи Ершов ҳаёт ва маишати халқ бо камоли вусъат тасвир ёфтааст. Дар достони А.Баҳорӣ бошад, ҳунар ва истеъдоди мардуми эҷодкори тоҷик дар шакли афсона тасвир шудааст.

А.Баҳорӣ дар эҷоди ҳикоя ва повестҳои бачагона истеъдоди комил дорад. Махсусан, ҳикоя ва повестҳои ӯ, ки аз ҷиҳати гузориши масъала ва завқоварии сужет ба синну соли бачагону наврасон мувофиқанд, ҷолиби диққат мебошанд. Маҳорати

нигорандагии А.Баҳорӣ беҳтар ва бештар аз ҳама дар повестҳои ӯ зоҳир мешаванд. Ӯ дар масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ як силсила повестҳои завқовар эҷод кардааст, ки «Қаймоқи гирди коса» (1974), «Гирдоб» (1976), «Ду моҳии пурмағал» (1976), «Ҷабрдида» (1983) аз ҳамин қабиланд.

Повести «Қаймоқи гирди коса» яке аз беҳтарин асарҳои бачагонаи А.Баҳорӣ буда, масъалаи муҳимми замони мо-покизагии ахлоқу виҷдонро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин асар ҷараёни зиндагии як оилаи ҷавон ва муносибати ҳамкоронро ба қаҳрамони асосӣ – Сабохон аз номи писарчаи ӯ – Абдуллоҷон тасвир мекунад.

Образи Абдуллоҷон таваҷҷуҳи хонандаро нисбат ба худ ҷалб мекунад. Ба азобҳои рӯҳии Абдуллоҷони хурдсол шарик шуда, аз ҳарфҳои ширини вай, ки ба ҳамин синну сол хос мебошад, ба ваҷд меояд. Ин як образи дар ҳақиқат, зинда мебошад. Дар асар муносибати Мунираю Абдуллоҷон, муомилаи писарак бо модаркалонаш, саволу ҷавобҳои бачагона, вале пухтаю шавқовари вай хеле табиӣ ба қалам оварда шудааст.

Р.Амонов дуруст таъкид мекунад: «Дар повести «Қаймоқи гирди коса» пастию баландиҳои зиндагии калонсолон аз назари бачаи ҳассос тасвир мешавад. Ин образ таровате дорад ва бо равшанию амиқии худ дар хотир нақш мебандад. Образи Сабохон чун намунаи занони пешқадами имрӯза, ки ба меҳнат, ҳаёти оилавӣ ва муҳити кору зиндагӣ назари тоза доранд, соҳиби ахлоқу одоби ҳамида мебошанд, ҳаққонӣ тасвир ёфтааст. Нависанда муносибати тарафайни Сабохон ва Шодмон-амакро ҳамчун муомилаи пок нишон медиҳад».

Сабохон аз ҷудоии шавҳари маҳбубаш сахт азоб мекашад, вале дар пеши ӯ кӯр-кӯрона сар хам намекунад. Дар ҳар вазъият эътибори инсонии худро нигоҳ медорад ва ҳимоя мекунад. Хушбахтона, оила пойдор мемонад, пас оҳи сабук мекашад.

Абдумалик Баҳориро аввалин нависандае, ки ба жанри фантастика (хаёлӣ) рӯ овардааст, гӯем, хато намекунем. Ба хонандагони тоҷик асарҳои ӯ «Ҷасорати доктор Мансур» (1969), «Мулоқот» (1971), «Аҷоиботи Нодар» (1972), «Бозгашт» (1972), «Сунбула» (1972), «Шоҳидони шаҳид» (1980), «Чобуксаворон» (1980) ва «Фирори ассистент» ва “Марди мастур” маълум аст. А.Баҳорӣ дар эҷоди ин намуди жанр дар адабиёти тоҷик марҳилаи наве кушод.

Табиист, ки бунёди асари фантастикӣ рӯйдодҳои фавқуллодаро дар асоси пешгӯйиҳои илмӣ, сафари олами ношинос ва расму русуми мардумӣ, ноошноии он, ки нависанда бо ёрии андешаи худ месозад ва воқеаю корномаҳои ба он монандро фаро мегирад. Мавзӯъ ва мундариҷаи асарҳои фантастикии А. Баҳорӣ гуногун буда, ҳар яке як соҳаи муҳимми муносибати инсон ба илму техникаро дар бар кардааст. Лекин дар маркази диққати нависанда ҳамеша образи инсон меистад.

Ба нашр расидани китоби «Ҷасорати доктор Мансур» (1969), ки сарахбори фантастикаи тоҷик буд, аз тарафи хонандагон ҳамчун ҳодисаи хурсандибахш истиқбол шуданд. Маҷмӯаи «Ҷасорати доктор Мансур» ҷамъ чаҳор ҳикояро дарбар кардааст. «Дар маҷмӯа, - навишта шудааст дар шиносномаи китоб, - шумо бо табиату ғорҳои рӯйи моҳ, бо сокинони қаъри уқёнус, бо расму ойини мавҷудоти сайёраҳои дигар ва ниҳоят бо пайванди системаи марказии асаб барин муаммоҳои пурасрор шиносо мешавед». Ҳамаи ин ҳикояҳо бо шавқи дил, бо нияти бохабар кардани хонандагон аз пешрафтҳо ва фарзияҳои илмӣ навишта шудаанд. Нависанда қаҳрамони яке аз ҳикояҳои худ Зафарро ба сӯйи моҳ парвоз мекунонад. Зафар дар яке аз ғорҳои моҳ сандуқе пайдо карда, сурати онро гирифта, ба замин мефарояд. Заминиён инро кашфиёти бузург мешуморанд…

Дар «Ҷасорати доктор Мансур» А.Баҳорӣ масъалаи маънавиро ба миён оварда, ба ҳасби ҳоли Шарифҷон диққати махсус додааст. Дар китоби «Занбӯри айнакдор» давраи бачагии қаҳрамони повест – Ҷамоли донишҷӯйи орзуписанд ва ҷӯянда тасвир ёфтааст. Ҷамол бо ҳамин хислатҳояш диққати намояндаи сайёраи дигар – Занбӯри айнакдорро ба худ ҷалб намуда, ба қолаби занбӯр барин маҳлуқи ҷисман майда дохил шуд ва ба замин фаромад. Дӯстӣ ва ҳамкории Ҷамол бо Занбӯри айнакдор ба заминиён фоидаи калон оварда.

Дар китоби дуюми повест «Аҷоиботи Нодар» парвози ҷавонписари тоҷик – Ҷамол ҳамроҳи Гриша ва Марк, ки аз сокинони Амрико мебошад, ба сайёраи Нодар батафсил нақл гардидааст.

Қаҳрамони повести «Сунбула» бошад, бо мақсади ёрӣ расонидан ба одамон аз як замон (асри ХХ1У) ба замони дигар (асри ХХ) меояд. А.Баҳорӣ дар ҳамаи ин асарҳо кӯшиш дорад, ки ба тасвири характерҳои инсонӣ, ба зуҳури хусусиятҳои миллии қаҳрамонҳо ноил гардад.

Доир ба асарҳои фантастикии Абдумалик Баҳорӣ якчанд мақолаҳои адабиётшиносон ба миён омад, ки ба қалами академик М.Шакурӣ, олимон А.Турсон ва А.Сайфуллоев тааллуқ дорад. Бино ба андешаҳои онҳо А.Баҳорӣ дар роҳи эҷоди

асарҳои фантастикӣ аз таҷрибаи адибони рус ва Аврупо хеле баҳраманд гардидааст. Профессор Атахон Сайфуллоев бар ин ақида аст, ки повести «Ҷасорати доктор Мансур» бо таъсири асари машҳури А.Беляев «Каллаи профессор Доуэл» таълиф шудааст.

А.Баҳорӣ нависандаи серсоҳа мебошад. Ӯ дар жанри очерк ва драмаҳои бачагона низ асарҳои ҷолиб офаридааст. Забон ва услуби асарҳои ӯ барои синну соли бачагон мувофиқ буда, шевою гӯё ва фаҳмову ширин аст. Аз ин рӯ, бачагон Абдумалик Баҳориро ҳамчун адиби маҳбуби худ дӯст медоранд.

А Д А Б И Ё Т

12. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов - Душанбе, 1981.
13. Баҳорӣ А. Мулоқот / А Баҳорӣ -Душанбе: Ирфон, 1975.
14. Баҳорӣ А. Меҳмони серӯза / А. Баҳорӣ -Душанбе: Адиб, 1980.
15. Баҳорӣ А. Насими тоза. Фантастика / А. Баҳорӣ– Душанбе: Адиб, 1987.
16. Баҳорӣ А. Марди мастур. Қиссаи фантастикӣ / А. Баҳорӣ Садои Шарқ, 1999.-№7-12.
17. Сайфуллоев А. Зинаи камолот / А. Сайфуллоев Садои Шарқ, 1977.-№4.
18. Таърихи адабиёти советии тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1982. -Ҷ.6.

ТВОРЧЕСТВО АБДУМАЛИКА БАҲОРЇ И РАЗВИТИЕ ЖАНРА ФАНТАСТИКИ В ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Народный писатель Таджикистана Абдумалик Бахори создавал свои произведения в различных литературных жанрах. Также он считался одним из лучших детских поэтов. Поэмы-сказки поэта занимают видное место в его творчестве. Абдумалик Бахори также был основоположником художественной фантастики в таджикской советской литературе. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению фантастические произведения Абдумалика Бахори написанные для детей.

Ключевые слова: фантастика, жанр фантастики, Абдумалик Бахори, таджикская советская литература, жанр фантастики в таджикской литературе.

CREATIVITY ABDUMALIK BAHAR AND DEVELOPMENT OF THE GENRE OF SCIENCE FICTION IN TAJIK CHILDREN'S LITERATURE

People's writer of Tajikistan Abdumalik bahori created their works in different literary genres. Also he was one of the best children's poets. Poem-tale by poet occupy a prominent place in his work. Abdumalik bahori was also the founder of the art of fiction in the Tajik Soviet literature. In this article the author reviewed and studying the fiction works of Abdumalik Bahori written for children.

Key words: fiction, science fiction, Abdumalik bahori, the Tajik Soviet literature, science fiction in Tajik literature.

Сведения об авторе: ***Бахриев Файзулложон*** – доцент кафедры современной таджикской литературы Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **(92) 897-00-62**

НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ТАЗКИРАҲО

Ҷумъа Бехронов
Донишгоҳи давлати Хоруғи ба номи М Назаршоев

Ҳаким Абӯмуин Носири Хусрави Қубодиёнӣ донишманди бузург, шоири тавоно, нависандаи соҳибзавқ, ҷаҳонгарду ёддоштнигори саддаи XI мебошад. Ӯ бо осори фалсафӣ, мазҳабӣ ва адабии худ дар таърихи адабиёт ва фарҳанги тоҷик ва форсизабонон мақоми хосае дорад.

Носири Хусрав яке аз аввалин ҳакимони донишманд аст, ки низоми каломи фалсафӣ ва каломи исломиро дар заминаи ҳаёти фарҳангии форси-тоҷикӣ ба вуҷуд овард. Бо назардошти хидмати бузурги ин нобиғаи Шарқ, созмони байналмилалии Юнеско бо дастгирии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003-ро соли ҷашни ҳазораи Носири Хусрав эълон намуда, дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил гардид.

Шахсияти Носири Хусрав дар ҷодаи шоирӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нотакрор боқӣ мемонад. Ӯ дар эҷоди қасида ба касе аз шуаро монанд нест, шоири дигареро пайдо кардан душвор аст, ки шеъри ӯ дар мазмуну муҳтаво, бо равиши хоси сухан метавон бо ӯ қобили қиёси сарсарӣ бошад. Шеъри Носири Хусрав дар мазмун ва шакл инъикоси шахсияти ӯ дар соҳаи илм ва ҳунари шоирӣ аст. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз ҷумлаи файласуфон ва ҳакимон касеро намебинем, ки шеъре нагуфта ва ё қасидаеро ба ӯ нисбат надода бошад. Бо вуҷуди ин касе аз онҳо дар ҷодаи шеъри ҳакимона ба мақоми Носири Хусрав нарасидааст. Дар олами рӯҳии Носири Хусрав метавон гуфт, ки ӯ бештар аз як олими динӣ, як озодмарди ҳаким ва файласуф мебошад. Бузургии Носири Хусрав сабаб шудааст, корномаи зиндагияш ба ривоятҳо табдил ёфтааст.

Бо эҷоди як силсила ривоятҳои дурӯғин мақсад доштанд, шарафу бузургии ин мутафаккири тавоноро паст зананд. Ин саргузашту ривоятҳои дурӯғин тасодуфӣ

набуда, бетардид мехостанд, шахсияти мазҳаби-динӣ будани ӯро рад намоянд. Албатта, бархе аз шахсиятҳои алоҳида хусумате нисбати Носири Хусрав дошта, мехостанд ӯро бадном созанд. Аз ҳамин лиҳоз, шоирро «мулҳид», «бедин», ва билохира «кофир» эълон намудаанд. Аз ҷумла, Абулмаолии Насрулло (ваф 1091), ки қариб ҳамасри шоир аст, дар китоби худ «Баён-ул-адён» Носири Хусравро «мулҳиди лаъин» гуфтааст [10, 12]. Вале Ҳаким Носири Хусрав бо ҳамаи ин хабарҳои дурӯғин тоб оварда, чун ситораи дурахшон ва чун офтоби тобон дар майдони адабиёт ҷилвагар аст.

Ҳаким Носири Хусрав аз зумраи он бузургон шуморида мешавад, ки ба Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ имони комил ва муҳаббати беандоза дорад. Он чи Носири Хусравро бар дигар шоирон мумтоз месозад, покии имон ва сафои ақидаи ӯст. Шоир ишора мекунад, ки сарчашмаи олами сухан, ин сухани Худованд аст ва сухани Худованд монанди дур дар дарёаст:

Дарёи суханҳо сухани хуби Худой аст.
Пургавҳари боқиммату пурлӯълӯи лоло (8. 101).

Муҳақиқони маъруфи таърихи адабиёти форсӣ, ки эҷодиёти Носири Хусравро мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши амиқ қарор додаанд, ақоиди ботил ва ғаразомези бархе аз тазкиранависони гузаштаро рад намуда, олами рӯҳии дониш ва ҷаҳонбинии фалсафӣ ва динии ин мутафаккири бузургро аз дидгоҳи аҳкоми шаръии исломӣ баррасӣ намуда, ӯро аз ҷумлаи уламои бузурги исломӣ донистаанд. Аз ҷумла, Саид Ҳасани Тақизода чунин андеша рондааст: «Носири Хусрав аз ибтидои ҷавонӣ дар таҳсили улуму фунун ва адабиёт ранҷи фаровон бурда, Қуръонро ҳифз дошт...» [7, 12].

Ё ин ки донишманди Афғон Аҳмад Ҷовид чунин нигоштааст: «Носири Хусрав улуми нақлӣ ва улуми ақлӣ ҳар дуро фаро гирифта, Қуръони каримро азбар дошта буд» [10, 24]. Дар ҷойи дигар низ қайд мекунад: «Ин шоири ранҷдида ва азияткашида, ки аз хусуси Қуръону аҳкоми шаръӣ ва маорифи исломӣ воқиф ва мусаллат буд, як ҳаракати фикрӣ ва ҷараёни ахлоқиро дар шеъри форсӣ ворид кард» [10, 39].

Оид ба ҳаёт ва осори Носири Хусрав ҳанӯз аз асрҳои XII-XIII сарчашмаҳои илми-таърихӣ маълумот медиҳанд. Аввалин сарчашмаи илмӣ, ки аз Носири Хусрав ёдрас мешавад, ин китоби «Баён-ул-адён»- Қозии Байзовӣ мебошад. Баъдтар, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи маъруфи худ, «Тазкират-уш-шуаро», ки дар асри XV таълиф ёфтааст, дар мавриди назари Носири Хусрав чунин ёдрас шудааст: «Асли ӯ аз Исфаҳон аст ва дар боби ӯ сухани бисёр гуфтаанд, баъзе ӯро муваҳҳид ва ориф гуфтанд ва баъзе бар ӯ таън мезаданд, ки табиӣ ва даҳрӣ буда ва мазҳаби таносух доштааст…» [1, 234].

Дар ин тазкира инчунин қайд шудааст, ки Носири Хусрав ба Шайх Абӯҳасани Хараққонӣ мулоқӣ шудаст, вале агар мо соли вафоти Абулҳасани Хараққонӣ, ки 425 ҳичрӣ мебошад, ба назар гирем, дар ин замон Носири Хусрав 13 сол доштааст ва ҳанӯз ба таҳсили илм машғул бадааст, на ҳамчун шахси маъруф, ки дар ин мулоқот ашъори шоирро Хараққонӣ бар ӯ хондааст, зеро аз худи гуфтаи Носири Хусрав аён мегардад, ки ӯ пас аз сафар ва иқомат дар Юмгон ашъорашро сурудааст.

Тазкираи маъруфи дигар, ки аз Носири Хусрав маълумот медиҳад, ин «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Дар равзаи ҳафтуми ин тазкира дар боби Носири Хусрав омадааст, ки «Носири Хусрави алайҳираҳма дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил, аммо ба сӯйи эътиқод ва зандақа ва илҳод муттаҳам шуда ва ӯро сафарномаест, ки дар аксари маъмура сафар карда, дар он ҷо ба назм оварда ва ин абёт аз ашъори ӯст»:

Ҳама ҷаври ман аз булғориён аст,
Ки то донам ҳаме бояд кашидан.
Гунаҳ булғориёнро низ ҳам нест,
Бигӯям гар ту битвонӣ шунидан… (2, 123).

Чунонки аз ин сатрҳо бармеояд, дар ин тазкира мулоҳизаи ҷаълӣ дида мешавад. Аввалан, ин ки Ҷомӣ сафарномаи манзумро ба ӯ нисбат медиҳад, ки дар ҳеҷ сарчашмае аз он ёд нашудааст ва худи шоир низ аз он ёд намекунад. Нуктаи дувуми қобили таваҷҷуҳи ин тазкира он аст, ки вожаи «муттаҳам» ҳаргиз маънии зандиқа ва мулҳид будани Носири Хусравро нахоҳад дод ва ниҳоят, нуктаи савуми назари Ҷомӣ ба шеъри ишоракардаи шоир буда, аз назари баъзе муҳаққиқони осори Носири Хусрав ин абёт ва умуман, ин қасидае, ки дар баъзе нусхаҳои девони шоир ҷой дорад, моли Носири Хусрав ҳисоб намекунанд. Аз ҷумла, Эдвард Бравон дар таърихи адабиёти Эрон (аз Рӯдакӣ то Саъдӣ) ин қасидаро овардааст:

Худоё, рост гӯям, фитна аз туст,
Вале аз тарс натвонам чағидан.
Агар реге ба кафши худ надорӣ,
Чаро боист шайтон офаридан.
Лабу дандони туркони хаторо
Бад ин хубӣ набоист офаридан (3, 342).

Ин қасида дар баъзе нусхаҳои девони шоир ҷой дорад, аммо мувофиқи таҳқиқи ашъори шоир аз ҷониби муҳаққиқон ин қасида моли Носири Хусрав набуда, ба ӯ нисбат дода шудааст, зеро мазмун ва муҳтавои қасида ҷавобгӯйи ашъори боқимондаи қасоиди шоир нест. Баъзе масъалаҳое ки дар ин қасида баён гардидаанд, мухолифи ақидаҳои шоир мебошанд. Дар девони ашъори шоир чопи Теҳрон (1307) қасидаи бисёр баланде ба ин вазну қофия омадааст, ки ағлаби ин абётро дар баъзе ҷойҳо метавон ёфт, лекин сустии баъзе алфоз ва такрори порае аз қофияҳо нишон медиҳад, ки кулли қасида аз Носири Хусрав нест [7, 234].

Дар тазкираи таълифкардаи Мир Алишери Навоӣ «Маҷолис-ун-нафоис», ки соли 1491 таълиф гардидааст, дар мавриди Носири Хусрав омадааст, ки: «Носири Хусрав дар мазҳаби рафз ғулуви тамом дошта ва он мазҳаби ботилро ҳақ пиндошт ва фирқаи ботил сухани ӯро ҳуҷҷати дин мехонданд. Китоби «Рӯшноинома» аз ашъори ӯст ва чунонки дар шеър моҳир буда, дар ҳикмат низ чунин буд, ки ба илҳод ва зандақа машҳур аст ва мусофирати аксари олам карда, рисолаи Сафарнома таълифи ӯст ва қариб сад сол зистааст» [1, 31].

Қариб бештари тазкираҳо нисбати Носири Хусрав як ақида дошта, нисбати ӯ назари ғаразомез доранд. Чунонки аз тазкираи мазкур бароямон равшан гардид, Носири Хусрав дар мазҳаби рафз ғулуви тамом дошта…, ки қобили қабул нест, зеро барои шоир тамоми мазҳабҳо баробар буда, ӯ танҳо инсонҳое ки ба зоҳир мазҳаб доштанд ва танҳо барои худнамоӣ дину мазҳабро пешаи худ сохтаанд, вале ба ҳақиқат аз он фарсахҳо дур буданд, мавриди танқид қарор додааст.

Носири Хусрав ҳарчанд хонадони пайғамбарро пайваста мадҳ мекард, вале дар мавриди дигар мазоҳиб ва аз ҷумла, аз хулафои Ислом Умар, Абубакр ва дигар ёрони пайғамбар низ ба некӣ ёд кардааст. Чи навъе ки мебинем:

Инҳо ки дам заданд ба ҳубби Алӣ ҳаме,
Гар з-он ки дӯстанд, чаро хасми Умаранд
В-инҳо, ки ҳасташон ба Абӯбакр дӯстӣ,
Гар дӯстанд, чунки ҳама хасми Ҳайдаранд
В-ин сунниён, ки сираташон буғзи Хайдар аст,
Ҳаққо ки душманони Абӯбакру Уммаранд (8, 235).

Тазкираи «Ҳафт иқлим», ки аз ҷониби Амин Аҳмади Розӣ соли 1624 навишта шудааст, аз таърих ва аҳволи ҳазору панҷсад тан аз шоирону адибон ва орифони форсии тоҷикӣ маълумот медиҳад. Дар ин китоб дар хусуси Носири Хусрав омадааст: «Ҳаким Носири Хусрав аз донишмандони замон буда, дар мавриди вай мардум сухани бисёр гуфтаанд. Баъзе ориф ва муваҳидаш мешуморанд ва бархе бар ӯ таън мезананд, ки мазҳаби таносух дошта, чун дар вақти таҳрири рисола аз вай ба назар омад, ки аҳволи худро ба итмом зикр карда, ҳар оина бад-он иктифо карда, хатти тахфиф бар боқии ақвол кашидаанд...» [1, 33].

Дар ин тазкира зиндагиномаи ҷаълии шоир, ки дар маъхазҳои ҷаълӣ низ ҷой дорад, зикр шудааст. Дар ин маврид метавонем чанд иштибоҳоти ин тазкираро қайд намоем. Нахуст, он аст, ки ин тазкиранавис Носири Хусравро аз авлоди хазрати Алӣ медонад, ки ин дурӯғи маҳз аст. Дар ҳоле ки Носири хусрав худро Қубодиёнии Балхӣ медонад, чунонки ёд мекунад:

Пайваста шудам насаб ба Юмгон,
К-аз насли Қубодиён гусистам (8, 234).

Баъдан, дар тазкира омадааст, ки шоир дар татаббӯи туруқи мухталифа ва фарогири улум сарзаминҳои зиёдеро чун Юнон ва Бобул сипарӣ кардааст, ки ба худи ишораҳои шоир мувофиқат намекунад. Зеро Носири Хусрав ҳам дар Сафарнома ва ҳам дар девони ашъори хеш аз ҷоҳо ва сарзаминҳое ки дар он саёҳат кардааст, овардааст ва ҳатто номҳои масоҷиду ҳаммом ва дарёҳоро ном бурда, Юнону Бобулро зикр накардааст. Танҳо дар мавридҳои дигар номҳои Юнонро овардааст, ки ин далели рафтани ӯро ба ин сарзамин муайян намекунад. Чунонки:

Имрӯз ба кор дар накӯ бингар,
Бишнав, ки чи гуфт марди Юнонӣ (8, 456).

Ё ки:

Араб бар раҳи шеър дорад саворӣ,
Пизишкӣ гузиданд мардони юнонӣ (8, 413).

Ин ишораҳо танҳо ба файласуфони юнонӣ аст, на макону манозил, ки дар тазкира омадааст.

Ниҳоят шигифтовар он аст, ки «Носири Хусрав дар шаби торик аз Миср фирор намуда, ба Бағдод меравад, яъне Носири исмоилии фотимӣ аз дарбори халифаи фотимӣ фирор карда, ба дарбори халифаи аббосӣ паноҳ мебарад. Он халифаи фотимӣ, ки шоир ӯро дар девони ашъораш шубон ва дигаронро аз гусфандони ӯ медонад, вале халифаҳои аббосиро дев мехонад» [1, 41]. Пас қобили таваҷҷуҳ аст, ки чи гуна ӯ аз он шубони мисрӣ гурехта, ба деви бағдодӣ паноҳ мебарад, ки ҳаргиз ба ҳақиқат рост намеояд.

Аз ҳамаи маълумоти бештаре, ки дар бораи Носири Хусрав додааст, ин тазкираи «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар мебошад. Ин асар соли 1174 таълиф ёфтааст. Дар ин тазкира низ муаллиф Носири Хусравро аз авлоди Алӣ ибни Мусо қаламдод кардааст. Инчунин дар ин рисола ишораҳои ривоятӣ ниҳоят зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, ишора шудааст, ки Носири Хусрав дар сӣ шабонарӯз як бор таом мехурдааст. Ё ки дар баъзе мушкилот миррихро фуруд меовард ва ғайраву ғайра. Ин гуфтаҳо асоси воқеӣ надошта, бештар ба ривоят ва хурофотпарастӣ майл намудаанд, дар ин тазкира ҷой доранд. Чунин маълумотҳо на танҳо шахсияти воқеӣ будани ӯро инкор менамоянд, балки барои ояндагон Носири Хусравро як шахси афсонавӣ муаррифӣ месозанд.

Инчунин тазкираи дигаре ки дар баробари дигар шахсиятҳои таърихӣ ва шоирону бузургони аҳли адаб маълумот медиҳад ва аз ҷумла, аз Носири Хусрав низ ёдоварӣ мешавад, ин тазкираи «Сафина-уш-шуаро» мебошад. Тазкираи мазкур дар асоси тазкираҳои «Тазкира-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ, тазкираи Мир Алишери Навоӣ ва тазкираи Соммирзои Сафавӣ навишта шудааст.

Дар ин асар низ иштибоҳоти фаровон ба назар мерасад. Тафовути тазкираи мазкур аз дигар сарчашмаҳо аз он иборат аст, ки дар ин асар маълумот дар бораи Носири Хусрав аз рӯйи қасидаи худи ӯ баён шудааст, вале агар онро бо девони шоир муқоиса намоем, асли ин қасида дар девони ашъор аз 46 байт иборат буда, соҳиби тазкира танҳо шонздаҳ байти онро овардааст. Инчунин агар ин байтҳои қасидаро бо асли қасидаи девони шоир муқоиса намоем, маънии абёти қасидаи ин тазкира аз он фарқ дошта, иштибоҳоти хурофотӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар қасидаи овардашудаи соҳиби тазкира омадааст, асли Носири Хусрав аз Исфаҳон аст ва гоҳе бо уламои Гелон дастбагиребон мешавад. Инчунин бо Шайх Абулҳасани Хараққонӣ шиносоӣ пайдо карда, мурид ва шогирди ӯ мешавад. Дигар маълумотҳое, ки дар ин асар оид ба Носири Хусрав дода шудааст, асоси воқеӣ надоранд.

Дар маҷмӯъ, зиёда аз 32 тазкира дар бораи Носири Хусрав маълумот додаанд. Вале бештари ин тазкираҳо нисбати шоир маълумоти манфӣ медиҳанд ва ӯро на ҳамчун ҳакиму донишманд ва намояндаи барҷастаи адабиёт муаррифӣ менамоянд, балки як шахси мутаассиби диндор ва аз ин ҳам пасттар нисбати ӯ изҳори ақида намудаанд, ки ин пеш аз ҳама таасуби мазҳабӣ буда, сабаби асосии он намояндаи исмоилӣ будани шоирро инъикос менамоянд.

Боиси тазаккур аст, ки на ҳамаи тазкиранависон чунин ақида доштаанд. Баъзе муаллифи ин тазкираҳо кӯшиш намудаанд, ки дар асоси ашъори шоир зиндагиномаи ӯро матраҳ месозанд. Аз ҷумла, Бадеуззамон Фурӯзонфар дар асараш «Сухан ва суханварон» дар мавриди Ҳаким Носири Хусрав нигоштааст, ки: «Носири Хусрав устоде қавитабъ ва нодирулуслуб аст. Шеъраш амиқ ва пурмаънӣ ва тариқаи баёнаш дар ниҳоятдараҷа матонат ва ҷазолат аст» [1, 133].

Чунонки бароямон равшан гардид, ҳарчанд муҳаққиқон ва дӯстдорони шеъри Носири Хусрав бештар бо ашъори ӯ ошноӣ пайдо намоянд, ба он андоза волоияти шеъри ӯро дарк менамоянд ва тафовут доштани ашъори шоирро аз дигар шоирон иброз медоранд. Ин бесабаб нест, зеро муаллифи асари мазкур инчунин қайд мекунад, ки: «Устодии Носири Хусрав дар қасида ва баъдан, маснавӣ буда, ҳадафи қасоидаш баҳс ва истидлол дар масоили динӣ ва даъват ба имону имондорӣ аст. Шоир таваҷҷуҳ ба дину имон дошта, тамоми гуфторҳои ӯ дар партави имон, эътиқод ва мазҳаб аст [1, 167].

Чунин ақидаи саҳеҳ, ҳамчунин дар тазкираи дигаре бо номи «Зиндагиномаи шоирони эронӣ» иброз шудааст, ки Носири Хусрав бетардид, яке аз шоирони бисёр тавоно ва сухановари форсӣ аст. Вай табъи неруманд ва сухани устувор дошта, услуб ва баёнаш танҳо хоси худ мебошад (саҳ 177).

Андешаҳои мусбӣ нисбати шоир гувоҳӣ аз он аст, ки муаллифони ин тазкираҳо андешаҳои тазкиранависони пешинро ба инобат нагирифта, балки аз рӯйи ашъори шоир ба ӯ баҳогузорӣ кардаанд.

Ҳамин тариқ, Ҳаким Носири Хусрав донандаи беҳамтои шеъри форсӣ буда, яке аз шоироне дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки масъалаҳои фалсафа, дин ва мазҳабро дар қолаби шеър нишон медод ва тавассути он андешаҳои худро баён мекард. У бо вуҷуди носолимии ҷомеа ва нобасомонии рӯзгор тавонист, дар адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми босазоеро гузорад ва ақидаю афкори худро озодона баён намояд.

Маълум аст, ки бо маълумоти нодурусти баъзе тазкираҳо ҳаргиз манзалат ва мақоми Носири Хусрав дар майдони илм коҳиш наёфта, балки бо ашъори беназирашон дар қаттори бузургони адаби форсии тоҷикӣ ҳамчунин боқӣ мемонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Барзинмеҳр, Абдулғанӣ. Носири Хусрав дар лобалои тазкираҳо / А. Барзимеҳр-Покистон, Пешовар, 2005.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / А. Ҷомӣ // Бо кӯшиши А. Афсаҳзод. Душанбе, 1966.
3. Браун Эдуард. Тарихи адабиёти Эрон / Э. Браун // Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ.. Интишороти марворид, 1341. –Ҷ.1.
4. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкиратушшуаро / Д. Самарқандӣ -Теҳрон, 1338.
5. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон / З. Сафо..-Теҳрон, 1384.-Ҷ.1.
6. Бузургзода Лутфулло. Носири Хусрав-чӯяндаи ҳақ ва адолат / Л. Бузургзода // Силсилаи классикҳои адабиёти тоҷик. - Сталинобод, 1949.
7. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Н. Хусрав// Бо кӯшиши Саид Насруллои Тақво.-Теҳрон, 1372.
8. Хусрав Носир. Девони ашъор / Н. Хусрав // Бо кӯшиши Амрияздони Алимардон ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ Дар ду ҷилд.- Душанбе 2009. -1400 с.
9. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Н. Хусрав - Душанбе, Адиб, 2010.
10. Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих / Р. Фазлуллоҳ // Бо тасҳеҳи Муҳаммади Равшан ва Мустафо Мӯсо. Нашр Албурз. Теҳрон 1374. -Ҷ 1.
11. Ҷовид Аҳмад. Носири Хусрави Балхӣ, зиндагинома ва осор / Ҷ. Аҳмад // Дар китоби «Юмгон» - Деҳлӣ, 2000.

НОСИР ХУСРАВ В АНТОЛОГИЯХ

В данной статье рассматриваются различные источники, в частности, антологии, авторы которых затрагивают поэзию величайшего писателя и мыслителя Носира Хусрава. Автор анализирует различные сведения, приведенные в рассматриваемых антологиях, и даёт объективную оценку высказываниям относительно поэзии Носира Хусрава путем показа места и значения произведений поэта среди других произведений на персидском языке, тем самым выражает собственную позицию относительно степени объективности авторов антологий и значимости Носира Хусрава как поэта.

Ключвые слова: антология, Коран, Насир Хусров, диван, касыда, сура, ссылки, поэзия.

NASIR KHUSRAW IN THE ANTHOLOGIES

In the given article considered different sources, particularly, anthologies, the authors of which have addressed the works of the greatest writer and thinker Nasir Khusraw. The author is analyzing various details provided in the given anthologies and gives an objective evaluation of the sayings regarding the poetry of Nasir Khusraw by showing the place and meaning of the works of the poet among other works written in Persian.

Key words: anthologies, Nasir Khusraw, Quran using references, suras, poet, divan.

Сведения об авторе: ***Бехронов Дж.*** – преподаватель Хорогского государственного университета им. М Назаршоев, Телефон: **93 597 27 74**

НИГОҲЕ БА ДОСТОНҲОИ РАМЗИИ СӮҲРАВАРДӢ

Мутриба Исмоилова
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ дар таърихи адабиёти ирфонии форсу тоҷик ба навиштани сенздаҳ рисолаи мухтасар муваффақ шудааст, ки дар миёни онҳо панҷ рисола-«Ақли сурх», «Сафири Симурғ», «Овози пари Ҷабраил», «Луғати мӯрон» ва «Рисолат ат-тайр» асосан дар заминаи мазмунҳои асотирии Эрони бостон ба қалам омадаанд. Ҳарчанд дар ин рисолаҳо Сӯҳравардӣ асотири қадима ва мазмунҳои устуравиро ба кор гирифтааст, аммо равшан эҳсос мегардад, ки ӯ дар заминаи таҳаввул бахшидан ба ин матлабҳо тозаҳоеро дар насри ирфонии форсу тоҷик офаридааст. Маҷмӯаи осори форсии ӯ дар Теҳрон чоп шудааст, ки дар ин китоб 13 рисола ҷамъ оварда шудааст.

Байни онҳо «Бӯстон ул-қулуб» («Равзат-ул-қулуб») ва «Яздоншинохт» бидуни ҳеҷ шакку тардид, мансуб ба Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ дониста шудаанд. Қисме аз ин расоил мавзӯъ ва гузориши достонӣ доранд, яъне ҳомили сужет ва воқеоти пайвастаи муттасил мебошанд. Лекин сухани Сӯҳравардӣ чунон зебо, нафис, саршори завқ ва андешаҳои амиқ аст, ки ҳатто ашхоси дур аз мабоҳиси фалсафӣ низ онро бо рағбати тамом мутолиа мекунанд.

Андешаи гӯянда бо равонию содагии ҳайратангезе имтиёз мекунад ва фикри ҷӯяндаву пешрави ӯ хонандаро бо худ ба сайди маъниҳои фалсафӣ ҳидоят менамояд. Шерозаи ин андешаҳои бикр гоҳ - гоҳе бо абёти бағоят нафис музайян гардидааст. Чунончи:

Солҳо бояд, ки то як санги асле з-офтоб,
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман (2, 54).

Мураттиби маҷмӯаи осори форсии Шайхи ишроқ дастаи дувуми расоили ин маҷмӯаро «ирфонӣ» хондааст. Қобили тазаккур аст, ки дар осори ирфонии Сӯҳравардӣ низ асари тафаккури фалсафаи ишроқия ва партави афкори ин мактаби бузурги фалсафӣ мақоми шоиста дорад. Аз ин нигоҳ, омезиши ҷанбаҳои ирфонию фалсафӣ дар афкори ин ҳаким ва файласуфи тавоно ба вуқӯъ пайвастааст, ки аз тозакориҳои фикриву зеҳнии ӯ дар баёни матолиби фалсафию ирфонӣ дар насри форсӣ шаҳодат медиҳад.

Ба таъбири дигар, Сӯҳравардӣ бо имтизоҷи тафаккури фалсафию ирфонӣ муваффақ шуд, ки намунаи осори мансури фалсафию ирфониро бо сабку салиқаи хоса ба вуҷуд оварад. Рисолаҳои мансуб ба бахши ирфонии Сӯҳравардӣ аз «Рисолат-ут-тайр», «Ӯвози пари Ҷабраил», «Ақли сурх», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён», «Фи ҳолат-ут-туфулият», «Фи ҳақиқат ул-ишқ» ё «Мунис ул-ушшоқ», «Луғати мӯрон» ва «Сафари Симурғ» фароҳам омадаанд. Бо номи баъзе аз ин расоил ва нақшҳои тасвирӣ аз асарҳои Ибни Сино ва дигарон шинос ҳастем. Аз ҷумла, рисолаи тайр, тасвири Ҷабраил, рисолаи ишқ, тасвири Симурғ, ки аз таълифоти Ибни Сино, Аҳмади Ғаззолӣ ва дигарон сарчашма гирифтаанд.

Бинобар ин, Сӯҳравардиро на фақат аз пайравони ҳикмати машшоияи Ибни Сино, балки ҳакиме бояд шинохт, ки равиши насри фалсафии тамсилиро такомул бахшид. Асарҳои мансури Ибни Сино ва Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ падидаи нодири адабиёти форсӣ ва ба наҳве адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҷудогонаи ин навъи насри фалсафӣ амре воҷиб ва зарур мебошад.

Дар тасвири Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ, бахусус дар фаслҳои ҷудогонаи асарҳои ӯ ҳузури як мустақилияти воқеӣ ва маъноии марбут ба асли матлаби фалсафӣ эҳсос мешавад. Барои ошноӣ бо тариқи сухани Сӯҳравардӣ намунае аз фасли аввали рисолаи «Луғати мӯрон» манзур мешавад: «Мӯре чанд тезтак миён баста аз ҳазизи зулмати макман ва мустақарри аввали хеш рӯ ба саҳро ниҳоданд аз баҳри тартиби қут. Иттифоқро шохе чанд аз набот дар ҳойизи мушоҳидаи эшон омад ва дар вақти субҳ қатароти жола бар сафаҳоти сутӯҳи он нишаста буд. Яке аз яке пурсид, ки ин чист? Ҷавоб доду гуфт, ки асли ин қатарот аз замин аст ва баъзе гуфтанд, аз дарёст, алоҳозо дар маҳалли низоъ афтод. Мӯре мутасарриф дар миёни эшон буд гуфт: «Лаҳзае сабр кунед, то майли ӯ аз кадом ҷониб бошад, ки ҳар касеро зи ҷиҳати асли хеш кашише бошад ва ба луҳуқи маъдан ва манбаи худ шавқе бувад. Ҳамаи чизҳо ба синхи худ мунҷазиб бошад. Набинӣ, ки кулӯхеро аз маркази замин ба ҷониби муҳит андозанд, чун асли ӯ сифлист ва қоидаи «куллу шайъин ярҷау ила аслиҳӣ» мумаҳҳад аст, ба оқибат кулӯх ба зер ояд ва дар тарфи мурулваҳйат ин қазия дар ҳаққи гавҳари шариф лоиқтар аст, таваҳҳуми иттиҳод ҳошо, ҳар чӣ равшанӣ гӯяд, ҳама аз равшанист».

Мӯрон дар ин буданд, ки офтоб гарм шуд ва шабнам аз ҳайкали наботӣ оҳанги боло кард. Мӯронро маълум гашт, ки аз замин нест, чун аз ҳаво буд, бо ҳаво рафт» [1, 34-35].

Афзун бар тозагиҳои мавзӯъ ва гузориши мазмуну сужа рисолаҳои Сӯҳравардӣ бо забони равону нотакроре таълиф гардидаанд. Дар қиссаҳои ақлафрӯзи Шайхи ишроқ пешрафт ва такомули ҳақиқии забони форсӣ мушоҳида мешавад. Бо такя ба рисолаҳои Ибни Сино ва Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ метавон хулоса кард, ки омезиши забони адабии бадеӣ бо сухани парваридаи андеша ва мафоҳими илмии фалсафӣ ва баёни завқии ирфонии ишроқия аз боризтарин вижагиҳои муштараки забони адабӣ ва илмии форсӣ дар асрҳои миёна ба шумор меоянд. Лозим ба таъкид аст, ки забони форсӣ дар мисоли осори Сӯҳравардӣ ба ҳадди камолоти завқӣ ва фикрӣ расидааст. Мусаҳҳеҳи маҷмӯаи форсии Сӯҳравардӣ Ҳусайни Наср роҷеъ ба қудрати суханварии ӯ мегӯяд, ки «ин шоҳкориҳои насри форсӣ, ки аз беҳтарин намунаҳои насри фалсафии тамоми адвори таърихи адабиёти форсӣ аст…, мақоми худро фавран дар ҷониби осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Бобо Афзали Кошонӣ ба унвони яке аз муҳимтарин осори насри фалсафии форсӣ эҳроз мекунад… Шояд, ҳеҷ гоҳ дар таърихи ҳазорсолаи насри форсӣ касе ба ин латофат ва равонӣ аз мабоҳиси фалсафӣ сухан ба миён наёварда бошад» [4, 34].

Воқеан ҳам, сухани Сӯҳравардӣ парваридаи дилу ҷон аст, ки намунае аз «Рисолат-ут-тайр» ин матлабро бо ваҷҳе аҳсан падидор меоварад: «Бидонед, эй

бародарони ҳақиқат, ки ҷамоате сайёдон ба саҳро омаданд ва домҳо бигустурданд ва донҳо бипошиданд ва доҳулҳо ба пой карданд ва дар хошок пинҳон шуданд. Ман дар миёни галаи мурғон меомадам. Чун моро бидиданд, сафири хуш мезаданд, чунонки моро ба гумон афкананд. Бингаристем, ҷойи назиҳу хуше дидем, ҳеҷ шак(к) дар роҳ наёмад ва ҳеҷ туҳмат моро аз саҳро бознадошт. Рӯй бад-он домгоҳ ниҳодем ва дар миёни дом афтидем. Чун нигоҳ кардем, ҳалқаҳои дом дар ҳалқҳои мо буд ва бандҳои талаҳо дар пойи мо буд. Ҳама қасди ҳаракат кардем, то магар аз он бало наҷот ёбем. Ҳарчанд беш ҷунбидем, бандҳо сахттар шуд. Пас ҳалокро тан биниҳодем ва бад-он ранҷ тан дардодем ва ҳар яке ба ранҷи хеш машғул шудем, ки парвои якдигар надоштем. Рӯй ба ҷустани ҳила овардем, то ба чӣ ҳилат хешро бираҳонем. Якчанд ҳам чунон будем, то бад-он ранҷ хӯ кардем ва қоидаи аввали хешро фаромӯш кардем ва бо ин бандҳо биёрамидем ва бо тангии қафас тан дардодем» [1, 199-200].

Хонанда зимни мутолиаи достонҳои рамзии Сӯҳравардӣ дар иртибот бо соддагиву равонии забони онҳо дар назари аввал гумон мекунад, ки вусъати хати сужаи онҳо ба ҷуз нақли достон ё ривоят чизе нест, вале истифодаи вожаҳои «банду қафас», «саҳро», «амалиёти сайёдону мурғон» барои аҳли ирфону фалсафа розҳои ин асари мансури Сӯҳравардиро бозгӯйӣ менамояд, ки бо сабки хос ва ё забони тамсилии фалсафӣ ишора шудааст.

Мурур ба ин достонҳо баёнгари он аст, ки Сӯҳравардӣ дар ин достонҳои тамсилии хеш аз мазмунҳое, ки дар китоби ниёгони ӯ-Авасто ба кор рафтаанд ва шахсиятҳои асотирии мавҷуд дар Авасто ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баҳраҳо гирифтааст. Аммо донишманди Эронӣ ва яке аз муҳаққиқону шореҳони рисолаи «Ақли Сурх» Амир Ҳусайн Шоҳ Халилӣ бар ин назар аст, ки «…достонҳое мушобеҳ ба ин достон дар адабиёти тоисломии форсии мо мавҷуд будаанд, ки яке аз онҳо «Сафари Ҳазрати Зардушт ба Иронвич» унвон дорад. Ҷараёни мухтасари ин достон то он ҷост, ки вақте Ҳазрати Зардушт ба сисолагӣ мерасад, бо гурӯҳе ба Эронвич меравад ва Эронвич як сарзамини ҷуғрофиёии воқеъ дар курраи хокӣ нест, ки шумо онро битавонед рӯйи нақшаи ҷурофиё нишон бидиҳед. Эронвич як сарзамини малакутӣ аст, як сарзамини қадимӣ аст, ҳамон найистони вуҷуди инсон ва манзилгоҳи аслии ӯст. Ҳазрати Зардушт бо гурӯҳе вориди Эронвич мешавад ва баъд аз онҳо ҷудо мегардад ва ба танҳоӣ шурӯъ ба рафтан мекунад, зеро ин сафаре аст, ки инсон бояд танҳо ба танҳоӣ дар даруни нафси худ анҷом диҳад…» [4, 79].

Ин донишманди соҳибном иловатан мефармояд, ки «Дар гузашта ин навъ рисолаҳои ирфонӣ бисёр мавриди таваҷҷуҳ буда ва соликини роҳи тариқат онҳоро мутолиа мекарданд ва бардоштҳо ва таҷрибиёти шахсии худро дар мавриди онҳо мавриди баҳс ва гуфтугӯ қарор медоданд. Аммо имрӯз мо бештар дар маврид ановини рисолаҳое ирфонӣ суҳбат мекунем. Масалан, дар зимни як мабҳаси ирфонӣ мегӯем: Сӯҳравардӣ рисолае ба номи «Ақли сурх» дорад ва ё Ибни Сино рисолае ба номи «Ҳай ибни Яқзон» дорад, бидуни он ки матни ин рисолаҳоро мавриди баҳс ва баррасӣ қарор диҳанд, аксар матолибашро дуруст дарк намекунанд. Намедонанд, чӣ чизе дар он баён мешавад ва чаро ба ин сурат ва ба ин забон баён мешавад» [4, 45]. Аз ин баҳси ӯ ҳувайдост, ки бештар дар заминаи зоҳири ин рисолаҳо андешаҳо баён мешавад ва бидуни огоҳӣ аз сарчашмаҳои таълифи ин рисолаҳо мо наметавонем рамзҳои орифонаашонро кафшу баррасӣ намоем. Ҳарчанд Тақии Пурномдориён дар рисолаи «Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ» ба румузи бархе аз ин расоил таваҷҷуҳе дорад, аммо ба назар мерасад, ки роҷеъ ба куллияи образ ва аносири рамзии ин достонҳо камтар суҳбат шудааст ва таҳқиқи вижагиҳои сабкии ин достонҳо ва кашфи рамзҳои онон баҳсе муҳим дар шинохти асолати онҳо ба ҳисоб меояд.

Воқеан, агар мо хати сужаи ин достони тоисломии форсу тоҷикро бо ҷараёни воқеаҳои ин рисолаи Сӯҳравардӣ татбиқ намоем, ба мушоҳида мерасад, ки миёни ин ду асар, бавижа симои аслӣ ва марказии онҳо – Зардушт дар асари пешин ва Пири сурхмӯй дар достони Сӯҳравардӣ умумияте мавҷуд аст ва бо такя бар ҳамин робитаи миёни симоҳои марказии ҳар ду асар мо метавонем достони мазкури тоисломии форсу тоҷикро ба унвони яке аз сарчашмаҳои аслии рисолаи Сӯҳравардӣ унвон намоем.

Албатта, ин нуктаи назар беасос ҳам намебошад, чун ҷавҳари таълимоти Сӯҳравардӣ таваҷҷуҳ ба афкори фалсафии шарқ аст, ки ба он дар заминаи таҳаввулоти ирфонӣ тобишҳои маънии сӯфиёна додааст. Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ дар китоби худ «Қиссаҳои Шайхи Ишроқ. Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ» оиди расоли Шайхи Ишроқ чунин нуқтаи назарро баён кардааст: «… дар ҳамин рисолаҳост, ки нубуғи шайх ба боризтарин ваҷҳи мумкин таҷаллӣ меёбад. Ҳикмати ишроқ дар ин рисолаҳои кӯтоҳ зебандатарин қолаби адабии худро барои аввалину охирин бор

ёфтааст ва печидатарин мабоҳиси фалсафӣ ва ирфонӣ бо забони сода ва бидуни такаллуф ва ба кӯтоҳтарину дилчасптарин сурати мумкин баён шудаанд. Ин муъҷизаест, ки аз талаққии халлоқияти як зеҳни ҷавон ва пуршӯр бо як забони қудратманд ва пур аз қобилиятҳои бикр ва боварнакарданӣ ҳосил мешавад ва ин муъҷиза фақат як бор иттифоқ меафтад ва фақат як бор иттифоқ афтодааст» [3,16].

Дар заминаи ривоҷи достоннависии рамзӣ дар адабиёти форсу тоҷик Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар мақоми аввал қарор дорад ва агарчи достонҳои рамзии тоисломӣ ба сурати умумӣ ва бидуни муаллиф боқӣ мондаанд ва воқеан, танҳо дар ҳоли кашфи мазмунҳои рамзии онҳо метавонем аслу маъноятонро маърифат кунем, аммо Синост ба унвони нахустин файласуф ва нависандаи соҳибназари форсу тоҷик, ки аввалин шуда достонҳое дар доираи корбандии унсурҳои рамзӣ таълиф намудааст. Намунаи барҷастаи он «Рисола ат-тайр», «Саломон ва Абсол» ва «Ҳай ибни Яқзон» мебошад.

Ҷанбаҳои рамзии достонҳои мазкур қавӣ буда, барои минбаъд дар ин роҳ ба вуҷуд омадани достонҳои ҳамноме, бавижа бо корбурди рамзҳои паррандагон нақши муассир гузоштаанд, ки баъд аз Сино дар ин роҳ Аҳмади Ғаззолӣ ва Наҷмуддини Розӣ таълифоте аз худ боқӣ гузоштаанд. Достонҳои Сӯҳравардӣ дар шумули ҳамин гуна рисолаҳои рамзии фалсафӣ ва ирфонӣ ҳастанд, ки сарчашмаҳои аслии хешро, пеш аз ҳама аз равиши таълифи ин рисолаҳои муътабар гирифтаанд.

Агарчӣ тафсилоти масъалаҳои фалсафӣ, ирфонӣ дар достонҳои Синову Ғаззолӣ бештар ба назар мерасад ва матни нисбатан мукаммалеро соҳибанд, аммо таълифоти Сӯҳравардӣ ҳамагӣ кӯтоҳ, пурбор ва мухтасар ба қалам омада, ба қавли Мавлоно «баҳреро дар кӯза» ғунҷоиш додаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурафеи Ҳақиқат. Сӯҳравардӣ шаҳиди фарҳанги миллӣ / Абдурафеи Ҳақиқат. –Теҳрон: Кумиш, 1378
2. Аҳмад Тамимдарӣ. История персидской литературы / Тамимдарӣ Аҳмад -С Пг, 2007
3. Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ. Қиссаҳои Шайхи Ишроқ. Вироиши Ҷаъфар Муддариси Содиқӣ / Сӯҳравардӣ Шаҳобуддини –Теҳрон: Марказ, 1375
4. Маҷмӯаи мусаннифоти форсии Шаҳобуддини Суҳравардӣ/ Тасҳеҳ ва таҳшияи Саид Ҳусайни Наср.Дар се ҷилд. -Теҳрон, 1378
5. Ян Ричанд Неттон. Бунёди навафлотунии фалсафаи ишроғи Сӯҳравардӣ. Фалсафа дар магоми тасаввуф. / «Мероси тасаввуф / Ян Ричанд Неттон –Теҳрон: Марказ, 1384.

ВЗГЛЯД НА СИМВОЛИЧЕСКИЕ ДАСТАНЫ ШАХАБУДДИНА СУХРАВАРДИ

Статья посвящена исследованию мистических воззрений известного представителя персидско-таджикской литературы Шахабуддина Сухраварди в его суфийских трактатах и анализу композиционных и художественных особенностей, в частности символики этих трактатов.

Ключевые слова: Сухраварди, символ, сюжет, разум, сказание, мистика, мистический, воззрение, литература, суфий.

THE GLANCE AT TREATISES BY SHAHABUDDIN SUHRAVARDI

The article is devoted to an exploration of a mystical outviews belonging to Shahabuddin Suhravardi, the well-known representative of the Persian-Tajik Sufiy literature and enlightened by him in his treatises. The author analyzed the compositional and artistic peculiarities of the treatise: the symbolism of it and usage of symbolic significance treatises.

Key words: Suhravardi, symbol, plot, intellect, tale, mysticism, mystical, outlook, literature, sufiy.

Сведения об авторе: ***Исмоилова М.О.*** - ассистент кафедры иностранных языков Института экономики и торговли ТГУК. Телефон: **92 730 2150**

САБКИ «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ

Муҳаммадҳасани Санъатӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Абулфазли Байҳақӣ тасмим гирифта буд, ки таърихи Ғазнавиёни аввалро бинависад, вале мехост сабки дигаре падид оварад ва онро ба гунаҳои мутафовит аз гунаи таърихнигории маъмули замонаш бинависад. Бо ин ҳадаф аввалан, ҳикоёти таърихиро ботафсил навишт. Сониян, онҳоро дар шакли нав ва бадеъ тарсим кард. Дар натиҷа, эҳтимоми ин нависанда бо маҳорати адаби форсӣ, таърихи пурмуҳтаво, воқеӣ ва мудаллал ва дар айни ҳол асари адабӣ ва бадеъ падид омад, ба гунаҳое ки бисёре аз муҳаққиқон дар руҷҳон додани фазилатҳои таърихӣ ва арзишҳои адабии «Таърихи Байҳақӣ» бар якдигар бо душворӣ мувоҷеҳ будаанд [1, 49; 8, 30].

«Таърихи Байҳақӣ»-ро осоре арзёбӣ мекунад, ки ба душворӣ метавон онҳоро осори адабӣ ба маънои воқеии калима донист. Тардиди вай аз ин ҷоноша мешавад, ки фаҳвои каломи Байҳақӣ гарчи тавассути наслҳои баъдӣ ба унвони нуқтаи атфе дар тавсеаи насри форси достоннависӣ мавриди тақдир қарор гирифт, чизе беш аз ҳақоиқи таърихӣ ва хотироти шахсӣ нест.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» гунаҳои тақдир мадоре вуҷуд дорад, ки мумкин аст реша дар гироиши Абулфазли Байҳақӣ ба мазҳаби ҳанафӣ ва боварҳои Ашъариён дошта бошад [3, I, чиҳилусе]. Ин тақдирмадории Байҳақӣ зоҳиран, бо гироиши дигари вай, яъне диққат дар ҷузъиёт ва иллатёбии рӯйдодҳо дар танокуз қарор гирифтааст ва ҳамин боис шуда, то Байҳақӣ сухани худро дар лифофаи адабиёт пинҳон кунад, ба тавре ки ширинии сухан ва ҷозибаи таърихи ӯ чунон хонандаро бо худ мебарад, ки ҳаргиз ҳис намекунад, ки бо асаре комилан тақдирнигар мувоҷеҳ аст [3,I, панҷоҳу се аз тарафе тавҷеҳи Байҳақӣ ба усули китобати девонӣ боис шуда, то ҷойгоҳи мумтози ин асар дар адабиёти девонӣ ҳам мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад [7,1]. Бо ин ҳол метавон гуфт, вай бо навиштани як таърихи илмӣ дар тавзеҳи ин нукта мувофиқ будааст, ки зебонависӣ мухилли дурустнависӣ нест. Ба ибораи дигар Байҳақӣ дар навиштани таърих ба шеваи дақиқи илмӣ комёб шудааст [18, ҳамон].

Дар «Таърихи Байҳақӣ», ки аввалин асари давраи ривоҷи насри мурсал ва насри мавзун маҳсуб мешавад, салобат ва фахомат, содагӣ ва устуворӣ ва порсимадории аҳди сомонӣ ва ғазнавиро дорад ва ҳам мухтасоте аз насри дар ҳоли назҷи фаннӣ дар он аст, ки омехтагии назму наср дорад [22, 48].

Дар таъйини ҳудуди «Таърихи Байҳақӣ» чӣ ба нигариши хоси нависанда ба ҷаҳон таваҷҷуҳ дошта бошем ва чӣ гузиниши забон ва вожаҳои хос ё удул аз ҳанҷорҳои забонро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем, натиҷа мегирем, ки «Дебои хусравонӣ»-и Байҳақӣ аз зумраи шохистарин осори мансури форсӣ аст бо сабки вижа ва мумтоз [9, 21].

Ҳангоме ки «Таърихи Байҳақӣ» бо осори соири муаррихони форсии сулоҷиқа ва муғул, монанди Рашидуддин ва Вассоф муқоиса гардад, сабки вай ба назар бидуни ороиш ва шоҳу барг ва содаву тоза менамояд. Дар тамоми матолибе, ки муҳаққиқон дар бораи сабки «Таърихи Байҳақӣ» навиштаанд, бисёре аз муғойиратҳои забонӣ ва муҳтавои он аз назар дур мондааст. Ҷое ки сабки забон дар осори содаи ӯ равшан аст, муҳтавои пур аз ҷузъиёти печида ва тӯлонӣ аст. Дар ин маворид вай бо истифода аз шигирдҳои тасреъкунанда[21] ҳаяҷон ба вуҷуд меоварад. Ағлаб авқот, Байҳақӣ интиҳои достони тӯлониро дар оғоз бозгӯ мекунад. Масалан, монанди эъдом, то хонанда босуръати бештаре китоби тӯлониро мутолиа кунад. Ҷолиби таваҷҷуҳтарин шигирди барангезандаи Байҳақӣ тавозӯъ ва шӯхтабъии ӯ дар нигориши китоб аст.

Яке аз аввалин нукоте, ки дар «Таърихи Байҳақӣ» мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, фаровонии тасовир ва ташбеҳоти он аст: асп, хайма, савор, филбон ва корвон, аносире, ки бо ҳунари таҷассумии силсилаҳои турку муғул марбут аст. Дар тасвири Байҳақӣ зикри ҷузъиёте боис шуда, то ҷанба қавӣ бошад. Алоқаи Байҳақӣ ба сухан гуфтан аз авотиф ва эҳсосот ва тасвирии онҳо ҷанбаи дигаре аз кори ӯст. Вай ағлаб ба ҳол ва рӯзи афрод ва вокуниши онҳо дар баробари рӯйдодҳо ишора мекунад.

Мазияти дигари «Таърихи Байҳақӣ» дар муқоиса бо таърихи навиштаҳои дигар, ки пас аз бист ё ҳадди аксари сӣ сафҳаи аввал, ба такрори вожа мубтало мешавад, иттико бар зарфи вожанигории густурда ва мутанаввеи муаллифи он аст, ба гунаҳое, ки ҳатто дар миёнаи матн вожагони ҷадид зоҳир мешаванд[22].

Илтизоз аз сабки халлоқи Байҳақӣ дар ин нигориш замоне афзоиш меёбад, ки онро дар баробари забони форсии имрӯз низ дар тақобул меёбем ва ин боис мешавад, то барои мо матни «Таърихи Байҳақӣ» дорои вижагии ошнозудоӣ бишавад [21, 105].

Ба навиштаи Бартолд [5, 67– 69] дар китоби «Таърихи Абулфазли Байҳақӣ» ба унвони яке аз осори умдаи таърихнигории мусулмонон баракси таърихҳои дигар ҳаводис ба тафсил, мустанад ва мустадал нақл шудааст. Муаллифе, ки асари худро дар овони пирӣ ва дар муҳити берун аз дарбор навишта, саҳнаҳои пуртазодди дарборро бидуни ҷонибдорӣ аз гурӯҳ ва ҳамчун шоҳиди содиқ ба нигориш даровардааст.

---

[21] Дар танзими ин бахш аз мутолиби марбут ба сабк, аз китоби Волдеман, яъне «Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ» истифода шудааст.

[22] Волдеман. Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ, 1375, с. 180–184.

Бо таввaҷҷуҳ ба диққати Байҳақӣ дар ин нигориш Волдеман [6, 70] муътақид аст: «Чунончи Байҳақӣ дар яке аз минётурҳои дарбори ғазнавӣ зоҳир мешавад, ӯро дар панҷараи табақаи дувум дар гӯша иқоб медидем, ки ҳамаи гӯшаву канорҳоро мепояд ва аз сари фузулӣ ангушти сабо бародар ҳоли интизор мегазад». Гӯё, яқин дорад, ки навиштаи ӯ рӯзе хонда хоҳад шуд. Вай дар тӯли кор пайваста бо хонандагонаш дар иртибот аст ва дар бораи назму тартиби матолиб ва ҷое, ки бад-онҳо ихтисос медиҳад, далоили онро ба хонандагонаш тавзеҳ медиҳад. [6, 85].

Дар сар то сари китоб фасле ва саҳнае ва банде намебинем, ки сардаргум бошад ва дар ҳама лаҳазот медонем, ки дорем аз чӣ зовияе ба моҷаро нигоҳ мекунем ва дар куҷои воқеа истодаем [14,сивусе]. Ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон фаромӯш кард кард, ки нависандаи ин китоб Байҳақӣ аст. Дар мавриди бисёре аз таърих нигориҳо, муҳаққиқон солҳои зиёдеро ба таҳқиқмепардозанд, то битавонанд муаллифи асарро маълум кунанд. Дар муқобил «Таърихи Масъудӣ» иборати «Чунин гӯяд Абулфазли Байҳақӣ» монанди тарҷеъ банд дарсаро сари матн такрор мешавад[13, 659].

Аз вижагиҳои муҳимми асари Байҳақӣ мутаввал будани ғайримаъмулии он аст. Кулли асар сӣ ҷилд буда, ба якбозаи кӯтоҳи чиҳилу ду сол ихтисос доштааст. Қисмати мавҷуд танҳо вақоеи ёздаҳ солро дарбар мегирад [аз 421 то 432ҳ.қ.]. Густурдаи зиёди асар ба Байҳақӣ иҷоза надода, ки ба гузиниши шахсӣ аз байни иттилооти аввалия даст бизанад, балки ҳатто ӯро ташвиқ карда, то зимни баёни таърих ҳикоятҳое низ замима кунад. Бо ин ҳол зикри ҷузъиёт асаре хастакунанда ба вуҷуд наёварда, балки таърихро ба зиндагӣ бадал карда ва ба вақоеи таърихӣ рангу бӯ бахшидааст.

«Таърихи Байҳақӣ» иттилооти бо арзише дар заминаи вазоифи дабирон, рӯйкарди Байҳақӣ нисбат ба ин шуғл ва фалсафаи кулли зиндагӣ аз нигоҳи ӯ ба даст медиҳад ва метавон Байҳақиро таърихнигори дараҷаи аввал донист, ки бомаҳорат дар достонпардозӣ аз сабке равшану зинда суд ҷустааст[13, 660−670]. «То он худованд бирафтааст, ин худованд ҳеҷ наёсудааст ва намади аспаш хушк нашудааст» [4, 23]. Дар шарҳи бардор кардани Ҳасанак гӯяд: «Чун аз ин фориғ шуданд, Бӯсаҳл ва қавм аз пойи дор боз гаштанд ва Ҳасанак танҳо монд, чунонки танҳо омада буд аз шиками модар» [4, 235].

Дар бораи Хоҷа Абдулғаффори Фохир дар боби аҳди Масъуд бо Манучеҳр ибни Қобус мегӯяд: «Чун бар он воқиф гаштам, таште бар сарам рехтанд пур аз оташ ва нек битарсидам аз сит ва тимаҳмудӣ ва хушк бимондам [4, 164]. Дар баёни ҷуръату шаҳомат дар Абдуллоҳ ибни Зубайрқаблазон, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр аз Макка хориҷ шавад ва ба ҳалокат бирасад ва дар муҳосираи Ҳаҷҷоҷ буд, омадааст: «Модарро дар канор гирифт ва падруд кард ва модараш зиреҳ бар вай рост мекард ва бағалгоҳ медӯхт ва мегуфт: «Дандон фишор бо ин фосиқон», чунонки гуфтӣ ӯро ба полуда хӯрдан мефиристад [4, 238].

Аз байни анвои насри адабии форсӣ ба эътибори мавзӯъ, аз қабили насри осӣ, насри ошиқона ва ғиноӣ, насри адабии таълимӣ дар забони форсӣ, насри танзомез, насри адаби таълимии сӯ фиёна ба унвони навъи насри орифона-«насри адабии таълимии форсӣ», анвоъ ва ақсо медорад, ки як қисми он бархе аз насрҳои таърихӣ ва ба унвони намуна насри Байҳақӣ аст [16, I, 85].

Бо забоне сахт тавъам боэҳтиёт ва бо ҳама талхиҳо ва насиҳатҳо, ки дар он дарӣ карда, биёр мулоим ва мулоҳиза корона. Пайдо шудани иҳом ва ибҳом дар нависандагӣ ва ҳулули маонии чандгона ва истифода аз тамсил ва маҷоз ва бавижа истифода аз алқоб ва ановин ва сифот тавъам бо эҳтиром барои соҳибони маносиб ва ба таври кулли котибаи фародастон, чизе аст, ки нишонаҳои ошкораш дар Байҳақӣ ба чашм меояд ва эҳтимолан мутаассир аз зиндагӣ дар рӯзгори оганда аз ид бор, аз мушаххасаҳои адабии «Таърихи Байҳақӣ», гузашта аз гунае тақдиргароӣ ва ибратомӯзӣ, рӯй овардан ба мояҳои тарожик аст.

Бисёре аз достонҳо ва достонвораҳои таърихии ин асар, монанди достони Афшин ва Бӯдулаф, марги Бӯнасри Мушкон, фурӯгири Бӯбакри Ҳусайрӣ, бардор кардани Ҳасанак, саршор аз мояҳои тарожик, барои бозсозӣ ва бозофаринии намоишҳо ва намоишвораҳо бисёр мустаид аст.

Дар саросари «Таърихи Байҳақӣ» шӯхӣ ва танз дида намешавад. Ба таври куллӣ Байҳақӣ марде абӯс ва ҷиддист ва аз ин рӯ бо он ки китобаш мояи шоирона дорад, фоқиди сабукрӯҳӣ ва малоҳатест, ки аз танз ношӣ мешавад [11, 27, ба нақл аз: Исломии Нудушан, дар: Ҷоми ҷаҳонбин].

Аз ҷиҳате методи адабии Байҳақӣ реализм аст ва метавон методи ӯро сафҳаҳое аз омӯзишу инкишофи реализм дар адаби форсӣ қаламдод кард. [1, 50]. Аз ҷиҳати

дигар, Байҳақӣ ду қисм наср дорад: як қисм насри одиаст, ки дар мавқеи зикри ҳаводис ва нақли таърих ба кор мебарад, қисми дигар нисбатан пардохтатарест, ки дар номаҳои мундариҷа дар китобаш дида мешавад [15, 301], аммо бо он ки сабки баёнаш як даст нест ин амр низ танаввуи хоссе ба баёнаш медиҳад ва онро аз он чи ҳаст, дар мазоқи хонанда дилкаштар месозад [15, 301]. Байҳақӣ аз нависандагони бузурги Эрон маҳсуб мешавад ва насри ӯ дар содагӣ ва равонӣ камназир аст [20, 92].

Албатта, дар мавқеи муқоиса маълум мешавад, ки насри Байҳақӣ дар қарни панҷум, хосса дар тариқаи насри давраи аввали ғазнавӣ чи андоза равон ва мунсаҷим аст [17, 296]. Байҳақӣ дар ин асар тавфиқи қобили мулоҳизае дар ҷамъи байни содагии лафз ва устувории баён ҳосил мекунад. Ба таъбири таърихнависи фарзона ва адиби номдор дар нигориши асари гаронқадри худ шеваи саҳли мумтанеъро ба кор баста, дар беҳгузин кардани вожаҳо ҳунарнамоӣ кардааст.

Дар боби равон будани навиштаи Байҳақӣ Волдеман ишора ба дақиқае мекунад: «Ҷумалоти муътариза дар кори вай нодир аст, хусусан, ки бо сабки содаи Байҳақӣ муносиб нест» [6,185]. Ин соданависӣ аз навъе аст, ки мушобеҳи онро метавон имрӯз дар ҳавзаи журнал исм ва ёддоштнависӣ мушоҳида кард, чаро ки сабки Байҳақӣ сабки рӯзноманигорон аст. Ба назари Волдеман: «Байҳақӣ ботафсил, лекин бидуни изҳори фазл ривоят мекунад. Ӯ ба назариёти омма ва авомгароӣ алоқамандӣ нишон медиҳад ва ба тасвири тарсимӣ таъкид дорад. Сабки Байҳақӣ на оммаписандаст, на мавриди алоқаи хос. Дақиқтар он аст, ки сабки ӯ мавриди писанди хонандагони ҳушманд аст, на муҳаққиқон [6, 186].

Байҳақӣ дар даврае асари худро ба риштаи таҳрир дармеоварад, ки насри порсӣ дар нимаи дувуми қарни V давраи булуғи худро тақриба мекардааст [12]. Аз сӯйе вай дар маҳзари устоде чун Бӯнасри Мушкон давраи булуғу пухтагии худро пушти сар гузоштааст. Баҳор сабки Байҳақиро тақлиде аз сабки нависандагии устодаш-Бӯнасри Мушкон медонад. Ба вижагиҳое, аз қабили итноб, истишҳод ва тамсил, ҳазф ба қарина, тақаддуд дар истеъмоли афъол, ҳазфи бахше аз ҷумла ва кайфияти хосси истеъмоли замоиру ҷамъҳо ишора мекунад[9,25].

Аз сӯйе бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳамвора байни як сабк ва оғози сабки дигар як давраи интиқол аст, зеро бояд насли тарбиятшуда ва таҳсилкарда дар давраи қаблӣ аз байн бираванд ва насли ҷадиде парварда шаванд. Дар ошӯбу фитнаи аз миён рафтани Ғазнавиён ва рӯйи кор омадани Салҷуқиён, мисли ҳар инқилоби дигар руасои давлат ва девониён фирор мекарданд.

Устод Баҳор пас аз баҳс, дар ин ки насри давраи ғазнавӣ идомаи ҳамон насри аҳди сомонист ва дар он шеваи тозае ба вуҷуд наомадааст, чанд китобро мустасно карда менависад: «Пас аз ин ки мо ин фаслро мустақил сохтем, барои он буд, ки чанд китобро, ки ба сабки хос ба вуҷуд омада, аз эътибори худ наяндохта бошем ва аз он кутуб яке навиштаҳои Абӯнасри Мушкон ва дигар «Таърихи Байҳақӣ», васеи дигар «Сияр-ул-мулук»-и Низомулмулк ва чаҳорум «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус аст [22, 47-48].

Ин гуна аст, ки доктор Шамисо дар ҳадди фосили насри мурсал дар сӯе ва насрҳои мавзун ва фаннӣ дар сӯйи дигар «Таърихи Байҳақӣ»-ро насри байнобайн дида, баррасӣ кардааст: «Ҳам салобату ва фахомат ва содагиву устуворӣ ва порсимадории аҳди сомониву ғазнавиро дорад ва ҳам мухтасоте аз насри ҳол назҷи фаннӣ дар он аст. Яъне омехтагии назму наср дорад, ки дар аҳди қабл марсум набуд. Шеъри арабӣ ва зарбулмасали арабӣ овардааст. Оят ва ҳадис дорад ва хондани он осон нест. Аммо монанди «Калила ва Димна» мушкил ҳам нест [22. Ҳамон]

Маалвасф, Абулфазли Байҳақӣ [вафоташ 470] мусаннифи «Таърихи Байҳақӣ», дабири маъруфи девони Ғазна, ки аз аҳди ҷавонии хеш ба рӯзгори Маҳмуд ва Масъуд аз Абӯнасри Мушкон соҳиби девони расоил тартибу таҳзиб ёфт, дар ҳақиқат, вориси фарҳанги Сомониён маҳсуб мешуд. Аз ин рӯ, шеваи иншои ӯ дар насри форсӣ бо тариқаи Абӯалии Балъамӣва нависандаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ» тафовути зиёде надорад[10,174].

Доктор Ҳусайн Хатибӣ-ҷонишини марҳум Баҳор дар курсии сабкшиносии донишгоҳи Теҳрон-зайли баҳс аз «Сабки насри форсӣдар давраи дувум» мухтассоти сабки насри форсӣдар давраи Ғазнавӣва Салҷуқии аввал, яъне солҳои 450 то 550 ҳамон солҳо, ки «Таърихи Байҳақӣ» дар онҳо навишта шуда ва падид омадаро бад-ин гуна хулоса карда:

− Истеъмоли муфрадоти арабӣ беш аз давраи қабл [Сомонӣ 300-450] бо ҳифзи ҳудуди форсӣ аз такаллуфи арабӣ;

− Шурӯи истеъмоли оёту аҳодис ва ашъору амсила ва истиорот;

– Такаллуфоту саноеъ бидуни дурӣ аз мурсал ва ғалабаи лафз бар маънӣ;

– Ба кор набурдани сачъ, ки овардани муфрадоти арабии бештареро илзом мекард;

– Таркиби ҷумал ва арабии форсишуда;

– Равиши ҷумлабандии форсишудаи арабӣ дар асари истиқрор ва раҳоёбии форсӣ;

– Эҷоз ва мусовот то ҳудуде ҷойи худро ба итноб медиҳад ва насри дар ҳадди фосил содаи қадим ва фаннии ҷадид қарор мегирад;

– Танаввӯъ ва эҳтироз аз такрор;

– Шеваи насри мурсал ва баробари лафзу маънӣ.

Ба назари доктор Ҳатибӣ агар насри давраи қабл [давраи сомонӣ]-ро насри сода ва мурсал бишуморем, насри ин давра [давраи сомонӣ ва салҷуқии аввал] –ро дар мақоми муқоисаи насри мурсал олӣбихонем[19, I,133]. Метавон гуфт, сабки тарассул ё ҳамон сабки дабирӣ ва номанигорӣ ва иншо дар девони ғазнавӣ таъбири мавриди иттифоқ дар навиштаҳои касоне ҳаст, ки насри Байҳақиро баррасӣ кардаанд. Ба навиштаи доктор Сафо сабки гузориши Байҳақӣ нисбат ба гузаштагон тозагӣ дорад ва намунаи хубе аз беҳтарин равиши тарассули форсӣ ва осори муншиёни дарборӣ дар қарни V-и ҳичрист [12, II, 891].

Асари вай ба лиҳозе аз осори адаби девонӣ аст. Медонем, ки адибони муншӣ ё муншиёни адиб бар ҳасби фармон ва гоҳ ба соиқаи маълумот ва завқи хеш бар меҳвари гуфтору кирдори фармонравоёни асри худ китобҳо ва номаҳо пардохтаанд, ки ба иллати бастагии матолиби он бо дарбору девон метавон номи адабиёти девонӣ бар онҳо ниҳод ва он китобҳо ва ё номаҳо ба фармонҳо, ки дар маҷмӯаҳое гирдоварӣ шудааст ва бар масоли мухталифи кишвареву лашкаре, ҷангу оштӣ ва фатҳу шикаст ва иттиҳоду таҳдид муштамил будааст, дохил дар адаби девонӣ будааст ва ғолибан, низ нукот ва дақоиқи муншиёна ва борик дорад ва басо ки намунаи олии фасоҳат ва балоғат ҳам шумурда шавад. Мо аз ин китобҳо ва маҷмӯаҳо, ки гоҳ ба унвони таърих низ шинохта шудаанд, ба забони тозӣ ва порсӣ фаровон доштаем ва бисёре аз онҳоро, ки низ аз дастбурди ҳаводис дур мондаанд, ба даст дорем.

Аммо ба ҳамон далел, ки «Таърихи Байҳақӣ» аз ҷиҳати таърихӣ дар миёни таворихи дигар арҷмандии хос дорад ва ба мавозини илмӣ ва фаннӣ мунтабиқ аст, дар заминаи осори адаби эронӣ низ кори Байҳақӣ намоёнтар ва шохистар аст, зеро навиштаи ӯ дастурӣ ва фармоишқ таҳрир нашудааст[7, 18-19].

Байҳақӣ дар дарбор зиста ва насри муншиёнаро бар асоси таҷриба ва такрор омӯхтааст. Рӯҳи омиронаи дарбор дар саросари «Таърихи Байҳақӣ» ҳукмфармост ва рӯҳи омиронаи мусиқии фароафтодаро намепазирад, балки басо мади пуртанинеро тақаббул мекунад [7,18-19].

Насри муншиёна чорчӯби бахусусе дошт, ки дабир мебоист ба он чорчӯб амал кунад. Милоки дабирӣ ҳам номаҳое буд, ки дабирони барҷаста навишта буданд ва ба ин равиши дабирӣ меомӯхт, ки лаҳни номаҳояш бо дар назар гирфтани мухотаб бояд чӣ гуна бошад. Лаҳни омирона бошад ё хоксорона. Агар барои шахс фародаст аст, бояд ба сомади вожаҳои хоксориро бартобад ва ё баракс. Ин амр боис шудааст, ки Байҳақӣ тамоми созу барги забонии худро аз тафаккури муншиёна баргирад ва сабки нигоришаш бо Бӯнасри якшавад [7, 16].

Номае, ки амир Алии Қариб Ҳоҷиби Бузург барои узрхоҳӣ аз кӯшиши ба тахт нишондаи Муҳаммади Ғазнавӣ навишта, чунин шурӯъ мешавад: «Сазад аз назару отифати худовани олам, султони бузург, адомалиллоҳу султонаҳу…» Ва дар номаи Масъуд ба қалами Бӯнасри ба Қадархон аз амирони силсилаи хониёни Туркистон омада: «Бар хон пӯшида нест, ки ҳоли падари мо, амири мо зӣбар чӣ ҷумла буд…». Баррасии чунин номаҳое низ дигар бахшҳои «Таърихи Байҳақӣ» метавонад ин амрро, ки Байҳақӣ аз тафаккури насри муншиёна дар навиштани таърихаш истифодаи бисёре карда, собит кунад. [21, 17]. Аммо ҳунари Байҳақӣ дар он аст, ки насри хешро ҳатто дар мусиқии баёнӣ ва шунидории муносиби аҳвол пардохтааст. Тасвири базми амир Масъуд бар рӯйи Ҷайҳун, зарбӣ, кӯтоҳ, сареъ ва нишотангез аст. Дар ҷанги Талхоб сухан тантанаи дигар дорад ва размӣ аст. Он ҷо, ки мавзӯъ мусталзими тааммулу андеша аст, лаҳни Байҳақӣ орому сангин аст. Ҳама ҷо мусиқии калом бо андеша ва маънӣ созгории дурахшон дорад [21,17]. Вай калимот ва таркиботи салису хушоҳанг офарида, дар баёни маонии худ ба кор бурдааст [21, 821].

Байҳақӣ аз мусаввитҳои баланд ва воҷороиҳои зебо ҷиҳати мусиқоӣ кардан ва шӯрофаринӣ дар сохтори ибороташ истифода кардааст: «Амир аз он ҷо бардошт ба саодат ва хуррамӣ, бо нишоту шаробу шикор мерафт мизбон бар мизбон».

«Бузурго, мардо, ки ин писарам буд! Подшоҳе чун Маҳмуд ин ҷаҳон бад-ӯ дод ва подшоҳе чун Масъуд он ҷаҳон». Дар баъзе мавоқеъ Байҳақӣ бо қатъу васли ҷумла оҳанги хос эҷод мекунад ва гоҳе ҳам калимоти Байҳақӣ чунон шона ба шонаи ҳам ниҳоданд, ки гӯё дар дили ҳам фурӯ рафтаанд: «Вуҷудаш ҳамеша бод ва фуқди вай ҳеҷ гӯш нашунавад». Бидамиданд ва овоз ба овози дигар бӯқҳо пайваст ва ғирев бихосту бар даргоҳ кӯс фурӯ кӯфтанд ва бӯқҳо ва оинапилон биҷунбониданд, гуфтӣ растахез аст. Равобити калимот дар зеҳни Байҳақӣ он қадар пуртанину наздик аст, ки гӯйи ё вақте Байҳақӣ менависад, бо вазн менависад. Чунонки дар оғози ҷумлаи «Омад тозон то наздики Хоҷа Аҳмад» бар вазнифаъ ланфаъ лан аст [21, 110-111].

Мусиқии наср аз ду ҷиҳат дар забони форсӣ қобилитар ҳаст. Дастае аз насрпардозони гузаштаи Эрон аз саҷъ, ки навъе мутавозингӯйӣ ва қофияпардозӣ дар наср аст, барои ҳунарнамоӣ ва барҷаста кардани насри хеш истифода мекарданд. Дастаи дигар мусиқии насрашонро бо зеҳнияту отифа ва тафаккурашон радиф мекунанд. Байҳақӣ аз дастаи дувумаст [21,110-111].

Муқоисаи оҳанги мусиқии насри Байҳақӣ бо масалан, оҳанги насри «Гулистон» ба хубӣ нишон медиҳад, ки Саъдӣ аз ҳиҷоҳои кӯтоҳ истифодаи бештаре кардааст ва ҳиҷоҳои кашидаи ӯ маъмулан, дар поёни ҷумла оварда мешаванд. Агарчи чунин ҳиҷоҳое барои ӯ корбурди камтар аз Байҳақӣ дорад, аммо корбурди ҳиҷоҳои баланд ва ҳатто кашидаи фаровон дар насри Байҳақӣ, оҳанги сангину кушодтар эҷод карда, ки аз тундиву суръат сабукии наср мекоҳад ва дар иваз бар виқору танини он меафзояд. Бавижа, «Гулистон» бештар омӯзишу андарзӣ ва каме шӯх аст. Ҳол он ки насри Байҳақӣ таърихӣ ва ғайриомӯзишқ аст ва гӯё ҷараёни ороми рӯди таърих дар бистари он ҷорӣ аст. Нишебу фарозҳои ҳаводис дар «Таърихи Байҳақӣ» омилест, ки дар навасонҳои ҳиҷоҳо ва оҳанг бахубӣ эҳсос мешавад [21, 109]: «Ба якборагӣ хурӯш карданд сахт ҳавл, ки замин бихост дарид…Гуфт: «Кор сахт суст меравад, сабаб чист” [2, 11−22].

А Д А Б И Ё Т

6. Арендс, К. Э**.** Муқаддима, тарҷума ва тавзеҳоти Таърихи Масъудӣ / К. Э**.**Арендс. -Москва, Наука, 1969.
7. Афқаҳӣ Абдуллоҳ. Гузидаҳое аз сувари хаёл дар насри форсӣ, чопи аввал. / Афқаҳӣ Абдуллоҳ - Теҳрон, Ҳирманд, 1374.
8. Байҳақӣ Абулфазл. Тарихи Байҳақӣ. Муқаддима, тасҳеҳ, таълифот, тавзеҳот ва феҳристҳо: Маҳдии Саидӣ, чопи аввал, ду муҷаллад / Байҳақӣ Абулфазл. -Теҳрон, Сухан, 1388.
9. Байҳақӣ Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи доктор Алиакбари Файёз/ Ба эҳтимоми доктор Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ, чопи чаҳорум, Машҳад, Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, поизи 1383.
10. Бартолд, В.В. Туркистон.-Москва. 1963.
11. Волдеман Марйилин**.** Замона, зиндагӣ ва корномаи Байҳақӣ. Тарҷумаи Мансураи Иттиҳодия, [Низоми Мофӣ], чопи аввал, Теҳрон, нашри Таърихи Эрон, 1375.
12. Дабири Сиёқӣ, Муҳаммад. Гузидаи «Таърихи Байҳақӣ» чопи панҷум, Теҳрон, Илмӣ ва фарҳангӣ, 1381. Дубруин Ҷ.Т.Б. Сабкҳои суннатӣ / Ҷ.Т.Б. Дубруин // Адабиётидостонӣ. Паймони Матин, чопиаввал, Теҳрон, Амири Кабир, 1382, саҳ. 29 − 48.
13. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар Саидӣ, Маҳдӣ. Дебои хусравонӣ. Гузидаи «Таърихи Байҳақӣ», чопи шашум, Теҳрон, Ҷомӣ, 1384.
14. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузаштаи адаби Эрон, чопи дувум [чопи аввал Сухан], Теҳрон, Сухан, 1383.
15. Равонпур, Наргис. Гузидаи «Таърихи Байҳақӣ», чопи шашум, Теҳрон, нашри Улум, тобистони 1374.
16. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон, ҷилди 2, чопи даҳум, Теҳрон, Фирдавс, 1369.
17. Севари Роҷер. Абудфазли Байҳақӣ ба унвони як таърихнигор. Тарҷумаи Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ / Севари Роҷер // Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ, чопи савум, Машҳад, Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, пойизи, 1386.-С. 657− 672.
18. Таърихи Байҳақӣ. Виростаи Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ, чопи дувум, нашри Марказ 1383.
19. Файёз Алиакбар. Насри Байҳақӣ / Файёз Алиакбар //Ёдномаи аллома Аминӣ. Ба эҳтимоми доктор Саидҷаъфари Шаҳидӣ, Теҳрон, Ширкати саҳҳомии Интишорот, урдубиҳишти 1352.-С. 297 − 304.
20. Фаршедвард, Хусрав. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ, чопи аввал, 2 муҷаллад, Теҳрон, Амири Кабир, 1363.
21. Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Мубоҳисе аз таърихи адабиёти Эрон, Теҳрон, Деҳҳудо, 1354.
22. Хатиби Раҳбар, Халил. Гузидаи «Таърихи Байҳақӣ». Гузинаи сухани порсӣ, 6, чопи дувум, Теҳрон, Саидӣ, баҳори 1369.
23. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ, ҷилди аввал, чопи аввал, Теҳрон, Заввор, 1366.
24. Ҳумоӣ Ҷалолуддин, Таърихи мухтасари адабиёти Эрон, чопи аввал, Теҳрон, нашри Ҳумо, баҳор, 1380.
25. Ҷаҳондида Сино. Матн дар ғиёби истиора, Баррасии абъоди зебоишиносии «Таърихи Байҳақӣ»,чопи аввал, Рашт, Чӯбак, баҳори 1379.
26. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии наср, чопи ҳаштум, Теҳрон, Митро, пойизи 1383.

СТИЛЬ "ТАЪРИХИ БАЙХАКИ" АБУЛФАЗЛА БАЙХАКИ

"Таърихи Байхаки" является одним из первых произведений периода расцвета рифмованной и ритмичной прозы, написанной промежуточным стилем. Ему одновременно свойственны строгость и величественность, простота и устойчивость, вся мощь персидского языка эпохи Саманидов и Газнаведов. т. е. он содержит смешение поэзии и прозы. Стиль повествования Байхаки в сравнении со стилем прошлого отличается свежестью и является лучшим образцом персидкого письмоводительства и произведений дворцовых писарей пятого века хиджры. Сравнение мелодичности прозы Байхаки, например, с "Гулистаном" отчетливо показывает, что Саади использовал преимущественно краткие слоги.

Ключевые слова: персидский язык, "Таърихи Байхаки", промежуточный стиь, литература эпохи Гезнаведов.

ON THE STYLE OF ABDULFAZL BAYHAQI'SWORK "THE HISTORY OF BAYHAQI"

"The History of Bayhaqi" is one of the first historiographical works, which is written in the style of rhythmical prose. It contains of Persian lexicon of the period of Samanids and Ghaznavid dynasties. It is written in mixed prose and poetry. The narrative style of Bayhaqi comparing with style of his previous poets and writers is considered to be the best pattern of the royal court in 11th century. If to compare the melodic prose of Bayhaqi with "Golestan" of Saadi's style, it will be clear that Saadi used more short syllables.

Key words: history, style, historiography, language, Abulfazl Bayhaqi, "History of Bayhaqi".

Сведения об авторе: ***Мухаммадхасан Санъати***- соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни.
Телефон: **(+992) 919 02 85 62**

ШАРҲИ АҲВОЛИ АМИР ҲУСАЙНИИ ҲИРАВӢ

Ҳакимов Абдувоҳид
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Амир Ҳусайни Ҳиравӣ, ки гоҳе ӯро ба номи Амир Ҳусайни Содот ҳам ёд кардаанд, яке аз шоирону нависандагони сӯфимашраби қуруни VII-VIII ҳиҷрӣ мутобиқ ба асрҳои XIII-XIV мелодӣ мебошад. Дар Тоҷикистон ин адибро онҳое, ки бо тасаввуф сари коре доранд, ба туфайли «Гулшани роз»-и Шайх Маҳмуди Шабистарӣ мешиносанд. Зеро маҳз Амир Ҳусайнӣ ба орифи номдори Озарбойҷони он аҳд, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ 17 суол дар масоили гуногуни тасаввуф ва ирфон ирсол карда буд ва шайхи номбурда дар ҷавоби он саволҳо маснавии машҳури худаш «Гулшани роз»-ро навиштааст.

Гарчанде Амир Ҳусайнӣ асарҳои зиёди мондагор ба назму наср офаридааст, вале дар кишвари мо аз аҳволаш камтар хабар доранд. Вазъи марбута дар иртиботи ин мавзӯъ ба ҳаддест, ки ҳатто дар «Энциклопедияи советии тоҷик» (8-ҷилда) ва ҳамчунин дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар бораш иттилое дарӣ нест. Дар таърихҳои адабиёте, ки роҷеъ ба адабиёти форсу тоҷик буда, аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Ш.Ҳусейнзода [21], Х.Мирзозода [13], Р. Ҳодизода [20] ва дигарон навишта шудаанд, аз ӯ ё фақат ном гирифта шудааст, ё ҳатто зикре аз номаш ҳам нарафтааст.

Гузашта аз ин, метавон ёдовар шуд, ки танҳо ду муҳаққиқи тоҷик аз Амир Ҳусайнӣ сухан ба миён овардаанд. Яке Саломи Нуриёни Баравнӣ дар мақолае зери унвони «Амир Ҳусайни Ҳиравӣ ва «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и ӯ» [5] ва дигаре Шарифҷон Тоҷибоев дар мақолае бо номи «Нигоҳе ба маснавиҳои Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ» [18].

Агар соҳати таҳқиқро васеътар гирему ба гузаштаи дуртар назар андозем, мебинем, ки шарқшиносони ғарб Э. Броун (7, 159), Я. Рипка (15, 246), А. Кримский (10), Е.Э. Бертелс (6, 110) ва дигарон ҳангоми аррасиҳои адабиёти сӯфияи асрҳои XIII- XIV аз Амир Ҳусайнӣ ба ҳайси шоири сӯфимашраб ёд кардаанд ва баъзе аз онҳо дар бораи аҳволи Амир Ҳусайнӣ низ ба таври хеле мухтасар таваққуф намудаанд.

Дар мавриди аҳволи Амир Ҳусайнӣ дар навиштаҳои муҳаққиқони эронӣ чизҳои назаррасе ҳаст. Аз ҷумла, Забеҳуллоҳи Сафо дар таърихи адабиёташ роҷеъ ба аҳволи Амир Ҳусайнӣ мухтасаран, мулоҳизаҳои худро овардааст [17,59]. Ҳамчунин муҳаққиқони дигари он сомон, аз қабили Фуруғи Ҳикмат [3], Муҳаммади Туробӣ [3], Ҷалили Масгарнажод [4] ва дигарон, ки баъзе осори Амир Ҳусайниро ба табъ расонидаанд, дар пешгуфторҳои худ, ки бар он асарҳо навиштаанд, роҷеъ ба рӯзгори шоир баъзе нуктаҳоро баён кардаанд, ки аксари онҳо бозгӯйи ахбори муаллифони тазкираҳои аримиёнагӣ мебошанд.

Аз омӯзиши таърихчаи мавзӯъ маълум мугардад, ки ҳеҷ кадоме аз пажӯҳишгарон тарҷумаи ҳоли Амир Ҳусайниро ҳадафмандона ба таври илмӣ ва муназзаму мукаммал таҳқиқ накардаанд. Бинобар ин, мо дар ин мақола назди худ мақсад гузоштем, ки шарҳи ҳоли илмии Амир Ҳусайниро бо назардошти

мулоҳизаҳои муаллифони сарчашмаҳо ва ҳамчунин таҷзияву тафҳими гуфтаҳои худи шоир дар осораш баррасӣ намуда, ҳатталимкон барқарор намоем.

Дар масъалаи аҳволи шоир аввалин масъалае, ки пеш меояд, барқарор намудани номи комили ӯ мебошад. Ҷустуҷӯйи мо дар ин замина нишон дод, ки ҳеҷ кадом аз муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқони имрӯзӣ номи адибро дар шакли пурра зикр накардаанд.

Исми мукаммали шоирро мо ба таври зайл муқаррар намудем: Амир Фахруссодот Саид Рукнуддин Ҳусайн ибни Олим Ҳусайнии Ғурии Ҳиравӣ. Чаҳор мафҳуми аввал аз ин ном марбути лақабҳои ифтихории динии адиб мебошанд. Омадани калимаи «Саид» аз он дарак медиҳад. ки ӯ аз табақаи баланди иҷтимоӣ будааст. «Ибни Олим» ишора бар он мекунад, ки исми қиблагоҳаш Олим будааст. Нисбии шоирро гоҳе Ғурӣ ва гоҳе Ҳиравӣ навиштаанд. «Ғур» номи ноҳияест зодгоҳи шоир, ки тобеи Ҳирот будааст. Зикри шахсиятҳои адабӣ ба ду нисбаро мо дар гузаштаи фарҳанги худ дорем, амсоли Қубодиёнии Балхӣ (Носири Хусрав), Фарохонии Ҳамадонӣ (Ироқӣ) ва ғайра.

Баъзе муаллифони сарчашмаҳо зодгоҳи шоирро дақиқтар намуда, деҳаи Ғазивро таъйин кардаанд, ки тобеи ноҳияи Ғур будааст. Аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» навиштааст, ки: «дар асл аз Казив аст, ки деҳаест аз навоҳии Ғур» [24,402]. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» чунин мегӯяд: «Асли Саид аз Ғур аст, аз Ғазив, аммо аксар авқот саёҳат карда ва маскани Саид шаҳри Ҳирот буд» [8, 246]. Хондамир низ дар «Ҳабиб-ус-сияр» Ғазивро макони валодати Амир Ҳусайнӣ дониста чунин менигорад: «Амир Ҳусайнӣ дар асл аз Ғазив буд» [23,352]. Ғайр аз инҳо дар аксари тазкираҳо ва осори таърихӣ низ макони володати Амир Ҳусайниро Ғазив ба қалам додаанд.

Роҷеъ ба санаи валодати Амир Ҳусайнӣ дар сарчашмаҳо иттифоқи назар вуҷуд надорад. Дар миёни донишмандони муосир ва касоне, ки дар бораи Амир Ҳусайнӣ корҳое анҷом додаанд, устод Забеҳуллоҳи Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» соли таваллуди ӯро 671 ҳ. зикр кардааст [17,59]. Аммо Албири Боботоҳир дар китоби «Доират-ул- маорифи бузурги исломӣ» чунин менигорад: «Соли валодати Амир Ҳусайнӣ ба равшанӣ дониста нест, аммо аз баъзе ишороти вай дар «Нузҳат-ул-арвоҳ» бармеояд, ки ба ҳангоми таълифи ин китоб (с.711 / 1312) по аз 40 солагӣ фаротар ниҳода будааст. Бинобар ин, таваллуди ӯ ба пеш аз 671 / 1273 боз мегардад» [1,256].

Доктор хонум Фурӯғи Ҳикмат ҳадс мезанад, ки шоир миёни солҳои 641-646 / 1244-1251 ба дунё омадааст [3,204] ин фикри муаллифро Ҳусайни Содоти Носирӣ [14,204] ва Саид Муҳаммади Туробӣ [3,354] дасгирӣ кардаанд. Бояд чунин назар ба ҳақиқат наздиктар бошад, зеро Амир Ҳусайнӣ дар ибтидои маснавии «Канз-ур-румуз»- и худ, ки ба эҳтимоли қавӣ онро дар поёни аҳди ҷавонии хеш ва оғози сулукаш дар тариқати сӯфия суруда, Муҳаммад ном шахсеро мадҳ кардааст, ба эҳтимоли зиёд Малик Шамсуддини Муҳаммад фарзанди малик Рукнуддин ибни Тоҷуддини Ғурӣ аст, ки байни солҳои 643 то 676 бар қисмати бузурге аз машриқи Хуросон ва тамоми Ғуру Сиистон ва Кобул то соҳили Синд ҳукумат дошт. Ин фармонраво ахиран, мағзуби Элхони муғул (Абоқо) гардида, дар соли 676 дар Табрез даргузаштааст [17, 60].

Агар ин фарз дуруст бошад, бояд Амир Ҳусайнӣ дар соли 671, ки тақрибан ба солҳои охири ҳукумати Малик Шамсуддини Муҳаммад рост меояд таваллуд ёфта бошад.

Нуктаи дигар, ин ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ, ки муршиду мураббии Амир Ҳусайнӣ ва Фахруддини Ироқӣ будааст, худ дар соли 578 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1183 мелодӣ таваллуд ва дар соли 666 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1268 мелодӣ вафот ёфтааст. Бинобар ин, агар валодати Амир Ҳусайниро соли 671 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1273 мелодӣ қабул кунем ва таърихи вафоти Шайх Баҳоуддинро, ки 1268 аст, пас, чунин натиҷа ба даст меояд, ки ҳангоми даргузашти Шайх Баҳоуддин Закариё шоири мо ҳанӯз ба дунё наомадааст.

Агар назари Фурӯғи Ҳикматро ба эътибор гирем, дар замони даргузашти Шайх Баҳоуддин Закариё шоир 18-20 сола бадааст. Ҳақиқати мусаллам ин аст, ки Амир Ҳусайнӣ муриди Шайхи мазкур буд, зеро чунин муридию муродӣ дар ҳамаи маъхазҳои адабию таърихӣ, ки сухан аз Амир Ҳусайнӣ кушодаанд, ба сароҳат зикраш рафтааст. Ғайр аз ин, номи Амир Ҳусайнӣ дар шаҷараи фирқаи Шайх Закариёи Мултонӣ омадааст.

Амир Ҳусайнӣ таҳсили ибтидоии худро дар назди падари бузургвораш, ки аз хонаводаҳои асил ва аҳли фазл будааст, омӯхтааст. Доир ба падари худ ӯ дар

маснавии «Зод-ул-мусофирин» сухан ронда ва аз мазмуни сухан пайдост, ки парастори писари худ будааст:

Рӯзе падар ин ҳикоятам кард,
К-аз ҷамъи муҳаққиқон яке мард.
Аз дарди фироқи ҳуд барошуфт,
Дар ҳолати шукр бо Худо гуфт
К-эй дар дилу дида нурам аз ту,
Охир ба чи ҷурм дурам аз ту?
Гуфтанд, туӣ ҳиҷобу кас нест,
Ин зистанат гуноҳи бас нест.
Ҳай-ҳай ба Худо, ки ҳамчунин аст,
Ин ҷо гунаҳи кабира ин аст.
Ин турфа касе надида ҳаргиз
В-ин қисса касе шунида ҳаргиз?
Девона шавад ҳазор оқил,
Осуда касе, ки ҳаст ғофил (3, 113).

Амир Ҳусайнӣ дар овон ҷавонӣ барои тиҷорат ба кишварҳои бисёре сафар кардааст. Бинобар ақидаи сарчашманигорон ӯ бо падари худ ба Мултон рафта ва дар он ҷо ба дидори Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ мушарраф гаштааст, вале дар ҳамин дидори аввал муриди ӯ нашудааст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки падари ӯ шахси фозилу донишманд будааст, ки бо бузургоне чун Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ робита доштааст. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки пас аз дидори аввал ӯ бо падараш ба ватан баргаштааст. Пас аз гузаштани муддати кӯтоҳе назди Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ шитофтааст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» чунин зикр кардааст: «Муддате он ҷо (Мултон-А. Ҳ.) машғули риёзат буд ва аз баракати суҳбати эшон (Шайх Закариёи Мултонӣ-А.Ҳ.) соҳиби каромат гардид» [24, 405].

Дар «Нафаҳот-ул-унс» [24, 405], «Ҳабиб-ус-сияр» [23,352] ва баъзе сарчашмаҳои дигар сабаби тавбаи Амир Ҳусайнӣ ва рафтани ӯро ба Мултон чунин зикр карданд, ки бештар ба афсона монанд аст: «Гӯянд, сабаби тавбаи вай он буда, ки рӯзе ба шикор берун рафта буд, оҳуе пеш расид, хост то тире бар вай афканад, оҳу бар вай нигариста гуфт: «Ҳусайн! Тир бар мо мезанӣ? Худои таоллоҳ туро аз баҳри маърифат ва бандагӣ офаридааст, на аз баҳри ин» ва ғоиб шуд. Оташи талаб ӯро ниҳод, вай шуъла баровард, аз ҳар чи дошт, берун омад ва ба ҷомеаи ҷавлақиён ҳамроҳ ба Мултон рафт. Шайх Рукнуддин он ҷамоатро зиёфат кард. Чун шаб шуд, ҳазрати рисолат салаллоҳу алайҳи васалламро ба хоб дид, ки гуфт: «Фарзанди маро аз миёни ин ҷамоат бурун ор ва ба коре машғул кун!». Рӯзи дигар Шайх Рукнуддин ба эшон гуфт, ки «дар миёни шумо Саид кист!» ишора ба Амир Ҳусайнӣ карданд. Вайро аз миёни эшон берун овард ва тарбият кард, то ба мақомоти олия расид» [24,405]. Шайх Рукнуддини мазкур набераи Закариёи Мултонӣ, яъне писари Шайх Садруддини Ориф аст (А.Ҳ.).

Ин гуфтаҳо то кучо ҳақиқат доранд, чизе гуфтан душвор аст. Чунин воқеаҳои фасонамонанд роҷеъ ба аҳволи аксарияти шуарои сӯфимашраби салаф дар сарчашмаҳо баён шудаанд. Муаллифони гузашта ба ин васила хостаанд, шахсияти мавриди назарашонро аз будашон бузургтар ҷилва диҳанд. Сабаби дигари чунин рафтор дар бархӯрди мухлисонаи эшон бо чеҳраҳои фарҳангии гузашта мебошад ва мазмуни онҳоро ҳамчун ҳақиқати мутлақ пазируфтан нашояд.

Амир Ҳусайнӣ бо бисёре аз шоирон ва орифони рӯзгори хеш робита доштааст, аз ҷумла бо Ҳисомии Ҳиравӣ, Ҳасани Санҷарӣ, Шайх Авҳадии Мароғаӣ, Шайх Фахруддини Ироқӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ва дигарон. Доир ба робитаи Амир Ҳусайнӣ, Шайх Ироқӣ ва Шайх Авҳадӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин менигорад: «солҳо ба сулук машғул буда ва бо бисёре аз акобир суҳбат дошта. Ҳикоят кунанд, ки шайхи ориф Фахруддини Ироқӣ ва Шайх Авҳадӣ ва Шайх Саид Ҳусайнӣ -ҳар се фозил муридони Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ будаанд ва соле чунин иттифоқ афтода, ки дар Кирмон ба хонақоҳи Авҳадуддин ҳар се ба хилват нишастанд ва дар аснои арбаин ҳар кадоме аз сафари олами малакут савғоте ба хидмати Шайх расониданд. Шайх Ироқӣ «Ламаот», Шайх Авҳадӣ -Тарҷееро, ки бағоят машҳур аст ва Саид Ҳусайнӣ китоби «Зод-ул-мусофирин». Баъде ки шайх ҳар се нусхаро мутолиа кард, фармуд: «Ҳақ таоллоҳ вуҷуди шарифи ин ҳар се дар дарёи яқинро ҳамвора аз офат маҳфуз дорад, ки аҷаб се гавҳар аз кони ҳақоиқ берун оварданд. Чун ин фирқа мусофирони масолики яқинанд, он ки «Зод-ул-мусофирин» овард, сайёҳи манозири ирфонист ба тақрибу васф «Зод-ул-мусофирин» сабт шуд» [8,246].

Аз ин қавли Давлатшоҳ ҳақиқаташ он аст, ки адибони орифи зикршуда воқеан соҳибони китобҳои мазкур ҳастанд, аммо дар Кирмон, дар хонақоҳи Авҳадии Кирмонӣ ба ҳам омадани онҳо ва пас аз таълифи он осор онҳоро ба Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ ҳадя карданашон ба ҳақиқат рост намеояд, зеро на танҳо пеш аз таълифи «Зод-ул-мусофирин», балки қабл аз валодати Амир Ҳусайнӣ Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ ин дунёро тарк карда буд. Соли вафоти шайхи мазкур 1235 аст. Ҳақиқат ин аст, ки ҳарсе адиби зикршуда асарҳои худро дар ҷойҳои гуногун ва дар шароиту фазои маънавии гуногун эҷод кардаанд.

Амир Ҳусайнӣ бо Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ низ дорои иртиботи маънавӣ будааст ва ин иртибот ба ҳайси хирқа аз тариқи Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ пир ва муршиди Амир Ҳусайнӣ сарчашма мегирад, ва шояд, ин иртибот сабаб будааст, то Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар сафаре, ки ба соли 790 ба Ҳирот доштааст, бо яке аз набераҳои Амир Ҳусайнӣ васл кунад ва Шоҳ Халилуллоҳ фарзанд ва ҷонишини ӯ аз ин васл ҳосил ояд [4,13].

Давлатшоҳи Самарқандӣ нисбати таълим ва иршоди Амир Ҳусайниро мустақиман ба Шайх Шоҳубиддини Умари Суҳравардӣ расонида, ӯро аз муосирони он шайху орифи бузург баршумурдааст [8,244]. Аммо ин интисоб саҳеҳ нест, зеро вай таълимоти сӯфиёнаи худро дар хидмати Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ ва писараш Садриддини Ориф омӯхт ва сулукашро назди Рукнуддин Абулфатҳ ба итмом расонид. Гап дар ҷойи дигар аст ва он аз ин қарор аст, ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ яке аз тарбиятёфтагон ва муридони Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ буд. Бинобар ин, нисбати таълими вай бо як восита ба пир ва раиси маслаки Суҳравардӣ, яъне Шайх Шаҳобуддин Абуҳафс Умар ибни Муҳаммади Суҳравардӣ мерасад.

Вай дар ибтидои маснавии «Канз-ур-румуз»-и худ пас аз ситоиши Паёмбар (с) ва ёрони ӯ ба мадҳи Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ пардохта ва он Шайхро «Қутбулаъзам» ва «Шайхулшуюх» хондааст ва сипас, Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултониро мадҳ гуфта, ӯро бо лақабҳои «Пир», «Қутбулавлиё» ёд карда, пас аз он ба мадҳи фарзанди Баҳоуддин, яъне Садруддини Ориф даст ёзидааст. Аз ин аснод ба таври қотеъ хулоса кардан мумкин аст, ки Амир Ҳусайнӣ дар тариқати суҳравардия қарор дошт:

Пири ҳафт иқлим, қутбулавлиё,
Восили ҳазрат надими кибриё.
Нӯшдоруи дили ҳар дардманд,
Қадри ӯ чун ҳиммати ӯ бас баланд…
Аз вуҷуди ӯ ба назди дӯстон
Ҷаннатулмаъво шуда Ҳиндустон.
Ман, ки рӯй аз неку бад бартофтам,
Ин саодат аз қабулаш ёфтам…(4, 41)

Чунон ки зикр шуд, Амир Ҳусайнӣ дар хонақоҳи Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ ва халафи ӯ тарбияи ботинӣ ёфт, мароҳили сулукро паймуд ва баъд аз дарёфти хирқа дар силсилаи тариқати сӯҳравардия ба ҳукми пири равшанзамир ба ҷониби ватанаш Ҳирот равон гардид ва дар он ҷо бисоти иршод густурд ва ба тарбияи муридон пардохт.

Силсилаи тариқат ва шаҷараи интисобии хирқаи Амир Ҳусайнӣ ба тариқи зайл аст: Амир Ҳусайнӣ муриди шайх Рукниддин Абдулфатҳ - ӯ муриди падари худ Садриддини Ориф- ӯ муриди падари худ шайх Буҳоуддин Закариёи Мӯлтонӣ- ӯ муриди шайх Шаҳобиддин Умари Суҳравардӣ- ӯ муриди амаки худ шайх Зиёуддин Абӯнаҷиби Сӯҳравардӣ- ӯ муриди амаки худ Қозӣ Возеҳуддини Сӯҳравардӣ- ӯ муриди падари худ Муҳаммад Амуяи Сӯҳравардӣ- ӯ муриди Аҳмад Асвади Динурӣ- ӯ муриди Саид Ҷунайди Боғдодӣ- ӯ муриди Довуди Тойӣ- ӯ муриди Хоҷа Ҳабиби Аҷамӣ- ӯ муриди Хоҷа Ҳасани Басрӣ- ӯ муриди сарҳалқаи авлиё ҳазрати Али ибни Абӯтолиб ва ӯ муриди ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) [4, 15].

Доир ба издивоҷи шоир Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» чунин менигорад: «аз баъзе мардуми Мултон чунон истимоъ афтод, ки ҳазрати Амир Ҳусайниро низ ҳазрати Баҳоуддин Закариё як духтари худро ба ақди никоҳ даровардаанд» [19,631]. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ духтари худ, ки Нурбону ё Нурбиби ном дошт, дар ҷавонии Шайх Ироқӣ ба никоҳи ӯ овард. Пас аз муддате ин зан вафот мекунад ва Шайхи мазкур хостааст, духтари дигари худро ба издивоҷи ӯ орад, вале дар ин амр писари ӯ Садриддини Ориф мухолифат кардааст. Гумони ғолиб бар ин аст, ки ҳамин духтари дуюмро Закариёи Мултонӣ, баъдан, ба Амир Ҳусайнӣ додааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки Шайх

Ироқӣ ва Амир Ҳусайнӣ ба ҳам боҷа мебошанд, вале дар осори Ироқӣ роҷеъ ба Амир Ҳусайнӣ ва дар осори Амир Ҳусайнӣ роҷеъ ба Ироқӣ ҳарфе нест.

Вафоти Амир Ҳусайниро ба ихтилоф байни солҳои 717 то 719- и ҳичрӣ мутобиқ ба солҳои 1318-1319 навиштаанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи соли вафоти Амир Ҳусайнӣ гуфтааст: «Дар содис ушри шаввол санаи самони ашара ва сабъамиа аз дунё бирифт» [24, 402], ки маънои 16-уми шавволи 718-и ҳичрӣ мутобиқ ба 11 декадри соли 1318-и мелодиро дорад. Ин таърихро Фасеҳи Хофӣ низ дар асари худ зикр кардааст: «Вафоти Шайхи бузурги ислом ва яке аз пешвоёни ирфону тасаввуф Саид Олими Ҳусайнӣ (Разиаллоҳу анҳум) ба таърихӣ 16 шавволи соли 718 ҳичрист» [22,47] Таърихи вафоти Амир Ҳусайнӣ дар қитъае, ки бар санги мақбараи вай ҳак шудааст ва аксари тазкиранигорон овардаанд, чунин омадааст:

Даҳу шаш аз моҳи шавволу ҳафсаду ҳаҷдаҳ,
Намуд воқеаи ифтихори оли Муҳаммад (с).
Равон Саиди Содоти аср, Мир Ҳусайнӣ,
Шуд аз сарочаи дунё ба дори мулк мухаллад.

Ва низ аз байти аввали ин қитъа бармеояд, ки Амир Ҳусайнӣ шонздаҳуми шавволи соли 718-и ҳичрӣ мутобиқ ба 11-декабри соли 1318-и мелодӣ вафот кардааст. Мазори вай дар гӯристони Ҳирот дар назди оромгоҳи Абдуллоҳ ибни Муовия ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари Тайёр воқеъ гардидааст.

Дар мавриди мақом ва манзилати Амир Ҳусайнӣ дар ирфону тасаввуфи исломӣ ва шеъру адаб сарчашманигорон ӯро ба унвони як шоири латифгуфтор ва орифи комил ба қалам додаанд:

Ҷомӣ менависад: «…Олим буда ба улуми зоҳирӣ ва ботинӣ…вайро мусаннифоти бисёре аст, баъзе манзум ва баъзе мансур…ва ӯро девоне аст бағоят латиф» [24, 402]. Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин менависад: «…солики масолики дин ва орифи асрори яқин аст ва дар кашфи румузи ҳақоиқ ва дақоиқ канзулмаонӣ буда ва дар фазилати улум Ҷунайди сонӣ, хотири пурнури ӯ гулшани роз ва тутии нутқи ӯ андалеби хушовоз» [8,246]. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «… рӯй ба риёзат оварда, ба мақомоти баланду мадориҷи арҷманд вусул ёфт ва бо Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ иродат дошт, рисолаҳои некӯ ва маснавиҳои дилҷӯ дар олам ба ёдгор гузошт…» [19, 24].

Аз ин иқтибосот бармеояд, ки Амир Ҳусайнӣ дар замони зиндагиаш ба ҳайси орифи бузург ва шоири ширинмақол аз мақому манзалати арҷманде бархурдор будааст. Аз Амир Ҳусайнӣ осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки қисме аз онҳо ба табъ расидаанд ва бархе ҳанӯз дар шакли нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳои дунё маҳфузанд, ки баррасии онҳо вақти дигар ва таҳқиқи дигарро металабад.

А Д А Б И Ё Т

1. Албирӣ, Боботоҳир. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Иборат аз 10 ҷилд. / Албирӣ, Боботоҳир. - Теҳрон, 1380.-Ҷ.10.-1675 с.
2. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим/ Бо кӯшиши Саид Муҳаммади Ризотоҳирӣ.. -Теҳрон, 1368. Дар се муҷаллад.- Ҷ-2-юм Амин Аҳмади Розӣ
3. Амир Ҳусайнӣ. Маснавиҳои ирфонӣ. Бо кӯшиши Саид Муҳаммади Туробӣ/ Амир Ҳусайнӣ.- Теҳрон, 1371-354 с.
4. Амир Ҳусайнӣ. Маснавии «Канз-ур-румуз». Бо кӯшиши Ҷалили Мисгарнажод / Амир Ҳусайнӣ. - Теҳрон, 1367-72 с.
5. Баравнӣ, Салом Нуриён. Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ ва «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и ӯ /Салом Нуриён Баравнӣ// Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи ҷамъиятшиносӣ, 2005. -№4.- С. 53-61.
6. Бертельс Е.Э. суфизм и суфийская литература / Е.Э. Бертельс //Избр.труды.-М.: Наука, 1965-522с.
7. Броун Эд. Таърихи адабии Эрон.- Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷума ва ҳавошии Алиасғари Ҳикмат.- Теҳрон: Амири кабир, 1351.-Ҷ.3.- 876 с.
8. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Аз рӯйи чопи Браун ба муқобилаи нусхаи муътабари хаттии қадим. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббосӣ / Самарқандӣ Давлатшоҳи. -Теҳрон 1337-649 с.
9. Зарринкӯб А. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / А. Зарринкӯб -Теҳрон: Амири кабир, 1371.- 312 с.
10. Крымский А. История Персии, ее литературы и дервешской теософии /А Крымский. -М.: Лазаревский Инст.-Восточных языков, 1914.-Т 3.-504 с.
11. Лоҳичӣ Шамсиддин Муҳаммад. Мафотеҳ-ул-эъҷоз фӣ шарҳи «Гулшани роз». Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқоти Муҳаммадризо Барзгари Холиқӣ ва Иффати Карбосӣ / Лоҳичӣ Шамсиддин Муҳаммад. - Чопи аввал -Теҳрон: Заввор 1371.- Чопи аввал. -818 с.
12. Мақсудов, Бадриддин. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ. -Душанбе: Пайванд, 2009-555 с.
13. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. /Х. Мирзозода Душанбе: Маориф, 1977.- Иборат аз 2-ҷилд
14. Озарии Бекдилӣ. Оташкада. Бо кӯшиши Ҳасани Содоти Носирӣ / Бекдилӣ. Озари. -Теҳрон: Амири кабир, 1337-914с.
15. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Пер. с чешск. ред и авт. пред. И.С. Брагинский.-М.: Проргресс, 1970.-440 с.

16. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар эрон ва дар забони форсӣ. Иборат аз 2-ҷилд / Нафисӣ. Саид Техрон 1344. -Ҷ. 1-2.
17. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ / Забеҳуллоҳ Сафо. - Техрон, 1371.-Ҷ.3.
18. Тоҷибоев Ш. Нигоҳе ба маснавиҳои Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ / Ш. Тоҷибоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: Сино, 2010.- №11.- С.135.
19. Ҳидоят Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин /Ризоқулихон Ҳидоят; Бо кӯшиши Меҳралии Гургонӣ.- Техрон: Зӯҳро, 1344-631 с.
20. Ҳодизода Р. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XIII-XIV /Р. Ҳодизода Душанбе: Дониш, 1976
21. Ҳусейнзода Ш. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи-8 /Ш. Ҳусейнзода. -Сталинобод-1953.- 229 с.
22. Хавафи Фасех Аҳмад ибн Джалаладдин Муҳаммад. Муджмал Фасихи. Перевод, предисловия, примичания и указател Д.Ю.Юсуповой /Хавафи Фасех Аҳмад ибн Джалаладдин Муҳаммад.-Ташкент: Фан 1980- 345ст.
23. Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Дар чаҳор ҷилд. Зери назари Муҳаммад Дабири Саёкӣ / Хондамир.- Техрон: 1362-Ҷ.3.-759с.
24. Абдурраҳмон Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс. Бо кӯшиши Муҳаммади Обидӣ / Ҷомӣ Абдурраҳмон. - Техрон: Иттилоот 1370 -1214 с.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ АМИРА ХУСАЙНА ХИРАВИ

Амир Хусайн Хирави, который также известен под именем Амир Хусайн Содот, является одним из представителей литературного круга суфийского толка XIII-XIV вв.. В Таджикистане он известен посредством месневи «Гулшани роз» (“Цветник тайн”) Шайха Махмуда Шабистари. Именно Хирави отправил известному мыслителю Азербайджана письмо с содержанием 17 вопросов суфийского толка, на которые Шабистари предпочел ответить посредством написания данного месневи.

Ключевые слова: Амир Хусайн Хирави, поэт – суфий, месневи «Гулшани роз» (“Цветник тайн”), Шайха Махмуда Шабистари, мистицизм.

BIOGRAPHY AMIR HOSSAIN. HIRAVI

Amir Hussain. Herawi. which is also known under the name of Amir Hossain Sadat. is one of the representatives of the literary circle of the Sufi sect of the XIII-XIV centuries.. In Tajikistan it is known by mesnevi "Gulshani roses" ("the Flower garden of secrets) Shaykh Mahmud of He. It Hiravi sent known thinker of Azerbaijan the letter of contents 17 questions Sufi sect. in which He chose to respond by writing this mesnevi.

Kev words: Amir Hossain, Herawi, poet - Sufi, mesnevi "Gulshani roses" ("the Flower garden of secrets), Shaykh Mahmud, He, mysticism.

Сведения об авторе: ***Хакимов Абдувохид*** - аспирант кафедры истории литературы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 919 58 86 58.**

АЗ РАВОБИТИ АДАБИИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Абдусалом Абдуқодиров
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров

Халқҳои тоҷику ӯзбек аз замонҳои қадим инҷониб дар ҳудуди Осиёи Марказӣ паҳлӯ ба паҳлӯ ва омехта зиста омадаанд. Бинобар ин, онҳо аз ҷиҳати таърих, урфу одат, касбу кор, тарзи рӯзгор, сару либос ва ҳатто қиёфа ба якдигар монанд мебошанд. Бояд гуфт, ки онҳо аз даврaҳои қадим то ҳозир эътиқоди ягонаи динӣ, тарзи ҳаёт ва муборизаи муштарак ҳам доранд. Инро ёдгориҳои шифоҳӣ ва хаттии аз қадим то ба мо расида тасдиқ менамоянд. Чунончи, муаррихони юнонӣ Ҳеродот (солҳои 484-425 солшумории то мелод), Полиэн (асри II то мелод), Харес Митиленский (асри IV то мелод), Диодор (асри I то мелод) ва сайёҳи хитоӣ Си Ма Сян (асри II то мелод) дар асарҳояшон иттилоъ медиҳанд, аз солшумории то мелод – асрҳои VIII-IVдар ҳудуди Осиёи Марказӣ масагетҳо, сакоиҳо ва суғдҳо бо якдигар робитаҳои дӯстона дошта, зидди душмани беруна ҳамроҳ мубориза бурдаанд.

Дар воқеъ, ҳангоме ки масагетҳо бо шоҳони Эрон Куруш (солҳои 558-530 то мелод), сакоиҳо бо Доро (солҳои 522-468 то мелод), суғдҳо бо шоҳи Мақдунӣ Искандари Зулқарнайн (солҳои 356-323 то мелод) муборизаи шадид бурданд, онҳо ба якдигар мададгорӣ намудаанд.

Ба қавли шоир ва мутафаккири бузурги тоҷику форс Саъдии Шерозӣ «Бани одам аъзои якдигаранд, ки дар офариниш зи як гавҳаранд», қабилаҳои массагетҳо, сакоиҳо ва суғдиҳо аҷдоди аз ҳама қадимии халқҳои ориёӣ мебошанд. Ҳаёт, ҷасорату ҳамкорӣ, дӯстӣ ва муҳаббати онҳо дар асарҳои таърихшиносони Юнон аз забонҳо навишта гирифта шудаанд, ки дар намунаҳои эҷодиёти шифоҳӣ – «Томирис», «Шерак», «Зариадр ва Одатида», «Зарина ва Стриангия» барин қиссаҳо акси ҳудро ёфтаанд. Дар асарҳои эҷодиёти даҳонакии дигари офаридаи мардуми тоҷик ва ӯзбек ҳам қаробат доштани ҳаёт, мубориза, саъю талошҳои онҳоро дидан мумкин аст. Олими машҳур И.С.Брагинский дуруст гуфтааст, ки достонҳои мустақилона эҷодшудаи «Алпомиш» ва «Гӯрӯғлӣ» аз ҷиҳати сужет ва аксар қаҳрамонон муштарак

аст [2, 150]. Ҳамкории халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар офаридани эҷодиёти шифоҳӣ, баъдтар, дар адабиёти хаттӣ ҳам идома ёфтааст. Дар ёдгории ёдномаҳои «Урхун-Енисей», ки дар асрҳои VI-VIII офарида шудааст, дӯстии байни аҷдодҳои қадимии тоҷикон - суғдҳо ва туркҳо ситоиш карда шудааст.Вақте ки шоҳзодаи турк Култегин вафот мекунад (соли 732), суғдҳо ҳам баробари туркҳо ғусса мехӯранд ва вакилони онҳо таъзияи худро баён кардаанд. Чунин дӯстӣ ва рафтори наҷибона, ки дар таъзиянома баён ёфтааст, бо қаноатмандӣ қайд карда шудааст [8, 30].

Асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ (858-941) бошад, дар мадҳияи «Қасидаи май ва мадҳи амири Сиистон» туркро бо маъноҳои халқ ва зебо зикр карда, нисбати туркҳо меҳр ва эҳтироми худро баён карда буд:

Турк ҳазорон ба пой пешу саф андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурахшон.
Ҳар як бар сар басоки мӯрд ниҳода,
Рӯш майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон.
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи хоқон.
Чун-ш бигардад набид чанд ба шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хурраму хандон.
Аз кафи турке сиёҳчашм-и парирӯй,
Қомат чун сарву зулфакон-ш чавгон (7, 233).

Давлати Сомониён дар асри Х хилофати арабро дар Мовароуннаҳр (Осиёи Марказӣ) ва Хуросон барҳам дод. Халқҳои турк ҳам аз чунин имконият истифода бурда, ба бунёди давлатҳои худ оғоз намуданд. Дар натиҷа, ғазнавиҳо, қарохониҳо, салҷуқиҳо ва хоразмшоҳиҳо арзи вуҷуд карданд. Дар ҳар кадоми ин давлатҳо доираҳои адабӣ мавҷуд буда, осори адибон асосан, ба забони тоҷикӣ эҷод карда мешуданд. Дар як вақт дар баъзе аз ин муҳитҳои адабӣ дар қатори шоирони тоҷик адибони туркигӯй ҳам фаъолият мебурданд.Масалан, дар шаҳри Болосоғун (Ҷумҳурии ҳозираи Қирғизистон), ки дар муҳити адабии Қарохониҳо ҷой гирифта буд, адибони тоҷик Амъақи Бухорой ва Рашидии Самарқандӣ фаъолият доштанд ва дар қатори онҳо шоири ӯзбек Юсуф Хос Ҳоҷиб (асри XI) ҳам машғули эҷод буд.

Юсуф Хос Ҳоҷиб дар тӯли фаъолияти хеш бо шоирони тоҷик робитаи зич дошт ва ҳатто салафҳои анъанавии тоҷикро идома медод. Чунончӣ, вай дар «Қутадғу билиг» (Китоби бахт) ном достони худ анъанаҳои «Шоҳнома»-и шоири бузурги форс-тоҷик Фирдавсиро идома додааст. Бинобар ин, он бо номи «Шоҳномаи туркӣ» ҳам шуҳрат ёфтааст. Воқеан ҳам, «Қутадғу билиг» монанди «Шоҳнома» бо баҳри мутақориби вазни арӯз ва бо усули маснавӣ навишта шудааст. Дар китоб чун дар «Шоҳнома» ба ҷанг лаънат хонда, ғояҳои адолат, ватанпарварӣ, дӯстӣ ва сулҳ тарғиб карда шудаанд. Ҳаминаш ҷолиби диққат аст, ки Юсуф Хос Ҳоҷиб дар достони тоҷикон ва калимоти тоҷикиро васеъ истифода мебарад. Шоир калимаи форсиро умуман, ба кор намебарад. Ҳатто вақте баъзан номҳои қаҳрамононро ба забон оварад ҳам, онро «дар китоби тоҷикон ин тавр зикр шудаст» гуфта, таъкид ҳам мекунад.

Ҳақорат нега олди Заҳҳок тубан,
Нега бӯлди мақтов Фаридунга тан.
Тожиклар китобинда ёзишган буни.
Китобда йӯқ эса ким англар уни.
Тожиклар атар уни Афросиёб,
Бу Афросиёб қилди эллар талаб (3, 134).

Қайд кардан лозим аст, ки дар асрҳои XI-XIV шоирони машҳури форсу тоҷик Умари Хайём, Абулмаҷди Саной, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Хоҷуи Кирмонӣ ва дигарон ба рушди адабиёти ӯзбек таъсири калон расондаанд. Дар натиҷаи ин, дар адабиёти ӯзбекӣ як қатор хусусиятҳои нав пайдо шуданд. Аввало, шоирони ӯзбек баробари забони модарӣ бо забони тоҷикӣ ҳам ба эҷод кардан сар намуданд. Сониян, дар адабиёти ӯзбек ба шеърҳои аз ҷиҳати бадеӣ баланди тоҷик татаббӯъ бастан ба вуҷуд омад. Савум, тарҷумаи асарҳои машҳури адабиёти тоҷик оғоз ёфт. Чорум, шоирони ӯзбек ба адибони машҳури тоҷик шогирд шуда, бо онҳо бевосита ба ҳамкорӣ оғоз намуданд.

Шоири ӯзбек Паҳлавон Маҳмуд (1247-1326) ба анъанаҳои рубоинависии Умари Хайём пайравӣ намуда, рубоиҳои худро ба забони тоҷикӣ навишт. Хоразмӣ бошад, (асри XIV) достони «Муҳаббатнома» - и хешро бо таъсири асарҳои шоирони форсу тоҷик Авҳадиддин ибни Ҳусайни Исфаҳонӣ «Даҳнома» («Мантиқ-ул-ушшоқ»), Имод Фақеҳ «Муҳаббатнома» ҳам ба забони ӯзбекӣ, ҳам ба забони тоҷикӣ навишта буд.

Агар достони Хоразмӣ дар татаббӯъ ба асарҳои шоирони форсу тоҷик навишта шуда бошад, шоири тоҷик Хуҷандӣ (ин шоир Камол Хуҷандӣ не) ба «Муҳаббатнома» ба сифати татаббӯъ ба забони ӯзбекӣ достони «Латофатнома»-ро офарид. Инро худи Хуҷандӣ ҳам таъкид менамояд:

Муҳаббат жомидин ичсанг шаробе,
«Муҳаббатнома»га айтсанг жавобе (4, 41).

Жанри номаи шеърии ӯзбекӣ дар зери таъсири номанависии тоҷик равнақ гирифтааст, ба жанри мунозираҳо мунозиранависии тоҷик такон бахшидааст. Шоирони форсу тоҷик Асадии Тӯсӣ бо асарҳои «Мунозираи Арабу Аҷам», «Мунозираи Рӯзу Шаб», «Мунозираи Габру Муслим», «Мунозираи Замину Осмон», «Мунозираи Найзаву Камон», Саъдии Шерозӣ «Шамъ ва Парвона», Салмони Совачӣ «Парвона ва Булбул», шоирони ӯзбек, ки дар охири асри XIV ва нимаи аввали асри XV зиндагӣ ба сар бурдаанд, монанди Юсуф Амирӣ «Чоғир ва Банг», Яқинӣ «Тир ва Нишон», Аҳмадӣ «Мунозираи созҳо»-ро офариданд.

Ин анъана дар достоннависӣ ҳам идома дошт. Шоири ӯзбек Ҳайдар Хоразмӣ (охири асри XIV ва аввалҳои асри XV) ҷавобан ба «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ «Гулшан-ул-асрор», ба «Гул ва Наврӯз»-и Ҷалол Табиб «Гул ва Наврӯз»-ро офарид. Татаббӯъҳои Ҳайдар Хоразмӣ бошад, аз ҷиҳати сохт, хатти сужет ва тарзи тимсол ба асарҳои шоирони тоҷик хеле наздик мебошанд. Баробари ҳамин, Ҳайдар Хоразмӣ, чун шоири асил, ба достонҳояш як қатор навовариҳо ҳам ворид кардааст.

Дар асри XIV дар робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек осори тарҷума ҳам мақоми калон пайдо кард. Шоир Қутб «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ, Сайфи Саройӣ «Гулистон»-и Саъдиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума намуданд. Қутб ҳам, Сайфӣ Саройӣ ҳам аз Хоразм буданд. Ҳамин чиз шоёни диққат аст, ки муҳити адабии Хоразм ба адабиёти форсу тоҷик бо муҳаббати зиёд назар мекард, чунки аз асрҳои қадимтарин то асри XIII аҳолии Хоразм тоҷик буд ва ба забони форсию тоҷикӣ гуфтугӯ дошт. Сонитар, дар натиҷаи бо халқҳои турк ҳамроҳ зистан забони онҳо туркӣ шуд. Ба ин нигоҳ накарда, меҳру муҳаббати онҳо ба забон ва адабиёти тоҷик боқӣ монда буд. Барои ҳамин аз шоирони хоразмӣ Ҳофизи Хоразмӣ (миёнаҳои асри XIV ва аввали асри XV) аз Хоразм ба Шероз рафта, шогирди Ҳофизи Шерозӣ шуда, бо ӯ ҳамкории адабӣ доштааст.

Ҳофизи Хоразмӣ худ номи Абдурраҳимро дошт. Ӯ дар ибтидо бо ҳамин ном шеърҳо эҷод кардааст, вале сонитар бо адабиёти форсу тоҷик амиқан ошно гашта, хусусан эҷодиёти шоири бузург Хофизи Шерозиро хуб омӯхта, чун ифодаи эҳтироми зиёд ӯ тахаллуси Ҳофизро ба худ қабул кард. Бештар аз ҳазор ғазали дар девон ҷойдодааш бо таъсири ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ эҷод шудаанд. Ҳофизи Хоразмӣ, ки дар адабиёти ӯзбек анъанаҳои Ҳофизи Шерозиро давом додааст, дар яке аз ғазалҳояш худро бо ифтихор Ҳофизи шеърияти туркӣ ном бурдааст:

Ҳофизни кӯрунг ушбу замон турк тилинда,
Гар кечди эса форсда ул Ҳофизи Шероз (9, 251).

Асрҳои XIV-XV шоирони тоҷику ӯзбек ба ҳамдигар устод ва шогирд шуда, ҳамкории адабӣ мекарданд. Дар воқеъ, Ҳофизи Шерозӣ ба Ҳофизи Хоразмӣ устодӣ карда бошад, Мавлоно Лутфӣ ба Абдурраҳмони Ҷомӣ устод шудааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ бошад ба Алишер Навоӣ устод гардид. Навоӣ ҳам дар навбати худ мисли Ҷомӣ ба як қатор ҳамзамононии ҷавони тоҷик-шоирон устодиро ба ӯҳда гирифта, онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгириву мадад кардааст. Ба туфайли чунин ҳамкорӣ, устодиву шогирдӣ ҳам адабиёти тоҷик, ҳам адабиёти ӯзбек аз ҳисоби бисёр асарҳои намоёну арзанда ғанитар гардидаанд.

Мавлоно Лутфӣ (1366-1465) аз шоирони номии зуллисонайни замони худ буд. Ӯ асари муаррихи машҳур Шарафиддин Алии Яздӣ «Зафарнома»-ро ба тариқи шеърӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда буд.

Мавлоно Лутфӣ аз Ҷомӣ, ки ба майдони эҷод ворид шуд, 48 сол калонтар ҳисоб мешуд. Дар Хуросон чун шоири зуллисонайн маъруфият дошт, аз ин рӯ Ҷомӣ ӯро чун устод эъзоз мекард, бо ӯ алоқаи доимии эҷодӣ дошт. Мавлоно Лутфӣ, ки соҳиби истеъдоди баланд будани Ҷомиро медонист ва завқ мебурд, то поёни умри худ бо ӯ ҳамкории адабӣ дошт. Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» ном асараш ба ҳамкории Мавлоно Лутфӣ ва Ҷомӣ таваққуф намуда, ин тавр навишта буд: «Дар ин умри даргузар (Лутфӣ пеш аз вафоти худ) ин матлаи ғазале, ки ҳеҷ поён намеёфт, васият карданд, ки ҳазрати Махдумӣ нуран (Ҷомӣ – А.А.) ба охир расонда, ба девони худ ҷой диҳанд ва он матлаъ ин аст:

Гар кори дили ошиқ бо кофари Чин афтад,
Беҳ з-он, ки ба бадхӯе бераҳм чунин афтад (5, 62).

Ҷомӣ васияти Мавлоно Лутфиро қабул карда, матлаи ғазали нотамоми ӯро идома дод ва онро дар ғазали ҳафтбайта ба поён расонид, ба девони аввалини

«Фотиҳат-уш-шубоб» дохил кард. Матни пурраи дар ҳамкорӣ навишташудаи ин ғазал ба таври зайл аст.

Гар кори дили ошиқ бо кофари Чин афтад,
Беҳ з-он, ки ба бадхӯе бераҳм чунин афтад.
Чое, ки бувад тобон хуршед, макун ҷавлон,
Ҳайф аст, к-аз он боло соя ба замин афтад.
Ишқи ту ба меҳру кин ҳарчанд занад қуръа,
Мушкил, ки ба номи ман ҷуз қуръаи кин афтад.
Ҳар ҷо ки ҷаҳад барқе аз оташи ишқи ту,
Сад дилшударо шуъла дар хирмани дин афтад.
Меҳроби ҳузур омад моро хами абрӯят,
Дар вай зи хатои мо мапсанд, ки чин афтад.
Ҳар лаҳза занам оҳе, бошад, ки аз ин новак
Сайёраи идборам аз чархи барин афтад.
Ҷомӣ чу сухан ронад аз лаъли гуҳарборат,
Дар доманаш аз дида дурҳои самин афтад(11, 440).

Ҳамкории устод ва шогирдии Ҷомӣ ва Навоӣ ба қуллаи баланди эҷодӣ бардошта шуд. Ҷомӣ дар эҷоди бадеӣ устод аст, аз рӯи тасаввуф муршид, дар зиндагӣ бошад, ба дараҷаи падар буд. Аз ин сабаб Навоӣ дар ҳама бобат ба маслиҳатҳои Ҷомӣ гӯш медод. Асарҳояшро, қабл аз ҳама ба Ҷомӣ медод ва фикри ӯро мегирифт. Бисёр ғазал, қасида ва рубоиёти ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ иншокардаи Навоӣ чун татаббӯъ ба ашъори Ҷомӣ навишта шудаанд. Навоӣ достони «Садди Искандарӣ»-и худро ҳам дар татаббӯи Ҷомӣ офарида буд. Ҷомӣ ҳам ба ғазал ва рубоиёти зиёди ӯзбекии Навоӣ бо тоҷикӣ татаббӯъ навишта буд.

Чунончӣ, ба ғазали ӯзбекии бо радифи «кошкӣ» навиштаи Навоӣ Ҷомӣ ба ҳамин радиф бо матлаи зайл татаббӯе навиштааст, ки хеле машҳур аст:

Дидаме дидори он дилдори раъно, кошкӣ.
Дида равшан кардаме з-он рӯйи зебо, кошкӣ (10, 511).

Татаббӯи дорои мазмуни тасаввуфӣ ба подшоҳи Хуросон Султон Ҳусайни Бойқаро ҳам писанд омад. Худи Ҳусайн Бойқаро ҳам аз шоирони варзида буд, бо тахаллуси Ҳусайнӣ шеър менавишт. Ҷомӣ ба Ҳусайнӣ ҳам ҳукми устодӣ дошт ва бо ӯ алоқаи наздики адабӣ дошт. Ҳусайнӣ, ки аз татаббӯи Ҷомӣ ба завқ омада буд, ба Навоӣ навиштани мусаддасро ба он фармуд. Навоӣ, ки аз ин хеле мамнун шуда буд, ба ғазали Ҷомӣ мусаддас навишт. Худи ҳамин шаҳодат медиҳад, ки аҷдодони тоҷик ва ӯзбек ба алоқаҳои адабӣ чун ба кори аҳамияти давлатидошта назар мекарданд.

Рисолаҳои «Ашшат-ул-ламаот», «Нафаҳот-ул-унс», «Шавоҳид-ун-нубувват», «Рисолаи асғари манзума дар муаммо»-и Ҷомӣ ба хоҳиши Навоӣ навишта шуда буд. Ӯ, хусусан ба Аттор, Низомӣ, Румӣ, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷу, Ҳофиз ва Камол барин шоирони бузург чун устодони худ назар мекард, анъанаҳои онҳоро дар эҷодиёти худ пайваста идома додааст. Навоӣ дар яке аз ғазалҳои худ мегӯяд, ки ҳамеша ба Ҷомӣ такя менамуд, лекин дар эҷод ба шоирони гузаштаи тоҷик низ пайравӣ мекард:

Ҳаст чун ҷуръакаши Ҷомӣ аз он Фониро,
Мадад аз маъниҳои Ҳофиз шуду рӯҳи Хусрав (6, 452).

Навоӣ бо гузаштагони бузурги тоҷик ва хусусан, ба Ҷомӣ як умр худро ба сифати шогирд дониста бошад ҳам, лекин ба шоирони ҷавони тоҷик устодӣ ҳам кардааст. Инро аз муносибаташ ба эҷодиёти Ҳотифӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Восифӣ дидан мумкин аст. Навоӣ онҳоро аз ҳама ҷиҳат дастгирӣ карда, ба дониши ҳаматарафа гирифтан ва ба кори эҷодӣ пайваста машғул шудан, ҳавасманду раҳнамоӣ мекард. Чунончӣ, Ҳотифӣ достонҳои «Ширин ва Хусрав», «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ба «Хамса»-аш воридгаштаро ба Навоӣ бахшида, дар онҳо анъанаҳои ӯро давом додааст.

Агар Восифӣ дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хизматҳои Навоиро дар равнақи адабиёти форсу тоҷик ва турк инъикосу тасвир карда бошад, Биноӣ соли 1498 дар қасидаи «Маҷмаъ-ул-ғароиб»- и ба Навоӣ бахшидааш ӯро шоири бузург ва чун устоди худ ба забон овардааст [12, 93]. Биноӣ баъд аз вафоти Навоӣ ба Самарқанд, ба ҳузури Заҳириддин Бобур (1483-1530) омада, бо ӯ ҳамкории эҷодӣ намуд. Бобур дар «Бобурнома» се рубоии ба тариқи мушоира эҷодшудаи Биноӣ ва худашро овардааст.

Рубоии Биноӣ:

Не галла маро к-аз ӯ тавонам нӯшид,
Не муҳмали галла то тавонам пӯшид,
Онро, ки на хӯрдан асту не пӯшидан,
Дар илму ҳунар куҷо тавонад кӯшид (1, 81).

Бобур бо рубоии зерин мушоираро бо Биноӣ давом медиҳад:

Ишлар бори қўнглунгдагидек бўлгусидур,
Инъому вазифа бори буйрулгусидур.
Ул галлау муҳмал ки деб эрдинг, бердим,
Муҳмалга бўю галладин уй тўлгусидур (1, 81).

Биноӣ ҷавобан ба рубоии Бобур рубоии савумро бо забони ӯзбекӣ гуфтааст. Рубоии Биноӣ шаҳодат медиҳад, ки ӯ забони ӯзбекиро хуб медонистааст.

Дар омади гап қайд кардан лозим аст, ки аксарияти шоирони мумтози ӯзбек ба забони тоҷикӣ эҷод карда метавонистаанд ва бисёрии шоирони тоҷик ҳам забони ӯзбекиро хуб медонистаанд ва бо он бемалол эҷод мекардаанд. Ин ҳолат дар адабиёти асрҳои XVII-XIX тоҷику ӯзбек баръало ба назар мерасад.

Маълум аст, ки охири асри XVI давлати Шайбониҳо барҳам хӯрда, дар Осиёи Марказӣ аз аввали асри XVII хонигариҳои Бухоро ва Хева, дар асри XVIII бошад, хонигарии Қӯқанд ба сари кор омаданд. Дар ҳар се хонигарӣ ҳам тоҷикон ва ӯзбекҳо паҳлӯи ҳам зиндагӣ доштанд. Ба ҳамин сабаб, дар муҳитҳои адабии ин хонигариҳо шоирони тоҷик ва ӯзбек ҳамроҳ эҷод мекарданд. Аксарияти онҳо ду забонро амиқ медонистанд ва ба таври зуллисонайн фаъолият нишон медоданд. Дар воқеъ, инро дар тазкираи «Маҷмӯаи шоирон»-и шоири машҳури зуллисонайн Фазлии Намангонӣ дидан мумкин аст.

Аксарияти шеърҳои дар тазкира ҷойшуда аз татаббӯи шоирони муосир иборат буда, чун маҳсули ҳамкории адабии онҳо офарида шудаанд. Инро дар тазкираҳои муҳити адабии Бухоро ва Хева ҳам дидан мумкин аст. Ҳаминаш ҷолиби диққат аст, ки хонҳои мамлакат ҳам ба сифати шоири зуллисонайн ширкат варзида, ба такмилу ривоҷи алоқаҳои адабии тоҷик ва ӯзбек саҳм гузоштаанд, чунки ин ҳолат дар Осиёи Марказӣ ва Хуросон аз қадим ба анъана табдил ёфта буд. Хуллас, алоқаҳои адабии тоҷикону ӯзбекон таъриху дуру дароз дошта, он ба тараққиёти адабиёти ин ду халқ кӯмаки калон расонд, аммо дар давраи шӯравӣ ин алоқаҳо суст шуда монданд.

Баъди ба даст омадани истиқлолият робитаҳо боз ҳам коҳиш ёфтанд. Ҳоло барои барқарор кардани чунин алоқаҳои адабӣ эҳтиёҷоти куллӣ эҳсос карда мешавад. Бинобар ин, шоирон, нависандагон ва адабиётшиносони ду халқ бояд ҳамкориҳои асрҳо боз идомаёфтаи адабиро барои ба доираи васеъ баровардан саъю кӯшиш намоянд. Мо умеди қавӣ дорем, ки ба ин давлат ва роҳбарони ҳукумат ҳам эътибор хоҳанд дод. Зеро истиқлолият ба дастгириҳои зиёди алоқаю ҳамкориҳо имконият фароҳам овардааст, онҳоро истифода бурдан лозим аст. Бе ин ба комёбиҳои арзандаи адабӣ ва фарҳангӣ ноил шудан мушкил мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобур З.М. Бобурнома / З.М.Бобур. – Тошканд: Шарқ, 2002. -336с.
2. Брагинский И.С. Исследования по таджикской культуре / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1977.- С.288
3. Каримов Қ. Достони бадеии аввалин / Қ.Каримов. – Тошканд: Фан, 1976. –С.224.
4. Мактубҳои муборак / Ҳозиркунандаҳои чоп М.Абдувоҳидова, Ҳ.Мухторова, Б.Қосимхонов, О.Ҷўраев. – Тошканд: Адабиёт ва санъат, 1987. –С.304.
5. Навоӣ А. Куллиёт. Дар 20 ҷилд / А. Навоӣ. - Тошканд: Фан, 1997. –Ҷ.13. –С.284 .
6. Навоӣ А. Куллиёт. Дар 20 ҷилд / А. Навоӣ. - Тошканд: Фан, 2002. -Ҷ.19. – С.600.
7. Насруддин А. Рӯдакӣ (Нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда) / А. Насруддин. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 396 с.
8. Ҳикматҳои қадима / Тартибдиҳанда Н. Раҳмонов. – Тошканд: Адабиёт ва санъат, 1987. – 1987. - С.432.
9. Ҳофизи Хоразмӣ. Девон. Дар 2 китоб / Ҳ. Хоразмӣ. – Тошканд: Нашриёти КМПК, 1981. – Китоби 1. –С. 304.
10. Ҷомӣ А. Осор. Дар 8 ҷилд / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. –. – С.560. -Ҷ. 6
11. Ҷомӣ А. Осор. Дар 8 ҷилд / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –-С.560. -Ҷ. 1.
12. Шодиев Э. Алишери Навоӣ ва адибони форсу тоҷик / Э. Шодиев. – Тошканд: Ӯқитувчӣ, 1989. – С.112.

ИЗ ТАДЖИКСКО-УЗБЕКСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ СВЯЗИ

В статье сжато и чётко анализированы таджикско-узбекские литературные связи с древнейших времён до XIX века. Особенно с новыми и достоверными примерами показаны литературные связи Хафиза Ширази и Хафиза Хорезми; Лютфи, Джами и Навои; Бинаи и Бабура. В процессе анализа основное внимание автора уделено на влияние таджикской литературы на узбекской.

Ключевые слова: литературные связи, дастан (поэма) и народные повести, жанр нома (любовные послания), татаббу, традиция, новаторство.

FROM THE TAJIK-UZBEK LITERARY RELATION

Tajik-Uzbek literary relations starting from the ancient times up to the XIXth century are clearly and definitely analyzed in this article. Especially such literary relations as of KhofizSherozi and KhofizKhorezmi; Lutfi, Jami and Navoi; Binai and Bobur are presented with new and trustworthy examples here. In the course of analysis the main attention of the author is paid to the influence of Tajik literature on Uzbek one.

Key words: literary relations, dastan (poems), folk stories, genre (love messages), tatabbu (imitation), tradition, innovation, gazel, rubai.

Сведения об авторе: ***Абдукадыров Абдусалом*** – доктор филологических наук, профессор Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 92 8484935. abdusalom – a @ rambler. ru**

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАИ БАДЕИИ ЛОИҚ

М.С.Назарова
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Муайян намудани давраҳои ташаккул ва таҳаввули андешаи бадеии Лоиқ, пеш аз ҳама ба шинохт ва арзёбии зинаҳои пайдоиш ва рушди ормонҳои миллӣ ва умумиинсонии ӯ алоқаманд мебошад. Дар ин равиш яъне шинохти ҳадафи ҳунар, аз ҷумла шоирӣ Лоиқ идеали худро дошт. Аз нигоҳи ӯ ғараз аз шоирӣ ин аст, ки зиндагии инсонро пурмоя ва зебо созад. Ҳар шоире, ки воқиди ин маънӣ набошад ва ин манзурро анҷом надиҳад, мисли ин аст, ки маъмурияти азимашро анҷом надода бошад. Аз нигоҳи ӯ агар ҳунар, бахусус шеър, ба тамомият ва камоли зиндагӣ кумак накунад ва барои инсонро дар ҳалли мушкилот гиреҳеро накушояд ва роҳи ҳидояте ба рӯи вай боз накунад, корест беҳуда ва бемаънӣ.

Аз оғози фаъолияти эҷодӣ то поёни умраш «рисолати шеъри Лоиқ даъват ба инсоният аст. Ҳангоме, ки рӯзноманигоре аз вай пурсида буд, ки муродаш аз гуфтани шеър чист, ҷавоб дод, ки «одамиёнро ҳушёртар, бедортар,зеботар кардан. Шинохтани одаме ва шиносондани одаме ба худаш, ӯро дар рӯ ба рӯи худаш қарор додан, ботинашро дар оинаи тасвир нишон додан»[9, 612].

Лоиқ байте низ дорад, ки ин маъниро дар қолаби назм ифода мекунад:

Шеър гуфтам барои он ки шумо
Қадри худро дуруст бишносед [4, 250].

Дар заминаи ташаккули дидгоҳҳои бадеии Лоиқ эҷодиёти ӯро метавон ба се давра тақсим кард. Давраи аввал марбут мешавад ба охири солҳои панҷоҳум ва солҳои ҳафтодуми асри гузашта: давраи дувумро метавон ба оғози солҳои ҳаштодум то ибтидои навад марбут донист ва ниҳоят аз ибтидои солҳои навад то поёни умри шоир давраи сеюми эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад.

Давраи аввал, яъне охири солҳои панҷоҳум ва солҳои ҳафтодумро метавон давраи ташаккули эҷодиёт ва зоҳиршавии фардияти миллӣ, бадеӣ ва ҳунарии шоир шинохт. Ин давраи эҷодиёти шоир бо хусусияти хосси поэтикӣ ва фасоҳату балоғат, ки реша дар тафаккури бадеии миллӣ дорад, фарқ мекунад. Ин давраи ҷустуҷӯҳои эҷодии Лоиқ ба замони зуҳури дигаргуниҳо дар адабиёти тоҷик, бахусус шеър рост меояд. Ин тағироти чашмрас «аз таваҷҷуҳи шоирон ба тасвири ҳаматарафа ва доманадори олами бои маънавии инсони муосир, ҷаҳони мураккаби он, мавқеи вай дар зиндагӣ, муносибати вай ба табиат, ба дарки маънии зиндагӣ ва диалектикаи инкишофи таърихи халқу кишвар, аз ҷумла корномаю диловариҳои фарзандони он; баёни ибратбахши саҳифаҳои дурахшону драматикии собиқи он, маданияти гузашта ва имрӯзаи вай; тадқиқи ҷиддӣ ва амиқи ҳаёти реалӣ; дахолати фаъолона ба воқеияти муҳимми рӯз иборат мебошад»[3,64]. Ин воқеияти ҳаёти адабӣ ба афзоиши андешапарварӣ дар шеър (ва нафақат шеър) мусоидат намуд ва тағйироте дар усули тасвир ва дарки бадеии таърих ва сарнавишту халқ низ ворид сохт. Яъне «андешаҳои мураккаби пай дар ҳам, андешапарварии пурҳиссёт, ки аксаран муҳтавои иҷтимоӣ ва гоҳ мазмуни фалсафӣ дошт, ривоҷ ёфт.Қаҳрамони ғиноӣ (лирикӣ)-и шеър дар сари мушкилтарин ва дардноктарин масъалаҳои зиндагӣ бо изтироб андеша меронд»[7,426]. М.Шакурӣ баъд меафзояд, ки «Андеша дигар бо диди синфӣ маҳдуд набуд, нафақат ба синфиятгароӣ, ки нисбатан коҳиш меёфт, балки бар чашмандози густурдатаре, ки арзишҳои башариро ҳар чӣ бештар дар бар меоварад, бунёд ёфта буд»(7,426) Чунон ки мебинем, муҳаққиқ дар масъалаи бо диди синфӣ маҳдуд набудани адабиёт як андоза муболиға кардааст. Албатта дар ин солҳо,чунон ки ишора ҳам рафт, усули тасвир то ҷое тағйир ёфт. Бозҷустҳои бадеӣ ба дарки тозаи таърих асос ёфт, ки барои амиқбурди худогоҳии миллӣ заминагузор омад. Яъне ин дигаргунӣ якбора ба амал наомадааст, балки ҳосили кӯшишҳо ва ҷасоратҳои инсонӣ ва ҳунарии шоирони ҷудогона мебошад, ки дар саргаҳи он Лоиқ Шералӣ меистод. Бесабаб набуд, ки шеъри Лоиқ ва тарзи идроки бадеии ӯ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда, доир ба хусусиятҳои хосси тафаккури бадеии ӯ баъзе мулоҳизаҳо баён кардаанд. Аз ҷумла МуҳамадҷонШукуров(М.Шакурӣ) аз нахустмаҷмӯаи шоир «Сари сабз» истиқбол карда, навишта буд ки «аз шеърҳои маҷмӯа тапиши дили софу

беғубори ҷавоне шуруъ мешавад. Шеъри Лоиқ пур аз ҳаяҷон аст, ки аз ҳар мисраи он ҳис карда мешавад ва аз ин ҷиҳат ба шеърҳои шоири шаҳид Ҳ. Юсуфӣ ҳамоҳангӣ дорад»[6,210]. Баъдтар ҳамин донишманд дар як мақолааш «Тафаккури таҳлилӣ ва амиқрафти реализм» баъзе хусусиятҳои тафаккури бадеии Лоиқро муаян карда, дар замина ба андешапарварӣ ва ҳикматомезии осори ӯ, ки қаробати шеъри ӯро бо шеъри классикӣ нишон медиҳад, сухан меронад [8,128].

Чунонки мебинем дар ҳамин давраи аввали эҷодиёташ, ки онро метавон зинаи асосии пайванди ҳунарӣ ва маънавии идеалҳои ҷовидонаи умумиинсонӣ ва миллӣ дар ягонагии комил шинохт, Лоиқ роҳи худро муайян кард. Ба ифодаи дигар ҳадафҳои олии ғоявӣ, ки маҳдудияти миллӣ надорад,ба тору пуди эҷодиёти ӯ пайванд мегирад. Ин масъала барои шоири тавоно мавзӯъ набуд, балки «фазилат ва ҳадафи иҷтимоӣ,ғоявию зебоишинохтӣ» буд, ки минбаъд роҳу равиши ӯро дар интихоби мавзӯъ ва масоили дигари зиндагӣ муайян кард. Лоиқ чунин роҳро замоне шинохт ва идеали ҳунарии худ қарор дод, ки адабиёти тоҷик зери таъсир ва роҳнамоиҳои идеологияи ҳокими табақотии каммунистӣ қарор дошт ва як қадам ҳам аз фармуди ин идеология берун рафта наметавонист.Ин идеология масъалаҳои миллӣ ва умумиинсониро низ синфӣ мешинохт ва бунёди эстетикии адабиёт бар ҳамин идеалогия асос ёфта буд. Ба ифодаи сареҳтаре «бунёди эстетикии адабиёти аҳди шӯравӣ бисёр сода аст, дар адабиёт ҳақиқати воқеӣ, он чунон ки ҳаст, бояд тасвир шавад. Талаботи қатъии ҳаққонияти тасвир моҳиятан хилофи қонунмандии эҷоди бадеист, зеро ҳаққоният дар адабиёт бунёди ҳунарист, на воқеӣ. Ба Фирдавсӣ наметавонам даъво дошта бошам, ки масалан чунину чунон рафтори Рустам ҳаққонӣ нест, чунки ба воқеият муродиф наомадааст. Лекин талаби ҳақиқат ё ҳаққоният дар адабиёти Шӯравӣ асоси таълимотӣ ва назарӣ ҳам дошт. Воқеиятро аз мавқеи мафкурӣ, назари илмӣ ва таълимоти идеологии каммунистӣ ба тасвир овардан айни ҳақиқат дониста мешуд. Дар натиҷа назари субъективӣ ва диди қолабӣ сатре бар болои шинохти андешамандонаи тахайюлии ҳунарӣ гардид. Ҳақиқати дархостии ин эстетика амалан қолаби сохтаи воқеияти сотсиалистӣ ва ғайри он буд ва чун воситаи тарғиби идеологияи ҳоким хидмат мекард»[5,53].

Лоиқ дар ибтидои солҳои шастуми асри бист ба адабиёт ҳамчун шахсияте ворид шуд, ки аз талаботҳои синфиятгароӣ фаротар по гузошта, дар дохили ҳамин назарияи «Эстетикаи тасвири ҳаққонӣ» равиши хосси шоирии худро вазъ намуд ва андешаи бадеиаш тадриҷан бо ҳамин роҳ инкишоф ёфт. Лоиқ тавонист ба воқеият пироҳани худӣ пӯшонад ва ба ин васила андешаи хоси бадеияшро, ки моҳияти миллӣ, умумиинсонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дорад, баён кунад. Ӯ,ки соҳиби назари хос буд, бо ифодаи вазъи рӯҳия ва шавқи худӣ андеша ва мушоҳидаҳояшро ба қолаби сухани тахайюлӣ даровард ва осори мустақил ба вуҷуд овард,ки на ҳама вақт ба талаботи сиёсии замон мувофиқат мекард. Табиист, ки ин гуна роҳи эҷодии ӯ дар ҳамон солҳо боиси эътирози доираҳои расмӣ ва баъзе муҳаққиқон низ мегардад. Аз ҷумла А.Сайфуллоев ҳамон тамоюли тозаи назари бадеии Лоиқ ва баъзе шоирони дигарро дар мақолаи «Садои лирикаи гражданӣ» беадолатона маҳкум карда буд.

Лоиқ дар доираи талаботи мафкуравии замони зиндагияш тавонист осори арзишманди ҳунарӣ ба вуҷуд оварад. Агар ин ҳақиқатро дар мисоли эҷодиёти Лоиқ мо эътироф ва арҷгузорӣ накунем, он вақт кӯшишҳои баъзе адибони дигар, аз ҷумла С.Улуғзодаро низ дар офаридани осори мондагор нодида гирифтагӣ ҳисоб мешавем.

Бинобар ин ҳам,давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, ки ба «авҷи низоми булшивикӣ, он ҳам аз дили як ҷумҳурии кӯчаки осиёӣ»[2,190] рост меомад, хусусияти ҳаммонанд ба он чи дар боло гуфта шуд дошт. Лоиқ аз камназиртарин шоире буд, ки аз мафҳумҳои тангназарона фаротар рафта, ба зулоли ваҳдатхоҳи ва ягонагиҷӯӣ ва бозгашт ба асли ҳуду асолати ҳунарӣ расид. Он ҳам дар замоне, ки исми ҷамъи халқи саветӣ василае буд барои зудудани ёдмонҳои миллӣ, хотираи миллӣ ва таҷзияю таҳрифи таърих. Ҳатто агар мавзӯоти индавраинаи эҷодиёти шоирро мушаххас кунем, боз ҳам бармегардем ба таъкиди ҳуввияти шоирӣ ва ҳунарии ӯ. Х.Шарифов осори шоирро дар атрофии се мавзӯъ дастабандӣ кардааст, ки иборат мебошад аз «муҳаббат ба шеър ва завқи суханварӣ; муҳаббат ба ватан ва ҳуввияти миллӣ; ва ишқу муҳаббати табии мардумӣ[5,54].Ҳамон шеъри аввалини ӯ«Ном»,ки зикраш рафт аз мустақилияти фикрию ҳунарӣ ва таҳаввулоти назарии ӯ ба зиндагӣ ва масоили марбут ба ҳастии инсон башорат медод. Муҳимтарин чизе, ки дар ин шеър шахсияти ҳунарии Лоиқро мушаххас мекунад, андешаи бадеӣ мебошад, ки дар заминаи бардошти воқеӣ ба сурати осори адабӣ даромадааст.

Дар тавсифи шеъри «Ном» адабиётшинос Ю.Акбаров навишта буд,ки наҳустин шеъраш «Ном»(«Шарқи сурх»,1959) ба тасвири воқеию мушаххаси солҳои бачагӣ роҷеъ ба масъалаи ҷовидонӣ ёфтан рӯи сангҳо номи хешро навиштани худу ҳамсолон навишта шудааст. Шоири ҷавон дар ин шеър ҳамсолони хешро даъват карда буд, ки

танҳо бо роҳи хидматгузори ба халқ ва ба ин васила номи хешро дар калби мардум бинвиштан («Номи худ бинвис ба қалби мардумони бовафо», Умри ҷовидонӣ ёфтан мумкин аст»[1,6]. Дар замина шеъри дигари Лоиқ «Биё, эй қосиди комун»(«Тоҷикистони саветӣ; 27-декабри соли 1959),ки низ аз аввалин шеърҳои ӯст, дар ҳамин равиш ва таъкиди ормонҳои ҳунарияш гуфта шудааст ва бозгӯкунандаи хусусиятҳои таҳаввулоти назарӣ ва бадеии андешаи шоир дар давраи аввали эҷодиёти ӯст. Ин шеър, чунон ки Ю.Акбаров таъкид кардааст, ба наҳве маромномаи шоир ҳадафҳои адабӣ ва эстетикияшро муаян мекунад. Дар оғози роҳи эҷодияш таъкиди шоир бар ин буд,ки шеъри ноби зиндагиофарину сарнавиштсоз»[1,6] биофарад. Дар шеъри «Қарз» бошад ҳадафҳояш мушахастар шуд, ки гувоҳи таҳаввулоти назарии ӯ низ ҳаст. Шоир дар ин шеър худро дар назди таърих, миллат ва инсоният масъул мешиносад, вале андешаи бадеиаш ҳамоно аз воқеияти рӯзмара, нусха мегирад. Яъне тафаккури бадеии ӯтанҳо ба воқеият такя дорад,ки ин зери дидгоҳҳои зебоишинохтии он замон шакл гирифтани ҳунари шоирии ӯро собит мекунад.Мувофиқи талаботи назарияи зебоишинохти давр «Шеър бояд аз воқеият ва ҳақгӯёна, наву тоза дар мавзӯъ ва хуб бошад. Ба ғайр аз ин се рукн –ҳақиқатгӯӣ, навии мавзӯю хубӣ дар он солҳо дар афкори адабии тоҷикӣ шарти конкрет гуфтан ҳам пайдо шуда буд. Талаби шеъри конкрет гуфтан як навъ аксуламал ва ҳатто эътироз ба умумигӯии назми солҳои сиюм то панҷоҳуми садаи бистуми мелодӣ буд. Шеърҳои ташвиқотӣ ва тарғибҳои манзуми сиёсӣ, ки аз шиоргузориҳои маъмулиӣ иборат буданд, ба илати якрангию такрори зиёди мавзӯю матлаб, орӣ будан аз ҳунару санъат,зеро чунин ашъор эҳтиёҷи зиёд ба ҳунармандӣ надошт, ба гӯшу ҳуши мардум масмӯъ намеафтод. Онҳо аксаран сухани манзуми васфӣ буданд.Сурудани ин шеърҳо аз аввали ахди Шӯравӣ ба мақсади омиёна кардани шеър оғоз ёфт ва то замони оғози шоирии Лоиқ ба мақоми волои худ расид»[5,54].Ин ҷараёнро Лоиқ ва баъзе ҳамовардонаш (ифодаи Лоиқ) ба беҳӣ тағйир доданд.Ниҳоят шеъри тоҷик дар оғози солҳои шаст, ки ба давраи аввали эҷодиёти шоир рост меояд тадриҷан аз ҷиҳати сират дигар шуда, мазмун, зарбу оҳанг, фасоҳату балоғати он рӯ ба беҳӣ овард. Шеъри Лоиқ дар баробари назми содалавҳонаю умумӣ, нимҷон, ки мазмунашро андешаҳои маъмулу забонзада, мазмуну нақшаву оинномаҳои ҳизбу маърӯзаҳои сарварон, сармақолаи рӯзномаҳои ҳизбӣ ташкил медод»[1,7] қарор гирифт.

Ҳамин тариқ, дар оғози фаъолияти эҷодияш шеъри Лоиқ аз тавсифи сатҳию беобуранги зоҳири воқеаву рӯйдод, аз шӯру ҳалҳалаи даъват ба кор, аз зикри санадгунаи дастовардҳои моддию маишӣ орӣ буд. Шоир ба ҷои ин ҳамахушгӯиҳои камзарф ба моҳияти рӯйдодҳои зиндагӣ, нақш ва ҷойгоҳи инсони зубда дар ҷаҳони гирудошт, армонҳои миллию умумибашарӣ таваҷҷуҳ кард. Бинобар ин ҳам ин давраи эҷодиёти ӯро дар заминаи бозёфтҳои бадеиаш бо итминон метавон давраи шоиронаю давраи шаклгирии эҷодиёт ва зоҳиршавии фардияти миллӣ-бадеии ӯ донист.

Дар ин давра Лоиқ на фақат бо шеъраш, балки бо мақолаҳояш низ дар фазои фарҳангӣ ва ҷараёни шаклгирии тасаввуроти тоза оид ба воқеияту зиндагӣ ва таърих таъсир дошт.Мақолаҳои «Хӯшаҳои умед» (Комсомоли Тоҷикистон, 27-феврали соли 1967),»Дар боби анъана ва русуми нав» (ҳамон ҷо, 7-уми июни соли1967), «Завқи шеър» ва ғайра ифодагари андешаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва бадеии тозаи ӯ буданд. Ин мақолаҳо масъалаи пуштибонӣ аз арзишҳои ҷовидонӣ умумиинсонро дар диди шоир матраҳ мекарданд. Ин мавзӯъ, яъне ҳимоят аз шарофати инсонӣ, ки муқаддасоти миллиро ҷузъе аз он ҷудо намедонист, дар ашъори индавраинааш низ ҷойгоҳи хос дошт. Аз ҷумла дар шеъри «Кӯҳистон» бо ҳасрат навишта буд:

На масҷид монда, на минбар,
Ҳама вайронаву абтар,
Намеояд дигар бар гӯш овози азонхоне.
Ба тоқу бар равоқи хонақоҳи бехудо холӣ
Кабутарҳои саҳро мекунанд акнун парафшонӣ…
Дигар расму таомулҳои аҷдодӣ фурӯ мурданд,
Ки баҳри пойдорӣ ҳар яке мӯҳри худоӣ дошт.
Ба чашми мардумони хоксору содаи куҳсор.
Ҷу мероси азизи модарон қадру сафое дошт.
Вале ман зинда хоҳам кард он расму таомулро,
Ки бар он муҳри дасти рӯзгорон пахш гардида.
Ҳамон расму таомулро, ки бо он мардумони пок.
Чашида пухтаю хоми ҳаёту умр варзида[4,55].

Шоири он вақт ҷавон дар ин шеър ва бисёр шеърҳои дигари индавраинааш барои ҳимоя ва зинда доштани меросе савганд мехӯрад, ки фақат арзиши миллӣ

надорад. Балки моҳиятан арзиши таърихӣ ва умумибашарӣ дорад. Яъне ҳифзи асолат ва фардияти миллӣ арзишҳои башарӣ пайванди таърихӣ ва ахлоқӣ дорад, ки сарфи назар аз он ба аз байн бурдани ҳуввияти ин ё он қавм дар ниҳоят беранг кардани ҳастии ҷисмонӣ ва маънавии башар меоварад.

Ниҳоят, солҳои навад ва баъди он фаро мерасанд ки дар тафаккури бадеии Лоиқ нақши ҳудро гузоштаанд ва Лоиқ низ ҷойгоҳашро дар фаросуи адабиёти ҷаҳон ва миллӣ таъйин кард. Агар ӯ бо офаридаҳояш дар ду даврaи аввалӣ эҷодиёташ мавзӯи миллӣ ва умумиинсониро дар муҳити адабии мо ба расмият дароварда, ба шаклгирии тафаккури бадеии миллӣ ва инсонгароӣ мусоидат карда бошад, дар солҳои навад ва баъди он андешаи ҳудшиносии миллиро бо ҳудсозиву инсонсозӣ, ҷомеасозиву сарнавиштсозӣ созиш дод ва дар маҷмуъ эҳёгар ва тақвиятбахши тафаккури танқидие гардид, ки ба таъбири М.Шакурӣ онро метавон равиши ҳудшиносӣ ва ҳудшиканӣ дар адабиёти навини тоҷик унвон кард.

АДАБИЁТ

1. Акбаров Ю.Нубуғи шоир ва булуғи шеър. Ҳуҷанд, 2003,с.218.
2.Доктор Хушанги Толеъ. Андешаи фарҳангии шодравон Лоиқ Шералӣ.- Марсияи хуршед. – с. 190-192.
3.Сатторов А. Шеър ва зиндагӣ. – Нуктаи пайванд. – Душанбе . Ирфон, 1982. – 63 -88.
4. Шералӣ Л. Куллиёт.Ҷилди 1. Ашъор.- Душанбе.: Адиб, 2008.- 559 с.
5.Шарифов Ҳ. Шоири бузург//Садои Шарқ,2001,№1-6, с.52-66.
6.Шукурӣ М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳастии он.-Душанбе. Маъориф – с. 183-224.
7.Шакурӣ М. Як нигоҳи умумӣ ба адабиёти тоҷики сода. М.И.Ниҳон…-с.399-433.
8.Шакурӣ М. Мактаби одамият.-Душанбе.Адиб, 1991.с.128-134.
9.Шеърдӯст А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон.-Теҳрон,1390.-775с.

ФОРМИРОВАНИЕ И ЭВОЛЮЦИЯ ЛИТЕРАТУРНЫХ ВЗГЛЯДОВ ЛОИКА

В статье рассматриваются вопросы, связанные с творчеством выдающегося поэта Лоика Шерали, его формированию и творческим исканьям, его роли и месте в мировой литературе, вкладе в отечественную и мировую культуру. Период его творчества бесспорно можно назвать периодом расцвета национальной культуры.

Ключевые слова: творческий поиск, мысль, музыка, лирика, критика, поэзия.

EVOLUTION AND DEVELOPMENT OF LOIQS LITERARY THROUGHTS

The article deals with the development of the main period of literary thoughts of an outstanding poet, Mr. Loiq Sherali which is dedicated to the role of mankind.

This period of his creative work is considered the main foundation for the appearance of the poet's national and literary ideas of the poet that provides him opportunities to become one of the most famous poets among other contemporary literary figures.

Key words: literary research, thought, musical, lyrical, critics, poetry.

Сведения об авторе: ***Назарова М. С.*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. Телефон: **918391324**

ТАШБЕҲОТИ ҲИССИИ БАДЕЪ ДАР ШЕЪРИ РӮДАКӢ

Б. Мақсудов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз Одамушшуаро дар қиёси он эҷодиёти мутанаввеу гуногунмавзӯи доманфаррохаш, ки сарчашманигорон зикри ситоишаш кардаанд, ҳоло хеле ба миқдори андак ва он ҳам аксаран бесарубун ба даст дорем. Аммо он чи ҳаст, ба гунаи алмоспораҳои дурахшоне буда, намоёнгари шаҳомату нубуғи шоирии ин эҷодкори мумтозу нотакрор аст.

Шуҳрату азамат ва бақои номи Рӯдакӣ, пеш аз ҳама дар ҳунари баланди сароишгарии ӯ ниҳон мебошад. Албатта, роҷеъ ба маҳорати шоирии ин нобиғаи сухан шарқшиносони Ғарбу Шарқ ва коршиносони тоҷик дар асару мақолаҳои зиёди худ сухан ба миён овардаанд. Аксари олимон аз Шиблии Нӯъмонию Ҷ.Дармстетер сар карда, то Саид Нафисию Абдулғанӣ Мирзоев ва соири донишмандони муосир роҷеъ ба ҳунари сухангустарии шоир ва сабку услуби эҷодии ӯ баррасиҳои зиёди илмӣ кардаанд.

Дар ин росто, махсусан мақолаҳои алоҳидаи ду донишманди тоҷик, яке Расул Ҳодизода ва дигаре Худоӣ Шарифов ба фикри мо назаррастаранд. Мақолаи суханшиноси аввал, яъне Р.Ҳодизода ҳанӯз дар соли 1958 навишта шуда, «Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ» унвон дорад ва бевосита ба масъалаи маҳорати шоирии Рӯдакӣ бахшида шудааст [1].

Дар он зимни таҳлилу баррасии истифодаи шоир аз санъатҳои лафзию маънавӣ баъзе андешаҳои ҷолиби диққат ва хулосаҳои дақиқ доир ба сабки ӯ баён карда шудаанд, ки имрӯз низ аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Мақолаи донишманди сонӣ, яъне Х.Шарифов «Нақди шеъри Рӯдакӣ» ном дорад, ки дар он мулоҳизоти сабтнамудаи суханшиносони қурунивустоӣ нисбат ба шеъри Рӯдакӣ хеле муфассал ва дақиқ баррасӣ карда шудаанд, ки аксари онҳо марбути ҳунари эҷодии шоир мебошанд [2].

Бо вуҷуди ин, ба назари мо дар ин самт, яъне таҳқиқу таъйини сатҳи ҳунари адабии Рӯдакӣ ҳоло низ майдон фарох буда ва муҳаққиқони худро интизор аст. Барои он чунин мегӯем, ки ҳама ашъору абёти мавриди назари мо маҳсули табъи баланд ва даҳои шоирии як эҷодкори асил ва касбию хирадманди аҳди Сомониён мебошад ва муаллифи онҳо тайи зиёда аз ҳазор сол бо иттифоқи оро падари шеъри форсӣ-тоҷикӣ шинохта шудааст.

Ҳини таҳлили ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Рӯдакӣ ба фикри мо, пеш аз ҳама бояд қазоватҳои худи Рӯдакиро, ки дар бораи шеъраш кардааст, ба эътибор гирифтан лозим аст, зеро ӯ дар баъзе абёташ роҷеъ ба мушаххасоти умдаи шеъру шоириаш гоҳе ошкоро ва гоҳе ба ишора сухан кардааст. Аз ҷумла, дар шеъри зайл:

Чу дурпош гардад ба маънӣ забонам,
Расад марҳабо аз замину замонам.
Ба савту навову ба сити маонӣ
Тараббахш рӯҳам, фараҳзой ҷонам.
Хирад дар баҳо нақди ҳастӣ фиристад,
Гуҳарҳои рангин чу зояд зи конам (3).

Метавон ба гумони наздик ба дурустӣ тахмин кард, ки ин пораи шеър оғози яке аз қасидаҳои фахрияи Рӯдакӣ мебошад ва он дар чунин шакли нокомил то замони мо расидааст. Дар пораи мазкур Рӯдакӣ роҷеъ ба ягонагии шаклу мундариҷа ва маъниҳои баланди ашъораш ва бо савту навои мусиқӣ тавъам будани онҳо сухан ба миён оварда, табъи равону саршорашро ба кон ва ашъорашро ба гавҳарҳои рангин монанд кардааст.

Ғайр аз ин, ба рӯҳияи некбинонаи эҷодиёташ, яъне тараннуми хушиҳои зиндагӣ, ки аз мушаххасоти барозандаи шеъри ӯ ва умуман, назми асри Х мебошад, ишорат намуда, мавриди қабули хосу ом қарор гирифтани ашъорашро гӯшзад намудааст. Ҳамзамон ба инҳо агар нек мулоҳиза кунем, сабабҳои танаввӯи ашъору ҳовии афкори ҳаётдӯстона будани онҳоро аз ҳолоти хуррамии ҷисму ҷонаш, яъне зиндагии масарратбори худаш ва авзои мусоиди иҷтимоии рӯзгораш мебинад. Чунин ҳақиқати ҳаётгузаронии Рӯдакӣ ва ҷанбаҳои мутазаккираи шеърҳои ӯро бисёр сарчашманигорон низ ба қайди таҳрир овардаанд.

Дар ҷойи дигар низ Рӯдакӣ дар хусуси шеъри худашро ба нағмаю оҳанг дароварда суруданаш ва дар ин кор истеъдоду малакаи касбӣ доштанашро зикр карда гуфтааст:

Яке тилинг бихоҳам задан ба шеър кунун,
Ки турфа бошад аз шоирони хос тилинг [4].

Ҷойи гуфтан аст, ки дар нусхаҳои чопи тоҷикистонии девони Рӯдакӣ лафзи тилинг дар шакли «таланг» омадааст, ки он аз маъно холӣ аст (аз ҷумла, дар манбаи мавриди истифодаи мо). Дар «Ғиёс-ул-луғот» ва дигар луғатҳо вожаи мазкур бо касратайн ба маънии дафу доира задан ва амсоли он тавзеҳ ва бемаъно будани он бо фатҳатайн (таланг) махсус таъкид шудааст [5].

Бо назардошти гуфтаҳои фавқи шоир мо дар миёни қазоватҳои худи ӯ дар бораи шеъраш ва тазаккуроти соҳибони сарчашмаҳо тавофуқи комилро мебинем.

Дар миёни байтҳои алоҳидаву парешони шоир чунин байте ҳам ҷой дорад ва он машҳур аст:

Аз шоирони наванд манаму навгувора,
Як байти парниён кунам аз санги хора (6).

Имкон дорад, байти мазкур низ матлаи кадом як қасидаи фахрияи Рӯдакӣ бошад, ки мутаассифона, абёти дигари он мафқуд шудаанд. Ба ҳар сурат, дар байти мазкур Рӯдакӣ худро аз миёни шоирон закию доно ва навгувора, яъне навовар муаррифӣ кардааст. Аз мисраи дуюм чунин маънӣ бардоштан ҳам мумкин аст, ки бо шеър хонае бунёд ниҳодам зебою мунаққаш ва он мисли санги хоро мустаҳкаму устувор аст. Ин ҷо андешае пайдо мешавад, ки Фирдавсӣ ҳам шояд бо назаркарде ба чунин абёти Рӯдакӣ байти машҳури худ «Пай афкандам аз назм кохе баланд,-Ки аз боду борон наёбад газанд»- ро дар «Шоҳнома» гуфта бошад.

Чизи гуфтании дигар ин аст, ки Рӯдакӣ принсипи эҷодии худашро дар қасидаи «Модари май» «Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон» эълом доштааст [7]. Ҳамин

ҳукми Рӯдакӣ дар тамоми ашъораш сидқ дорад. Албатта, баъзе калимаю таркибҳои бакорандохтаи ӯ имрӯз дар забони тоҷикӣ матрук шудаанд ва барои дарки онҳо ниёз ба луғатҳо ҳаст. Аммо дар маҷмӯъ, забони Рӯдакӣ содаю табиӣ ва холӣ аз такаллуфу печидагиҳо буда, ҳамзамон дорои мазмунҳои олӣ мебошанд.

Маҳз, мухтассаи мазкурро устод С.Айнӣ дар вақташ ба инобат гирифта, сабки ӯро «саҳли мумтанеъ» номида буд [8]. Шеваи баёни Рӯдакӣ дар айни садагию равонӣ шеърашро ба ҳадде ҷилодор намудааст, ки гоҳо ҳайратангезу мафтункунанда мебошад. Ба ақидаи мо шоир чунин сифати шеърҳояшро асосан, бо офаридани тавсифу ташбеҳу истиора ва ташхису тазод ба вуҷуд овардааст. Дар байни ашъори ӯ ба тасвирҳое вомехӯрем, ки бикру тоза буда, дар даврaҳои баъдӣ ҳам баъзеи онҳо такрор нашудаанд. Ҳамин ҷиҳати ҳунари Рӯдакиро Абдулҳусайни Зарринкӯб ба назари эътибор гирифта, чунин навиштааст: «Ташбеҳоту тавсифоти Рӯдакӣ дар ниҳояти лутфу диққат аст. Ҳеҷ кас ба хубии ӯ бодаро ба ақиқи гудохта ва дандонро ба ситораи саҳарӣ ва қатраи борон монанд накарда буд ва аз ин гуна ташбеҳоти латифи дурахшон дар шеъри ӯ бисёр метавон ёфт» [9].

Вақте аз ҷиҳати эҷоди тасвирҳои тоза ашъори Рӯдакиро аз назар мегузаронем, саҳеҳии фармудаи мазбури А.Зарринкӯб бармало мегардад. Қабл аз овардани мисолҳо таъкид кардан лозим аст, ки Рӯдакӣ ба ҳамаи падидаҳо назари шоирона ва ҳакимона дорад. Ӯ чизҳоеро мебинаду ҳис мекунад ва пешорӯйи хонандаю шунаванда ба ҷилва меорад, ки онҳо кашфҳои бадеӣ ва сохтаҳои ҳунарии худи ӯянд. Дар тасвирҳои ӯ ҳамаи ашёву ҳодисаҳо ва олами табиати атроф зинда ва дар ҳаракат ҳастанд. Чунончи, шоир намои яке аз падидаҳои мавсими баҳорро бо таҳарруки табиияш чунин зиндаю аёнӣ таҷассум кардааст:

Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб.
Наффот барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин маҳиб [10].

Ин ҷо Рӯдакӣ барои нишон додани дигаргуниҳое, ки баҳорон дар осмон ба вуҷуд меояд (раъду барқ, шинокунии абрҳои сиёҳ) аз истилоҳоти ҷангӣ кор мегирад. Аз диди шоиронаи ӯ осмон лашкар оростааст ва он лашкар аз абрҳои тира иборат буда, боди сабо сарлашкар аст. Барқ нафтандозу тундар вазифаи таблзаниро дорад. Шоир аз ин манзараи ҳавлнок дар ҳоли ҳаяҷону ҳайратзадагӣ иброз мекунад, ки лашкари бисёр дидаам, аммо чунин ваҳмангезашро надидаам. Дар идома мегӯяд:

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб [11].

Дар абёти фавқ боридани борон бо гиряи марди сӯгвор ва садои раъд бо нолаи ошиқи ғамзада қиёс карда шудаанд. Барқи дар осмон ҷаҳанда ба ҷавлони тозиёна монанд карда шудааст, ки дар воқеъ, навгувораву хаёлангез мебошад. Чунин ташбеҳотро дар гузашта ташбеҳоти бадеъ меномиданд. Албатта, ин қабил тасвирҳо дили ҳар хонандаро тасхир намуда, ба шӯру шавқ меоранд.

Ҷойи дигар менигорад:

Алам абру тундар буд кӯси ӯ,
Камон одиянда шуду жола тир [12].

Дар ин байт абр ба парчаму тундар ба духул ва рангинкамон (одиянда) ба камону донаҳои жола ба тирҳои он камон монанд карда шудаанд. Ошкоро дида мешавад, ки бо чунин тасвирҳо шеърҳои пейзажии Рӯдакӣ рӯҳияи ҳамосӣ касб кардаанд ва шоир аносири падидаҳои табиатро ба ҳадде пурталотум, зинда, пуршукӯҳ ва дар таҳаррук ба тасвир овардааст, ки ҳиссиёту ҳаяҷони ботинии гӯяндаашро хонанда эҳсос мекунад. Рӯдакӣ аз хилоли чунин ашъораш ба ҳайси шоири вуқӯъгӯй ва суварнигори асили воқеаҳои олами атроф зоҳир мешавад. Ба воқеоту падидаҳои зиндагӣ ва олам ба чашми ибрат менигарад. Ӯ дар объекти тасвир чизҳоеро бебинаду ҳис мекунад, ки онҳо аз назари инсонҳои одӣ мактуманд.

Шоир ҷузъитарин ҳаракату амали ашёву воқеаҳоро дар қиёси ҳам пешорӯйи хонанда ба намоиш мегузорад. Бинобар ин, дар ашъори Рӯдакӣ туғёни эҳсосоти шоиронаро мебинем, вале тасвир дар онҳо фақат ба хотири тасвир нестанд, онҳо ҷанбаи қавии маърифатию эстетикӣ ва тарбиятӣ доранд. Ба ибораи дигар, аҳамияташон дар он аст, ки шоир бо қалами муъҷизаосои худ ҷилваҳои табиатро аз будаш зеботар тасвир мекунад ва бо ин роҳ ба хонанда дар шинохти падидаҳои зебо мадад намуда ва ба онҳо арҷ гузошта тавонистанро меомӯзад.

Назири чунин тасвирҳои ҷолиби шоир дар баёни дигар мавзӯъҳо низ дида мешаванд. Чунончи:

Манам хӯ карда бар бӯсаш чунон, чун боз бар миста,
Чунон бонг орам аз бӯсаш, чунон чун бишканӣ миста [13].13

Тасвирро тамошо кунед, ки шоир ба бӯса задании маъшуқа хӯ гирифтани худро ба тӯъма (миста) омӯхта шудани бози шикорӣ монанд кардаву садои бӯсаҳояшро ба садои шикастани миста шабоҳат додааст. Гумон меравад, ки чунин тасвири аҷиб на дар шоирони то Рӯдакӣ ва на дар сухансароёни баъди ӯ омада дида нашудааст.

Шоир бо гузашти вақт пир шуда, аз байн рафтани таровати ҷавониро ин гуна тасвир кардааст:

Чун барги лола будам в-акнун
Чун себи пажмурида бар овангам [14].1

Аз тавзеҳи луғатҳо маълум мешавад, ки «ованг» чӯбе будааст, ки бар он меваҳоро кашол карда нигоҳ медоранд.

Дар ҷойи дигар, тазоди ҳолоти ҷавонию пириашро чунин ба қалам додааст:

Сарв будему чанд гоҳ баланд,
Кӯж гаштему чун даруна шудем [15].

«Даруна» олати камоншакле буда, ки бо он пахтаро ғоз медодаанд. Ва шоир қомати аз пирӣ хамгаштаи худро ба он монанд кардааст.

Рӯдакӣ дар як рубоияш печонии зулфи маъшуқа ва ҷозибаи онро бо истифода аз тавсифу истиораҳои равшан ва таблиғу таҷнис чунин наққошӣ кардааст:

Зулфат дидам сар аз чамон печида
В-андар гули сурхи арғувон печида.
Дар ҳар банде ҳазор дил дар бандаш,
Дар ҳар пече ҳазор ҷон печида [16].

Дар ҷойи дигар, зулфро дар сифати ошиқ бар рӯйи хуби маъшуқа нишон дода, беқарории онро бо диди дақиқи шоирона дар қиёс ба вазъу ҳолати шефтагии қаҳрамони ғиноии шеър тасвир кардааст:

Бар рухаш зулф ошиқ аст чу ман,
Лоҷарам ҳамчу ман-ш нест қарор.
Ману зулфайни ӯ нагунсорем,
Ӯ чаро бар гул асту ман бар хор [17].

Тавре ки мебинем, ин ҷо шоир бо ташхисонидани образи зулф ҳоли ӯву худро дар як сатҳу дараҷа умумият бахшидааст, вале бо истифода аз санъати таҷоҳули орифу истиора мавқеи худу зулфро дар тазод мушоҳида намуда ва ҳолати бартариро нисбат ба худ дар зулф мебинад, зеро зулф бар рӯйи зебо афтодаасту қаҳрамони лирикӣ бар хори ғам.

Тавре аз таҳлили чанде аз абёти шоир бармеояд, Рӯдакӣ дар тасвири воқеаҳо аз ашёву падидаҳои конкретии муҳити атрофаш дур намеравад ва дар вазъе воқеӣ ин ё он малабро муъҷизакорона ва ҳаяҷонзо ҳусни сурат мебахшад.

Чунин тасвирҳои дақиқназаронаю ҷолиб, ки дар ашъори Рӯдакӣ зиёд дида мешаванд, аз қудрати беназири суханофарӣ ва хаёлпардозии ин шоири бузург дарак медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳодизода Р. Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ / Р Ҳодизода //Рӯдакӣ ва замони ӯ.- Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958.- С. 112-126.
2. Шарифов Х. Нақди шеъри Рӯдакӣ / Х Шарифво // Озурдагон ва умедворон.-Душанбе: Сино, 2004.- С. 3-23.
3. Рӯдакӣ. Девон. Бо кӯшиши Абдуманнони Насруддин.- Хуҷанд: Раҳим Ҷалил.- 1999. – Саҳ 231 (манбаи мазкур минбаъд ихтисоран «Девони Рӯдакӣ» ба қайди таҳрир меояд).
4. Девони Рӯдакӣ.- С. 373.
5. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи А.Нуров.- Душанбе: Адиб, 1987. Ҷ.1.- С. 206.
6. Девони Рӯдакӣ.- С. 306.
7. Ҳамон ҷо. – Саҳ. 236.
8. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.- Москва, 1926.-С. 127.
9. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Рӯдакӣ – шоири рӯшанбин / С Айнӣ// Бо корвони ҳулла.Таҳияи Ш. Шокирзода, Р. Мамадаминзода.- Душанбе: Пайванд, 2004 (с.15-20).- С. 16.
10. Девони Рӯдакӣ.- С. 177.
11. Ҳамон ҷо, ҳамон саҳфа.
12. Ҳамон ҷо.- С. 288.
13. Ҳамон ҷо.- С. 304.
14. Ҳамон ҷо.-С. 296.
15. Ҳамон ҷо.- С. 297.
16. Ҳамон ҷо. С. 269.
17. Ҳамон ҷо.-С. 217.

НОВЫЕ СРАВНЕНИЯ В СТИХОТВОРЕНИЯХ РУДАКИ

Среди прочих художественных фигур, в статье рассматриваются, новые сравнения, искусно созданные великим поэтом Рудаки в его стихотворениях. Некоторые художественные сравнения, которые встречаются в дошедшей до нас поэзии поэта, не наблюдаются как в стихах, творивших до него, так и в творчестве последующих поэтов. Поскольку Рудаки стоял у истоков таджикско-персидской поэзии, и, он сам являлся ее основоположником, все его сравнения являются конкретными, видимыми, исчерпанные у самой жизни и природы. Они отображают эстетические видения этого гениального поэта.

Ключевые слова: Рудаки, чувственное сравнение, новое описание, реалия жизни, эстетическое видение.

THE NEW COMPARISONS IN THE POEMS OF RUDAKI

The article contains a new sense of comparison, erratically created by great poet Rudaki in his poems among feature figures. Some feature comparisons which meets in the poems of poet which came to our days, don t observe as in the poems, created before him, so in the creative activity of other poets. As Rudaki was the founder of Persian poetry, all his comparisons are concrete; visible took from life and nature. They describe esthetical vision of this great poet.

Key words: Rudaki, sense of comparison, new, image, life really, esthetical vision

Сведения об авторе: ***Б. Максудов*** – доктор филологических наук, профессор ТНУ. Телефон**: 919 13 98 19**

ТАРАҚҚӢ АЗ НИГОҲИ ҲУШМАНДОНАИ АҲМАДИ ДОНИШ

Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Аҳмади Дониш, яке аз фозилтарин инсонҳои Бухоро ба шумор мерафт» [1,827]. Ин фарзанди боҳӯш ва хушноми тоҷикон, ба соли 1826м, яъне бист сол пас аз марги Абдулатифи Шуштарӣ ва дар замоне, ки Мирзо Абдулҳасан Элчӣ дар Кисват нахустин вазири хориҷаи Эрон вазифадор буд, дар хонаи Носири Бухорой ба дунё омад [2,3]. Ӯ чордаҳсола буд, ки нахустин талоядорони сипоҳи рус ба соли 1840м аз тариқи Оренбург ба самти Осиёи Миёна гусел шуданд [5,12].

Аҳмади Дониш, фарзанди мулло Носир дар соли 1827 дар як хонаводаи фурӯдаст, дар Бухоро зода шуд. Омӯзиши ибтидоиро назди модараш дид ва дар синни нӯҳсолагӣ ба мадрасаи динӣ ворид шуд, ки дар он ҷо танҳо қироати Қуръон омӯзиш дода мешуд. Аммо ӯ лаҳнати забон дошт ва омӯзишҳои кӯркӯронаи он рӯзгорро ҳам барнаметобид [3,132-133].

Дар соли 1860 Амир Музаффариддин ба тахти Бухоро тақя зад ва то соли 1885 дар Бухоро ҳукмравоӣ кард. Аҳмади саъй кард, ки бо истифода аз вазъи ҷадид, Амири ҷадидро ба арсаи тараққӣ ҳидоят кунад. Вай дар як қасидае, ки ба Амир Музаффар пешкаш карда буд, ӯро тарғиб кард, ки дар дарбор ва давр-бар худ пеш аз ҳама донишмандон, адибон ва ҳунармандонро ҷамъ кунад ва бо машварат ва савобдиди онҳо кори мамлакатро ба пеш барад. Дониш дар ин қасида аз олами дин, табиб, мунҷим, овозхон, мутриб, дабир, шоир, суханвар, … ёд мекунад, ки ҷумлагӣ мебояд дар дарбор ва дастгоҳи давлат ҳузури фаол дошта бошанд. Вай дар бахши поёнии қасида таъкид мекунад, аммо Амири ҷоҳил ва худписанд андешамандон ва мутафакирон ва аз ҷумла Аҳмади Донишро мартабаи пасттаре дод [6,70].

Аҳмади Дониш мадрасаро тарк кард, аммо мустақилона риёзиёт, нуҷум, ҳандаса, фалсафаи исломӣ, таърих, адабиёт, наққошӣ ва ҳаттотӣ омӯхт. Тавоноии Аҳмади Дониш дар наққошӣ ва хушнависӣ саранҷом пои ӯро ба дарбори Амири Бухоро кашонид. Амири Бухоро дар баҳори соли 1850 Аҳмади Донишро ба дарбор даъват мекунад. Вай зери назари маъмури моҳир, нигоргари чирадаст ва хаттоти барҷаста буд, ба омӯзиш ва кор мепардозад. Баъд аз даргузашти устодаш, ӯро ҷонишини устод таъйин карданд ва ҳазор дирам ҳуқуқ барояш муқаррар доштанд [6,144].

Аҳмади Дониш се бор ба Санкт Петербург сафар кард. Нахустин сафари вай дар соли 1857 дар давраи иморати Насруллоҳ (1824-1860) сурат гирифт. Ҳадафи аслии ҳайъат табрик гуфтани тоҷгузории --- Александри II буд. Амири Бухоро Аҳмади Донишро бинобар фаҳму вусъати маълумоташ ба унвони дабири ин ҳайъат гуморид. Ҳайъат ба таърихи нӯҳуми ноябри соли 1857 ба Санкт Петербург ворид шуд ду моҳ дар он ҷо боқӣ монд. Дар ин сафар Аҳмади Дониш аз марказҳои илмӣ, фарҳангӣ ва санъати Санкт Петербург боздид намуд. бо ҷаҳоне мутафовит аз Бухоро ошно шуд ва ба кишваре по ниҳод, ки гом дар роҳи рушди сармоядорӣ гузошта буд. Ӯ низ ҳаммонанди дигар шарқиён дар муқоисаи «худ» бо «дигари» дарк кард. Аҳмади Дониш, гузориши мушоҳидоти худро дар бораи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Русия ҳамроҳ бо машваратҳои худ дар ростои ислоҳоти иҷтимоӣ, идораи

давлат, маъориф, иқтисод ва умури низомӣ дар бозгашт аз Санкт Петербург ба Амир пешкаш кард. Аммо бидуни сабабе, ки Амири Бухоро низ зарурати авзои тараққиро қудрати низомӣ ва санъатӣ медид «Он бахш аз пешниҳодҳои ӯро, ки ба масоили низомӣ ва манофеи иқтисодӣ робита мегирифт пазируфт, вале назариёти ӯро дар мавриди пиёда кардани ислоҳот дар ҳавзаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълиму тарбият ба сурати дарбаст рад кард» [7,79].

Дар нимаи дуввуми садаи нуздаҳум, артиши Русияи тазорӣ боҳуҷуми густурдае ба Осиёи Миёна давлатҳои нотавонро шикаст дод ва саранҷом дар паи суқути Тошканд дар июни соли 1865 то остонаи дарвозаҳои дорулхилофаи Бухоро пеш рафт. «Дар соли 1867 рӯҳониёни муборизи шаҳр аз Амир ҳостанд, ки ё аз мақоми хеш канора гирад ё писари бузургаш ба ҷои ӯ бинишинад ё онгоҳ ҳаким ҷиҳод бо куфори рус диҳад. Амир роҳи дуввумро баргузид ва ба тарафашон лашкар кашид, ки натиҷааш шикасти аморати Бухоро буд. Саранҷом Амир Музаффариддин маҷбур шуд ҳайъати намояндагиро барои имзои қарордоди сулҳ равонаи Санкт Петербург кунад. Ин иқдом дарвоқеъ ба манзалаи таслими бечуну чарое буд, ки Амир барои наҷоти тоҷу тахташ баргузида буд. Аҳмади Дониш низ яке аз аъзои ин ҳайъати сарафканда буд, ки ба Санкт Петербург мерафт [9,425-426]. Дониш ҳамроҳ бо ҳайъати Бухоро ба таърихи сеюми октябри соли 1869 ба Санкт Петербург ворид шуд, то таърихи даҳум декабри ҳамон сол, яъне ду моҳвандӣ дар он ҷо боқӣ мемонад. Аҳмади Дониш ин бор бо зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании мардуми рус бештар ошно мешавад. Ӯ ҳамроҳ бо ҳайъати Бухоро аз мавзеи кишоварзӣ, мавзеи заминшиносӣ, мавзеи роҳҳои муосилотӣ, хазинаи бонки давлатӣ, корхонаҳои шиша ва чиннисозӣ ва корхонаҳои киштисозӣ, апаро ва бола--- ва бархе аз марказҳои илмӣ ва фарҳангии Санкт Петербург боздид кард ва дар маросими бошукӯҳи пардабардорӣ аз муҷассамаи Котрин II ҳузур ёфт.

Ӯ бо Козимбек, мутарҷими вазорати умури хориҷии Русия, ки ба сухани Аҳмади Дониш шахси бисёр фозиле буд, дӯст мешуд ва ба воситаи ӯ бо зиндагӣ, урфу русуми мардуми рус ошноии бештар пайдо мекунад ва аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, шеваи давлатдорӣ ва сохтори давлатии Русия ва ҳамчунин аз таърихи инқилобҳои сиёсии Русия ва Аврупо огоҳии бештар меёбад. Эҳтимолан дар ҳамин сафар бояд бо ташкилоти фаромосунарӣ ё ба қавли худаш «фаромӯшхона» ошноӣ ва иртибот пайдо карда бошад [3,44-58].

Эҳтироме, ки дар Русия нисбат ба Аҳмади Дониш иброз мешуд, муҷиби боло рафтан манзалати ӯ дар назди Амир ва дарбори Бухоро низ шуд. Амир ба Аҳмади Дониш ба поси хадамоташ пешниҳод намуд, ки мансаберо дар идораи давлат ба дӯш гирад. Аммо Аҳмади Дониш ба баҳонаҳои гуногун аз пешниҳоди Амир тафреҳ мерафт.

Савумин сафари Аҳмади Дониш ба Санкт Петербург дар соли 1874 рух дод, ки Амири Бухоро ба муносибати ҷашни русдухтари Александр ҳайъатеро ба роҳбарии Абдулқодири додхоҳ ва муовинати Аҳмади Дониш ба Санкт Петербург фиристод.

Аҳмади Дониш дидаҳо ва шунидаҳояшро аз ин сафар ба замияи «Наводирулвақоеъ» бо унвони «дар сафорати Абдуқодирбой ва аҷоиб ҷашни Русия» оварда аст. Аҳмади Дониш менависа, ки дар баду вуруд «Козимбек ном қафқозе, ки бо муҳаррири ин сутур садоқат ва муҳаббате дошт» [3,86]. Ва дар сафари пешин бо вай ошно шуда буд, ба истиқболаш меояд.

Аҳмади Дониш дар ин сафарнома тасвири дақиқе аз ҷашни русӣ, маҳали баргузории он, ширкаткунандагон, тарзи либоспӯшӣ ва рақси онҳо ба қалам медиҳад ва дар баробари ин ашё ва сохтмонҳоро бо диққат ба тавсиф мегирад.

«Аҳмади Дониш танҳо ба васфи ашё ва сохтмонҳо иктифо намекунад, аз мардумоне, ки мебинад низ тасвире зебо ва ҷондор ба даст медиҳад. Барои мисол аз шеваи либоспӯшиданашон ва бавижа рафтори бонувон ва рақсиданашон бо мардон дар малои ом ва доманҳои баланде, ки мепӯшиданд таваҷҷуҳи Донишро ҷалб мекунад. Аз тирдасту сиркбозон мегӯяд, ки хоса барои саргарм кардани меҳмонон истеҳдом шудаанд ва аз дастаҳои бузург навозандагон (оркестр), ки ҳаракоти онҳоро ҳамроҳӣ мекунанд. Зоҳиран он чи пеш аз ҳама чизҳои дигар ҳайрати Аҳмади Донишро барангехта, ҳузури овозхони фаронсавӣ аст, ба номи Поте, ки ба даъвати шахси тазор аз Париж ба он ҷо омадааст. Дониш ба қадре шефтаи садов а шамоили поте мешавад, ки бедаранг ғазале месарояд ва пешкаши ӯ мекунад» [9,425-426].

Аҳмади Дониш, пеш аз савумин ва охирин сафараш ба Санкт Петербург ба Бухоро бармегардад ва Амир Музаффар бори дигар ӯро ба дарбор фаро мехонад ва барояш мансаби баландеро пешниҳод мекунад. Аммо Аҳмади Дониш дар баробари Амир шарт мегузорад, ки дар сурати тағйир додани тарзи идораи мамлакат ҳозир аст хизмат дар ташкилоти давлатиро бипазирад.

Амир аз нуфӯз ва шуҳрати зиёди Аҳмади Дониш бим дошт, дар паи ин шуд, ки ӯро ҳарчи зудтар на танҳо аз дарбор, балки аз Бухоро дурр кунад. Амир ба наздикони худ мегуфт, ки «ман фалониро бо сафироти давлат ба ҷониби Русия ҳамроҳ кардам, ӯ ба ман насиҳатгар шуд. Минбаъд аз ин ӯро нафиристонам «Аҳмади Дониш дар ҷавоби ӯ гуфта буд:» ман ҳам ба навкарии ин каллахӯрон толиб нестам» [9,41].

Бад ин тартиб, вақте ки пешниҳодҳои Аҳмади Дониш аз тарафи Амири Бухоро рад шуд, вай аз хидмти дарбор даст каши два канора гирифт ва понздаҳ соли боқимондаи умри худро дар берун аз дарбор вақфи талиф ва навиштани осори илмӣ ва адабӣ аз ҷумлаи китоби маъруф «Наводир-ул-вақоеъ» кард, ки яке аз барҷастатарин осори садаи нуздаҳуми Осиёи Миёна аст.

Аҳмади Дониш аз ҳамон сафар ба Санкт Петербург ва дидор аз марокизи санъатӣ, илмӣ ва омӯзишқ ва низомии Русия дар партави муқоисаи «худ» бо «дигари» чун дигар шарқиён, ин пурсиш дар зеҳнаш ҷавона зад, ки чаро мо вопас мондем ва дигарон пеш рафтанд [3,51]. «Сабаб чист, ки ҳама дониш ва фарҳанги махсуси ҳукамои фаранг шуда ва иллат чи ки аз ҳама доноёни мо гаран ва данг? Мо сияҳбахтон магар фарзандони одам нестем?» Ӯ «Наводирулвақоеъ»-ро, ки дарвоқеъ манифести «тараққихоҳии» тоҷикон дар садаи пеш аст, дар посух ба ҳамин пурсиш ба нигориш даровард [3,2-14; 4].

Таҳйири Аҳмади Дониш дар Санкт Петербург, ки ба ннақл аз охирин сатрҳои «ҳикояти абулқосимбӣ ва сафари Русия», гӯвоҳи дигарест аз ҳамон зеҳнияти омехта ба «ваҳшат ва ҳайрат» аст, ки дар ибтидои ин боб дар мавриди эрониён гуфтем.

«Мо ҷамъе даҳон кушода ва чашмҳо боз монда мутаҳайир, ки ин чи ҷост ва куҷо ва ҳоле, мо ки меомадем шаб буд ва ҳаво тира ва нам. Чи шуд, ки алҳол рӯз аст ва офтоб аз фарти чароғдони тамиз шаб аз рӯз намегардид ва гоҳо ангишт ба дида мемолидем, ки оё ин машғала дар олам рӯёи мумсал гашта ва ин аҷубаҳо ва парихона дар хазони хаёл мусавир шуда… мо безабононем ва аз саҳро расида… ва ба русум ва услуби шаҳри шумо, шумо нодонон…

Зи дашти турк меоем ва аз вазъи адаб дурем
Ҷунунӣ гар кунем эй шаҳриён ҳусни маъзурем» [3,80].

Ин тасвирро дар канори ин сухани Аҳмади Дониш беҳтар метавон дарк кард: «Тамоми хоки Туркистон аз Хоразм то Кошғар аз баҳри Омӯ то дарёи Сир тамоми баҳру бар ва кӯҳу ҳомун ва ободӣ ва харобии он ба айни дар сурати хориҷе дар басиратам менамуд…» [3,176].

Барои Аҳмади Дониш низ дигар шарқиён санъат ва технология дар садри падидаҳои тааҷубофарин ва ҳайратзост: «Баъзе аз умури аҷиба ва саноеи ғариба, ки дар фарангистон вар ум ва рус дар ин наздикӣ шайъ ёфта… аз роҳи оҳанӣ ва киштӣ ва аробаи оташӣ ва телеграф ва тӯпу туфанги ҷадид ва низоми оташхона ва намудани аҷубаҳо дар чароғон шаб ва рафтани сад фарсанг роҳ ба бист соат ваа бисёрии асокараванои махсурии тӯп ва ғанбура, ки шарҳи ҷузвиёти ин саноеъро дафтарҳо бояд…» [3,48].

Аммо нукта ин аст, ки ӯ низ дар идомаи ҳамин суханон таъкид мекунад, ки ин тараққӣ ичтиноби нопазирост ва «анқариб диданӣ аст ва ба ҳама билод шуданӣ» [3,48].

Аҳмади Дониш низ қуллаи тараққии дунёи ҷадидро дар сурати муҷассам ва айне он, яъне шаҳрҳои мудерн мебинад ва мегӯяд: «Дар арсаи илм се шаҳр аст. Аввалин Лондон, дуввум Париж, сеюм Петербург, дигар билод ҳукми қаря ва қишлоқ доранд» [3,108].

Аммо роҳи расида ба қуллаи аз нигоҳи Аҳмади Дониш чист? Ӯ низ улгӯии «Пётр»-ро бармегузинад ва ба ҳамин далели саъй мекунад Амири Бухороро ба ислоҳоти тараққихоҳона барангезад… «…султонро гурез набуд, …. Дорулмашвара таъйин куна два ба он раиси қаввӣ мансуб гардонад… амир набояд ҳокими мутлақ бошад. Амир мисли ҳар касс як муздур аст, кор мекунад вам узд мегирад» [8,57-58]. Аҳмади Дониш мехост, ки маҷлиси шӯрои Бухоро роҳандозӣ шавад ва амир дар он ҳузур ёбад ва ин маҷлис дар робита ба корҳои муҳими давлатӣ раъй ва назари худро баён дорад ва баъдан тавассути Амир тасдиқ ва тавшеҳ шавад ва ҳамчунин ҳукумат ва вазоратхона ташкил гардад. Ба иборати дигар корҳои мамлакат на тавассути як фард (Амир), балки аз сӯйи ашхоси масъул ва маъмур иҷро шавад ва салоҳиятҳои беҳад ва ҳасади Амир маҳдуд гардад, сарусомон дар умури давлат ба вуҷуд ояд.

Аҳмади Дониш, пениҳодҳои худро дар рисолаи вижае ҷамъбандӣ ва ба Амир Музаффариддин пешкаш мекунад. Дар ин асар, ки баъдҳо ба номи «рисола дар назми тамаддун ва таовун» номида шуд, сохтори давлатӣ баррасӣ шудааст. Ин рисола дарбаргирандаи як бозбинӣ дар бюрократияи Бухоро буд ваа рӯи таъсиси дастгоҳи давлатӣ бар пояи адолат ва маъориф пофишорӣ меварзид. Рисола дар

воқеияти барномаи ҷиддӣ дигаргунии куллӣ дар ҳавзаҳои асосии идораи давлатии Аморати Бухоро буд.

Аҳмади Дониш дар муқадиммаи ин рисола чунин навишта аст: «…нависандаи ин сатрҳо ба сабаби фазилату бартариҳо ба пеши ходимон ва амирон рафту омад доштам, медидам, ки …дар он ҷо хидмат кардан хаёлӣ душвор буд… боре вақте ки маро ба хидмат талаб карданд. Навиштам, …Агар Султон раъй дошта бошад, ки манн машғулиёти илмии худро тарк карда ба кори идории давлат шавам, лозим аст, ки дар ин давлат низ тартиби маъйини давлатҳои дигар ҷорӣ карда шавад. Азбаски ҷорӣ намудани тартиб дар миёни ҷомеа аз як (яъне манғитиён) бе душворӣ ва ранҷ мумкин нест, ман рисолае менависам, ки аз тартиби давлатдории амирони мамлакатҳои Аврупо иборат бошад. Агар аз рӯи ҳамин кор кунанд ман рӯзе чаҳор-шаш соат омада дар дарбор хидмат мекунам… агар бо ин розӣ набошанд, маро маъзур доранд» [3,13].

Амир, ки барои ҳифзи тоҷу тахташ ҳозир буд ба ҳар коре тан дардиҳад, ба ҷуз коҳиши қудрати худ, пешниҳодҳои Аҳмади Донишро напазируфт ва рад кард.

Дар канори ин равиш, ӯ бо ҳадафи гирифтани низоми омӯзишии Бухоро вақҳи танқид гирифтани рӯҳониён ва девониён ва қозиёни Бухоро по дар роҳе ниҳод, ки баъдҳо дар ҷунбиши ҷадидия ба авҷ расид.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. забони форсӣ бо ҳуруфи кириллӣ.-Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1998. – С. 827. -Ч.2.
2. Расул Ҳодизода ва Носир Зарбахт. Гулчине аз асарҳои Аҳмад Дониш. -Душанбе, 1997, - С. 3.
3. Расул Ҳодизода. Гулчине аз асарҳои Аҳмад Дониш. Нашриёти Дониш. -Душанбе, 1977, - С. 132-133.
4. Расул Ҳодизода . Аҳмади Дониш оғозгари инқилоби фикрии Бухоро// дар фаслномаи Рӯдакӣ шумораи 23, Тоҷикистон 1388, мунташираи тавассути Ройзании фарҳангии ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон.
5. Намоз Ҳотамов. Таърихи халқи тоҷик. -Душанбе.2007. – С.12.
6. Кӯҳиёни Фарҳангӣ. Вежаи фарҳанги Тоҷикистон. -Соли даҳум, обонмоҳ, 1372ҳ. Теҳрон, - С.70.
7. Iraj Bashiri, Prominent Tajik Figures of the Twentieth Century, Dushanbe, 2002, p. 79.
8. Салими Аюбзод. Тоҷикон дар қарни бистум. – Олмон: Нашри Нимо, 2006, - С. 57-58.
9. Тураҷи Атобекӣ. Сафари Аҳмади Дониш ба Санкт Петербург. Арҷномаи Эраҷ. Ҷилди аввал. Интишороти Тӯс. Теҳрон, 1377. – С.425-426

ПРОГРЕССИВНЫЕ ИДЕИ АХМАДА ДОНИША

Ахмад Дониш является родоначальником таджикского просветительства реформатором конца XIX века, который внес огромный вклад в развитие общественно-политической и философской мысли таджикского народа. Ахмад Дониш отразил в своем творчестве самые актуальные философские, социально-политические и этические идеи. Он был не только писателем, дипломатом, астрономом, художником, каллиграфом, но и выдающимся социологом, реформатором и философом своего времени.

Ключевые слова: Ахмад Дониш, таджикское просветительство, реформатор, прогрессивные идеи ахмада Дониша, социально-политические и этические идеи.

PROGRESSIVE IDEAS AHMAD DONISH

Ahmad Donish is the founder of Tajik education reformer of the end of XIX century, who made an enormous contribution to the development of political and philosophical ideas of Tajik people. Ahmad Donish reflected in his work the most relevant philosophical, socio-political and ethical ideas. He was not only a writer, diplomat, astronomer, artist, calligrapher, but prominent sociologist, a reformer and philosopher of his time.

Kev words: Ahmad Donish, Tajik education, reformer, progressive idiomata Donish, socio-political and ethical ideas.

Сведения об авторе: ***Хабибулло Исмоили Хусайн*** - соискательТаджикского национального университета

МАҲОРАТИ СУХАНВАРИИ ҒАФФОР МИРЗО

С. Г. Аҳмадов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа осори назмии Ғаффор Мирзо бою рангин ва дилрабову дилнишин буда, ӯ дар доираи мавзӯоти зиёде бо қаволиби гуногуни шеърӣ хомаронӣ намудааст, вале аз пушти ин ҳама гуногунрангӣ бо ниҳояти қашангӣ мазмунҳои зебову дилрубо ва маъниҳои бикре ҷилвагарӣ менамоянд. «Мазмунофарӣ як хусусияти муҳими эҷодиёти ӯст» [9,129] ва чунонки мушоҳида мегардад, шоир ҳамеша кӯшиш бар он доштааст, ки мазмун ва мундариҷаи навиштаҳои худро ҷолиб ва муассир ба хонанда пешниҳод намояд. Аз ҳамин лиҳоз сужаи аксари шеъру достонҳои ӯро ягон лавҳаи аҷоибу ғароиби зиндагӣ ва ё нақлу ривоятҳои мардумӣ

шакл бахшида, шоир ба василаи ҳунари суханварии хеш ин рӯйдод ва ҳаводисро шоиронаву зебо ва дилпазир нақл менамояд.

Ғаффор Мирзо шоири мушоҳидакор ва дақиқсанҷ буда, ашё ва ё ҳодисаи ҳадафи тасвирро аз ҷойи лозима ва ҷолиб намоиш дода метавонад. Ин хусусияти эҷодиёти ӯ чӣ дар асарҳои хурди лирикӣ ва чӣ дар силсилаашъору достонҳояш ба тариқи равшану возеҳ намудор аст. Ин тарзи тасвир барои фаҳмидани мақсади ниҳоӣ ва ғояи эҷодии нависанда ёрии беназире расонида, хонандаро низ барои хондани идомаи асар ҳавасманд мегардонад.

Тавре ки аз омӯзиши эҷодиёти Ғаффор Мирзо маълум мешавад, ӯ нисбати шеъру шоирӣ саҳлангор набуда, дар ҳар як навиштаи худ кӯшише барои тозагӯйӣ ва мазмунофарӣ доштааст. Ба қавли адабиётшинос Юсуфи Акбарзода «пас аз устод Мирзо Турсунзода Ғаффор Мирзо дуюмин ва бебоктарину собитқадамтарин шоирест, ки дар роҳи ҷасурона ошкор кардани айбу ҷурми ҷиддии шеъри шӯроии тоҷик ва ба маҷрои нав ворид кардани он ҳам тавассути мақолаҳояш ва ҳам тавассути ашъораш хизмати шоиста кардааст» [1, 91].

Ғаффор Мирзо ҳанӯз аз давраи аввали ба ҷодаи шоирӣ по ниҳодан кӯшишҳо барои дарёфти услуб ва тарзи хосаи суханварӣ дошта, ба ин мақсади худ комёб низ гардидааст. Тавре ки аз мушоҳидаву муқоисаҳо маълум мегардад, шеъри ӯ аз лиҳози кушоиши мавзӯъ, тарзи ифода, образнокӣ ва бадеият, муносибати шаклу мазмун ва муҷаррадбаёниву ҳадафрасӣ аз ашъори аксари шоирони ҳамзамон дар пояи баландтаре қарор гирифтааст. Ғаффор Мирзо дар мақолаҳои худ аз шоир меҳнати фидокоронаи эҷодиро талаб дошт ва худ низ аз рӯйи ҳамин дастур амал менамуд ва ҳамеша аз шеъри осон ва берӯҳу бечон гуфтан парҳез дошт. Ба ақидаи ӯ «шоире, ки симои алоҳида надорад, шоир нест» [7, 107] ва барои ёфтани ин симои хоса ӯ аз тақлиди куркурона ва такрори тасвиру тавсифҳои кӯҳнаву обшӯста ва белатофат ҳазар намудану дар пайи дарёфти маъниҳои наву тоза, тасвирҳои ҷолибу хушнамо ва баёни ҳадафрасу хотирмон буданро лозим медонист.

Ашъори Ғаффор Мирзо саршори лутфҳои зебои шоирона, маъниҳои амиқу дақиқ ва мазмуну мундариҷаи ҷолибу ҷаззоб буда, дар аксари маврид шаклу мазмун ба ҳамдигар созгору ҳамоҳанг ва муносибу мувофиқ воқеъ гардидаанд. Чунонки пештар зикр гардид, Ғаффор Мирзо аслан, шоири тозагӯ ва маъниофар аст ва дар ҳар як навиштаи ӯ ин махсусият эҳсос мегардад. Шоир барои зебову дилпазир баён намудани афкори худ ва ба таври ҷолибу назарписанд ҷилва додани «арӯсони маънӣ» аз восита ва тарзҳои баён ба таври фаровон истифода бурдааст. Дар ашъори ӯ санъатҳои гуногуни бадеӣ – чӣ лафзиву чӣ маънавӣ, аз қабили тавсифу ташбеҳ, маҷозу истиора, тазоду таҷнис, муродиф, ҷамъу тафриқ, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, ташхису талмеҳ, тарсеу тамсил ва ғайруҳу вомехӯранд. Дар баробари истифода аз ин санъатҳои бадеӣ Ғаффор Мирзо дар ашъори худ ба таносуби калом, яъне муносибати маъноии калимоти шеър диққати зиёде медиҳад.

Барои мисол дар шеъри «Маҷнунбед» (1956) тасвири зебову шоиронаи ин дарахт ба чашм мерасад. Дар ин шеър ашёи ҳадафи тасвир дарахтест, ки мо борҳо бо ҳамон «мӯйи парешон» -у шохаҳо ва ё «дастҳои ба поён овезон» -аш онро дидаем, вале дар бораи чаро ин гуна ном доштанаш ё фикре накардаем ва ё фикр карда бошем ҳам монандиву шабоҳате байни ин дарахту Маҷнуни афсонавӣ ҷӯстаем. Вале Ғаффор Мирзо дар шеъри худ исрор менамояд, ки ин дарахт на ба Маҷнун, балки ба маъшуқаи ӯ Лайло шабоҳат дорад ва барои исботи ин иддаои худ афсонаи зебову дилнишине нақл мекунад:

Гӯё, ҳангоме ки Маҷнун дар биёбони Араб аз фироқи Лайло хун мегирист, ҳамеша сурати Лайло бо чеҳраи ҳазину мӯйи нобофта ва дастони аз ноилоҷӣ ба поин афкандаи ӯ дар пеши назараш буд. Аз косаҳои чашми Маҷнун, ки мамлуи ин тасвири хаёлӣ гардида буданд, ба хоки биёбон ашкдонаҳои омехта бо сурати Лайло мерехтанд ва дар ҷавоби ишқи бениҳояти Маҷнун аз ин донаҳои ашк дарахте ба сурати Лайло рӯста, дар биёбони гарму хушк соябони сари Маҷнун мегардад:

Ашки ӯ дар ёд, дар чашмони ӯ,
Дар нишемангоҳи он акси ҳазин
Бо худи Лайло шуда омехта,
Баъд меафтид дар рӯйи замин
Ашки Маҷнун дар биёбон сабз шуд,
Шарфаи сабзи варо бишнид ӯ.
Сар ки боло кард, маҷнунбед дид,
Сурати Лайлои худро дид ӯ:
Мӯйи чун рӯзи азо нобофта,
Бар сари китфаш парешони варо,

Қомати мавзун, рӯҳи маҳзуни ӯ,
Ноилоҷ афканда дастони варо.
Дар сари Маҷнун ҳамоил кард мӯ,
Дар биёбон сояаш афканд он.
Ҳеҷ маҷнунбед маҷнунбед нест,
Сурати Лайлост, мегӯянд он (3,76).

Воқеан, ин мазмун ниҳоят ҷаззобу дилнишин буда, ба василаи тасвироти ҳунармандонаи шоир як манзараи ғамангезу муассире аз ишқу вафодорӣ ва муҳаббату садоқат дар пеши назар ҷилвагар мешавад.

Шеър бар замми бо санъатҳои гуногуни бадеӣ ороста будан аз ҷиҳати таносуби калом низ пурра ва мукаммал аст. Азбаски узви қабулкунандаи тасвир чашм аст ва ба василаи он тасвири мақбул ба хотира роҳ ёфта, нақш мебандад ва ҳангоми ба хаёл овардан гӯё ин акс аз нав дар пеши назар ҷилвагар мешавад, бо ашки чашмон омехта гардидани он мувофиқи таносуби калом аст. Гузашта аз ин, донаҳои ашк, ки ҳам шабоҳат ба дона (тухмии кориданӣ) ва ҳам муносибат бо об доранд, бо дарахту сабзаву биёбони хушк низ алоқамандии пурқуввати маъноӣ дошта, ҳамаи ин калимот дар якҷоягӣ барои офаридани тасвири аҷоибу дилписанде восита гардидаанд. Танҳо аз ҳамин мисол то чӣ андоза бою рангин ва ақлрасу дилнишин будани тахайюли шоиронаи Ғаффор Мирзо муайян мегардад.

Шоири тавоно ва адабиётшиноси хушсалиқа устод Аскар Ҳаким дар «Сухан ва образ» ном мақолаи ба илми бадеъ бахшидааш мавқеи тасвирро дар эҷодиёти шоирони соҳибноми нимаи дуюми асри бисти адабиёти тоҷик таҳлилу таҳқиқ намуда, дар бораи тасвироти шоиронаи Ғаффор Мирзо чунин мегӯяд: «Тасвирҳои ӯ аксаран даъвои нигориши зебоӣ надоранд ва ба воқеият ва ашёи ҳадафи тасвир бештар айният дошта, аз ҷиҳати маънӣ амиқанд. Ӯ барои дар тасвири одӣ ғунҷоиш додани маънои амиқ мекӯшад ва аз ҳамин сабаб бисёри ташбеҳу истиораҳои ӯ хусусияти тавсифӣ надошта, монандии ашёро ифода мекунанд» (8, 104).

Аскар Ҳаким барои исботи гуфтаҳои худ шеърҳои «Афсонаҳои сангӣ», «Ду ҳайкал», «Маҷнунбед» ва «Шаршараи Восеъ»-и Ғаффор Мирзоро мисол оварда, аз миёни ин манзумаҳо шеъри «Афсонаҳои сангӣ» - ро муфассалтар таҳлил менамояд. Бешак, ин манзума яке аз беҳтарин шеърҳои айёми ҷавонии шоир буда, дар он шаклу мазмун ба ҳамдигар мувофиқ ва созгор афтодаанд. Бар замми ин, дар шеъри мазкур қудрати тасвиркорӣ ва навгӯиву тозапардозии Ғаффор Мирзо хеле равшан мушоҳида мешавад.

Ғаффор Мирзо дар банди аввали шеър яку якбора ба тасвири кӯҳистони тоҷик напардохта, барои таъкиди камҳудудии Тоҷикистон сараввал сарзамини нопайдоканори Русро ба хотир меорад, ки дар он даштҳову ҷангалзори беҳисоб бемалол доман паҳн намудаанд ва баръакси ин рафоҳияту паҳноварии сарзамини рус дар хоки тоҷик кӯҳу теппаҳо имкони доман паҳн кардан наёфта, боло ба болои ҳам ҷо гирифтаанд. Яъне, шоир барои мушаххастар намудани ашёи ҳадафи тасвир аз санъати тазоду муқобала истифода бурдааст:

Дар Россия ба тамкину тартиб
Дашт аз пушти дашт гардад сар,
Лек дар хоки тоҷикон ҳар кӯҳ
Бетакаллуф савори кӯҳи дигар (3,64).

Дар банди дуюми шеър Ғаффор Мирзо ташбеҳи муносибе барои тасвири бузургиву шаҳомати кӯҳсори Тоҷикистон ёфтанӣ шуда, ба асотири Юнони қадим мурочиат мекунад. Мувофиқи яке аз ривоятҳои қадимаи юнонӣ ҳангоми ҷанги худои ҷавон – Зевс ба муқобили падари бераҳму золимаш – Крон бузургҷуссаҳои афсонавӣ – гигантҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, иддае аз тарафи Зевс ва иддае аз ҷониби падари ӯ ҷанг мекарданд. Зевс падарашро мағлуб мекунад, вале ҷанги гигантҳо поён намеёбад ва онҳо харобкориро давом медиҳанд. Зевс бузургҷуссаҳои саркашро бо дуову тилисм ба санг мубаддал мегардонад.

Шоир ба василаи санъати талмеҳ аз ҳамин ривоят истифода бурда, кӯҳҳои Тоҷикистонро ба гигантҳои азимҷуссаи афсонаҳои юнонӣ монанд кардааст, ки ҳангоми ҷанг бо тилисму ҷодуи Зевс ба санг табдил ёфтаанд:

Кас гумон мекунад, ки ин кӯҳҳо
Ҳама гиганти неку бад будаанд,
Айни гармии ҳарбу зарб онҳо
Бо дуову тилисм кӯҳ шудаанд (3,64).

Дар банди савум шоир ба тасвири ҷузъии кӯҳистон мегузарад ва оби чашмаи ба поён сарозерро тавсиф мекунад. Оби ин чашма дар назари аввал ба обҳои муқаррарӣ монанд аст, вале ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб ба худ ранги сурх мегирад. Ба қавли

устод Аскар Ҳаким, «оби одии чашма дар лаҳзаи дигар дида мешавад, ки сифат, хусусият ва рангаш бештар намудор мегардад ва дар нури лолагуни шафақ ба хуни дил шабоҳат пайдо карда, ба ҷуз хизмати тасвирро адо карданаш бори ифодаи маъноро низ мекашад ва ишорае ба гузаштаи халқи тоҷик ва хун гиристанҳои ӯ мешавад» [8, 104]:

Мана аз қалби паҳлавонкӯҳе
Оби одии чашма мешорад,
Лек дар нури лолагуни шафақ
Хуни дилро ба ёд меорад (3, 64).

Шоир тасвири ҷузъии кӯҳистонро давом медиҳад ва ба тавсифи кӯҳпорае мепардозад, ки дар шафати кӯҳи бузург базӯр намоён аст. Ғаффор Мирзо барои ин кӯҳпора ташбеҳи тоза ва муносибе ёфта, онро ба кӯдаке монанд мекунад, ки аз чизе тарсида, сари худро ба домани модар пинҳон намудааст. Ин тасвир тавре ки дида мешавад, бар замми наву нодир будан ба воқеият хеле наздик ва тасаввурпазир аст:

Онтарафтар ба кӯҳи муҳташаме
Кӯҳпора намуда пинҳон сар,
Ҳамчу тифле давида аз тарсаш
Гашта пинҳон ба синаи модар (3, 64).

Дар банди охир шоир фикрҳои дар боло гуфтаи худро як навъ хулоса намуда, тасвири намоди «кӯҳ»-ро ба охир расонидан хостааст. Дар ин банд ӯ кӯҳистони ҳазорон сол побарҷойро ба афсона ва афсонагӯйи сангӣ ва ҳарфи тасвирии азиме монанд мекунад, ки аз гузашта ба имрӯзу оянда пайғом меорад:

Ҳар яки он фасонаи сангист,
Ровии сангии қадиме ҳаст.
Бо аҷибу ғариб шамоили худ
Ҳарфи тасвирии азиме ҳаст (3, 64).

Тавре ки мушоҳида мешавад, тасвироти шоир на танҳо пурмаънову ҳадафрас ва тозаву бикр, балки хеле зебову шоиронаанд. Барои исботи ин иддао аз ашъори Ғаффор Мирзо даҳҳо мисол метавон овард, вале мо ба иллати кӯтоҳии домани рисола ва паҳноварии мавзӯъ ба овардани якчандтои он иктифо мекунем.

Шоир дар китоби чоруми достони «366 паҳлӯ» дамидани субҳро чунин тасвир намудааст:

Гӯё дараҳо шуданд лабрез
Аз шуълаи меҳр дар Бадахшон,
К-аз теғаи кӯҳ субҳ чун шир
Сар рафту бирехт рӯйи Хатлон (4, 238).

Яъне, хаму дараҳои кӯҳсори Бадахшон мамлуи нурҳои офтоб гардида, ба косаи пури шир монанд шуданд ва чунонки шир сар рафта, ба поён мешорад, нурҳои офтоб аз қуллаи кӯҳ бадар шуда, ба ҳар тараф паҳну парешон шуданд ва ҳама ҷо сафеду равшан гардид. Дар ин мисраъҳо шоир мушобеҳоти субҳу ширро истифода кардааст, вале азбаски ин ташбеҳ наву тоза нест, ба он рангу бори тоза бахшидан хоста, дамидани субҳро ба сар рафтани шир монанд кардааст, ки бешак наву нодир ва ақлрасу ҳаётист.

Дар достони «Тоҷи давлат» тасвири ҳамин лаҳза, яъне дамидани субҳ дигаргуна, вале ба ҳамин андоза зебову шоирона сурат гирифтааст:

Шаб хаймаи ихтиёр ғун кард,
Субҳ аз паси кӯҳ сар бурун кард.
Аз кӯҳ базӯр мегузашт он,
Аммо басурур мегузашт он.
Дар ҳар сари санги кӯҳи хора
Шуд домани субҳ пора-пора (3, 117).

Дар ин порча санъати ташхис истифода шуда, субҳи навдамида, ки ҳанӯз бо тирагии шаб олудааст, ба сурати дилбари зебову нозанин ва сафедандоме тасвир ёфтааст, ки пироҳане аз ҳарири сиёҳ ба бар дорад ва ин пироҳан сафедии андоми ӯро то андозае пинҳон медорад. Вале ин пироҳани нигори нозанин ҳангоми аз кӯҳ поён омадани ӯ ба сангпараҳо андармон шуда, фуру мерезад ва субҳ бо тамоми назокату зебоии худ ҷилвагар мешавад.

Муболиға аз ҷумлаи он санъатҳои маънавист, ки ба ҳусни баён афзуда, сабабгори ҷаззобият ва муассирии асари бадеӣ мегардад. Муболиғаро устод Турақул Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» чунин тавсиф намудааст: «Гоҳо нависанда дар тасвири чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад,…ки ин ҳолати тасвир муболиға ном дорад» [2,65]. Муҳимтарин хусусияти ин санъат дар он аст, ки адиб ҳангоми сухани муболиғанок гуфтан ҳеҷ гоҳ айни

ҳақиқат будани онро таъкид карданӣ нест, балки мақсади аслии ӯ гӯшзад намудани бузургиву хурдӣ ва ё зиёдиву камии чизе, аломате ва ё ҳодисае мебошад.

Муболиға дар асарҳои манзуми Ғаффор Мирзо мавқеи намоён дошта, шоир ба хотири ҷаззобият ва муассирии гуфтори худ аз ин санъати бадеӣ ба таври кофӣ истифода бурдааст. Вале аксари вақт шоир муболиғаро дар ҳадди эътидол кор фармуда, барои ба иғроқу ғулув наздик шудани он кӯшиш накардааст. Ба ҳамин хотир, гуфтори муболиғаомези ӯ ба ҳақиқати воқеӣ наздикӣ дошта, ақлрас ва заминианд. Масалан, дар порчаи зерини достони «Асрор» шоир барои ифода намудани шодмонии зиёд ба муболиға роҳ додааст, ки аз ғайривоқеӣ будан ба воқеият наздиктар аст:

Чи сон дар умр азиз аст он нафас, ки
Даме аз шодмонӣ танг ояд,
Занад дил ончунон сахту башасте,
Ки қарсоқаси сандуқаш барояд (5, 60).

Нафасгир шудани одам аз ниҳояти шодӣ ва аз шавқу шури зиёда сандуқи синаро муштборон кардани дил (ҳатто то баромадани қарсоқарси қафаси сина) ба ҳақиқат наздик ва боварибахшанд.

Ба ҳамин монанд дар шеъри «Соли хуб омад» тасвири муболиғаомезе ҷой дорад, ки ақлрасу ҳаётӣ ва бар замми ин наву нодир ва зебову дилнишин аст:

Соли хуб омад,
ягон нонаш ба дастархон намеғунҷад,
Шодияш дар синаи дарёдилон осон намеғунҷад (3,297).

Шоир дар ин порча барои ифода намудани хубӣ ва фаровонии сол ба муболиға роҳ додаст, вале ин тасвир он қадар самимӣ, боварибахш ва ба зиндагии харрӯза олуда аст, ки муболиғаомез будани он эҳсос намегардад.

Тавре ки гуфтем, муболиғоти ашъори шоир ба монанди дигар санъатҳои бадеии истифодакардаи ӯ тозаву бикр ва зебову шоиронаанд. Масалан дар шеъри «Кӯҳи Чилдухтарон» шоир барои ифодаи чӯқӯрӣ ва ваҳмангезу тарсовар будани ғор чунин муболиғаро раво дидааст:

Нимрӯзист, лек аз ин ғор
Ними рӯз аслан офтоб парад,
Доим аз ин чуқурии бетаг
Ӯ зи тарсаш ҷаҳида мегузарад (5, 18).

Яъне ин ғор ба андозае амиқу ваҳмангез аст, ки ҳатто офтоби нисфирӯзӣ аз тарс ба таги он нигоҳ накарда, аз он парида мегузарад ва ҳаво зуд торик мешавад.

Дар шеърпораи дигар Ғаффор Мирзо хурсандии бениҳояти мардумро бо гуфтори муболиғаомез, вале зебову шоирона чунин тасвир намудааст:

Ҳар лаҳза мавҷи ханда
дар шифт банд мешуд,
Ҳар лаҳза боми хона
пастобаланд мешуд (4,146).

Тасвироти муболиғаомези шоир аксари вақт бо санъатҳои бадеии дигар якҷо омада, ба ҳусни гуфтор ва муассириву дилнишинии ашъори ӯ афзудаанд. Масалан, дар порчаи зер дар баробари муболиға санъати ташхис низ ҷой дорад:

Бо камоли кунҷкобӣ теппаҳо
Ҳамдигарро тела медоданду бар,
Зудтар, наздиктар бинанд, кист
Соҳиби ин нағмаи ширу шаккар (4,104).

Яъне, кӯҳу теппаҳо ба монанди гурӯҳи одамоне, ки барои наздиктару беҳтар дидани чизе байни ҳам талош доранд, барои хубтар дидани симои ҷавонон ва беҳтар шунидани овози мардона ва дилнишини онҳо аз ҳамдигар пешӣ меҷӯянд. Тавре ки дида мешавад, дар ин порча низ тасвири тозаву бикр лутфи зебои шоиронаеро ба миён овардааст.

Дар осори манзуми Ғаффор Мирзо намудҳои гуногуни санъати ташбеҳ низ ба таври фаровон истифода шуда, ба ҳусни гуфтор ва ҷаззобии ашъори ӯ афзудаанд. Чунонки дар мисолҳои боло дидем, ҳангоми тасвири чизе, рӯйдоде ва ё манзарае шоир аз ин санъат дар якҷоягӣ бо санъатҳои дигар истифода мебарад. Бояд гуфт, ки аксари ташбеҳоти шоир ниҳоят ҳунармандона гуфта шуда, бар замми наву тоза ва ногуфта будан, ақлрас ва боваркарданианд. Барои мисол дар порчаи зерин Ғаффор Мирзо наъра задании раъдро ба якбора санг холӣ кардани мошинҳои зиёди боркаш монанд мекунад, ки ба воқеият наздикӣ дорад. Яъне, ин ду ҳодиса новобаста ба дигаргунии мазмун ва моҳияташон аз бисёр ҷиҳат, хусусан тарзи баргузориашон, ба ҳамдигар монанданд:

Бизад як бори дигар раъд наъра
Дусад дафъа баҳайбаттар зи аввал,
Ки гӯё санг холӣ кард ногаҳ
Яку якбора як милён самасвал (6, 21).

Ташбеҳи дар ин порча ҷойдошта ташбеҳи мураккаб буда, байти дувум ташбеҳкунанда ва байти аввал ташбеҳшаванда мебошад ва калимаи «гӯё» ҳамчун одоти ташбеҳ ин ду байтро ба ҳамдигар вобаста гардонидааст.

Мисоли дигар барои санъати ташбеҳ:
Бар гули рухсораҳои духтарак,
Барқ зад шарми латиф ранги шаҳоб,
Барги гул ин тавр механдад саҳар
Аз расиданҳои нури офтоб (4, 109).

Ин порча низ дорои ташбеҳи мураккаб буда, дар байти аввал ҳолати аз шарм сурх шудани рухсори духтарак тасвир ёфтааст, дар байти сонӣ бошад, ҳамин ҳолат ба шукуфтан ва муаттар гардидани гул аз навозиши офтоби саҳарӣ монанд карда шудааст.

Гоҳо ташбеҳоти шоир на ба зоҳири чизҳо, балки ба ҳолати онҳо вобаста аст. Ба ҳамин хотир баъзан, онҳо ғайриодӣ ва аҷиб метобанд. Барои мисол дар достони «Фарзанди ҳукумат» чунин як порчае ҷо дорад:

Дили Асрор мисли он кучукча,
К-аз одам шаттаи бисёр хӯрдаст,
Вале донад, ҷуз одам соҳибаш нест,
Ба ӯ дил бастаасту тан супурдаст.

Зи гармии навозишҳои модар
Кучукча як паропар кард оғоз,
Ки гар сандуқи дил маҳкам намебуд,
Қанотак мезаду мекард парвоз (6, 52).

Шояд, дар назари аввал ин шабоҳат (шабоҳати кучукча ба дил) аҷиб ва ғайриодӣ намояд ва хонанда ҳайрон шавад, ки дилро ба кучукча чӣ муносибате? Вале агар мо лаҳзае ҳолати қаҳрамони марказии достон, ҷараёни зиндагии ӯ, кӯдакиҳову дарбадарӣ ва хориву зории ӯ ва ниҳоят бовариву эътимоди ӯро ба оянда ва ба одамон пеши назар орем ва дар баробари ин ба хотир дошта бошем, ки саг ҳам дар адабиёти бадеӣ ва ҳам дар забони халқ тимсоли вафодорист ва ягона ҷонварест, ки бо андак навозишу дӯстдорӣ тамоми ранҷу алами аз инсон дидаашро фаромӯш мекунад, байни ин ду образ, яъне «дили бекинаи Асрор» ва «кучукча» таносуб ва шабоҳати бениҳояти маъноиро эҳсос менамоем.

Аз тарафи дигар, тавре ки гуфтем, ин монандкунӣ ба ҳолати қаҳрамон ва ба дараҷаи фаҳмишу ҷаҳонбинии ӯ вобастааст. Шоир метавонист, дили Асрори наврасро ба осмони пурабре, ки бо шарофати офтоб (навозиши модар) равшан ва беғубор мешавад, монанд кунад, вале ин ташбеҳ ҳам куҳнаву обшуста мебуд ва ҳам ҷаззобату аҷобати ташбеҳи пешинро намедошт ва ҳам азбаски ба ҳолати қаҳрамон вобаста нест, сохта ва ғайритабиӣ менамуд.

Дар банди дувуми порчаи боло калимаи «кучукча» акнун на ҳамчун ташбеҳ, балки ҳамчун истиораи «дил» хизмат менамояд ва инчунин ба василаи санъати муболиға ба он сифати «парвоз кардан» низ мансуб дониста шудааст, ки иқдом тозагиву аҷобати фикрро як ба дах афзуда, порчаи шеъриро хонданбобу шуниданӣ гардонидааст.

Ҳамин тавр, ашъори Ғаффор Мирзо оростаи санъатҳои гуногуни бадеӣ буда, ин саноеъ ба ҳусни гуфтор ва назокату фасоҳати ашъори ӯ афзудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист/ Ю. Акбарзода // Садои Шарқ – 2011 - № 1 – саҳ. 88 – 114.
2. Зеҳнӣ Т. Санъати Сухан / Т. Зеҳнӣ.- Душанбе: Ирфон, 1978. – 323 с.
3. Мирзо Ғ. Ашъори мунтахаб /Ғ Мирзо. –. - Душанбе: Ирфон, 1979.-Ҷ.1.-352 с.
4. Мирзо Ғ. Ашъори мунтахаб /Ғ. Мирзо. - Душанбе: Ирфон, 1980. -Ҷ.2– 296 с.
5. Мирзо Ғ. Асрор / Ғ. Мирзо. -Сталинобод: НДТ, 1957. – 156 с.
6. Мирзо Ғ. Фарзанди ҳукумат /Ғ. Мирзо. -Душанбе: Маориф, 1985. – 240 с.
7. Мирзо Ғ. Баъзе мулоҳизаҳо дар масъалаи назм / Ғ Мирзо // Шарқи сурх – 1954. - № 4 – саҳ. 84 – 109.
8. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А Ҳакимов. -Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
9. Шукуров М. Дар хусуси достони «Тоҷи давлат» - и Ғаффор Мирзо / М Шукуров // Шарқи сурх. – 1958. - № 1. – саҳ. 120 – 128.

ПОЭТИЧЕСКОЕ МАСТЕРСТВО ГАФФОРА МИРЗО

Гаффор Мирзо – один из выдающихся таджикских поэтов советского периода, который оставил яркий след в развитии таджикской литературы. В данной статье автор даёт представление о важнейших художественных приёмах произведений Гаффора Мирзо.

Ключевые слова: творчество Гаффора Мирзо, особенности поэтики, художественный приём, поэтическое мастерство.

POETIC SKILL MIRZO GAFFORA

Gaffor Mirzo – one of the prominent Tajik poets of the Soviet period, which left bright trace in the development of Tajik literature. In this article author gives you an idea of the CJSC art receptions of Gaffora Mirzo.

Key words: creativitiy Gaffora Mirzo, features poetru, artistic, poetic skill.

Сведения об авторе: ***С. Г. Ахмадов***- аспирант КТГУ им.Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 988 -15-75-81.**

НЕСКОЛЬКО ЛИТЕРАТУРНЫХ ШТРИХОВ К ПОЛИТИЧЕСКОМУ ПОРТРЕТУ БУИДОВ

Х.А. Махсудов
Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода

Эпоха, в продолжение которой столицей арабского халифата – Багдадом правили Буиды, в истории арабского халифата своей стабильностью не выделяется, скорее мы располагаем достаточными основаниями, чтобы охарактеризовать ее как смутную во многих отношениях: политическом, экономическом, социальном.

В Таджикистане проживало много русскоязычного населения, в связи с тем назрело время организации печати на русском языке. Первый номер газеты «Советский Таджикистан» вышел 7 ноября 1925 года. Первым редактором ее был Абрам Борисович Ромов. Однако, как пишет нынешний редактор «Народной газеты» (продолжатель эстафеты «Советский Таджикистан» и «Коммунист Таджикистана») В Воробьев, «Ромову не удалось наладить постоянный выпуск газеты» [24,57]. И.Усманов, Д.Давронов так же констатируют, что «… в течение первых трех месяцев вышли всего пять номеров газеты... 3 октября 1927 года облбюро партии приняло постановление и приостановило издание газеты.[17,84]. Последующее издание газеты «Советский Таджикистан» начинается с 7 ноября 1929 года, когда её возглавил бывший сотрудник «Правды Востока» Арон Маркович Глуховский. До приезда в Душанбе Глуховский работал редактором газеты «Комсомолец Востока», издававшейся в Ташкенте. Коллектив редакции «Советский Таджикистан» делал все возможное, чтобы донести важнейшие события эпохи до широких масс народа.

Таким образом, только в 1931 г. в 13 районах было организовано бюро корреспондентов, число штатных работников, постоянно связанных с редакциями, достигло 100. В сентябре 1931 в г. Сталинабаде прошел съезд рабселькоров, в котором участвовали 285 человек – таджикоязычные рабселькоры, приехавшие не только из городов и районов республики, но из многих городов и сел таджикоязычных регионов Средней Азии.. Рабселькоровское движение стало активным участником строительства нового общества.

Как показывает практика, замена алфавита (арабского на латинский, латинского на кириллицу) действительно была беспрецедентной для культуры нашего народа. Вокруг этого вопроса разгорелась большая дискуссия, в ней участвовало болшое количество специалистов, политиков, публицистов, писателей, лингвистов и др. В полемике высказали свою позицию выдающиеся деятели культуры, представители многих национальных республик, хорошо осведомленные в истории таджикского народа. Так, С. Айни в статьях «Масъалаи таърихи» («Исторический вопрос») и «Забони точики» («Таджикский язык») последовательно поддерживал изменения в нашей новой письменности. Он выразил уверенность, что эти нововведения ускорят темпы культурной революции.[9,6].

Следует отметить, что инициаторами перехода на латинский алфавит были азербайджанцы[4]. Эту инициативу поддержали другие народы, особенно тюркоязычные.

В 1926 году в г. Баку состоялся общетюркский съезд, посвященный латинскому алфавиту. В его работе также участвовали представители народов Кавказа и иранских народностей.

В 20-е годы началась кампания по переходу на латинскую письменность в Таджикистане. Простой труженик должен был быстрее стать грамотным. Латинский алфавит казался очень легким по сравнению с арабской письменностью. ЦИК, СНК Таджикской АССР на своём заседании от 15 апреля 1928 принял решение о введении нового алфавита [5].

Таким образом, хотя и в прошлом, и в наше время о причинах изменения алфавита в средствах массовой информации было и есть множество мнений, можно констатировать следующее:

1.История человечества знает много алфавитов. Они возникли в связи с требованием времени, социально - политическими условиями политикой правителей и, естественно, благодаря наличию грамотного населения. Переход таджикского народа на другой алфавит в этом плане не является исключением.

2.Правда и то, что арабский алфавит является письменностью наших предков. На этом письме нашли воплощение все исторические, эстетические, нравственные и духовные ценности нашего народа. Однако трудности изучения арабского алфавита не только признаны специалистами, издателями, читателями, но и самими творцами. Известны факты, что в течение 8-10 лет учащиеся занимались только изучением законов правописания. Основной причиной замены арабской графики на латинскую, на наш взгляд, является то, что ее достаточно трудно изучать.

3.Переход от латинского алфавита к кириллице был продолжением политики коммунистической партии, советской власти, которая стремилась к единообразию всех советских народов и национальностей. Кроме того, надо признаться в том, что на пути к достижению высокой цели – гуманизму, освоению общечеловеческой культуры - это было попыткой присоединения к общему процессу взаимопознания. Кроме нескольких национальностей (грузин, армян и некоторых других) большинство советских народов приняли кириллицу. Следовательно, принятие этой письменности можно считать прогрессивным, перспективным актом.

В 1933-1934 учебном году все школы республики осуществляли свою деятельность на основании утвержденной программы 1932-1933 годов, что принесло впоследствии хороший результат. Важную роль в дальнейшем развитии строительства школ, хозяйственных и культурных учреждений сыграло постановление Совета народных комиссаров Советского Союза и ЦК ВКП (б) «О мерах развития хозяйства и культуры Таджикской ССР» в апреле 1935 года.

В 1935 году за счет резервного фонда советского Правительства средства на строительство школ в Таджикской ССР были увеличены на 5 млн. рублей [6].

В первые годы второй пятилетки в республике работало всего 382 клуба, из которых 210 были женские. В конце пятилетки количество клубов достигло 512, из них 434 были расположены в кишлаках [22,32].

За короткое время клубы были построены в таких городах и районах, как Ленинабад, Исфара, Шуроб, Пенджикент, Регар, Нов, Файзабад, Гиссар, Куляб, Ура - Тюбе. К концу 40-х годов в Таджикистане уже было 512 подобных учреждений, что по сравнению с предыдущим периодом в количественном плане было на 12% больше.

В системе культурно- просветительных учреждений красные чайханы занимали основное место. Первые красные чайханы были созданы в Худжанде в первой половине 20-х годов. До образования Таджикской АССР в Худжанде было более 20 чайхан. В 1924 г. в ТАССР насчитывалось всего 7 чайхан. Правительство уделяло особое внимание их строительству и благоустройству. Красные чайханы в период проведения различных политических кампаний, выборов, во время посевных кампаний, распределения займов, сбора хлопка, избрания правления колхозов были местом проведения бесед и дискуссий, В газете «Точикистони сурх» был опубликован цикл репортажей о сдаче в эксплуатацию примерных чайхан в Ленинабаде, Исфаре, Канибадаме, Ура-Тюбе. Например, сельский корреспондент С.Умар из Балджуванского района писал: «В центре Балджувана отдел народного просвещения района построил красную чайхану. Это одно из красивых зданий в районе. В настоящее время для чайханы приобретают оборудование. Колхозники очень довольны. Они понимают, что чайхана является местом культурного отдыха» [12].

В системе культурно-просветительной работы среди трудящихся достойное место занимали библиотеки. Советская власть считала библиотеку основным средством в деле повышения уровня образования и культуры народа. Если в 1929 году в Таджикистане была всего 1 библиотека, то в конце первой пятилетки их количество достигло 119 с фондом в 107 тысяч томов [13,200].

Во второй пятилетке строительство библиотек приобрело массовую форму. В это время в городе Душанбе было построено и сдано в эксплуатацию самое большое книгохранилище - библиотека имени Фирдоуси. Эта библиотека до 1932 года считалась городской, затем ей дали статус республиканской, её книжной фонд состоял из 46920 томов книг.

В 30-е годы особую роль в ликвидации безграмотности и полуграмотности сыграли начальные, семилетние, средние, специальные школы. Были созданы краткосрочные курсы для учителей, годичные, двухгодичные летние курсы по переподготовке учительских кадров, а также техникумы и педагогические училища.

Несомненно, такие техникумы, училища и институты создавались в экономически развитых городах с учётом их материально - технической обеспеченности. В Сталинабаде, Ленинабаде, Канибадаме, Исфаре, Ура-Тюбе, Пенджикенте, Самарканде, Ташкенте, Бухаре были созданы соответствующие институты.

Подготовка профессиональных учителей для республики считалась первоочередной задачей. Учитывая это, 2 декабря 1930 года коллегия Наркомпросса Таджикской ССР приняла решение об организации восьми педагогических курсов на 500 человек» [23,300].

Несмотря на то, что была проведена огромная работа по подготовке учителей, в конце 30-х годов основное ядро учителей страны не имело высшее профессиональное образование. Возникла необходимость в создании новых педагогических институтов.

В 1932 году был открыт педагогический институт в городе Худжанде, который являлся культурным и промышленным центром северного Таджикистана. Это был второй педагогический вуз республики. В институте было два отделения: химико-биологический и физико-математический, где работал 21 научный сотрудник [20].

Таким образом, в 1933 – 1934 учебном году при институте были созданы еще два отделения: истории и экономики, литературы и языкознания. Если в начале создания педагогического института в нем учились 26 студентов, то в 1934 году их было уже 104.

В связи с нехваткой учителей СНК Тадж.ССР открыл в городе Ташкенте двухгодичный институт для подготовки преподавателей. В Сталинабаде и Кулябе были созданы учительские институты. Только с 1935 года по 1941 годы этими институтами было подготовлено 719 учителей. Создание сельскохозяйственного института так же являлось требованием времени. Сельскохозяйственный институт был создан в соответствии с постановлением Экономического совета Средней Азии 3 марта 1931 года в городе Худжанде.

1 сентября 1939 года открыл свои двери для студентов Таджикский медицинский институт имени Абуали ибн Сино. В том же году в институт поступили 123 студента. В первый год деятельности вуза в нем работали 6 преподавателей, а в 1944 году их количество достигло 22. В создание и укрепление деятельности института существенный вклад внесли второй медицинский институт города Москвы и аналогичный вуз Курска.

Именно поддержка и непосредственная помощь советского государства на определённом историческом этапе привели к созданию целой сети учебных учреждений.

В школах (действующих и вновь созданных) постепенно стали закладываться вакансии, система образования стала работать стабильно, а выпускники средних специальных и высших учреждений охотно включались в культурное строительство, с усердием работали в школах, культурно- просветительских, медицинских учреждениях на селе и в городе.

Многие исследователи, например такие, как Х. Мирзо-заде, А. Сайфуллаев, А. Абдуманонов [14], Л.Н. Демидчик [15] и С.Ш. Табаров (цикл книг под общим названием «Њаёт, адабиёт, реализм», «Жизнь, литература, реализм»), рассматривая данный вопрос, представляли свое видение причин возникновения литературных полос на страницах периодической печати и их значения в литературной жизни республики.

Литература 20-30-х годов, наряду с воспеванием революционных идей, восхвалением советской власти, обращалась к таким острым темам, как хлопковые кампании, снятие паранджи, коллективизация, освоение грамоты, строительство школ нового типа, ликвидация неграмотности, призывы к обучению девушек и женщин, пропаганда новой идеологии и сути социалистического строя. Стихи и призывы Шарафа Хилми («Адабиёт» - «Литература»), Мунзима («Хитоб ба фукарои Бухоро» - «Обращение к беднякам Бухары» и «То ба кай» - «До каких пор»), А. Хамди («Баёни њол» - «О сути»), А. Фитрата («Як дар» - «Одна дверь») в журнале «Шуълаи инкилоб» и газете «Кутулиш» - наиболее яркие образцы такого рода произведений того периода.

Произведения, опубликованные на страницах периодической печати, рассматривали революцию как главную прогрессивную силу, разрушающую основы феодального гнета в стране.

Естественно, что многие критики, писатели, исследователи литературы откликались на всё, что было связано с культурной революцией, обсуждая её многогранные аспекты (новый образ жизни, печать, вопросы литературоведения, чистота языка, национальное самосознание). В этом ряду особо стоит упомянуть имена О.Исмати, С. Айни, Фитрата, А. Лахути, С. Джавхари-заде, С. Али-заде, А. Дехоти, Н. Шер-заде, Б. Умари, Х. Бако-заде, К. Дайлами, А. Саттори, Бахлул-заде, Н. Мухаммада, Мухаммадджона Хасана Худжанди, Ш. Хусейн-заде, М. Амин-заде и др. Статьи Б. Азизи «Шоири бузурги нахустини точикон» («Первый великий поэт таджиков») [7] и «Тарчумаи холи яке аз адибони точик» («Биография одного из таджикских литераторов») [8] и Мирзо Мухсина Иброхими «Аз таърихи адабиёти форс» («Из истории персидской литературы») [10,15-19] так же посвящены этой проблеме.

Одним из важных свойств периодической печати конца 20-х – начала 30-х годов являлось то, что ни одно опубликованное произведение не оставалось без внимания. Систематически публицисты, журналисты и литераторы обсуждали последние литературные публикации, и «страницы периодической печати признавались как зеркало литературной жизни». Так, например, в журнале «Рохбари дониш» («Наставник знаний») была опубликована статья Собита Маноф-заде «Парчами адабии мо» («Наш литературный стяг»), где рассматривается не только состояние литературной критики, но и проблемы профессионального мастерства журналистов и литераторов. Однако, как подчеркивает Х. Мирзо-заде, критика в эти годы не всегда воспринималась должным образом. Некоторые авторы, ставшие объектом критики, считали ее личным оскорблением, и ответы зачастую выражались в грубой и нелицеприятной форме. Анонимная статья «Чавоб ба мусохиба» («Ответ на дискуссию») [11,27]. яркий пример такой реакции.

В этот судьбоносный период истории нашего народа велика роль Садриддина Айни в формировании и развитии литературоведения и литературной критики. В это время он не только написал отдельные книги о жизни и творчестве таких классиков таджикско-персидской литературы, как Рудаки, Саади, Камол Худжанди, Восифи, Навои, Хафиз и др., но и опубликовал целый ряд научных и научно-популярных статей.

Страницы периодической печати 30-х годов прошлого века являются свидетелями рождения новых форм художественно-публицистических жанров, куда в первую очередь можно отнести очерк. Одним из первых таджикских очерков является очерк С. Айни «Колхози коммунизм» («Колхоз коммунизма», 1934). Вот как сам автор определяет жанровое своеобразие этого произведения: «Это не поэма (дастан – А.А.), не сказка, не очерк и не аллегория, а всего лишь один единственный факт, который на основе реальных писем был запечатлен так, как и происходило в действительности» [3]. Другим очерком С. Айни является «Тирози чахон» («Укращение мира»), который сначала фрагментами был опубликован в «Точикистони сурх» («Красный Таджикистан»), затем полностью вышел в 5 номере журнала «БАС» (1937) и в завершение был издан в виде брошюры (1937).

Многие документальные произведения посвящены трудовым подвигам народа. Воспевая трудовые свершения своих современников, писатели агитировали и призывали всех граждан страны подражать этим героическим личностям. Например, Њаким Карим в своем этюде - рассказе «Латиф Кутил» (1934) обращается к одному из эпизодов 1929г., происшедших в Гармской долине. Али Хуш в очерке «Далери чавон» («Молодой храбрец») (1936) описывает подвиг ударника колхоза «Хаёти нав» («Новая жизнь») Искандара Шохимардонова, а в очерке «Шучои номдор» («Прославленный герой») жизнь председателя колхоза «Гулистон» («Цветник») Гармской долины Азизмох. С. Улугзаде в очерке «Яке аз бехтарин ташкилотчиёни колхоз, устоди хосилоти баланд» («Один из организаторов колхоза, мастер высокого урожая») (1935) рисует знатного хлопкороба республики и одного из самых известных строителей колхозного строя, председателя широко известного колхоза «Коммунизм» Худжандского района Пулода Бобокалонова. Документальность является главной отличительной особенностью всех произведений Али Хуша, Дж. Икроми, Хакима Карима, С. Улуг-заде и Рахима Джалила, написанных в тот период [15,60-70].

Это время создало своего типического героя, которым был простой трудящийся человек.

Таким образом, из экскурса в историю периодической печати 20-30 гг. прошлого века можно вывести следующие выводы:

1. Новая советская литература берет свое начало с периодической печати. Многие литераторы первого и второго поколений новой таджикской литературы представляли свои произведения большой читательской аудитории посредством периодической печати.

2. Не все материалы литературных страниц относились исключительно к вопросам литературы. Заметки и сообщения о курсах борьбы с неграмотностью (ликбезы), создании женских клубов, строительстве социально-бытовых учреждений и тому подобном так же помещались на этих полосах.

3. Абсолютное большинство опубликованных материалов периодической печати основывалось на реальные жизненные факты – деятельность, фамилия, имя, отчество, инициатива (начинание), слава и известность имели документальное подтверждение.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Публитсистика ва замони муосир. Душанбе: Шарки озод, 2004. 138 с.
2. Айни С. Ахгари инқилоб. Душанбе: Ирфон, 1974. 262 с.
3. Айни С. Собр.соч. Т.5. 275 с.
4. Асимова Б.С. Языковое строительство в Таджикистане. 1920 - 1940. Душанбе: Дониш, 1982.152 с.
5. Бойгонии давлатии Тоҷикистон. Ф. 162. оп. 1. л. 310. л.33.
6. Коммунист Таджикистана. 1935. 8 апреля.
7. Овози тоҷик. 1925. № 47-48.
8. Овози тоҷик. 1927, № 144.
9. Роҳбари дониш. 1928. № 11-12. С.6.
10. Роҳбари дониш. 1928, № 4-5. С. 30-32, № 6. С. 15-19.
11. Роҳбари дониш. 1928, № 1-2. С. 27.
12. Тоҷикистонии сурх. 1936. 11 октябр.
13. Таджикистан за 40 лет. Статистический сборник. Душанбе, 1964.242 с.
14. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ.1. Душанбе: Дониш, 1984.381 с.
15. Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ.2. Душанбе: Дониш, 1978. 309 с.
16. Усмонов И.К. Асосгузори публитсистикаи тоҷик // Ҳақиқати Узбекистон. 1971. 12 май.
17. Усмонов И., Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик. Душанбе: Маориф, 1997. 156 с.
18. Усмонов И. Журналистика. Ч. 1. Душанбе: Империал Групп, 2005. 200 с.
19. Усмонов Ч., Гафоров У. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон. Душанбе: Ирфон, 1975,96 с.
20. Хайдаров Г. Х. Альма – матер. Худжанд, 2002. 380 с.
21. Хайдаров Г.Х.Былое и Думы. Худжанд, 2004. 396 с.
22. Ҳоҷагии халқи РСС Тоҷикистон. Маҷмӯаи статистикӣ. Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957.398 с.
23. Шукуров М. Р. История культурной жизни советского Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 1970.494 с.
24. 75 лет «Народной газете» . 1925 – 2000. Душанбе, 2001.63 с.

ВЗГЛЯД НА ПЕЧАТЬ 30-х ГОДОВ СКВОЗЬ ПРИЗМУ АНАЛИТИЧЕСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

В статье анализируются основные предпосылки отражения социально-политических тем в таджикской печати 30-х годов. На основе практических материалов автор подытоживает результаты проведенного научного исследования и приходит к выводу, что новая советская литература берет свое начало с периодической печати. Многие литераторы первого и второго поколений новой таджикской литературы представляли свои произведения большой читательской аудитории посредством периодической печати. Не все материалы литературных страниц относились исключительно к вопросам литературы. Заметки и сообщения о курсах борьбы с неграмотностью (ликбезы), создании женских клубов, строительстве социально-бытовых учреждений и т.п. так же помещались на этих полосах.

Ключевые слова: печать, журналистика, 30-е годы, литература, анализ.

VIEW OF THE PRESS OF THE 30th YEARS THROUGH PRISM OF ANALYTICAL JOURNALISM

In article reflection of socio-political subjects in the Tajik press of the 30th years is analyzed the main preconditions. On the basis of practical materials the author sums up results of the conducted scientific research and comes to a conclusion that new Soviet literature originates from periodicals. Many writers of the first and second generations of new Tajik literature represented the works of large reader's audience by means of periodicals. Not all materials of literary pages belonged only to literature questions. Notes and messages on courses of fight against illiteracy (educational programs), creation of women's clubs, building of social establishments and to that similar as were located on these strips.

Key words: press, journalism, 30th years, literature, analysis.

Сведение об авторе: ***Аъзамджон Азимов*** **-** профессор кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **918 67 03 20**.

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СОЛҲОИ 20-УМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ОММАИ ДАВР

Қ. Мухторӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба муҳаққиқони забону адабиёт ва журналистикаи тоҷик маълум аст, ки осори устод Садриддин Айнӣ аз бисёр ҷиҳатҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Албатта, шарҳи тадқиқоти баанҷомрасида танҳо дар яке аз ин соҳаҳо бемуболиға соатҳо вақт хоҳад гирифт. Масъалае, ки бо истифода аз маводи забони осори публитсистии С. Айнӣ мо ин ҷо баррасӣ карданием, аз доираи илми забоншиносӣ берунтар буда, бештар бо масъалаи афкор ва ҷаҳонбинӣ иртибот мегирад. Масъалаи истилоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ бевосита дар тадқиқоти муҳаққиқони гуногун ва аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, И.С. Брагинский дар асараш «Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» фаслҳои махсусеро бо номи «Дар саргаҳи эҷод», «Дар ҷустуҷӯйи маърифат», «Мактаби Октябр» [4] ба масъалаи инкишофи ҷаҳонбинии устод Айнӣ бахшидааст. Силсилаи мақолаҳои М. Шакурӣ, А.М. Маниёзов, Ғ.А. Ашӯров низ ба масъалаи ғоявии осори устод Садриддин Айнӣ бахшида шудаанд. Силсилаи асару мақолаҳои забоншиносӣ доир ба маҳорати устод низ беҳисобанд. Воқеан пӯшида нест, ки забони инсонҳо ҷавҳари ҳастии онҳо, тарзи зисту зиндагонии соҳибзабонон, шароити сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии онҳоро бозгӯ менамояд ва аз ин хусусияти забон илмҳои гуногун барои худ маълумоти муҳими илмию амалӣ ба даст меоранд. Ҷомеашиносон, равоншиносон, сиёсатшиносон, муҳаққиқони журналистика маҳз аз натиҷаи тадқиқи забони мардум барои худ хулосаҳои зарурӣ мебароранд.

Чунон ки маълум аст, ин даврaҳо дар таърихи миллати тоҷик чи аз нигоҳи забон ва чи аз ҷиҳати худшиносии миллӣ ниҳоят ҳалкунанда будаанд. Имрӯз ҳам дар атрофи он, ки забони адабии мо, таърихи тақсимоти ҳудудию миллӣ, масъалаи муносибати мардум ба инқилоб ва сохти сотсиалистӣ, ба масъалаи дину эътиқод чӣ гуна шакл гирифт, баҳсҳо идома доранд. Дар баробари ин, дар таърихи журналистикаи тоҷик низ солҳои 20-уми ташаккули журналистика аз даврaҳои минбаъдаи замони шӯравӣ бо озодии нисбии сухан фарқ мекунад [ниг.: 9].

Бинобар ин бо мақсади муайян намудани баъзе хусусиятҳои ба вуҷуд овардани афкори омма дар ин даҳсолаи таърихи миллати тоҷик таваҷҷуҳ намудан ба осори публитсистии яке аз адибон-публитсистони забардасти он замон - Садриддин Айнӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

То ҷое маълум аст, рӯзнома (гоҳо маҷалла гуфта мешавад)-и «Шуълаи инқилоб» ҳамагӣ бо як фосилаи 52-рӯза аз 10 апрели соли 1919 то 8 декабри соли 1921 (ҳамагӣ 91 шумора) нашр шуд [дар ин бора ниг. ба: 9, с. 87].

Ба гуфтаи муаллифони китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик»: «Садриддин Айнӣ дар газетаи «Шуълаи инқилоб» ба истиснои шеърхояш 93 мақола, очерк ва тарҷумаҳояшро чоп кардааст. Дар 27 шумора очерки таърихии вай «Таърихи силсилаи Манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» чоп шудааст» [9].

Мутолиа ва таҳқиқи мақолаҳои публитсистии устод Садриддин Айнӣ дар ин давра чанд ҷиҳати хосаи афкори оммаи мардуми тоҷикро дар симои як намояндаи худ барҷаста нишон медиҳанд:

1.Дар мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ аз соли 1919 то соли 1924 дар саҳифаҳои рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» (1919-1921) ва «Овози тоҷик» (1924) калимаи «форсизабонон» барои ифодаи тамоми мардуми форсигӯйи Мовароуннаҳр – ба истилоҳи он вақт «Туркистон» (абатта, форсизабонони Хуросону Эрон ва тамоми дунё низ) ба кор бурда мешавад:

Аммо, бадбахтона, мо ***форсиён*** *ҳанӯз аз кӯчаи бехабарӣ тамошогарӣ мекунем* [Танвири афкор // Шуълаи инқилоб. - 7.12.1919].

Барои умуми ранҷбарони ***форсизабон*** *дари ин мактаби сайёр кушода монд… Акнун ба як ҷаҳон умедворӣ ва ба як хулуси ният рӯйи худро ба тарафи бародарони форсизабон карда мегӯем* [Танвири афкор // Шуълаи инқилоб.-7.12.1919].

Дар кулли мақолаҳои устод С. Айнӣ, ки солҳои 1919-1921 дар саҳифаҳои «Шуълаи инқилоб» нашр шудаанд, таъкиди махсус ба калимаи ***тоҷик*** ба назар намерасад. Маълум мешавад, то давраи пеш омадани масъалаи тақсимоти тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ мардум ба масъалаи миллат бевосита сари кор надоштаанд, аммо сиёсати ҳукумати Шӯроӣ дар мавриди худмуайянкунии миллатҳо публитсистро водор намудааст, ки силсилаи мақолаҳоро таҳти унвонҳои «Қавми тоҷик ва

рӯзнома» [Овози тоҷик.-25.08.1924], «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик» [Овози тоҷик. - 4.09.1924], «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикион» [Овози тоҷик. - 12.09.1924], «Тоҷикони кӯҳистон» [Овзози тоҷик. - 21.09, 5.10.1924], «Қобилияти ташкилотчигии тоҷикон» [Овози тоҷик. - 14.10.1924] ва монанди инҳо ба чоп расонад ва аз мавҷудияти чунин як қавми куҳан дар минтақа таъкид созад.

2.Дар мақолаҳои устод Садриддин Айнӣ дар ин давра масъалаи ҷудо кардани миллат ба назар намерасад, ҳангоми даъват ба инқилоб, ба барқарорсозии иқтисоду сиёсат муроҷиат умуман ба қавми Туркистон аст. Бинобар ин ҳангоми баёни мақсад калимаву ибораҳои ***деҳқонони саҳрой, ранҷбарони шаҳрӣ, мардум*** ба кор бурда мешаванд: *Акнун як вазифаи бузург ба гардани* ***деҳқонони саҳрой ва ранҷбарони шаҳрӣ*** *ҳаст…* [Андози ғалла ва дӯкони ҷамоат // Шуълаи инқилоб. - 21.07.1921] Калимаҳои ***миллат, қавм*** барои ҷудо кардани мардум гоҳо аз рӯйи эътиқоди динӣ ва гоҳо табаият, яъне шаҳрвандӣ истифода мешаванд. Танҳо дар мақолаи «Масъалаи маориф ва китоб» [Шуълаи инқилоб.-1.08.1921] номи миллатҳо ба хотири маълумоти оморӣ истифода мешавад: *Дар ин бора бетолеии бузург насиби ӯзбак ва форсиёни Туркистон аст. Аммо тоифаи қирғиз ва тотор, ки дар Туркистон сукно доранд, як навъ гилемгӯшаи худро аз об кашиданд ва мекашанд*.

3. Аз муҳтавои мақолаҳои нависанда ва корбасти калимаву ифодаҳои динӣ маълум аст, ки ҳанӯз дин озод аст ва ба таъқиби сохти шӯравӣ дучор нашудааст: … *ҳангоме ки ранҷбарони Русия дар халосии аҳли Шарқ умуман,* - ***мо мусулмонон*** *хусусан, аз зери бори гуломии шаддодони Ғарб камар бастаанд…* [Танвири афкор // Шуълаи инқилоб. - 7.12.1919]; *Ҳукумати Шӯрой динро аз сиёсат ҷудо карда, мардум ба кадом дин ки бошанд, ҳаргиз дахл нахоҳад кард* [Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ // Шуълаи инқилоб. - 2.02.1920].

Матни зерин чизи дигарро, яъне Ҳукумати шӯрой чиро манъ мекунад, аз чӣ ҳушдор медиҳад, ки мумкин нест, хеле равшан нишон медиҳад: *Ҳукумати шӯрой* ***майхӯрӣ, қиморбозӣ, базм, тӯйи мусрифона, кӯбкорӣ ва амсолаш****ро ба сурати қатъӣ манъ кард* [Ҳукумати Шӯрой ба мо чӣ дод? // Шуълаи инқилоб. - 15.12.1919].

4.Даъват ба шӯриш, ошӯб равшан аст. Публитсист пайваста таъкид мекунад, ки дар тамоми Русия, қисми зиёди Шарқ мардум ба по хестаанд, инқилоб мекунанд, мардуми Туркистон низ бояд ба мубориза бархезад: *Ҳар рӯз тилгиром хабар меорад, ки* ***шуълаи инқилоб*** *дар ҳар гӯшаи дунё равшан мешавад.* ***Ҷунбиши инқилобонаи*** *коргарони Руминиё рӯз то рӯз қувват мегирад.* ***Шӯриши*** *Итолиё ва Ҳиндустон ба шакли сиёсӣ дармеояд* [Оташи инқилоб // Шуълаи инқилоб. - 1.07.1919].

5.Шахспарастӣ нест. Дар ягон мақолае, ки дар охир инқилобро нақоти Шарқ мешуморад, бо номи нафаре шиор партофта намешавад: ***Зинда бод фирқаи иштирокиюн****, ки ба боз додани ҳуқуқи миллатҳо сабаб шуд!* [Ба муносибати эълони Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон // Шуълаи инқилоб. - 13.03.1925]. Барпокунандагони инқилоб мардуми ранҷбар ҳастанд на шахси ҷудогона [Ҳафтуми ноябр иди ранҷбарон // Шуълаи инқилоб. - 7.11.1919]. Масалан, номи В.И. Ленин, ки баъдан дар ҳама шиорҳо зикр мегардид, танҳо дар як мақола – «Ленин ва Шарқ» [Овози тоҷик. - 12.02.1927] оварда мешавад.

6. Маълум мешавад, ки ақидаҳои «Ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия» дар ин давра ҳанӯз таҳмил нашудааст, дар мақолаҳои солҳои 1919-1921-и С. Айнӣ, ки ба масъалаи инқилоб бахшида шудаанд, ҳукумати подшоҳии рус, ҳукумати истилогар (мустабидда) ва душмани асосии инқилобчиён аст: …***ҳукумати мустабиддаи рус*** *ба арманиҳо олатҳои нория дода, ба сари мусалмонон ҳуҷум кунонидааст* [Танвири афкор // Шуълаи инқилоб. - 29.12.1919]; *Ҳангоме ки ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта моро аз* ***асорати панҷоҳсолаи ҳукумати мустабидда*** *халос кардаанд…*[Танвири афкор // Шуълаи инқилоб. - 29.12.1919].

Ин андеша шояд аз матбуоти инқилобии рус сарчашма гирифта бошад, зеро дар силсилаи мақолаҳои С. Айнӣ, ки дар онҳо иқтибос аз суханрониҳои инқилобиёни рус оварда мешавад, ин ибора бештар ба назар мерасад, аз ҷумла дар мақолаи «Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ» [Шуълаи инқилоб. - 2.02.1920] такрор ба такрор зикр карда мешавад.

Сабаби талқини ин ақида аз ҷониби дигар дар он низ зоҳир мешавад, аз мазмуни баъзе мақолаҳо бармеояд, ки ҳанӯз душмани синфӣ дар Туркистон маълум нест, сухан дар бораи мубориза бо заминдорону сарватмандон не, балки танҳо бо ҳукумати подшоҳии рус, аврупоиёни истилогар - фарангиён ва ҳокимону амирони маҳаллӣ меравад. Ин дар як мақолаи С. Айнӣ, ки дар шарҳи баромади Элиава Ш.Э. – раиси комиссия оид ба кори Туркистон, ки дар рӯзномаи «Иштирокиюн» чоп ва аз ҷониби С. Айнӣ дар тарҷума ва ташреҳ оварда шудааст, таъкид меёбад [Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ // Шуълаи инқилоб. - 2.02.1920] : *Мо дар*

Русия маҳкамаҳо кушодем, тавонгарон ва заминдоронро мусодара карда, аз сари кор рондем. Лекин дар Шарқ, аз ҷумла дар Туркистон, ин гуна ҳаракат карда намешавад, зеро дар Шарқ тавонгар пайдо нест.

7. Дар баробари ин, забони мақолаҳои публитсистии ин давраинаи устод Садриддин Айнӣ бо тарзи истифодаи калимаҳои иқтибосии арабиву русӣ, мавҷудияти баъзе калимаҳои бароим соҳибзабонони имрӯза душворфаҳм фарқ мекунанд. Калимаҳои муованат – ёрии ҳамдигарӣ, азл – истеъфо, дорулилм – мактаб, тазйид – зиёд кардан ва ғ., инчунин калимаҳои русию аврупоӣ дар пойгоҳи талаффузи форсӣ : *тилгиром – телеграмма, Қолчоқ – Колчак, Жопуния – Япония, Лотвиё – Латвия* ва ғ.

Баъзе калимаҳо чун калкаҳои русӣ ба назар мерасанд, ки шояд таъсири тарҷумаҳои таҳтуллафзии баъзе калимаҳои русие бошад, ки ё бо таъсири осори адибони руссу аврупоӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» ва варақаҳои тарғиботии инқилобӣ пайдо шуда бошанд, албатта ҳоло ин танҳо як андеша аст ва тадқиқоти ҷудогонаи минбаъдаро талаб мекунад. саҳифаҳои талаффузи Баъзе калкаҳои аз забони русӣ гузашта ба мушоҳида мерасанд, ки шояд таъсири тарҷумаҳо аз адабиёти рус дар «Бухорои шариф» ё варақаҳои инқилобӣ бошанд: *Саргузаштҷӯёни дигар, ки ба пешаи ягмогарӣ маҳорат доштанд, ба ҳашмати Эргаш ҳамчашмӣ карда ба атрофи худ маъдуди дузду сарсариро ҷамъ карда, худро «қӯрбошӣ» ва «бег» ном ниҳода ба пешаи ягмогарии аланӣ афтоданд* [Босмачиёни Фарғона кистанд? // Шуълаи инқилоб. - 29.08.1921].

Дар мақолаҳои публитсист як силсила калимаҳое ба назар мерасанд, ки имрӯз дар матбуоти даврӣ дубора зинда шуда ва аз ҷониби забоншиносон ҳамчун таъсири матбуоти форсӣ арзёбӣ мешаванд ; *Агар мо хоҳем, ки дар* ***ҷиргаи милали*** *мутамаддинаи ҳайя зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем.* [Ҳукумати Шӯрой ба мо чӣ дод // Шуълаи инқилоб. - 15.12.1919].

Ба ин тариқ, корбасти вожаҳо, ибораву ифодаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, ки аз ҷониби публитсист ба кор рафтаанд, дар баробари муносибати субъективии ӯро нишон додан, барои ба вуҷуд овардани фаҳмиш ва афкори умум дар бораи зуҳурот, ҳодисаву воқеаи муҳит, шахсиятҳои ҷудогона, худшиносии мардум нақши хеле муҳим мебозад. Публитсист ба ин васила ҷой доштани ин ё он зуҳуротро таъкид менамояд, кӣ ва ё чӣ будани моҳияти онро ба хонанда ба ин роҳу усул талқин менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст / Айнӣ, С. - Ҷ.1.-Душанбе: Ирфон, 1977. – 478 с.
2. Ашӯров, Г.А. Становление Садриддина Айни как просветителя и мыслителя / Ашӯров, Г.А. // Ҷашнномаи Айнӣ – Ҷ.XI. - Душанбе, 2002. - С. 23-42.
3. Беҳбудӣ, Н. С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик / Беҳбудӣ, Н. // Ҷашнномаи Айнӣ. - Ҷузъи III. - Душанбе, 1966.- С. 32-43.
4. Брагинский, И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / Брагинский, И.С. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 194 с.
5. Гаффоров, Р. Аҳамияти таърихии як мақолаи С. Айнӣ / Гаффоров, Р. // Ҷашнномаи Айнӣ.- Ҷ. XI. - Душанбе, 2002. - С. 162-170.
6. Дейк ванн, Т. А. Язык, познание, коммуникация. – Благовещенск : Типографкомплекс, 2000. - 308 с.
7. Основы теории коммуникации: учебное пособие. Составитель : Федотова, М. Г. / Федотова, М., Г.- Омск, 2005.-
8. Основы теории коммуникации: учебник / Под ред. проф. М.А. Василика. — М. : Гардарики, 2003. — 615 с.
9. Усмонов, И. К., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик: учебник / Усмонов, И. К., Давронов, Д. - Душанбе : OSI Tajikistan, 2008. – 281 с.
10. Фрумкина, Р. М. Психолингвистика : учебник / Фрумкина, Р. М.- М. : Academia, 2003. – 316 с.
11. Чориев, Т. Вазифаҳои услубии калимаҳои русӣ-байналмилалӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ / Чориев, Т. // Ҷашнномаи Айнӣ. - Ҷ.XI. - Душанбе, 2002. - С. 171 - 180.
12. Ясавеев, И. Социальные проблемы и медиа / Ясавеев, И. - LAP LAMBERT Academic Publishing, 2010. – 231 с.

РОЛЬ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПУБЛИЦИСТИКЕ 20-Х ГОДОВ С. АЙНИ В СОЗДАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ ВРЕМЕНИ

На основании употребленных слов, означающих общественно-политические понятия, в публицистических статьях Садриддина Айни на страницах периодической печати 20-х годов XX века, автор выдвигает мнение о том, что они могли играть существенную роль в создании общественного мнения о происходящих событиях начала XX века в таджикской среде. В том числе, в побуждении революционного духа, самосознания, представления об октябрьской революции и т.п.

Ключевые слова: общественно-политические термины, общественное мнение, социальная коммуникация, периодическая печать, убеждение, мнение.

THE ROLE OF SOCIO-POLITICAL TERMS IN JOURNALISM 20S AINI IN CREATING PUBLIC OPINION TIME

Based on the use of the word, meaning socio-political concepts in journalistic articles Aini in the pages of periodicals 20 years of the twentieth century, the author puts forward the view that they could play a significant role in the creation of public opinion about the events in the beginning of the twentieth century Tajik environment. Including, prompting the revolutionary spirit of self-consciousness, ideas of the October Revolution, etc.

Key words: socio-political terms, public opinion, social communication, periodicals, belief, opinion.

Сведение об авторе: ***Мухтори К.*** -кандидат филологических наук, заведующий кафедрой печати Таджикского национального университета. Телефон: **93-502-04-91**

ПЕШРАВИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИНАМОИ МУСТАНАДИ ТОҶИК

Д.Х. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Публитсистикаи синамоӣ пешравии худро дар нимаи дуюми солҳои 1992, яъне дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ низ қатъ накард. Дар ин солҳо ва дар солҳои баъдӣ, вай дар якчанд филмҳои шавқовар дар эҷодиёти чунини режжисёроне ба мисли: С.Чароғбадалов, А. Рабиев, С. Ҳақдодов, С. Раҳимов, О. Шарифов, Г. Элбари, М. Арабов, С. Раҳимзод, Д. Раҳматов, У. Мирзоширинов, Г. Аҳмадхонов, М. Мансурхоҷаев ва ғайра намудор буд.

Дар ин бора махсусан гузориши С.Раҳимов дар “Синамобазм” ба филми С. Ҳақдодов «Чад»-ро ки дар студияи телетоҷикфилм гузошта шуда, фарқ мекард. Моҳияти публитсистикии филм аз он иборат буд, ки эҷодиёт мавзӯи актуалӣ дошт ва ҳаяҷони ошкоркунии ҳодисаи манфии ҳақиқат, мавзӯъ, дар кушоиши саҳнавӣ, ки дорои масъалаҳои мушаххасеро, ки бояд ҳамин рӯз бе таъхир, фавран ҳал кард дар худ дошта, дар бораи зиндагии мардуми кӯҳистони тоҷик, тарзи зисти онон, махсусан бадахшониён қисса мекунад. Ҳамин сохторро филмҳои С. Раҳимзод “Чоре”, ”Пете” низ доро мебошад, ки зиндагонии мардумони қӯҳистони шимолии Тоҷикистонро ифода намудааст.

Дар ҷустуҷӯи шаклҳои публитсистӣ, ифодаёбии саҳнавии сенарияи филм ҳамаи расмиятҳои вобаста ба ихтилофҳои асосии саҳнавиро мавриди истифодабарӣ қарор дода, дар пешсаҳна актёронро гӯё ҳамчун “нақшаи калон” гузорида, дар чунин ҳолат муҳиммияти тасвираҳои филмро ба тарзи қатъӣ мегузошт. Синамо хаёлпарастӣ намекард, пешгӯии дуриҳо ва ояндаи мавҳумро намекард, вай он дигаргуниҳоро талаб мекард, ки дар ҳақиқати воқеӣ зарурати онҳо фақат дарк карда шуда буданд, ва ҳоло ҳам на он қадар дар ҳаёт амалӣ аст. Синамо мушкилотро чунон тез ва муосирона дар байн гузошта буд, ки инро фақат матбуот чунин карда метавонист. «Пампеи Шарқ» ки мо қисман дар кори илмиамон таҳлил намудем, муаллиф яке аз нависандагони тоҷик А. Рабиев ва коргардони ин филм Г.Ортиқов аст ва онро худи Г. Ортиқов ба навор бардоштааст. Дар назари аввал ин филм монанд ба он филмҳое аст, ки шуморо ба саёҳат ба қарнҳои мозӣ мебарад ва шумо зиндагии мардумон, аҷдодони худро дар асри чори пеш аз милод мебинед. Аммо мақсади каргардон дигар чиз аст, ки онро мо то ҳадде дар мақолаи алоҳидае баррасӣ хоҳем кард. Нуктаеро бояд бозгӯ намоем, ки филми мустанад дар асоси ҷустуҷӯи таърих ва бостоншиносӣ наворбардорӣ шуда, масолеҳи онро бостоншиносон аз мавзеи Саразм аз зери хокҳо ва қабатҳои гуногуни хок дарёфт карданд. Филм шуморо ба таърихи дур мабарад ва ҳамзамон бо имрӯз, яъне рӯзгори мо мепайвандад ва ҳамзамон ҳушдор медиҳад, ки хатари аз байн рафтани миллат вуҷуд дорад. Дар баробари ин наворҳо дорои баҳамоии одамони аҳди бостон ва рехтану шикастани як халқро нишон медиҳад. Кӯч бастан, тарки ватан намудан, ба мамлакатҳои дур рафтан ва тамаддуни кашоварзиро бо худ бурдани ин мардум дар наворҳо сабт гаштааст ва он наворҳо ба воқеаю ҳодисаҳои охири асри 20 ва аввали асри 21 пайваст шудааст. Камбудии филми мустанад дар он аст, ки агар он наворҳои филмҳои телевизони Би-Би-Си-ро, ки дар бораи аввалин инсонҳо буда, филми илми ҳисоб меёбанд, порчаҳои гузаштани инсон аз шикорчигӣ ба кашоварзиро қисман ба филми мустанад ҳамроҳ менамуд, мӯҳтавои асар дигар мегашт ва дилгиркунанда будани он аз байн мерафт ва воқеан мардумӣ мегашт. Дигар ин ки ин филмҳои Би- Би-Си аллакай ба забони форсӣ тарҷума гашта аз телевизонҳои бурунмарзии форсӣ ҳар ҳафта рӯзи шанбе ва якшанбе дар соатҳои муайян як соату бист дақиқа дар субҳ ва ҳамин қадари дигар такрор пас аз зуҳр нишон дода мешавад. Ҳамзамон нависанда метавонист аз асари безаволи адабиёт, қисмати “Пешдодиён” порчаҳаи ба зироаткори бахшидаи

“Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсиро тавассути актёрон саҳна месохт ва ба тамошобин пешниҳод менамуд, филм хеле пурмӯҳтаво ва пуразриш мегашт ва ин кор дар синамои мустанади ин аср маъмул гаштааст.

Филми «Шоҳносир Хисрав», яке аз филмҳои мустанаде аст, ки 53-дақиқа давом менамояд ва коргардони он С.Ҳакдодов ва наворбардор Г. Дзалаев буда, бо фармоиши фонди Кристенсени ИМА бардошта шуда, дар бораи муқаддасоти мардуми Бадахшон, рафтори онон доир ба муқаддасоти мазҳаби исмоиля нақл менамояд ва дар сархати филми мустанад образи яке аз оварандагони мазҳаби навини исломи асри 10-11 Шоҳ Носири Хисрав меистад. Аҷиб он аст, ки дар филми мустанад фалсафаи шеъри Носири Хисрав, то ҷое кушода нашуда, аслан муаллифи филм ба урфу одати мардумӣ такя намуда, филмро офаридааст ва он пур аз нақлу қисса буда, аксари қиссаҳо он қадар ҳақиқат надоранд. Масалан қиссаи “Чашмаи Носир”, ки аз тарафи мӯйсафеди бадахшонӣ нақл шуда, ба ҳамон қиссаи мардумии умумифорсии “Пир, дев ва ҷавони мубориз” ва то ҳадде ба филми бадеии барои тифлон бардоштаи телевизони тоҷик “Духтари ҷасур”, ки он ҳам аз рӯи афсонаи умумифорсӣ бардошта шудааст, шабеҳ аст. Ин дар ҳолест, ки эҷодиёти шоири миллатдӯст ва меҳанпараст дар эҷоди шеъри меҳандӯстона ва эронпарастӣ ва озодапарастӣ пас аз Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ҷой дорад ва тамоми ашъори ӯро, ки мазҳабӣ ва бадеӣ аст, ҳамин раванд фаро гирифтааст. Ҳангоми дидани филм ононе, ки аз адабиёт, таърихи адабиёт, фалсафаи исмоилия бохабар ҳастанд, ба хулоса меоянд, ки офарандагони филм натавонистаанд, ки ба мақсади аслӣ, яъне офаридани симои шоир, кору пайкори вай маълумот дода натавонистаанд, ки ин шояд бехабар будани онҳо аз офаридаҳои ин шахси мазҳабӣ, шоир ва ориф бошад.

Филми публитсистӣ дар замони мо низ пешравии худро бо бойигариҳои мероси эҷодии К. С. Станиславский ва системаи ӯ, ва бо эҳтиётона муҳофизати ҳамаи он беҳтарин дастоврдҳои дар натиҷаи кофту ковҳои эҷодӣ дар эҷодиёти режиссёрони театр ва журналистон, ки ба синамо рӯй овардаанд А. Тӯраев, А. Тсирулев, О. Шарипов, М. Умарова, П.Аҳмадов, С. Раҳимов, Ю. Юсупов, Г. Ортиқов, М. Арабов, А. Тӯраев, Г. Элбаум, С. Чароғбадалов, С. Ҳакдодов, С. Раҳимзод, Д. Раҳматов, У. Мирзоширинов, Т. Аҳмадхонов, М. Мансурхоҷаев ва ғайра аз худ кардааст, ҳоло ҳам аз даст надодааст.

Дар якҷоягӣ бо сохтор ва пешравии ҷамъият дар назди коргардон- рассомони синамо дар санъати реалистӣ, боз ба намуди бештар амиқии имкониятҳои эҷодӣ ифшо мешаванд. Ҳамчун зуҳуроти гуногуни ҳаёти муосир дар синамо низ ҷое барои қаҳрамонии волоиятдошта ва истеҳзоҳои ҳаҷвӣ, ибтидои назмӣ-романтикӣ ва андешаҳои фалсафӣ пайдо мешавад.

Ба вуҷуд омадани рағбат дар солҳои 1992 ва баъд ба ҳуҷҷат дар кулли синамо якчанд сабабҳои хусусиятҳои ҷамъиятидоштаро доро мебошад ва аввалан ин бо шиддатнокии волои ҳаёти муосир алоқаманд аст, ки дар он ҳуҷҷатият дар мавриди худ ҳамчун контрапункти дарӣкунандаи лаҳзаҳои беш аз ҳама муҳимме дар ҷараёни суръатнокии маълумотҳои ба инсони муосир фурӯ омада мебошад.

Болоравии сол то соли дастрасии мардум ба воситаҳои техникии дарӣкунандаи ҳақиқатҳои мароқангез, ки вобаста аз нумӯи некӯаҳволии аҳолӣ ва пешрафти оммавии истеҳсолоти телевизонҳо, магнитофонҳо, радиоҳо, суратгиракҳо, кинокамераҳо ва ғайраҳо мебошад, ҳақиқатро нишон медиҳанд, ки ҳуҷҷат одатан барои таҳлили ҳодисаҳои ҳаётӣ лозим аст ва алоқа бо вай—талаботи ба вуқуъ омада, ҳамчун як одати инсонҳои ҳамзамони мо мебошад.

Ҳуҷҷат тамошобини муосири синаморо мадади ҷо ба ҷо гузоридани ҷараёнотеро, ки на ҳамеша дар сатҳи ҳақиқат ҷой доранд, медиҳад. Дар ҷараёни баҳодиҳии коргардонон-рассомон синаморо ва тамошобинон ҳодисаҳои гуногуншакли ҳаёти муосир ва тафсири саҳнавии онро, ҳуҷҷат ба таври худ “шоҳид” мешавад ва нишондодҳои объективӣ ва беғаразонаи худро бо ифшо кардани моҳияти комили ин ё он ҳодиса, воқеа ва табиати он пешниҳод мекунад.

Инқилоби илмиву техникӣ нақши воқифияти илмиро боло бурд ва ба тамоми ҷанбаҳои эҷодиёти бадеӣ таъсири худро расонид, хусусан дар синамо низ, ки дар кӯшиши ошкоркунӣ ва тезонидани афкор, ғояҳо ва мулоҳизаҳо дарӣ ёфта аст. Ҳуҷҷат дар синамо одатан барои шаҳодатдиҳии ҳамин афкор зарур аст. Агар вай пурра дар ин нақш мутобиқат намояд, вай бо асосҳои (сохтор) бадеӣ дар ҳам якҷо мешавад ва барои пешрафти ғоя, аллакай на дар асоси ҳуҷҷатӣ, балки дар шакли бадеӣ имкониятро пайдо мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Саидҷон Қодирӣ. Режиссураи телевизион, кино ва радио. Душанбе., ирфон. 2011с.

2. Творческий телевизионный менеджмент. Интернюс. 2006г.
3. Шароев Г.И. Режиссура эстрады и массовых представлений. Москва., 1986г.
4. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография. – М.: ВК, 2009.
5. Сагалаева Ю. Возвращение в Кучугуры. Москва. 1999г.
6. Юровский А.Я. Телевидение – поиски и решения. 2-е издания., доп., М., 1983г.
7. М. Бахтин. Проблемы поэтики Достоевского. М., 1972
8. Левидов М.Ю. Человек и кино.М.,1927.
9. Левер И. От хроник к документальной драме// соременный документальный фильм.1970г.

РАЗВИТИЕ ПУБЛИЦИСТИКИ ДОКУМЕНТАЛЬНОГО ТАДЖИКСКОГО КИНО

В статье рассматриваются основные направления развития публицистики документального таджикского кино. Автором анализируются исторические предпосылки формирования данного сегмента на основе конкретных примеров из отечественного кино, в частности предметом анализа послужили произведения С.Чарогбадалова, А.Рабиева, С.Хакдодова, С.Рахимова, О.Шарифова, Г.Элбари, М.Арабова, С.Рахимзода, Д.Рахматова, У.Мирзоширинова, Г.Ахмадхонова, М.Мансурходжаева и др.

Ключевые слова: публицистика, кино, развитие, документальный фильм, Таджикистан.

THE DEVELOPMENT OF JOURNALISM DOCUMENTARY TAJIK CINEMA

The article examines the main directions for development of documentary journalism Tajik cinema. The author analyzes the historical preconditions of formation of this segment on the basis of specific examples of national cinema, in particular the subject of analysis was the works Starogradska, Arabaev, Hakdodov, Crejimba, Saripova, Gambari, Marabou, Croisade, Gramatova, Umirzakova, Mahmadionova, and other Mmensurate

Key words: journalism, cinema, development, documentary, Tajikistan.

Сведения об авторе: ***Д.Х. Бобоев*** – докторант Таджикского национального университета

РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР ШАБАКАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ «ҶАҲОННАМО»-И ТОҶИКИСТОН ВА RT-И РОССИЯ

Далер Иброҳимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мо барои он ки ба сатҳи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар шабакаҳои телевизионии миллӣ баҳо дода тавонем, лозим донистем, ки муҳтавои барномаҳои яке аз ин шабакаҳоро бо як шабакаи телевизионии умумиҷаҳонӣ муқоиса намоем. Ягона телевизиони иттилоотии Тоҷикистон – «Ҷаҳоннамо», ки 5 сол инҷониб дар кишвар барнома пахш мекунад, бо шабакаи байналмилалии англисзабони RT-и Россия, ки низ давлатӣ аст, то ҷое муқоисашаванда мебошад. Зеро фаъолияти ҳарду ба пахши ахбор ихтисос ёфтааст ва онҳо аз сарчашмаи давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Меъёри аввале, ки мо дар ду шабакаи телевизионӣ қиёс кардем, ин сареҳияти ахбор аст. Меъёри ахлоқии мазкур аз журналистон талаб мекунад, ки «назару андешаҳои гуногунро беғаразона ва бидуни таҳриф ба нашр расонанд. Дар матолиб бояд тавозуни назарҳо риоя гардад».[1,6] Тавре аз мушоҳидаи барномаҳои Телевизиони «Ҷаҳоннамо» ва дигар шабакаҳои телевизионии давлатии кишвар аён гардид, хабарнигорони телевизионҳои давлатии Тоҷикистон ин меъёри ахлоқи касбиро дар аксар маврид вайрон карда, ағлаби ҳодисаву воқеаҳоро якҷониба инъикос менамоянд. Дар барномаҳои «Шабакаи аввал», «Сафина» ва «Ҷаҳоннамо» дар бештари мавридҳо тарафи давлат аз авлавияту бартарият бархӯрдор аст. Дар ҷомеаи мо даҳҳо ҳизбу ҳаракат ва равияҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд, ки ҳар яке ба ҳаводиси атроф бархӯрди хоси худ ва назари гуногун доранд. Аммо тавассути телевизионҳои давлатӣ мо аксаран таҳлили ҳодисаро аз як назар мушоҳида мекунем ва паҳлӯҳои дигари он барои бинандаи телевизиони тоҷик норушан боқӣ мемонанд. Барои мисол, дар барномаи «Хабар»-и соати 21-и рӯзи 30-юми августи соли 2012 дар Телевизиони «Ҷаҳоннамо» гузорише оид ба баргузор шудани ҷаласаи дуюми Шӯрои ҷамъиятии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати ҶТ пахш шуд. Дар ин гузориши хабарӣ танҳо назари намояндаи давлат - муовини аввали сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфт. Ҳол он ки тавре худи хабарнигор дар гузоришаш баён медорад, дар кори ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятӣ намояндагон аз сохторҳои ғайридавлативу созмонҳои байналмилалӣ низ ҳузур доштанд. Ин гуна мисолҳоро аз Телевизиони «Ҷаҳоннамо» зиёд овардан мумкин аст.

Шабакаи RT-и Россия бошад, ба ин ҷанбаи инъикоси ҳодисаҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Зеро он бо забони англисӣ пахш шуда, аслан барои шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ пешниҳод мешавад. Аз ин рӯ, масъулияти хабарнигорони шабакаи RT дар инъикоси ахбор бештар аст. Аммо агар мақсади аслии таъсиси шабакаи RT-ро ба назар бигирем, он аз муаррифии Россия ба ҷаҳониён, баёни

мавқеи ин кишвар дар муносибат бо равандҳои сиёсии ҷаҳон иборат буда, RT бо як калима «яроқ»-и Россия дар ҷанги иттилоотӣ аст. Пас агар ҳадаф ин аст, мантиқан чӣ гуна мешавад, ки ба хабарҳо беғаразона баҳо дод? Ин аст, ки ҳангоми баррасии баъзе масъалаҳои барои Россия аз ҷиҳати стратегӣ муҳим хабарнигорони шабакаи мазкур низ ин меъёри ахлоқи касбӣ – бетарафиро фаромӯш месозанд. Ба ин шеваи инъикоси ҷанг дар кишвари арабии Сурия мисол шуда метавонад, ки аз иттифоқчиёни наздики Кремл мебошад. Ба гунаи мисол, дар барномаи «News»-и рӯзи 31-уми октябри соли 2013 дар RT як гузориши иборат аз 2-дақиқаи хабарнигор Пола Слиер пахш шуд, ки рӯзгори як тан аз гурезаҳои суриягиро фаро мегирифт. Қаҳрамони гузориш занест, ки бо сабаби ҷонибдори ҳукумати Башор Асад буданаш мавриди таъқиб қарор гирифта, аз ҷойи зисти худ фирор намудааст. Пас аз тамошои ин гузориш бинанда бовар мекунад, ки омили ҳама харобиҳо ва ҷангу хунрезӣ дар Сурия ҷангиёни силоҳбадаст мебошанд. Агарчӣ хабарнигор дар гузориши худ ягон тарафро ҳимоя накарда, дар мавриди омилони ҷанг чизе нагуфтааст, интихоби қаҳрамон худ мавқеи ӯро муайян мекунад.

Яке аз меъёрҳои дигари ахлоқи касбии журналист аз он иборат аст, ки «ҳангоми гузориш дар мавриди инъикоси қазияи ҷиноӣ ва амсоли он ВАО ва журналист аз пешдоварӣ худдорӣ мекунанд. То собит гардидани гуноҳи шахс дар суд ВАО ва журналист наметавонанд дар бораи гунаҳкории ӯ қазоват кунанд».[1] Зимни таҳлили меъёри мазкури ахлоқи касбӣ дар шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» мо бо чанд мавриди нақзи он дучор омадем. Рӯзи 18-уми августи соли 2013 тавассути барномаи «Хабар» як гузориши таҳиякардаи Маркази матбуоти Вазорати корҳои дохилӣ пахш гардид, ки аз даст доштани як мард дар фирефтани занҳо ва анҷом додани амалҳои шаҳвонӣ бо онҳо хабар дода мешуд. Ровии барнома эълон кард, «табибе, ки солҳо худро мунодии дин ва аҳли тақво муаррифӣ карда, ҷавонзанони зиёдеро ба доми фиребу найранги шаҳвонӣ меандохт, зимни як амали зишт, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тавассути дастгоҳи наворбардории махфӣ сабт гардид, дастгир карда шуд». Чунин қазоват кардани журналист бидуни такя ба ягон манбаъ ё сарчашма ин хилофи ахлоқ ва ҳам қонун аст. Зеро дар он замон мурофиаи судии шахси гумонбар ҳанӯз баргузор нашуда, гунаҳкор будани ӯ собит нагашта буд. Дар идома гузориши кормандони Хадамоти матбуоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пахш шуд. Дар ин гузориш наворҳои сабтнамудаи мақомот намоиш дода шуда, шаҳрванди бездоштшуда гунаҳкор эълон гардид. Наворҳои ин гузориш агарчӣ маҳрамона буданд, тавассути шабакаҳои телевизионӣ ҳатто бидуни пӯшонидани рӯйи зан намоиш дода шуданд. Ба назари мо, новобаста ба он, ки гузоришро хабарнигорони Вазорати корҳои дохилӣ таҳия кардаанд, ё ниҳоди дигар, дар сурати ҷавобгӯи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ё қонун набудани он идораи телевизион ҳақ дорад онро таҳрир намояд ва ё аз пахши он худдорӣ кунад. Аммо дар барномаи «Хабар»-и Телевизиони «Ҷаҳоннамо» мо гузоришҳои таҳиякардаи аксар ниҳоду сохторҳои давлатиро бидуни таҳрир тамошо карда метавонем, ки аксаран дар онҳо меъёрҳои ахлоқи касбӣ халалдор мегарданд.

Барои муқоиса дар шабакаи RT низ чанд мавриди инъикоси ҳодисаҳои ҷиноиро мушоҳида намудем. Масалан, дар барномаи «News»-и рӯзи 26-уми апрели соли 2013 оид ба бездошт шудани 140 нафар, аз ҷумла 30 шаҳрванди хориҷӣ аз ҷониби ниҳодҳои қудратӣ дар шаҳри Москва бо гумони узвият ба гурӯҳҳои экстремистии Қафқози Шимолӣ хабар доданд. Сипас, рафти амалиёти ниҳодҳои интизомиро хабарнигори шабака Мария Финошина шарҳ дод. Шарҳи хабарро журналист аз такя ба иттилои Хадамоти федеролии амниятии Россия шурӯъ намуд ва ҳамин тавр дар асоси маълумоти расмии дастрасшуда тафсилоти бештарро ба бинанда пешниҳод кард. Ташреҳи амалиёт то ба охир бо истинод ба полис сурат гирифт ва хабарнигор меъёри ахлоқи касбиро пурра риоя намуд. Аммо як ҳолати нисбатан риоя нашудани меъёри ахлоқии эҳтимолияти бегуноҳиро дар хабаре мушоҳида кардем, ки дар сомонаи шабакаи RT бо забони русӣ рӯзи 14-уми ноябри соли 2013 ба нашр расидааст. Сарлавҳаи ин хабар чунин аст: «Дар Москва мубаллиғи созмони террористӣ бездошт шуд». Дар хабар ҷузъиёти он бо такя ба маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ шарҳ дода шудааст. Аммо ба назари мо дар сарлавҳаи хабар чунин ҳукм кардани журналист, ки бездоштшуда «мубаллиғи шабакаи террористӣ» аст, аз рӯи ахлоқ нест. Зеро то ҳол мурофиаи судии ӯ баргузор нашудааст. Бояд дар сарлавҳа калимаи «гумонбар» низ истифода мешуд.

Баръакси телевизиони «Ҷаҳоннамо» мо дар ягон барномаи хабарии телевизиони RT гузоришеро мушоҳида накардем, ки аз ҷониби марказҳои матбуоти ниҳодҳои қудратӣ таҳия гардида, бидуни таҳрир аз номи онҳо ба бинанда пешниҳод шуда бошад. Хабарнигорони ин шабака рӯйдодҳоро худашон шарҳ медиҳанд ва

иттилои мақомот ё навори онҳоро танҳо ба сифати сарчашмаи ахбор ба кор мебаранд.

Як мавзӯи дигар, ки ҳангоми тамошои барномаҳои шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо» таваҷҷуҳи моро ҷалб кард, рекламаи пӯшида ё худ омехтасозии эҷодиёт бо тиҷорату реклама мебошад. «Маводе, ки ба хотири тиҷорату реклама ва тарғиби манфиати гурӯҳе ё шахсе ба нашр мерасад, бояд мушаххас бошад ва аз маводи дигар ҷудо ҷой дода шавад, то хусусияти тарғиботии он аён гардад»[1]. Аммо барои мисол 15-уми июни соли 2012-ум дар барномаи «Хабар»-и ТВ «Ҷаҳоннамо» гузорише оид ба бурди навбатии лотореяи «Лото Спорт» пахш шуд, ки тиҷоратӣ буданаш ба таври равшан аён буд. Инчунин дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» барномаҳои алоҳидае, ки сирф тиҷоратианд, на таҳти унвони барномаи тиҷоратӣ ё реклама, балки чун барномаи муқаррарӣ, бидуни ҷудо кардани онҳо аз барномаҳои эҷодӣ дар эфир пахш мешаванд.

Дар шабакаи RT-и Россия мо на дар шакли пӯшида ва на дар шакли ошкоро ягон маводи тиҷоратиро дучор наомадем. Бо сабабҳои ба мо номаълум шабакаи мазкур аз ин намуди фаъолият то кунун истифода намекунад. Танҳо барномаҳои махсус ва филмҳои ҳуҷҷатиеро тамошо метавон кард, ки зебоиҳои минтақаҳои гуногуни Россияро ба хориҷиён муаррифӣ менамоянд. Аммо онҳоро наметавон тиҷоратӣ гуфт, зеро тарғиби мавзеъҳои сайёҳии Россия вазифаи оинномавии RT маҳсуб мешавад.

Охирин меъёри ахлоқи касбӣ, ки риояи онро дар ду шабака таҳқиқ намудем, ёдовар шудан аз сарчашмаи хабар аст. Ин ҷанба бештар ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои мамлакатҳои хориҷӣ дар шабакаи иттилоотии Тоҷикистон – «Ҷаҳоннамо» тааллуқ дорад. Зеро чун хабарнигорони «Ҷаҳоннамо» дар хориҷ аз кишвар шоҳиди ҳодиса нестанд, бояд воситаҳои ахбореро, ки ҳамчун сарчашма ба кор мебаранд, ёдовар шаванд. Зимни таҳқиқи худ муайян намудем, ки истифодаи маводи дигар ВАО дар ин шабака якмаром нест. Дар барномаҳои ин шабака на ба ҳама манбаҳои ахбор ишора мекунанд ва бештар маврид номи сарчашмаи аслӣ, ки дар як гӯшаи экран мавҷуд аст, бо логотипи телевизиони «Ҷаҳоннамо» пӯшонда мешавад. Дар Шабакаи RT бошад, ин ҳолат каме фарқ дорад, зеро он дар инъикоси воқеаҳо танҳо аз маводи хабарнигорони худ истифода мебарад ва шояд навори агентиҳои иттилоотиро дар мавридҳои зарурӣ харидорӣ кунад.

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши дараҷаи риояи меъёрҳои ахлоқи журналистӣ дар шабакаҳои «Ҷаҳоннамо»-и Тоҷикистон ва RT-и Россия мо ба ин хулоса расидем, ки шабакаи RT аз «Ҷаҳоннамо» дида «хушахлоқтар» аст ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар он бехтар риоя мешаванд. Ин сабабу омилҳои худро дорад:

1. Шабакаи RT дар сатҳи ҷаҳонӣ пахш мешавад ва барои касби эътимоди бинандаи хориҷӣ хабарнигорони он маҷбуранд, ки ин меъёрҳоро риоя намоянд. Зеро бидуни он обрӯю эътибори шабакаи телевизионӣ аз байн меравад. Барои рақобат бо шабакаҳои дигари телевизионии глобалӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ шарти муҳим маҳсуб мешавад ва RT дар ин ҷода рақобати шадид мебарад.

2. Хабарнигорони RT аз касбият ва таҷрибаи бештар бархӯрдоранд. Дар ин шабакаи телевизионӣ журналистони маъруфе фаъолият менамоянд, ки қаблан дар дигар шабакаҳои телевизионии машҳури ҷаҳон кор карда, аллакай мутахассисони соҳаи худ шудаанд.

3. Ба шабакаи RT ҳар маводи носанҷидаву берун аз меъёрҳои ахлоқ ба осонӣ роҳ намеёбад. Ё худ метавон гуфт, ки марказҳои матбуотии ниҳодҳои давлатӣ ба шабакаи RT «дасти зӯр» надоранд ва маводи онҳо танҳо ҳамчун сарчащмаи ахбор истифода мешавад.

4. Дар эфири RT маводи тиҷоративу рекламавӣ пахш намегардад ва хабарнигорони он ба чунин фаъолият ҷалб намешаванд.

5. RT дар аксар кишварҳои ҷаҳон бунгоҳҳои хабарӣ ва хабарнигорони худро дорад ва ВАО-и дигарро ба сифати манбаи ахбор хеле кам истифода мебарад.

Як омили асосие вуҷуд дорад, ки дар аксар маврид хабарнигорони ин ду шабакаро ба вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи касбӣ водор менамояд. Ин давлатӣ будану аз буҷаи давлат маблағгузорӣ шудани онҳост, ки дар ивази ин маблағ онҳо вазифадор шудаанд, то аз манфиатҳои милливу давлатӣ ҳимоя кунанд. Маҳз ҳангоми иҷрои ин рисолати худ дар баъзе маврид хабарнигорони ду шабакаи телевизионӣ ба мавқеи ҷониби давлат бартарӣ дода, хабарҳоро якҷониба шарҳ медиҳанд ва тавозуни назарҳоро ба инобат намегиранд.

Омилҳои нисбатан «бадахлоқ» будани шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо»-и Тоҷикистонро мо чунин муайян кардем:

1. ТВ «Ҷаҳоннамо» баръакси RT бо кадом як шабакаи дигари телевизионии дохиливу хориҷӣ вориди рақобати эҷодӣ нест, бинобар ин дар амри риояи меъёрҳои ахлоқиву қонунӣ чандон масъулият эҳсос намекунад.

2. Бархе аз хабарнигорони «Ҷаҳоннамо» журналисти касбӣ нестанд ва ҳатто таҳсилоти журналистӣ надоранд. Касбияти журналистони ин шабака ва дигар шабакаҳои телевизионии кишвар ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ нест.

3. Бо вуҷуди он, ки кормандони марказҳои матбуотӣ аксаран журналист нестанд ва маҳсули корашон берун аз доираи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қонунҳои соҳавӣ арзёбӣ мешавад, маводи ғайрикасбии таҳиякардаашон ба осонӣ ба ТВ «Ҷаҳоннамо» роҳ меёбад ва дар эфири он пахш мешавад.

4. Фаъолияти тиҷоративу рекламавиро ТВ «Ҷаҳоннамо» ба таври васеъ ба роҳ мондааст ва хабарнигорони шабака низ фаъолияти корхонаву муассиса ва ё шахсони алоҳидаро ба таври пӯшида таблиғ мекунанд.

5. ТВ «Ҷаҳоннамо» дар кишварҳои хориҷӣ бунгоҳи хабарӣ ё хабарнигори худӣ надорад ва аз маводи ВАО-и хориҷӣ ба таври васеъ истифода мебарад. Аммо барои он, ки тамошобин ин заифии шабакаро эҳсос накунад, логотипи шабакаҳои хориҷӣ пӯшонда шуда, ба онҳо ҳамчун сарчашмаи хабар ишора намекунанд.

Ҳамин тавр шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо»-и Тоҷикистонро барои ҳамчун расонаи касбӣ шинохта шуданаш ҳам аз сӯи бинандаҳо ва ҳам аз ҷониби дигар расонаҳои хабарии дохиливу хориҷӣ зарур аст, ки ба риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ диққати ҷиддӣ бидиҳад ва дар ин самт тачрибаи шабакаи телевизионии RT, ки низ давлативу иттилоотӣ аст, барои масъулону хабарнигорони шабакаи мазкури Тоҷикистон омӯзанда буда метавонад. Аммо шабакаи RT ҳам набояд ҳангоми баррасии манофеи геополитикии Россия меъёрҳои ахлоқи журналистиро фаромӯш созад. Дар хеҷ гуна ҳолат журналист ҳақ надорад, ки бинандаро фиреб дода, ӯро ба роҳгумӣ тела диҳад. Хабар бояд беғаразона ва бидуни таҳриф, инчунин бо дарназардошти тавозуни назарҳо инъикос гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Тафсири меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2011.

Манобеъ:

2. www.jahonnamo.tj
3. www.rt.com
4. www.youtube.com
5. Шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо»-и Тоҷикистон
6. Шабакаи телевизионии «RT»-и Федератсияи Россия

СОБЛЮДЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ НОРМ ЖУРНАЛИСТИКИ НА ТЕЛЕВИЗИОННЫХ КАНАЛАХ «ДЖАХОННАМО» ТАДЖИКИСТАНА И RT РОССИИ

В данной статье сопоставительным методом обследована степень соблюдения профессиональной этики журналистами в передачах таджикского телевизионного канала – «Джахоннамо» и зарубежного телеканала RT Россия. Автором статьи определены многие факты игнорирования этических норм журналистической деятельности со стороны творческих работников и авторов передач вышеназванных каналов. В заключении статьи автором обобщены причины побуждающие тележурналистов к несоблюдению этических профессиональных норм и даны конкретные полезные советы для их своевременного устранения.

Ключевые слова: Телевидения, журналист, Джахоннамо, RT, норма, этика;

RESPECT THE MORAL STANDARDS OF JOURNALISM IN THE TV STATIONS “JAHONNAMO” OF TAJIKISTAN AND RT OF RUSSIA

In this article the level of following the ethical journalistic standards in the programs of national TV channel “Jahonnamo” and foreign TV channel RT of Russia have been compared. The author brought many arguments of not following the ethical standards in 2 TV stations and analyzed professionalism of two channels’ journalists in preparation the materials. At the end of article the factors of violating the ethical standards in 2 mentioned TV channels were given profitable advices.

Key words: Television, journalist, Jahonnamo, RT, standard, ethic.

Сведения об авторе: ***Иброхимов Далер*** - аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **93-534-60-67.** Электроная почта: **d.ibrohimov@mail.ru**

К ВОПРОСУ О МЕТОДАХ ДЕЛОВОГО ОБЩЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Бунафша Абдуллоева
Таджикский национальный университет

Средством построения теории делового общения являются ее эффективные методы. В практике с использованием СМИ эти методы включают в себе различные способы, приемы познания, описания и исследования деловых ситуаций, интерактивных связей, которые возникают в деловом общении.

Методы делового общения с использованием СМИ не только раскрывают особенность деловых отношений, но и способствуют выработке программ, имеющих цель повысить эффективность делового потенциала.

Из-за сложности и многомерности самого предмета делового общения, при построении теории делового общения с использованием СМИ применяют, как правило, не один, а несколько методов, и комбинация этих методов позволяет всесторонне исследовать содержание и структуру общения в профессиональной и предпринимательской деятельности.

В деловом общении существует метод эксперимента, который по специфике нуждается в искусстве и с использованием СМИ создается целенаправленная и продуманная деловая ситуация, в которой какие-либо аспекты делового общения, такие как коммуникативный и интерактивный проявляются в наибольшей степени.

Примером метода эксперимента могут быть отрабатывания определенной стратегии, устанавливается взаимодействие деловых партнеров, например: соперничество или сотрудничество. Целесообразность применения этой стратегии устанавливается в конкретной ситуации общения посредством СМИ.

Итоги, полученные в процессе эксперимента данного метода, позволяют сделать выводы о взаимосвязи исследуемых феноменов делового общения в реальных деловых ситуациях.

Деловое общение также широко применяет метод моделирования. Этот метод, состоит из создания теоретической модели определенной деловой ситуации, которая воспроизводит ее самые существенные характеристики и свойства.

Основа этой теоретической модели осуществляет детальную разработку социально-психологических механизмов межличностного общения деловых партнеров, а также тех коммуникативных техник и приемов, которые могутспособствовать более эффективному их взаимодействию, не только междусобой, но и с воздействием с СМИ.

В деловом общении системный метод считается основным методом науки. Как говорят специалисты сущность этого метода даст возможность рассматривать деловое общение, как целостную, самоорганизующуюся систему, в которой обязательно присутствуют три основные подсистемы: сами деловые партнеры, межличностные отношения, которые укладываются между ними, и деловые проблемы для решения которых они вступают в общение с использованием СМИ.

Такие подсистемы взаимодействует между собой, и их взаимодействие посредством СМИ определяет содержание и направленность делового общения.

Необходимо отметить большую роль делового общения для науки такого всеобщего метода познания, как диалектический метод. Такой метод позволяет подходить к анализу процесса делового общения с диалектических позиций, то есть рассматривать его как противоречивый, постоянно развивающийся процесс с использованием СМИ. В нем все его структурные элементы такие как уровни, формы, стороны, сами субъекты делового общения тесно взаимосвязаны и взаимодействуют друг с другом.

Одним из специализированных методов науки делового общения является метод тестирования. Необходимость применения этого метода связана с получением психологических и поведенческих характеристик деловых партнеров в определенных ситуациях делового общения с целью установления эмоциональных состояний у деловых партнеров.

Различные роды тестов с использованием СМИ, такие как тест-опросник и проективный тест могут определить уровень коммуникативной компетентности партнеров в деловом общении.

Такие тестирования для деловых лиц, которые претендуют на вакантные должности в фирме, компании, корпорации, на предприятии позволяют им осозновать свой уровень регуляции эмоционального напряжения, выявить у них коммуникативные способности, и владения техниками вербализации.

В наши дни в связи с развитием средств электронной коммуникации, интернет-технологий расширяется область виртуального взаимодействия, и прием на работу можно легко осуществлять в рабочем киберпространстве.

Таким способом, данные, полученные на основе метода тестирования обогащают и развивают содержательную область науки делового общения [1]. К другому специализированному методу науки делового общения с использованием СМИ относится метод деловых игр. Особенность этого метода состоит в том, что по заранее заданному сценарию определенной деловой ситуации распределяются роли между участниками игры и осуществляется разыгрывание деловой ситуации.

Цель деловых игр может быть различной, но если мы направим его посредством СМИ, то его осваивание будет легче, чем мы предположим, например:

- формирование и развитие коммуникативных способностей посредством СМИ, такие как аудио и видеопрограмм;
- привлечения специалистов с целю добывания различных стратегий и принятия управленческих решений по проблемам производства, бизнеса, предпринимательства, работы с персоналом;
- проведения психологических программ тестирования для изучения межличностных отношений в процессе дискуссий, торгов, конфликта ролей.

Таким образом деловые игры могут воспроизводить деловое совещание, деловые переговоры, деловую беседу, презентацию и другие формы деловой коммуникации. Сущность метода деловых игр и других рассмотренных выше методов уточняют и развивают понятия и категории науки делового общения и отрабатывают новые процедурные действия, средства, приемы, техники и технологии общения деловых партнеров [2].Знание методологии в предметной области науки «деловое общение»

определяет нам ее социальные функции. Важнейшая из них - это

гносеологическая функция. Ее особенность состоит в том, что наука «деловое общение» способствует познанию вербальных и невербальных средств делового общения, его коммуникативным формам и техникам, а также социально-психологическим механизмам межличностного общения в профессиональной и предпринимательской деятельности. В коммуникативном процессе наука общения обычно выделяются на вербальную и невербальную коммуникацию:

Вербальная коммуникация

В вербальной коммуникации общение осуществляется посредством речи. Под знанием речи понимается естественный звуковой язык, система фонетических знаков, включающих два принципа: лексический и синтаксический.

Знание методов и тактик проведения выразительной речи является очень важным делом для делового человека, потому что именно речь является универсальным средством коммуникации, так как при ее правильной передаче информации смысл сообщения передается правильно. Кодирование и декодирование информации осуществляется посредством речи.

Невербальная коммуникация

Это визуальные виды общения, которые придают общению особое значение, и деловому человеку необходимо знать методы управления и контролирования при их проявлении, потому что они состоят из ярко проявляемых компонентов, как жесты (кинесика), мимика, позы (пантомимика), кожные реакции (покраснение, побледнение, потоотделение), пространственно-временная организация общения (проксемика), контакт глазами.

Акустическая система, включающая в себе следующие аспекты: паралингвистическая система (тембр голоса, диапазон, тональность) и экстралингвистическая система (это включение в речь пауз и других средств, таких как покашливание, смех, плач и др.) можно наблюдать по любым СМИ.

Знание методов делового общения для сотрудников СМИ служит как средство для объединения деловых партнеров и с использованием СМИ. Они тесно связывают деловых лиц с их предметной деятельностью в сфере производства, бизнеса, предпринимательства, а также в других социально значимых сферах жизни и общества [3].

Совместная деятельность деловых людей с СМИ способствует им усвоению навыков делового взаимодействия, реализации коммуникативных техник и технологий для успешного промоушена своих дел.

Метод этого двухсторонного взаимодействия также можно назвать: « Метод социализации», социализации деловых людей с сотрудниками СМИ. Он способствует формированию и развитию у деловых партнеров социально-психологических механизмов

взаимопонимания и межличностным познаниям характера и поведенческих стереотипов. Наука «деловое общение» в своем содержании раскрывает основные понятия «эффективные методы делового общения с использованием СМИ».

К ним могут относиться такие понятия, как:

- вести деловые отношения с использованием СМИ;
- приобрести знание деловой культуры и технологии делового общения посредством СМИ;
- привлечь деловых партнеров с использованием СМИ;
- распространить идеологии делового общения посредством СМИ.

Содержание смысла этих методов уточняется и развивается по мере развития, как в теории науки «деловое общение», так и в деловой практике.

Для деловых людей общение со СМИ - это важная часть их успеха в деле и в бизнесе. Обычно для диалога со СМИ необходимо знать методы общения с СМИ [4]. Как деловые люди, вы должны иметь в виду, что обычно СМИ не старается общаться с вами, особенно, когда вы или ваша компания недостаточно знатны, а вот вы сами должны прикладывать усилия для того, чтобы обратить на себя внимание СМИ. Но это не простое предложение, особенно в Таджикистане, где журналисты с подозрением относятся к деловым лицам и их бизнесу.

В Таджикистане большая проблема в том, что у деловых лиц нет желания давать свои рекламы по бизнесу посредством СМИ с одной стороны из-за незнания или малого знания методов общения с сотрудниками СМИ и с обществом тоже, конечно, и с другой стороны, поскольку и в фильтре новостей, где предпочтение отдается только социально значимым новостям, а также новостям государственных компаний для персонального бизнеса возможностей будет совсем мало.

Для иностранных инвесторов в Таджикистане такая возможность кажется неестественным выбором и нелегко придется пройти частному бизнесу таким путем. Прибывшие к нам, многие из них легко ломаются, теряя свой интерес к СМИ Таджикистана и конечно к своему бизнесу в Таджикистане в целом, ведь количество вложенных ими усилий в развитие бизнесса останется без пропорциональной отдачи (без достаточной возможности промоушена их рекламы), а наши министерства привыкли неравнодушно относится к их деньгам.

Сотрудникам СМИ Таджикистана нужно сделать так, чтобы эти лица, иностранные инвесторы и бизнесмены страны убедились в том, что их полный отказ от общения со СМИ неправильно и что правильное понятие СМИ может стать важной частю естественной среды обитания их бизнеса.

Иностранным инвесторам и Таджикским бизнесменам нужно понять, что это система, по которой работают журналисты с разными чертами характера и с различными понятиями культуры, может нравиться, а может - нет, но ведь они выбрали именно эту страну, начали бизнес именно здесь и достижение успеха им нужно тоже здесь, а это значит, что для первоначального начинания надо принимать обстоятельства такими, какие они есть, и работать со СМИ, учитывая интересы изданий, которые тоже во многом зависят от государства и их интересов.

Этим деловым лицам нужно понять, что потребуется небольшой период времени для переодоления этих проблем. И так они постепенно могут пытаться найти компромисс между интересами своего бизнеса и интересами СМИ Таджикистана. Впрочем, если им хочется, чтобы их взгляды стали интересны сотрудникам СМИ Таджикистана, им следует пригласить на общение СМИ к себе в компанию или в страну с целью их близкого ознокомления со своей структурой деятельности.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Черных А. Усталость сострадать // Мир современных медиа. — М.: Территория будущего, 2007. — С. 180—194.
2. Schramm Mass Communication./ Ed. by W., Urbana. 1966.
3. н.роль сми в межнациональном общении. менталитет и речевой этикет нации" качалкин А.-М.,1984.
4. Льюис Р.Д. Деловые культуры в международном бизнесе. М., 2001.

К ВОПРОСУ О МЕТОДАХ ДЕЛОВОГО ОБЩЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья анализирует сложности и многомерности предмета делового общения. При построении теории делового общения с использованием СМИ применяют, как правило, не один, а несколько методов, и комбинация этих методов позволяет всесторонне исследовать содержание и структуру общения в профессиональной и предпринимательской деятельности.

Ключевые слова: СМИ, журналистика, информация, методы делового общения, содержание и структура общения.

TO THE QUESTION ABOUT THE METHODS OF BUSINESS COMMUNICATION WITH MEDIA USE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The given article analyses the difficulties and multimeasureness of the business communication subject. In building the theory of the business communication with the use of Media as a rule there is not one, but several methods in use, and the combination of these methods allows multi –purposefully to research the content and the structure of the communication in professional and managerial activity.

Key words: Media, journalism, information, the methods of the business communication, the combination and the structure of the communication.

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Б.С.***-ассистент кафедры иностранных языков Таджикского национального университета.Телефон: (+**992)93-834-38-76.** E-mail: **godswish2882@gmail.com godswish@mail.ru.**

СИНКРЕЗ КАК ОСНОВНАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ

Т. Г. Хасанова
Филиал МГУ им. М.В. Ломоносова в г.Душанбе

Таджикское телевидение претерпело за последние десятилетия немалые изменения. Сегодня в его деятельности коммерческие цели явно доминируют над культурными, что уже оказало негативное влияние на многие контентные составляющие вещания. Между тем, телевидение – это не только мощное средство воздействия на людей, но и, по сути, «среда их обитания», важнейший элемент повседневного существования человека. Это доминирование на отечественном телевидении во многом схоже с общемировыми тенденциями. В медийном пространстве повсеместно идут противоречивые процессы стандартизации телеинформации, связанные с постоянно расширяющейся аудиторией, что в свою очередь, предполагает адаптацию глобальных явлений к местным, национальным условиям.

Наряду с этим, средства массовой информации находятся в состоянии постоянной конкуренции. И в этой борьбе телевидению приходится отстаивать собственные приоритеты. Однако сущность телевидения до сих пор однозначно в науке не определена. В суждениях и позициях специалистов немало разночтений. Многое устарело. Не выдерживают критики и конкуренции и требуют нового осмысления современная классификация форм экранной продукции. При этом невозможно отрицать то, что точное научное знание служит своеобразной защитой как от незнания, так и от манипулирования сознанием, то есть от некорректной пропаганды, назойливой рекламы, информационного насилия в эфире. Утрачивая же структурный (морфологический) ключ как один из факторов информационной безопасности, прекращается адекватное восприятие информации.

Известно, что форма телевидения в обществе - это программа. Однако сегодня требуют пересмотра и изучения законы телепрограммирования или программная политика конкретных каналов, а также процесс программного функционирования в определенной иерархии относительно друг друга.

Следует начать с того, что разнородные программные единицы, из которых состоит телеконтент (включая журналистские, пропагандистские, рекламные, PR, развлекательные, художественные, познавательно-адаптивные), до сих пор не изучались в системе. Основанием для подобного игнорирования данной проблематики служит то, что на деле телеконтент выглядит как неупорядоченный поток, пестрая мозаика и подобное явление автором статьи определено понятием синкрез, что означает сочетание разносортных, порой противоречивых фрагментов информации, существующих как в рамках отдельной телепрограммы, так и в огромном многопрограммном вещательном пространстве.

На новом витке развития таджикских СМИ, в условиях смены парадигм, модификации способов контакта с аудиторией, возникновения инновационных моделей вещания, изменение и/или обновления принципов программирования телеканалов назрела необходимость упорядочить телевизионный синкрез с целью идентификации телевидения в теоретическом плане и совершенствования процессов телепрограммирования и коммуникации с аудиторией в практическом.

Краткий экскурс по истории СМИ в целом показывает, что в 60-е годы XX века, в отечественной науке сформировались две противоположных концепции телевидения. С одной стороны, его рассматривали как часть обширной художественной сферы, как новый вид искусства, как музу технологии. Это направление, начатое В.С.Саппаком, в дальнейшем развивали искусствоведы, литературоведы, культурологи В.М.Вильчек,

Л.В.Петров, Б.М.Сарнов и др. С другой стороны, телевидение весьма плодотворно изучали как часть обширной сферы журналистики, как ее особый род, наряду с журнально-газетной и радийной. Такой подход был присущ журналистиковедам разных научных школ, представленных именами таких ученых, как М.М.Ковалева, С.Г.Корконосенко, Е.А.Корнилов, Б.Н.Лозовский, Е.П.Прохоров, В.В.Пугачев, Л.Г.Свитич, Э.В.Чепкина и др., включая и тех, кто внес заметный вклад в исследование тележурналистики, а это - Э.Г.Багиров, Р.А.Борецкий, Т.В.Васильева, Е.Е.Корнилова, Г.В.Кузнецов, В.Г.Осинский, Г.Н.Петров, В.Л.Цвик, А.Я.Юровский и др., Причем, последняя группа ученых неизменно связывала теорию телевидения именно с теорией тележурналистики. По мнению автора отождествление телевидения то с искусством, то с журналистикой не позволяет увидеть в телевизионном пространстве иные компоненты и, в конечном итоге, мешает раскрытию сущности данного феномена.

Вот почему в дальнейшем некоторые исследователи отстаивали принадлежность телевидения сразу к обеим сферам - и к искусству, и к журналистике, признавая за ним своеобразный дуализм.Другие же - усматривали в нем триаду. А именно: сочетание публицистичности, художественности и научности.

Третьи констатировали его многослойность, постичь которую предлагалось с помощью системного подхода, который разрабатывали уже в 80-е годы прошлого века Ю.П.Буданцев, О.Ф.Нечай, К.Э.Разлогов и др. Последнее представление о сущности телевидения отвечало широко распространенным за рубежом взглядам на телефеномен как на мозаичный, многоступенчатый объект, на что указывали в своих трудах целая плеяда ученых. Эта точка зрения с интересом была воспринята российскими авторами (В.Демин, Э.М.Ефимов, Н.М.Зоркая, Л.Козлов, Н.А.Хренов и др.) Так, вслед за С.М.Эйзенштейном к телевидению стали осторожно применять понятия «синэстезия», «синкрез».

Понятие «синкрез» прежде встречалось, как правило, лишь в трудах ученых, писавших о древнейших художественных формах: фольклоре, народных обрядах, праздниках, карнавалах. Речь идет о фундаментальных исследованиях М.М.Бахтина, Ю.Б.Борева, М.С.Кагана, Е.М.Мелетинского и др. Идеи и позиции названных авторов явились основным источником осмысления синкретической сущности телевидения. Однако следует отметить, что по отношению к телевидению термин «синкрез» прежде никем не применялся и не рассматривался. Его лишь мимолетно упоминали в своих работах такие исследователи, как Ю.А.Богомолов, В.М.Вильчек, Ю.В.Воронцов, О.Ф.Нечай и некоторые другие.

Говоря об отечественном телевидении, следует отметить тот факт, что в Таджикистане теория телевидения как целостная наука со своей методологией начала складываться сравнительно недавно, лишь в начале 90-х годов - после обретения республикой государственной независимости.

Изучался характер функционирования телевидения; разрабатывались принципы организации телепроизводства и законы программирования; исследовалась аудитория и рейтинги; определялись продолжительность и последствия воздействия телефеномена на людей; рассматривались содержание и формы материалов, передаваемых по телевизионным каналам. Однако научные дискуссии о сущностной идентификации телевидения находятся далеко на незавершённой стадии. Более того, в сегодняшних телеисследованиях выражается стремление отойти от некоторых прежних подходов и вписать феномен в иную координационную систему.

Рассматривая некоторые проявления программного синкреза на таджикском телевидении, стоит отметить прерывистость и периодичность вещания, которое можно наблюдать как на государственных телеканалах, так и локальных. Данное явление четко прослеживается в содержании и форме материалов. По мнению автора, благодаря телеэкрану в жизни людей возрождается описанное М.М.Бахтиным карнавальное мироощущение, также основанное на синкретизме. Сходство между телевидением и карнавалом очевидно, неоспорима и своеобразная близость телевидения к карнавальному мироощущению, что заложено в самой природе зрелища и типе коммуникации - игровой, драматической, театральной. Соответственно, существуют и различия. Карнавал - это реальная, периодически повторяющаяся форма жизни. Телевидение также буквально «вросло» в повседневность. Без «всевидящего телеока» не обходится ни одно событие в жизни людей. Сегодня зрители не просто наблюдают за телевизионными монологами и диалогами, не просто "поглощают" информацию и аналитику, а также всевозможные художественно-образные, познавательные и развлекательные формы домашних зрелищ. Люди и сами активно включаются в происходящее, существуя по обе стороны экрана, становясь очевидцами и участниками эфирного действия, наблюдателями и

исполнителями, вовлеченными и в праздник, и в обмен информацией, и в познание новых сторон реальности. Бытовое поведение соединяется с творчеством; своя жизнь проживается параллельно, если не внутри экранной. Можно привести множество примеров того, как люди буквально строят день в соответствии с распорядком телепередач и моделируют собственное поведение согласно образцам, извлеченным из реалити-шоу. Как и карнавал, телевидение – есть, по сути, сама жизнь, только оформленная особым игровым образом.

Однако карнавал - это реальное событие, и человек в нём - это действительная реальности и в какой-то степени свобода. Телевидение же само по себе не только виртуально, оно еще и порабощает, разъединяет людей, убивает общение, стандартизирует поведение. М.М.Бахтин писал о глубоком духовном смысле праздника. Вопрос состоит в том, какова доля в нашем современном каждодневном телевизионном празднике той народности, духовности и освобождающей, возрождающей силы, которая была так сильна в карнавале. К сожалению, эта доля незначительна. Телевидение очень часто играет роль виртуального заменителя, компинсируя человеку то, чего он лишен в своей повседневной жизни. Ярким примером вышесказанному служат современные реалити-шоу, игровые программы, все формы интерактивной связи, телесериалы. Все это в совокупности является своеобразной игрой в жизнь и/или ее моделированием, и представляет собой бесконечные инструкций к поведению, а вовсе не цельные произведения искусства. Особенностью многих современных телепередач является именно синкрез элементов, то есть соединение несоединимого.

Резюмируя вышесказанное, необходимо отметить, что подлинная цельность и в отдельных передачах, и в телепрограмме, а уж тем более в многопрограммности, отсутствует. Отдельные программные "частицы", оторвавшись, образуют новые, неожиданные слияния. Из нерасчлененных эфирных каналов рождаются каналы специализированные. Суточная сетка дробится на блоки. Случайность элементов телепрограммы более или менее упорядочивается. Однако, не смотря на это, телевизионный синкрез не исчезает**,** а наоборот, выступает основным сущностным свойством телевидения. Ярчайшими проявлениями его являются: прямой эфир в сочетании с возможностью многообразных монтажных вставок и интерактивным поведением аудитории. Подобное явление происходит сегодня не только с теми или иными формами телевещания, но и с телевидением в целом, что требует многоступенчатого и всестороннее изучение телевизионного синкреза**.**

Л И Е Т Е Р А Т У Р А

1. Багиров Э.Г. Место телевидения в системе СМИ и пропаганды / Э.Г. Багиров. -М.: Издательство Московского Университета, 1976.
2. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс. / В.В. Ворошилов. -Санкт-Петербург, 2004.
3. Егоров В.В. Телевидение между прошлым и будущим./ В.В. Егоров. – М., 1999.
4. Мясникова М.А. Морфологический анализ современного российского телевидения: автореф. дис. … д-ра фил. наук / М.А. Мясникова. – Екатеринбург, 2010. – 46 с.
5. Салихов Н.Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис. … д-ра фил. наук / Н.Н.Салихов. -Душанбе, 2010. -47с.

СИНКРЕЗ КАК ОСНОВНАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ

Настоящая статья рассматривает такой телевизионный феномен как синкрез. Автором дается определение самого понятия синкреза, выявляются основные предпосылки существования и развития его не только в мировом, но в отечественном телепространстве.

Ключевые слова: синкрез, морфологический анализ, карнавальное мироощущение, контент, прямой эфир, многопрограммность, социум, эфир.

SINCREZ AS THE BASIC COMPONENT OF MODERN TAJIK TELEVISION

The present article considers such television phenomenon as sincrez. The author defines the new conception as sincrez and highlights the basic preconditions of existence and its development not only in world, but in domestic telespace.

Key words: sincrez, the morphological analysis, carnival attitude, a content, target audience, society, television space.

Сведения об авторе: ***Хасанова Т.Г.*** - кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры "Лингвистика" Филиала МГУ им. М.В.Ломоносова в г.Душанбе. Телефон. **93-510-11-16**

МАВҚЕИ ПЛЮРАЛИЗМ ДАР БАРНОМАҲОИ РАДИОИ ТОҶИКИСТОН

Каримов Бахтовар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши пайваста собит намуд, ки истифодаи плюрализм дар расонаҳо аслан як андешаи назариявист. Радиои Тоҷикистон ба унвони як расонаи давлатӣ, ки аз манфиатҳои Ҳукумати Тоҷикистон ҷонибдорӣ менамояд, дар ҳеҷ як мавзӯи мубоҳисавӣ аз назари тарафи муқобил, ки намояндагони аҳзобу гурӯҳҳои сиёсии мухолиф дар назар дошта мешавад, объективона истифода накардааст. Ин андеша дар дигар расонаҳои дохилии Тоҷикистон он тараф истад, дар сомонаву радиоҳои ба қавле мудофеони демократия ва ҳуқуқӣ башар, ба хусус дар фаъолияти сомонаву радиоҳои «Озодӣ»-ву «Бӣ-Бӣ-Сӣ» [2, 33], ки аз набудани гуногунандешиву озодӣ дар расонаҳои давлатӣ доим ҷор мезананд, як амри табиӣ, таърихӣ ва илмист. Барои мисол, дар баррасии мавзӯҳои муҳокимаҳои парлумонӣ Радиои Тоҷикистон аз нуктаи назари вакилон аз азҳоби мухолиф, ман дар назар дорам Муҳиддин Кабирӣ, Умаралӣ Ҳусайнов, Шодӣ Шабдолов ва Исмоил Талбаковро, вобаста ба мавқеи муассис борҳо истифода намудааст(6). Аммо дар матолиби нашрнамудаи сомонаву радиоҳои «Озодӣ» [9] ё «Бӣ-Бӣ-Сӣ» ғайр аз андешаҳои нафарони мазкур пайдо кардани истифодаи нуктаи назари вакилон аз ҳизби халқӣ-демократӣ ва намояндагони дигар аҳзоби ба ин манфиат наздик бисёр ҳам мушкил аст.

Дар Радиои Тоҷикистон ва умуман дар ҳар расонаи дигар плюрализм вазифаи муассирсозии матлабро низ ба ҷо меорад. Ва таҷрибаи таърихи журналистикаи ҷаҳонӣ ҳам собит намудааст, ки ВАО дар ҳама давру замон ба хотири зери таъсирии як гурӯҳ қарор додан, тарғиби ягон идеология ва ҳадафмандона самт бахшидани афкору амали ҷомеа аз ҳар роҳу васила истифода мекунад ва ин як зуҳуроти воқеиву табиист. Ҷиҳати ташаккул додани ин «падида» аз имконоту василаҳои гуногуни муассирсозии баёни ақида истифода мешавад, ки яке аз усулҳои он «гуногунандешӣ» ҳам ҳаст. Ва ҳақиқат ин аст, плюрализм воқеиятро то он дараҷа муассир, инъикоси фарогир ва таҳлил менамояд, ки муассис мехоҳад.

Аммо плюрализм ба маънои дигараш риояи адолати иҷтимоӣ [4, 16] дар баррасии масоили иҷтимоӣ ҳам будааст. Вале ҳар куҷое манфиати шахсиву гуруҳӣ ва ҳизбиву субъективӣ боло мегирад, дар бораи адолати иҷтимоӣ сухан гуфтан моҳиятан бемавқеъ аст. Ин модел ва як категорияи маданиву назариявист, ки аз воқеиятҳои табиӣ сарчашма мегирад. Барои мисол дар ҷумҳурии мо ВАО-и давлативу ҳизбӣ ва гурӯҳиву шахсӣ ташаккул меёбад, ки тибқи назарияҳои авторитарӣ ва либертарияниву комунистӣ – шӯравӣ фаъолият мекунанд ва дар баррасии мавзӯву мушкилот мо манфиати ҳамин гурӯҳҳоро эҳсос мекунем. Онҳо рӯйдоду ҳодисаҳоро аз нигоҳи воқеияти худ, дидгоҳу манофеи муассиси худ баҳо медиҳанд, ки ин ҳануз маънои ҳақиқатро надорад, нисбӣ аст, кул нест.

Муҳаққиқоне ҳам ҳастанд, ки аз плюрализм ба унвони як принсипи асосии консепсияи масъулияти иҷтимоӣ таъкид мекунанд. Дар ин бора бояд изҳор дошта бошем, ки дар Тоҷикистон расонаҳои хабарии иҷтимоӣ натанҳо ҳануз ташаккул наёфтааст, балки дар асл пайдо нашудаанд. Ва дар бораи то куҷо воқеият доштани назарияи боло сӯҳбат кардан як навъ демагогияро мемонад. Аммо ин нукта куллан собит шудааст, ки ҳар куҷо манфиати шахсиву гурӯҳӣ боло мегирад, дар хусуси манфиати умум сухан гуфтан камоли бемантиқист. Аз ҷониби дигар, расонаи иҷтимоие, ки аз тарафи умум дар як кишвар ташкил мешавад, метавонад ба манфиатҳои умуми гурӯҳ ва ҷомеаи дигар мухолиф бошад. Зеро гурӯҳе, ки мехоҳад барои ҳимояи манфиатҳои умум расона таъсис диҳад, ҳатман танҳо манфиати ҳамин умумро ба назар мегирад. Ин ҳам як шакли ҳимояи манфиати гурӯҳӣ ба шумор меравад. Барои мисол, агар ин андешаро дар хусуси манфиатҳои умумии ду миллат ва ё ҷомеаи ду кишвар тааммул намоем, дар зеҳнҳоямон воқеият ва далели зарурӣ ва мӯътамад бе ҳеҷ мушкил пайдо мешавад.

Аз таҳлилҳои боло ва ҳақиқати амалӣ бар меояд, ки вақте мо дар бораи гуногунфикрӣ суҳбат мекунем, табиатан ва бевосита сухан дар бораи ҷанбаи таҳлилӣ доштани мавзуъ меравад. Омӯзиш нишон дод, ки гуногунандешӣ тибқи назарияи либертарианӣ ва консепсияи масъулияти иҷтимоӣ, ки дуюмӣ дар тасаввуротамон ба гунаи «коммунизми илмӣ» ҷилва медиҳад, хоси ҳама гурӯҳи жанрҳои журналистика аст, аммо гуногунфикрӣ дар гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ, ба хусус шарҳ, мухбирнома, гузориш, сӯҳбат, нигориш ва ҳулосаи матбуот бештар истифода мешавад. Тадқиқотҳои дар ин самт анҷомёфта ҳам собит месозанд, ки плюрализм аз махсусияти асосии жанрҳои таҳлилӣ ба хусус дар расонаҳоест, ки тибқи назарияи

либертариянӣ пеш мераванд ва аксари расонаҳои Тоҷикистон имрӯз аз ҳамин консепсия роҳбурд интихоб намудаанд.

Таҳқиқоти мо роҷеъ ба плюрализм, ба унвони риояти гуногунандешӣ [1, 2] дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, нишон дод, ки ин мафҳум амалан воқеияти объективӣ надорад. Аз ин мафҳум ба унвони як тактикаи таъсиргузорӣ истифода мекунанд, ки ин ҳам, бешак, сарчашма мегирад аз риояти манфиати муассисони расона. Ҳамин тариқ, ба ин натиҷа расидан дуруст менамояд, ки дар Радиои Тоҷикистон ва дар ҳар расонаи хабарии дигар плюрализм ба гунаи як воситаи муҳими риояи гуногунфикрӣ амалан як мафҳуми нисбӣ аст. Он аз як истифодаи тактикӣ беш набудааст. Бинобар ин плюрализмро аз нигоҳи истифодаи амалӣ ба шаклҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Истифодаи ақидаи мухолиф бо кантексти таҳрифёфта [4, 19]. Ин як навъ усули хеле муҳими зоҳирӣ ва тактикист. Аз ин усул расонаҳоӣ байналмилалӣ [8] бештар истифода мекунанд, дар расонаҳои дохилӣ, ба хусус дар ВАО-и давлатӣ аз он камтар корбаст мешавад. Расонаҳои давлатӣ балки кушиш менамоянд, то нуктаи назари мухолифони сиёсии ҳукуматро умуман истифода набаранд. Зеро бадии ин усул дар он аст, ки фикри мусоҳиб таҳрир ва таҳриф мешавад. Дар натиҷа контекст хароб гардида, бо сабаби таҳрирёбиву таҳрифшавии ҳақиқат фикри мусоҳиб аксар вақт хилофи мавқеву манфиати ӯ пешниҳод мешавад, ки ин аз тарафи дигар аудиторияро ба сардаргумӣ мебарад;

2. Истифодаи тақвиятдиҳанда. Дар ин усул андешаҳо мухолифати куллӣ надоранд, танҳо аз ягон ҷиҳат ба ҳам зиддият доранд, балки андешаи мусоҳибон аслан хусусияти тақвиятбахшии ҳамдигарро касб мекунанд. Он дар ҳама расонаҳо бо риояти манфиати муассисон маъмул аст [7];

3. Истифодаи нуктаи назари ба ҳадафи расона мувофиқ [8]. Ҳам Радиои Тоҷикистон ва ҳар расонаи хабарии дигар кушиш мекунад онҳоеро ба сӯҳбат даъват намояд, ки нуктаи назарашон ба мавқеи расона мувофиқ меояд;

4. Истифода ба хотири муассирсозии матлаб [5]. Гуногунфикрӣ дар барнома якрангиро аз байн мебарад ва онро таъсирбахш менамояд;

5. Риояи гуногунандешӣ тавассути як расона [4, 18]. Ин шакли плюрализм амалан ҳақиқати комил надорад. Бинобар он пайдо намудани чунин барномаҳо дар як расона, ба вижа дар Радиои Тоҷикистон ё ягон воситаи дигари ахбор хеле мушкил аст;

6. Риояи гуногунандешӣ ба воситаи расонаҳои гуногун [4, 18]. Дар ин шакл воқеиятҳое ҳам фартар аз як расона шакл гирифтааст, ки ин ҳам ба шаклҳои гуногуни моликият мансуб будани расонаҳои хабарӣ аст. Ва дар ҳамин зимн мехостам суханамро бо як гуфтаи муҳаққиқи марҳуми соҳаи журналистикаи тоҷик Пайванди Гулмуродзода [3] дар хусуси зарурати гуногунмоликиятии расонаҳои хабарӣ, яъне давлативу ҳизбӣ, хусусиву гурӯҳӣ ва шахсӣ ба анҷом расонам, ки бо чунин мазмуни возеҳ гуфта буд: гуногунандешӣ хуб аст, чунки он имкон медиҳад, то мо ба моҳияти рӯйдоду воқеаҳо ва проблемаву муаммои рӯзгор дуруст сарфаҳм равем.

А Д А Б И Ё Т

1. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон.//Санадҳои танзимкунандаи фаъолияти Шӯрои ВАО . – Душанбе, 2010.
2. Роҳнамо оид ба худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма (аз тарафи Дафтари намояндаи САҲА оид ба масоили озодии ВАО таҳия шудааст). – Вена, 2008с.
3. Садои мардум .- 2011.- 12 март.
4. Усмонов И. К. Шарҳи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон».- Душанбе, 2011с.

Сарчашма

5. Барномаҳои «Нигоҳи нав»//Радиои «Тоҷикистон»//- соли 2013, рӯзҳои панҷшанбе, аз соати 09:15 то 09:45.
6. Барномаҳои «Парламент»//Радиои «Тоҷикистон»//- аз соли 2011 то 2013, рӯзҳои шанбе, аз соати 13:30 то 14:00.
7. Барномаҳои «Сӯҳбат дар мавзӯи муҳим»//Радиои «Тоҷикистон»//- аз соли 2011 то 2013, рӯзҳои душанбе, аз соати 09:15 то 09:45.
8. Вазоратҳои "зарарovар"-и Тоҷикистон.// Радиои «Озодӣ»// - Душанбе, 2013. – 19 – ноябр.
9. Парлумон боз як ширкати чиниро аз боҷи гумрукӣ озод кард.// Радиои «Озодӣ»// - Душанбе, 2013. – 21 – ноябр.

МЕСТО ПЛЮРАЛИЗМА В ПРОГРАММАХ РАДИО «ТАДЖИКИСТАН»

В данной статье автор принял к сведению плюрализм и её стратегии в программах Радио «Таджикистан» и подверг их сравнению с другими радиовещательными каналами внутренней и международной сети.

Ключевые слова: Радио «Таджикистан», плюрализм, программа, целесообразность, негативные идеи, политические партии, тема, каналов, тактика, инновация, модернизация, фальсификация, методы использования.

THE PLACE PLURALISM ON THE PROGRAMS RADIO OF «TAJIKISTAN»

In given to article the author took into consideration pluralism and her strategy in programs Radio Tajikistan and compared them to other broadcasting channels of an internal and international network. Besides, in articles pluralism of opinion it is told as the relative principle and it is specified in every possible way uses of its types.

Key words: Radio Tajikistan, pluralism, program, expediency, negative ideas, political parties, subject, channels, advantage, relativity, tactics, innovation, modernization, falsification, uses methods.

Каримов Бахтовар – аспирант кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета.-E mail**: kbaxtovar@mail.ru.**Телефон: **901-06-41-10.**

САБКҲОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ САҲНАВӢ

Д.Х. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Роҳи беш аз нимасраи паймудаи синамои тоҷикро баҳо дода, гуфтан мумкин аст, ки ин роҳ марҳилаест, ки сабки публитсистикаи саҳнавиро ҳам шукл ва ҳам мазмунан такомул бахшид. М.Бахтин қайд карда буд: “ сабк ҳамеша дар замон зинда аст, аммо гузаштаи худро ҳамеша дар худ нигоҳ медорад. Сабк- намояндаи хотироти эҷодӣ дар ҷараёни пешрафти адабӣ аст. Маҳз барои ҳамин сабк ҳам қодири таъминкунии ягонагӣ ва ҳам муттасилии ин пешравӣ мебошад” [5].

Пешравии сабкҳои бадеӣ-публитсистии синамоӣ ҳеҷ вақт дар таърихи синамои филмноманависи тоҷик қатъ нагардидааст, фақат, чунон ки қайд гардид, элементҳои таркибии сохторҳои сабкӣ номунтазам пешравӣ доштанд, аммо ин номунтазамӣ дар бисёр мавридҳо хусусияти объективии дорои таъйиноти талаботҳои мушаххаси лаҳзаҳои таърихӣ дошта, бо тамоми ҷараёни ташаккули маданияти ҷамъияти мо буд.

Шартан сабкҳои публитсистии саҳнавиро аз рӯи хусусиятҳои пурмазмуниаш ва расман таъсирнокии он тақсим карда, қайд кардан мумкин аст, ки дар мазмуни филмҳои публитсистии муосир, пеш аз ҳама аз рӯи ақидаи объекти эҷодии таъсирноккунӣ, маҷмӯи масъалаҳои муҳим, ки бевосита ба тарғиби инсони мукаммал ва мардуми баору номус, барои ба вуҷуд овардани афкори ҷамъиятӣ- сиёсӣ, барои ташаккулдиҳии афкори ҷамъиятӣ равона гардида аст, мавҷуд мебошад.

Воситаҳои махсуси таъсирбахши публитсистикаи синамоӣ, усули ҳаракатҳои пурраи филми мустанади телевизонӣ, ороиши мӯҷазбаёнӣ, муайянии муҳиммот ва пурмаъногии ҳодисаи ба вуқӯъ омада, силсилаи ҳуҷҷатдоштаи тасвираҳо, хусусиятҳои рӯҳӣ- ҳиссиётӣ дар тарзи иҷроиши қаҳрамонон ва баъзан истифодаи актёрон дар ин гуна филмҳо боқӣ мемонанд.

Намудҳои гуногуни санъат гӯё ба таври олиҳимматона ба синамо дастовардҳои худро тақсим доштанд. Дар синамо мантажи “дурушт” мавқеи асосӣ дорад. Мизонсаҳнаҳои (мизанстсенаҳо) диагоналӣ ва амиқи намуди “умумӣ” ва “мобайнӣ” дошта, бо як тезӣ филмҳои публитсистӣ бо “намуди калон” (масалан баромадани қаҳрамонон-актёрон ба пешсаҳна ё ба толори тамошобинон дар назар дошта шудааст), омехта шуданд ва филмҳои телевизонии мустанадро рангин кунониданд.

Агар дар мавири истифодабарии ҳуҷҷат сухан гӯем, дар он сурат “ҳуҷҷат воситаи дорои мазмуни волое буд, дар баробари ин дар бисёр мавридҳо нақши шахсии коргардон-рассом меафзояд” [4]. Режисёр филмро дар асоси масолеҳоти ҳуҷҷатӣ гузошта онро ба чунин як “шарҳдиҳандаи” ин масолеҳ мубаддал месозад ва ҳуҷҷатро тобеъ карда воқеаномаи умумии гузоришро нишон медиҳад. Вай ҳаҷми ҳуҷҷатиро кӯтоҳ ё барзиёд карда онро ба ин ё он зерматни саҳнавӣ пешниҳод менамояд. Масолеҳро ба худ “тобеъ” карда, вай онро маҷбур менамояд, ки хидмати ошкор сохтани фикри асосиро намояд. Бо чунин роҳ режиссёр имкони таъсиргузаронии хоссеро дар кор бо воқеаҳои ҳуҷҷатии мушаххас анҷом медиҳад.

Ба назар чунин менамояд, ки С. Алешин, ҳақ буд, вақте гуфта буд, ки интихоби ҳуҷҷатҳо ҳоло “асар нест, чунки дар он зӯроварӣ нисбати инсонҳои зинда ба вуқӯъ меояд: ӯро яъне инсони воқеиро бо забони ҳуҷҷат, мақолаи кадом вақте навишта шуда ё такрори каломҳои дар кадом як мубоҳисае дар минбари ҷамъомаде гуфташуда сухан карданро маҷбур мекунад” [2,6]. С. Алешин дар бораи асар сухан мекард, аммо гуфтаҳои ӯ ошкоро ба филм ва спектакл умуман асарҳои дорои саҳна

низ дахлпазир мебошанд. Маънои аслии ҷарйёни гузориш дар тайёркунии филм дар асоси мустанадӣ (санаднокии) он дар коркарди бадеии моҳияти ҳуҷҷатӣ доштаи он, ки барои ифшои тинат ва тақдирҳое, ки бо ҳақиқатҳои гирифташуда алоқаманд, дахлпазирӣ дорад.

Филмнома боз як бори дигар фикри муқарраркунӣ ва нақши ҳуҷҷатро дар синамои публитсистии муосир тасдиқ менамояд. В. Ученова ин масъаларо матраҳ карда, ба публитсистистика мутобиқат намуда чунин таъкид менамояд, ки "санаднокӣ ҳамин гуна ки ҳаст, ҳамчун усули муомилоти расмӣ, маъмурӣ, сиёсӣ барои ба дигар самт, мақсаднок равона кардани тафсилот ва таассуроти муассир ташаккул ёфта аст. Дар публитсистика ин тарафи санаднокӣ "таваллуди дубораро" аз сар гузаронида аст". Дар ин ҷо ҳуҷҷат на ба мисли ҷалбкунандаи ҳиссиётҳои таъсирбахш истифода мешавад, балки ҳамчун фишурда ва ҷамъулҷамъи он истифода бурда мешавад. Аз чи сабаб ин ба вуқӯъ меояд? Аз сабаби бо ғояи олӣ ба чорчӯбаи муайяне даровардан, он зерматне, ки дар он воқеа ҳуҷҷатнок дода мешавад, ба вуқӯъ меояд" [3].

Мехоҳем дар оянда чанде хронологияро гузашт карда ба он филмҳое назар андозем, ки онҳо ба таври махсусе публитсистикаи саҳнавии муосирро таъкид менамоянд, ки инро ҳаёти саҳнавии дуру дарози бомуваффақият онҳо инро исбот мекунад. Яке аз чунин филмҳо филми «Чоре» ва "Пете" мебошанд, ки дар киностудияи Тоҷиктелефилм аз тарафи С. Раҳимзод ва "Гулҳои Душанбе"-и У. Мирзоширинов дар соли 2001 ба навор бардошта шуда буд.

Дар ин филмҳо тарзи тайёркунии дарк кардани бинанда синамои публитсистиро-услубе буд, ки боз дар дигар намоишгузориҳои синамои телевизонӣ дар оянда мақоми худро мустаҳкам карда буд.

Фикре дар бораи амиқии мувофиқати лаҳзаҳои гузоришии филми публитсистӣ, мундариҷаи санадӣ дар синамо истифода бурда шуда ва пухтагии эҷодии тамоми сохтори бадеӣ ҳамчун шароити умумиятии бадеияти он ба вуҷуд меояд.

Яке аз чунин лаҳзаҳои эҳсосотӣ ва равшани он қисмати охирии амалиёти аввала мебошад. Дар ин ҷо тарзи ҳалли плакатиро бо нигоҳи аввал дарк кардан душвор аст, ки ин бархӯрди ду қувваи бо ҳам муқобил Хайру Шар образҳои маъмултарини адабиёти форсии тоҷикӣ маъмултарин образҳо мебошанд. Бинанда, дар қисмати чапи пардаи соядор, андомҳои одамони бо шуои сиёҳ равшанкардашударо, ки нишони зиндагӣ нестанд, мебинад. Ин ҷуссаҳо ҳарчанд кам ҳам бошанд, лекин бо худ хусусиятҳои фардии душманони инсониро – ба тарафи рост аз бинанда бурда истодаанд, ки ин гуна шакл додан дар филми мустанади тоҷик бори аввал коркард гаштааст, ки ин бурди асосии ин коргардонҳо дар сохтори филми мустанади нави тоҷик буд.

Маҳдудияти пешакии шаклҳо (ивазкунии ҳаҷмияти тасвира бо соя), дар пеши бинанда имкониятҳои нобаҳангомии худро ифшо намуда, фикри нуфузи муассири басаҳнагузорандаро тақвият медиҳанд. Ҳамин тавр, баъзан, мӯҷазбаёнӣ ва нотамомии хатҳо таъсирнокии махсусеро барои асари санъати тасвирӣ иловатан зам менамояд.

Ҳар як аз ҳолати саҳнавӣ пеш аз ҳама намуди комилан муайяни алоқа байни синамо ва бинандаро, ки тариқи қаҳрамонҳои филм муайян карда мешавад, дар назар дорад. Дар филмҳои мустанади "Пампеи Шарқ", "Балхувон", "Чад", "Пете", "Чоре" ва ғайра ин алоқа бисёр вақт дар баромади иштирондорон-актёрон ҳангоми иҷроиши нақши таърихӣ ва ҳаҷвии нимниқобӣ ва бевосита муомилаи онҳо ба бинанда дида мешавад. Илова бар ин филмҳо гӯё кӯшиши ёрии устувор кардани алоқаи дарккунии бинанда бо сохтори тасвирии филм ва равонии шаҳрвандии онро мекунад. Дар ин ҳолат усули "дур кардан" аз қаҳрамон-иштирокчӣ нақши дутарафаро иҷро мекунанд: мухолифи якдигар-таъкиди махсуси фикр ва дар айни замон кӯшиши ба зудӣ ба даст овардани боварии бинанда мебошад.

Гоҳо бо исботҳое дучор шудан мумкин аст, ки чунин услуби иҷроишқ на ба ҳамраъйии бинанда ба амалиёти саҳнавӣ оварда мерасонад, балки фақат ба баҳодиҳӣ ва мулоҳизакунии ӯ меоваради бас. Аммо фикри якбора ба сар омада ва баҳодиҳии вай маҳз бинандаро ба ҳис кардани рӯҳияи иштирокчӣ-актёр, ба эҳсоси муассири ҳаяҷони тафаккурии эҷодиёт оварда мерасонад ва аксаран актиёрон, худи қаҳрамонони филмҳо ва ё режиссёри намоиш мебошанд, ки дар филми мустанад нақши мубрам доранд ва пайваста андешиданро дар бораи зист, воқеа ва рӯзгор, талқин менамоянд.

Яке аз шаклҳои сабкии гоҳо бо публитсистика муттафиқшаванда дар саҳнаи муосир филми ҳуҷҷатии таърихӣ мебошад, ки баъзан ҳамчун "хроникаи драмавӣ"

муайян карда мешавад, ки ин намуди кор дар филмҳои болои хеле хуб дар назар гирифта шудааст. Маҳз дар бораи ҳамин А. Солодовников навишта буд, ки “вай тамошобини замонавиро новобаста ба объект ва субъекти ҷараёни таърихӣ ҳамроҳ месозад. Тамошобин баъзан дар мавриди муттафиқшавӣ ба таърих мехоҳад “ бе миёнарав” муомила намояд. Ва ӯ аз рӯи ақидаи худ ҳақ аст, зеро на як бор ноумедиро аз навиштаҷотҳо, баъзан филми таърихии дур аз таърихи аслӣ доштаро аз сар мегузаронад” [1], ки ин андешаро мо дар филмҳои мустанадӣ “Спитамен” ва “Искандари Мақдунӣ”, “Исмоили Сомонӣ” дида метавонем.

Санадноқӣ вобаста ба ин ба масъалаи бадеӣ-эҷодии ягона ворид мешавад, ки мақсади он пеш аз ҳама дар муомилаи фаъол барои масолеҳи ҳаётӣ аст, зеро худи ҳуҷҷат дар намуди асл фақат як зинае барои наздик шудан ба ҳолати бадеӣ, дигаргуншавии санадноқӣ дар синамо мебошад.

Дар пардаи бадеии синамо тадриҷан фасоҳати нави драматургӣ бо воситаҳои саҳнавӣ дар ҳам меоянд, ки ин мустанадӣ ва бадеият мубаддал мегардад.

Аммо оё ҳамеша синамои ҳуҷҷатӣ дар намунаи саҳнавӣ филми публитсистӣ шуда метавонад? Хусусиятҳои публитсистикии сабк одатан аллакай дар сохти драмаи ҳуҷҷатӣ вуҷуд доранд, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳамаи таҷассуми саҳнавии вай ба чунин сабк мутобиқат менамояд. Дар ин ҷо гоҳо ба тарзи худ вазъияти парадоксалие ба вуқӯъ меояд: сенариянавис ва коргардон кӯшиш менамояд дар шакли ҳуҷҷатӣ то ҳадде имкон фосиларо аз “ҳақиқати ҳаётӣ” то “ҳақиқати бадеӣ” ифшо намояд ва коргардони филм аз расмият ва сатҳӣ будан худдорӣ карда, кӯшиш менамояд ки филмро дар роҳи драммаи психологӣ нишон диҳад. Дар чунин мавриди кӯшиши дурӯғие аз бараҳнасозии санадноқӣ ба вуҷуд меояд, агарчи коркарди саҳнавии синамо бо воситаи воситаҳои дорои табиати публитсистӣ дошта мумкин аст, ба муваффақияти аслӣ оварад.

А. В. Луначарский дар замони худ хеле дақиқ дар бораи тамоюли бардурӯғ ва муттаҳидшавии органикии сохторҳои бадеӣ бо равонии ҳаяҷоноварии эҷодиёт дар мавқеи коллективи театр гуфта буд, ки ин назар ба филми мустанади телевизони имрӯз ва ҳамзамон филми бадеии таърихи ва ҳатто соф бадеӣ низ дуруст меояд: “Тамоюлнокӣ чун ҳамеша дар санъат гузориши ғоя, гуфтан мумкин, ки маҷбурӣ аст.

Асари тамоюлнок дорои печдарпечии мақсади олӣ аст, ғоя худ аз худ аз амиқии ҳақиқатӣ, дохилан хушоҳангӣ, ва дар манзараи ба худ ҳайратангез ба вуҷуд намеояд, балки ҳамчун бо риштаи сафеде ба он дӯхта шуда, дар бисёр мавридҳо ҷараёни ҳодиса бавуқӯъомадаистода ва оқибати пешравии тинатро ғалат маънидод менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Советская культура. 6 января 1968 г.
2. С. Алешин. Документ и драма.- «Литературная газета», 2октября 1970г., стр.6.
3. В. В. Ученова. Публицистика и политика. М., 1973, стр. 183.
4. Э. Капитайкин. Правда факта и пределы вымысла.- «Верность революции». Сборник. Л., 1971, стр. 59.
5. М. Бахтин. Проблемы поэтики Достоевского. М., 1972, стр. 179.
6. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография. – М.: ВК, 2009.
7. Нечай О.Д. Фильм у нас дома. Минск, 1974г.
8. Копылова Р.Д. Телевидение плюс минус кино// В зеркале критики. М., 1985.

СТИЛИ СЦЕНИЧНОЙ ПУБЛИЦИСТИКИ

В статье излагаются гипотезы и основные мысли по заявленной теме. Стили сценичной публицистики разделяются автором условно по своим содержательным особенностям и эффективности. На основе теоритического и практического материала рассматриваются актуальность темы, его научная новизна, теоретическая и практическая значимость. Делается вывод о том, что склонность в искусстве происходит от идеи. Теоретическая значимость обоснована тем, что доказаны положения, вносящие вклад в расширение представлений об изучаемой теме.

Ключевые слова: стиль, сцена, литература, кино, публицистика, эффект, произведение.

STYLES SCENIC JOURNALISM

The article presents hypotheses and basic thoughts on the subject. Styles scenic journalism are separated by author conditionally by its substantial features and efficiency. On the basis of theoretical and practical material examines the relevance of the topic, its scientific novelty, the theoretical and practical significance. The conclusion is that the tendency in art comes from the idea. Theoretical significance is justified by the fact that proved provisions that contribute to the expansion of the beliefs about the subject.

Key words: style, stage, literature, cinema, journalism, effect, the product.

Сведения об авторе: ***Д.Х.Бобоев*** – докторант Таджикского национального университета

АҲАМИЯТИ ГУФТОРҲОИ АДАБИИ РАДИОИ ТОҶИКИСТОН
(дар мисоли осори савтии Маҳмудҷон Воҳидов)

Обидҷон Матхолов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз омӯзиши таърихи соҳа маълум мегардад, ки Радиои Тоҷикистон пайваста рисолати худро дар ҷомеаъ ичро карда, барои ҷолибияти мазмуну мӯҳтаво ва сифати барномаҳо аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурдааст. Масалан, барои ҷалби шунавандагон ба барномаҳои адабӣ дар солҳои аввали таъсиси радио устод С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода ва дигарон даъват шудаанд. Инчунин барои боз ҳам сертаъсир гардидани гуфторҳои адабӣ ровиён ҳам аз ҳисоби ҳунармандони театрҳо, хосса аз Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ: Алиназар Хӯҷаев, Абдусалом Раҳимов, Бурҳон Рачабов, Ҳабибулло Абдураззоқов, Марям Исоева, Хайрӣ Назарова, Ортиқи Қодир, Нурулло Абдуллоев, Фирӯз Умаров, Муҳаммадҷон Шодиев, Асалбеки Назрӣ, Қурбони Собир ва ғайраҳо пайваста ё ба барномаҳои театрикунонидашуда ё хонишҳои бадеӣ иштирок намуда, ба ин восита барои тарғибу ташвиқи барномаҳои радио нақши созгор бозидаанд. Инчунин аз дигар ниҳодҳои илмӣ, фарҳангӣ ба мисли Абдуқодир Маниёзов, Наима Қаҳҳорова ва дигарон ба радио даъват шудаанд.

Дар ин миён яке аз чеҳраҳои маъруф, ровии сухангустар ва ҳунарманди нотакрори театри тоҷик-Маҳмудҷон Воҳидов мебошад, ки аз оғози ташаккули ҳунараш то дами марг бо радио ҳамкорӣ ва пайваста ба қироъати гуфторҳои адабӣ ва нақшбозӣ ба барномаҳои драммавӣ ҷалб мегардид.

Дар натиҷа саҳми М. Воҳидов дар ғанӣ гардидани фонди адабии Радиои Тоҷикистон хеле калон аст. Бо овози ӯ гулчини чандин шеъру достон, ҳикоя ва порчаҳо аз роману повестҳо ва дар як қатор радиотеатрҳо аз осори адибони классикиву муосири тоҷик ва мамлкатҳои хориҷӣ сабт гардидаанд, ки имрӯз низ шунавандагон аз фонди тиллоии радио онро мешунаванд ва ғизои маънавӣ мегиранд.

Ба ақидаи аксари санъатшиносон М. Воҳидов тавассути ҳунараш дар театри касбии тоҷик инқилоберо ба вуҷуд оварда, мафҳуми «театри М. Воҳидов»-ро падид овард. Ин аст ки муҳаққиқони бисёр, ҳамкорон ва алоқамандон паҳлуҳои гуногуни фаъолият, эҷодиёт ва зиндагии ӯро мавриди омӯзиши қарор додаанд. Ҳамин тавр, дар хусуси паҳлуҳои гуногуни шахсияти М. Воҳидов китоби «Ёдномаи Маҳмудҷон Воҳидов» [1], «Даме бо Маҳмуд» [2] ва ғайра нашр гардидааст. Инчунин дар матбуоти даврӣ ва телевизиону радио пайваста барномаҳо таҳия мегардад, ки аксаран хусусияти тарҷумаҳолӣ доранд ё ягон паҳлуи ҳаёти ӯро дар саҳна фаро мегирад. Ахиран соли 2009 китоби санъатшиноси маъруфи тоҷик Н. Нурҷонов бо номи «Маҳмудҷон Воҳидов» [3] ба табъ расид, ки дар он тамоми фаъолият ва эҷодиёти ӯ таҳлилу баррасӣ шудааст. Ҳарчанд маводи мухталиф дар бораи М. Воҳидов ба табъ расидааст, вале ҳамоно бахши асосӣ ва осори боқимондае, ки ҳунари ӯро ҳамеша «зинда» медорад - ин сабти савтӣ (овозӣ) ва намоиши телевизионии вай мебошад, ки дар бойгонии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон маҳфуз аст. Мутаассифона, маводи мазкур мавриди омӯзиши муҳаққиқони театр ва ё мутахассисони соҳаи радиоу телевизион қарор нагирифтааст. Ҳамин аст, ки коллексияи осори савтии ӯ низ таҳия нашудааст.

Манбаи дигаре, ки оиди ҳамкории М. Воҳидов бо радио маълумот медиҳад, китоби «Ошёни булбулон» аст, ки ба муносибати 60-солагии радиои тоҷик, соли 1990 ба табъ расидааст. Дар китоби мазкур нахустин солҳои ҳамкории ӯ бо радио аз мусоҳибаи рӯзноманигор Ҳокими Азиз бо марҳум, коргардони собиқадори радио Ҳалима Насибулина ифода гардидааст. Коргардон дар мусоҳибааш ёд овардааст, ки «вақте тобистони соли 1961 ҳайати эҷодии театри ба номи Пушкини шаҳри Ленинобод ба Душанбе ба сафари ҳунарӣ омад, чанде аз ҳунармандони ҷавон ба редаксияи адабии радио омада, хоҳиш намуданд, ки овозашонро сабт намоянд. Аммо дар байни онҳо ровии беҳтарин набуд. Чанд маротиба ба театр занг зада, Маҳмудҷонро пайдо накард аз ҳамкоронаш хоҳиши ба радио омадани ӯро кард… Ӯ достони «Ҷони ширин»-ро омода карда буд, аммо бе маслиҳати муаллиф Мирзо Турсунзода наметавонад онро ба лентаи овоз сабт кунад» [4]. Ҳалима Насибулина ҳамон рӯз назди Турсунзода рафта, мақсадашро баён намуд. Устод розӣ шуданд, ки рӯзи дигар наздашон ҳозир шаванд. Он кас хониши Маҳмудҷонро писандиданд.

Баъзе маслиҳатҳо дода, ҳамин тавр аввалин сабти овози Воҳидов «Ҷони ширин» [5] дар радио шурӯъ шуд. Ӯ достонро бо самимият ва дар ғояти ҳунарварӣ хонд. Ва шунаванда тавассути овози хушу муассири ӯ аз мазмуни амиқи асар лаззат бурд [6]. Аз ин мусоҳиба маълум мегардад, ки баъдтар вақте, ки Маҳмудҷон ба театри Лоҳутӣ омад ҳамкориаш бо радио афзудааст. Масалан, шеърҳои лирикии Аминҷон Шукӯҳӣ ҳам дар ҳузури муаллиф қироат ва сабт шудааст [7].

Фаъолияти М. Воҳидов асосан дар радио ба солҳои 60-ум рост омада, осори ӯ дар се шакли барномасозӣ: пеш аз ҳама барои ҷалби хонишҳои бадеӣ ба мисли шеърхониҳо ва порчаҳои назмӣ ва насрии классикон ва муосирон, қироати барномаҳои рӯзмарра ба мисли барномаи «Ҷавонӣ» ва «радиожурнал барои занон» [8] ва нақшбозӣ дар силсилагуфторҳои радиотеатр ва радиоинсинировка сурат гирифтааст, ки дар ҳама самтҳо ровӣ муваффақ гардидааст.

Ногуфта намонад, ки барои ҷалби пайваста ва сабти гуфторҳои М. Воҳидов ба радио саҳми коргардони радио хаткардаи нахустин студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии театрии ба номи А. В. Луначарский, собиқ ҳунарпешаи Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ Ҳалима Насибулина назаррас аст. Бо ташаббус ва даъвати ӯ бисёр ҳунарварон дар гуфторҳои радио иштирок кардаанд. Аз сабтҳои мавҷудбудаи М. Воҳидов маълум мешавад, ки барои сифатан ва мазмунан хуб сабт шудани гуфторҳои ҳунарманд коргардон Ҳ. Насибулина ҷиддан муносибат кардааст. Ҳар гуфтор бо мусиқии махсус интихобшуда ороиш ёфта, аксаран мусиқиҳо дар асоси созҳои миллӣ танзим шудаанд.

М. Воҳидов таклиф мекардааст, ки ашъори адибонро аз рӯи жанрҳои адабӣ қироат намудан манфиат дорад. Зеро бар як гурӯҳ одамон масъалан ғазал писанд асту ба гуруҳи дигар рубоӣ, мегуфт ӯ. Ин аст, ки бо садои ӯ баъзан рубоиҳои халқӣ [9], рубоиҳо аз фолклори эрон [10], рубоиҳои халқи афғон [11], гуфтор дар бораи ишқ [12], баъзан байтҳои пандомез [13] сабт шуда, рангорангии шакли пешниҳодро ба вуҷуд овардааст. Вале асосан номгӯи хонишҳои М. Воҳидовро қироати гулчини осори назм ва насри классикони форсии тоҷикӣ, адибони муосир ва иштирок дар радиотеатрҳо ташкил медиҳад.

Аз тарафи дигар, дар солҳои шӯравӣ таҳияи барномаҳои адабӣ дар асоси осори ниёгон на ба ҳама журналистон ва ровиён хос буд, аз тарафи дигар дар солҳои 50-60-ум дидгоҳи замон ба осори ниёгон ҳамчун моли иртиҷоӣ, адабиёти ақибмонда ва умуман нигоҳ ба адабиёти классикӣ нисбатан сард буд, вале ҳамоно гулчини осори адабии М. Воҳидов аллакай дар солҳои 60-ум масъалаҳои худшиносию худогоҳиро дар асоси интихоби осори классикон оғоз карда, ки дар замина дили мардумро ба осори ниёгон гарм мекард. Баъдан дар солҳои истиқлолият ба ин тараф дар асоси осори мунтахаби классикон силсилагуфторҳои мукаммал таҳия гардидаанд. Масалан, қироати гулчини осори классикон аз ҳама намуди жанрҳои адабиёт бо садои дилпазири М. Воҳидов дар силсилаи осори савтии ӯ мавқеаи муайян дорад. Ин аст, ки асосан гулчини ашъори А. Рӯдакӣ [14], К. Хуҷандӣ [15], Ироқӣ [16], Парии Ҳисорӣ [17], Орифи Қазвинӣ [18], ғазалиёти С. Шерозӣ [19], рубоиҳои У. Хайём [20], Шоҳномаи Ворас [21] ва дигарон ҷойгоҳи вижа дорад. Аҳамияти ин паҳлуи осори савтии М. Воҳидов дар он аст, ки бо садои гирояш осори ниёгон ҷони тоза пайдо карда дар натиҷа садои ҳунармандро мондагор кардааст.

Композитсияи адабии ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамроҳи Наима Қаҳҳороваро [22] оҳанги классикии тоҷикӣ аз оғоз то интиҳо ҳамроҳӣ мекунад. Мусиқӣ ҳар навбат баъди хондани ду се байти ғазал баланд мегардад. Оҳанг гоҳ- гоҳ иваз мегардад. Тафсири дурусти ҳар ғазали А. Ҷомӣ қироати равони шеър, талаффузи буррои сухан ба мусиқӣ мувофиқат намуда, ба шунаванда рӯҳи тавонои адиби бузург ҷаҳони маънавӣ ва зебоии ботини ӯро ошкор мекунад. М. Воҳидов аз шеърҳои устод Рӯдакӣ радиокомпозитсияи адабие сохт, ки онро низ ба навор сабт намудаанд.

Дар баробари ин, бо садои фораму дилнишини М. Воҳидов қироати ашъори адибони муосири тоҷик-масалан, ғазалҳои С. Айнӣ [23], порча аз романҳои «Ғуломон» [24] ва «Одина» [25] -и ӯ, гулчини ғазалу рубоиёти А. Лоҳутӣ [26], шеърҳои М. Турсунзода [27], ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев [28], ва А. Бобоҷон [29], шеърҳо ва достонҳои ба назм навиштаи М. Қаноат [30], достони «Афсонаи Маҳистон» [31] ва гулчини рубоёти М. Раҳимӣ [32], шеърҳои М. Миршакар [33], достони «Қуллаҳои ноаён»-и Қ. Киром [34], шеърҳои гуногуни Л. Шералӣ [35] мавқеи асосӣ дорад.

Марҳум-коргардон Ҳ. Насибулина дар мусоҳибааш ёд оварда, вақте ки дар иҷрои М. Воҳидов ва Ҳадя рубоиёти Абулқосим Лоҳутиро [36] бо ороиши мусиқӣ шунавондем, аз номи шунавандагон номаҳои сершумор гирифтем, ки хостанд гуфторро такроран шунавонем [37].

Муҳаббату эҳтиром нисбат ба зан-модар ҳам ҳамчун олиҳаи зиндагӣ дар осори савтии М. Воҳидов пайваста инъикос гардидааст, ки ин силсила модарномаҳо аксаран аз эҷодиёти М. Турсунзода, Л. Шералӣ, Насим Қосим [38] ва дигарон сабт гардидааст, ки ҳамасола дар арафаи рӯзи модарон пахш мегардад.

Инчунин радиокомпазитсияи «Ватан ва фарзандон» дар асоси шеърҳои шоирони М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Л.Шералӣ, М. Миршакар, М. Шералӣ иборат аз 2 қисм [39], радиокомпазитсияи шеърҳои шоирон дар васфи Душанбе [40] дар колексияи савтии ҳунарманд мавқеи алоҳида доранд.

Аз тарафи дигар, дар колексияи овозии М. Воҳидов инъикори осори адабии ҷаҳонӣ низ мавқеи муҳим дорад. Пеш аз ҳама шакли инъикоси осори ҷаҳонӣ дар осори савтии ӯ, ҳам ба шакли хонишҳои бадеӣ масалан, аз эҷодиёти адиби ҳинд-Рабиндранат Такур [41] ва дигар «Новеллаҳои Ҳиндӣ», ки бо сурудҳои ҳиндӣ оро ёфтааст [42], аз эҷодиёти адиби озар-Самад Вургул [43], драматурги маъруфи англис-В. Шекспир [44] шеърҳои шоирони муосири эрон [45] ва аз ҷумла шеърҳои Жола Бадеъ [46], шеърҳои шоири доғистонӣ- Қайсин Қулиев [47], ва аз Расул Ғамзатов [48], гуфтаҳои М. Иқбол ва Р. Такур дар бораи ишқ [49], шеърҳои шоири олмонӣ-Генрих Гейн [50], Басир Расо [51] ва дигарон дар дараҷаи баланди дарки мазмуну мӯҳтаво қироат ва сабт гардидааст. Ҳамин тавр, бо садои М. Воҳидов шунавандаи тоҷик аз таъриху маданияти ҷаҳонӣ огоҳӣ пайдо намудаанд.

Бояд гуфт, ки як қисми ками осори савтии суханвар, ба мисли шеърҳои шоирони тоҷик дар бораи ватан (шӯравӣ) ва партия [52], радиокомпазитсияи «Кишвари орзӯҳо» дар бораи Инқилоби Октябр ва В.И. Ленин [53], радиокомпазистия дар бораи Ленин бо номи «Ҳамеша бо мост» [54] ва дигар лениннномаҳои ӯ аҳамияти ҳудро дар замони муосир гум кардааст.

Маҳмудҷон Воҳидов ба муваффақиятҳои эҷодияш саргарм нашуда, ба кораш бо нигоҳи танқид менигарист. Гуфторҳои таҳиякардаашро баъзан аз радио шунида, хоҳиш мекард, ки онрҳоро дигар такрор накунанд. Зеро мувофиқи талаб набудааст. Агар лозим ояд онҳоро аз нав сабт мекард. Солҳои пешин дар ҳайати таҳририи шӯъбаи адабии радио Лоиқ Шералӣ, Сайидалӣ Маъмур, Аскар Ҳаким ва дигарон кор мекарданд, ки ба сабзиши ҳунари шеърхонии Маҳмудҷон саҳми калон доштанд. Вақте ки ӯ ашъори классиконро қироат кардани мешуд, бо яке аз онҳо маслиҳат мекард.

Ҳамин тавр ба гуфти коргардони собиқадори радио, марҳум Ҳ. Насибулина охирин сабти М. Воҳидов рубоиҳои шоир Гулназар [55] буд. Ровӣ ният дошт баъди баргашт аз сафари Ироқ ин корро анҷом диҳад. Рӯзҳои ахири пеш аз сафараш ба коргардони радио Олим Заррабеков изҳор кардааст, ки қироати Шоҳномаи Фирдавсӣ бузургтарин кораш хоҳад шуд. Афсӯс, ки Маҳмудҷон ин орзуро ба хок бурд.

Пажӯҳиши мавзӯъ бори дигар исбот намуд, ки осори савтии дар радио маҳфузбудаи М. Воҳидов муҳимтарин фаъолияти публисистии ҳунарманд буда, дар таърихи радио пуршунавандатарин хонишҳои адабӣ ҳисобида мешавад. Намунаи хонишҳои ҳунарманд, ки дар асоси осори ниёгон дар солҳои шӯравӣ таҳия шудаанд, худ даъвати ошкоро ба худшиносии миллӣ аст. Аз тарафи дигар пахши гуфторҳои адабии радио, ки ба воситаи овози ҳунарманд ба шунавандаи тоҷик расидааст дар як марҳилаи таърихӣ барои ошноии расму оин ва тамаддуни ҷаҳон ба тоҷикон ҳуд хизмати шоиста аст. Муҳимтар аз ҳама осори савтии М. Воҳидов хусусияти тарбиявӣ дошта, ба пайваста пахш гардидани он ҳамеша зарурат ба вуҷуд меояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бойгонии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши радио-хазинаи адабӣ: Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 1-уми порчаҳои назмӣ ва насрии адибони муосир (моно); Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 2-ум (моно); Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 2-уми шеърҳои классикон (моно); Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 3-ум (моно); Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 4-ум (моно).
2. Низом Нурҷонов. Маҳмудҷон Воҳидов.-Душанбе: «Маориф ва фарҳанг» 2009, -384 саҳ.
3. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон:-Душанбе: «Ирфон», 1990. -72 саҳ.

Бойгонии радио.

1. Ёдномаи Маҳмудҷон Воҳидов, тартибдиҳандагон; Лоиқ Шералӣ, Отахон Латифӣ.-Душанбе: Ирфон, 1982.

2. Рустам Воҳидов. Даме бо Маҳмуд. Гуфтор дар бораи намоишномаи «Гуфтугӯ бо худ».-Душанбе, 2005.
3. Низом Нурҷонов. Маҳмудҷон Воҳидов.-Душанбе: «Маориф ва фарҳанг» 2009, -384 саҳ.
4. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон:-Душанбе: «Ирфон», 1990, саҳ 38.
5. Ин навор дар Дафтари 2-уми Шӯъбаи адабӣ таҳти № 1400 маҳфуз буда, соли 1974 сабт шуда, 25 дақиқа давом дорад.
6. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон:-Душанбе: «Ирфон», 1990, саҳ 38.
7. Ин навор дар Дафтари 1-уми Шӯъбаи адабӣ таҳти № 154 маҳфуз буда, соли 1963 сабт шуда 22 дақиқа давомнокӣ дорад.
8. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон:-Душанбе: «Ирфон», 1990, саҳ 38

Бойгонии радио. Бахши адабӣ.

9. Дафтари 3-уми хонишҳои бадеӣ. Шӯъбаи адабӣ, таҳти № 2225 сабти М. Воҳидов бо Ҳ. Назарова , сабти соли 1969. Вақт :17 дақиқа.
10. Ҳамонҷо № 3, ҳамроҳи Ҳадя Назарова сабти соли 1967. Вақт: 26 дақиқа.
11. Дафтари 1-ум, таҳти № 353 бо Ҳ. Назарова, сабти соли 1964. Вақт: 21 дақиқа
12. Дафтари 2-ум, таҳти № 2226 бо Ҳ. Назарова, сабти соли 1968. Вақт: 18дақиқаю 30 сония.
13. Дафтари 1-ум, таҳти № 214 бо Ҳ.Назарова, сабти соли 1963. Вақт: 23 дакикаю 30 сония.
14. Дафтари 2-ум, таҳти № 3282, ин сабт соли 1996 ба лентаи нав гузаронда шуда. Вақт: 28 дакиқаю 20 сония.
15. Дафтари 1-ум, таҳти № 215, шеърҳо дар васфи баҳор. Вақт: 23 дақиқа.
16. Ҳамонҷо, таҳти № 425, сабти соли 1965. Вақт: 26 дакикаю 40 сония.
17. Ҳамонҷо, таҳти № 609, сабти соли 1966. Вақт: 22 дақиқа.
18. Ҳамонҷо, таҳти № 734, сабти соли 1967. Вақт: 16 дақиқа 30 сония.
19. Дафтари 2-ум, таҳти № 145, сабти соли 1977. Вақт: 28 дакиқаю 40 сония.
20. Ҳамонҷо, таҳти № 3287, сабти студияи грамзаписи ш. Тошкант, барои хазинаи радио аз пластика рӯбардор шуда, иборат аз 2 рулон. Рулони 1-ум 27дақиқаю 28 сония ва рулони 2-ум 19дақиқа, ҳаҷми умумӣ 47 дақикаю 28 сония.
21. Дафтари 1-ум, таҳти № 641, сабти соли 1967. Вақт: 24 дақиқаю 10 сония.
22. Ҳамонҷо, таҳти № 2144, сабти соли 30.12. 1964. Вақт: 28 дакиқаю 44 сония.
23. Дафтари 1-ум, таҳти № 368 бо Ҳ. Назарова, сабти соли 1964. Вақт: 18 дақиқаю 37 сония.
24. Дафтари 2-ум, таҳти № 1574, сабти соли 1975. Вақт: 26 дақиқа.
25. Ҳамонҷо, таҳти № 1614, сабти соли 1976. Вақт: 29 дақиқаю 30 сония.
26. Дафтари 1-ум, таҳти № 190, сабти соли 1962. Вақт 22 дақиқаю 26 сония.
27. Ҳамонҷо, таҳти № 285, сабти соли 1963. Вақт: 22 дакиқаю 30 сония.
28. Дафтари 3-ум, таҳти № 2532, сабти соли 1967. Вақт :1 соату 4дақиқа 10 сония.
29. Дафтари 1-ум, таҳти № 49, ҳикояи «Ту ба писарам монандӣ», сабти соли 1974. Вақт: 21дақиқаю 40 сония.
30. Ҳамонҷо, таҳти № 306, достони «Мавҷҳои Днепр», сабти соли 1964. Вақт: 35 дақикаю 20 сония.
31. Ҳамонҷо, таҳти № 577, сабти соли 1966, Вақт: 10 дакиқаю 25 сония.
32. Дафтари 2-ум, таҳти № 1495, М. Воҳидов бо Ҳ. Назарова, сабт соли 1974. Вақт:26 дақиқаю 44 сония.
33. Дафтари 1-ум, таҳти № 740, сабти соли 1968. Вақт: 10 дақиқа.
34. Ҳамонҷо, таҳти № 992 бо Ҳ. Назирова, сабти соли 1969. Вақт: 22 дақиқаю 36 сония.
35. Ҳамонҷо, таҳти № 604, бо Ҳая Назарова, сабти соли 1966. Вақт: 24 дақиқаю 15 сония.
36. Дафтари 1-ум, таҳти № 190, сабти соли 1962. Вақт: 22 дақиқаю 26 сония.
37. Ошёни булбулон: Маҷмӯаи мақолаҳо роҷеъ ба 60-солагии радиои Тоҷикистон:-Душанбе: «Ирфон», 1990, саҳ 38
38. Ҳамонҷо, таҳти № 759 бо Ҳ. Назирова, сабти соли 1968. Вақт: 23 дақиқаю 30 сония.
39. Ҳамонҷо, таҳти № 1456 ва № 1477, сабти соли 1974. Вақт: 55 дакиқа.
40. Дафтари 1-ум, таҳти № 369 матни гуфторро Иноят Рустамова мехонад, сабти соли 1964.Вақт: 18 дақиқаю 45 сония.
41. Ҳамонҷо, таҳти № 153, порча аз «Боғбон»-и Р. Такур-шоири ҳинд, сабти соли 1961. Вақт: 47 дақиқаю 50 сония
42. Дафтари 3-ум, таҳти № 2184, бо Марям Исоева, сабти соли 1967. Вақт: 21 дақиқаю 50 сония.
43. Дафтари 1-ум, таҳти № 175, достони «Бисту шаш»-и шоири Озорбойҷон, сабти соли 1961, вақт: 22.25 сония
44. Дафтари 1-и ум, таҳти № 321, порчаҳо аз песаи «Ромео ва Ҷуллета», сабти соли 1964. Вақт: 31 дақиқа.
45. Ҳамонҷо, таҳти № 333 бо Наима Қаххорова, сабти соли 1964. Вақт: 30 дақиқаю 40 сония.
46. Ҳамонҷо, таҳти № 387 бо Ҳ. Назарова, сабти соли 1964. Вақт: 17 дақиқа.
47. Ҳамонҷо, таҳти № 779 тарҷумаи Л.Шералӣ, сабти соли 1968. Вақт: 21 дақиқа.
48. Ҳамонҷо, таҳти № 846 «Гулбоғи шоир», сабти соли 1968. Вақт 22 дақиқа.
49. Дафтари 2-ум, таҳти № 2226 бо Ҳ. Назарова, сабт соли 1968. Вақт: 3 дақиқаю 46 сония.
50. Ҳамонҷо, таҳти № 2229 бо Хайрӣ Назарова, сабти соли 1980. Вақт: 27 дақиқаю 30 сония.
51. Дафтари 1-ум, таҳти № 721 порча аз романи «Саҳои барзгар», сабти соли 1967. Вақт: 23 дақиқа.
52. Дафтари 2-ум, таҳти № 1605 бо А. Хӯчамқулов ва Ҳокима Назарова, сабти соли 1976. Вақт: 27 дақиқа.
53. Дафтари 2-ум, таҳти № 1709 бо Муҳаббат Икромова, сабти соли 1976. Вақт: 26 дақиқаю 30 сония.
54. Ҳамонҷо, таҳти № 778, сабти соли 1968. Вақт: 29 дақиқаю 10 сония.
55. Дафтари 2-ум, таҳти № 1728, сабти соли 1977. Вақт: 19 дақиқаю 20 сония.

ЗНАЧЕНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ЧТЕНИЯ НА РАДИО «ТАДЖИКИСТАН»
(на примере аудиозаписей Махмудджона Вохидова)

В данной статье рассмотрена тема художественного чтения на Радио «Таджикистан», его значение на примере аудионаследия великого таджикского актера Махмуджона Вахидова, основу творческого успеха которого составили глубокие корни искусства традиционных чтецов. Имя этого великого человека, актера и чтеца записана золотыми буквами в книгу истории таджикского театра и кино.

Ключевые слова: радио, радиотеатр, голос, артист, Махмуджон Вахидов, поэзия, проза, слушатель.

HE VALUE OF ARTISTIC READING ON RADIO "TAJIKISTAN"
(for example, audio recordings of Mahmudjon Vokhidov)

This article describes the theme of artistic reading on Radio "Tajikistan", its value on the example of audiokassety great Tajik actor Mahmudjon Vahidov, the basis of the creative success of which was deeply rooted traditional art of readers. The name of this great man, actor and narrator written with Golden letters in the book the history of the Tajik theatre and cinema.

Key words: radio, radio station, voice actor, Mahmudjon Vahidov, poetry, prose, the listener.

Сведения об авторе: ***Матхолов Обиджон-*** соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики ТНУ. Телефон: (+992) **919014960**

МУНДАРИҶА -СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С И

СЕ ШОХАИ ЯК ЗАБОНИ ВОҲИД
Ғ. Ҷураев **……** ***3***

МАҶОЗ ВА ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИ ДАР ЗАБОНИ НАЗМ
М. Саломов **……** ***8***

КОРБАСТИ ГИДРОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»-И ГУЛШАНӢ
Д. Ҳомидов **……** ***14***

ЛИНГВОСТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕКСТОВ СОВРЕМЕННЫХ ТАДЖИКСКИХ СМИ В АСПЕКТЕ ФАКТОРА АДРЕСАТА
М. Р. Джураева **……** ***18***

ҚАБАТҲОИ ЛЕКСИКИИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ САРИКУЛИ
Кабиров Хуршед **……** ***22***

НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ ТАЪСИРИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ АРАБ БА ЭҶОДИЁТИ МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН
Ш. А. Саидалиев **……** ***29***

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЖИВОТНОВОДЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Д.Абдурозикова **……** ***33***

К ВОПРОСУ ОБ УПОТРЕБЛЕНИИ ИСЛАМСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ
Х.А. Элназарова **……** ***36***

НУТҚ ВА ЗАБОН. УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ ОНҲО
Ҳ. Дӯстов **……** ***38***

ИСМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ҚАСБУ КОР ДАР ОЧЕРКИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ «ИСЁНИ МУҚАННАЪ»
Санавбар Низомова **……** ***43***

К ВОПРОСУ О МИФОЛОГИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКЕ В «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ
Х.А. Элназарова **……** ***45***

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД «АВЕСТЫ» КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКО-НЕМЕЦКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ
З.А.Шарипова **……** ***50***

КАТЕГОРИЗАЦИЯ ПОНЯТИЯ ТЕМПОРАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ЯЗЫКЕ
С.А.Иномова **……** ***54***

ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГИИ ПАЙДОИШИ ЗАРФҲО АЗ ДИГАР ҲИСАҲОИ НУТҚ БА ВОСИТАИ КОНВЕРСИЯ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
М. С.Нуров, И. Б.Эмомов, Б. А.Ҳафизова **……** ***59***

ШАРҲИ ЧАНД МУРОДИФОТИ ҚАСИДАҲОИ МАНУЧЕҲР
Ҳайдар Муслимов **……** ***61***

ҚОЛИБҲОИ ИҚТИБОСИИ ФЕЪЛҲОИ МУҶАРРАДИ АРАБӢ ДАР ТАРКИБИ ФЕЪЛҲОИ ТОҶИКӢ (ДАР “ТАЪРИХИ БУХОРО”-И НАРШАХӢ)
Б.Н. Раҳмонов **……** ***69***

ФОНЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РЕДУПЛИКАЦИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Д. Ш.Музафарова **……** ***77***

РАЗВИТИЕ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА
Г.Х. Пардакулова **……** ***80***

БАРРАСИИ ТАТБИҚИ БАРХЕ СОҲТВОЖАҲОИ ТАСРИФИИ АДАД ВА СИФАТ ДАР ЗАБОНИ ТОЧИКӢ ВА ГУЙИШИ СИИСТОН
Аббоси Тирафкан ***83***

ПРОБЛЕМЫ МЕЖЪЯЗЫКОВОЙ ОМОНИМИИ
Г.Сиддикова ***85***

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫИ АНАЛИЗ ДОПОЛНЕНЕИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
А. Ш. Шарифова ***87***

ТАДЖИКСКИЕ ЭВФЕМИЗМЫ И ИХ ЭКВИВАЛЕНТЫ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ
Л.Т. Рузиева ***90***

ОПРЕДЕЛЕНИЕ НАРЕЧИИ КАК ЧАСТЬ РЕЧИ
С .О.Ходжаева ***93***

ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ ПОЛЯ В СОВРЕМЕННОИ ЛИНГВИСТИКЕ
Т. Тагаева ***95***

СОЦИОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОГО РЕЧЕВОГО ЭТИКЕТА
М. Р. Джураева ***99***

КАТЕГОРИЯ ПРЕДИКАТИВНОСТИ И РОЛЬ СКАЗУЕМОГО В ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ (НА МАТЕРИАЛЕ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ)
М.Н.Хамидова ***102***

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ГЛАГОЛОВ СРЕДСТВОМ КОНВЕРСИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
М. С. Нуров, И.Б. Эмомов, Т.А. Назиркулов ***106***

НЕКОТОРЫЕ СПОРНЫЕ СЛУЧАИ СОГЛАСОВАНИЯ СКАЗУЕМОГО С ПОДЛЕЖАЩИМ
М.И.Юсупова ***108***

СЕМАНТИКА ПРОСТРАНСТВЕННЫХ ГЛАГОЛОВ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ
Д. Диловаршоев ***111***

РОЛЬ СТИЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА. СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ПРИЁМЫ ПАРАЛЛЕЛИЗМА
М.Х.Зикриёева ***113***

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА «УМ» И «ГЛУПОСТЬ» В КИТАЙСКОЙ И РУССКОЙ ПАРЕМИОЛОГИЧЕСКОЙ КАРТИНЕ МИРА
М.Дж. Мамедова ***116***

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ГЕОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В СОСТАВЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ
М.С. Мухидинов ***120***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ҲУНАРИ ПОРТРЕТОФАРИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
Сироҷиддини Эмомалӣ ***124***

МАВЛОНО АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ
Муҳриддин Низомов ***127***

ТАСВИРИ МУШКИЛОТИ «АМ («ИНСОНИ КУЧАК») АДМИ» ДАР РОМАНИ «ОДАМИ ДАР БАҲР ГУМШУДА»(«САМУДРА МЕН КҲОЯ ҲУА АДМӢ»)-И КАМЛЕШВАР
М.*А.Нурова* ***132***

МОҲИЯТИ НАЗАРИЯИ «ВАҲДАТИ ВУҶУД» ДАР ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИРСАИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
К. Қодиров ***135***

БАҲРАҲОИ ХОҚОНӢ АЗ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ
Ораш Амирӣ ***139***

АФКОРИ АДАБИ ВА ИНТИҚОДИИ АМИР ХУСРАВ ДАР МАСНАВИИ «ҚИРОН-УС-САЪДАЙН»
Рустам Тағоймуродов ***146***

СИМОИ ШОҲЗОДАИ РУМ ВА ДОЯИ СОҲИБҶАМОЛИ У ДАР ДОСТОНИ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
С. Б. Маҳкамов ***149***

ИРАНСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В ГАЗЕЛЯХ АБУ НУВАСА
Нигора Акилова ***154***

РАССКАЗЫ ЛЬВА ТОЛСТОГО В ГАЗЕТЕ «БЛАГОРОДНАЯ БУХАРА»
Гуландом Рустамова ***158***

«ҲАЙРАТНОМА»-И АБУЛҲАСАНХОНИ ЭЛЧӢ
Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн ***160***

АҲЛИ ҚАЛАМ ВА МАРТАБАИ ШАХС ДАР АШЪОРИ УБАИДИ РАҶАБ
Ф.Ҳусейнзода ***163***

СИМОИ ИСКАНДАР ДАР ТАҲҚИҚИ МУҲАММАД ҶАЪФАРИ МАҲҶУБ
Рухшона Восиева ***165***

МОТИВЫ ПОЭЗИИ СААДИ ШЕРАЗИ В ЛИРИКЕ Д.П. ОЗНОБИШИНА
Б. Р. Рахманов ***170***

НАЗИРАСАРОӢ ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ XV
Салоҳиддини Ҷомӣ ***176***

ВАЗЪИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИ, СИЁСИ ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АДАБӢ ДАР «ТУҲФАТ-УЛ-АҲБОБ»-И ВОЗЕҲ
Оқилова Саноат ***182***

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ҲАМРИЯИ ИБНИ ФОРИЗ ВА СОҚИНОМАИ ҲОФИЗ
Рухшона Қаландарова ***187***

ЗАМИНАҲОИ МУШТАРАКИ ТАҲАВВУЛИ НАСРИ ТОҶИК ВА УРДУ ДАР ҲИНД
Ҷовид Холов ***192***

БАРРАСИ ВА ТАҲЛИЛИ СУГСУРУДАҲОИ «ГАРШОСПНОМА»-И АСАДИИ ТУСИ
Муҳаммадризо Солеҳи Мозандаронӣ, Мухтор Иброҳимӣ, Насруллоҳ Имомӣ, Алӣ Бозванд ***195***

БАРРАСИИ ШАХСИЯТҲОИ УСТУРАИ ВА ПАҲЛАВОНИ ДАР ОСОРИ МАНЗУМИ ИРФОНӢ БО ТАЪКИД БАР КУЛЛИЁТИ АТТОРИ НИШОПУРӢ ВА КУЛЛИЁТИ ШАМСИ ТАБРЕЗӢ
Саида Ҳидоят, Фаршод Мирзои Мутлақ ***201***

БАРРАСИИ ТАТБИҚИ НАҚДИ НАВИНИ ФОРСИВУ АРАБӢ БО ТАКЯ БА ДИДГОҲИ ИНТИҚОДИИ ТОҲО ҲУСЕЙН ВА МАРОҒАӢ
Баҳроми Назарпур ***208***

ВОҚЕВИИ ШАХСИЯТ ДАР НАМОИШНОМАИ «ЛАЙЛИЮ МАҶНУН»-И ОСОРИ АҲМАД
Ҳамидризо Пирмуродиён, Муҳаммад Обдонон Маҳдизода, Насруллоҳ Имомӣ, Гуломризо Каримифард ***212***

ЭҶОДИЁТИ АБДУМАЛИҚ БАҲОРӢ ВА ИНКИШОФИ ЖАНР И ФАНТАСТИКАИ АДАБИЁТИ АТФОЛИ ТОҶИК
Файзуллоҷон Баҳриев ***217***

НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ТАЗКИРАҲО
Ҷумъа Бехронов ***220***

НИГОҲЕ БА ДОСТОНҲОИ РАМЗИИ СӮҲРАВАРДӢ
Мутриба Исмоилова ***224***

САБКИ «ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»-И АБУЛФАЗЛИ БАЙҲАҚӢ
Муҳаммадҳасани Санъатӣ ***227***

ШАРҲИ АҲВОЛИ АМИР ҲУСАИНИИ ҲИРАВИ
Ҳакимов Абдувоҳид ***233***

АЗ РАВОБИТИ АДАБИИ ТОҶИКУ УЗБЕК
Абдусалом Абдуқодиров ***238***

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАИ БАДЕИИ ЛОИҚ
М.С.Назарова..... ***243***

ТАШБЕҲОТИ ҲИССИИ БАДЕЪ ДАР ШЕЪРИ РУДАКИ
Б. Мақсудов ***246***

ТАРАҚҚӢ АЗ НИГОҲИ ҲУШМАНДОНАИ АҲМАДИ ДОНИШ
Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн ***250***

МАҲОРАТИ СУХАНВАРИИ ҒАФФОР МИРЗО
С. Г. Аҳмадов ***253***

НЕСКОЛЬКО ЛИТЕРАТУРНЫХ ШТРИХОВ К ПОЛИТИЧЕСКОМУ ПОРТРЕТУ БУИДОВ
Х.А. Махсудов..... ***259***

ОСОРИ БЕЗАВОЛИ РУМИ - АНДАРЗИ ПАНДУ ХИКМАТ
Г.*А.Шарифова* ***264***

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ВЗГЛЯД НА ПЕЧАТЬ 30-Х ГОДОВ СКВОЗЬ ПРИЗМУ АНАЛИТИЧЕСКОЙ ЖУРНАЛИСТИК
А.Азимов..... ***268***

МАВҚЕИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СОЛҲОИ 20-УМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ОММАИ ДАВР
Қ. Мухторӣ ***275***

ПЕШРАВИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИНАМОИ МУСТАНАДИ ТОҶИК
Д.Х. Бобоев ***278***

РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АҲЛОҚИ ЖУРНАЛИСТИ ДАР ШАБАКАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ «ҶАҲОННАМО»-И ТОҶИКИСТОН ВА RT-И РОССИЯ
Далер Иброҳимов ***280***

К ВОПРОСУ О МЕТОДАХ ДЕЛОВОГО ОБЩЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН
Бунафша Абдуллоева ***284***

СИНКРЕЗ КАК ОСНОВНАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ
Т. Г. Хасанова ***287***

МАВҚЕИ ПЛЮРАЛИЗМ ДАР БАРНОМАҲОИ РАДИОИ ТОҶИКИСТОН
Каримов Бахтовар ***290***

САБКҲОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ САҲНАВИ
Д.Х. Бобоев ***292***

АҲАМИЯТИ ГУФТОРҲОИ АДАБИИ РАДИОИ ТОҶИКИСТОН
(Дар мисоли осори савтии Маҳмудҷон Воҳидов)
Обидҷон Матхолов ***295***

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **И. Ҳакимова, М.Манонова**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, И. Хакимова М.Манонова**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj